ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 491.550-3:491.437 (81.2 (2У+Т))

ҚУРБОНОВ СОДИҚ ҲАМРОҚУЛОВИЧ

ТАҲҚИҚИ МУҚОИСАВИИ КАЛИМАҲОИ ХОСИ ШЕВА ДАР ЛАҲҶАҲОИ ТОҶИКИИ ҲАВЗАИ СУРХОНДАРЁИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ШЕВАИ ҶАНУБИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ

Мушовири илмӣ:
доктори илми филология,
профессор, узви вобастаи АМИТ
Раҳматуллозода С.Р.

ДУШАНБЕ – 2023

МУНДАРИҶА

ИХТИСОРАҲО.....5

МУҚАДДИМА.....6-11

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ 12-21

БОБИ I. МАСЪАЛАИ ТАҲҚИҚ ВА ТАСНИФИ КАЛИМАҲОИ ХОСИ ШЕВА......22-87

1.1. Таҳқиқи калимаҳои хоси шева дар забоншиносии хориҷӣ.....22-33

1.2. Омӯзиши калимаҳои хоси шева дар забоншиносии тоҷик……34-53

1.3. Мафҳуми калимаҳои хоси шева ва таснифоти он…….....54-74

1.4. Ҳудуди интишори калимаҳои хоси шева……..……....…75-87

БОБИ II. РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ КАЛИМАҲОИ ХОСИ ШЕВА.....…88-204

2.1.Ташаккули калимаҳои хоси шева бо роҳи калимасозӣ……....…88-131

2.1.1.Калимасозии пасвандӣ…….…….....90-110

2.1.2. Калимасозии мураккаб……..……..….....…110-131

2.1.2.1. Калимаҳои мураккаби пайваст…….....111-114

2.1.2.2. Калимаҳои мураккаби тобеъ……..…….....114-120

2.1.2.3. Калимаҳои мураккаби омехта…….....120-131

2.2. Манбаъҳои пайдоиш ва ташаккули калимаҳои хоси шева.....132-153

2.2.1. Калимаҳои умумиторикӣ (эрониасл).....133-138

2.2.2. Калимаҳои иқтибосӣ……...…….…….....138-153

2.2.2.1. Калимаҳои иқтибосии арабӣ……...……....141-147

2.2.2.2.Калимаҳои иқтибосии туркӣ-муғулӣ…….....147-152

2.2.2.3.Калимаҳои иқтибосии русӣ-аврупоӣ……...153

2.3. Баррасии хусусиятҳои таърихии калимаҳои хоси шева……....154-204

2.3.1. Ифодаи калимаҳои адабии китобӣ бо исм…….…….....156-187

2.3.2. Ифодаи калимаҳои адабии китобӣ бо сифат…..…..…….....187-194

2.3.3. Ифодаи калимаҳои адабии китобӣ бо феъл……..….....194-201

2.3.4. Ифодаи калимаҳои адабии китобӣ бо зарф …….....201-204

БОБИ III. ТАСНИФИ МАВЗУИИ КАЛИМАҲОИ ХОСИ ШЕВА.....205-293

3.1. Таҳқиқи лексикаи ашёӣ……..……..….....207-263

3.1.1. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ.....207-211

3.1.2. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи мафҳумҳои марбут ба хона ва ҳавлӣ.....212-219

3.1.3. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи хӯрокворӣ ва мафҳумҳои марбут ба он 219-225

3.1.4. Калимаҳои хоси шеваи марбут ба либос, асбобҳои зебу зиннати инсон ва ҳунари гулдӯзӣ 225-236

3.1.5. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи номҳои ҳайвонот, паранда ва ҳашарот.....236-242

3.1.6. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи номҳои растаниву гиёҳ ва дарахту буттаҳо.....242-247

3.1.7. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи номи узвҳои бадан ва бемориҳо.....247-252

3.1.8. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи ҷашну маросим ва ҳунарҳои мардумӣ.....253-263

3.2. Таҳқиқи лексикаи ғайриашёӣ 264-293

3.2.1. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи мафҳуми амал.....264-276

3.2.2. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи мафҳуми аломат.....277-287

3.2.3. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи зарф.....287-293

ХУЛОСА …….....294-303

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.....304-305

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.....306-347
НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.....348-353
ЗАМИМА……..…….....……..….....354-434
ИХТИСОРАҲОИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАВӢ ВА ДИАЛЕКТОЛОГӢ…….....435-439

ИХТИСОРАҲО:

1. БҚ – Бурҳони қотеъ
2. ГЗАҲТ – Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик
3. Ғиёс. – Ғиёс-ул-луғот
4. ЛЛҶ – Луғати лаҳҷаҳои ҷанубӣ
5. ЛМКХШ – Луғати мунтахаби калимаҳои хоси шева
6. ЛОА – Луғатномаи осори Айнӣ
7. ЛТЗ – Луғати терминҳои забоншиносӣ
8. ЛФ – Луғати фурс
9. ЛЭС – Лингвистический энциклопедический словарь
10. ММ – Маснавии маънавӣ
11. ОР – Осори Рӯдакӣ
12. ОИЯ – Основы иранского языкознания
13. РД – Русская диалектология
14. РТС – Русско-таджикский словарь
15. ТА – Туҳфат-ул-аҳбоб
16. ТБ – Таърихи Бадахшон
17. ТКД – Таджики Каратегина и Дарваза
18. ФГҶЗТ – Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ
19. ФМШФ – Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ
20. ФЗТ – Фарҳанги забони тоҷикӣ
21. ФТЗТ – Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ
22. ҶӮ – Ҷумҳурии Ӯзбекистон
23. ШҶЗТ – Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ
24. ЭС – Энциклопедический словарь

МУҚАДДИМА

Диссертатсия ба таҳқиқи калимаҳои хоси шева дар асоси лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷануби забони тоҷикӣ бахшида шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Лаҳҷа як шохаи забони миллат мебошад. Дар лаҳҷаҳо шаклу қолибҳои таърихии забон маҳфуз монда, дар навбати худ навгониҳо низ арзи ҳастӣ менамоянд, аз ин рӯ таҳқиқи лаҳҷаҳо дар муқоиса бо забони адабӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад ва маҳз дар ҳамин замина имкони нишондоди раванди таърихии забон ба вуҷуд меояд.

Бо вуҷуди он ки лексикаи лаҳҷаҳои тоҷикӣ нисбат ба дигар бахшҳои забонӣ мукаммал омӯхта шудаанд, дар ин самт масъалаҳои мубраму баҳсталаб зиёд ба назар мерасанд. Аз таҳқиқи асарҳои мансуб ба таркиби луғавии лаҳҷаҳои тоҷикӣ бармеояд, ки калимаҳои хоси шева чун қабати махсус то ба имрӯз мавриди омӯзиши мукаммал қарор нагирифтаанд. Мавзуи калимаҳои хоси шева дар забоншиносии тоҷик нав набошад ҳам, хусусиятҳои забонӣ ва баррасии меъёрҳои илмии ин қабати луғавӣ то солҳои наздик аз назари олимон дур монда, маҳз ҳамин омил боиси дар алоҳидагӣ таҳқиқ нагардидани онҳо дар асарҳои ба омӯзиши ин ё он хусусияти луғавии лаҳҷаҳои тоҷикӣ бахшидашуда гардидааст. Калимаҳои хоси шева бо аломатҳои мушаххас аз лексикаи забони меъёрӣ ва умумихалқӣ фарқ дошта, омилҳои зиёди забонӣ мавҷуданд, ки заминаи гузариши онҳоро ба қатори калимаҳои хоси шева фароҳам меоранд. Дар рисолаи илмӣ маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ ҳамчун асоси таҳқиқ қарор гирифт. Дар асоси мисолҳои мавҷуда муқоисаи гурӯҳи лаҳҷаҳо дар доираи шеваҳои алоҳида, лаҳҷаҳои гурӯҳҳои бо ҳам наздик ва дар мавридаш муқоисаи онҳо бо забони адабиву шеваҳои дигари забони

тоҷикӣ сурат гирифт. Маҳз дар ҳамин замина шинохти меъёрҳои забонии калимаҳои хоси шева, роҳҳои ташаккули онҳо, дараҷаи корбаст, таснифоти мавзуӣ ва дигар хусусиятҳои забонии онҳоро метавон баррасӣ намуд.

Забоншиносии тоҷик дар таснифоти воҳидҳои забонӣ бештар ба забоншиносии рус такя намуда, дар бахши луғатшиносӣ ва гурӯҳбандии қабатҳои луғавӣ низ ин нуктаро бараъло мушоҳида менамоем. Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти илмӣ калимаҳои хоси шева бо истилоҳҳои гуногун: *калимаҳои лаҳҷавӣ // шевагӣ // хоси шева*, *диалектизмҳо*, *лексикаи шевагӣ, лексикаи сирф шевагӣ* ва ғ. ифода шудаанд. Вобаста ба мавқеи истифода ва вазифаи забонии ин қабати лексикӣ дар ифодаи ин истилоҳ духӯрагӣ ва ё ба таври дигар, ихтилофи назар ба миён меояд.

Мафҳуми калимаҳои хоси шева дар лаҳҷашиносӣ ва услубшиносӣ тафовут дорад. Дар услубшиносӣ зери мафҳуми диалектизмҳои лексикӣ таҳқиқи унсурҳои шевагӣ (диалектизмҳо) дар осори ин ё он адиб фаҳмида мешавад, вале дар лаҳҷашиносӣ ин истилоҳ калимаҳои хоси шеваро ифода менамояд.

Омӯзиши калимаҳои хоси шева дар асоси муқоисаи гурӯҳи лаҳҷаҳои бо ҳам наздик, зергурӯҳҳо, шеваҳои тоҷикӣ, забони адабӣ, инчунин баррасии корбасти ин навъи калимаҳо дар осори ниёгон, асарҳои адибони муосир барои таснифи диалектизмҳои лексикӣ, баррасии ҷанбаҳои ташаккули он замина фароҳам меорад, ки ин мубрамии мавзуи таҳқиқотиро собит менамояд.

Муайян намудани меъёри забонии калимаҳои хоси шева, ҳудуди интишори онҳо, шаклгириҳои забонӣ ва ифодаи маъноии онҳо дар забоншиносии тоҷик таҳқиқталаб ба назар мерасад. Барои муайян сохтани хусусиятҳои калимаҳои хоси шева маводи фаровони лаҳҷаҳои минтақаҳои муайян дар доираи як система ва микросистемаҳо имкон фароҳам меоварад. Гирдоварии маводи лаҳҷаҳо, баррасии ифодаи

маъной, тобишҳои услубии ин қабати лексикӣ, ҳудуди интишори калимаҳои хоси шева ва муқоисаи хусусиятҳои забонии онҳо дар доираи зергурӯҳҳо вақти муайянро талаб мекунад. Калимаҳои хоси шева нисбат ба лексикаи умумихалқӣ устувор буда, калимаҳо ба осонӣ вориди ин қабати луғавӣ намешаванд. Ин далели илмӣ собит менамояд, ки маводи як гӯйиш барои анҷоми таҳқиқоти илмӣ нокифоя буда, дар доираи васеъи корбасти онҳоро баррасӣ намудан ба манфиати кор аст. Барои баррасии хусусиятҳои забонии калимаҳои хоси шева маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ заминаи илмӣ фароҳам оварда, ба такмили қисмати назариявии мафҳуми калимаҳои хоси шева мусоидат менамояд, ки ин тарзи таҳқиқ ба бисёр масъалаҳои мубрами соҳаи лаҳҷашиносӣ равшанӣ меандозад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Аз таҳқиқи асарҳои мансуб ба лаҳҷашиносии тоҷик бармеояд, ки муҳаққиқон дар корҳои илмии худ ба омӯзиши калимаҳои хоси шева ва шинохти меъёрҳои забонии он камтар таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Забоншиносони рус В.А. Калинин, Н.М. Шанский, Ф.П. Филин ва дигарон дар такмили ҷиҳати назариявии ин истилоҳ саҳм гузоштаанд. Андешаи забоншинос Ф.П. Филин дар бораи он ки калимаҳои хоси шева ҳудуди муайяни корбаст дошта, дар навбати худ онҳо дар лаҳҷаҳои дигар истеъмол намешаванд, то андозае баҳсталаб ба назар мерасад, ки ҳудуди интишори калима дар лаҳҷашиносӣ хусусияти меъёриро дар баррасии бисёр мафҳумҳои забоншиносӣ касб менамояд, аммо дар баррасии калимаҳои хоси шева танҳо ба ин нуктаи илмӣ такя намудан баҳсталаб мебошад. Омӯзиши раванди аз доираи забони адабӣ берун шудани як қатор калимаҳо ва дар лаҳҷаҳои алоҳида ба маъниҳои нав соҳиб шудан, вобаста ба шаклҳои корбаст тобишҳои нави маъной пайдо кардани онҳо, дар заминаи тағйироти ҷиддии савтӣ ва сарфиву наҳвӣ аз қатори калимаҳои умумихалқӣ баромадани калимаҳои хоси шева аз масъалаҳои асосӣ ва

муҳим ба ҳисоб мераванд. Ин нуктаҳои муҳимро ҳангоми таҳқиқи калимаҳои хоси шева барҳало мушоҳида менамоем. Воқеан, калимаҳои хоси шева барои фарқияти шевае аз шеваҳои дигар ва ё забони адабӣ замина гардида, дар баробари ин ҳангоми таҳқиқи ин қабати луғавӣ ба тафовутҳои шакливу тобишҳои нозуки маъноиро касб намудани калимаҳои хоси шева дар доираи лаҳҷаҳои алоҳида низ эътибори махсус бояд дод.

Аз таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои амалӣ ва назариявии калимаҳои хоси шева дар забоншиносии ватанӣ ва хориҷӣ метавон гуфт, ки мафҳуми калимаҳои хоси шева дар доираи маҳдуд таҳқиқшуда, ба назар нагирифтани ҷанбаҳои ташаккули ин қабати луғавӣ, дар асоси тағйиротҳои ҷиддии савтӣ, сарфӣ ва наҳвӣ аз доираи луғати умумихалқӣ берун шудани онҳо, вобаста ба табиати забони зиндаи халқ дар қолибҳои гуногуни забонӣ омадани калимаҳои забони меъёрӣ дуҳӯрагиро дар таҳқиқи калимаҳои хоси шева ба миён овардааст.

Дар забоншиносии рус, ки дар шинохти меъёрҳои забонӣ забони тоҷикӣ аз он таъсири зиёд бардоштааст, ин мафҳум гуногун маънидод гардида, дар шинохти ин қабати луғавӣ омилҳои муҳимми забонӣ зикр наёфтаанд. Ташаккули овозӣ ва сарфии ин қабати луғавӣ, инчунин ҳудуди интишори онҳо диққати забоншиносон А.В. Калинин, Н.М. Шанский, Ф.П. Филин ва дигаронро барвақт ба худ ҷалб намуда буд, ки ин тарзи таҳқиқ амалан дуруст мебошад. Масъалаи муайян кардани ҳудуди интишори калима дар лаҳҷаҳо мураккаб буда, дар доираи лаҳҷаҳои ба ҳам наздик, инчунин, гӯйишҳои забони тоҷикӣ калимаҳои хоси шева дар шаклгирӣ ва ифодаҳои маъноӣ фарқиятро ба вуҷуд меоранд, ки ин омили муҳимро дар шинохти меъёрҳои калимаҳои хоси шева наметавон сарфи назар кард.

Дар забоншиносии рус ба масъалаи таҳқиқи калимаҳои хоси шева забоншиносони хориҷӣ В.Н. Прохорова, Ф.П. Филин, А.В. Калинин,

Н.М. Шанский, М.Х. Партенадзе, Л.И. Баранников, Ф.П. Сороколетов, Г.Н. Князкова, Л.И. Белова, О.Г. Перохова, О.А. Нечаева, Е.Н. Этерлей, В.А. Филатов, Г.Я. Симина, А.Чагина ва дигарон дахл намудаанд.

Омӯзиши бахши лексикии лаҳҷаҳои тоҷикӣ, бахусус калимаҳои хоси шева, нисбат ба дигар қисматҳои забонӣ то андозае номукаммал ба назар мерасад. Ин масъала аз солҳои 70-уми асри гузашта мавриди таваҷҷуҳи олимони тоҷик қарор гирифтааст, ки дар муқаддимаи китоби Ғ. Ҷӯраев ва М. Маҳмудов «Луғати шеваҳои ҷанубӣ» (макети ҳарфи «д»), инчунин рисолаи Т.Мақсудов калимаи хоси шева ба таври мухтасар шарҳи илмӣ ёфтаанд. Бояд қайд намоем, ки профессор Ғ. Ҷӯраев бори аввал ба ин масъалаи муҳим дахл намуда, аломатҳои асосии калимаҳои хоси шева, заминаҳои пайдоиш ва доираи густариши ин қабил калимаҳоро мавриди таҳқиқи мукаммал қарор додааст.

Забоншиносони тоҷик Ғ. Ҷӯраев, Р. Ғаффоров, Ш. Исмоилов, А. Ҳасанов, Т. Мақсудов, Ҷ. Мурватов, М. Маҳмудов, С. Раҳматуллозода, С. Атобуллоев, Р. Бердиев, О.Ҷ. Ҷалолов, Ҷ. Раҳматуллоев, К. Саидова, К. Тоҳирова ва дигарон дар асару мақолаҳои худ ба ин мавзуъ дахл намуда, оид ба роҳҳои ташаккули калимаҳои хоси шева андешаронӣ намудаанд.

Бояд қайд намоем, ки омӯзиши диалектизмҳои лексикӣ дар асоси осори шоирону нависандагон дар даврони шуравӣ ба ҳукми анъана даромада буд. Дар ин самт муҳаққиқони рус Л.И. Скворсов, Е.П. Артеменко, И.А. Оссоветский, О.С. Ахманова, Т.С. Коготкова, Н.В. Абабурко ва дигарон таҳқиқоти арзишманд анҷом додаанд. Ин равия дар забоншиносии тоҷик низ шуруъ аз солҳои 50-уми садаи гузашта вусъат пайдо карда буд. Корҳои илмии забоншиносон Х. Ҳусейнов, Р. Ғаффоров, Ш. Раҳимова, ки хусусиятҳои забонии диалектизмҳои лексикиро дар асоси осори нависандагони алоҳида таҳқиқ намудаанд, аҳаммияти муҳимро дар баррасии мавзуи мазкур касб менамояд.

Забоншиносони рус В.С. Расторгуева, М.С. Андреев, И.И. Зарубин, В.А. Лившитс, Р.Л. Неменова, И.М. Оранский, А.З. Розенфелд, А.А. Семёнов, Л.В. Успенская ва дигарон низ то андозае ба омӯзиши қисмати лексикии лаҳҷаҳои тоҷикӣ дахл кардаанд, оид ба калимаҳои хоси шева ва доираи истифодаи онҳо дар ин ё он лаҳҷаи тоҷикӣ ба таври мухтасар андешаронӣ намудаанд. Дар даҳсолаи охир таҳқиқи хусусиятҳои луғавии гӯйишҳои тоҷикӣ дар осори илмии муҳаққиқон Н. Гадоев, Р. Сангинов, З. Замонов, М. Каримова, И. Сулаймонов ва дигарон ҷараёни нав пайдо карда, асарҳои мукаммали илмӣ дар лаҳҷашиносии тоҷик рӯйи кор омаданд.

Омӯзиши мавзуии луғати гӯйишҳои алоҳида дар таҳқиқоти В.Қосимов, З.Зайниддинова, Н. Шарофов, Ҳ. Бурҳонова, Ҷ. Мурватов, Р. Маъруфов ба назар расида, истилоҳоти соҳавиро бар асоси маводи гӯйишҳои тоҷикӣ забоншиносон С. Раҳматуллозода, Ф. Зикриёев, Р. Сангинова, С. Ӯзбеков, Ҷ. Саидов, Г. Шарифова, С. Юсупова ва дигарон баррасӣ кардаанд.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Масъалаҳои дар рисола таҳқиқшаванда бо барномаҳои таълимии забоншиносӣ, аз ҷумла таърихи забон ва шевашиносӣ, инчунин мавзуъҳои таҳқиқи илмӣ, робитаи зич дошта, натиҷа ва хулосаҳои таҳқиқоти илмӣ дар таҳия ва такмили барномаҳои таълимии соҳавӣ мавқеи муҳимро касб менамоянд. Мавзуи рисолаи илмӣ дар доираи яке аз самтҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ. Мақсади таҳқиқоти илмӣ аз омӯзиши хусусиятҳои забонии калимаҳои хоси шева дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ, баррасии масоили назариявии он дар забоншиносии муосир, нишондоди ҷанбаҳои ташаккули калимаҳои хоси шева ва таснифоти мавзуии ин қабати луғавӣ иборат мебошад. Дар забоншиносии тоҷик масъалаи назариявии таснифоти қабатҳои луғавии лаҳҷаҳои тоҷик таҳқиқталаб буда, мақсади таҳқиқ муайян кардани меъёрҳои забонии калимаҳои хоси шева ва роҳҳои ташаккули онҳо дар таркиби луғавии гӯйишҳои тоҷикӣ мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқ. Барои ноил шудан ба ин мақсад зарурати иҷрои вазифаҳои зерин пеш меояд:

1. Баррасӣ намудани масъалаҳои назариявии калимаҳои хоси шева дар забоншиносии тоҷик, арзёбии дараҷаи таҳқиқи он, муайян намудани хусусиятҳои забонии калимаҳои хоси шева ва ғ.

2. Омӯзиши ҷанбаҳои лингвистиву ғайрилингвистии ташаккули калимаҳои хоси шева;

3. Баррасӣ намудани хусусиятҳои таърихии ин қабати лексикӣ, нишон додани омилҳои асосии маҳфуз мондани калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳо, таснифи тағйироти шаклӣ ва маъноии онҳо дар гӯйишҳо;

4. Вобаста ба урфу одати мардуми маҳалҳои гуногун ташаккул ёфтани калимаҳои хоси шеваро илман баён намудан. Таҳқиқи хусусиятҳои этнографӣ дар доираи калимаҳои хоси шева;

5. Таҳқиқи хусусиятҳои савтиву сарфӣ ва наҳвии калимаҳои хоси шева вобаста ба ҳудуди интишор (изоглосса);

6. Дар лаҳҷаҳо бо роҳи калимасозӣ ташаккул ёфтани ин қабати лексикиро баррасӣ намудан. Нишон додани мавқеъ ва нақши воситаҳои

калимасоз дар ташаккули калимаҳои хоси шева. Дар ин замина таснифи сохти морфологӣ ва ифодаи маъноии калимаҳои хоси шева;

7. Омӯзиши қабатҳои луғавии калимаҳои хоси шева. Баррасии мавқеи калимаҳои худӣ (суғдӣ, паҳлавӣ ва ғ.) ва иқтибосӣ (арабӣ, туркӣ ва русиву байналхалқӣ) дар ин қабати лексикӣ.

Таснифоти мавзуии калимаҳои хоси шева дар ду зергурӯҳ: **лексикаи ашёӣ** (предметӣ): калимаҳои шеваи ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ; мафҳумҳои марбут ба хона ва ҳавлӣ; калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи хӯрокворӣ; асбобҳои зебу зиннати инсон ва ҳунари гулдӯзӣ; номҳои ҳайвонот, паранда ва ҳашарот; номҳои растаниву гиёҳ ва дарахту буттаҳо; узвҳои бадан ва беморӣҳо; ҷашну маросим ва ҳунарҳои мардумӣ) ва **лексикаи ғайриашёӣ** (ғайрипредметӣ): калимаҳои мансуб ба феъл, сифат ва зарф.

Объекти таҳқиқ. Объекти таҳқиқикори диссертатсиониро лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи ҶӮ ва гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ ташкил медиҳанд.

Предмети таҳқиқ. Таҳқиқи масоили марбут бакалимаҳои хоси шева ва роҳҳои ташаккули онҳо дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ мавзуи баҳси диссертатсия ба шумор меравад.

Асосҳои назарии таҳқиқ. Асосҳои назариявӣ ва методологии рисоларо дастовардҳои забоншиносони хориҷӣ В.А. Калинин, Н.М. Шанский, Ф.П. Филин, В.Н. Прохорова, М.Х. Партенадзе, Л.И. Баранников, Ф.П. Сороколетов, Г.Н. Князкова, Л.И. Белова, О.Г. Перохова, О.А. Нечаева, Е.Н. Этерлей, В.А. Филатов, Г.Я. Симина, А. Чагина, инчунин забоншиносони тоҷик Ғ. Ҷӯраев, Р. Ғаффоров, Ш. Исмоилов, А. Ҳасанов, Т. Мақсудов, Ҷ. Мурватов, М. Маҳмудов, С. Раҳматуллозода, С. Атобуллоев, Р. Бердиев, О.Ҷ. Ҷалолов, Ҷ. Раҳматуллоев, К. Саидова, К. Тоҳирова, В. Қосимов, Ф. Зикриёев, З.

Зайниддинова, Н. Шарофов, Ҳ.Бурҳонова, Ҷ. Мурватов, Р. Маъруфов, С. Ӯзбеков, Н. Гадоев, Р. Сангинов, З. Замонов, М. Каримова, А. Нозимов, И. Сулаймонов, Ҷ. Саидов, Г. Шарифова, С. Юсупова ва дигарон оид ба масъалаҳои назариявии мафҳуми калимаҳои хоси шева, роҳҳои ташаккули онҳо, таснифоти мавзуии ин қабати луғавӣ ташкил медиҳанд.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ барои баррасии хусусиятҳои забонии калимаҳои хоси шева, асосан, аз методҳои тасвири лингвистӣ, синхрониву диахронӣ, таҷзиявӣ, таҳлил ва тафсири луғавию сохторӣ, инчунин оморӣ истифода бурда шудааст.

Сарчашмаҳои таҳқиқро мисолҳои дар давоми солҳои 1996 – 2019 ҷамъовардаи муаллиф, ки ба лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ мансубанд, ташкил медиҳанд. Маводи гирдовардаи мо зиёда аз 1000 саҳифаи чопи компютерӣ буда, он шомили матнҳои гуногун аст. Аз ин мавод наздик ба 5000 калимаи хоси шева гирдоварӣ шуда, мавод қисман сабти магнитофонӣ шуда, чандин афсона, манзума ва ривоятҳои халқии гуногунмавзуъро дар бар мегирад. Қисми дигари ҷумлаҳо ҳангоми суҳбат, асосан, бо шахсони куҳансол, навишта шуд.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар забоншиносии тоҷик калимаҳои хоси шева чун қабати махсуси лексикӣ дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи ҶӮ ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ аз ҷиҳати назариявӣ ба таври мукаммал мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Дар диссертатсия ба таври дақиқ ҷанбаҳои ташаккули ин қабати лексикӣ баррасӣ шуда, дар асоси омилҳои таърихӣ, этнографӣ, ареалӣ ё ҷуғрофӣ тағйирот ва таҳаввулоти калимаҳои хоси шева илман арзёбӣ гардида, тағйироти шаклӣ ва маъноии калимаҳои хоси шева бо дарназардошти омилҳои забонӣ ва доираи васеъро фаро гирифтани гӯйишҳои мавриди таҳқиқ, инчунин урфу одати маҳалҳои гуногуни тоҷикнишин ба таври дақиқ таҳқиқ шуд. Ҳамчунин, заминаҳои

маҳфуз мондани унсурҳои таърихии забон дар лаҳҷаҳо бар асоси муқоисаи онҳо бо осори шоирону нависандагон бо мисолҳои фаровон арзёбӣ гардид. Заминаҳои лингвистии ташаккули ин қабати лексикӣ (бо роҳҳои калимасозӣ ва иқтибос) ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифта, бори аввал шаклгириҳои морфологии ин навъи калимаҳо тавассути унсурҳои калимасоз ва ҷузъҳои сирф луғати шевагӣ бозгӯй шуд. Таснифоти мавзуии ин қабати лексикӣ низ дар забоншиносии муосир бо ҷараёни нав сурат гирифта, чунин тарзи баррасии ин гурӯҳҳои луғавӣ ба бисёр масъалаҳои баҳсталаби илми забоншиносӣ равшанӣ меандозад.

Ба ҳимоя нукоти зерин пешниҳод мешавад:

1. Таҳқиқи масоили назариявии калимаҳои хоси шева ва хулосагирӣ аз андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба низоми забонии ин қабати лексикӣ аҳаммияти калони илмӣ дошта, баррасии ин гурӯҳи калимаҳо дар доираи луғати лаҳҷаҳои тоҷикӣ, корбасти онҳо дар асоси муқоисаи гурӯҳи лаҳҷаҳои бо ҳам наздик, зергурӯҳҳо ва, умуман, шеваҳои тоҷикӣ ба бисёр масъалҳои баҳсталаби мавзуи мазкур равшанӣ меандозад.

2. Дар забоншиносии тоҷик ҳангоми омӯзиши луғати шеваҳо калимаҳои хоси шева камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, меъёрҳои шинохти онҳо баҳсталаб ба назар мерасад. Бо дарназардошти ин, дар диссертатсия қоидаҳои мушаххас оид ба шинохти ин мафҳуми илмӣ, муайян намудани хусусиятҳои забонии онҳо пешниҳод гардид. Дар ин замина метавон қайд намуд, ки шинохти меъёрҳои забонии калимаҳои хоси шева барои муайян намудани раванди таърихии забон ва навгониҳои он замина фароҳам меорад.

3. Дар шинохти меъёри забонии лексикаи шевагӣ олимон андешаи ягона надоранд. Мутобиқи ифодаҳои маъноӣ, калимасозӣ дар ин қабати луғавӣ, омилҳои лингвистию ғайрилингвистӣ, фарқият ва умумияти

онҳо дар низоми гурӯҳи лаҳҷаҳои бо ҳам наздик, зергурӯҳҳо ва дар маҷмуъ шеваҳои тоҷикӣ ба таври васеъ аз ҷиҳати назариявӣ баррасӣ шуда, барои шинохти меъёрҳои забонии ин қабати лексикӣ як қатор пешниҳод оварда мешаванд.

4. Ба таври мукаммал хусусиятҳои луғавии калимаҳои хоси шева дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи ҶӮ ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ баррасӣ шуда, ҳудуди интишори калимаҳои хоси шева, ба тағйироти шакливу маъноӣ дучор шудани онҳо дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда, инчунин дар гурӯҳ ва зергурӯҳҳои алоҳидаи гӯйишҳо мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

5. Дар забоншиносии тоҷик ҳангоми таҳқиқи хусусиятҳои лексикии лаҳҷаҳои тоҷикӣ нишон додани роҳҳои ташаккули лексикаи шевагӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Аз омӯзиши масъалаи мазкур бармеояд, ки **омилҳои ғайрилингвистӣ**: хусусиятҳои таърихии маҳфуз мондани асолати забон, урфу одати мардумон дар маҳалҳои алоҳида, муҳити ҷуғрофӣ; **омилҳои лингвистӣ (**ташаккули калимаҳои хоси шева бо роҳи калимасозӣ ва иқтибосот) аз омилҳои асосии ташаккули ин қабати нисбатан устувори забон ба шумор мераванд. Дар диссертатсия ба таври васеъ роҳҳои ташаккули калимаҳои хоси шева муайян карда шуда, дар ин замина хусусиятҳои забонии онҳо таҳқиқ шудаанд.

6. Омилҳое зиёде боиси ба қатори калимаҳои хоси шева гузаштани вожагон мешаванд, ки калимасозии морфологӣ яке аз роҳҳои асосии ташаккули ин қабати луғавӣ ба шумор меравад. Дар диссертатсия вобаста ба табиати гӯйишҳо шаклгириҳои гуногуни сарфӣ, дараҷаи корбасти унсурҳои морфологӣ, дар қолиби калимасозии мураккаб омадани калимаҳои хоси шева баён гардида, вобаста ба талаботи нутқ хусусияти инфиродӣ касб намудани онҳо муайян карда шуд. Дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда раванди рехташавии калимаҳои хоси шева ва хусусиятҳои забонии онҳо бо мисолҳои фаровон баррасӣ шуд, ки маҳз

дар заминаи ин омилҳо пайдоиши навгониҳоро дар гӯйишҳои тоҷикӣ метавон арзёбӣ намуд.

7. Тағйироти савтии калимаҳо дар гӯйишҳо боиси духӯрагии маъно мегарданд. Бояд қайд намоем, ки дар зинаи аввали тағйироти савтӣ дарки маъно имконпазир буда, зинаҳои баъдинаи тағйиротҳои савтӣ ба дарки маънои калима халал ворид месозад ва ҳатто соҳибони забон маънои ин навъ калимаҳоро ба осонӣ намефаҳманд. Ин ҳодисаи забонӣ дар лаҳҷашиносии тоҷик ба таҳқиқоти мукаммал ниёз дорад. Дар рисолаи илмӣ заминаҳои илмии аз қатори калимаҳои умумихалқӣ ба қатори калимаҳои хоси шева гузаштани силсилаи вожаҳо дар заминаи тағйироти чандкаратаи савтӣ оварда мешавад, ки ин усули таҳқиқ дар таснифоти қабатҳои луғавии забон ва гӯйишҳои он замина фароҳам меорад.

8. Маҳфуз мондани асолати забон ва хусусиятҳои таърихии он аз масъалаҳои мубрами кори илмӣ ба ҳисоб рафта, роҳ ва омилҳои забонии нигаҳдошти шаклҳои таърихӣ дар лаҳҷаҳо ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Лаҳҷаҳо яке аз манбаҳои муътамади инкишофи забони адабӣ ба шумор мераванд. Айни замон дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ калимаҳои зиёди ба ҳукми архаизм даромада мавҷуданд, ки баъзе аз онҳо ҳуқуқи ба забони адабӣ гузаштан доранд. Махсусан, дар лаҳҷаҳои кӯҳистон маҳфуз мондани онҳо далели аз ҷиҳати лексикӣ камтар омезиш ёфтани лаҳҷаҳои мазкур бо забонҳои дигар, алалхусус забонҳои туркӣ, мебошад. Калимаҳои <u>вireб</u> // врев, <u>тундар</u> (ба маънии раъд), <u>ованг</u> (овашк – ресмоне ё чӯбе, ки меваҷотро меовезанд), <u>чахидан</u> (ба маънии ба дарахт ё баландӣ чорпоя баромадан), <u>вел</u> (ба маънии андармон, банд), ки дар ашъори шоирони маруф лексикаи маъмул ба ҳисоб рафта, як қисми таркибии лаҳҷаҳои тоҷикиро ташкил медиҳанд. Омӯзиши дараҷаи истеъмоли онҳо дар лаҳҷаву осори хаттии забони

адабӣ ва ифодаи маъноии ин қабил калимаҳо дар муайянсозии раванди таърихии забон ва шеваҳои он замина фароҳам меорад.

9. Дар забоншиносии хориҷӣ ва ватанӣ низ дар таснифоти мавзуии лексикаи шевагӣ гуногунандешӣ ба назар мерасад. Таснифоти ин қабати лексикӣ ба ду гурӯҳ мувофиқи матлаб мебошад: **ашёӣ** – калимаҳои шеваи ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ; мафҳумҳои марбут ба хона ва ҳавлӣ; калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи хӯрокворӣ; асбобҳои зебу зиннати инсон ва ҳунари гулдӯзӣ; номҳои ҳайвонот, паранда ва ҳашарот; номҳои растаниву гиёҳ ва дарахту буттаҳо; узвҳои бадан ва бемориҳо; **ғайриашёӣ**: ифодаи амал, аломатва замон бо лексикаи шевагӣ. Таснифтои мавзуии қабатҳои луғавӣ барои таснифи гӯйишҳо тоҷикӣ, инчунин таҳияи луғатномаҳои мукаммал поя мегарданд.

10. Хулосабарории илмӣ аз натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, мақолаҳои илмии мансуби мавзуи кори илмӣ.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ. Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он таҷассум меёбад, ки калимаҳои хоси шева дар асоси муқоисаи маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи ҶӮ ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ бори аввал ба таври комплексӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, натиҷаҳои илмии диссертатсия барои пурра гардидани қисмати назариявии ин қабати лексикӣ, бозгӯии ташаккул ва таҳаввули он бо роҳҳои забонӣ ва ғайризабонӣ, инчунин таснифоти дақиқи мавзуии калимаҳои хоси шева заминаи мусоид фароҳам оварда, дар пояи дастовардҳои илмии дар кори таҳқиқоти бадастовардашуда ба бисёр масъалаҳои баҳсталаби забоншиносӣ ва шевашиносии тоҷик равшанӣ меандозад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои онро ҳангоми таълими фанҳои таърихи забон, шевашиносӣ, луғатшиносӣ, масоили марбут ба лексикология, калимасозӣ метавон истифода бурд. Хулосаҳои илмии диссертатсиядар таҳия ва таълифи барнома ва

китобҳои дарсии таърихи забони тоҷикӣ, луғати шеваҳо, фарҳанги осори шоирон, дарсҳои лексиониву семинарҳои махсуси шевашиносии тоҷик истифода хоҳад шуд.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Бо дарназардошти он ки дар таҳқиқот калимаҳои хоси шева ва роҳҳои ташаккули онҳо дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ дар муқоиса ба гӯйишҳои дигар, осори ниёгон ва забони адабии ҳозираи тоҷик сурат гирифтааст, диссертатсия ба шиносномаи илмӣ: ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷи илмӣ дар таҳқиқ. Дар диссертатсия бори нахуст ва ба таври илмӣ дар забоншиносии тоҷик қоидаву меъёрҳо дар шинохти калимаҳои хоси шева ва роҳҳои ташаккули онҳо муайян карда шудааст.

Ба таври илмӣ заминаҳои асосии ба қатори ин қабати луғавии лаҳҷаҳо гузаштани калимаҳои умумихалқӣ муайя гардид. Бори аввал тавассути омилҳои ғайрилингвистӣ: хусусиятҳои таърихии маҳфуз мондани асолати забон, урфу одати мардумон дар маҳалҳои алоҳида, муҳити ҷуғрофӣ; омилҳои лингвистӣ: бо роҳи калимасозӣ ва иқтибосот ташаккул ёфтани калимаҳои хоси шева ифода гардид. Дар асоси ин нуктаҳои муҳим мафҳуми илмии калимаҳои хоси шева ба таври зайл пешниҳод мегардад: «*Калимаҳои хоси шева он гурӯҳи калимаҳо мебошанд, ки вобаста ба табиати лаҳҷаҳо ба тағйироти назарраси савтӣ, сарфӣ, наҳвӣ ва маъноӣ дучор шуда, дар байни лаҳҷаҳо, зергурӯҳи онҳо, инчунин дар миёни шеваҳои дигар ва забони адабӣ фарқият ба миён меоранд*».

Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ. Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраҳои таърихи забон ва типология, забони адабии муосири тоҷикӣ, услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ, забони тоҷикӣ ва усули таълими забон

ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратҷаласаи № 14, аз 05.05.2023) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Муҳтаво ва натиҷаҳои диссертатсия дар семинару конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз қабили конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба 800-солагии Ҷалолуддини Румӣ (Душанбе, 2007) дар мавзуи «Асолат дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ», конференсияи байналмилалӣ бахшида ба 60-солагии Сироҷиддинов Д. (Душанбе, 2011) дар мавзуи «Баррасии шаклҳои таърихӣ дар лаҳҷаҳо»; конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ таҳти унвони «Нақш ва аҳамияти эҷодиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар рушди илму адаби форсу тоҷик» (Душанбе, 2014) дар мавзуи «Унсурҳои таърихии сарфӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ»; конференсия илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ (2018) дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташаккули лексикаи шевагӣ»; конференсияи байналмилалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами илмҳои филология ва лингводидактика» дар мавзуи «Ифодаи феъл дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ» (Душанбе, 2018); конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ таҳти унвони «Забон ҳастии миллат» (Душанбе, 2018) дар мавзуи «Унсурҳои таърихии наҳвӣ дар лаҳҷаҳо»; конференсияи илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ (2019) дар мавзуи «Ифодаи мафҳумҳои тиббӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ»; конференсия илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ (2019) дар мавзуи «Калимаҳои ифодакунандаи касбу кор дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ»; конференсияи илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ (2020) дар мавзуи «Қолабҳои таърихии сарфӣ дар забони халқ»; конференсияилмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ (2020) дар мавзуи»Калимаҳои хоси шева»; конференсияи байналмилалӣ таҳти унвони «Забоншиносии расонаӣ ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо» (Душанбе, 2021) дар мавзуи «Ҳудуди интишори калима дар лаҳҷаҳо»;

конференсияи байналмилалӣ таҳти унвони «Рушди забони адабии тоҷик дар замони истиқлол: мушкилот ва дурнамо» (Душанбе, 2022) дар мавзуи «Таснифоти мухтасари калимаҳои хоси шева»; конференсияи байналмилалӣ таҳти унвони «Рушди забони адабии тоҷикӣ дар асрҳои X –XV» (Душанбе, 2022) дар мавзуи «Калимаҳои адабии китобӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ»; конференсияи байналмилалии форсигӯёни ҷаҳон (Париж, 2022, иштироки маҷозӣ-онлайнӣ) дар мавзуи «Асолати забон дар гӯйишҳои форсӣ-тоҷикӣ»; конференсияи байналмилалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои назариявӣ ва амалии забоншиносии типологӣ-муқоисавӣ, забоншиносӣ ва усулҳои нави омӯзиши забонҳои хориҷӣ» (Душанбе, 2023) дар мавзуи «Ифодаи замон дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ», дар китоби «Луғати мунтахаби калимаҳои хоси шева», монография, мақолаҳои ҷудогона муаллиф, ки дар маҷмуаву маҷаллаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 2 китоб (1 китоби луғатнома ва 1 монография), 41 мақолаи илмӣ, 23-тояш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертасия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат мебошад.

Ҳаҷми умумии рисола 439 саҳифаро ташкил медиҳад.

БОБИ I

МАСЪАЛАИ ТАҲҚИҚ ВА ТАСНИФИ КАЛИМАҲОИ ХОСИ ШЕВА

1.1. Таҳқиқи калимаҳои хоси шева дар забоншиносии хориҷӣ

Дар забоншиносии рус омӯзиши урфу одати халқ ва баррасии хусусиятҳои лексикии лаҳҷаҳо собиқаи дерин дошта, баъд аз солҳои 50-уми асри гузашта мафҳумҳои ифодакунандаи лексикаи шевагӣ дар қолибҳои илмӣ ба шакл гирифтан оғоз намуд. Муҳиммияти омӯзиши қисмати лексикаи лаҳҷаҳоро олимони рус дар он давра дарк намуда, зарурати таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии қабати луғавиро зикр намудаанд. Ба андешаи забоншинос А.А. Уфимсева «Ба қисмати лексика то ба имрӯз дар бисёр корҳои илмӣ на ҳамчун дараҷаи баробарҳуқуқи системаи забонӣ, балки чун масолеҳи бинокорӣ муносибат менамоянд ва ҳол он ки унсури сохтори забон дар таҳқиқи ҷиҳати маъноии он метавонад бисёр муаммоҳоро рафъ намояд» [Уфимсева, 1968, с.11].

Таҳқиқи шеваҳои гуногуни забони русӣ ба забоншиносон имкон фароҳам овард, ки қабатҳои луғавии шеваҳоро аз ҳамдигар фарқ намоянд. Дар забоншиносии рус таснифи қабатҳои луғавии лаҳҷаҳо диққати олимони зиёдеро ба монанди Л.Н. Ивашкова, О.С. Ижелская, Г.Г. Мелничкено, И.А. Оссоветский, Ф.П. Сороколетов, О.Т. Порохова, О.И. Блинова ва дигарон барвақт ба худ ҷалб намуда буд. Гуфтаи забоншинос О.И.Блинова дар хусуси меъёрҳои шинохти калимаҳои умумихалқӣ қобили қабул мебошад: «Калимаҳои умумихалқӣ чунин воҳидҳое ба шумор мераванд, ки дар онҳо доираи шохаҳои мухталифи забони миллӣ истеъмол гардида, аз ҳудуди «айни як калима» берун намеоянд» [Блинова, 1973, с.39].

Дар баробари лексикаи умумихалқӣ таҳқиқи калимаҳои хоси шева диққати мутахассисони соҳаро барвақт ба худ ҷалб намуда буд. Ҳанӯз солҳои 50-60-уми садаи ХХ масъалаи айнияти маънои калима дар забони адабӣ ва лаҳҷаҳо дар корҳои илмии забоншиносон мавзуи баҳс қарор гирифта, ба андешаи И.И. Оссоветский, ҳар як калима дар захираи забони адабӣ ва лаҳҷа ҳодисаи фардӣ ва нотакрор аст [Оссоветский, 1964, с.186]. Аз ин гуфтаи забоншинос метавон хулоса баровард, ки вобаста ба табиати забони зиндаи халқ калима дорои шаклу маъниҳои нав гардида, дар ин замина аз шакли адабии худ фарқ мекунад. Ҳақ бар ҷониби забоншинос И.И. Оссоветский мебошад, ки дар забони зиндаи халқ шаклгириҳои хосса мавқеъ дошта, вобаста ба сохти ин шаклҳо онҳоро метавон навгонӣҳисобид ва набояд сарфи назар намуд, ки дар ин самт таъсири фардият бештар мушоҳида мешавад.

Калимасозӣ дар гӯйишҳо, бо вуҷуди умумият бо забони адабӣ, дорои як қатор фарқиятҳо низ мебошад. Бо дарназардошти ин масъала, раванди таҳқиқи калимаҳои хоси шева низоми мураккабро доро буда, андешаи олимони рус доир ба ин қабати луғавӣ гуногун мебошад [Калиев Г.К., 1980, с.120]. Вобаста ба мазмуну муҳтаво таҳқиқи масъалаҳои калимаҳои хоси шеваро дар асару мақолаҳои олимони рус метавон ба чанд гурӯҳ ҷудо кард:

1. Як гурӯҳи муҳаққиқон дар асару мақолаҳои илмии худ бевосита масъалаҳои илмиву назариявии калимаҳои хоси шева, мавқеи ин гурӯҳи калимаҳо дар қабатҳои луғавӣ, муқоисаи калимаҳои хоси шева бо муодили адабии худ, дараҷаи корбасту ифодаи маъноии онҳо дар лаҳҷаҳои гуногунро таҳқиқ намудаанд, ки ҷанбаи илмии ин корҳо мустаҳкам ба назар мерасад.

2. Гурӯҳи дигар дар мавриди омӯзиши осори назмиву насрӣ ба корбурди калимаҳои хоси шева таваҷҷуҳ зоҳир намуда, хусусиятҳои

забонии онҳоро дар асарҳои шоирону нависандагон вобаста ба мавзуи таҳқиқотии худ баррасӣнамудаанд.

3. Ҳангоми таҳияи луғатҳои илмии истилоҳоти забоншиносӣ, луғатҳои тафсирии фарогири луғати лаҳҷаҳо низ олимон ба ин масъалаи муҳим дахл намудаанд.

Дар ин бахши рисола вобаста ба ин се самти омӯзиши масъала асару мақолаҳои олимонро бо шарҳи мухтасари мазмуни онҳо оварда, дар зербанди «Мафҳуми калимаҳои хоси шева» дар асоси муқоисаи гуфтаҳои олимони ватаниву хоричӣ хулосаҳои илмӣ бароварда мешаванд.

Тафсири ҷолибро оид ба ин масъала дар луғатҳои энсиклопедӣ мушоҳида менамоем, ки дар онҳо мафҳуми калимаҳои хоси шева чунин шарҳ ёфтааст: «Калима ва ё ифодаҳои ба забони умумихалқии адабӣ дахлнадошта, ки мансуби ин ё он шеваи маҳаллӣ мебошанд» [ЭС, т.1, 1953, с.547]. Албатта, ин тафсир хусусияти умумӣ дошта, фарогири хусусиятҳои забонии калимаҳои хоси шева буда наметавонад. Бояд зикр намоем, ки дар ин давра муқоисаи забони шевагӣ бо забони адабӣ дар забоншиносии рус ба таври зарурӣ ташаккул наёфта буд ва дар ин асос масъалаи робитаи ногусастании забони адабиву гуфтугӯйӣ, маҳфуз мондани унсурҳои таърихии забон дар лаҳҷаҳо, корбасти унсурҳои умумихалқӣ ва калимаҳои хоссаи шева дар забони шоирону нависандагон таснифоти калимаҳои хоси шеваро мураккаб мегардонад. Ин нуктаи муҳим дар таҳқиқоти муҳаққиқи рус В.Н. Прохорова то андозае акси худро ёфта, забоншинос ҳангоми баррасии корбасти калимаҳои шевагӣ дар осори назмии шоирон доираи истифодаи ин қабил калимаҳо ва тобишҳои маънои онҳоро шарҳу тавзеҳ медиҳад [Прохорова, 1957].

Метавон гуфт, ки таҳқиқи лаҳҷаҳо дар забоншиносӣ маҳз дар асоси муқоисаи хусусиятҳои савтӣ, сарфӣ ва наҳвии он бо забони адабӣ сурат

гирифта, дар заминаи меъёрҳои мустаъмали забони адабӣ тафовут, айнияти ва шаклгириҳои гуногун дар лаҳҷаҳои як зергурӯҳ, гурӯҳи лаҳҷаҳои гӯйиши алоҳида ва дар маҷмуъ гӯйишҳои забон амалӣ мегардад.

Баъдан, низоми омӯзиши ин қабати лексикӣ дар таҳқиқоти олимони маъруфе чун Ф.П. Филин ба шакли мукаммал даромад. Ҳанӯз дар соли 1948 ин олими маъруф ба масъалаи калимаҳои хоси шева ва доираи корбасти онҳо дахл намуда буд [Филин, 1948].

Ҳангоми таҳқиқи калимаҳои хоси шева муайянсозии таъсири муҳити ҷуғрофӣ аз омилҳои муҳим дар таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб меравад. Дар шаклгириҳо ва ифодаи маъноии калимаҳои хоси шева тафовути куллиро дар доираи лаҳҷаҳо ва ҳатто зергурӯҳи онҳо вобаста ба муҳити ҷуғрофӣ метавон мушоҳида намуд, ки поягузории илмии забоншинос Ф.П. Филин дар ин самт арзишманд ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқ дар чандин таҳқиқоти пайдарпайи худ ба хусусиятҳои лексикӣ ва семантикии ин қабати луғати лаҳҷаҳо таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Албатта, муқоисаи ин гурӯҳи калимаҳо бо забони адабӣ зинаи муҳим буда, шаклгириҳои сарфии гуногун маҳз дар ҳамин зина амалӣ мегардад. Ин нуктаи муҳим ҳанӯз дар солҳои 60-и садаи гузашта дар забоншиносии рус ташаккул ёфта буд. Дар баробари ин, Ф.П. Филин ба мувофиқати маънии калима дар забони меъёрӣ ва лаҳҷаҳо эътибор дода, омилҳои васеъ шудани ифодаи маъноии калимаҳоро то андозае баррасӣ менамояд, ки дар асарҳои баъдинаи соҳаи лаҳҷашиносӣ ин низом такмил меёбад [ниг.: Ковал, 2001; Осипова, 2002].

Калимаҳо дар лаҳҷа, бо вуҷуди хусусияти нисбӣ доштани ин таснифот вобаста ба номукаммал будани ҷамъоварии маводи лаҳҷаҳои ин ё он забон, ҳудуди интишори муайян доранд. Бо гузашти вақт ва таъсири омилҳои берунӣ ва дохилизабонӣ ҳудуди интишори он васеъ ва ё баръакс, маҳдуд мегардад [ниг.: Шипкова, 2014, с.167].

Ҳудуди интишори калимаро Ф.П. Филин дар ташаккули ин қабати луғавии забон асос шумурда, ба андешаи ӯ, изоглосса доштани калима дар доираи лаҳҷаҳои алоҳида боиси фарқияти шаклӣ ва маъноии онҳо мегардад ва маҳз дар ҳамин замина диалектизмҳои лексикӣ бояд аз лексикаи умумихалқӣ ҷудо омӯхта шаванд [Филин, 1961, с.20]. Оид ба моҳияти илмии ин таснифоти қабати луғавии лаҳҷаҳо дар бобҳои алоҳида мулоҳизаронӣ хоҳем кард. Дар силсиламақолаҳои ин олими маъруф ҷанбаҳои забонии интишори калима дар доираи лаҳҷаҳо баррасӣ гардида, ӯ хусуситҳои лексикии ин қабил калимаҳоро барвақттар мавриди омӯзиш қарордода буд [Филин, 1948, с.222].

Аз таҳқиқи ақидаи олимони рус оид ба мафҳуми ин қабати луғати лаҳҷаҳо метавон хулосабарорӣ намуд, ки дар маҷмуъ ду самти омӯзиши масъалаи мазкур ҳамеша мавриди таваҷҷуҳ қарор доштааст. Гурӯҳе аз олимон калимаҳои лаҳҷавиро дар муқоиса бо забони адабӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, дар ин замина хусусиятҳои забонии онҳоро арзёбӣ намудаанд. Дар солҳои 50-70-уми садаи XX як қатор муҳаққиқони рус ба омӯзиши мавқеи калимаҳои халқӣ дар таркиби лексикаи забони адабӣ ва умумихалқӣ шуруъ менамоянд [Аванесов, 1954; Баранников, 1962; Балаханова, 1968].

Муҳаққиқи рус Е.П. Дубровина хусусиятҳои забонӣ ва услубии калимаҳои хоси шеваро дар осори Некрасов ба таври васеъ мавриди таҳқиққарор дода, омилҳои асосии маҳфуз мондани калимаҳои асили русиро дар осори шоир баррасӣ намудааст [Дубровина, 1957]. Дар наср, афсонаҳои халқи рус низ зиёда корбаст шудани калимаҳои хоси шеваро муҳаққиқи дигари рус А.И. Полейко ҳанӯз дар соли 1953 ба таври мукаммал таҳқиқ намуда буд [Полейко, 1953].

Дар ин ҷода таҳқиқоти В.Н. Прохорова назаррас буда, муҳаққиқ ҳанӯз дар соли 1957 ба корбасти калимаҳои шевагӣ дар назми бадеӣ таваҷҷуҳ намуда буд [Прохорова, 1957, с.3]. Дар таҳқиқоти худ вобаста

ба ифодаи маъной ва шаклгириҳои морфологии калимаҳои хоси шева онҳоро ба гурӯҳҳои «фонетикӣ, лексикӣ, морфологӣ ва синтаксисӣ» ҷудо намудааст, ки ин тарзи таснифот аз ҷониби олимон дастгирии ҳамаҷониба наёфта, хусусиятҳои забонии ин қабати луғавиро пурра акс наменамояд. Бояд қайд намуд, ки аз мазмуни умумии корҳои илмии ин олим таҳти мафҳуми «диалектизмҳои фонетикӣ» он калимаҳое дар назар дошта мешаванд, ки «нишондиҳандаи хусусиятҳои овозии шева» бошанд [Прохорова, 1957, с.6]. Олими рус Ф.П. Сороколетов дар асарҳои худ ташаккули калимаҳои хоси шеваро дар робита ба низоми шаклгириҳои луғавии забони меъёрӣ баррасӣ намудааст. Ин муҳаққиқ ба айнияти маъноии калимаҳо дар забони адабӣ ва лаҳҷаҳои он диққати махсус додааст, ки дар ин замина раванди тағйироти шакливу маъной дар асоси низоми муайян баррасӣ карда мешавад [Сороколетов, 1968].

Муҳаққиқи дигар Г.Г. Князкова ин раванди таҳқиқотиро такмил додааст, ки он ба таснифи қабатҳои луғавии лаҳҷаҳо замина фароҳам меорад [Князкова Г.П., 1966, с. 110]. Диққати ин муҳаққиқро корбасти калимаҳои асили русӣ дар лаҳҷаҳо ҷалб менамояд. Бояд қайд намоем, ки як роҳи маҳфуз мондани асолати забон нигаҳдошти калимаҳои архаистӣ дар лаҳҷаҳо буда, вобаста ба урфу одат, маҳалли интишор ва омилҳои дигари забонӣ дар шаклу ифодаи маъноии ин қабил калимаҳо тағйирот ба амал омада, масъалаи мазкур, ба андешаи профессор Ш. Исмоилов, дар забоншиносии тоҷик низ ниёз ба таҳқиқоти мукаммали илмӣ дорад [ниг.: Исмоилов, 2019, с. 63].

Муҳаққиқи мазкур дар корҳои баъдинаи худ алоқамандии маъной ва шаклии калимаҳои забони адабӣ ва лаҳҷаҳоро ба таври муфассал арзёбӣ намудааст [Князкова, 1974, с. 28]. Ин раванди таҳқиқи калимаҳои забони зиндаи халқ дар корҳои илмии Л.И. Белова идома ёфта, ӯ ҳудуди интишори калимаҳои лаҳҷавиро дар муқоиса ба забони адабӣ баррасӣ менамояд [Белова, 1975, с.192]. Дар ин давра як қатор асару мақолаҳо

рӯйи кор омаданд, ки дар шинохт ва таснифоти калимаҳои хоси шева арзишманд ба шумор мераванд. Забоншинос О.А. Нечаева калимаҳои марбут ба урфу одати мардумро яке аз роҳҳои бойшавии забони адабӣ қаламдод менамояд [Нечаева, 1965, с.188].

Дар забоншиносии рус таснифоти қабатҳои луғавии лаҳҷаҳо то солҳои 1970 аз масъалаҳои баҳсталаб ба шумор мерафтанд. Масалан, А.В. Калинин дар таркиби луғати лаҳҷаҳо мавқеи муҳим доштани диалектизмҳои этнографиро қайд менамояд, ки ба андешаи ӯ ин гурӯҳи калимаҳо маводи маҳаллиро ифода менамоянд [Калинин, 1971, с.124-126]. Баъдан мавзуи мазкур дар забоншиносии рус ҷараёни тоза касб намуда, ҷанбаи назариявии ин таснифот аз ҷониби Е.Н. Этерлей такмил ёфт. Оид ба мавқеи этнографизмҳо дар таркиби луғати лаҳҷа андешаҳои муҳаққиқ Е.Н. Этерлей арзишманд мебошад [Этерлей, 1974, с.17].

Ҷараёни ташаккули лексикаи лаҳҷавӣ дар таҳқиқоти мукаммали илмии В.А.Филатов дар доираи кори илмӣ соли 1978 баррасӣ шудааст [Филатов В.А., 1978]. Маҳз дар ҳамин солҳо ҷанбаи пайдоиши диалектизмҳои семантикӣ диққати Г. Я. Симинаро ба худ ҷалб намуда буд [Симина, 1979].

Бояд қайд намоем, ки калимаҳои хоси шева дар осори шоирон бо ду сабаб корбаст мешавад. Сабаби аввал ин аст, ки бо гузашти вақт калимаҳои умумиистеъмолии забони адабӣ бо сабабҳои гуногун аз истеъмол мебароянд ва вобаста ба табиати лаҳҷаҳо дар ин ё он маҳал маҳфуз мемонад. Сабаби дуюм, нависандагон барои инъикоси воқеият ва эҳсоси қаҳрамонони асарҳои худ мақсаднок калимаҳои гуфтугӯйиро ба кор мебаранд, ки онҳо хусусияти услубӣ дошта, корбурди ин қабил калимаҳо ба интихоби фардӣ алоқаманд аст ва барои арзёбии илмии табиати забонии лексикаи лаҳҷавӣ то андозае замина фароҳам меоранд. Ин хусусияти калимаҳои халқӣ дар забоншиносии рус мавқеи устувор дошт [Скворсов, 1976]. Бояд қайд намоем, ки шуруъ аз солҳои 70-уми

асри гузашта омӯзиши калимаҳои лаҳҷавӣ дар осори назмиву насрии забони русӣ ҷараёни назаррасро касб менамояд [Артеменко, 1970]. Муҳаққиқи дигар И.А.Оссоветский ҳангоми таҳқиқи калимаҳои шевагӣ дар назми бадеӣ маҳдуд будани доираи истеъмоли калимаҳои хоси шеваро қайд менамояд [Оссоветский, 1971, с. 320], ки бисёре аз муҳаққиқони рус калимаҳои умумихалқиро низ ба қатори диалектизмҳои лексикӣ дохил намудаанд [Ахманова, 1969, с. 131; ЛЭС, 1990,с.133].

Ба андешаи И.А. Оссоветский «… диалектизм категорияи мутаҳаррики забони адабиёти бадеӣ ва забони адабист, ки бо мурури замон тағйир меёбад» [Оссоветский, 1982, с.193].

Муҳаққиқ Т.С. Коготкова ҳангоми баррасии маданияти нутқ мавқеи калимаҳои гуфтугӯйиро дар осори адабӣ ба таври мухтасар баён намудааст [Коготкова, 1970, с.104], ки нукоти илмии ин асарҳо барои такмили омӯзиш ва таснифи калимаҳо мусоидат менамоянд. Муҳаққиқ Н.В. Абабурко лексикаи лаҳҷавии назми бадеиро дар доираи кори илмӣ таҳқиқ намудааст [Абабурко, 1971].

Баъдан муҳаққиқи дигар Л.И. Белова дар таҳқиқоти худ хусусиятҳои услубии калимаҳои шевагиро дар муқоиса бо забони адабӣ возеҳ шарҳ дода буд [Белова, 1982, с.171]. Дар ин самт кори илмии О.А. Чагина, ки ба ҷараёни корбасти диалектизмҳо дар назми муосири адабиёти шуравӣ бахшида шудааст, мукаммалтар ба назар мерасад.

Таснифи қабатҳои луғавии лаҳҷаҳо нисбат ба забони адабӣ низоми мураккаб дошта, дар забоншиносии рус низ дар ин бахш масъалаҳои баҳсталаб зиёданд. Гурӯҳбандии илмии калимаҳои шевагӣ дар таҳқиқоти А.В. Калинин мавқеи муҳим дорад. Муҳаққиқ ин навъи калимаҳоро зери мафҳуми диалектизмҳо чунин шарҳ медиҳад: «Калима, таркиб, ҷиҳатҳои хоси овози ё аломатҳои грамматикие, ки ба шева хос

буда, аз тарафи мо ҳамчун унсури ғайриадабӣ қабул карда мешаванд» [Калинин,1971, с.122].

Муҳаққиқони китоби «Русская диалектология» калимаҳои хоси шеваро ба таври зайл таърифи илмӣ менамоянд: «Калимаҳои маҳаллӣ, ки решаи онҳо дар забони адабӣ вуҷуд надорад ва ё худ шаклҳое, ки аз решаи адабӣ сохта мешаванд ва дар лаҳҷаҳо маънии махсус пайдо мекунанд» [РД, 1972, с.253]. Қоидаи мазкур бисёр хусусиятҳои забонии калимаҳои хоси шеваро фаро гирифта, дар он бо роҳи морфологӣ шаклгириҳои забонии ин қабати луғавӣ низ зикр шудааст. Аз ин қоида метавон дарёфт, ки калимаҳои адабии китобатӣ низ вобаста ба табиати забони зиндаи халқ дорои як қатор хусусиятҳои маъноӣ ва сарфиву наҳвӣ мегарданд.

Ба андешаи муҳаққиқон Д.Э. Розенталва М.А. Теленкова ба пуррагӣ наметавон розӣ шуд, ки «Инҳо – калимаҳои хоси шева (Қ.С.), номи маҳаллии ашё ва ё ҳодисаҳое мебошанд, ки дар забони адабӣ муодили дигар доранд» [Розентал, Теленкова, 1976, с.96].

Баррасии нишонаҳои асосии калимаҳои хоси шева дар таҳқиқотҳои илмии Н.М. Шанский шакли мукаммалтар пайдо намудааст, ки ба андешаи ӯ ба қатори ин қабати луғавии лаҳҷаҳо «чунин калимаҳое дар назар дошта мешавад, ки ба системаи луғавии забони умумихалқӣ дохил намешаванд, балки ба як ё якчанд шеваҳои забони умумимиллии русӣ тааллуқ доранд»[Шанский,1972, с.117].

М.Х. Партенадзе дар пайравӣ ба ин олимон мафҳум ва меъёрҳои шинохти калимаҳои шевагиро баррасӣ намудааст [Партенадзе,1975]. Аз баррасии ақидаи ин олимон бармеояд, ки таснифоти қабатҳои луғавии лаҳҷаҳо дар он давра ҳанӯз низоми мукаммалро пайдо накарда, масъалаҳои матраҳшудаи ин бахшро дар таҳияи мукаммали луғати лаҳҷа метавон истифода бурд.

Низоми мураккаби лаҳҷаҳо гурӯҳи дигари муҳаққиқони соҳаро водор менамояд, ки ин навъи калимаҳоро бештар дар системаи шева, гурӯҳи лаҳҷаҳои алоҳида ва ё бо ҳам наздик таҳқиқ намуда, дар ҷараёни таҳқиқоти худ омилҳои ҷуғрофӣ, урфу одат ва дигар унсурҳои сарфиву наҳвии мушоҳидашавандаро дар ташаккули калимаҳои хоси шева арзёбӣ намоянд. Дар ин самт таҳияи луғатҳои шевагӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Таркиби луғати лаҳҷаҳоро дар забоншиносии рус нисбат ба мо хеле мукаммал таҳқиқ намудаанд. Дар бобати таҳияи луғатномаҳои тафсирии лаҳҷаҳо олимони рус таҳқиқоти зиёдеро ба сомон расонидаанд, ки дар асоси онҳо метавон оид ба дараҷаи корбаст, ифодаи маъноӣ ва дигар хусусиятҳои калимаҳои хоси шева муътамад ҳарф занем ва дар низоми шеваву гурӯҳи лаҳҷаҳои он раванди таърихӣ ва акси навгониҳои забонии онҳоро шарҳ диҳем. Оид ба ин масъалаи муҳим андешаи профессор Ғ. Ҷӯраев қобили қабул мебошад: «Тарафи дигари масъала – муносибати системаи лексикии як шева бо шеваи дигар ҳамеша сарфи назар карда мешавад. Дар ин ҳол табиист, ки унсури ин ё он шева ҳамчун захираи хоси шеваи дигар низ ба қалам дода мешаванд. Вале ин амал набояд боиси сарзаниш гардад, чунки таҳқиқотчӣ натанҳо дар ҳолати мавҷуд будани манбаи муътамади қиёс диалектизмҳои лексикии шеваҳои таҳқиққардаашро ба таври мушаххас таъин карда метавонад»[Ҷӯраев, 2017, с.57].

Дар забоншиносии рус мавқеи калимаҳои шевагӣ ва дараҷаи корбасту ифодаи маъноии онҳо дар доираи таҳияи луғатномаҳо хуб баррасӣ шудааст. Таҳқиқоти О.Г. Перохова фарогири лексикаи умумихалқӣ ва луғати лаҳҷа буда, ин қабатҳои луғавӣ дар мисолҳои фаровон тавсиф ёфтаанд [Перохова, 1968].

Дар давраҳои баъдина омӯзиши ин масъала нисбат ба солҳои 50-70 аз навоварии илмӣ камтар бархӯрдор буда, муҳаққиқони рус усули омӯзиши олимони пешинро идома бахшидаанд [Мурзаева, 2000;

Абросимова, 2000; Букринская, 2001; Осипова, 2002], яъне баррасии ҷанбаҳои илмии он ва таснифоту ифодаи маъноии калимаҳои хоси шева аз назар то андозае дур мондааст. Дар баъзе асару мақолаҳо олимони рус ба таври мухтасар ба паҳлуҳои назариявии баҳсталаби калимаҳои хоси шева низ дахл намудаанд [ниг: Шипкова, 2014, с.167].

Диққати олимони русро ҳангоми таҳияи луғатномаи лаҳҷаҳои рус мафҳумҳои луғати пурра ва нопурра ба худ ҷалб намуда буд. Бо дарназардошти он ки масъалаи муайян намудани ҳудуди интишор ва дараҷаи корбасти калима дар лаҳҷаҳо кори саҳл набуда, забоншиносон дар ин хусус ҳукми қотеона дошта наметавонанд, муҳаққиқи рус Г. Г. Мелниченко истифодаи истилоҳоти «дифференсиалӣ» ва «ғайридифференсалӣ»-ро муносиб донистааст [Мелниченко, 1971, с.107].

Назари аҳли таҳқиқ дар забоншиносии муосири рус доир ба масъалаи калимаҳои хоси шева мукаммалтар гардидааст. Забоншинос В.И. Ковал ҳангоми таснифи қабатҳои луғавии лексикаи лаҳҷаҳо доираи васеи интишор доштани баъзе калимаҳои хоси шеваро қайд намуда, дар баробари истилоҳи лексикаи лаҳҷавӣ корбаст шудани мафҳуми лексикаи маҳаллиро зикр менамояд. Ба андешаи ин муҳаққиқ барои тасниф ва дарки моҳияти илмии луғати лаҳҷа ва лексикаи лаҳҷавӣ меъёрҳои мушаххас бояд мавҷуд бошанд [Ковал, 2001, с.64-65].

Таснифоти калимаҳои хоси шева ҳоло дар забоншиносии рус такя ба назарияи мустаҳками илмӣ дошта, дар лаҳҷашиносии муосири рус ба хусусиятҳои семантикии калимаҳои хоси шева, ифодаи хусусиятҳои таърихиву этнографӣ дар ин қабати луғавӣ диққати бештар равона гардида истодааст [ниг.: Радченко, 2004, с.28; Кузмина, 2012, с.57; Блохина, 2017 ва ғ].

Аз таҳқиқи масъалаҳои назариявии калимаҳои хоси шева ва меъёрҳои шинохти он дар забоншиносии рус метавон хулосабарорӣ намуд, ки андешаи муҳаққиқони соҳа мухталиф буда, дар адабиёти

илмии соҳа мафҳуми ягона дар ифодаи калимаҳои хоси шева ба назар намерасад. Бо вуҷуди дастовардҳои зиёди забоншиносони рус таҳқиқоти бевоситаи фарогири мавзуи мазкур, ки барои шинохти меъёрҳои забонии калимаҳои хоси шева замина фароҳам меоранд, дар шевашиносии рус мушоҳида нагардид. Олимон дар корҳои арзишманди илмии худ бештар хусусияти луғавии лаҳҷаҳоро ба таври умумӣтаҳқиқ намуда, вобаста ба самти кори таҳқиқотии хеш баъзе ишораҳо оид ба калимаҳои хоси шева овардаанд. Дар фарҳангҳои фарогири луғати лаҳҷаҳо, энсиклопедия ва китобҳои забоншиносӣ оид ба меъёрҳои шинохти таркиби луғати лаҳҷаҳо ба таври дақиқ ишораҳо шудааст, ки онҳоро дар таҳқиқи хусусиятҳои забонии калимаҳои хоси чун васоити раҳнамо метавон истифода бурд.

1.2. Омӯзиши калимаҳои хоси шева дар забоншиносии тоҷик

Омӯзиши лексикаи лаҳҷаҳои тоҷикӣ нисбат дар муқоиса ба ҷиҳатҳои савтӣ, сарфӣ ва наҳвӣ устувор ба назар расида, олимони тоҷик шуруъ аз солҳои 1950 ба таҳқиқи хусусиятҳои луғавии забони зиндаи халқ оғоз намудаанд. Дар хусуси омӯзиши лаҳҷаҳои тоҷикӣ андешаи олими тоҷик М. Эшниёзов қобили қабул мебошад: «Хусусиятҳои маҳаллии забон дар қатори намудҳои материалҳои маданияти моддӣ ва маънавии халқҳамчун яке аз хусусиятҳои алоҳидаи ин ё он гурӯҳи этникӣ муайян карда мешуданд. Аз ин рӯ, бо ин равия то соли 1929 оид ба омӯхтани баъзе лаҳҷа ва шеваҳои забони тоҷикӣ материалҳои ҷудогона ва иҷмолӣ гирд овардаанд» [Эшниёзов, 1977, с. 6].

Вобаста ба мазмуну мундариҷа ва самти таҳқиқоти муҳаққиқон омӯзиши хусусиятҳои луғавии лаҳҷаҳои тоҷикро дар як сатҳ наметавон баррасӣ намуд. То солҳои 60-70-уми садаи XX дар забоншиносии тоҷик мафҳуми калимаҳои хоси шева ба таври илмӣ тасниф нагардида, ин қабати луғати лаҳҷа бештар дар доираи калимаҳои умумихалқӣ таҳқиқ мешуданд. Таҳқиқи хусусиятҳои луғавии забони зиндаи халқробаъди солҳои 1950 мушоҳида менамоем [ниг.: Сӯфиев, 1958; Қосимов, 1961; Расторгуева, 1964; Хромов, 1964; Ҳусейнов, 1964; Маҳмудов, 1964; Розенфелд, 1967; Шарофов ва ғ.].

Ин нуктаи муҳимро бояд қайд намуд, ки таҳқиқи хусусиятҳои сарфиву наҳвии лаҳҷаҳо дар якҷоягӣ собиқаи бештар дошта, дар таҳқиқоти алоҳидаи забоншиносон ҳанӯз дар солҳои 30-юми асри XX доир ба ба қабатҳои алоҳидаи лексикаи лаҳҷаҳо баъзе ишораҳо ба назар мерасад [ниг.: Кисляков, 1936, с.29-58].

Ин нукта мусаллам аст, ки дар забоншиносии рус ҷанбаи назариявии таснифоти қабатҳои луғавӣ дар ибтидо шакли мукаммал надошт, яъне забоншиносон аз рӯйи таснифоти анъанавии қисматҳои

забон корҳои илмии хешро дар ин самт идома мебахшиданд. Муҳаққиқони тоҷик ҳангоми омӯзиши лексикаи лаҳҷаҳои гуногун хусусиятҳои луғавии ин қабатро ба таври умумӣ баррасӣ намуда, гурӯҳбандии таркиби луғати лаҳҷаҳо ҳамоно таҳқиқталаб ба назар мерасид. Забоншиноси рус В.С. Расторгуева ин равандро ба дараҷаи таҳқиқи лаҳҷаҳои тоҷикӣ, алалхусус таълифи луғатҳои шевашиносӣ мансуб донистааст: «набудани луғатҳои лаҳҷавӣ ба мо имконият намедиҳад, лексикаи лаҳҷаҳои тоҷикиро ба ин ё он дараҷа амиқан таҳлил намоем» [Расторгуева, 1964, с. 149].

Воқеан, ин мушкилот дар замони муосир низ дар таҳқиқи хусусиятҳои лексикии лаҳҷаҳо ба назар расида, набудани луғатномаҳои лаҳҷаҳои тоҷикӣ имкони баровардани ҳукми қотеонаи илмиро дар ин самт иконнопазир месозад. Ин нуктаи муҳимро профессор Ш. Исмоилов ҳангоми таҳқиқи хусусиятҳои лексикии водии Рашт хуб арзёбӣ менамояд: «... бе таҳқиқи саросари луғати ҳар як лаҳҷаи шеваи ҷанубӣ дар алоҳидагӣ муқоисаю муқобала ва ҷамъбасти системаноку илмии онҳо дар дохили худ ва дар миқёси шеваю лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ, ки инро вазъи ҳозираи рушди шевашиносӣ, ҳамчун як шохаи инкишофёфтаи забоншиносии тоҷик, тақозо мекунад, корест ниҳоят душвор ва берун аз иқтидори як нафар муҳаққиқ» [Исмоилов, 2018, с.23].

Вобаста ба мазмуну мундариҷа ва самти таҳқиқоти муҳаққиқон омӯзиши хусусиятҳои луғавии лаҳҷаҳои тоҷикро дар як сатҳ наметавон баррасӣ намуд. То солҳои 70-уми садаи XX дар забоншиносии тоҷик мафҳуми калимаҳои хоси шева ба таври илмӣ тасниф нагардида, ин қабати луғати лаҳҷа бештар дар доираи калимаҳои умумихалқӣ таҳқиқ мешуданд. Ҳанӯз дар соли 1977 муҳаққиқи тоҷик М. Эшниёзов зарурати дар шакли алоҳида таҳқиқ намудани калимаҳои хоси шеваро таъкид намуда буд: «Агар системаи лексикаи шева дар муқоисаву муқобила

омӯхта шавад, дар он сурат ҷудо кардани калимаҳои умумиҳалқӣ ва шевагӣ зарур аст» [Эшниёзов, 1977, с. 35].

Масъалаи омӯзиши лаҳҷаҳои тоҷикӣ диққати муҳаққиқону олимон ва адибони тоҷикро барвақт ба худ ҷалб намуда буд. Дар ин ҷода нақши Садриддин Айнӣ барҷаста буда, корбаст шудани калимаҳои асили тоҷикиро дар лаҳҷаҳо қайд менамояд ва зарурати ба забони адабӣ ворид намудани калимаҳои арбада, користон, сарборӣ ва дер поидан ва дигар унсурҳои луғавии асилро чун шаклҳои «классикона» таъкид менамояд [Айнӣ, 1948]. Ба андешаи ӯ, «дар забонҳои маҳаллӣ баъзе калимаҳо ҳастанд, ки баъзе касони бехабар онҳоро «забони қадимии мурда» мепиндоранд ва дар архаизм медароранд... Дар забони зиндаи халқи тоҷик чунон хазинаҳо ҳастанд, ки пур аз дурдонаҳои пурқимат мебошанд. Вазифаи мо – нависандагон, ана ҳамон дурдонаҳоро ёфта ба омма туҳфа кардан аст... « [Айнӣ, 1964, с.377].

Бо гузашти вақт забоншиносон муҳиммияти омӯзиш ва таснифи қабатҳои луғавии лаҳҷаҳои тоҷикиро бештар дарк намуданд. Муҳаққиқон шуруъ аз солҳои 60-70-и садаи XX дар баробари омӯзиши забони адабӣ ба корбасти унсурҳои шевагӣ дар забони адабӣ низ диққати махсус додаанд. Дар таҳқиқоти худ К. Тоҳирова таҳти унвони «Лексикаи забони ҳозираи тоҷик» оид ба калимаҳои шевагӣ ва корбасти онҳодар забони адабӣ, инчунин истифодаи диалектизмҳо низ маълумоти мухтасар додааст [ниг.: Тоҳирова, 1967].

Масъалаи ғанӣ гардидани таркиби луғавии забон аз ҳисоби забони зиндаи халқро муҳаққиқ Н. Шарофов [Шарофов, 1974] бевосита қайд намудааст. Баъдан дар таҳқиқотҳо таснифи мукаммалтари қабатҳои луғавии забони тоҷикӣ сурат гирифтааст [ниг.: Мақсудов, 1977; Ҷӯраев, 1974; Исмоилов, 1982; Ғаффоров, 1990; Раҳматуллозода, 2014; Ӯзбеков, 2016; Замонов, 2009; Убайдов, 2011; Гадоев, 2012; Саидов, 2017;

Сулймонов, 2019; Юсупова, 2019; Қурбонов, 2008; Мӯминова, 2020, Шодиев, 2022 ва дигарон].

Муҳиммияти омӯзиши ин қабати луғавӣ аз ҷониби забоншиносон қайд гардида, дар таҳқиқи калимаҳои хоси шева раванди тозаеро дар лаҳҷашиносии тоҷик мушоҳида менамоем. Ин нуктаро профессор Ш. Исмоилов хуб арзёбӣ менамояд: «Дар ҳақиқат, агар ҷиддитар таваҷҷуҳ намоем, диалектизмҳои лексикӣ яке аз аломатҳои махсуси луғати ҳар як шеваю лаҳҷа ба ҳисоб мераванд, ки тавассути онҳо, аз як тараф, шеваю лаҳҷаҳо аз забони адабӣ фарқ кунанд, аз тарафи дигар, як шева аз шеваи дигар ва ҳатто як лаҳҷа аз лаҳҷаи дигар ё гурӯҳи лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳ фарқ карда меистад « [Исмоилов, 2018, с.54].

Дар асоси омӯзиши асарҳои соҳаи лаҳҷашиносии тоҷик масъалаи таҳқиқи лексикаи лаҳҷаҳо ва дар ин доира калимаҳои хоси шеваро вобаста ба самти таҳқиқоти муҳаққиқон ба чанд гурӯҳ метавон ҷудо кард:

1. Таҳқиқоти мукаммал ба шакли асару мақолаҳои илмӣ, ки ба омӯзиши хусусиятҳои лексикии лаҳҷаҳои тоҷикӣ бахшида шудаанд. Ин раванд ҳанӯз аз солҳои 50-уми асри XX шуруъ шуда, то имрӯз ба низоми мукаммал даромадааст. Муҳаққиқи тоҷик А. Сӯфиев соли 1958 баъзе хусусиятҳои лексикии лаҳҷаи Кангуртро таҳқиқ намудааст [Сӯфиев, 1958]. Бояд қайд намоем, ки то солҳои 1970 дараҷаи баррасии хусусиятҳои луғавии лаҳҷаҳо маҳдуд ба назар расида, ба ҷузъ аз чанд мақолаи илмӣ [Қосимов, 1961 с. 210; Маҳмудов, 1964; Розенфелд, 1967, с.47] рисолаи мукаммали таҳқиқотиро вобаста ба ин масъала наметавон пайдо кард. Шуруъ аз солҳои 70-ум омӯзиши хусусиятҳои лексикии шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ раванди тозаеро касб менамояд. Дар ин давра муҳаққиқон Ю.И. Богорад хусусияти калимаҳои хоси шеваи ҷануб [Богород, 1970] ва Ҷ. Раҳматуллоевлексикаи лаҳҷавии Ехсуро [Раҳматуллоев, 1970] ба таври мухтасар таҳқиқ намудаанд. Дар ҷилди 1-и

китоби «Масъалаҳои шевашиносии тоҷик» забоншинос К. Саидова корбасти луғати хоссаро дар гуфтори тоҷикони Шаҳритуз ба таври возеҳ шарҳ додааст [Саидова, 1970]. Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас шинохти меъёрҳои забонии калимаҳои хоси шева дар асарҳои мазкур мушаххас нагардида, олимони соҳа вобаста ба хусусиятҳои таҳқиқоти худ шаклгириҳои забонии ин қабати луғавиро пурра баррасӣ намудаанд.

Дар самти омӯзиши лексикаи лаҳҷаҳо кори мукаммали таҳқиқотии Т. Мақсудов «Лексика ва фразеологияи шеваҳои тоҷикони Исфара» [Мақсудов, 1977] назаррас буда, дар он бори аввал ба таври илмӣ калимаҳои умумихалқӣ ва калимаҳои хоси шева таҳқиқ гашта, ин муҳаққиқ дар асоси маводи лаҳҷаи таҳқиқшаванда лексикаи соҳавии гилкорӣ, дуредгарӣ, аробасозӣ, дарздӯзӣ, кулолӣ, осиёбонӣ, ҷувозкашшӣ, оҳангарӣ, кордгарӣ, шоликорӣ, пахтакорӣ, боғдорӣ, чорводорӣ ва ғайраро саҳеҳ баррасӣ намудааст. Арзиши илмии ин кори таҳқиқотӣ дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал ба таври мушаххас миёни калимаҳои умумихалқӣ ва лексикаи лаҳҷавӣ фарқ гузошта шуд.

Бояд қайд намоем, ки дар таҳқиқи лексикаи лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ профессор Ш. Исмоилов саҳми босазо дошта, хусусиятҳои луғавии гурӯҳи қаротегинӣ дар рисолаи илмии ӯ таҳти унвони «Лексикаи лаҳҷаи Қаротегин» [Исмоилов, 1982; 2018] ва мақолаҳои зиёди илмии ин муҳаққиқ ба таври дақиқ таҳқиқ шуда [Исмоилов, 1974, 1978; 1984; 1988; 1994 ва ғ.], дар тасниф ва баррасии ҷанбаи назариявии калимаҳои хоси шева заминаи хуби илмӣ фароҳам овардаанд. Забоншинос Ш. Исмоилов дар корҳои минбаъдаи худ низ мавзуи диалектизмҳои лексикиро дар таркиби луғати лаҳҷаҳо бозомӯзӣ намуда, мавҷудияти ин қабил калимаҳоро дар қолибҳои таърихиву шаклҳои гуногуни морфологӣ бо мисолҳои фаровон баррасӣ менамояд [Исмоилов, 2019, с.150].

Профессор Ш. Исмоилов дар китоби тозанашри худ «Лексикаи лаҳҷаи водии Рашт» ҷанбаи назариявии шинохти меъёрҳои забонии калимаҳои хоси шеваро такмил бахшида, заминаҳои ба қатори калимаҳои хоси шева гузаштани калимаҳоро аз забони адабӣ ва ё таркиби луғати худи лаҳҷаҳо нишон додааст. Муҳаққиқ андешаҳои забоншиносони ватаниву хориҷиро таҳлилнамуда, дар асоси онҳо чунин хулосагирӣ намудааст: «Назари олимон доир ба мафҳуми диалектизми лексикӣ ягона нест, лекин, ба ҳар ҳол, мақсаду маромиҳамаи муаллифон танҳо аз муайян намудани як масъала – масъалаи мавҷудияти диалектизмҳои лексикӣ дар таркиби луғавии лаҳҷаҳои маҳаллӣ ва моли худи лаҳҷа будани он иборат асту бас» [Исмоилов, 2018, с.53].

Олими тоҷик М. Эшниёзов дар таҳқиқ ва таснифи гӯйишҳои тоҷикӣ нақши босазо гузошта, маҳз ӯ зарурати ба таври алоҳида баррасӣ намудани калимаҳои хоси шеваро таъкид намуда буд [Эшниёзов, 1977, с. 35]. Ин равия дар корҳои илмии олим баъдан вусъат пайдо кард. Соли 1999 китоби ӯ таҳти унвони «Қазияи вожаномановисӣ ва харитабардории хусусиятҳои лаҳҷавӣ» аз чоп баромад, ки дар он беш аз 10000 калимаҳои лаҳҷавӣ бо шарҳи маънӣ оварда мешаванд. Муҳаққиқ омӯзиш ва таснифи луғати лаҳҷаҳоро аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мутахассисони соҳа меҳисобад: «Пажуҳишҳои ҳарҷониба оид ба ҷиҳатҳои гуногуни луғати лаҳҷаҳо дар забоншиносӣ зарурат ва аҳамияти илмию амалии бузурге дорад, зеро натоиҷ, хулоса ва маводи онҳо дар маворидиҳои сохтани вожаномаи умумии лаҳҷавӣ, бунёд сохтани атласи лаҳҷавӣ, тартиб додани васоит ва дастурҳои таълимӣ оид ба лаҳҷашиносӣ ва таърихи забони тоҷикӣ истифода бурда мешавад»[Эшниёзов, 1999, с.5].

Баррасии хусусиятҳои луғавии лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар даҳсолаи охир вусъат пайдо кардааст. Дар ин ҷода корҳои таҳқиқотии муҳаққиқони лаҳҷаҳои ҷанубӣ Н. Гадоев «Лексикаи лаҳҷаи Тагнов» [Гадоев, 2012], И.З. Замонов «Лексикаи лаҳҷаи Даштиҷум» [Замонов, 2009], Ҷ. Саидов

«Лексикаи лаҳҷаи Муъминобод» [Саидов, 2017] барои омӯзиши қабатҳои лексикии лаҳҷаҳо, бахусус калимаҳои хоси шева, тадвини луғатҳои шевагӣ ва таснифи гурӯҳи лаҳҷаҳои ба ҳам наздик замина ба вуҷуд меоранд. Забоншинос И.Сулаймонов хусусиятҳои лексикии лаҳҷаҳои кӯҳистонрӯяи ноҳияи Ҳисорро ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор додааст, ки дар кори ӯ ба калимаҳои хоси шева ва дараҷабандиву доираи истеъмоли ин гурӯҳи луғавӣ диққати махсус дода шудааст [Сулаймонов, 2019].

Соли 2020 рисолаи илмии Б. Муминова таҳти унвони «Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон» рӯи кор омад, ки муҳаққиқ бори аввал ба таври мукаммал таркиби луғавии лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахонро баррасӣ намудааст ва аз нигоҳи ӯ он «асосан аз ду гурӯҳи калимаҳо иборат аст: вожаҳои умумитоҷикӣ ва диалектизмҳои лексикӣ, ки онҳо, аз як тараф, робитаи лаҳҷаи мазкурро бо забони адабӣ барқарор намоянд, аз тарафи дигар, миёни онҳо тафовут мегузоранд» [Муминова, 2020, с.12].

Бояд қайд намуд, ки дар таҳқиқоти мазкур калимаҳои хоси шева дар доираи диалектизмҳои нопурра, диалектизмҳои лексикии пурраи мухолиф, диалектизмҳои лексикии пурраи ғайримухолиф мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

2. Дар луғатномаҳои фарогири маводи лаҳҷаҳо ишора ва қайди олимон дар хусуси калимаҳои хоси шева мавқеи хос дорад. Олимон ҳангоми гурӯҳбандии луғати лаҳҷаҳо ба ҷойгоҳи калимаҳои хоси шева таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, аз ин рӯ масъалаи мазкурро ба таври мухтасар баррасӣ намудан ба манфиати кор мебошад.

Анъанаи фарҳангнигории форсу тоҷик таърихи қадима дошта, сарвати бузургеро дар бар мегирад. Назар ба маълумоти муқаддимаи «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (1969) теъдоди луғатҳои пешин даҳҳо ададро ташкил медиҳад. Махсусан мактаби фарҳангнигории Ҳинд, ки дар

асрҳои XV-XVI баъди дар Ҳиндустон барқарор шудани ҳокимияти Темуриён ва нуфуз пайдо кардани забони форсӣ-тоҷикӣ таъсис ёфт, анъанаи фарҳангнигориро ниҳоят шуҳратманд гардонд. Вале дар байни даҳҳо луғатҳои пешину имрӯзи форсию тоҷикӣ то ҳол фарҳанге пайдо нашудааст, ки ба гуфтори сокинони як маҳал бахшида шуда бошад. Бинобар ин ташаббуси кормандони собиқ шуъбаи лаҳҷашиносии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ибтидои солҳои 70-уми асри гузашта оғоз ёфта буд, дар таърихи фарҳангнигории форсу тоҷик анъанаи нав ба шумор меравад. Агар луғатномаҳои лаҳҷавии тоҷикӣ-русии В.С. Расторгуева (1963) ва А.З. Розенфелдро (1982), ки ба маводи аз ҳар гӯшаҳои лаҳҷаҳои шимолу ҷануби Тоҷикистон асос ёфта буданд, истисно кунем, намунаи фарҳангҳои тахассусии лаҳҷавӣ аз интишори макети ҳарфи «д» (1971) ва чопи «Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро» (мураттибон М. Маҳмудов ва Б. Бердиев, 1989) оғоз гардидааст.

Дар таълифи луғатномаи лаҳҷаҳои тоҷикӣ диққати махсус бояд дод, ки ин қисмат вазъи қабатҳои луғавии ин ё он шеваҳои тоҷикиро ба таври воқеӣ акс менамояд. Албатта, дар баррасиву тасниф ва ифодаи маъноии калимаҳои хоси шева низ таҳияи луғатномаҳо аҳаммияти муҳим доранд. То соли 1970 баррасии қабатҳои луғавии лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба таври сатҳӣ сурат гирифта, забоншиносон ҷанбаҳои назариявии ин бахшро ба таври мукаммал мавриди омӯзишқарорнадодаанд, ки ин омил бесабаб набуд: баррасии хусусиятҳои луғавӣ, сарфӣ ва наҳвии лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар доираи васеъ, таҳияи луғатномаҳои шеваҳои тоҷикӣ, дараҷаи номукаммали омӯзиши ин ё он лаҳҷаҳо ва ғ. ба ин раванд таъсири худро мегузоштанд. Дар мавриди таҳияи «Луғати шеваҳои ҷанубӣ» (макети ҳарфи «д») муҳаққиқ Т. Мақсудов [Мақсудов, 1977, 16] бевосита ба масъалаи меъёрҳои шинохти калимаҳои хоси шева то андозае дахл намудааст. Гурӯҳи

кормандони шуъбаи лаҳҷашиносӣ мувофиқи нақша ва дастурамали муайян солиёни дароз ба ҷамъоварии сарвати луғавии яке аз шеваҳои калонтарини забони тоҷикӣ– лаҳҷаҳои ҷанубӣ, ки маҳалҳои водиҳои Рашту Вахё, минтақаи Кӯлоб, тоҷикони Бадахшон (Ғорон, тоҷикзабонони Ишкошиму Вахон) -ро дар бар гирифта, то Ҳисори Шодмон доман паҳн кардааст, машғул шуда, фарҳанги ин лаҳҷаҳоро тартиб додаанд. Қисми ин фарҳанг соли 1997 (мураттибон М.Маҳмудов ва Ғ.Ҷӯраев) ба табъ расида бошад ҳам, бахши дигар номатбуъ монда буд. Баъди таҷдиди назар кардан, иловаи маводи фаровон фарҳанги мазкур таҳти унвони «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» (мураттибон Мансур Маҳмудов, Ғаффор Ҷӯраев, Баҳром Бердиев) дар шакли мукаммал ба табъ расид [ФГҶЗТ, 2017].

Воқеан, «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» чун дастоварди бузург дар таҳияи бахши луғавии лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба шумор рафта, сохтори он аз анъанаҳои навини луғатнигории бахши лаҳҷашиносӣ бархурдор мебошад, ки баррасии онҳо дар шинохти меъёрҳои забонии қабатҳои луғавии лаҳҷаҳо аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Дар луғатнигории бахши лаҳҷа ду навъи фарҳанг маъруф мебошад: луғати пурраи лаҳҷаҳо (ин равия аз ҷониби профессор Б.А. Ларин роҳандозӣ гардидааст) ва луғати шевагии хоса [Ларин, 1961]. Ҳангоми таҳияи ду луғати пурра – луғати русии водии Деулинои ноҳияи Рязан ва луғати полякии Хелину Дибжинский профессор Ф.П. Филин ба хулосае омад, ки таҳияи луғати пурраи лаҳҷаҳо аз нигоҳи назария қобили қабул бошад ҳам, дар амал имконнопазир аст. Ногуфта намонад, ки таҳияи луғати хоса низ кори саҳл набуда, дар тадвини ин навъи фарҳанг низ мушкилиҳои зиёде пеш меояд: ҳукми қотеъ дар муайян намудани калимаи соф лаҳҷавӣ баҳсталаб ба назар мерасад; дар ин навъи луғатҳо тобишҳои маъноӣ ва хусусиятҳои услубии калимаҳо пурра акс намеёбад; дар ин навъи луғатҳо диалектизмҳои фонетикӣ-лексикӣ

оварда намешаванд. «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» луғати хоссаи лаҳҷаҳои ҷанубро дар бар гирифтааст. Муайян намудани меъёри диалектизмҳои лексикӣ ва ҳудуди интишори онҳо дар забоншиносии тоҷик таҳқиқталаб ба назар мерасад. Барои муайян сохтани диалектизмҳои лексикӣ маводи фаровони лаҳҷаҳои минтақаҳои муайян дар доираи як система ва микросистемаҳо имкон фароҳам меоварад. Албатта, ин кор таҳқиқи амиқ ва вақти зиёдро талаб менамояд. Мураттибони «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» дар муайян намудани калимаҳои лаҳҷавӣ вобаста ба ҳудуди ҷуғрофӣ чаҳор навъи калимаҳои лаҳҷавиро гурӯҳбандӣ намудаанд:

1) калимаҳое, ки ба як қисм ва тамоми лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хос буда, дар забони адабиву шеваҳои дигар дучор намешаванд: **угам (**баъд, сонӣ), **ҷиғаридан (**афтондан, вайрон шудан, гаштани девор), **такидан (**афшондан), **варавӣ (**хурдӣ) ва ғ.;

2) диалектизмҳо, ки дар байни худи шеваҳо, аз як тараф, ва дар байни шеваҳою забони адабӣ, аз тарафи дигар, шаклан муштарак буда, аз ҷиҳати маънӣ фарқдоранд. Масалан, калимаи **диёр** дар луғатҳо «кишвар, мамлакат» шарҳ ёфтааст, вале дар чанде аз лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба маънии «наздик», «қариб», «намоён» истифода мешавад;

3) гурӯҳи сеюми диалектизмҳои луғавӣ ва истеъмоли онҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ мебошад, ки маънии навро касб намудаанд. Мисол, калимаи **лаб** дар шакли **лаб** дар забони адабӣ роиҷ аст, вале дар таркиби воҳидҳои фразеологии **лави лата (**ба маънии зан, заиф), **лаву лаҳҷа (**сайругашт), **лав задан (**хуфтан), **лав тайи дандун истодан (**сабру тоқат кардан), **пати лав кадан (**ба синну соли балоғат расидан), **ай лаву даҳан гаштан (**бисёр хӯрдан, аз ҳад зиёд сер шудан) ва ғ. маъниҳои навро касб намудааст;

4) гурӯҳи чорумро калимаҳое ташкил додаанд, ки ба тағйироти ҷиддии фонетикӣ дучор шудаанд ва онҳо барои намояндагони шеваҳои

дигар фаҳмо набуда, ниёз ба шарҳу эзоҳ доранд: **есйов (**осиёб), **ҳақов (**уқоб), **амра (**ҳамроҳ) ва ғ.

Гурӯҳбандии калимаҳои лаҳҷавӣ аз ҷониби мураттибони «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» ба таври дақиқи илмӣ сурат гирифта, ин заминагузорӣ дар муайян намудани меъёри шинохт ва ҳудуди истифодаи диалектизмҳои лексикӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Бартарии «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» дар он аст, ки хусусиятҳои ҳудудии диалектизмҳои луғавӣ ва маъноӣ бо ишораҳои ҷуғрофӣ маълум карда мешаванд. Маводи «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ»-ро, ки дар асоси захираи илмии шуъбаи лаҳҷашиносии Институти забон ва адабиёти АИ Тоҷикистон таҳия гардида, теъдоди баргаҳо (карточкаҳо) -и он ба 100 ҳазор адад мерасад, аз се қисмати асосӣ иборат аст:

1. Калимаҳои умумихалқӣ. Ин навъи калимаҳо дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» ба чор зергурӯҳ ҷудо шудаанд: а) аз рӯи шакл бо забони адабӣ мувофиқати пурраи шаклӣ ва маъноӣ доранд: **даст**, **дар**, **дарахт**, **даҳан**; б) дар намуди тағйирёфтаи фонетикӣ **дъст**, **да**, **дърахт**, **даҳа**; в) ба шакли пурраи сохти морфологӣ **имрӯзина**, **хонавода**, **бозоракӣ** ва ғайра; г) дар таркиби ибораҳои махсуси фразеологӣ: **да (дар) дъл шиштан (**маъқул шудан), **куракӣкардан (**ба маънои «фиреб кардан» «худро аз коре канор гирифтан») ва ғайра.

2. **Калимаҳои хоси шева ё диалектизмҳо**. Вобаста ба ҳудуди ҷуғрофӣ дар Фарҳанг ду навъи диалектизмҳо қайд мешавад: а) диалектизмҳое, ки барои ҳама ё худ бештари лаҳҷаҳои ҷанубӣ хосанд: **чъхт** ё **чухт (**ба маънии «рост»), **ғажд (**ба маънии «ифлос») ва ғайра; б) диалектизмҳое, ки барои як ё якчанд маҳалли ҷудогона хосанд: **ма (**модар), **да (**падар), **мъхидан (**руст шудан, пинҳон шудан) ва ғайра.

3. **Калимаҳои адабии китобӣ**: калимаҳое, ки дар адабиёти классикӣ дучор омада, ҳоло дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ё баъзе аз онҳо мустаъмаланд:

«**ҳин**» ба маънии «вақт», «**тъндар**» ба маънии «раъду барқ», **анбу (**анбон), **гъроз (**нархуки ваҳшӣ) ва ғайра.

Албатта, дар асоси таҳияи луғати мукаммали лаҳҷаҳои тоҷикӣ раванди таърихии забони тоҷикӣ муайян мегардад ва дар ин замина таҳияи «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ»-ро иқдоми нақиб дар тадвини фарҳангҳои хоссаи лаҳҷавӣ метавон шумурд. Ин фарҳанг дар шакли мукаммал ва аз нигоҳи назариявӣ пухта тарҳрезигашта ба ҳисоб рафта, мураттибони он дар амалия ба бунёди луғатнигории бахши лаҳҷашиносии тоҷик заминаи мусоид фароҳам овардаанд.

Дар даҳсолаи охир раванди тадвину баррасии луғоти лаҳҷаҳои тоҷикӣ ҷараёни тоза касб намудааст [Маҳмудов, Ҷӯраев, 2013; Анварӣ, 2010]. Таълифи китоби «Луғати мунтахаби калимаҳои хоси шева»-ро дар забоншиносии тоҷик навгонӣ метавон ҳисобид, ки дар он бори аввал дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ калимаҳои хоси шева (асосан, диалектизмҳои лексикии пурра) гирдоварӣ шудаанд [ЛМКХШ, 2018].

Бояд қайд намоем, ки дар забоншиносии тоҷик бори аввал ба таври дақиқ луғати хоссаи лаҳҷаҳо гирдоварӣ шуда, мураттибон дар ин китоб кӯшиш ба харҷ додаанд, ки бо меъёрҳои мушаххаси савтӣ, сарфӣ ва наҳвӣ тавофути лексикаи умумихалқӣ ва калимаҳои хоси шеваро баррасӣнамоянд. Дар асоси ин луғатнома метавон калимаҳои хоси шеваи дигар лаҳҷаҳои тоҷикро гирдоварӣ намуд.

Дар китоби «Луғати мунтахаби калимаҳои хоси шева» дар баробари меъёри диалектизмҳои лексикӣ, ҳудуди интишори онҳо дар зербобҳои дигар таҳқиқ шудааст. Муҳаққиқон вобаста ба ҳудуди интишор ба тағйироти шаклӣ ва маъноӣ дучор гардидани калимаҳоро бо мисолҳои фаровон нишон додаанд. Бояд қайд намоем, ки дақиқ муайян кардани ҳудуди диалектизмҳои лексикӣ ва тобиши услубии онҳо фақат дар сурати ҷамъоварӣ ва тадвини луғатҳои ҳамаи шеваҳои забони

тоҷикӣ имконпазир мегардад, ки ин аз вазифаҳои дурнамои лаҳҷашиносон ба шумор меравад.

3. Ҳангоми баррасии таҳқиқи масъалаи калимаҳои хоси шева дар забоншиносии тоҷик мавриди таваҷҷуҳ қарор додани як нуктаи муҳимми таърихӣ зарур ба шумор меравад. Як роҳи ба қатори лексикаи устувори лаҳҷаҳо гузаштани калимаҳо ин ба хусусияти таърихии корбасти онҳо вобастагӣ дошта, табиати лаҳҷаҳо имкони ҳазорсолаҳо маҳфуз мондани калимаҳои асили тоҷикиро фароҳам меорад, ки онҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ корбаст намешаванд. Раванди ба қатори лексикаи ғайрифаъол гузаштани калимаҳо ва маъниҳои нави забонӣ касб намудани онҳоро забоншинос Ш. Исмоилов хуб ба қалам медиҳад: «Вале лексика на танҳо пайваста инкишоф меёбад ва имкониятҳои дохилии худро истифода менамояд, ҳамчунин иддае дорои худро бо мурури замон аз даст медиҳад. Ҳодисаи мазкур ба ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҷомеа марбут аст. Зеро бо гузашти айём баъзе предметҳо ё ходисаҳои олами воқеӣ аз истифода мемонанд ва рафта-рафта нобуд ҳам мешаванд. Вале калимаю истилоҳот якбора ва ба таври оҷил аз байн намераванд. Аввал куҳна мегарданд, аз қабати фаъоли лексика ба қабати ғайрифаъол мегузаранд ва оҳиста-оҳиста доираи истеъмоли онҳо маҳдуд гашта, аз таркиби луғавӣ берун меафтанд. Бо вуҷуди ин, на ҳама калимаҳое, ки реалияи онҳо нобуд мешавад, ё доираи маҳдуди истеъмолӣ пайдо мекунад, аз забон бенишон гум мегарданд. Не, ин тавр нест. Зеро бисёре аз онҳо ба қисмати ғайрифаъоли лексика гузашта, вазифаҳои нав пайдо мекунанд ва дар иҷрои он вазифаҳои нав дуру дароз маҳфуз мемонанд» [Исмоилов, 2019, с.260-261].

Маҳз ҳамин хусусияти калимаҳо дар корҳои зиёди забоншиносии тоҷик таҳқиқ гаштааст, ки вобаста ба мавзуи рисолаи илмӣ онҳоро мухтасаран шарҳу тавзеҳи илмӣ медиҳем. Масъалаи маҳфуз мондани

калимаҳои асили тоҷикӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ҳанӯз дар солҳои 60-70-уми асри XX диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намуда буд. Муҳаққиқи рус А.З. Розенфелд маҳфуз мондани шаклу қолибҳои таърихии забонро дар асоси маводи шеваи ҷануби шарқии забони тоҷикӣ ҳанӯз соли 1964 мухтасаран таҳқиқ намудааст [Розенфелд, 1964, с. 25]. Хусусиятҳои таърихии забони мардуми Ванҷ мавриди омӯзиши забоншинос Х. Вазирова қарор гирифта буд [Вазирова, 1970, с. 75]. Дар ҳамин давра профессор Ш. Исмоилов муносибати таърихии лексикаи шеваҳои Қаротегинро бо забони адабии пешина баррасӣ намудааст [Исмоилов, 1974, с.19].

Ин ҷанбаи калимаҳои асили тоҷикӣ ва корбасти онҳо дар лаҳҷаҳо дар асарҳои мукаммали профессор А. Ҳасанов ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифта, муқоисаи маводи забони осори классикон ва лаҳҷаҳои шимолии забони тоҷикӣ дар силсилатаҳқиқотҳои ӯ [А. Ҳасанов 1999; 2002; 2003] саҳеҳ акс ёфтааст ва ин усули таҳқиқотро метавон дар оянда, бо дарназардошти муайянсозии раванди таърихии забони тоҷикӣ ва шеваҳои он, такмил бахшид. Дар даҳсолаи охир омӯзиши ин хусусияти таърихии забон дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар корҳои таҳқиқотии Ф. Убайдов ва С. Қурбонов раванди устувор касб намуд [Убайдов, 2011; 2013; 2019; Қурбонов, 2008; 2017; 2018].

4. Дар забоншиносии тоҷик ҷараёни омӯзиши корбасти диалектизмҳо дар асоси осори шоирону нависандагон аз забоншиносии рус сарчашма гирифта, дар ин ҷода мафҳуми илмии диалектизмҳо хусусияти умумӣ касб менамояд, яъне дар ин маврид дараҷаи корбасти лексикаи лаҳҷавӣ дар осори нависанда ё шоир маҳдуд буда, хусусиятҳои забонии ин қабати лексикӣ бештар дар доираи услубшиносӣ таҳқиқ мешавад. Ба андешаи муҳаққиқ Ш. Раҳимова, «Иддае агар ба он (яъне истифодаи унсурҳои маҳаллӣ – Қ.С.) аз мавқеи танқидӣ нигоҳ карда, унсурҳои ғайриадабиро бо роҳи интихоб ва софкорӣ истифода намоянд,

баъзеи дигар байни чизҳои нағзу бад чандон фарқ нагузошта, сарвати шевагиро бидуни санҷишу сайқал ва ё бе заруриати услубӣ ба кор мебаранд, ки дар натиҷа покӣ ва фасоҳати забони адабиёти бадеӣ ва умуман, забони адабӣ халал меёбад. Ин аст, ки муайян намудани мавқеъ, зарурат ва вазифаҳои услубии унсурҳои шевагӣ яке аз мавзуъҳои ҳам аз ҷиҳати назарӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ аҳаммиятноки услубшиносӣ ва маданияти нутқ ба шумор меравад. Бесабаб нест, ки мавзуи мазкур дар забоншиносии халқҳои гуногун ҳамеша дар маркази диққат қарор гирифтааст» [Раҳимова, 2013, с.6].

Бо вуҷуди ин, арзиши илмии ин қабил таҳқиқотҳоро дар баррасии хусусиятҳои забонии лексикаи лаҳҷавӣ, ифодаи маънои онҳо, шаклгириҳои савтию сарфии онҳо муҳим метавон арзёбӣ намуд.

Забоншинос Х. Ҳусейнов дар забоншиносии тоҷик аз аввалин нафаронест, ки диалектизмҳоро дар асоси ҳикояҳои Ҳаким Карим мавриди омӯзиш қарор дода, дар мақолаҳояш мухтасаран ба таснифоти ин қабати луғавӣ дахл намудааст [Ҳусейнов, 1964, с.58]. Муҳаққиқ Х. Ҳусейнов диалектизмҳоро ба гурӯҳҳои фонетикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ ва луғавӣ тасниф намудааст. Ҷанбаи назариявии ин гурӯҳбандӣ аз забоншиносии рус маншаъ мегирад. Дар таснифоти ӯ вобаста ба дараҷаи истеъмоли калимаҳои шевагӣ корбасти истилоҳҳои «васеъистеъмол» ва «маҳдудистеъмол»-ро дучор меоем [Ҳусейнов, 1964, с.66], ки баъдан ин ақида бо истилоҳҳои гуногун иваз гардид. Бояд қайд намоем, ки дар асоси урфу одатҳои маҳаллӣ шакл гирифтани ин гурӯҳи луғавиро ӯ қайд намуда, дар қолибҳои сарфиву наҳвии гуногун корбаст шудани диалектизмҳо, аз ҷумла фразеологизмҳои лаҳҷавиро, мухтасаран баррасӣ намудааст.

Забоншиносон зарурати фарқияти калимаҳои умумихалқӣ ва калимаҳои хоси шеваро дарк намуда, барои такмили ҷанбаи назариявии ин масъалаи муҳим баъзе таҳқиқотҳо ба анҷом расонидаанд, ки дар онҳо

истилоҳҳои махсус дар ифодаи ин қабатҳои луғавӣ корбаст мешавад. Забоншинос Р. Ғаффоров дар ин маврид истилоҳҳои «калимаҳои умумӣ» ва «хосса»-ро ба кор мебарад [Ғаффоров, 1990, с.14]. Забоншинос фарқияти калимаҳои умумиистеъмолӣ ва лексикаи хоссаи лаҳҷаҳоро ҳангоми корбасти онҳо дар асарҳои бадеӣ ба таври возеҳ баён мекунад: «… баъзеҳо нутқи қаҳрамони асари худро бо ёрии унсурҳои лаҳҷавӣ, баъзеи дигар дар заминаи забони умумихалқӣ фардӣ мекунанд» [Ғаффоров, 1977, с.149].

Дар ин самт таҳқиқоти забоншинос Ш. Раҳимова таҳти унвони «Диалектизмҳо ва вазифаҳои услубии онҳо дар адабиёти бадеӣ (Дар асоси маводи асарҳои Ҷалол Икромӣ) [Раҳимова, 2013] мукаммал ба назар расида, оид ба таснифот ва корбасту ифодаи маъноии ин қабати луғавӣ андешаҳои ӯ ҷолиб мебошанд: «нуқтаи назари он олимоне, ки диалектизмҳоро ба навъҳои луғавӣ, фонетикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ ҷудо намуда, гурӯҳи луғавиро боз ба луғавии хоса, семантикӣ, фразеологӣ ва этнографӣ тақсим кардаанд, қобили қабул буда, моҳияти масъаларо комилан дуруст акс менамояд»[Раҳимова, 2013, с.21].

Дар рисолаи номзадии Ҷ. Саидова диалектизмҳо ва хусусиятҳои услубии онҳо дар асарҳои Абдулҳамид Самад таҳқиқ гардида, муаллифи рисола дар лаҳҷаҳо ва услуби бадеӣ гуногунвазифа будани ин навъи калимаҳоро таъкид менамояд. Ҷолиби диққат аст, ки ӯ як боби рисолаашро «Дилектизмҳои лексикии хосса дар асарҳои А. Самад» унвон карда, ин гурӯҳи калимаҳоро вобаста ба хусусияти забониашон дар ду гурӯҳ: 1) диалектизмҳои лексикии хоссаи фарохистеъмол ва 2) диалектизмҳои маҳдудистеъмол тасниф менамояд. Ин равия ва таснифоти ӯ аз таҳқиқоти забоншинос Х. Ҳусейнов сарчашма гирифтааст. Ба андешаи Ҷ. Саидова, «Воқеан, дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ диалектизмҳои лексикӣ дар як сатҳ истеъмол намеёбанд. Аз ҳамин ҷиҳат, дар асарҳои бадеӣ диалектизмҳои лексикие дучор меоянд, ки ба як лаҳҷа,

ҳатто ба як маҳал дахл доранд, аммо боз диалектизмҳои лексикиеро метавон дучор омад, ки дар доираи чанд лаҳҷа ба кор мераванд» [Саидова, 2019, с.30].

5. Дар лаҳҷашиносии тоҷик омӯзиши мавзуии таркиби луғати лаҳҷа ба ҳукми анъана даромадааст, ки ин таҳқиқотҳо барои равшанӣ андохтан ба бисёр масъалаҳои марбути калимаҳои хоси шева кумак мерасонанд. Таҳқиқи истилоҳоти соҳавӣ дар асоси маводи лаҳҷа аз соли 1950 шуруъ гардида буд. Олими рус А.К. Писарчик ҳанӯз дар соли 1954 оид ба корбасти истилоҳоти масолеҳи сохтмонии водии Фарғона дар асрҳои XIX–XX, инчунин ифодаи мафҳуми хешутабории тоҷикон маълумоти муфассал оварда буд [Писарчик, 1954; 1954]. Баъдан дар корҳои илмии муҳаққиқон В. Қосимов,З. Зайниддинова, Н. Шарофов, Ҳ. Бурҳонова, Ҷ. Мурватов, Р. Маъруфов лексикаи этнографӣ, касбу ҳунар, калимаҳои соҳаи чорводорӣ, мафҳумҳои ифодакунандаи хешутаборӣ, истилоҳоти кордсозӣ ва ғ. дар забони адабӣ ва лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба таври мухтасар баррасӣ шудаанд, ки андешаи муҳаққиқон оид ба қабатҳои луғавӣ аҳаммияти илмӣ дорад [Қосимов,1968,.с 49; Кисляков, 1969, с.29-58, Зайниддинова, 1973, с.174 Шарофов, 1976; Бурҳонова, 1980; Мурватов, 1980; Маъруфов, 1985, с.23; Бердиқулов, 1992 вағ.].

Дар ду даҳсолаи охир баррасии истилоҳоти соҳавӣ бар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикӣ вусъат пайдо кард. Дар асару мақолаҳои забоншиносон баррасии лексикаи сарулибос [Ҳалимова, 2001], истилоҳоти кордсозӣ ва ангурпарварӣ [Маҳмудов, 2005; 2006], лексикаи маросим [Зикриёев, 2004], мафҳумҳои ифодакунандаи ҳодисаҳои табиат [Сулаймонов, 2007], номи анвои гиёҳҳо, пазандагӣ [Сангинова, 2008], касбу ҳунар [Ӯзбеков, 2012], соҳаи чорводорӣ ва кишоварзӣ [Саидов, 2012; Шарифова, 2014]; истилоҳоти хешутаборӣ [Саидов, 2012; Каримова, 2017], истилоҳоти ҷашни арӯсӣ [Раҳматуллозода, 2013] ва ғ. ба таври возеҳ акс ёфта, тавассути ин таҳқиқотҳо мавқеи калимаҳои хоси шеваро

дар доираи истилоҳоти коргузории лаҳҷаҳо ба таври умумӣ метавон арзёбӣ кард.

Кори илмии профессор С. Раҳматуллозода – «Баррасии лингвистии гурӯҳҳои мавзуии таркиби луғати лаҳҷа» [Раҳматуллозода, 2014] дар ин самти омӯзиши луғати лаҳҷаҳо равияи нави таҳқиқотиро ба миён овард, ки дар асоси он таснифи мавзуии луғоти лаҳҷаҳои тоҷикӣ вобаста ба хусусиятҳои забониашон саҳеҳ баррасӣ хоҳанд шуд. Дар ин асар хусусиятҳои луғавию семантикӣ ва сохтории гурӯҳҳои мавзуии таркиби луғати шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ дар доираи 9 гурӯҳи мавзуӣ баррасӣ шудааст. Назар ба гуфтаи муаллиф, дар таҳқиқоти мазкур «Калимаю истилоҳоти таҳлилшудаи шеваҳо сирф хоси шева нестанд, балки қисми зиёди онҳо хусусияти умумиистеъмолӣ доранд ва барои ҳамаи тоҷикон фаҳмоанд. Дар саросари кор зимни баррасии калимаю истилоҳоти соҳаҳои гуногун вобастагии онҳо ба калимаҳои умумихалқӣ ва минтақавӣ нишон дода мешавад, ки яке аз нишонаҳои асосии баррасии калимаҳо ба шумор меравад» [Раҳматуллозода, 2014, с.286].

Воқеан, дар доираи шеваҳои гуногун ҷамъоварии мавод, таснифи мавзуии онҳо, дараҷаи корбаст, ифодаҳои маъноии онҳо кори саҳл набуда, натиҷагирии илмӣ дар ин самт заҳмати зиёдро талаб менамояд, ки рӯйи чоп омадани ин қабил асарҳо ба бисёр масъалаҳои баҳсталаби соҳаи мазкур дар лаҳҷаҳо равшанӣ меандозад.

Таҳқиқоти С. Юсупова таҳти унвони «Таҳқиқи луғавӣ-семантикӣ ва сохтории воҳидҳои луғавии марбут ба наботот дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ» [Юсупова, 2019] асари мукаммали илмӣ ба ҳисоб рафта, номи анвои мева, зироат, алафу гиёҳҳо аз ҷиҳати пайдоиш, ифодаи маъноӣ, дараҷаи корбаст, шаклгирии морфологӣ ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ба роҳҳои пайдоиш, тарзҳои номгузории онҳо аз тарафи мардум ва ҳудуди интишори локалии онҳо диққати махсус дода шудааст. Муаллифи ин рисола нақши унсурҳои

калимасоз ва роҳҳои шалкгириҳои гуногуни морфологиро дар ин қабати лексикӣ бо дарназардошти омилҳои забонӣ саҳеҳ гурӯҳбандӣ намуда, дараҷаи корбасти ин ё он воситаи калимасозро бо мисолҳои фаровон қайд менамояд. Дар шакли ибораҳои гуногун қолиббандӣ гардидани ин навъи калимаҳоро муҳаққиқ аз рӯйи усули маъмулии наҳвӣ баррасӣ намудааст, ки хулосаҳои ӯ оид ба ин шаклгириҳо лоиқи дастгирист. Дар ин асар маводи фаровони илмӣ истифода шудааст ва муаллифи он бо калимаҳои хоси шева ифода гардидани воҳидҳои луғавии марбут ба набототро метавонист ба таври ҷудогона баррасӣ намояд.

6. Дар забоншиносии тоҷик таҳқиқи хусусиятҳои назариявии масъалаи калимаҳои хоси шева, баррасии хусусиятҳои забонии ин қабати лексикӣ, таснифи онҳо низ мавқеи муҳим дошта, бо дарназардошти дар зербоби «Мафҳуми калимаҳои хоси шева» ба таври васеъ баррасӣ шудани онҳо, ин асарҳоро номбар намуда, паҳлуҳои муҳимми ин таҳқиқотҳоро мухтасаран шарҳ медиҳем. Бо вуҷуди ишораҳои умумӣ ва қайдҳои алоҳидаи забоншиносон таснифоти мукаммали қабатҳои луғавии лаҳҷаҳо ҳамоно баҳсталаб ба назар мерасад. Ин масъала ба таври илмӣ бештар аз ҷониби профессор Ғ. Ҷӯраев таҳқиқ гардида [Ҷӯраев, 1977; 2007, с.29; 2015, с.9], муҳаққиқ аломатҳои фарққунандаи калимаҳои хоси шеваро мушаххас овардааст, дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикӣ ҷанбаҳои ташаккули ин қабил калимаҳоро тасниф намудааст [Ҷӯраев, 1992].

Профессор Ш. Исмоилов ҳангоми баррасии қабатҳои лексикӣ-семантикии шеваҳои Қаротегин ба табиати хоссаи лаҳҷаҳо, хусусиятҳои маъноӣ ва семантикии калимаҳо дар таркиби луғати лаҳҷа эътибори махсус додааст [Ш. Исмоилов, 2018], ки он барои таҳқиқи хусусиятҳои забонии калимаҳои хоси шева аҳаммияти калон дорад.

Таснифи қабатҳои луғавии лаҳҷаҳо ва баррасии қисмати назариявии онҳо барои таҳқиқотҳои оянда дар омӯзиши бевоситаи

диалектизмҳои лексикӣ [Гадоев, 2007, с.73; Сангинов Р., 2007, с.42; Қурбонов, 2017, с.25; 2018, с.106; Замонов 2008, с.10; 2008, с. 80; Каримова М., 2018, с.94; Шодиев, 2022] ва ғ., инчунин гурӯҳбандии онҳо: диалектизмҳои нопурра [Гадоев 2012, с.47] ва пурраи лексикӣ [Замонов, 2015, с.51] замина фароҳам овард.

Муҳаққиқони шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ Н. Гадоев ва З. Замонов дар чанд мақолаи илмӣ калимаҳои хоси шеваро бо такя ба андешаҳои илмии профессор Ғ.Ҷӯраев дар гурӯҳҳои алоҳида: диалектизмҳои лексикии пурра ва нопурра таҳқиқ намудаанд, ки ин иқдом барои таҳқиқи хусусиятҳои луғавии лаҳҷаҳо ҷараёни нави таҳқиқотӣ ба миён меорад [Гадоев, 2007, с.20; Замонов, 2008].

1.3. Мафҳуми калимаҳои хоси шева ва таснифоти он

Дар забоншиносӣ таснифи қабатҳои луғавии лаҳҷаҳо ҳамоно ниёз ба таҳқиқоти илмӣ дошта, табиати забони зиндаи халқ аз шаклгириҳои таърихиву пайдоиши навгониҳо дар ҳамаи бахшҳои забонӣ барҳӯрдор мебошад, ки маҳз ҳамин омилҳо духӯрагиҳои зиёдро ба миён меоранд. Муқоисаи таркиби луғати лаҳҷа аз забони адабӣ шуруъ гардида, дар доираи шеваҳои алоҳида, гурӯҳҳои алоҳидаи як шева ва ё лаҳҷаҳои ба ҳам наздики як зергурӯҳ идома пайдо мекунад.

Дар таҳқиқи қабатҳои луғавии лаҳҷаҳо истилоҳоти зиёд: лексикаи умумихалқӣ, лексикаи лаҳҷавӣ, калимаҳои хоси шева, диалектизмҳо (фонетикӣ, морфологӣ, семантикӣ, этнографӣ), диалектизмҳои лексикӣ (диалектизмҳои лексикии пурра ва нопурра – Ҷӯраев), калимаҳои сирф шевагӣ [Раҳматуллозода, 2014, с.200], луғати пурраи лаҳҷаҳо, луғати шевагии хоса [Ларин, 1961], диалектизмҳои «васеъистеъмол» ва «маҳдудистеъмол» [Ҳусейнов, 1964], калимаҳои лаҳҷавӣ [Исмоилов, 2018, с.52] ва ғайра ба кор бурда мешаванд, ки ин худ аз таҳқиқталаб будани қабатҳои луғати лаҳҷаҳо гувоҳӣ медиҳад.

Дар таҳқиқотҳои соҳаи лаҳҷашиносӣ қабати луғати лаҳҷаҳоро, асосан, дар ду гурӯҳ тасниф намудаанд: умумихалқӣ ва хоси шева. Омӯзиши калимаҳои умумихалқӣ дар таҳқиқотҳои мавҷудаи соҳаи лаҳҷашиносӣ вобаста ба мавзуи онҳо ва усули таҳқиқот ба таври васеъ сурат гирифта, дар таҳқиқи қисмати дувум, яъне калимаҳои хоси шева, раванди тамоман дигарро мушоҳида менамоем. Барои равшанӣ андохтан ба ин масъала бояд омили асосии таснифоти калимаҳои умумихалқӣ ва калимаҳои хоси шева ба инобат гирифта шавад. Ҳангоми баррасии мафҳумҳои «калимаҳои умумихалқӣ» ва «калимаҳои хоси шева» ихтилофи назарро дар адабиёти соҳа мушоҳида менамоем. Масъалаи мазкур ҳанӯз дар соли 1964 диққати шевашиносони русро ба

худ ҷалб намуда буд, ки дар мавриди таҳқиқи муқоисавии лаҳҷаҳо бо забони адабӣ луғати лаҳҷаҳоро ба се гурӯҳ тасниф намуда буданд: калимаҳои умумиистеъмол; калимаҳои маҳдудистеъмоли дар забони адабӣ корбастшаванда ва калимаҳои маҳдудистеъмоле, ки дар доираи лаҳҷаҳои муайян истифода гардида, онҳо хоси забони адабӣ нестанд [РД, 1964, с.201].

Аз ин нуктаи илмӣ бармеояд, ки тафриқа миёни калимаҳои хоси шева ва лексикаи умумихалқӣ ба шарҳи илмӣ ниёз дорад.

Калимаҳои умумихалқӣ барои соҳибони забон фаҳмо буда, тағйироти савтию сарфии дар онҳо баамаломада барои дарки маънӣ халал намерасонад.

Мо бояд дар назар дошта бошем, ки маҳз калимаҳои хоси шева дар шинохти меъёрҳои забонии калимаҳои умумихалқӣ замина фароҳам меорад, яъне «дар ҳар лаҳҷа (ё шева) унсурҳои хоси лексикие мавҷуданд, ки онҳо якҷоя бо аломатҳои фарқгузори системаҳои дигар (фонетикӣ, грамматикӣ) -и он лаҳҷа (шева) -ро аз байни силсилаи лаҳҷаҳои дигари як забон ҷудо мекунанд, бо таъбири дигар, он лаҳҷаҳоро бо лаҳҷаҳои дигар ва забони адабӣ муқобил мегузоранд» [Ҷӯраев, 2017, с.18].

Дар забоншиносии тоҷик ба таҳқиқи калимаҳои умумихалқӣ корҳои зиёди илмӣ бахшида шудаанд, вале нуктаи мусаллам он аст, ки аёнияти ва фарқияти калимаҳои хоси шева ва лексикаи умумихалқӣ камтар диққати забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст.

Дар забоншиносии рус низ ба айнияти ва фарқияти калимаҳои умумихалқиву хоси шева таваҷҷуҳ камтар зоҳир шудааст. Гурӯҳе аз забоншиносон бар он ақидаанд, ки калимаҳои умумихалқӣ бо вуҷуди тағйироти шакливу маъноӣ барои соҳибони забон фаҳмо буда, «онҳо дар доираи шохаҳои мухталифи забони миллӣ истеъмол гардида, аз ҳудуди «як калима» берун намеоянд» [Блинова, 1973, с.39].

Барои таснифоти таркиби луғати лаҳҷаҳо ба назар гирифтани табиати забони зиндаи халқ – лаҳҷаҳо муҳим ба шумор меравад. Калимаҳои хоси шева бо гузашти вақт аз доираи забони адабӣ ва лексикаи умумихалқӣ ҷудо гардида, қабати махсуси луғавиро ташкил медиҳанд. Ба андешаи Р.Л.Неменова, «лаҳҷа калимаҳои умумихалқӣ – адабиро ба ҳоли худ намегузорад, балки ин қабил воҳидҳо як ҳиссаи асосии фонди луғавии ин ё он шеваро ташкил дода, бештаринашон ба тағйироти фонетикӣ ва маъноӣ дучор мешаванд» [Неменова, 1983, с.93].

Тағйироти овозиву морфологӣ дар як сатҳ зоҳир намегарданд. Ба андешаи забоншинос Ш. Кабиров, «Мусаллам аст, ки табиати забони тоҷикӣ ва дастгоҳи тавлиди овозии он дар тӯли асрҳо бетағйир намондааст. Бо вуҷуди он ки низоми савтиёт (унсурҳои савтӣ) нисбат ба дигар воҳидҳои забон камтар ба таҳаввулу тағйирот мувоҷеҳ мешаванд, лекин онҳо низ дар ҷараёни инкишофи таърихии забон аз ин доира мустасно нестанд ва зуҳури ҳодисаҳои савтӣ ба қонунияту меъёрҳои таърихӣ, забонӣ, арӯз, лаҳҷавӣ ва иқтибосӣ вобаста мебошанд» [Кабиров, 2021, с.20].

Дар ин самт низоми мураккаби забонӣ амал мекунад, ки вобаста ба шаклгирии воҳидҳои забонӣ, аз ҷумла калима, онро ба гурӯҳҳои зиёд метавон тасниф намуд:

1. Вобаста ба талаботи нутқ воҳидҳои забонӣ қисман ва ё пурра ихтисор мешаванд. Ҳангоми ихтисор гардидани калима дар забони адабӣ дарки маънӣ халал намеёбад. Ин ҳодиса дар забоншиносии тоҷик мавриди таҳқиқи пурра қарор нагирифтааст. Дар забони адабӣ, асосан, дар назм вобаста ба талаботи вазн шоирон калимаҳоро ихтисор менамоянд. Бояд қайд намуд, ки ихтисори калимаҳо дар назм меъёри муайян дошта, равонии сухан дар ин самт мавқеи муҳим дорад:

Акнун зи баҳори монавитабъ

Пурнақшу нигор ҳамчу Жанг [ОР, с.26]

Ихтисори калимаҳо дар назм дар се зина сурат мегирад:

Ихтисораҳои яккарата: Буумар (Абуумар), Бин Муҳаммад (Бинни Муҳаммад), м-ён, модандаро, Жанг (Аржанг), ма (н) ро, еч (ҳеҷ), камар-т, ман-т, анбарин-т, бигдохт, гар, ар ва ғайра.

Гуфт надонӣ сазош хезу фароз ор,

Он-к бигуфтӣ, чунон-к бояд натвон. [Рӯдакӣ, с.53]

Ихтисороти дукарата: в-еч, деш, к-ояд-т:

Хеш бегона гардад аз пайи диш (суд) ,

Хоҳӣ он рӯз музд камтар ди-ш (деш) [ОР, с.92]

***

Бонги зилла кар бихоҳад кард гӯш

В-еч н-осояд ба гармо аз хурӯш. [ОР, с.106]

Бояд қайд намоем, ки дар ихтисори дукарата ва зиёда аз он дар дарки маъно халал ворид мегардад. Ба ин масъала забоншинос М. Саломов дахл намудааст: «Шоирон барои он ки талаботҳои вазни арӯзро вобаста ба ҳиҷоҳои калима ба инобат гиранд, баъзе калимаҳоро дар шакли ихтисоршуда коҳиш медиҳанд. Дар ин маврид як калима пурра оварда мешавад ва аз калимаи дуюм танҳо як фонема зикр мегардад, ки берун аз матн он калима маъноеро ифода карда наметавонад. Масалан, дар байти зерин калимаи **инчунин**-ро шоир дар шакли **ин- ч** овардааст:

*Пӯсти суханат **ин-ч**гуфтем,*

Аз пӯст кӣ ёфт маҳзи он роз?» [Саломов, 2017, с. 71].

Вобаста ба талаботи нутқ ва равонии шеър ихтисори секаратаро низ мушоҳида менамоем. Ихтисороти секарата: в-ар-ч (ва агар чанд), в-ар-м (ва агар маро), в-ар-ш (ва агараш), к-ояд-т:

В-ар-м заифию бебудим набудӣ,

В-он-к набуд аз амири машриқ фармон [ОР, с.32]

***

<u>В-ар-ш</u> ба садр андарун нишаста бубинӣ,

Ҷазм бигӯй, ки зинда гашт Сулаймон. [ОР, с.28]

***

<u>В-ар-ч</u> бикӯшӣ ба ҷаҳди хеш бигӯӣ

В-ар чи кунӣ тез фаҳми хеш ба суҳон. [ОР, с.30]

***

Тӯшаи ҷони хеш аз ӯ бирабой,

Пеш <u>к-ояд-т</u> марги пойогеш. [ОР, с.92]

Аз мисолҳои осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бармеояд, ки ҳамаи ихтисораҳо вобаста ба талаботи вазни шеър ба амал омадаанд ва тахфифи калимаҳо ба дарки маънӣ халал ворид намесозад.

Дар забони халқӣ-гуфтугӯйӣ содагии ифода ва муъҷазбаёнӣ мавқеи муҳимро дорост. Дар ин замина дар шакли воҳидҳои забонӣ, бештар калима, акс ёфтани ин ҳодисаҳои зиёди забониро мушоҳида менамоем. Ба ихтисоршавии воҳидҳои забонӣ диққати махсус бояд дод, ки дар заминаи он воҳидҳои забонӣ ба тағйироти назарраси шаклӣ ва маъноӣ дучор мешаванд. Ба андешаи Ш. Кабиров, «Ҳодисаи ихтисоршавии вожа, ибора ва ҷумлаҳо хоси забонҳо буда, ба масъалаи сарфаи неруи гуфтор ва равонӣ иртибот дорад ва бояд зикр кард, ки ба масъалаи мазкур ҳанӯз дар асрхои XVII-XVIII аввалан олимони аврупоӣ ва баъдтар олимони шуравӣҳангоми сохтани забонҳои сунъӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, истилоҳи «сарфаи неру»-ро дар нисбати забон дар заминаи падидаҳои савтӣ, таҳаввулоти тадриҷии забон ва тамоюли аз мураккаббаёнӣ ба содаву кӯтоҳбаёнӣ мавриди истифода қарор дода буданд. Ин тамоюл дар забони тоҷикӣ ҷойгоҳи хос дошта, хусусан, дар назм ва лаҳҷаву шеваҳои тоҷикӣ хеле назаррас мебошад. Масалан, намунаҳои зер дар лаҳҷаҳо барои падидаи мазкур бурҳони қотеъ шуда

метавонанд: мчум > ман чӣ донам, чиба >барои чӣ?, куст> куҷо аст?» [Кабиров, 2021, с.279].

Ихтисоршавии калима, асосан, ба лаҳҷаҳо хос мебошад, ки он боиси аз таркиби калимаҳои умумихалқӣчудо шуда, заминаи ба қатори калимаҳои хоси шева гузаштани воҳидҳои луғавиро фароҳам меорад. Қайди забоншиносон Р. Неменова ва Ғ. Ҷӯраев дар ин хусус ҷолиб мебошад: «Ин ҳодиса, ки (дар лаҳҷаҳо- Қ.С.), аксаран бо таъсири қонунҳои маъмули фонетикӣ ба вуҷуд меояд, афтидани баъзе ҳамсадоҳоро аз мобайн ва охири калима, соқит шудани садонокҳои ноустуворро ҳангоми дар як ҷой омадани чандин садонок, ихтисоршавӣ ва комилан афтидани таркибҳои овози садонокҳои ноустувор ва мисли инҳоро дарбар мегирад» [Неменова,Ҷӯраев, 1980, с. 76].

Баръакси забони адабӣ дар лаҳҷаҳо барои талаффузи осон калимаҳо ихтисор мешаванд, яъне ин ҳодисаи ихтисоршавӣ чун гуфтори адабӣ на ба таври сунъӣ, барои дурустии вазни шеър (в-ин, з-он, в-ар), балки табиӣ ва то андозае мураккабнизом сурат мегирад:

а) **афтидани садонокҳо**:

ҳамаш // ҳам (а) аш, хонам // хон (а) ам, мегӣ // мег (ӯ) ӣ, гиртон // гир (е) тон (лаҳ. Шаҳритуз) ва ғайра;

б) **афтидани ҳамсадоҳо**:

са // сад, дар // дард, ҳами // ҳамин, чомаҷ // чормаҷз, чормаҷ // чормаҷз, хуш // хушк, ма // ман (лаҳҷаҳои Бойсун); карӣ // кардӣ, даун // дарун, каан // карданд, ҳас // ҳаст (лаҳ. Арабхонаи Қаршӣ); амун // ҳамун, аво // ҳаво, амро // ҳамроҳ, аку // акнун (лаҳҷаҳои ҷанубӣ – Кӯлоб, Қаротегин); саар // саҳар (лаҳҷаи Самарқанд) ва ғайра;

в) **афтидани садоноку ҳамсадоҳо дар шакли омехта**: ношат // набошад, сор // савор, нарем // наравем, ком // кадом, мерам // меравам ва ғайра.

г) **ихтисоршавии таркибҳо**:

ита // ин тавр; чиқа // чӣ қадар, чанқа // чӣ қадар // чанд қадар; иқа // ин қадар; чум // чӣ медонам; рафсодай, рафтесдай, рафсосакай // рафта истодааст; карасас // карда истодааст ва ғайра.

ғ) **ихтисори ҷумлаҳо дар шакли калима**: чум // чӣ медонам ва ғ.

Зинаи аввали тағйироти овозӣ барои дарки маънии калима халал эҷод намекунад: кърта – курта, нон – нун, гап – гав ғ. Аммо зинаҳои дуюм ва сеюми тағйироти савтӣ дар шакли калима тағйироти назаррас ба амал меорад. Маҳз низоми мураккаби ихтисоршавии воҳидҳои забонӣ, аз ҷумла калимаҳо дар лаҳҷаҳо боиси аз доираи лексикаи умумихалқӣ берун шудани онҳо гардида, дар асоси тағйироти чандинкарата дар шакл ва маънии онҳо дигаргунии куллӣ ба амал меояд – (**муррук–** Қӯрғ.) шакли ихтисоршудаи калимаи **мурданивор** бо иловаи пасванди -ук дар маънии лоғар) ва ин омил боиси маҳдудистеъмолии калимаҳо шуда, заминаи ба қатори калимаҳои хоси шева гузаштанашонро фароҳам меорад.

2. Бо вуҷуди умумиятҳои зиёд шаклгириҳои морфологии калимаҳо низ дар лаҳҷаҳо дорои як қатор хусусиятҳост, ки дар ин замина шакл ва маънии онҳо ба тағйироти куллӣ дучор гардида, онҳо аз доираи калимаҳои умумиистеъмолӣ берун мешаванд:

а) бо пасвандҳо: **лавак** (Кб., Кп.) хурмаи калони якгӯшаи дастадор; **лушък (**Ҷк.) пистони гов; **ръндък** (Ҷк., Шк., Бдх.) қирмоч, таҳдегӣ (сӯхтаи таом дар таги дег); **попаник (**Кҳ.) поймонак (зинапоя) дар баландӣ, суфакӯҳ; **нъхра (**Тқ.) сояи дарахт; **дангала:** дангала кардан (Хум., Тд., Хов., Кд.) ҳаво додан, партофтан; **барги´** (Қӯрғ.) гӯсфанду буз ва ғ.

б) чанд зинаи калимасозиро гузаштани калима боиси тағйироти ҷиддӣ дар ифодаи маъноӣ ва шаклии он мегардад: **барғъндашапак** (Ҷк.) барфбозӣ; **хафкашак** (Шӯр.) як навъи таоми парҳезӣ; **ғӯлобак (**Қӯрғонча) ҷароҳат ва ғ;

г) рехташавии калимаҳо боиси маҳдудистеъмол ва ба қатори калимаҳои хоси шева гузаштани онҳо мегардад: **исфарза (**Дар.Н.) гиёҳ; **пазала** (Вқ., Қ.) калон; **чагана (**Шк.) бегона; **чакала (**Лахш) хушк; **тотала // тотоли (**Хуф-р; Қӯрғ.) гиёҳ; **ҳабата // ҳабата (**Шк.) // **абота (**Бдх.) чиркин; бадахлоқ; (Ғк., Қ., Вк., Шк.) безеб, зиштрӯй; (Қ.) нообод; **owa (**Ҷк.) теғ, дами ҳар навъ олоти буранда (мисли корд, шамшер, табар) ва ғ;

3. Вобаста ба муҳити ҷуғрофӣ ва урфу одати мардумони маҳал калимаҳои хоси шева дар ҳудуди муайян пайдо шуда, аз доираи лаҳҷаи муайян ва ё гурӯҳи лаҳчаҳо берун намешавад: **чарғоба (**Қӯрғ.) ба маънии обсабз; **патфар (**т. – вах., т. – ишк.) оши худой, ки ба ҳамдеҳагон ва дӯстону хешон аз ҷониби ақрабои майит дода мешавад ва ғ. Дар зербобҳои алоҳидаи диссертатсия ин масъаларо ба таври мукаммал таҳқиқ менамоем.

4. Як гурӯҳ калимаҳои адабии китобӣ бо мурури замон хусусияти архаистӣ касб намуда, дар доираи муайяни лаҳҷаҳо бо тағйироти савтӣ ва маъной корбаст мешаванд, ки онҳоро наметавон ба қатори калимаҳои умумихалқӣ ворид намуд: **гандидан, полондан: хинг, калахч** ва ғ. Заминаҳои асосии дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ мавқеи устувор касб намудани ин қабил калимҳо дар боби алоҳидаи рисолаи илмӣ баррасӣ шудааст.

Аз таҳлили илмии ин қабати луғавӣ бармеояд, ки агар ҳамаи калимаҳои мавҷудаи забонро чун анбори луғавӣ тасвир намоем, калимаҳои хоси шева шаклҳои ба тағйироти куллии савтӣ, сарфӣ ва наҳвӣ дучоршуда аён мегардад, ҳамзамон рехташавии унсурҳои умумихалқӣ дар шакли калима, вобаста ба урфу одат арзи ҳастӣ намудани калимаҳои хос, хусусияти архаистӣ пайдо кардани шаклҳои китобӣ боиси пайдоиши қабати махсуси луғавӣ дар лаҳҷаҳо мешавад. Дар асоси гуфтаҳои боло заминаҳои асосии шаклгирии калимаҳои хоси шеваро дар доираи таркиби луғавии забон чунин метавон тасвир намуд:

Тасвири № 1



Ҳамин тавр, ба назар гирифтани ин омилҳои муҳимми забонӣ барои муайян намудани зинаҳои гузариши калимаҳои адабӣ ва умумиистеъмолӣ ба қатори калимаҳои хоси шева асос ба ҳисоб мераванд.

Ҳангоми баррасии хусусиятҳои луғавии лаҳҷаҳо муҳаққиқон ба қабати луғати хоссаи лаҳҷаҳо камтар таваҷҷуҳ намудаанд ва ё баъзе ҷиҳатҳои забонии онро ба таври умумӣ зикр кардаанд, ки ин омил барои нишондоди ҷараёни шаклгириҳои гуногуни сарфиву наҳвии забон мушкилӣ эҷод менамояд.

Ин тарзи таҳқиқи таркиби луғати лаҳҷаҳо бесабаб нест. Барои таҳқиқи луғати хоссаи лаҳҷаҳо зарурати баррасии чанд нуктаи муҳимми илмӣ пеш меояд:

1. Дар забоншиносии рус, ки забоншиносии тоҷик дар баррасии шаклгириҳои воҳидҳои забонӣ ва меъёрҳои шинохти онҳо бештар ба он такя менамояд, масъалаи калимаҳои хоси шева дар таркиби луғати лаҳҷаҳо ба таври пурраи илмӣ ҳаллу фасл нашуда, ҷараёни таҳқиқи он гуногун ба назар мерасад.

2. Бо вуҷуди он ки қисмати лексикаи лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифта бошад ҳам, таҳияи луғатномаҳо

ноқис ба назар мерасанд. Барои тасниф ва омӯзиши қабатҳои луғавии лаҳҷаҳо маҳз луғатномаҳо раҳнамои асосӣ буда, тавассути онҳо вазъи воқеии таркиби луғати лаҳҷаҳои тоҷикӣмуайян мегардад.

3. Ҷанбаи назариявии ин мавзуъ мукаммал баррасӣ нашуда, таснифоти ин қабати луғавӣҳамоно баҳсталаб мебошад. Дар меъёрҳои шинохти он бояд ҳад гузошта шавад, яъне заминаҳои ташаккули калима дар забони зиндаи халқ аз омилҳои гуногун баҳрабардорӣ шуда, дар муқоиса бо забони адабӣ шаклгириҳои воҳидҳои забонӣ аз навгониҳо бархӯрдоранд ва унсурҳои таърихӣ вобаста ба табиати лаҳҷаҳо дергоҳ боқӣ мемонанд.

4. То ҳол дар забоншиносии тоҷик кори мукаммали илмӣ, ки ба омӯзиши хусусиятҳои хоси калимаҳои хоси шева бахшида шуда бошад, ба назар намерасад ва дар ин асос таваҷҷуҳи олимон ба ин самт камтар сурат гирифтааст.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, зарурати шарҳи илмии мафҳуми калимаҳои хоси шева ва ҷанбаҳои ташаккули ин қабати лексикӣ пеш меояд. Шарҳи илмии калимаҳои хоси шева дар забоншиносии тоҷик диққати олимонро камтар ҷалб намудааст. Калимаҳои хоси шева қабати устувор дар таркиби луғати лаҳҷа буда, истилоҳи «калимаи хоси шева» ба шарҳу эзоҳи зиёдатӣ зоҳиран эҳтиёҷ надорад. «Таҳти мафҳуми истилоҳ калимаҳоеро фаҳмидан мумкин аст, ки ин ё он шеваро аз шеваҳои дигар ва забони адабӣ фарқ мекунонад» [Ҷӯраев, 2017, с. 62]. Дар баррасии мафҳуми калимаҳои хоси шева ифодаи маъноӣ ва маҳалли корбасти онҳо аҳаммияти муҳимро касб менамояд.

Таҳқиқи ҷанбаи назариявии ин қабати луғати лаҳҷаҳо ҳанӯз аз солҳои 50-уми асри гузашта шуруъ гашта буд [ЭС, 1953, с. 547].

Дар забоншиносии тоҷик Т. Мақсудов мафҳуми «калимаи хоси шева»-ро мухтасаран шарҳ дода бошад ҳам, меъёрҳои шинохти онро пешниҳод нанамудааст [Мақсудов, 1977, 16]. Ин масъала дар шакли

мукаммал дар асарҳои Ғ. Ҷӯраев [Ғ. Ҷӯраев, 1969; 1970; 1973; 1976; 1979; 2007; 2015] таҳқиқ гардида, аломатҳои асосии ин қабати луғавӣ бо далелҳои илмӣ зикр ёфтаанд.

Барои ифодаи калимаҳои хоси шева дар забоншиносӣ бештар мафҳуми диалектизми лексикӣ корбаст шуда, ин истилоҳ дар таҳқиқоти ба омӯзиши забон ва услуби шоирону нависандагон бахшидашуда ин вазифаро надорад, яъне дар ин маврид баррасии унсурҳои шевагӣ ба таври умумӣ сурат мегирад. Дар асарҳои соҳаи лаҳҷашиносӣ мафҳуми илмии он мушаххас буда, дар ин самт танҳо калимаҳои ба ин ё он шева хос мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Дар таҳқиқоти профессор А.В. Калинин аломатҳои фарққунандаи калимаҳои хоси шева бештар дар муқоиса ба забони адабӣ арзёбӣ шуда, пайдоиши тафовутҳои шакливу маъноии онҳо ва доираи корбасти онҳо дар шеваҳо, гурӯҳҳои ба ҳам наздики як шева ва лаҳҷаҳои алоҳида камтар акс ёфтааст [Калинин,1971,122]. Муҳаққиқи дигар Н.М. Шанский корбаст нашудани калимаҳои хоси шеваро дар забони адабӣ қайд намуда, муҳиммияти маҳалли истифодаи онҳоро зикр менамояд, ки ақидаи ӯ то андозае мукаммал мебошад [Шанский,1972,117].

Забоншиноси рус Ф.П. Филин маҳз дар заминаи таҳияи луғати шеваҳои русӣ оид ба меъёрҳои забонии шинохти калимаҳои хоси шева саҳеҳ ҳарф мезанад: «Меъёри муайян кардани калимаи шевагӣ на дар реалияе, ки онро ифода менамояд ва на дар тасаввуроти мо, ки бо он реалия алоқаманд аст, балки дар худи калима, дар ҷое ки он дар таркиби луғати забон ишғол менамояд, мавҷуд мебошад» [Филин,1961,35].

Таснифоти маъноии калимаҳои хоси шева дар забоншиносӣ гуногун ба назар мерасад. Таснифоти А.В. Калинин, ки диалектизмҳои лексикиро ба диалектизмҳои этнографӣ ва хоса [Калинин,1971,124-126] ҷудо кардааст, моҳиятан баҳсталаб буда, калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои этнографӣ фарогири тамоми мафҳумҳои мавҷудаи забон

набуда, ӯ дар қатори диалектизмҳои хоса калимаҳои ифодакунандаи чизу ҳодисаҳоро меорад, ки онҳо низ метавонанд, ба урфу одати мардум вобаста бошанд. Дар ин маврид ба андешаи профессор Ғ. Ҷӯраев такя менамоем, ки «истилоҳҳои «диалектизмҳои лексикии хоса»ва «диалектизмҳои этнографӣ»аз нуқтаи назари мантиқ муносибати қавӣ надоранд. Аввалӣ то андозае характери лингвистӣ дошта бошад, дуюмӣ бештар ба этнография майл дорад» [Ҷӯраев, 2017, 68].

Аз таҳқиқи адабиёти илмӣ бармеояд, ки таснифоти ин қабати луғавӣ ягона набуда, гурӯҳбандиҳои зиёд ниёз ба таснифоти дақиқи илмӣ дорад. Забоншинос Н.М. Шанский ин қабати луғавиро дар 5 гурӯҳ: диалектизмҳои хоса, диалектизмҳои лексикӣ-фонетикӣ, лексикӣ-калимасозӣ, семантикӣ ва этнографӣ баррасӣ менамояд [Шанский,1972,118], ки ин тарзи тасниф доираи омӯзиши масъаларо боз ҳам мураккабтар мегардонад. Дуруст аст, ки тағйиротҳои савтии хосса дар ташаккули ин қабати луғавӣ нақши муассир доранд. Дар ин маврид набояд фаромӯш кард, ки на ҳамаи тағйироти овозӣ дар таркиби калима боиси пайдоиши калимаҳои хос дар шеваҳо мегарданд, яъне танҳо он тағйироти ҷиддиро, ки бо гузашти вақт шакли зоҳирии калимаро ба дигаргунӣ рӯ ба рӯ карда, ҳатто соҳибони забон дар муайян кардани шакли нахустини он душворӣ мекашанд, метавон дар доираи масъалаи диалектизмҳои лексикӣ баррасӣ намоем, ба монанди калимаи <u>заҒома</u> (***зах + оба***) ба маънии моҳихона ва ғ. Маҳз ҳамин нуктаи муҳим дар таҳқиқотҳои лаҳҷашиносӣ дар назар гирифта нашудааст ва забоншиносон ҳангоми таҳқиқи хусусиятҳои фонетикӣ ба ин ҷиҳати шаклгирии калимаҳо камтар таваҷҷуҳ кардаанд ва дар таснифоти диалектизмҳои лексикӣ ба қатори лексикӣ-фонетикӣ духӯрагӣ ба миён омадааст. Ин нуктаро дар таснифоти ин қабати луғавӣ ба қатори лексикӣ-калимасозӣ метавон қайд намуд. На ҳамаи унсурҳои калимасоз дар ташаккули калимаҳои хоси шева нақш доранд. Аз омӯзиши роҳҳои

ташаккули калимаҳои хоси шева бармеояд, ки дар шаклгириҳои морфологӣ калимаҳои хоси шева нисбат ба калимаҳои адабӣ ва умумиистеъмолӣ маҳдудият ба назар расида, унсурҳои калимасоз аксаран, дар ин шаклҳо хусусияти устувористеъмолӣ доранд, масалан дар калимаи туркии **ол** (аз маънии гирифтан сар задани маънии маҷозии гиро, чақон, ҳушёр ва ғ) пасванди -ак мавқеи устувор дошта, калимаи **олак** ба маъниҳои бад (Муминобод), нопойдор (Даҳана), ноҷоиз (Лангар) хусусияти рехташавӣ касб намуда истодааст. Дар калимаи мураккаби **ҷолдӯзакчушм** ҷараёни мураккаб ва ба табиати лаҳҷаҳо хоси калимасозиро (ҷол // ҷувол – халтаи калон+дӯз=сӯзани калонҳаҷм; ҷолдӯз+ак=як навъи ҳашароти хурд; ҷолдӯзакчушм муодили ибораи изофии озоди шахси чашмонаш шабеҳи чашмони ҷолдӯзак) мебинем, ки баррасии ин қолбаҳои аз унсурҳои мураккаби калимасозӣ бархӯрдор дар доираи калимаҳои хоси шева бояд сурат гирад, яъне ин калимаҳо бо шакли ягона ва ифодаи маъниҳои хос маҳалли муайяни корбаст дошта, тамоми аломатҳои фарқкунандаи калимаҳои хоси шеваро дороанд. Ба инобат нагирифтани ин нуктаи муҳимми илмӣ боиси гуногунандешӣ дар таснифот ва шинохти меъёрҳои забонии калимаҳои хоси шева гардида, дар ин замина таҳқиқи ҳамаҷонибаи хусусиятҳои забонии ин қабати луғавӣ дар асарҳои лаҳҷашиносӣ номукаммал ба назар мерасад.

Дар адабиёти лаҳҷашиносӣ ба таври алоҳида омӯхтани этнографизмҳо аз ҷониби олимони зиёд ба назар мерасад [Семёнов, 1903; Андреев, 1925; Нечаева, 1965; Шарофов, 1976; Алиев 1988]. Баррасии калимаҳои хоси шева танҳо дар доираи этнографизмҳо тарафҳои мусбат ва манфӣ дорад. Воқеан, дар асоси урфу одати мардум вобаста ба маҳалли гуногун дар ҳазорсолаҳо калимаҳои хосса ташаккул ёфта, бо мурури замон доираи истифодаи ин қабил калимаҳо васеъ ва ё танг мешавад, ки дар ин маврид мафҳуми калима ва муҳиммии он дар рӯзгори онҳо аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, яъне як навъи хӯрок дар маҳалле

маъруф буда (**ширбат, ҳалилоб, фатирмаска, тӯппа** ва ғ), аз он рӯзмарра истифода мебаранд. Дар таснифоти ин гурӯҳ, ки ба қавли олимон ин навъи калимаҳо «чизҳои маҳаллӣ»-ро ифода мекунанд [Калинин, 1971, с.125, Шанский, 1972, 124], масъалаҳои баҳсталаб зиёданд. Дар ҳар як маҳалли муайян дар ифодаи мафҳумҳои мансуб ба урфу одат калимаҳои хосса низ ба кор бурда мешаванд. Масалан, дар минтақаи кӯҳистони Бойсун вақти овардани ҳезуми тӯйи хатна бо пӯсти арча саропо худро мепӯшонад, ки дар ин маврид онро бо калимаи хоси шеваи **ғозвол** ифода менамоянд. Дар минтақаи Қаротегину Дарвоз мувофиқи нишондоди олимон калимаи кахудо // кадхудо нисбат ба шикорчиёни олиҳиммат, ки гӯшти сайдро миёни ҳамдеҳагон тақсим менамоянд, истифода мешавад [Таджики, 1966, 299]. Урфу одати мардуми маҳал аз ҳамдигар фарқ дорад ва ин тафовут боиси гуногунӣ дар қабатҳои лексикии лаҳҷаҳо мегардад: ***алғов*** (қаротегинӣ-раштӣ) ҷуфт бастани ду барзагове дар ҷуфт; ***ангърт*** (Хумдон) рахи кандакорикардашудаи чӯб, толор ва сутуни иморат; ***айри´*** (лаҳҷаи тоҷикии Вахон, Ишкошим, Ғорон) мадон, қазноқ, хоначаи хурде дар дохили хона барои нигаҳдории зарфҳо. Дар минтақаи Шурообод калимаи **қазноқ** ба маънои ганҷур, хонаи махсуси нигаҳдории маҳсулот (ин калима дар гӯйишҳои дигари тоҷикӣ ба шакли «хазинак» истифода низ истифода мешавад); ***алаби´*** (Бадахшон) косаи филизӣ, тағорача; ***ба□стик*** (Бадахшон) навъи қайчӣ барои тарошидани пашми гӯсфанду буз; ***чахниқ*** (Ялдамич) асбоби ҳалқашакли чархчӯб, ки чархчӯбро ба сутун устувор нигоҳ медорад ва садҳо калимаи дигар. Нуктаи муҳим дар мавриди омӯзиши ин қабил калимаҳо он аст, ки калимаҳои умумихалқӣ асоси этнографизмҳоро дар таркиби луғати лаҳҷа ташкил медиҳад. Як қатор олимон мафҳумҳои ифодакунандаи касбу ҳунарро бо дарназардошти хусусияти иҷтимоӣ доштан ва ба таркиби луғавии забони адабӣ дохил шудани онҳо аз қатори диалектизмҳои лексикӣ берун меҳисобанд [Шанский,1972,124], ки ин гурӯҳбандӣ чун таснифоти

этнографизмҳо духӯра буда, он хусусияти нисбӣ дорад ва дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ калимаҳои зиёди мансуб ба касбу кор мавҷуданд, ки бо аломатҳои фарқкунанда ва меёърҳои забонӣ (**гурз, метин, леса** ва ғ.) ба қатори диалектизмҳои лексикӣ ворид мешаванд.

Дар забоншиносӣ бо дарназардошти аломатҳои фарқкунанда ва меъёрҳои забонӣ ду таснифоти бештар мавқеъ пайдо кардаанд:

1. Дар забоншиносии рус ҳанӯз соли 1961 Ф.П.Филин ин қабати луғавиро ба ду гурӯҳ дохил намуда буд: ӯ дар қатори аввал ҳангоми таснифоти калимаҳои хоси шева меъёри асосиро дар фарқияти пурраи овозиву морфологии онҳо нисбат ба шаклҳои адабӣ донистааст. Дар қатори дуюм унсурҳои умумихалқии аз забони адабӣ бо тобишҳои маъноӣ фарқкунандаро дохил намудааст.

2. Таснифоти саҳеҳи диалектизмҳои лексикиро аз ҷониби профессор Ғаффор Ҷӯраев мушоҳида менамоем. Бояд қайд намоем, ки ин муҳаққиқи маъруф дар асару мақолаҳои сершумори худ ҷанбаи назариявии ин қабати луғавиро баррасӣнамудааст [Ҷӯраев, 1971; 1977; 2017]. Ҳангоми баррасии таснифоти забоншиноси рус Ф.П. Филин андешаҳои илмии ӯ аз ҷиҳати назариявӣ дақиқ ба назар мерасад: «Бояд гуфт, ки ин таснифот хубтар ба назар мерасад ва табиати захираи луғавии хоси шеваро бештар ифода карда метавонад. Бо вуҷуди ин, истилоҳҳои нисбатдодашуда мақсадро пурра фаҳмонда наметавонанд. Мувофиқи ин истилоҳи дуюмро ба ҷумлаи диалектизмҳои лексикӣ мансуб донистан мумкин нест,бинобар он барои аниқтар тасаввур кардани ҳудуди ду навъи диалектизмҳо истилоҳҳои «диалектизмҳои лексикии пурра»ва «диалектизмҳои лексикии нопурра»-ро шартан истифода мекунем» [Ҷӯраев, 2017, с.67]. Забоншинос дар қатори «диалектизмҳои лексикии пурра» омӯзиши унсурҳои бо як шаклу маънӣ хоси лаҳҷаҳои муайянро ба назар мегирад. Воқеан, ин таснифоти калимаҳои хоси шева мантиқи илмӣ дошта, дар ин маврид баррасии

ҳудуди истеъмоли (изоглосси) калимаҳои хоси шева боиси баҳси забоншиносон мегардад, ки набудани луғати мукаммали шеваҳо раванди таҳқиқоти илмиро мураккаб мегардонад ва дар ин маврид заминаи гузариш ба қатори калимаҳои умумихалқӣ ва ё дар шеваҳои дигар корбаст шудани онҳо ҷараёни таҳқиқталаб ба ҳисоб меравад. Профессор Ғ. Ҷӯраев ин масъаларо ба назар гирифта чунин менигорад: «Таҳқиқгар ҳангоми тавсифи таркиби луғати шевае бештар яктарафа амал мекунад: ба таҷрибаи забондонии худ ва луғатҳои мавҷудаи дузабона такя карда, моли хоси шеваро танҳо аз нуқтаи назари муносибат ба забони адабӣ муқаррар менамояд. Тарафи дигари масъала – муносибати системаи лексикии як шева бо шеваи дигар ҳамеша сарфи назар карда мешавад. Дар ин ҳол табиист, ки унсури ин ё он шева ҳамчун захираи хоси шеваи дигар низ ба қалам дода мешаванд. Вале ин амал набояд боиси сарзаниш гардад, чунки таҳқиқотчӣ танҳо дар ҳолати мавҷуд будани манбаи муътамади қиёс диалектизмҳои лексикии шеваҳои таҳқиққардаашро ба таври мушаххас таъин карда метавонад» [Ҷӯраев, 2017, с.65].

Профессор Ғ. Ҷӯраев ба қатори «диалектизмҳои нопурра» калимаҳоеро мансуб медонад, ки шаклан бо забони адабӣ ва лексикаи умумихалқӣ мувофиқат дошта, дар лаҳҷаҳои муайян маънии нави забонӣ (**адл** – рост ба нишон гирифтан; **пошикаста** – духтари қадрас ва ғ.) касб намудааст. Бояд қайд намоем, ки ин навъи диалектизмҳои лексикӣ дар лаҳҷаҳо камистеъмол буда, маънии иловагии онҳо аз маънии асосӣ сарчашма мегирад, ки дар ин маврид намояндагони забон ба осонӣ мафҳуми онро дарк менамоянд.

Бояд қайд намоем, ки ба ин навъи таснифоти калимаҳои хоси шева профессор Ш.Исмоилов пайравӣ дошта, ба андешаи забоншинос «Диалектизмҳои лексикӣ тамоми соҳаҳои ҳаёту фаъолияти аҳолии маҳаллиро фаро мегиранд. Аз ҷумла, як қабати ҷуғрофии маҳаллӣ низ аз

ҳисоби диалектизмҳои лексикӣ ба амал омадаанд» [Исмоилов, 2019, с.182].

Дар корҳои таҳқиқотии забоншинос таснифоти ин қабати луғавӣ ба шакли зайл арзёбӣ гардидааст: «Диалектизмҳои лексикӣ моҳиятан ду хел мешаванд: а) диалектизмҳои лексикии маъноӣ; б) диалектизмҳои лексикии хосса. Ба гурӯҳи якум он калима ва шаклу қолибҳое дахл доранд, ки дар забони адабӣ ва ҳама лаҳҷаҳои ин ё он забони миллӣ истифода шаванд ҳам, дар лаҳҷаҳои алоҳида ғайр аз мафҳуми умумӣ боз маъниҳои сирф маҳаллиро ифода менамоянд. Ба гурӯҳи дуюм вожаҳоеро метавон нисбат дод, ки ҳам шаклан ва ҳам маънан хоси лаҳҷа ва ё гурӯҳи лаҳҷаҳои ҳамтип буда, дар забони адабӣ ва лаҳҷаҳои дигар дучор намеоянд» [Исмоилов, 2019, с.182-183]. Аз омӯзиши моҳияти гуфтаҳои забоншинос бармеояд, ки диалектизмҳои лексикии маъноӣ ва диалектизмҳои лексикии хоссаро метавон бо мафҳумҳои диалектизмҳои лексикии нопурра ва пурра иваз намуд. Ин нукта дар гуфтаҳои профессор Ш.Исмоилов ҳангоми таҳқиқи асосҳои лаҳҷавӣ дар таркиби топонимҳои водии Рашт ба таври возеҳ зикр шудааст: «Калимаҳои лаб, қад, даҳон, шӯх, гулӯ, сарҳад ва ғ. намунае чанд диалектизмҳои лексикии маъноӣ ва вожаҳои лула, нишов, шак, паҳма, нъшър ва амсоли инҳо иддае аз гурӯҳи диалектизмҳои лексикии хосса мебошанд, ки дар лаҳҷаҳои водии Рашт ва дигар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ ҳамин гуна хусусият зоҳир карда, имконияти сар задани силсилаи муайяни топонимҳоро таъмин месозанд [Исмоилов, 2019, с.183].

Аз таҳлили ҳамаҷонибаи андешаҳои муҳаққиқон оид ба масъалаи калимаҳои хоси шева метавон натиҷагирӣ кард, ки дар муайян намудани меъёрҳои забонӣ ва аломатҳои фарққунандаи калимаҳои хоси шева дар назар гирифтани ин нуктаҳои илмӣ муҳим мебошад:

1. Яке аз сабабҳои ба қатори диалектизмҳои лексикӣ гузаштани калимаҳо тағйироти савтие мебошад, ки дар натиҷаи он шакли калима

ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардида, ҳатто соҳибони забон дар муайян кардани шакли аслӣ душворӣ мекашанд. Дар ин маврид сарфи назар кардани ҳодисаҳои савтии монандшавӣ, дуршавӣ, ҷойивазкунӣ ва ғ. духӯрагиро ба миён меорад. Ихтисоршавии овозҳо низ барои шаклан тағйир ёфтани калима ва ибора боис мегарданд. Ба андешаи забоншинос Р. Шодиев, «Пайдоиши диалектизмҳои лексикӣ, инчунин ба қонунҳои дохилии инкишофи таркиби луғавии худи лаҳҷа низ алоқаманд мебошанд. Бисёре аз диалектизмҳои лексикӣ дар натиҷаи тағйири савтии вожаҳо ва маънии нав касб кардани онҳо пайдо мешаванд. Мисол: бънг (бом), зрийа (зурриёт, хешу табор), пешдат (дар пешат), чъръм (лаҳза), кънда (кунда, авлоду аҷдод) ва ғайра» [Шодиев, 2022, с.167]. Яке аз омилҳои асосии ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор нагирифтани калимаҳои хоси шева дар лаҳҷашиносӣ ба инобат нагирифтан ва ба таври васеъ таҳқиқ нагардидани ҳодисаҳои савтӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ мебошад. Муҳаққиқони лаҳҷашинос дар баррасии хусусиятҳои савтии ин ё он лаҳҷа ба таври анъанавӣ баъзе ҷиҳатҳои умумии савтиёти онҳоро номбар кардаанд, ки он ҳолати воқеии шаклгириҳои фонетикиро акс накарда, ин мавзуъҳамоно таҳқиқталаб боқӣ мемонад.

2. Дар омӯзиши хусусиятҳои морфологӣ ҳангоми баррасии шаклгириҳои сарфӣ бо калимаҳои хоси шева ташаккул ёфтани калимаҳо аз таваҷҷуҳи забоншиносон дур мондааст. Дар таркиби луғати лаҳҷа омезиши шаклгириҳои сарфӣ ва наҳвиро мушоҳида менамоем, ки он, пеш аз ҳама, ба табиати шеваҳо алоқамандӣ дошта, акси навгониҳо дар забони зиндаи халқ аксаран аз меъёрҳои забони адабӣ берун сурат гирифта, унсурҳои калимасоз дар тарҳбандиҳои забонӣ маҳдудистеъмол мебошанд. Маводҳои зиёд аз лаҳҷаҳо шаҳодат медиҳанд, ки рехташваии калимаҳои сохта ва мураккаб дар лаҳҷаҳо вусъат пайдо карда, онро танҳо дар таҳқиқоти мукаммали илмии фарогири ин мавзуъ метавон баррасӣ намуд. Дар таҳқиқотҳои мансуб ба хусусиятҳои морфологии ин

ё он лаҳҷа муҳаққиқон ба таври умумӣ баъзе паҳлуҳои ин масъаларо баррасӣ менамоянд, ки он дар муайян намудани хусусиятҳои сарфии лаҳҷаҳо нокифоя ба назар мерасад. Як роҳи ташаккули калимаҳои хоси шева дар қолибҳои сарфӣ шаклгирии онҳо ба шумор меравад, ки дар сурати нокифоя баррасӣ шудани ин масъала дар забоншиносӣ моро ба мушкилӣ рӯ ба рӯ месозад.

3. Як хусусияти муҳимми лаҳҷаҳо нигаҳдошти хусусиятҳои таърихӣ дар онҳо ба шумор меравад. Бо гузашти вақт доираи истифодаи калимаҳои адабӣ, ки таърихан дар забони мо корбасти фаъол доштанд, маҳдуд мегардад, ҷойи онҳоро калимаҳои дигар, аксаран калимаҳои иқтибосӣ, мегиранд. Вобаста ба табиати худ лаҳҷаҳо ин навъи калимаҳоро ҳазорсолаҳо маҳфуз нигоҳ медоранд, ки он ҷанбаи муҳим дар ташаккуули диалектизмҳои лексикӣ ба ҳисоб меравад.

4. Калима дар лаҳҷаҳо ҳамеша ҳудуди интишор мебошад. Ҳудуди интишори калимаҳо боиси тағйироти шакливу маъноии онҳо мегардад. Вобаста ба ҳудуди интишор дараҷаи корбасти калима васеъ ва маҳдуд буда метавонад. Дар қабати луғати лаҳҷа диалектизмҳои лексикӣ худ доираи танги корбаст дошта, муайян намудани ҳудуди интишори ин калимаҳо ба таври умумӣ сурат мегирад, яъне ҳангоми омӯзиши лаҳҷаҳои муайян мо ба таври қотеона ҳукм карда наметавонем, ки гурӯҳи калимаҳое танҳо дар гуфтори мардуми ҳамин маҳал ба кор бурда мешаванд. Ҳангоми таҳқиқи ин хусусияти забонӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ профессор Ғ.Ҷӯраев ба чунин хулоса меояд: «Аниқ муайян кардани хосияти изоглоси диалектизмҳои лексикӣ дар доираи як гурӯҳи лаҳҷаҳои калон, ҳамчун ҷанубӣ, ниҳоят душвор мебошад. Шояд ин кор ба истифодаи усули анкетафиристӣ то андозае имконпазир гардад. Вале ҳамон вақт ҳам дар бораи изоглоссаи ҳамаи калимаҳои хоси шева маълумоти матлуб ба даст овардан муяссар намешавад, балки фақат қисми маъмултарини онҳоро аз назари тафтиш гузаронидан мумкин

мешавад.» Омезиш ёфтани доираи корбасти калимаҳо дар доираи шеваҳо, гурӯҳи лаҳҷаҳои як шева ва ё лаҳҷаҳои муайяни як зергурӯҳ аз ҳодисаи маъмулӣ дар ҳамаи забонҳо ба ҳисоб меравад [Ҷӯраев, 2017, с.87]. Як нуктаи муҳим дар ин самт маъниҳои нави забониро касб намудани калимаҳо вобаста ба маҳалли интишорашон буда, дар шаклгириҳои савтии онҳо низ ягонагӣ ба назар намерасад, ки дар боби дуюми рисола онро ба таври васеъ баррасӣменамоем.

5. Омӯзиши калимаҳои иқтибосӣ дар таркиби луғати лаҳҷаҳо дар забоншиносии тоҷик мукаммалтар ба назар мерасад. Дар ин маврид таъсири забонҳо ба қабати устувори луғати лаҳҷаҳо – диалектизмҳои лексикӣ аз омилҳои зиёди забонӣ бархӯрдор буда, муҳити ҷуғрофӣ, таъриху фарҳанг ва урфу одати мардум низ ба раванди иқтибосшавии калимаҳо таъсири назаррас мегузорад. Ин нукта мусаллам аст, ки дар минтақаҳои кӯҳистон таркиби луғати лаҳҷа аз иқтибосот камтар бархӯрдор гашта, дар онҳо нишонаҳои шаклгириҳои сарфиву наҳвии мансуб ба забонҳои қадимаи форсии тоҷикӣ, инчунин унсурҳои забонҳои хеш ҳамоно устувор ба назар мерасад. Табиати лаҳҷаҳо боиси дар таркиби луғати лаҳҷа шаклан тағйир ёфтани иқтибосот ва тобишҳои нави маъноиро соҳиб гаштани онҳо мегардад, ки онро дар фаслҳои дигари рисола муфассал баён мекунем.

Ҳамин тавр, дар забоншиносии тоҷик то солҳои 1970 ба баррасии лексикаи лаҳҷаҳо асарҳои зиёде бахшида шуда бошанд ҳам, андешаҳои назариявиро дар шинохти меъёрҳои забонии калимаҳои хоси шева мушоҳида наменамоем. Забоншиносони тоҷик ҳангоми таҳияи луғатномаҳо, омӯзиши баъзе хусусиятҳои лексикии лаҳҷаҳо, корбасти калимаҳои адабии китобӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ, истифодаи диалектизмҳо дар осори шоирону нависандагон, инчунин дар мавриди таҳқиқи мавзуии таркиби луғати лаҳҷаи тоҷикӣ оид ба калимаҳои хоси

шева баъзе ишораҳо намудаанд, ки дар заминаи онҳо метавон меъёрҳои забонии ин қабати луғавиро арзёбӣ намуд.

1.4. Ҳудуди интишори калимаҳои хоси шева

Калима дар лаҳҷаҳо ҳудуди интишор дорад. Ҳудуди корбасти ҳар як воҳиди луғавӣ ибтидо ва интиҳо дошта, бо гузашти вақт, вобаста ба омилҳои гуногуни забонӣ ба тағйироти шакливу маъноӣ дучор мегардад. Ҳудуди интишор ҷараёни мураккаб мебошад, ки, ба ақидаи забоншинос Ғ. Ҷӯраев, «изоглосси диалектизмҳои лексикӣ дар шеваҳо, аз ҷумла дар шеваи ҷанубӣ, характери ягона надорад: гоҳо мебинем, ки ба хатти рост давом мекунад, вале гоҳо мушоҳида мешавад, ки бо хати шикаста тӯл мекашад: гоҳо мебинем, ки аз нуқтаи охирини як гурӯҳи лаҳҷаҳо шуруъ шуда, дар нуқтаи охирини шеваи дигар интиҳо меёбад, аммо гоҳо аз байни як гурӯҳ оғоз ёфта, дар байни гурӯҳи дигар қатъ меёбад» [Ҷӯраев, 2017, с.73]. Дар илми забоншиносӣ масъалаи мазкур диққати забоншиносонро барвақт ҷалб намудааст ва муҳаққиқони соҳаи мазкур яке аз аломатҳои асосии диалектизмҳои лексикиро ба ҳудуди интишори онҳо марбут медонанд [Филин, 1961, с.20; Блинова, 1973, с.41; Князкова Г. Н., 1974, с. 28; Успенская, 1956, с.22; РД 1972, с. 262-263].

Диққати забоншинос З. Зайниддиноваро ҳудуди интишори калимаҳо ҳангоми таҳқиқи калимаҳои хешутаборӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба худ ҷалб намуда буд [Зайниддинова, 1979, с.195]. Ба се гурӯҳ тасниф намудани диалектизмҳои лексикии шеваи ҷанубӣ вобаста ба ҳудуди интишор: диалектизмҳои барои ҳама ва ё қисми бештари лаҳҷаҳои ҷанубӣ умумӣ; диалектизмҳои лексикии ба яке аз гурӯҳҳои асосии шеваи ҷанубӣ хос; диалектизмҳои дар як ё якчанд лаҳҷаи ба ҳам наздики яке аз гурӯҳҳои ҷанӯбӣ истеъмолшаванда аз ҷониби профессор Ғ. Ҷӯраев саҳеҳ ба назар мерасад [Ҷӯраев, 2017, с.71-72].

Дар забоншиносии тоҷик ба масъалаи ҳудуди интишори калима олими тоҷик М. Эшниёзов бештар дахл намудааст. Ӯ дар асараш «Қазияи вожаноманависӣ ва харитабардории хусусиятҳои лаҳҷавӣ» оид

ба лаҳҷашиносии ҷуғрофӣ дар забоншиносии тоҷикӣ маълумоти муфассал медиҳад. Гуфтаи моро зербобҳои ин китоб тасдиқ менамоянд: Аносири луғавии забон аз ҷиҳати доираю дараҷаи истеъмол ва ҳудуди маҳал; Лаҳҷавиѐт ва анвои вожаномаҳои лаҳҷашиносӣ; Интихоби калима дар вожашиносии минтақавию ноҳиявӣ ва маҳаллӣ; Вожаномаи лаҳҷавии луғавӣ; Меъёрҳои харитабардории хусусиятҳои лаҳҷавӣ; Намунаи вожаномаи лаҳҷавии луғавӣ ва илова. Дар луғатномаи китоби мазкур калимаҳои зиёде вобаста ба ҳудуди интишор шарҳу эзоҳ ёфтаанд. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки»тадқиқи хусусиятҳои маҳаллӣ ва иҷтимоии забонҳо, муайян намудани мавқеи ҷуғрофии онҳо, яъне маҳал, ноҳия ва минтақаи онҳо, ҳамзамон заминаи таърихию ҷамъиятии онҳо ба муоинаю мудохила намудан ва ба тасмими як идда масъалаҳо (аз ҷумла, ба тартиб доани вожаномаҳои маҳаллӣ, ноҳиявӣ ва минтақавӣ, харитабардорӣ ва нақши харитаҳои лаҳҷашиносӣ ва ғайра) водор мннамояд « [Эшниёзов, 1999, с.22].

Таҳқиқи таркиби луғати лаҳҷаҳои тоҷикӣ аз он далолат медиҳад, ки ба таври дақиқ муайян намудани ҳудуди интишори калимаҳо дар амалия ғайриимкон буда, дар ин маврид зарурати ба назар гирифтани омилҳои муҳимме чун дараҷаи омӯзиши қабати луғавии шеваҳои тоҷикӣ, мавҷуд набудани луғатномаҳои шевагӣ дар доираи васеъ, вобаста ба табиати лаҳҷаҳо садсолаҳо маҳфуз мондани унсурҳои таърихӣ ва пайдоиши навгониҳо дар онҳо пеш меояд.

Корбасти калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ вобаста ба ҳудуди интишор, ки минтақаи васеъро фаро гирифтаанд, дорои як қатор хусусиятҳои забонӣ мебошад:

1. Ҳангоми муқоисаи маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ мувофиқати калимаҳоро аз нигоҳи шакл ва маънӣ гуногун метавон арзёбӣ намуд:

а) Мувофиқати шаклӣ ва маъноии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои мавриди назар: **гал (**Ёх., Св., Хов., Қӯрғ.) гӯл, фиреб, фанд; **азонча (**Мис., Эл., Қӯрғ.) беҳад, ниҳоят; **алаґда** (Шк., Қӯрғ.) омехта; парешонхотир; **аранг (**Қӯрғ., Хум.) базӯр, бо заҳмат; **полидан (**Ог., Хов., Бдх., Қӯрғ.) софкорӣ шудан, (кардан) покиза сохтан; **хулул (**Кҳ., Шк.) // **ҳулӯл** (Қӯрғ.) хуч, насрин, настаран ва ғ;

Мувофиқати пурраи шаклӣ ва маъноии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикони ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ назаррас набуда, «калимаи хоси шева дар доираи муайян маҳдуд мемонад. Чунин диалектизми лексикӣ вуҷуд надорад, ки фарз кардем, барои ҳамаи шеваҳои тоҷикӣ баробар бошад. Албатта, диалектизмҳои лексикие низ ҷой доранд, ки аз чор ду ё се ҳиссаи шеваҳои тоҷикиро дарбар гирифта метавонанд. Вале ҳар чи бошад, диалектизми лексикӣ аз ҷое сар зада, дар ҷое қатъ меёбад ва он ҳаргиз дар тамоми территорияи бузурге, ки ин ё он забон ишғол менамояд, баробар дар истеъмол буда наметавонад. Дар акси ҳол на дар бораи диалектизми лексикӣ, балки дар бораи унсури умумихалқӣ будани ин ё он калима мулоҳиза рондан лозим меояд» [Ҷӯраев, 2017, с.71].

б) Дар лаҳҷаҳо бо вуҷуди шакли ягона доштан вобаста ба ҳудуди интишор калимаҳои хоси шева дар ифодаи маънӣ фарқ мекунанд: **въречидан** (Кд., Кан., Мс., Ҳак.) таназзул кардан; пажмурда шудан; (Кд.) *мач.* сахт гиристан; (Кд.) *мач.* азоб кашидан, аз доғи ишқмаҳзун шудан; (Кҳ.) аз таъсири офтоб пажмурда шудани чизе; **ғадор (**Ҷк.) фаровон; (Бойс.; Дарб.) бераҳм; **ғонг (**Ск.) саргини бузу гӯсфанд; (Сина) як навъи занбӯр; **дабанг (**Даҳ., Зир., Лаґ.) ноуҳдабаро; (Бойс., Қӯрғ., Дарб.) фарбеҳ; **дагар (**Сх., Мум., Пв.) дагар, безурриёт, бенасл (оид ба ҳайвонот); (Қӯр.) гӯсфанди нар; **даґдаґа (**Мум.) овоза, хабар; (Бойс.) манманӣ, ҳавобаландӣ, худситоӣ; **дангал** (Б., Дҷ, Ґеш, Қӯрғ.) калтак, таёқ, чӯбдаст; (Ґк., Шк.) акколдаста; **зов** ҷоґар, ґуррӣ, касалии ґадуди

гулӯ; (Сам., Пҷ., Шв., Яхч) ғамбода, бемориест, ки ба сабаби бисёрии ғаму ғусса пайдо мешавад; (Бойс., Қӯрғ.) ҷарӣ; **йала**, **ела (**Ан., Ёл, Пор., Лаг.,Мум., Кх., Кч.Қӯрғ.) яла, кушода, во, боз; мавзеи кушоду хушҳаво (васеъ); **карк (**Қлб., Хов.) карг, каркадан, ҳайвони калон, ки дар пешонаи худ як шох дорад; (Сул.) қабат; ифлос, чиркин; (Қӯрғ.) пӯсти чормағз; **катак** (Дм., Нӯш., Мум., Шӯр., Ҳиҷ., Яр., Қлб., Қӯрғ.) хоначаи парандаҳои хонагӣ, катак; (т. – ишк., т. – вах., Ғор.) алвонҷак (барои тифл); **кебидан (**Қ.) кебидан, тарсидан; (Қӯрғ.) мондаву озурда шудан; **коза (**Шк., Ғк.) коза, чайла, каппа; (Дҷ., Дб., Сч., Хҷ., Ош., Кан.) дом, домгоҳ; хоначаи махсуси хасин, ки дар ҷойи ҷамъшавии кабкҳо, мурғони даштӣ (атрофи чашма зери харсангҳо) сохта, сатҳи болоии он ба тӯр маҳкам карда мешавад; (Қӯрғ.) хонаи муваққатӣ, ки зери замин месозанд; **кола (**Мх., Хм., Б., Дҷ., Қӯрғ.) либосворӣ, матоъ; мол, чорво, ашё; (Вқ., Шк., Қ.) қалин, маҳр; (Ёл.) сару либоси ба арӯсшаванда дода мешудагӣ; **тарк** (Вқ., Ғк., Шк., Қ.) тарк, фона; (Дб., Чб.) ҷойи барҷаста, қирра; (Пв., Сур., Хм., Шм.) косахонаи сар; (Қ.) раг; (Қӯрғ.) бар сари дардманд дору тайёр кунанд, ки тарк ном дорад; **пакар (**Вқ., Қ., Шк.) мушавваш, парешон; (Вқ., Шк., Қӯрғ.) хаста (беҳол, бемадор) шудан; нодон; **пех** (Қ., Ғк.) пех, ҷойи бурида ё пояи дарахту бутта ва рустаниҳо; (Шк., Қ., Ғк.) пих, нарангушти пойи хурӯс, ки ниҳоят нӯгтез аст; (Шк., Ҷк.) чӯби махсуси ширченкунӣ; **понча (**Мум.) қолиби нақшандозии кулолгар; (Қӯрғ.) ороишоти заргарӣ, ки бар мӯй овезанд; **хинг** (Пд., Қ., Хум.) хокистарранг, ранги хокистарӣ; (Қ.) хиратоб; лойолуд; (Кҳ.) як навъи аспи хокистарии паст (нуқрафом); (Дб., Кан.) як навъ асбоби маскаҷудокунӣ; (Қ.) машкест, ки дарунашро пури бод карда аз дарёҳои калон мегузаштанд, гупсар; (Лахш) безеб, зиштрӯ; **чалма (**Дҷ., Сч., Хҷ.) чирк, қарқи бадан; (Қ., Шк.) муҳосира, иҳота; (Вқ., Қ) матое, ки чӯпонон ба шакли салла ба сар мепечонанд; (Қӯрғ.) саргини бузу

гӯфандон; **чеп (**Ғор., т. – вах.) дидбонгоҳ, қаравулхонаи низомӣ; (Қӯрғ.) гирдогирди замини корамро чун хандақ кофтан ва ғ.; юююю

в) Дар лаҳҷаҳои мавриди назар вариантнокии калимаҳои хоси шева ба ҳудуди интишор ва табиати савтии лаҳҷаҳо вобастагӣ дорад. Вариантнокии калимаҳоҳодисаи маъмул дар забони адабӣ ва гӯйишҳо буда, «дар низоми лексикии забон силсилаи калимаҳое (ҳам мустақилмаъно ва ҳам ёридиҳанда) ба назар мерасад, ки барои ифодаи як маъно (мафҳум) ду ва зиёда шакли камубеш тағйирёфта доранд, ки чунин гурӯҳи калимаҳоро бо истилоҳоигуногун: вариант, дублет (муодил, гуна, мувозӣ) ёд кардаанд. Азбаски ин қабил калимаҳо аз нигоҳи шакл мушобеҳ буда, аз лиҳози ифодаи маъно комилан баробар мебошанд, бинобар ин дар ҷараёни нутқ (ба истиснои шаклҳои архаистӣ) ҷойи якдигарро иваз карда метавонанд. Аз ин рӯ, иртиботи шакливу маъноӣбоис мегардад, ки онҳо дар доираи робитаи парадигматикӣ баррасӣ шаванд» [Кабиров, 2021, с.201].

Дар ин маврид шарҳи ду нукта муҳим аст:

1.Барои ифодаи маъниҳои бо ҳам наздик шаклҳои гуногуни як калима истифода мешаванд: **метин (**Дм., Лш., Нӯш., Қлб., Ҳиҷ., Ҳо., Яр., Бойс., Қӯрғ.), **метинг (**Пв., Хм., Шм.), **мети´ (**Мс., Пч., Сам., Хум., Шв.), **майтин // майти´ // майтън (**Лахш, Мт., Пд., Хт., Кк., Қӯш.), **мъти´ (**Хов., Ёх., Сх.) метин, чакуш, олоти нӯгтезе, ки бо он санги осиёро мечинанд; **виғна (**Дар.Н., Сина) // **биғна (**Қӯрғ.) як навъи растании сӯзанбарг; **ғайба (**Ҷк.) // **ғеба** (Қӯрғ.) нах; паға (аз пашм, пахта, пилла); **дигил** // **дигъл**, **дъгъл (**Қӯрғ., Ҳак., Хов.) гӯсфанди маҳаллии думдор; **йалоғу** // **йовлоғу**, **йалғу (**Хғ.), **елоғу (**Ог.), зарфи дастадори обгирӣ, равғандоғкунӣ, ё худ хӯрокпазӣ (мисли тухм, шир ва ғ.); **йашк (**Қӯрғ.) // **ашк** (Порвор) дандони хук; **кавсан (**Кҳ., Қ., Шк.) // кепсан (лаҳҷаҳои Бойсун) кафсан, миқдоре аз ғизои ба тозагӣ кӯфта ё меваву ҳосили полиз ва ғ., ки касе ба хирмангоҳ, боғ, полизгоҳ ва ғ. ояд, ба унвони бахшиш дода мешавад; **карбас (**Нил.) //

карваш (К-рш) калтакалос; **кашар (**Шк.) // **качар** (Қӯрғ.) ҷойи гову мол; **кумоч (**Дб., Кан., Ст., Ош., Тқ.) // **къмоч (**Нӯш., Қлб., Ҳиҷ., Хов., Ёх., Ҳак., Яр.), **къмоч (**Қӯш.); // **қумоч** (Қӯрғ.) ноне, ки дар чарогоҳ пухташуда; **қорч (**Вқ.Қ.) // **хорч** (Қӯрғ) занбӯруғ, навъе аз занбӯруғҳои хӯрданӣ; чаҒора; **лифток** // **лифтоқ (**Шк., Ғк.) // **лъфток** // **лъфтоқ (**Ҷк.) // **дефток** (Бойс., Қӯрғ.) буттаест, ба ранги токи ангур, баргҳои калон-калон дорад; **малаҳа (**Ош.) // **малла (**Қӯрғ., Бойсун) ҷигарӣ (навъи ранг); **сънҳор** // **сунҳор** // **сънор (**Вқ., Қ., Шк., Бдх.) **синор** // **сънор (**Ғор., т. – вах.) // **шунҳор (**Кб., Кп.) келин, арӯс, завҷаи фарзанд нисбат ба тамоми хешу табори домод; **шишки´ (**Шк.) // **шъшки´ (**Вқ., Қ) // **шушки (**Қӯрғ.) юндӣ, обе, ки пас аз шустушӯи дегу табақ ҳосил мешавад ва ғ. Калимаи **шушки´** дар гӯйишҳои роғӣ бо калимаи **тақалов** низ ифода мегардад.

Бояд қайд намуд, ки вариантнокии калимаҳо дар лаҳҷаҳо ниёз ба таҳқиқоти мукаммал дорад. Дар лаҳҷаҳо барои ифодаи айни як мафҳум ва ё ҳодиса вариантҳои зиёди як калима истифода мешаванд. Бо вуҷуди шаклгириҳои гуногун ин гурӯҳи калимаҳо маъниҳои бо ҳам наздикро ифода менамоянд. Забоншинос М. Эшниёзов ба ин хусусияти калимаҳои хоси шева таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Ба андешаи ӯ, «муайян ва муқаррар кардани доираи интишор ва интишори аносири лаҳҷавӣ дар лаҳҷашиносӣ кори беҳад мураккаб ва мушкил буда, ҷустуҷӯи тӯлонӣ ва диққати махсусро талаб мекунад»[Эшниёзов, 1999, с. 6]. Дар даҳсолаи охир таҳияи луғатномаи гӯйишҳои тоҷикӣ вусъат пайдо намуд, ки дар онҳо ба ҳудуди интишор ва ифодаи маъноии калимаҳои хоси шева диққат дода шудааст. Ин омил дар муайн намудани ҳудуди интишори калимаҳо ва ифодаи маъноии онҳо дар гӯйишҳои тоҷикӣ замина ба миён меорад.

Дар шаклҳои ягонаи морфологӣ омадани калимаҳои хоси шеваро дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ то андозае мушоҳида менамоем: **каврак (**лаҳҷаҳои ҷанубӣ) //

камарак (Қ̄рғ.) як навъ растании қадбаландест, ки танааш мисли офтобпараст ковок мешавад; **курғанак** (Вд., Нд., Каҳ., Нз., Мс., Обл., Хум., Кан., Дб.) // **кърғанък** (Лахш, Мт., Пд.) // **кӯрғанак** (Қ̄рғ.) тарзи сарбасар (сарак бо сарак) чида ғарам кардани дарзаҳои ғалла; **овлечак** // **авлечак** // **овлича** // **олъчак** // **олучак** (Ғор., Сч., Хҷ., Кан., Хов., Сғ.) // **авлочак** // **овлочак** (Дл., Уч., Шб.) // **овлича** // **авлича** (Ёх., Сд., Сф.) // **улчак** (Бдх.) танобе, ки нӯгашро ба ду ҷо баста,дар байнаш барои хобондан ё шинондани кӯдак ҷой тайёр мекунанд ва ғ.

Ба андешаи Л.И.Баранникова «дар мавридҳои дигар вариантҳои морфологии калима бо айни як реша ба назар мерасанд, ки онҳоро наметавон синоним шумурд» [Баранникова, 1962, с.104].

2. Баръакси ҳодисаи аввал шаклҳои гуногуни як калима бо тобишҳои нозуки маъноӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд: **алоғу** (Сам.) яғлоғу, зарфест мисин ё оҳанини дастадор барои об гирифтан ва доғ кардани равған, тоба; (Ҷк.) оташкоб // **йалоғ** // **ялоқ** (Қ̄рғ., Ёх.) зарфе, ки дар он ба саг ва гурба хӯрок медиҳанд; **бехи´** (Шл., Ғк.), **вехи´** (Вқ., Қ.) ҳаргиз, аслан; **бехли** (Қ̄рғ.) тамоман, пурра; **вара** (Ёз.) роҳбар, сардор; (Кан.) ду нафар ҷавоне, ки шаби ақди никоҳ дар ду паҳлӯи навдомод меистад (Дар.Н.); **вара додан** ҳаво додан ва ғ.

Доираи интишори лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда ҳудуди васеъро фаро гирифта, вобаста ба маҳалли корбаст вариантнокии калима афзун мегардад ва шаклҳои гуногун ба айни як маънӣ намеоянд: **возвол** (Қ.) шохаи нарме, ки онро гирд мекунанд ва рӯйи пӯсти дарахт мебанданд ва дар зимистон мавриди шикор зери кафш васл мекунанд то дар барф фурӯ нараванд; **ғозвол** (Қ̄рғ.) одами либоси аз пӯсти арча ба бар, ки дар тӯйи хатнасур рақс мекунад; **ғулу шидан** (Қ.) // **ғълъп шъдан** (т. – вах.) // **ғулпа шудан**дар як ҷо ҷамъ шудан; (Сина) ғафс шудан; **качал** (Шк., Ҷк., Қ̄рғ.) каҷпо, шахсе, ки кафи пойҳояш ҳамвору роҳгаштанаш душвор аст; (Кҳ.) номи қавме аз қабилаи барлосҳо // **кочала** (Ҳак., Сам., Обл., Нӯш., Нав.,

Каҳ., Қлб., Ҷав.) қисми боқимондаи навдаи дарахт пас аз буридан; **килк // кълк (**Ёз., Лан., Сдт., Дҷ., Хҷ., Хов.) // **кулк (**Даҳ., Зир., ЛаҒ., Шӯр., Дҷ., Б., Мум.) қамиш, най, килк; (Ғоф., Ог., Кд.) // **кълк (**Лан., Шӯр.) нард, танаи пиёзи тухмӣ; **посира (**Ан., Ёл, Пор.) ҳиссае аз ҳосили зироати ба тариқи шарикӣ кишт кардашуда; (Қ., Шк.) // **посра** (Дарб., Қӯрғ.) пайкол, қитъаи замини берун аз ҳавлӣ, ки он ҷо зироат, сабзавоти гуногун кишт карда мешавад; **рем // рим (**Қ.,) як навъ дарахти бесамар аз ҷинси сафедор, аммо бар акси он баланд намешавад; (Қӯрғ.) чирки захм; **хилм // хълм (**Вқ., Ғк., Кҳ., Ҷк.,Шк., Бдх.) хилм, хилми бинӣ; (Қӯрғ.) хуни аз шикам ҷоришаванда; **ҳамел // ҳамил (**Ғк., Кҳ., Шк.) // **hамел // hъмел** (Вқ., Қ.) **// ҳимел** (Дарб., Бойс., Қӯрғ.) // **амел (**Бдх.) шаддаи ҳар чиз, ки дар як ришта қаторгузаронида шудааст; (Вқ.) *маҷ.* маъюб, дардманд; **ҳанг** // **hанг // анг (**Ҷк., Бойс., Қӯрғ., Дарб.) қувват; (Шк., Қ.) // **анг (**Бдх.) ҳангос, бонг; наъра; **савча (**Ғк., Вқ., Қ., Кҳ., Шк.) сабча, найчаи харбуза; // **сабча (**Қӯрғ.) ғӯра; **чагалдак (**Ғк., Кҳ., Шк.) **чъғалдак (**Вқ.) **чекалдак (**Қ.) хамири майда-майда, лӯнда-лӯнда буридашудаи бо резаи пиёзу кашнич, қаланфуру райҳон ва ғ. омехта, ки дар равған мепазанд // **чаґалдак (**лаҳҷаҳои Бойсун) дом барои моҳӣ; **чиґил** (Шк.) // **чъґел (**Ғор., т. – ишк.) // **чиґел** (Сина) як навъ ғалбери сӯрохкалон; (Ст.) сангмайда, сангреза ва ғ. Он калимаи лаҳҷавӣ, ки ҳудуди интишори васеъ дорад, бо гузашти вақт маъниҳои нави забониро касб менамояд. Ба таври мисол, калимаи **пӯка** дар гӯйишҳои ҷанубӣ ва лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ба шаклҳои **пика (**Кҳ., Ғк.), **пука (**Вқ., Қ.) // **пъка (**Ҷк.) ба маъниҳои пургуй, сергап; пук, гаранг, даҳаняла; каллаварам; якрав, гарданшах; **пӯкка (**Бойс.; Қӯрғ.) нисбат ба себ ё меваи зарбдида истифода шуда, ин маъниҳо дар лаҳҷаҳои дигар тобишҳои нав пайдо мекунанд.

Вобаста ба ҳудуди интишор калимаҳо аз ҷиҳати савтию сарфӣ ва наҳвӣ дорои як қатор хусусиятҳои забонӣ мегарданд, ки маҳз ин яке аз омилҳои фарқият гузоштан дар таснифоти онҳо мегардад .

Дар шаклгириҳои савтӣ, сарфӣ ва наҳвӣ вобаста ба ҳудуди интишори калима воҳидҳои забонӣ ба тағйироти шаклӣ ва маъноӣ дучор мешаванд. Ҳангоми таҳқиқи гурӯҳҳои мавзуии таркиби луғати лаҳҷаҳо профессор С. Раҳматуллозода ба ҳудуди интишори калимаҳо ва дар ин замина васеъ гардидани ифодаи маъноии онҳо диққати махсус додааст. Ба андешаи ӯ «Вожаи **хеш** чандин муродиф дорад. Калимаҳои **қавм, авлод, кънда, пъшт, реша, тъхм, камар, бех, вандо, зуйрот // зуйрод // зурйот // зърйот, гъзаштагон // гъзаштагийо,соҳибдарак // соҳивдарак, хешованд**, **хешътавор** ва ғайраҳо морфемаҳое мебошанд, ки дар ҳолатҳои услубӣ метавонанд, калимаи «**хеш»-**ро иваз кунанд ва ҳудуди интишори онҳо тамоми шеваҳоро фаро гирифтааст» [Раҳматуллозода, 2014, с.26].

Дар забоншиносии тоҷик муҳаққиқони зиёд ҳангоми таҳқиқи хусусиятҳои луғавии лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба масъалаи ҳудуди интишори он дахл намудаанд [ШҶЗТ, 1980, с.123, Исмоилов, 1994, с.16; Раҳматуллозода, 2014, с.7].

Забоншиноси рус А. Л. Хромов таҳқиқи муқоисавии забони адабӣ ва гӯйишҳои онро ҳангоми таҳқиқи лаҳҷаҳои Мастчоҳ муҳим шуморида, дар ин замина ташаккули воҳидҳои луғавиро дар лаҳҷаҳо ба таври илмӣ тасниф намудааст. Ба андешаи ин муҳаққиқ, «Аз нигоҳи муносибат ба забони адабӣ калимаҳои лаҳҷавии лаҳҷаҳои Мастчоҳро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан лозим аст: мухолиф ва ғайримухолиф. Ба гурӯҳи лексикаи лаҳҷавии мухолиф он калимаҳое дохил мешаванд, ки бо эквивалентҳои дар забони адабӣ доштаашон муқобил меистанд, лексикаи лаҳҷавии ғайримухолиф он калимаҳоеро фаро мегирад, ки дар забони адабӣ эквивалентҳои мувофиқ надоранд [Хромов, 1962, с. 181, 79-82].

Баъдан ин гуфтаи забоншинос А.Л. Хромов дар забоншиносии тоҷик тақвият пайдо кард. Маҳз ҳудуди интишори калимаҳои хоси шеваро ба инобат гирифта, профессор Ш. Исмоилов дар таҳқиқи луғати лаҳҷаҳои Рашт ба таснифоти калимаҳои хоси шева дар ду зергурӯҳ:

мафҳумҳои мухолифва ғайримухолиф такя намудааст [Исмоилов, 1994, с.16], ки дар асоси ин таснифот хусусиятҳои луғавии як қатор лаҳҷаҳои тоҷикӣ омӯхта шудаанд [Кабиров, 1995; Осимова, 2000; Гадоев, 2012; Ӯзбеков, 2009; Сангинов, 2012; Замонов, 2009, Абдуллоева, 2013; Сулаймонов 2018].

Бояд қайд намоем, ки муайян намудани доираи маънои калимаҳои хоси шева ва шаклҳои корбасти онҳо вобаста ба ҳудуди интишор кори саҳл нест. Ба таври мисол, калимаи **къръмб** (лаҳҷаҳои Кӯлоб) кулӯлаи лойи хушкида [Неменова, 1956, 167] // **қирумб (**Хуф) ба маънии тӯдаи сангпораҳои аз кӯҳғалтида дар доираи васеъ истифода мешавад. Муҳаққиқи рус М.С. Андреев ба ин хусусияти калимаи мазкур диққат додааст: «Калимаи къръмб (кирум, курумб ва ғ.) дар маҳалаҳои гуногуни тоҷикнишин интишор ёфта, ҳатто дар байни қавмҳои туркзабон дучор меояд»[Андреев, 1958, с.18].

Албатта, ба таври қотеона мо наметавонем дар бораи ҳудуди интишори калима ҳукми илмӣ барорем: «калимаҳои алоҳидае ҳаст, ки чи аз ҷиҳати ҳудуди интишор ва чи аз ҷиҳати ифодаи маънӣ аниқ кардани онҳо душвориҳо пешовард» [ШҶЗТ, 1980, 123].

Масъалаи ҳудуди интишори калимаҳо дар асарҳои профессор Ғ. Ҷӯраев ба таври мукаммал баррасӣ гардидааст. Дар китоби «Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ» вобаста ба ҳудуди интишор тағйир ёфтани маъниҳои калимаҳои **чакдон, катак, сулук, къръмб** (къръмдевол кълухдевол, кесакдевол ва похсадевол), **шиғ**, хӯрокҳо: **қашон, ширбоғ** ва ғ., анвои либос: **ҷелак** (калтача, кепанак) ва садҳо калимаи дигар мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муҳаққиқ мавҷуд набудани маводи зарурӣ аз тамоми лаҳҷаҳоро омили душворӣ дар муайян намудани изоглосси калимаҳои хоси шева ҳисоб мекунад [Ҷӯраев, 2017, с.200].

Вобаста ба ҳудуди интишор калимаҳо бо муродифоти зиёди луғавии хоси шеваҳо низ ифода мешаванд: **хӯрӣ** (Бойс., Ҳак.) // **дъшном**

(Ғ.к.) // **навохтан** (Ял.) // **фълохундан** (Ҳиҷ.) // **ҳора** (Нав.) ҳақорат кардан; **ғапа** (В.қ.) // **ғърамба** (Шк.); **кълета** (Ог.) // кърндора (Вқ.) // **калот** (Ял.) хароба, вайрона, ҷойи фурӯрафт ва ғ.; **ғайбар** (Қӯрғ.) бузург // барзангӣ; **ғирбод** (Қӯрғ.) бузург, калон; **ғапа** (Вқ., Ғк.) вайрон, вайрона, хароба // **ғърамба** (Шк., Қ.) вайрона, ҷойи фурӯрафта; **ғумор** (Си.) // **ландаҳӯр** (Дарб.) ноуҳдабаро; **ҷаґал** (Қ.) душворбаро // **ҷаґат** (Шк.) қуллаи баландтарин ва касногузари кӯҳ ва ғ.

Аз омӯзиши маводи лаҳҷаҳо метавон хулосагирӣ намуд, ки аксари калимаҳои хоси шева муодили адабии худро доранд. Аммо вобаста ба мавқеи нутқ доираи силсилаи муродифӣ дар лаҳҷаҳо васеъ мегардад, ки ин нуктаро бештар дар ифодаи аломат мушоҳида менамоем: **чаґбут** // **даққӣ** // **паттӣ** // **кърши**н ва ғ.

Муродифоти луґавии калимаҳои хоси шеваро дар зербоби таснифоти мавзуйба таври алоҳида баррасӣ менамоем.

Албатта, омӯзиши мукаммали ҳудуди интишори калимаҳо кори машаққатталаб буда, набудани луґати мукаммали шеваҳои тоҷикӣ ва мавҷудияти нуктаҳои баҳсталаб дар ин соҳа барои баррасии илмӣ ва амалии мавзуи мазкур мушкилӣ пеш меорад.

Ҳамин тавр, ҳудуди интишори калима дар лаҳҷаҳо ба ҳамаи бахшҳои забон, яъне шаклгириҳои савтӣ, сарфӣ ва наҳвӣ тааллуқ дошта, вобаста ба ҳудуди интишор калима дорои шакл ва маъниҳои нав мегардад, ки омӯзиши он барои муайян намудани раванди таърихии забон замина фароҳам меорад.

Хулосаи боби I

Боби якуми рисола фарогири масъалаҳои назариявии калимаҳои хоси шева ва меъёрҳои шинохти он дар забоншиносии рус, омӯзиши калимаҳои хоси шева дар забоншиносии тоҷик, мафҳуми калимаҳои хоси шева ва таснифоти он, инчунин ҳудуди интишори калимаҳои хоси шева буда, натиҷагирӣ аз он чунин аст:

1. Дар забоншиносии рус андешаи муҳаққиқони соҳа мухталиф буда, дар адабиёти илмии соҳа мафҳуми ягона дар ифодаи калимаҳои хоси шева ба назар намерасад. Дар забоншиносии рус корҳои зиёди илмӣ дар ин самт анҷом ёфта бошанд ҳам, дар шинохти меъёрҳои забонии калимаҳои хоси шева замина ихтилофи назарро мушоҳида менамоем. Олимони рус дар корҳои арзишманди илмии худ бештар хусусияти луғавии лаҳҷаҳоро ба таври умумӣ таҳқиқ намуда, вобаста ба самти кори таҳқиқотии хеш баъзе ишораҳо оид ба калимаҳои хоси шева овардаанд. Албатта, он ишораҳои илмии забоншиносон ҳангоми таҳияи луғати лаҳҷаҳо, энсиклопедия ва китобҳои забоншиносӣ оид ба меъёрҳои шинохти таркиби луғати лаҳҷаҳо дар таҳқиқи хусусиятҳои забонии калимаҳои хоси шева асос ба ҳисоб мераванд.

2. Аз таҳқиқи масъалаҳои марбут ба калимаҳои хоси шева ва меъёрҳои шинохти он дар забоншиносии тоҷик бармеояд, ки назари илмии олимон гуногун буда, вобаста ба равияҳои таҳқиқотии худ онҳо ҳангоми таҳияи фарҳангҳои фарогири луғати лаҳҷаҳо, энсиклопедия ва китобҳои забоншиносӣ, асару мақолаҳои илмӣ, дар мавриди нишондоди дараҷаи корбасти калимаҳои адабии китобӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ, инчунин омӯзиши диалектизмҳо дар осори шоирону нависандагон ва баррасии мавзуии таркиби луғати лаҳҷаи тоҷикӣ оид ба калимаҳои хоси шева ва меъёрҳои забонии онҳо андешаронӣ намудаанд, ки дар ташаккули ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ин қабати луғавӣ заминаи устувор фароҳам меорад.

3. Дар муайян намудани меъёрҳои забонӣ ва аломатҳои фарққунандаи калимаҳои хоси шева ин нуктаҳои илмӣ муҳим мебошад:

а) Яке аз сабабҳои ба қатори диалектизмҳои лексикӣ гузаштани калимаҳо тағйироти савтии чандзинагӣ буда, ҳатто соҳибони забон дар муайян кардани шакли аслӣ душворӣ мекашанд. Дар ин маврид сарфи

назар кардани ҳодисаҳои савтии монандшавӣ, дуршавӣ, ҷойивазкунӣ ва ғ. духӯрагиро ба миён меорад;

б) Дар лаҳҷаҳо вобаста ба табиати шеваҳо шаклгириҳои сарфӣ дар берун аз меъёрҳои забони адабӣ сурат гирифта, маводи мавҷуда далолат ба он мекунанд, ки рехташваии калимаҳои сохта ва мураккаб дар лаҳҷаҳо вусъат пайдо карда истодаанд ва чанд зинаи калимасозиро доро будани як шакли сарфӣ боиси фарқияти шакливу маъноии он миёни гӯйишҳои алоҳида мегардад;

в) Ба масъалаи тағйироти шакливу маъноӣ ва ҳудуди интишори калимаҳои адабии китобӣ, ки дигар дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ корбаст намешаванд, диққати махсус бояд дод. Ин гурӯҳи калимаҳо дар гӯйишҳои тоҷикӣ шакл ва маъниҳои нави забониро касб менамоянд ва вобаста ба ин хусусияти худ моли (маводи) лаҳҷаҳо ба шумор мераванд.

г) Калимаҳои иқтибосӣ вобаста ба табиати лаҳҷаҳо, муҳити ҷуғрофӣ, таъриху фарҳанг ва урфу одати мардум ба тағйироти маъноӣ ва шаклӣ дучор мешаванд, ки дар ин замина онҳо фонди асосии луғати лаҳҷаҳоро бою ғанӣ мегардонанд.

4. Калима дар таркиби луғати лаҳҷа ҳамеша ҳудуди интишор дорад. Вобаста ба ҳудуди интишор доираи корбасти калима васеъ ва маҳдуд буда метавонад. Як нуктаи муҳим дар ин самт маъниҳои нави забониро касб намудани калимаҳо вобаста ба маҳалли интишорашон буда, тағйироти шаклии онҳо низ таҳқиқталаб мебошад.

БОБИ II

РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ КАЛИМАҲОИ ХОСИ ШЕВА

2.1. Ташаккули калимаҳои хоси шева бо роҳи калимасозӣ

Калимаҳои хоси шева як қабати устувори лексикаи лаҳҷавиро ташкил медиҳанд. Бо вуҷуди умумияти лаҳҷаҳо ва забони адабӣ, дар шаклгириҳои сарфиву наҳвӣ тафовутҳои зиёде низ ба назар мерасанд, ки таҳқиқи онҳо муҳим ба шумор меравад. Як роҳи инкишофи лексикаи лаҳҷавӣ калимасозӣ мебошад. Дар забоншиносӣ бо дарназардошти хусусиятҳои забонии ин шаклгириҳои морфологӣ як гурӯҳи махсуси калимаҳои хоси шеваро диалектизмҳои морфологӣ ташкил медиҳанд. Умуман, назар ба гуфтаи муҳаққиқони соҳа, иқтидори забони тоҷикӣ дар бахши шаклгириҳои морфологӣ назаррас буда, ин мавзуъ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи забоншиносон қарор дорад. Баррасии масъалаи калимасозӣ дар асоси маводи лаҳҷаҳо аз солҳои 60-уми асри гузашта шуруъ гардида, дар ин самт муҳаққиқон В.С. Расторгуева, А.Л. Хромов, Ғ. Ҷӯраев, А.З. Розенфелд, Ҷ. Мурватов, У. Обидов, М. Маҳадов, Б. Бердиев, М. Маҳмудов, Ш. Исмоилов, Р. Саидов ва дигарон таҳқиқотҳои арзишманд анҷом додаанд. Дар даврони муосир омӯзиши калимасозӣ дар заминаи лаҳҷаҳо ҷараёни навро касб намуда, таҳқиқоти забоншинос С. Раҳматуллозода таҳти унвони «Калимасозии исм» (дар асоси маводи шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ) рӯшаниандози бисёр масъалаҳои мубрами соҳа мебошад [Раҳматуллозода, 2014]. Дар ташаккули роҳи морфологии калимаҳои хоси шева қисматҳои зиёд ҳамоно ниёз ба таҳқиқоти илмӣ дошта, омӯзиши хусусиятҳои забонии лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар доираи васеъ имкони баррасии мукаммали ин бахшро фароҳам меорад. Дар ин кор ба

таври хеле мухтасар оид ба шаклгириҳои морфологии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикони ҳавзаи Сурхондарё ва гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ маълумот оварда шуда, хусусияти забонии онҳо баррасӣ шудааст.

Калимасозии исм дар ин қабати лексикӣ сермаҳсул ба шумор рафта, «дар байни гурӯҳҳои калимаҳои забон ду категорияи калон буда, дигарон дар атрофи он муттаҳиданд. Яке аз онҳо ҳодиса ва предмет (исм) буда, баъд аломатҳои он: сифату хусусият, миқдору тартиб ва дигаре амалу хосияти он аст» [Ҳалимов, 1988, 15]. Имконоти луғавиҳар як ҳиссаи нутқ заминаи дар шакл ва қолибҳои гуногуни сарфиву наҳвӣ омадани онҳоро фароҳам меорад, ки мавқеи исм дар ин маврид устувор ба назар мерасад [ниг.: Ниёзӣ Ш., 1954; 1964]. Аз таҳлили маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ бармеояд, ки бо пасвандҳо ташаккул ёфтани калимаҳои хоси шева назаррас буда, дар ин қабати лексикӣ воситаҳои калимасоз доираи корбаст, дараҷаи маҳсулнокӣ, ифодаи маъноӣ ва як қатор хусусиятҳои забониро доро мебошанд. Тавассути калимасозии морфологӣ доираи маъноии калима васеъ мегардад, ки дар ин ҷода ҷанбаи маъноии калимаи онро созмондиҳанда ва табиати забони зиндаи халқ бояд ба инобат гирифта шавад. Ба таври мисол, калимаи **лик** бамаънии ангушти хурд маъмул буда, дар ин замина тавассути калимасозӣ маъниҳои нав дар лаҳҷаҳо арзи ҳастӣ менамоянд: **ликак (**Шк., Қ.) чӯбчаи хурд дар бозии акколбозӣ; (Дҷ., Хҷ.) номи ҷузъи дук (асбоби ресандагӣ); (Лахш, Пд., Хт.) номи як қисми сипор (амоч); (Вқ., Қ.) ларзон, ҷунбонак ва ғ.; **ликзанӣ** (Қ.) навъи бозии бачагон, ки бо акколу акколдаста иҷро карда мешавад: *бачаҳако ликзанӣ мекънан-ку, у-ра-м кър меган* (Ҷав.); **ликӣ** (Ёл., Ан.) ченаки шир, ки баробари ангушти хурд аст; **чаблик (**Ҷк.) ченаки шир (баробари як ангушти ишоратӣ бошад) ва ғ.

2.1.1. Калимасозии пасвандӣ

Пасвандҳои ***-ак (-ок, -ик), -ӣ (-гӣ), -а*** аз воситаҳои сермаҳсули морфологӣ дар ташаккули калимаҳои хоси шева ба ҳисоб рафта, бо пасвандҳои***-ин (-ина), -ич, -ча*** низ ташкил ёфтани ин гурӯҳи луғавӣ маъмул мебошад. Дар лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ вобаста ба дараҷаи корбаст ва ифодаи маъноӣ дар алоҳидагӣ баррасӣ намудани онҳо мувофиқи мақсад мебошад. Таснифоти мухтасари шаклгириҳои морфологии калимаҳои хоси шеваро вобаста ба дараҷаи корбасти воситаҳои калимасоз ба таври зайл метавон тасвир намуд:

Пасвандхои сермахсул:

Тасвири № 2



Пасвандҳои каммаҳсул:

Тасвири №3



Пасванди ***-ак*** таърихи куҳан дошта [Шарифов, 1958, с.43; ОИЯ, 1982, с.666; Пейсиков, 1964], дар осори классикӣ каммаҳсул ба назар мерасад, ин воситаи морфологӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ дар шаклҳои гуногун (-ок, -ик,-ук, -ек) ба сифати унсури шаклсозу калимасоз мустаъмал мебошад [Камолиддинов, 1993, с.197]. Дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ ин пасванд бештар бо исмҳо омада, хусусияти шаклсозиву калимасозӣ дорад.

Ба андешаи муҳаққиқ С.Раҳматуллозода, «ин пасванд бар хилофи забони адабии пешин дар забони адабии кунунӣ фаъол гардидааст. Вай бо қаринаҳояш дар шеваҳои забони тоҷикӣ низ ҳамин гуна хусусиятро дорост» [Раҳматуллозода, 2019, с.23]. Дар лаҳҷаҳои тоҷикони ҳавзаи Сурхондарё ва гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ бо исм омадани ин воситаи морфологӣ дар ташаккули диалектизмҳои пурра фаровон ба назар мерасад. Дар ин гурӯҳ шаклсозиву калимасозии ин воситаи морфологиро бо дарназардошти нисбат ба лексикаи умумихалқӣ маҳдудистеъмол будани калимаҳои хоси шева, инчунин баррасии онҳо дар зербобҳои дигари рисола мухтасаран анҷом медиҳем.

Дар доираи ҳиссаҳои нутқ калимасозии онро ба таври зерин тасниф менамоем:

А. Дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда бо шакли **-ак** аз исм сохташавии исм назаррас мебошад: **аловък** (Қлб.) парандаест аз ҷинси гунҷишк,

ҳаҷман хурду сурхчаранг, гарданаш сиёҳчатоб; **пупалак (**Дҷ.). як навъи шапалак; **пупишак (**Хм., Шм.) ҳудҳуд, шонасарак; **сурак (**Яхч) нонхӯрак (ҳашарот); **қоғък (**т. – ишк.), **қуғък** забонча; **анголак (**См., Қӯрғ, С-на) ҷоғ.; **пуфчак (**Сина) шошадон; **мъжъкак (**т. – вах.) жола, ҷола; **ғанак (**Қӯрғ.) тӯби алаф; ғарами дарзаҳои ғалла**; бъринҷак** (Ҷк.) давраи аввали аз тухм пайдошавии кирмак; **газарак** (Дор., Мт., Сх., Хов., Чс., Шлп., Ял.) як навъ растаниест, ки тухми он ба ғӯраи сабзӣ шабоҳат дорад. Бояд гуфт, ки калимаи газари арабӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣкорбурд надошта, дар шакли ***ҷазар*** ин калима дар забони арабӣ ба маънии сабзӣ меояд. Ба шакли **газарак** танҳо дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ он ба маънии сабзӣ истифода мешавад.

Доираи маъниофаринии ин пасванд дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда васеъ аст: **дъчигасак** (Қ.) як навъи гули қуроқи кӯрпача, ки чоркунҷа мешавад; **испарак (**Кан., Дб.) гиёҳест худрӯй, ки аз он дар бофандагӣ ранги зард ҳосил мекунанд; **кармак (**Нил.,Мал-д.; Ромит) пӯстлохи решаи бодому зардолу, ки барои чармгарӣ аз он ранг тайёр мекунанд; **мошак (**Сина) боқило (навъи зироат); **машак (**Қлб., Ҳиҷ., Яр.) муҳраи калоне, ки дар миёнаи шаба, муҳраҳои гарданбанд, мегузаронанд; **пушкак (**Қӯрғ.) асбобе, ки бо он аз шир равған ҳосил мекунанд; **хугак (**Вд., Нд., Нз.) чӯбчаи нӯктез, ки барои намакидани модараш дар фуки гӯсола мебанданд; (Вд., Нд., Нз.) номи ҷузъи амоч (сипор); **саночак (**Вқ., Қ.) анбон, борхалта; **соботак (**Ёх.) ҷойи нишасти тобистонаи суфамонанд, ки дар зераш оташдон дорад; **тирак (**Сина) ҷӯяк, хатак; **чахмоқак // чашмоқак (**Қӯрғ.,Нил.) раъду барқ; **чахтак (**Вқ., Қ.) **чахтък (**Бдх., Оқ.) кашакест, ки бар ду сари вай ду сатилро овехта об кашанд; **ришкак (**Сина) решамайдаи ток ва ғ.

Ин қолиби калимасозӣ хосатан дар гӯйишҳои ҷанубӣ фаъолтар ба назар расида, аз калимаҳои умумистеъмолии ба тағйироти фонетикӣ дучоршуда сохташавии калимаҳои хоси шева маъмул мебошад: Калимаи

севак (Ёз.) яке аз унсурҳои лаҳҷавии сермаънӣ ба ҳисоб рафта, бо тағйироти фонетикӣ аз калимаи **себ** дар шакли **сев** ба таври сохта – **севак** ба маънии **себча**, инчунин завола, қисми чархи осиё ва ғ. истифода мешавад. Ин калима чун воҳиди чен кардани шир (ба миқдори се ангушт) низ корбаст мешавад. Ба монанди он, калимаи **каландак** (Сс.) маънии хори сари девор, инчунин андозаи як метр масофаро низ ифода менамояд.

Б. Аз исм ва дигар ҳиссаҳои нутқ сифат сохтани ин пасванд дар таркиби калимаҳои хоси шева каммаҳсул ба назар мерасад: **бахтак (**Каҳ., Кб., Хум.) айёр, маккор, шайтон; **бодак (**Хов., Кан., Мт., Ток.) бодӣ, ҳавобаланд, мағрур, худписанд, бемаънӣ; сабукфикр, кӯтоҳандеш; ғанталак (Вқ., Қ.) ғел, ғелон; **сърдък** (Чл.) кӯдаки хурд ва ғ.

В. Аз сифат исм сохтааст: **мунисак (**Қӯрғ.) матое, ки занон ба сар гиранд; **буҷийак (**Нӯш.) як навъи шерозаи сергул; **гулак (**Сина) тифл; нодон; **ғӯртак** (Дар.Н.) қадпаст, пакана; **качак (**Дл., Хов., Мум., Лаг.) лаққӣ, сергап, пургӯй; **ирмонак (**Қӯрғ.) харобу лоғар; **латак (**Қӯрғ.) сиёҳ; **мънгак (**Дм., Кб., Кп., Нӯш., Хм., Шм., Ҳиҷ., Яр.) як навъ растанӣ аз ҷинси зироатҳои лӯбиёӣ; **пӯқак (**Мал-д., К-рш) обила; **туршак (**Қӯрғ.) зардолуи хушккардашуда; **чуркак (**Сина) лоғар; **ремак (**Қӯрғ.) тунук ва ғ.

Г. Аз феъл исм сохтааст: **бинак** (Обл., Хум.) фолбин; (До., Сам.) шинак; **кушак // къшак (**Шк.) ҷӯяк, хатак; **дорак (**Дар.Н.); (Сина) нӯги пистон ва ғ.

Ғ. Аз шумораву зарф исм сохтааст: **сегак (**Кб., Кп., Шм., Хм.) як навъи сангчабозӣ; (Кҳ.) як тарзи бофтани гесу; **дингак** (Дор.) сутуни лоин; **парак** (Ҳиҷ.) узв, ҷузъ; (Оқ., Мт., Хт.) паҳлуи тухм ва ғ.

Аз таҳқиқи маводи лаҳҷаҳои мавриди назар бармеояд, ки вариантҳои дигари пасванди **-ак (**-ок, -ик, -ук) дараҷаи ягонаи истеъмол надоранд. Ба андешаи С. Раҳматуллозода «Пайдоиши вариантҳои савтии -ак натиҷаи ҳамнишинӣ бо дигар ҳарфҳо буда, барои озодона ва

равон баён намудани вожаҳо хизмат менамоянд. Ба фаҳми мо, вариантнокӣ дар шева ва умуман дар забон, дар шаклҳои гуногун вуҷуд доштани ҳамон як мафҳум аст, ки дар натиҷаи тағйири шаклии ину он воҳиди забонӣ пайдо мегардад, вале бо вуҷуди тағйири зоҳир ҳамон хусусият ва вазифаеро адо мекунад, ки варианти аслӣ дар зимма дорад» [Раҳматуллозода, 2019, с.24].

Вобаста ба маҳалли интишор бо чанд варианти ин пасванд омадани як калимаро мушоҳида менамоем, ки онҳо маъниҳои гуногунро ифода менамоянд: **папук (**Ғор.) ҳудҳуд, шонасарак; **папък (**Лахш, Пд.) пӯпак; (Қӯрғ.) сермӯй; зулф; **пупак** (Вқ.) **пупаки гаждумак (**Вқ.) гесӯбанде, ки бо нуқраву садаф ва муҳраҳои калону резаи рангоранг оро дода шудааст // **пӯпак** (Қӯрғ.) ороишоти мӯй ва зулф; **пупак** (Анҷ.) ороишоти кунҷи тоқӣва ғ.

Калима бо шаклҳои гуногуни ин пасванд ташаккул ёфта, ба ифодаи як маънӣ меояд: **хилдак (**Дб.) // **хилдик** // **хилдиқ (**Кд., Нр., Дор., Хов.) // **хълдък (**Дм., Нӯш., Фат., Яр.) чирки чашм; **мутук** // **мутък (**Қлб., Ҳиҷ., Яр.) гӯшбурида (оид ба ҳайвонот); (Дор., Ток., Хов.) шохбурида (оид ба дарахт); **мъхак (**Ст., Тқ.) // **мъхък (**Қлб., Ҳиҷ., Яр.) як навъ парандаи ниҳоят хурди хокистарранг; **патоник // патуник** (Шк.) // **партонък (**Ҷк.) парвона; шабпарак ва ғ.

Баъд аз шакли -ак дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ варианти **-ък** истеъмоли назаррас дошта, истифодаи он барои лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё хос нест. Ин пасванд аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ асосан исм сохтааст: **паръ к (**Бдх., Роғ, Ҷк.) чархчӯб, гуппӣ; **похък (**Ғор.) кана; **ғъндък (**Ҷк.) каду ё харбузаи норасида, сабча; **супък // сучък (**Ҳиҷ., Яр.) // **съпчък (**Пв., Хм., Шм.) афзори шошакунии кӯдак (дар гаҳвора), сумак; **бофтък (**Ғор.) гесӯбанди занон; **пъланък (**Ғор.) маҳор, пупанак; **ҳечък (**Қ., Шк.) мурғхона, катак; **лутък (**Ҷк.) тифле, ки чорғовак роҳ меравад; **лушък (**Ҷк.) пистони гов; **ръндък** (Ҷк., Шк., Бдх.) қирмоч, таҳдегӣ (сӯхтаи таом дар

таги дег); **сирък (**Шӯр.) як навъи растании шифобахш; **лозър (**Вқ.), **лозърк (**Шк.) пирях; **тефък (**Вқ.) соид, банди даст ва китф (дар якҷоягӣ); **ҷързък (**Ҷк.) як навъ ҳашароти хурд; **алончък** (Кҳ.) чайла, коза; **бутък** (Ғор.) ҷувоз; **бълучък** (Ан., Ёл, Пор., Мум., Сғ.) уллос; **гарък** (Пор.) шабушак, шабушкча; **гълък** (Ск.) дастаи доси русӣ; **гърънҷък** (т. – вах.) Гърънҷ гъсел гусел; ғомък (Вқ., Шк., Ғк.) як навъ зироати мушунгмонанд; **ғънҷък** (Ёл) як навъ асбоби тиллоистеҳсолкунӣ; **дегталък** (Ҷк.) дӯлча (як навъи зарфест барои обгирӣ); **дъвулък** (Пор.) тубак; **катушък** (Ғор.) шӯра (алаф); **кърдак // кърдък (**Зир., Сх., Хов.) ҷорӯби куҳна; **малотък (**Кпн.) нимҷазира; **мистък** (Ғор.) зарфҳои мисӣ; **парчък** (Ғор.) нонпар, мухпар; **сағончук // сағончък** (т. – вах.) шарора; **търахнук // търахнък (**Ғор.) шарора; **ҷолък** (Даҳ., Зир.) ревоҷ ва чуқрии нарина ва ғ.

Сифат сохтани он низ маъмул мебошад: ҷъртък (Ҷк., Шк.) маҳмадоно; беқарору сабукфикр; (Хов., Б.) ҳавобаланд, мутакаббир, худписанд; мағрур; **пълелък (**Ан., Ёл, Пор., Сғ.) сода, содалавҳ, гӯл; **лъндък** (Ғор.) танбал, коргурез; занбоз, занакбоз; **патунък** (Зар.) одами танбал, беҳунар; **лъшмък** (Чл.) лағжонак; бързък (Оф.) одами тангчашм; **тълтък** (Хғ.) ҷингиламӯй ва ғ.

Дар муқоиса ба шаклҳои **-ак, -ък** вариантҳои **-ок,-ик, -ек** ва **-ук** дар таркиби калимаҳои хоси шева каммаҳсуланд: **карок** (Дор.) мак, хекиртак; **кафок (**Лш.) нӯги тарошидашудаи аккол (чиллак); **чишмок (**Ғор.) шаба, муҳра; **пупуник (**Қ.), **попаник (**Кҳ.) поймонак (зинапоя) дар баландӣ, суфакӯҳ; **пълвик (**Ғор.) чуқуриест дар самти чапи оташдон, ки он ҷо ҳезум гузоранд; **тафик**: *йаг тафик* (Ёз.) як лаҳза; **маґек (**Ан., Ёл, Пор.) тарбия (парасторӣ); **лашук (**Роғон) ҷавдор (зироат); **кандук (**Кҳ., Тӯда) канаб, канабдона; **васкълик**: **васкълики пахта (**Хов.) порчаи (поґа) пахта; **култук (**Лахш) кулӯх, зерлаттаи тифл ва ғ.

Барои лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё, асосан, корбасти шакли **-ак** маъмул буда, дар ин лаҳҷаҳо истифодаи вариантҳои **-ок** ва **-ик**

дар таркиби калимаҳои хоси шева ба назар нарасид. Бояд қайд намоем, ки дар лаҳҷаҳои Хуфар ва Қӯрғонча пасванди **-ук** дар ду мисол мушоҳида гардид: **кандук** (Хуф-р) зербинои хона; **муррук (**Қӯрғ.) лоғар (ҳодисаи ихтисор).

Яке аз хусусиятҳои назаррас ин бо шаклҳои гуногуни пасванди -ак ба маъниҳои гуногун омадани калимаҳои хоси шева буда, дар ин маврид ҳудуди интишори калима нақши калон мебозад: **дафък // дафак (**Ёх., Сх., Хов.) пардаи дил; қафаси сина; (Бдх.) қисми болоии рубоб; (т. – вах.) сӯрохии сӯзан; **лавак** (Кб., Кп.) хурмаи калони якгӯшаи дастадор; (Ғк., Қ.) *маҷ.* гурусначашм, зихна; (Бдх.) ловидан, андудан, андова кардан (бом, фарши хона, девор); **катак** (Дм., Нӯш., Мум., Шӯр.,Ҳиҷ., Яр., Қлб., Қӯрғ.) хоначаи парандаҳои хонагӣ, катак; (т. – ишк., т. – вах., Ғор.) алвонҷак (барои тифл); **пайик (**Пд.) патък; *маҷ.* лаганбардор, хушомадагӯ**; пълкак** (Вк.) путки хурд; (Лахш, Пд) пӯпаке, ки ба тоқиҳои навъи маҳалли мечаспонанд, шилшилаи тоқиҳои занон; **съндък** (Ан., Ёл, Пор., Сх., Сч., Сғ., Хҷ.) кӯдак, тифл; (т. – вах.) як навъи зардолу; **тосак** (Лахш) гулӯзиндонак, хунноқ (бемории гузаранда) (Даҳ., Зир., Лағ., Мум.) як навъи зарф; **чалак** (Вқ., Қ., Қӯрғ.) // **челак (**Ғк., Шк.) зарфи чӯбӣ, барои хобондани ҷурғот (мост) ва кашидани дӯғ; (Вқ., Бдх.) сатил; (Ҷк., Шк., Кҳ.) // **чалък** (Қ., Шк.) асбоби пашмресӣ; (Вд., Нд., Нз.) мухлис; (Вқ.) оташдони сандалӣ; **печак** (Кҳ., Шк., К.) // **печък (**Ҳиҷ., Яр.) печак (растанӣ); (Ғк., Кҳ.) дастанбӯй, ҳандалаки хурди хушбӯй; (Бойс., Қӯрғ.) як навъи қанд, ки аз орду қиёми шакар тайёр мекунанд; барои намакидани бузғола пистони бузро бастан; **дукак** ҳолати аз хӯша баромадани ғалла (дар вақти саркашӣ); (Ёл) устухони по ва ғ.

Дар ин шаклҳои сохта ҷанбаи маъноии ҷузъи маънидор бунёди маъниофаринӣ гардидааст, ки ин нуктаро забоншинос М. Саломиён хуб арзёбӣ менамояд: «Аксари муҳаққиқон муайян кардаанд, ки калимаҳои сермаъно дар забон дар асоси кӯчидани маънии як калима дар асоси

муносибатҳои ташбеҳӣ ба мафҳуми дигар сурат мегирад. Яъне дар ҷараёни нутқ як калима аз доираи истеъмоли маъмулиаш берун шуда, барои ифодаи мафҳум ё калимаи дигаре хизмат менамояд» [Саломиён, 218, с.135].

Аз муқоисаи ин навъи калимаҳо бармеояд, ки дар ташаккули доираи маъноӣ пасванди **-ак** низ нақш дошта, дар бисёр маврид мавқеи он дар ин шаклҳо устувор аст: **лағък** (Қӯш.), **лағик (**Мс., Хум.) чормағзи аз пӯст ҷудошуда; (Ҷк.) тифли навзод; **ҷағък** (Оф.) ходаи дуқӯша барои кандани хӯшаи ангур; **апалак (**Қ) // **ҳапалак** (Ҷк.) сода, ноустувор; (Каҳ.) сар гардон (овора) кардан; **ангъртак** (Шк.) садафҳои ороиши дастаи дутор; (Дб.) дандонаи қашавкунаки асп; **бубук // бувак (**Қ.) як навъи ҳашароти бадбӯй; (Қлб., Лш., Нӯш., Дм., Ҳиҷ., Яр.) як навъ занбӯри хокистарранг, ки дар тарқиши девору сутунҳо ва ғ. лона мемонад; (Вқ., Қ., Шк.) хӯса, пӯсти коҳ ҷойкардашудаи гӯсолаи навзоди нобудшуда, ки бо мақсади ором намудани модагов назди вай мемонанд; (Каҳ., Қӯш.) як навъи растании хушбӯю хуштаъм; (Ҳиҷ.) як навъ парандаи кӯҳӣ ба андозаи бум; (Ёл) забонак, забонча; **зиғалък** (Хов.) ходаи саркушода, ки барои кандани хӯшаи ангур истифода мебаранд; (Хов.) чӯби нӯгаш чангакмонанд; **патък** (Бдх.) як навъи нахӯд; (Хов., Хҷ.) пора, порча; (Ҷк., Шк.) рӯймоли хурди занона; (Вқ.) нармии гӯш ва бинӣ; (Ҷк.) рӯймолчаи сегӯшаи занона, гесубанд; **пилак (**Бдх.) дом, тала, чина (як навъи шикори бедона, ки чуқурчае омода мекунанд ва болои онро бо санги суфта пӯшонда дон пошанд); (Сина) пилтаи чароғ; **лочак // лочък** (Вқ., Шк., Ғк., Қ.) пургӯй, ҳарзагӯй, лаққӣ, сергап; (Сх., Хов.) матое, ки бо он мӯи мурда баста мешавад; (Кҳ.) ғайбатгӯй; суханчин; хабаркаш; **пахмък (**Ғор.) // **пъхмък (**т. – вах.) равғани ғоз; (Қӯрғ.) пӯпанак, маҳорак ва ғ.

Мисолҳои зиёде дар даст дорем, ки ба қатори калимаҳои рехта гузаштани шаклҳои бо ин пасванд ташкилёфтаро тасдиқ менамоянд: **ғӯртак** (Дар.Н.) қадпаст, пакана; **долак** (Дм.) як навъи бозии бачагон, ки

бо чормағз ва пӯчоқи он бозӣ мекунанд; **зъғолък** (Кҳ.) дом, қапқон: **заґал:** заґал шъдан **(Қ.)** фурӯ рафтан; **кърахкā** (т. – вах.) як навъи растании кӯҳӣ; **питак** (Сина) *зоол.*парандаи нӯлборик аз ҷинси гунҷишк; **търбак** (Вқ., Қ., Шк.) ошиқ-маъшуқ, часпак (дарҳои пешина); **чайлак** (Вд., Нд., Нз.) пӯстлоҳи танаи дарахт; **манҷук** (Ҷк.) меваи зиёдбаста дар шохи дарахт // **манҷуқ** (т. – вах.) шилшила; **олак** (Б., Дб., Мум., Дҷ., Хҷ., Ёх., Уч., Лан., Пч., Кан., Даҳ., Лан.,Сх., Сам., Хов., Шв., Бдх.) бад, ноҷоиз; бемаънӣ; суст, заиф, нопойдор, ночиз, номусоид ва ғ.

Дар калимаҳои зерин мавқеи пасванди **-ак** ва вариантҳои он устувор мебошад ва ихтисори он аз ин шаклҳои рехта ғайриимкон ба назар мерасад: **амбак** (Ғор.) **амбък** (т. – вах.) дӯлона; **анҷанък** (Ғор.) як навъ василаи химчагӣ барои яхмолакбозӣ; **васак** (Ромит), хӯсаи гӯсола,пӯсти коҳ пуркардаи гӯсола, ки ҳангоми дӯшидани гови бачамурда дар пеши ӯ нигаҳмедоранд, то шир диҳад; **афкак** (Уч.) саргин; **лайок** (Ғор.) замини камҳосил; **колак** (Шк.) ҷои буридашудаи тахтапушт, як навъи табобат; **пуґанак** (Кҳ.) бӯйи модарон (растании давоӣ); **планҷак // плинҷак** (т. – вах.) сангчабозӣ; **субинак** (Қ., Шк.) як навъи пудинаи хӯрдании кӯҳӣ, ки ниҳоят хушбӯй аст, ҳулбӯйи кӯҳӣ; **анҷилак** (Хуф-р, Нилӯ) мӯйи парешон; **кимкак** (Нил.) хасис, мумсик; **парсък** (Қ.) ҳосилхез; **ахсанак** (Кҳ.) банги девона, тотура, мастак; **базок** (Роґ) болґа, путк, хоиск; **ґанак** (Қӯрґ.) тӯб, тӯда, ґарами алаф; ґарами дарзаҳои ґалла; **жъник** (Вқ.) зарфи сафолии хурд,ки дар он равґанро барои молидан ба мӯйи сар нигоҳ медоранд; **сӯрчак** (Қӯрґ.) мазоҳ; **хахък** (т. – ишк.) навъи хорест дар баландкӯҳҳо рӯяд; **хийак** (Ґк., Кҳ., Шк.) пора-пора; **чагак** (Қлб.) бузґолаи тирамоҳӣ ва ғ.

Вобаста ба табиати савтии лаҳҷаҳо ихтисоршавии ин воситаи калимасозро низ мушоҳида менамоем: **бъчак** (т. – ишк., т. – вах.) нарбузи 1-2- сола; нарбузи ахта; **кърчак**, **курчак** (Кд., Нр., Роґ, Сч., Дҷ., Хов., Хҷ., Чб., Даҳ., Лаґ.) бели чӯбин, ки бо он барфи бом ва ахлоти оґилро тоза

мекунанд ва ғ. Дар калимаи **рискак (**Сина) ба маънии гиёҳи бехмевадор, ки шабеҳи пиёз мебошад, шакли асосии калима **ришк** (ҳашароти хурд) буда, тағйироти савтӣ боиси тағйири маънӣ гаштааст.

Аз баррасии маводи гӯйишҳои таҳқиқгашта бармеояд, ки дар ташаккули калимаҳои хоси шева пасванди таърихии -ак сермаҳсул буда, вобаста ба табиати гӯйишҳо ва ҳудуди интишори дар шаклҳои **-ак, -ок,-ик, ък, -ек** ва **-ук** ба кор бурда мешавад. Доираи маъниофаринӣ ва зинаи гузариши калимаҳои хоси шеваи бо ин воситаи калимасоз ташаккулёфта дар асоси гӯйишҳои мазкур ниёз ба таҳқиқоти мукаммал дорад.

Пасванди -а

Пасванди -а дар сохтани исмҳои ғайришахс, назар ба сохтани исмҳои шахс сермахсул ва фаъол аст. Ин пасванди таърихӣ (Грюнберг, 1987; Пахалина, 1989; Пейсиков, 1973; Оранский, 1988] дар ташаккули лексикаи пурраи лаҳҷавӣ низ сермаҳсул аст.

Ин пасванд дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда унсури фаъол ба ҳисоб рафта, баъзе хусусиятҳои он дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст [Расторгуева, 1962; Розенфелд, 1956, 1964, Керимова, 1959; Ҷалолов, 1967; Эшниёзов, 1967; Мурватов, 1974; Ҷӯраев, 1975; Обидов 1977; Маҳмудов, 1978; Раҳматуллозода 2014].

Пасванди таърихии **-а** [Грюнберг, 1987; Пахалина, 1989; Пейсиков, 1973; Оранский, 1988] дар сохтани исм ва сифати ифодакунандаи мафҳумҳои гуногун сермаҳсул мебошад;

А. Аз исм исм месозад: **параґа (**Шк.) // **пъраґа (**Вқ., Қ,) параха, пешранда, тароша; чӯбпора; **нъхра (**Тқ.) сояи дарахт; **дангала:** дангала кардан (Хум., Тд., Хов., Кд.) ҳаво додан, партофтан; **буза (**Оқ., Лахш. Қк., Яр.) як навъи нӯшокие, ки аз шираи ҷаву арзан тайёр мекунанд; **буна** (Шк.) оила; хоҷагӣ; **сихала (**Вқ., Қ.) хала, нихта **дегтока (**Дар.Н.) лифток, дегшӯ; **кора // кура (**Лахш, Ск., Кк.) дӯлча, қадаҳи дастадор; **замбила (**Вқ, Қ., Шк.) халтаи чармини сафарӣ; **кавза (**Сам., Шв., Ҳак.) кабзафурӯмон;

овахати рӯйи корд (шамшер, ханҷар, табар ва ғ.); **рона** (Қӯрғ.) қаторкӯҳ; **қота** (Қӯрғ.) ғори хурд дар танаи кӯҳ; **сафара.** (Ғор., т. – вах.) пӯчоқи офтобпараст, лӯбиё, нахӯд; **тарка** (Қӯрғ., Сина) пӯчоқи чормағз; **тафа** (Вқ.) қулоч; навъи муолиҷаи беморӣ; **хума** (Сина) бутта; **кънчира** (Сб., Ск.) заҳрест, ки аз решаи сиёҳкаҳ ном алаф ҳосил карда мешавадва ғ.

Исмҳои бо ин пасванд сохташуда ба макон далолат мекунанд: **ангор**, **ангора** (Сам., Кан.) замини корам, полез; боғот; (Ҷк.) ҳамворӣ; кишти даравидашуда; **барга** (Нр., Оқб.) фарозӣ, паҳлӯи кӯҳ ё теппа; **кочала** (Ҳак., Сам., Обл., Нӯш., Нав., Каҳ., Қлб., Ҷав.) қисми боқимондаи навдаи дарахт пас аз буридан; **пара** (Вқ., Шк.) тараф; самт, сӯй, ҷониб; **чакана** (Яр., Ҳиҷ.) майда, хурд; (Ним., Ял.) қарта, китъаҳои хурд-хурди замини корам ва ғ.

Б. Аз сифат исм месозад: **сърха** (Вқ., Қ.) гандуми аз бод баромада; **лакка** (Қӯрғ.) сода, гаранг; **тара** (Пв., Хм., Хов.) сабзавот; **лақва** (Дар.Н.) пургӯй, сергап; **ширинка** (Б.) растанӣ ва ғ.;

В. Аз феъл исм сохтааст: **беза** (Мум., Ғеш) кашша, кашшук, чизест, ки аз лух бофанд (мисли сетка) ва дар болои ҳайвоноти боркаш гузошта дар вай коҳ кашонанд; (Пор.) чана, чигинаи атрофаш русти коҳкашонӣ; **бура** (Зел.) чорчӯбаи кат, ки дар замин насб шуда бошад; **кишта** (Қӯрғ.) себқоқ ва ғ.

Г. Аз исм ва сифат сифат сохтани он каммаҳсул ба назар мерасад: **дула** (Вқ.) шахси фарбеҳи лундаи қадпаст; **лавлода** (Сина) қаллоб, фиребгар; **йала**, **ела** (Ан., Ёл, Пор., Лаг.,Мум., Кх., Кч.) яла, кушода ва ғ.

Дар бисёр калимаҳои хоси шеваи бо пасванди **-а** ташкилёфта рехташавии маънои мушоҳида менамоем: **боза** (Қӯрғ.) навъи ҳезум; **лаҷата** (Оқ.) палаҳда; **кунгъра** // **кънгъра** (Вд., Каҳ., Мс., Нз., Сам., Шв.) дандонаҳое, ки бар канори ҳар чиз мебароранд; (Бдх.) хати тасмашакли борик дар байни шероза ва болои тоқӣ; **кота** (Сина) навъи мураббо; **кашта** (Қӯрғ.) гулдӯзӣ, сӯзанидӯзӣ; **кучала** // **кънчала** (Қ.) навъи растанӣ;

исфарза (Дар.Н.) гиёҳ; **пазала** (Вқ., Қ.) калон; **чагана (**Шк.) бегона; **чакала (**Лахш) хушк; **тотала // тотоли (**Хуф-р; Қӯрғонча) гиёҳ; **ҳабата** // **ҳабата (**Шк.) // **абота (**Бдх.) чиркин; бадахлоқ; (Ғк., Қ., Вк., Шк.) безеб, зиштрӯй; (Қ.) нообод; **owa (**Ҷк.) теғ, дами ҳар навъ олоти буранда (мисли корд, шамшер, табар ва ғ.); **буча (**Лаг.) гӯшбурида; (Ёх.) бинипачақ; **дамғаса (**Бойс.) ташвиш; **капча (**Қӯрғ.) навъи моҳӣ; **кара** // **карра** чирк, карк; **пилла (**Сина) обила; **гъраҳа** // **гураҳа** (Вқ., Қ., Шк.) калоба, ресмони аз пашм ва ё пахта тайёр кардашуда, ки шакли мураббаъ дорад; **таҷа (**Хов.) тарит; **мълма (**Дҷ.) коҳмайда, коҳреза; **фурша (**Бдх.) шақар-шақар, гумбуррос (садо рехтани санг аз баландӣ); **пилиска (**Нил., Сина, Дар.Н.) ресмончае дар пойафзолдӯзӣ; **пълева (**Хов.) чӯби дарвозаи қадима, ки барои қоим кардан истифода мебурданд; **пъша // бъша (**Вқ.) хамири дар дасту корсон часпида; **раша (**Вқ., Қ.) // **роша (**Кҳ.) марза, вот**чича (**Сина) хӯшаи ангур; **лӯла (**Сина) тифл; **чагона (**Сина) рамаи хусусӣ ва ғ.

Забоншинос С.Раҳматуллозода бидуни пасванди -а маънӣ надоштани калимаҳои зеринро қайд намудааст: **рапъра** (роҳгум, бероҳа), **фоза** (ҳамёза), **саҳмота** (воҳима), **маланга (**Шк., Бдх.) туғён (аз дарё, баҳр); (Ғор.) аланга; **ҳора (**Нав., Ял.) сарзаниш [Раҳматуллозода, 2014, с.124]. Албатта, дар ташаккули ин шаклҳо унсурҳои гуногуни сарфӣ таъсиргузор буда, бо гузашти вақт дар таркиби овозии онҳо тағйирот ба амал омадааст.

Ба маъниҳои гуногун омадани шаклҳои бо ин пасванд сохташуда: сермаъноии калимаҳо: **хъра (**Шк.) пайи чанголи панҷа ё шохи дарахт; (Шк.) хӯра, як навъ касалии пӯст; (Қ.) як навъ ҳашарот; (Вқ) лоғар, хароб; п**ала (**Қ.) каффаи тарозу; паламеъёри муайяни дарави ғалла; **лӯла** (Бойс.) кӯдаки навзод; **шола (**Мум., Хов., Чн., Шлп.) ғарами махрутшакли хасбеда, ҳезум ва дарзаҳои ғалла; **шола (**Лахш, Қӯш., Дм.) қӯраи тобистонаи ҳайвонот, ки атрофаш бо шоху навдаи дарахт иҳота карда шудааст; **чала (**Вқ., Қ.) нотамом; (Дор., Хов., Шх.) ҳалқаи тасмаи

лаҷом; (Вқ., Қ.) хоначаи махсус дар дохили хонаи истиқоматӣ, ки барои нигоҳ доштани барраву бузғола ва гӯсола дар фасли зимистон месозанд; **тоба // това (**Лан., Лахш, Хов., Шм.) пал, ҷӯяк; қитъаи замин; (Бдх.) маросими оғози ҷашни арӯсӣ, ки дар хонаи домод барпо мешавад; **сара** (Дҷ., Хов.) хуб, нағз; (Ҳак.) ҷувона, наргови ахтакарда, навас ва ғ.;

Аз калимаҳои таҚлиди овозӣ низ бо ин пасванд исм сохта шудааст: **чириска**: *чириска задан* (Хм., Шм., Шу., Яшм) // **чириска** (Қӯрғ.) чаракса (пош) хӯрдани зарраҳои об; **ғърамба (**Қ.) пастиву баландӣ ва ғ.

Пасванди -а дар калимасозии ин қабати луғати гӯйишҳо сермаҳсул буда, аксаран ҳазви ин воситаи калимасоз дар доираи калимаҳои хоси шева ғайриимкон ба назар мерасад: **фурша (**Бдх.); **пилиска (**Нил., Сина, Дар.Н.); **пълева (**Хов.); **лӯла** (Бойс.) ва ғ.

Пасванди -ӣ (-гӣ). Пасванди **-ӣ** дар забони адабии тоҷик сермаҳсул буда, дар гузашта низ фаровон корбаст мешуд. Ба ақидаи муҳаққиқ Хусрави Фаршедвард ин пасванд дар даврони Фирдавсӣ сермаҳсул будааст: «Фаъолтарин пасвандҳои луғатсоз дар замони Фирдавсӣ низ монанди замони мо ҳамон «йо»-и масдарӣ ва «йо»-и нисбат аст, ки аввали таҚрибан ҳар сифатеро бадал ба исмии маънӣ месозад, монанди сиёҳӣ, тезӣ ва ҳар исми ҷомеъро бадал ба сифат менамояд, монанди ҷангӣ, сипоҳӣ» [Хусравӣ, 1991, 178].

Ин пасванд дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикӣ ниёз ба таҳҚиҚоти мукамммал дошта, шаклгириҳои таърихӣ бо ин унсури морфологиро забоншинос Ҷ.Мурватов бо далелҳои раднашаванда нишон медиҳад, ки ба забони ӯзбекӣ мансубият доштани онро гуфтаҳои ин олим комилан рад менамояд [Мурватов, 1974, 29].

Дар муҚоиса бо забони адабӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ низ ин пасванд серистеъмол мебошад. Аз таҳҚиҚи маводи лаҳҷаҳо бармеояд, ки дар қабати калимаҳои хоси шева ин воситаи морфологӣ фаровон корбаст

шудааст. Ин пасванд дар сохтани исмҳои шахс ва макон, инчунин исмҳои маънӣ бештар фаъол ба назар мерасад.

Забоншинос С.Раҳматуллозода ҳангоми таҳқиқи масъалаи калимасозии исм дар асоси гӯйишҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқии забони тоҷикӣ ба хусусиятҳои забонии он диққати махсус дода, дар асоси гурӯҳбандии мукаммал шаклсозӣ ва ифодаҳои маъноии онро саҳеҳ баррасӣменамояд [Раҳматуллоев, 2014, 20].

Дар таркиби калимаҳои хоси шева гурӯҳбандии морфемаи мазкур вобаста ба доираи маҳдудистеъмолии ин қабати лексикӣ дигаргуна намудор мешавад:

А. Аз исмҳо исм месозад, ки онҳо ба маъниҳои зиёд далолат мекунанд: **ақраби´ (**Шк.) як навъи рӯймоли абрешимӣ; **балғози´ (**Вқ., Қ.) ҳадяи либоси нав; **барги´** (Қӯрғ.) гӯсфанду буз; **қалоди´ (**Лш., Дм., Куг.) паранда; **кулоби´** (Ғор.) табақ; (Қӯрғ.) хӯрок; **кочи´** атола; **килки´** (Шк.) пиёзи тухмӣ (Шк.); **лънги´ // лунги´ (**Вқ., Ҷк., Қ.) рӯймоли сари занон; **локи´;** (Ҳал., Ял.) дастурхон, чодар; **рукоби´** (т. – вах.) косаи хурди чӯбӣ; **тафи´** (Вқ., Ҷк.) кӯрпача; **тӯпи´** (Дарб.) нони маҳаллӣ; **фуқú** (Шк.) фиқ-фиқ, ҳиқ-ҳиқ ва ғ.

Б. Ин пасванд аз исм исмҳои маънӣ сохтааст; **на‘лоҷи´ (**Дм., Лахш, Нӯш., Ҳиҷ., Яр.) фиребгарӣ; ноҳаққорӣ; **банъхси´** (Ҳиҷ.) касалмандӣ; **сахраги´ (**Ғор., т. – вах.) якравӣ, гарданшахӣ, қайсарӣ; **хурусони´ (**Нил.) беморӣ ва ғ.

В. Аз исмҳо ва ҳиссаҳои исмшудаи нутқ сифат месозад, ки ба хусият ва хислати шахс далолат менамоянд: **алҳӯтти´ // калкӯтти´** (Қӯрғ.) фартут; **кулангі´** (К-рш) зиштрӯй; **бъчмаги´ (**Шх.) хирагӣ; якравӣ,гарданшахӣ; **гавоки´ (**Шк.) навъи нон; **коси´ (**Кб., Кп.) навъи тухм; **мунди´ // мънди´ (**Сх., Хов.) // **мунда (**Дег., Пч., Ҳак.) зарфи махсус; **патали´** (Ан., Пор., Сғ., Кпн., Хҷ.) содалавҳ, зудбовар; **порги´** дарбеҳ, пина, руфуъ; **рагани´ (**Кҳ.) лоғар; **суқи´** (Сина) мумсик; **тингони´ //**

тингуни´ (Мт., Пв., Ҳиҷ., Яр.) мутакаббир; **ъмби´ // ҳъмби´** (Бдх.) сангтӯда; **хӯри** (Қӯрғ.) ҳақорат; **ҳакари** (Қӯрғ.) худхоҳ; **шулаши´** (Ток., Хов.) химчаи буттаи шулаш ва ғ.

Бояд қайд намуд, ки шаклҳои ихтисоршудаи бо ин воситаи забонӣ ташаккулёфта дар таркиби луғати лаҳҷаҳо ниёз ба таҳқиқ дошта, маҳз ин омил яке аз сабабҳои асосии тағйироти шаклии калимаҳо дар гӯйишҳо мегардад. Дар лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ ин хусусияти забониро дар шаклҳои зерин мушоҳида менамоем: **нулки´** (Ёл, Пор.) зарф; **резчи´** (Сина) биринҷмайда; **пилви´** (Вқ.) нӯкча, нӯгча (чӯбчаи нӯгаш пахтапечондаи равғанолуд). Дар лаҳҷаҳои Бойсун ин мафҳум бо калимаи **пиллик** ифода мешавад.

Бо гузашти вақт калимаҳои зиёде дар шакли рехта вориди таркиби луғати хоси лаҳҷаҳо гардида, нишондоди шакли дурусти ин қабати лексикӣ таҳқиқоти махсусро талаб менамояд: **асти´** (Ғк., Кҳ.) ҳаргиз; **пузики´** (Бдх.) раф; **тери´** (Хуф-р) чалпак; **бағити´** (т. – ишк., т. – вах.) ҳасудӣ; **ғирбайди´** (Сина) бозии бачагона; **далдақи´** (т. – вах.) оворагардӣ, ҳарҷогардӣ, кӯчагардӣ; **томъси´** (Бдх.) замини дам додашуда ва ғ.

Дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва гӯйиши ҷанубӣ бо ду воситаи калимасоз шаклгирии калимаҳои хоси шеваро мушоҳида менамоем, ки тавассути онҳо маънии калима то андозае мушаххас мегардад: **лалвори´** (Сина) навъи ангур; **маґаки´** (Сам., Шв.) чӯбе, ки бо он мушхонаҳои заминро маҳкам мекунанд, то ҷараёни об боздошта шавад; **тайчаги´** (Пд., Пв.) фарзанди охир; **фънгú** (Вқ.,Шк.) манқа; **съноpú** (Шк.) мафҳуми хешутаборӣ ва ғ.

Калима дар лаҳҷа сервазифа гардида, вобаста ба муҳити ҷуғрофӣ ифодаи маъноии он тағйир меёбад: **локи´** миёнбанд, рӯймоли мардона, қарс; (Лахш, Пд., Хт., Кан., Дб.) дока; умуман, матое, ки аз он рӯймол, миёнбанд ва ё сарбанд медӯзанд; (Нав., Ҳал., Ял.) дар ҳолати андовакунӣ пардоз додани девор; (Кҳ.) салла, аммома; дастор; **сатри´ // сатъри´** (Вқ.,

Қ., Шк.) навъи ноне, ки аз орди ҷуворимакка ва арзан тайёр карда, гоҳо равғану тухм ҳамроҳ мекунанд; (Кч., Лаг., Зир., Даҳ.) як навъи алаф; **тали´** (Қ.) бӯхча; (Вқ.) халтачаи чармини носгирӣ, носхалта; **баҷги´** (Пд.) норасида; (Яр.) номи ҷузъи чигина; (Бдх.) бачаи ҳайвон; хурдакак, майдаҳак; **манги´** (Ан., Ёл, Пор., Сч., Сғ., Хғ.) хуми калони гирда, ки дар вай равған нигоҳмедоранд; (Кҳ.) кӯза; хурма; (Лахш) гӯсфанди аз панҷсола боло; (Бойс.) барои гӯсфанди нари калонҷусса; **сури´ (**Б., Лахш, Кд., Нр., Хов.) хавоза; (т. – ишк.) як навъи гули хушбӯйи сафед; (Ан., Ёл, Пор., Сғ.) мардикор; (Дҷ., Хҷ.) девонаавзоъ ва ғ.

Рехташавии маъноӣ низ барои ин шаклҳои сохта маъмул аст:**тилли´** (Нил., Хуф-р) дарахт; **шишки´ (**Шк.) // **шъшки´ (**Вқ., Қ) // **шушки (**Қӯрғ.) юндӣ; **чавки´** (Қӯрғ., Дарб.,Тқ.) базм; **ҷавчи´** (Сина) // **ҷовуччи´ (**Бойс., Қӯрғ.) хостгор; **гулахӯ** (Вқ., Шк.) лаванд ва ғ.

Пасванди **-ӣ** бо вуҷуди он ки чун унсурҳои калимасозӣ **-ак** ва **-ӣ** дар ташаккули калимаҳои хоси шева сермаҳсул нест, дар сохтани исмҳои моддӣ ва маънӣ серистифода буда, заминаи ба қатори калимаҳои рехта гузариши онҳо бештар мушоҳида мешавад.

Пасванди -ча

Ин пасванд дар забони тоҷикӣ қаринаи куҳан дошта [Расторгуева, 1966, с.30], дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ воситаи шаклсозу калимасоз мебошад [Ҷӯраев, 1975, с.52; Обидов, 1977, 43; Мурватов, 1974, с.28] ва «дар забони адабӣ дар баъзе мавридҳо пасванди -ча ҷои пасванди -ак-ро гирифта метавонад, аммо дар шеваи ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқӣ морфемаи -ак фаъолтар аст ва агар дар ин вазифа ҷои пасванди -ак ба -ча вогузошта шавад, тарзи гуфтор сунъӣ менамояд ва хусусияти шевагии худро гум мекунад» [Раҳматуллозода, 2014, с.25].

Аз таҳқиқи меъёрҳои забони адабӣ ва табиати гӯйишҳои тоҷикӣ бармеояд, ки мавқеи ин пасванд дар шакли адабӣ устувор буда, дар лаҳҷаҳои аз таъсири забонҳои бегона камтар таъсир бардошта пасванди

-ак ба осонӣ ҷойи онро мегирад. Муҳаққиқони гӯйишҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқии забони тоҷикӣ барои ифодаи хурдиву навозиш якҷоя омадани ин ду морфемаро (**хуварчаак, кафтарчаак, бӯчаак** ва ғайра), ки дар ин вазифа хусусияти шаклсозӣ доранд, қайд намудаанд [Исмоилов, 2018; Раҳматуллозода, 2014, с.25].

Дар лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ диалектизмҳои пурраи лексикӣ бо ин воситаи морфологӣ камтар ташаккул ёфтаанд ва аксаран дар ин вазифа пасванди **-ак** ба ҷойи он корбаст шудааст, ки «аксари суффиксҳои умумитоҷикӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба тарзҳои гуногун истифода мешаванд: айни як суффикс метавонад, дар як лаҳҷа каммаҳсул, вале дар лаҳҷаи дигар сермаҳсул бошад; дар як лаҳҷа аз ҳисоби калимаҳои умумихалқӣ ё маҳаллӣ (лаҳҷавӣ) унсурҳои нави лексикӣ созад, ки онҳо дар лаҳҷаҳои дигар такрор намешаванд»[Ҷӯраев, 2017, с.88].

Аз таҳқиқи мавод бармеояд, ки пасванди **-ча** асосан бо исмҳо омада, шаклсозӣ кардааст: **парохча (**Қӯрғ.) лахчаи хурди оташ; **гърдача // гирдача (**Вқ., Қ.) навъи нон. Аз калимаи **пемок**, ки дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба маънии як навъи дег меояд, калимаи нав сохтааст: **пемокча // пемочка (**Ҷк., Шк.) зарфи сафолӣ барои мева хушконидан.

Дар гӯйишҳои ҷанубӣ бо шаклҳои гуногуни як калима: **пезача // пизача (**Вқ., Қ.) // **пасача (**Лахш, Пд.) дар ифодаи исми шахси **доя, момодоя** омадааст. Дар ифодаи ин маънӣ шакли **пирзача (**Шк., Ҷк.) саҳеҳтар ба назар мерасад. Шаклсозии ин морфемаро дар шаклҳои **пъшовча (**Ҷк.) нишхӯрд; **типча** (Ғк.) асбоби шикори бедона; **типча** (Ғк.) навъи асбоби шикори бедона; **савача** (Кҳ.) сабадчӯб ва ғ. мушоҳида менамоем.

Дар як қатор калимаҳо ин пасванд ҷуъи яклухти калима ба шумор рафта, ин воҳидҳои луғавӣ худ дар алоҳидагӣ корбаст намешаванд: **лахча (**Мум., Хов., Роғ., Лахш) ахгар, лахча; (Ҳиҷ., Шх., Қлб.) манқали ангишт; (Қ.) лаққӣ; **понча (**Мум.) қолиби нақшандозии кулолгар; (Қӯрғ.)

ороишоти заргарӣ; **типча** (Ғк.) навъи асбоби шикори бедона; **савча (**Ғк., Вқ., Қ., Кҳ., Шк.) найчаи харбуза; // **сабча (**Қӯрғ.) ғӯра; **хинча** (Ҷк.) тасма ва ғ.

Дар лаҳҷаҳои Сина ва Қӯрғонча ба маънии хӯшаи ангур дар шаклҳои **чича** ва **чӯча** истифода шудааст. Дар лаҳҷаҳо калимаи **палчък** низ дар ифодаи ин маънӣ омадааст.

Калимаи **тал** дар шакли **талича (**Сам., Сдт., Хов., Пд., Мт., Бдх.) ба маънии **бӯғчабанд** омада, дар лаҳҷаҳои дигар шаклҳои мураккаби ин калимаро: **таличабан (**Қ.) // **таллапечак** (Қӯрғ.) ба маънии бӯғчапечак мушоҳида менамоем.

Пасванди **-ча** дар қабати луғати хоссаи гӯйишҳо сермаҳсул набуда, он бештар хусусияти калимасозӣ дорад. Бештар пасванди **-ак** дар ифодаи хурдиву навозиш ба ҷойи ин унсури шаклсозу калимасоз дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда ба кор рафта, асосан, он дар сохтани исмҳои моддӣ корбаст шудааст.

Пасванди -<u>ин</u> (-<u>ина)</u>

Пасванди сифатсози **-ин** (-ина) дар лаҳҷаҳои мазкур дар ташаккули диалетизмҳои пурра сермаҳсул ба назар намерасад: **рихин** дарунрав; **ширгин (**Қӯрғ.) меҳрубон; **кишин** (Уч.) чиркин, ифлос; (Сч., Уч.) калон ва ғ.

Аксаран маънии луғавии асосҳои бо он омада маънии луғавии худро аз даст дода, ин шаклҳои морфологӣ ашёи рӯзгор ва аломату хусусиятро ифода менамоянд: **карсин (**Ғор.) нимдеворе; **пижин (**т. – вах.) **пъжин (**т. – ишк.) говдӯша, хурмаи говдӯшӣ; **фурҷин (**Дд., Лб.) сӯзанӣ, ҷойпӯш (барои девор ё болои тахти кӯрпаҳо); **фихин (**Кч.) беморӣ; **жовин (**т. – вах., т. – ишк.) беморӣва ғ. Калимаи **бачгин** дар шакли **бадгин** (Ёл, Пор.) ба маънии чӯҷаи паранда омада, асоси ин калима дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ бо тағйиротҳои савтӣ дучор мешавад (буҷ // бич // бича // буча ва ғ.) ва дар ин замина шаклгириҳои зиёди морфологӣ ба миён меоянд.

Пасванди **-ина** дар ифодаи исмҳои моддӣ ва аломат зиёд корбаст мешавад: **кандина (**т. – вах.) навъи зарф; **афкина (**Бдх.) саргину хокистар ва боқимондаи коҳу беда; **паторина (**Ел, Пор.) хасис; **ҳарина (**Хов., Қӯрғ.) саркаш; (Кҳ.) мағрур; **паторина (**Ел, Пор.) хасис, мумсик, гурусначашм ва ғ. Калимаи **табина (**Мт., Ёх., Дб.) // **тавина** ба маъниҳои эҳтимолан; (Дб., Хов.) нохост; **газина (**Дар.Н.) рафида омадааст

Гӯйишҳо дар тамоми сохтори забонӣ бо вуҷуди умумият бо забони меъёрӣ тафовут ва айнияти низ доранд. Дар таркиби калимаҳои хоси шева ташаккули калимасозии морфологӣ бо пасвандҳои хоси лаҳҷаҳо (**-вара, -ич**) низ мушоҳида мешаванд.

Пасванди -вара

Пасванди **-вара** дар забони тоҷикӣ собиқаи дерина дошта, дар забони суғдии куҳан он серистеъмол буд (ОИЯ, 1987, 667; Мирзозода, 2008, 38-39). Аз омӯзиши асарҳои мансуб ба яғнобшиносӣ бармеояд, ки ҳоло дар забони яғнобӣ ин воситаи морфологӣ серистеъмол мебошад [Тӯраев, 2010, 115]. Бояд қайд намуд, ки ин пасванд дар шеваҳои тоҷикӣ ҳамвазифа бо пасванди **-зор** ва калимаи **дор** буда, он «дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ дар ифодаи маъниҳои макону фаровонӣ ва дорой бо калимаҳои **санг, дъхтар, бача, чув (чӯб), кола, хона, алаф** ва ғ.: **сангвара, дъхтарвара, бачавара, чуввара, колавара, алафвара** ба қайд гирифта шудааст. [Шеваи ҷанубӣ, 1979, с. 24-25]

Муҳаққиқон дар шеваи ҷанубӣ- шарқӣ низ корбаст шудани пасванди мазкурро қайд намудаанд [Мурватов, 1979, 24; Раҳматуллозода, 2014, 16].

Дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ин шакл ба кор нарафта, дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ бо ин калима ташаккул ёфтани калимаҳои хоси шева на он қадар маъмул мебошад: **аксавара // акъсвара** (Вк.) сарғ, девонавазъ, касе, ки ба касалии руҳӣ гирифтор аст; (Нӯш., Қлб., Ҳич., Яр.) гарданшах, якрав, гапногир; **колавара (**Вқ.) молдор,

бадавлат; **паривара (**Қ., Вқ., Шк.) саръ, масруъ, як навъ беморий руҳӣ; **тарсвара** (Вқ., Қ.) масруъ, як навъи касалии руҳии аз тарс пайдошуда, ваҳмак.

Корбасти ин воситаи морфологиро дар доираи калимаҳои хоси шева камтар мушоҳида менамоем, ки онҳо бештар дар сохтани исми маънӣ ба кор рафта, пасвандҳои **-зор** ва **-дор** дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣҷойи онро гирифтаанд.

Пасванди -**<u>ич</u>**

Пасванди -ич хоси забони адабӣ нест ва дар лаҳҷаҳо низ каммаҳсул мебошад. Дар шеваи ҷанубӣ-шарқии забони тоҷикӣ танҳо бо як мисол (**элъч** –зане, ки барои говдушӣ ба элгаҷо (девлох) меравад) ба қайд гирифта шудани онро С.Раҳматуллозода қайд намудааст [Раҳматуллозода, 2014, с. 53]. Муҳаққиқи рус А.З.Розенфелд дар лаҳҷаҳои имрӯзаи Ванҷ корбасти ин пасвандро қайд намудааст [Розенфелд, 1956, с. 277]. Дар ташаккули топонимҳо фаъол будани ин воситаи морфологӣ дар лаҳҷаҳо ба қайд гирифта шудааст [Исмоилов, 2019, с.146]. Ба андешаи забоншинос А.Л. Хромов «Топонимҳо бо форманти <u>-ич</u> // <u>-уч</u> дар ҳама манотиқи Тоҷикистон дучор намеоянд. Балки онҳо бештар дар саргаҳи Зарафшон, нисбатан камтар дар Яғноб ва аз ин ҳам кам дар водии Қаротегин мушоҳида мешаванд» [Хромов, 1969, с. 93].

Дар чанд калимаи хоси шева мавҷудияти ин пасванд тахмин карда мешавад: **хасич (**Ромит) гарди атрофи санги осиё ва дӯлу деворaҳои он; **ғалғалич // ғълғалич** (Вқ., Қ.) қитиқ; **залич** (Дор., Дҷ., Кан., Каҳ., Лш., Нӯш., Кпн., Сам.) зардак, зарғилдоқ, як навъи паранда; крич // кърич (Бдх.) кулбаи сангини чӯпонӣ дар айлоқ; **ревич // ревъч** (Шк., Ҷк.) // **рубич (**Қ.) **// ръвич** (Ғк.) таомеаз орд, шир ва равғани маскаву заҒир тайёр

мекунанд; **хънич** (Лахш) бунафш; **чирмович** (Лахш, Қк., Мт., Ск., Мт.) зарпечак; шингълич (Ял.) навъи дарахти сӯзанбарг аз ҷинси арча; **търгич** (Ҷк.) шахсе, ки дандонҳои пешаш аз даҳон баромада бошад ва ғ.

Дар ташаккули ин калимаҳои дар қабати луғавии лаҳҷаҳо устувор наметавон мавҷудияти ин пасванди таърихиро инкор кард: **ғирбич** (Кҳ.) одами сиёҳтоби лабаш нафис (лабтунук); аламзада, ғамзада; руҳафтода; **пърнич** (т. – вах., т. – ишк.) остонаи дар; **симич** (Лахш) мум; (Ан., Ёл, Пор., Сч., Сғ., Дл., Уч.) ғор, мағора; **таврич** (Ғор., т. – вах.) васса; хирбич (Ғк.), **хърби**ч (Кҳ.) зиқ, нохуш; **хърич** (Кҳ.) зиштрӯ; дағал; **чалғич** (Лахш) рахи тасмашакли гирдогирди хиргоҳ; **хилбич (**Кҳ.) дардманд ва ғ.

Аз таҳқиқи ташаккули калимаҳои хоси шева бо роҳи калимасозии морфологӣ бармеояд, ки дар ин қабати луғавӣ баръакси лексикаи умумихалқӣ, доираи итифодаи воситаҳои калимасоз маҳдуд буда, вобаста ба муҳити интишори калима маънии шаклҳои сохта тағйир меёбад, табиати шеваҳо боиси ихтисоршавӣ ва дигар тағйиротҳои савтии калимаҳо гардида, дар ин асос дарки маънии калима душвор мегардад. Раванди рехташваии (лексиконидашавии) калимаҳои шевагии сохта вусъат пайдо карда истодааст, инчунин доираи корбасти унсурҳои калимасоз дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда ягона набуда, дар зербобҳои дигари рисола ба ин масъалаҳо мухтасаран дахл намудаем.

2.1.2. Калимасозии мураккаб

Калимасозӣ яке аз роҳҳои ташаккули таркиби луғавии забон ба шумор меравад. Забоншинос М. Шукуров ин ҳодисаро мусбат арзёбӣ кардааст: «Иқтидори забони тоҷикӣ дар ин аст, ки калимаи мураккаб бисёр дорад» [Шукуров, 1993, с.166]. Калимаҳои мураккаб дар забони тоҷикӣ бо роҳу усулҳои гуногун сохта мешаванд. Исм чун ҳиссаи нутқи

хусусияти муайяншавандагиро бештар доро дар ташкили ин навъи калимасозӣ мавқеи муҳим дорад.

Калимаҳои мураккаб вобаста ба мавқеи нутқ дар ифодаи маънии грамматикӣ тобиши махсус пайдо мекунад. Ин масъала ҳамеша дар мадди назари забоншиносон буд [Виноградов, 1947; Лейзерсон, 1969; Гойхман, 1983; Низомова, 2021, с.290 ва диг.].

Дар асоси маводи шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё муҳаққиқон ба баррасии хусусиятҳои калимаҳои мураккаб бевосита дахл намудаанд [Исмоилов, 2019; Раҳматуллозода, 2015; Ҳамроқулов, 1961; Қурбонов, 2013 ва диг.].

Аз таҳқиқи сохт ва маънии калимаҳои мураккаб дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда бармеояд, ки онҳо дар таркиби луғати хоси шеваҳо, асосан, дар замина қолибҳои гуногуни иборавӣ ба вуҷуд меоянд. Калимасозӣ аз хусусиятҳои зиёди забонӣ бархӯрдор буда, «Дар таҳқиқу баррасии сохти калимаҳои ҳар як забон, ки бо конструксияҳои мавҷудаи ҳамон забон такя мекунад, одатан муносибати калима ба қолиби калимасозӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҷудо намудани асосҳо аз таркиби қолибҳо ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки дар доираи қариб ҳама категорияҳои нутқ, аз ҷумла исмҳои ом, конструктсияи калимасозӣ то ҷое вусъат ёбад ва маънии ҷузъҳои калимаи мураккабро ҷамъбаст ва дар худ таҷассум созад. Ҳамин аст, ки ҷузъҳои таркибии калимаҳои мураккаб якҷоя ба як ҳиссаи нутқ мегузаранд» [Исмоилов, 2019, с.433].

Маводи лаҳҷаҳои мазкурро вобаста ба шаклгирӣ ва хусусиятҳои забониашон дар доираи калимаҳои хоси шева ба се гурӯҳ: калимаҳои мураккаби пайваст, тобеъ ва омехта тасниф намудан мумкин аст.

2.1.2.1. Калимаҳои мураккаби пайваст

Бояд қайд намоем, ки дар муқоиса ба калимаҳои умумихалқӣ дар таркиби луғати хоссаи лаҳҷаҳо шаклгирии калимаҳои мураккаби

пайваст маҳдуд ба назар расида, дар ин замина таснифоти онҳо низ дигаргуна сурат мегирад, яъне хусусиятҳои асосии онҳоро ба таври умумӣ номбар менамоем. Дар лаҳҷаҳо бо роҳи такрор ташаккул ёфтани калимаҳои мураккаби пайваст маъмул мебошад ва такрори калимаҳо дар якчанд шакл сурат мегирад:

А. Дар ин навъи калимасозӣ аз исм ва ҳиссаҳои дигари нутқ тавассути такрори пурраи ҷузъҳо исм сохта мешавад: **вок-вок**: *вок-вок кардан (*Вқ.) бод додан; **жав-жав***: жав-жав кардан* (Вқ., Бдх.) сафсата гуфтан; **пат-пат (**Вқ., Қ., Шк.) пургӯй, ҳарзагӯй; **теф-теф** (Шк.) пора-пора, қалам-қалам; **чап-чап** (Қ.) як навъ нони нафис; **қълом-қълом (**Ск., Хов.) як навъ алафи баргборик; **маг-маг (**Б., Сх., Хов., Бойс. Қӯрғ.) навъи бозии духтарон, ки чашмонашонро пӯшонида аз хоначаҳои дар замин кашидашуда мегузаранд ва ғ.

Бо ин қолиби калимасозии мураккаби пайваст сифат ва дигар ҳиссаҳои нутқ низ меоянд: **ғайбар-ғайбар (**Бойсун) калон-калон; **шог-шог (**Гул., Ёх., Сд., Фат., Бдх.) нидои барои овардани гӯсола; **даба-даба** (Кҳ.) гоҳ-гоҳ, баъзан; (Ҷк.) гаваккашон, бо дасту пой роҳ рафтан; **даканг-даканг (**Кҳ.) зуд-зуд, шитобон; **ҳуч-ҳуч (**Б., Сх., Яхч) бекор, беҳудава ғ.

Б. Яке аз ҷузъҳои такроршаванда вобаста ба табиати лаҳҷаҳо унсурҳои калимасози морфологӣ қабул менамояд, ки онро наметавон аз калимаи мураккаби пайваст ихтисор намуд. Ин қолиби калимаҳои мураккаби пайвастро дар асоси мисолҳои мансуби лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда чунин метавон арзёбӣ намуд:

Б.1. Бо пасванд: **кучкуч+ак (**Оқб.) ҳашарот; **рара // рарав+ук (**т. – вах.) суфачаи атрофи оташдон; **каркар+а (**т. – вах.) хори маҳелон; **лавлав+и´** (Сина) фиребгар; каззоб; **ҳалҳал+а**: *ҳалҳала кардан* (Қ.) шӯрондан, иҳво андохтан ва ғ.

Б.2. Бо миёнванд: **гечагеч (**Ғор.) ҷигӣ-ҷигӣ, нидое, ки бо он бузро ба сӯйи худ мехонанд; **торим<u>а</u>тор (**Кд., Нр.) матои торҳояш саросар аз

абрешим; **торматор (**Сх., Хов.) пушта, паси пушт ва ғ. **вадровадър (**Ҳак., Ҳд.) ҷанҷол, маҳал, ғавғо, дастбагиребон; **чағирочағир** (Кг.) маҳал, ғавғо, ғалоғула ва ғ.

Бояд қайд намоем, ки дар ин шакли калимасозӣ дар назар гирифтани табиати забони зиндаи халқ муҳим буда, ба андешаи забоншинос В.П. Григорев «Муносибати грамматикӣ байни компонентҳои калимаи мураккаб ба таври объективона вуҷуд надорад, танҳо гӯянда (шунаванда ва нависанда) аз рӯи анъана, ки дар забон ибораҳо, синтагмаҳо, ҳиссаҳои ҷумла, ҷумлаҳои бутун амал мекунанд, онҳоро ба калимаи мураккаб табдил медиҳанд» [Григорев, 1968, с.29].

Бо миёнванди -о- ташаккул ёфтани ин навъи калимаҳои мураккаб дар таркиби калимаҳои хоси шева серистеъмол мебошад: **сарору** (Вқ., Қ., Шк.) зуком; резиш, назла; **сароҷа** (Лахш) тобут; **тароқак** (Шк.) як навъ хӯрок; **таҳсобарак** (Қ.) баҳс, мунозира; муноқиша; **чалочипа** (Қ.) барфу борони шамоломехта ва ғ.

Б.3. Бо миёнванду пасванд: **ғижмағиж+ан** (Сина) овоза; **хармахарак +и´** (Сина) навъи амрӯд ва ғ;

Дар ин шаклҳои мураккаб тағйироти савтӣ низ ба амал меояд: **каркарикароғ** (Кҳ.) карок, куркурикаррок ва ғ.

В. Дар калимасозии мураккаби пайваст ба ҳам омадани ҷузъҳои баробарҳуқуқ дар таркиби луғати лаҳҷаҳо бештар хоси исмҳо мебошад: **лавлода (**Сина) қаллоб, фиребгар; **ғърмав (**т. – вах.) гурбаи нар; **алапата (**Ҳч.) хавотир, парешон; **бошпар (**Ҳак.) нидои барзгар ба ҷуфти гов: **тезором (**Дар.Н.) мисрон ва ғ.

Ҳамин тавр, вобаста ба табиати забони зиндаи халқ дар қолибҳои гуногуни калимаҳои мураккаби навъи пайваст омадани калимаҳои хоси шеваро дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда мушоҳида менамоем, ки дар ин маврид бо пасванд, пасванду миёнванд ва танҳо миёнванд шакл гирифтани калимаҳои мураккаб маъмул буда, бо ҷузъҳои баробарҳуқуқ

низ ташаккул ёфтани онҳо то андозае ба назар мерасад. Ин навъи калимаҳои мураккаб бештар дар доираи исм воқеъ гардида, чанд зинаи калимасозиро дар қолиби калимаҳои мураккаби пайваст тай кардани шаклҳои морфологӣ дар доираи калимаҳои хоси шева бар асоси маводи гӯйишҳо таҳқиқталаб боқӣ мемонад.

2.1.2.2. Калимаҳои мураккаби тобеъ

Ин навъи калимасозӣ дар муқоиса ба калимасозии мураккаби пайваст сермаҳсул ба назар мерасад. Дар қолиби калимаҳои мураккаб бештар омадани калимаҳои хоси шева асоси воқеӣ дошта, ин, аз як тараф, ба сохтори забони тоҷикӣ ва табиати забони зиндаи халқ алоқаманд мебошад, ки шаклу қолабҳои забонӣ дар он тағйирпазир ҳастанд. Ба андешаи профессор Ш. Исмоилов, «Чунон ки маълум аст, сохтори забони тоҷикӣ аналитикӣ аст. Аз ин рӯ маъниҳои луғавӣ дар он кам андар кам тавассути вожаҳои якҷузъа ифода меёбанд,чунки сохтори аналитикӣ тақозо мекунад, ки маъниҳо бештар ба воситаи асосҳои бисёрҷузъа, таркибу ибораҳо ва ҳатто ҷумлаҳо ба зуҳур биёянд. Инчунин, алоқаи компонентҳо дар таркиби калима ва ибораву ҷумлаҳо тавассути васоити гуногуни грамматикӣ (миёнвандҳо, бандакҳо, пайвандакҳо, пешоянду пасояндҳо ва ғ) ба амал меоянд» [Исмоилов, 2019, с.395]. Дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда вобаста ба маънии ҷузъҳои калимаро ташкилдиҳанда калимаҳои мураккабро ба ин гурӯҳҳо ҷудо менамоем:

1. Дар калимаҳои мураккаб ҷузъи якум асосӣ ба шумор меравад. Бештари ин калимаҳо аз ҷузъи исмӣ сохта шудаанд: **дулғоп (**Кҳ.) дӯлоб, бенизом, бесару нӯг (бун); **мехлос (**Кҳ.) олатест дастадор, ки ба дарафш шабеҳ бошад ва мисгарон кор фармоянд; **бармол** нишеби кӯҳ, фарозӣ; пастхамӣ; **дамтос** (Шк.) диққи нафас, дамгир ва ғ. Аз исму сифати феълӣ

сохта шудани чунин калимаҳо назаррас нест: **лабпарида (**Қ̄урғ.) гирдогирди бомпӯш ва ғ.

Бояд қайд намуд, ки бо калимаи сар ташаккул ёфтани ин навъи калимаҳо дар гӯйиҳои таҳқиқшаванда бештар ба назар мерасад. Дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё калимаи **сартӯла (**Сина) ба маънои фарзанди нахустин ба мушоҳида расид. Дар ин калимаи мураккаб ҷузъи дуюми он – **тӯла** баромади туркӣ-муғулӣ дошта, он ба маънои пурра меояд. Дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ калимаи мураккаби **сарҳанг** (Вқ.) дар мавриди аз замин баланд шудани зироат ба кор бурда мешавад. Дар ташаккули маънои калимаи **сарҳанг** ҷузъи дуюми он, яъне унсури таърихии **ҳанг**, ки дар гузашта ба маъноҳои ирода, оҳанг; сипоҳ; сӯрохи ғормонанди кӯҳ, шикофи кӯҳ ва як ҷуръа об меомад, мавқеи муҳим дорад.

Шарҳи этимологии баъзе калимаҳои мураккаб душворӣ пеш меорад. Ба таври мисол, дар калимаи **шаҳмърова** (Вқ., Қ.) ба маънои зане аз хешу ақрабои домод, ки чун намоянда то хонаи арӯс ҳамроҳӣ мекунад ҷузъи лаҳҷавии **мърова** ба маънои аммаву хола ва ё янгаҳои домод ба кор бурда мешавад ва «дар робита ба ифодаи аммаҳои арӯс дар шеваи ҷанубӣ истилоҳоти мъроваҳо роиҷтар аст, аммо дар шеваи ҷанубӣ-шаркӣ бештар **ʒамаҳои арӯс** мегӯянд, ки тафриқаи лексикӣ ба шумор меравад. Мъроваҳо маҳз аммаҳо (хоҳарони падар) буда наметавонанд, шояд холааш, янгааш ва ѐ каси дигар ба ин вазифа интихоб шавад ва ʒамаҳо гуфтани ҳомиѐони шеваи ҷануби шарқӣ шартӣ аст, ки аз рӯйи муҳаббат ба амма мебошад» [Раҳматуллозода, 2013, с.87].

Дар ин навъи калимаҳои мураккаб фурӯгузор шудани воситаи алоқаи грамматикии ибораҳои изофӣ (бандаки изофии **-и**) мушоҳида мегардад: **лабпарида (**Қ̄урғ.) гирдогирди бомпӯш; **овка // овикаҳ** (Вқ.) навъ алаф, ки дар ҷойҳои намнок меруяд ва ғ. Муҳаққиқони рус И.А.Уолш ва В.П. Берков дар мақолаи хеш – «Калимаҳои мураккаби

муодили ибораҳои озод» дуруст зикр менамоянд, ки «Калимаҳои мураккаби муодили ибораҳои озод чун ибораҳои мавҷуда озодона дар нутқ сохта мешаванд. Хусусияти муҳимми онҳо ин аст, ки ҳатто соҳиби забон ҳангоми талаффуз кардан ё шунидани ин навъи калимаҳои мураккаб одатан ба ин навъи калимаҳо дучор гардиданашро ба хотир оварда наметавонад, нав будани ин калимаҳо ҳис карда намешавад. Дар асл, барои фард муқаррарӣ ё ғайримуқаррарӣ будани ифода, аз ҷумла ягонагиҳои бори аввал истифодашаванда ва сохти калимаи лозима фарқ надорад» [Уолш, Берков, 1984, с.68].

2. Дар калимаҳои мураккаб ҷузъи дуюм асосӣ мебошад. Ин навъи калимаҳо аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ташкил ёфта, бештар исм ва баъзан сифат месозанд:

А. Аз исму исм исм сохтааст: **хафлал (**К., Вқ.) саргин; **аламбор (**Шк.) ғарам, тӯда; **борсанг** (Қлб.) номи ҷузъи ҷувоз // **борсанги´ (**Дт.) писарандар, писари ӯгай; **даргоб (**Ғор.), **даргов (**т. – вах., т. – ишк.) рӯди кӯҳӣ, дарёчаи кӯҳӣ; **рахштут (**Қ.) навъи тут; **роватала (**Лахш) навъи хӯрок; **тарфов** (Қ., Шк.) навъи таом; **мисмор (**Дар.Н.) мехи филизӣ; **пилаҷо (**Кҳ.) марра, марраи пойгаҳ ё бузкашӣ; **овсар (**Дб., Ҳиҷ., Вд., Бд., Нд., Нз.) ҳалқаи оҳанин; **овтупа (**Мум., Б.) як навъи угро; **овҷах (**Вқ.) палаҳда, луқ; **дилҳеҷак (**Сина) гаваккашӣ; **испаҳул (**Вқ., Қ.) навъи растанӣ; **манглух (**Ҷк.) растанӣ; **нолахка** (Ҷк.) чормаҳзи хом; **парчув** (Ҷк., Шк.) гуппӣ, асбоби махсуси дастӣ, ки тавассути вай аз ҷурҳот (мост) маска ҷудо мекунанд; **лъвидъста** (Шк.) // **ливидъста** (Қ.), дастаи парчам, машъал, парчам; **шаҳмърова** (Вқ., Қ.) зане аз хешу ақрабои домод, ки чун намоянда то хонаи арӯс ҳамроҳӣ мекунад; **тутакалък** (Қ.) як навъи растанӣ; **ҳандалабу** (Б., Дб., Мум.) гиёҳ; **дангалчув (**Дҷ., Ёл, Пор.) кӯба ва ғ.

Б. Аз исму сифат исм сохтааст: **пушқоқ (**Сина) мавизи навъи паст; **данҳар (**Сина) занбоз, рухбоз ва ғ.

В. Аз сифату исм исм сохтааст: **ҳалилов // ҳайлов // ҳайлоw (**Ғк., Кҳ.) // **ҳалидоб** (Бойс., Қӯрғ.) навъи таом; **курдум** (Вқ.) дом барои доштани муш, бедона; **тарнов** (Вқ., Қ.) бориши бошиддати борони барфомехта; **тарноб** (Бойс.,Қӯрғ.) новадон, лӯлае, ки болои бом барои рехтани оби барфу борон мегузоранд; **карксанг (**Бдх.) ӯғурдастаи сангини дарозрӯя барои кӯфтани дона дар ҷувози дастӣ; **нимғанак (**Қ.) ғарами ғалла; **ғӯрагил (**Қӯрғ.) кулӯхчинӣ байни чӯбҳои иморат; **курғана // кӯрғанак** (Қӯрғ.) ғарами дарзаҳои ғалла; **кӯртарит** (Бойс.) нони ба чойи гарм ва ё об таркардашуда; **къгуш (**Ғор.) гӯсфанди гӯшҳояш хурд; **кърчов (**Вқ.) андоваи тунуки девори хона; **қопагъл (**Сх., Хов.) як навъ гул; **сътрахбуй (**т. – ишк.) моддаи хушбӯй; **састирак (**Лахш) як навъи сафедор; **бургуш // бъргуш // биргуш (**Бдх.) навъи ҷин ва ғ.

Г. Аз шумораву исм исм сохтааст: **дубулға (**Бойс.) табарзин; **дубулға (**Бойс.) табарзин; **дъкорд (**Доб., Кан., Мум., Хов., Ҳак., Ҳд., Қ.) қайчӣ; миқрози калони пашмтарошӣ; (Хов., Хон.) олоти нохунгирӣ; **шашвол (**Дор., Хов., Дҷ., Шв.) ангушти зиёдатии дасту пой; **дъбар** (Кҳ., Шк.) ҳамл, ҳомила, дуҷон; тануманд ва ғ.

Ғ. Аз зарфу ҳиссаҳои дигар исм сохтааст: **такмол (**Вқ.) номи як навъи чити заминаш сурху гулҳояш рангоранг; **таҳпуш // тапуш (**Мт., Пд.) либоси таг; **таҳшир // ташир**1 (Ан., Ёл, Пор.) равғани таҳшиншудаи ҷувоз; равғани софкорӣ кардашудаи (навъи аъло) ҷувоз; **таҳширсол (**Ст., Тқ.), **таhширсол (**Чил.) қаҳтӣ, гуруснагӣ ва ғ.

Д.Ҳиссаҳои гуногуни нутқ дар ин колаб омада сифат сохтаанд: **буртан (**Қлб.) хокистарранг, хокистарӣ; **дулғоп (**Кҳ.) дӯлоб, бенизом, бесару нӯг (бун); **балмариш (**Сина) ғӯлариш, серриш; **пӯкагап (**Сина) даҒалмуомила; **ръждбарф (**Хов) пурбарф; **аларахш (**Хум.) ало-було; **батрак (**Қӯрғ.) золим, бераҳм ва ғ.

3. Дар лаҳҷаҳо як қатор калимаҳо мавҷуданд, ки онҳо аз ҳамнишинии калимаҳои мустақилмаъноии забон ва ҷумлаҳои сода ба

вуҷуд омадаанд. Дар таснифи ин қатори калимаҳои мураккаб ба андешаи забоншинос С. Раҳматуллозода такя менамоем: «Дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқӣ гурӯҳи калони калимаҳои мураккаб ба мушоҳида мерасанд, ки дар қолиби исму феъл, сифату феъл, зарфу феъл, сифати фелию феъл ташкил шудаанд, ки дар асарҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ ва монографияҳои ба шеваҳои забони тоҷикӣ бахшидашуда онҳоро муштақ аз ибораҳои феълӣ медонад. Таҳлили маводи зиёди шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ моро ба хулоса овард, ки ин калимаҳо аз ибораҳои феълӣ сохта нашудаанд, балки барои қисме аз онҳо ибораҳои феълӣ муродифоти наҳвӣ шуда метавонад. Онҳо аз ҳамнишинии калимаҳои мустақилмаънои забон ва аз ҷумлаҳои сода ташкил шудаанд» [Раҳматуллозода, 2019,с.160].

Дар таркиби луғати хоси шева ин навъи калимаҳо зиёд нестанд. Онҳо аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ, асосан, исм сохтаанд: **търкиш** (Ғк., Вқ.) номи ҷузъи ҷувоз; **шеркъшо** (Шк.) байтбарак, як навъи бозии бачагон; **бадраф** (Шк.) ҳоҷатхона; **нимбош** (Шк.) навъи бутта; **шопаланг (**Дб., Чб., Хҷ.) чорпаҳлу, китфвасеъ; паҳлавонҷусса; **котабанд (**Пор., Ёл) афзори ороише, ки занон ба пешонӣ мебанданд; (Вд., Каҳ., Нд., Нз.) соҳибӣ (аз они худ) кардан; **мисрон (**Кҳ., Қ.) оҳани дарози паҳннӯг; **пинадуз (**Ан., Ёл, Пор., Сғ.) куҳнадӯз, дарбеҳгар; **бодрӯв (**Сина) барфтӯдаи дар натиҷаи шамолу тундбод пайдошуда; **борпуша // борпӯш** (Хов., Қӯрғ.) сӯзанӣ, матои махсус гулдӯзӣ шуда; **арқадор (**С-на) бемори саръ; **бурчин (**Мс.) парандаи ваҳшӣ ва ғ.

4. Дар таркиби калимаҳои хоси шева аз ҷумлаҳо шакл гирифтани калимаҳои мураккаби навъи **«афтов баргашт < афтовбаргашт»** [Раҳматуллозода, 2019, с.170]: **мангириф (**Вқ., Қ.) аз шакли тахфифшудаи *манъ гирифт* (шудан); ҳаял, таъхир; **навбаст (**Лахш) ҷавона ва ғ. он қадарназаррас нест.

Дар қолиби калимаҳои мураккаб рехташавии калимаҳо низ мушоҳида мешаванд, ки онҳо бештар дар ду шакл воқеъ мегарданд: 1) ҷузъи якуми калимаҳо маънии луғавии худро нигоҳ доштааст; 2) маънии луғавӣ дар ҷузъи дуюм ифода гаштааст.

Калимаҳои рехтаи дар қолиби калимаҳои мураккаб омада серистеъмоланд: **барзангил (**Кҳ.) духтари хоҳарарӯс; **кӯлдарон (**Қӯрғ) уреб, нишеб; **чабйуғ (**Вқ.) барзагове, ки вақти шудгор саркашӣ кунад, саркаш; **карсин (**Ғор.) нимдеворе, ки суфаҳои хонаи бадахшониро аз суфаи оташдон ҷудо мекунад; **курсанг (**Сина) харсанг; **патимо (**Ҷк.) уҳдабаро, кордон; **борондах (**Ғор., т. – вах.) борони барфомехта; **дълду (**Дҷ.) // **дурд** (Қӯрғ) таҳшини равған; **лахшов (**Ғор.) ҷоғ; **калпанг (**Ан., Ёл, Пор., Сғ., Дҷ., Сч., Хҷ., Кан.) парешонхотир; **кашар (**Шк.) // **качар** (Қӯрғ.) ҷойи гову мол; **кунаргу** (Бойс.) ҷуръаи ҷурғоте, ки барои ҳосил кардани мост ба шир андохта мешавад; **марвон (**Ғк., Кҳ.) маккор; **захоб (**Қӯрғ.) безор шудан; **азонча (**Мис., Эл., Қӯрғ.) беҳад, ниҳоят; **пайрам (**Вқ.) дарғот; **пандарз (**Ғк.) як тарзи дӯхти абраву астари кӯрпа; **папар (**Ёл, Пор.) девонаавзоъ; **пардам (**Қ.) гиёҳ; **шапаланг (**Қӯрғ.) ноуҳдабаро; **ширбат (**Бдх., Вқ., Қ., Шк.) таом; **даррчил (**Сина, Қӯрғ.) дардманд; **бахчи´ (**Кд., Кан., Дор., Хов., Хон., Кан., Ҳак.) барои чӣ? чаро?; **борсек (**Ғор.) чархи ресмонресӣ; **аламбор (**Шк.) ғарам, тӯда; **данбал (**Ҳиҷ., Яр.) // **дамбал** (Қӯрғ.) ҳодиса, воқеа; одами аз ҳад зиёд фарбеҳ; **калтус** (Ток., Хов.) патрон, тир; **пайхум (**Вқ., Кҳ., Қ.) // **пайхун (**Ғк., Шк.) пайхол, дарзаҳои ғаллаи дар хирман тит кардашуда, барои кӯфтан паҳн намуда партофтани гандум, ҷав, шолӣ ва ғ.

Баррасии хусусиятҳои забонии калимаҳои мураккаб, тарзи ташкил, ифодаи маъноӣ ва доираи густариши онҳо вобаста ба табиати шеваҳо ҳамоно масъалаи таҳқиқталаб дар забони тоҷикӣ боқӣ мемонад. Аз таҳқиқи калимаҳои мураккаби навъи пайваст ва тобеъ дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ бармеояд,

ки вобаста ба талаботи нутқ ва маҳалли интишор қолиббандии калимаҳо дар заминаи меъёрҳои савтиву сарфӣ ва наҳвии забон ба тағйироти ҷиддӣ дучор мегардад, дар шаклгириҳои сарфӣ навгониҳои забонӣ арзи ҳастӣ менамоянд ва дар ин асос омӯзиши ҳамаҷонибаи онҳо барои ҳалли як қатор масъалаҳои мубрами бахши калимасозӣ ва таснифоти онҳо замина фароҳам меорад.

2.1.2.3. Калимаҳои мураккаби омехта

Дар таркиби калимаҳои хоси шева калимасозии мураккаби омехта мавқеи хосро ишғол мекунад, ки бо вуҷуди умумият дошштан бо забони адабӣ дар ин шаклгириҳои сарфӣ тафовутҳои зиёде низ ба назар мерасанд. Табиати гӯйишҳо барои дар қолибҳои махсуси калимасозӣ омадани шаклҳои мураккаб замина фароҳам меоранд. Вобаста ба талаботи нутқ ибораҳо ва баъзан ҷумлаҳо дар шакли калима ташаккул меёбанд, ки омӯзиши ин раванд муҳим мебошад. Баъд аз солҳои 60-уми асри гузашта таҳқиқи ин масъала дар заминаи лаҳҷаҳо ҷараёни навро касб менамояд. Дар даҳсолаи охир ба омӯзиши ҷиҳати калимасозии гӯйишҳои тоҷикӣ эътибор бештар гардид. Дар таҳқиқоти забоншинос С. Раҳматуллозода «Калимасозии исм» (дар асоси маводи шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ) хусусиятҳои асосии калимасозӣ дар доираи исм баррасӣ шудааст. Муҳаққиққалимаҳои мураккаби исмиро аз ҷиҳати сохт ба гурӯҳҳоимураккаби пайваст, тобеъ, усули омехта тасниф шуда, муҳаққиқ ба калимаҳои мураккаби сеҷузъа низ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ки он аз нигоҳи илмӣ саҳеҳ буда, барои омӯзиши минбаъдаи сохтори калимаҳои хоси шева замина фароҳам меорад.

Дар қабати луғавии лаҳҷаҳо усули калимасозии мураккаб назаррас мебошад. Аз таҳқиқи маводи лаҳҷаҳои бармеояд, ки шаклгириҳои сарфӣ дорои як қатор хусусиятҳои забонӣ буда, баъзе қисматҳои ин бахш дар

доираи калимаҳои хоси шева ҳамоно ниёз ба таҳқиқот дорад. Дар кори илмӣ ба таври хеле мухтасар усули омехтаи калимасозӣ дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикони ҳавзаи Сурхондарё ва гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ таҳқиқ мегардад. Вобаста ба маънии ҷузъҳо дар ин қабил калимаҳо воситаҳои калимасози морфологӣ дорои тобишҳои нави маъноӣ мегарданд. Гурӯҳе аз ин калимаҳо ҳамоно дар ҷараёни ташаккули маъноӣ ва сохторӣ қарор дошта, бо гузашти вақт шакли устувори сарфиро соҳиб мешаванд. Дар ин шаклгириҳои сарфӣ аз калимаҳои мураккаби дар лаҳҷаҳо серистеъмол бо пасвандҳо сохта шудани калимаҳои нав низ назаррас мебошад. Ин ҷараёни шаклгиҳои сарфӣ дар баррасии калимасозии мураккаб муҳим буда, таҳқиқи мукаммали лаҳҷаҳои тоҷикӣ барои баррасии дақиқи хусусиятҳои забонии онҳо асос мегардад. Дар ин усули калимасозӣ мавқеи калимаҳои исмӣ устувор мебошад, ки «дар байни гурӯҳҳои калимаҳои забон ду категорияи калон буда, дигарон дар атрофи он муттаҳиданд. Яке аз онҳо ҳодиса ва предмет (исм) буда, баъд аломатҳои он: сифату хусусият, миқдору тартиб ва дигаре амалу хосияти он аст» [Ҳалимов, Шукурова, 1988, с. 15].

Воситаҳои морфологии калимасоз дар таркиби луғати умумихалқӣ ва диалектизмҳои лексикии нопурра серистеъмол бошанд ҳам, калимасозии пасвандҳо дар қабати калимаҳои хоссаи шеваҳо хеле маҳдуд ба назар мерасад. Дар лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ пасвандҳои **-а, -ак, -ӣ** дар сохтани калимаҳои мураккаби омехта бештар корбаст шудаанд, ки дар алоҳидагӣбаррасӣнамудани хусусиятҳои онҳо мувофиқи матлаб аст.

Калимаҳои мураккаби усули омехта бо пасванди **-ак** дар таркиби калимаҳои хоси шева бештар аз исм ва ҳиссаҳои дигари нутқ исм месозанд. Муҳаққиқи шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ С. Раҳматуллозода вобаста ба хусусиятҳои забониашон калимаҳои

мураккаби омехтаро дар доираи исмҳо тасниф намудааст. Мувофиқи ин таснифот дар қатори аввали ин навъи калимаҳо воситаҳои калимасоз дар ташкили ин шаклҳои сарфӣ шаклҳо ҳатмӣ буда, ихтисори онҳо боиси заъфи маънӣ мегардад. Баръакси ин, дар гурӯҳи дуюм воситаҳои морфологӣ бештар хусусияти шаклсозӣ дошта, аз таҳлили маводи лаҳҷаҳо бармеояд, ки ҷузъҳои ин навъи калимаҳо дар истеъмол бе воситаҳои калимасозӣ низ устувор мебошад.

Дар лаҳҷаҳои мавриди назар аз исму феъл сохта шудани калимаҳои усули омехта ҷараёни устувор дорад: **борпечак (**Саридашт) ҷомадон; **албандак // олбандак (**Мис., Эл.) сарбандак, пешонибандак; **паррачинак (**Нил.; Хуф.) асбоб барои чиндани санги осиё; **овлъпак (**Қ.) нармии сари кӯдак; **барғъндашапак** (Ҷк.) барфбозӣ; **хафкашак** (Хҷ.) як навъи таоми парҳезӣ; **овчъкак (**Ҷк) оби барф ва ғ. Дар ин қолиб омадани калимаи **мағлесък // махлесък** дар гуфтори тоҷикони Бадахшон ба маънии *ҳайвони дарандаи шабеҳи муш, ки гӯё аз ақиби чорвои калон ба шиками он даромада, аъзои дохилии ӯро мехӯрдааст*, мушоҳида гардид. Ин калима дар лаҳҷаи Қӯрғонча ба шакли **мағлесак** дар ифодаи шабушки хурд меояд ва дар Ховалинг **мъхлесък** маънии хурдакак, майдаякро дорад. Дар ифодаи маънии мазкур калимаи хоси шева **гарък (**Пор.) низ меояд.

Калимаи **раравак** дар манотиқи Бойсун ба маънии пайроҳаи хурд дар пояи кӯҳ ва пушта омада, ин калима бо шакли дигари пасванди ***-ак: -ук (раравук)*** дар гуфтори тоҷикони Вахон суфачаи атрофи оташдонро ифода месозад.

Дар лаҳҷаҳо бо вуҷуди умумият бо забони адабӣ ташаккули калимасозии хоссаро низ мушоҳида менамоем, ки ин ба табиати забони зиндаи халқ вобастагӣ дорад. Ба таври мисол, калимаи **ҷувол** дар осори классикӣ ба маънии халтаи калон корбасти фаъол дошт. Дар лаҳҷаи Қӯрғонча ин калима дар шакли мураккаби **ҷолдӯз** (ҷуволдӯз) ба маънии сӯзани калон меояд, ки дар гузашта калимаи сохтаи **хаймагӣ** ҳамин

маъниро дошт. Тавассути пасванди **-ак** ин калима дар қолиби калимаи мураккаби омехта ба маънии як навъи ҳашарот меояд: *Чушмаоб-а лабаш-да ҷолдӯзаки пурр-ай, шиштан намеша* – Дар назди чашмаоб сӯзанак зиёд аст, нишастан намешавад.

Калимаҳои мураккаб вобаста ба мавқеи нутқ дар ифодаи маънии грамматикӣ тобиши махсус пайдо мекунанд. Ин масъала ҳамеша дар мадди назари забоншиносон буд. Вобаста ба табиати забони тоҷикӣ ва шеваҳои он дар асоси қолиббандии ибораҳои озоди синтаксисӣ ба миён омадани калимаи мураккаб ҳодисаи маъмулӣ ба шумор рафта [Рубинчик, 1985, с.15], омӯзиши ин бахш муҳим мебошад.

Калимаи хоси лаҳҷаи **ҷолдӯзак**дар шакли калимаҳои мураккаби сеҷузъа омада, бо ибораҳои тафсилёфтаи навъи «бачаи чашмонаш сиёҳ» муодил мегардад: ***Мозири ҷолдӯзакчушм*** (Мозираи чашмонаш шабеҳи чашмони ҷолдӯзак) *ноз накуна, ки Худо мезана*.

Аз ин гуфтаҳо метавон хулоса баровард, ки бисёре аз калимаҳои мураккаб дар асл аз ибораҳои изофӣ ва ғайриизофии исм ба амал омадаанд. Корбасти калимаи мураккаби сеҷузъаи **ҷолдӯзакчушм** хусусияти эҷоди фардӣ низ дорад, яъне соҳибони забон дар ҷараёни нутқ ба таври ғайриихтиёр баъзан калимаҳоеро ба забон меоранд, ки сохт ва маънии онҳо низоми мураккабро дорост. Бояд қайд намоем, ки маҳорати суханофаринии шоирон дар забони адабӣҳодисаи маъмул ба ҳисоб рафта, тавассути истифодаи ин шаклҳои мураккаб таъсири сухан афзун мегардад. Ба андешаи муҳаққиқ Г.Н. Каримова, «Калимаҳои мураккаби сеҷузъа ва ё бисёрҷузъа дар забони тоҷикӣ (койнеи тоҷикӣ) ва ё шеваҳои дигари забони нави ғарбӣ (койнеи классикӣ, койнеи форсӣ, койнеи дарӣ) таърихи дуру дарозро тай намуда бошад ҳам, бо вуҷуди ин он қадар, чунонки мебояд, маъмул нагаштаанд. Калимаҳои мураккаби сеҷузъа дар оғоз ва инкишофи забони форсӣ-тоҷикӣ-дарӣ ҳам мавҷуд буданд, ки бархе аз шоирони адабиёти классикӣ ба кор бурдаанд. Масалан, дар

Фирдавсӣ: «Сухан гуфтани паҳлави-ш ҳаст, Рӯдакӣ навгӯвожа», ки дар ин ҷо навгӯвожа аз се ҷузъ: нав+гӯ+вожа сохта шуда, аз рӯйи баромад ҳамаи бахшҳои калима тоҷикианд ва аз сифат, асоси замони ҳозираи феъл, исм таркиб ёфтааст. Ё ин ки дар асрҳои миёна дар осори Сайидои Насафӣ мебинем: сафарнокардамардумдидае» [Каримова, 2023, с.7]

Бо вуҷуди он ки дар сохтори шакли мураккаби **ҷолдӯзакчушм** калимаҳои умумихалқии ***дӯз*** (дӯхтан) ва **чашм** корбаст шудаанд, вале ин қабил калимаҳоро наметавон ба қатори лексикаи умумихалқӣ ва ё диалектизмҳои лексикии нопурра дохил кард, яъне доираи маъноӣ ва дараҷаи корбасту шаклгириҳои хоссаи он ба гурӯҳи диалектизмҳои лексикии пурра тааллуқ доранд.

Аз исму исм бо пасванди **-ак** сохта шудани калимаҳои мураккаби исмӣдар лаҳҷаҳо назаррас мебошад: **нулпайик (**Нз.) патак, порчаи намад ё матои ғафс, ки ба даруни пойафзол меандозанд; **потелък (**Қ.) гиря; ноором; (Ғор.) дар хок ғел задании мурғ; **ғӯлобак (**Қӯрғ.) ҷароҳат ва ғ.

Дар калимаҳои мураккаби аз исму сифат таркибёфтаи **ганданафасак (**Дар. Н.) як навъ ҳашароти бадбӯй; **палпуқсарак (**Кҳ.) парешонмӯй пасванди **-ак** хусусияти шаклсозӣ дорад.

Аз маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ мисолҳои зиёде дорем, ки дар бунёди калимаҳои мураккаби омехта мавқеи воситаи калимасози **-ак** устувор мебошад ва ихтисори он боиси заъфи маънӣ мегардад. Бо исм ташкил ёфтани шаклҳои морфологӣ дар ин қолиб серистеъмол аст: **момодустак (**Сина) халилихӯрак (ҳашароти болдор); **нулпатак (**Сам.) як навъи парандаи минқордароз аз ҷинси мурғобӣ; **сарғанък (**Қ.) як навъи ғарами ғалла (аз қабили гандуму ҷав ва ғ.).

Дар гурӯҳи лаҳҷаҳои Шимолии Кӯлоб ва Қаротегинӣ хамири майда-майда, лӯнда-лӯнда буридашудаи бо резаи пиёзу кашнич, қаланфуру райҳон ва ғайра омехтаи дар равған пухташударо бо шаклҳои **чагалдак**

(Қаҳ.) **чъғалдак** (Вқ.) **чекалдак** (Қ.) ифода менамоянд. Ин калима дар манотиқи Бойсун шакли **чағалдак** дошта, ба маънии дом барои моҳӣ меояд.

Яке аз ҷузъҳои калимаҳои зерин маънии луғавии худро аз даст додааст, яъне рехташавии онҳо боиси духӯрагии маънии умумии калима мегардад: **думғарақ** (Бойс.) бозии кӯдакона; **пихникбод** (Ан., Ёл) гирдбод, барфи шамоломехта, тундбод; **ручалък** (Роғ) сарпӯши сафолин барои даҳанаи оташдон (чаҳлак); **чахтакпай** // **чахтапай** дом барои гирифтор кардани ҳайвонҳои ваҳшӣ; (Қ.) мушгирак; **потехък** (Бдх.) кашол додани коре; **похсакмунан** (Қ.) кӯзапушт, хамидақомат; **сангълак** (Қаҳ.) нони арзанӣ.

Дар натиҷаи тағйироти савтӣ шакли асосии калима барои намояндагони дигар лаҳҷаҳову шеваҳои тоҷикӣ дар ифодаи маънӣ духӯрагиро ба вуҷуд оварда, ин омил яке аз роҳҳои ба қатори калимаҳои хоси шева гузаштани лексикаи умумихалқӣ ба ҳисоб меравад. Дар шакли **лувиковак** (Тӯда), ки маънии оташкобро дорад, ҷузъи аввал аз калимаи **алов** (оташ) маншаъ мегирад.

Бо пасванди **-а** аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исмҳои мураккаби омехта сохта шудаанд. Дар лаҳҷаҳо калимаҳои мураккаби омехта, ки ҷузъҳои маънидори онҳо дар шакли яклухт истифода нагардида, дар ташаккули онҳо воситаҳои калимасоз нақши муҳим доранд, бештар вомехӯранд: **сангғӯла** (Қӯрғ., Сина) гиёҳи туршмаза; **пархишта** (Сина) тарзи ниҳолгирӣ аз буттаи ток; **ҳафкабута** (Шк.) матои рангоранг ва ғ. Калимаи мураккаби омехтаи **таллапеч** (Қӯрғ.) маънии буғчаи либосҳоро дошта, ин калима дар гӯйиши ҷануб ба шакли **таличабан** (Қ.) бӯхчабанд корбаст мешавад.Калимаи **пошикаста** (Бойс., Қӯрғ.) // **пошъкаста** (Шк.) маънии маҷозӣ касб намуда, зан ё духтари қадрасро ифода менамояд.

Дар қолиби калимаҳои мураккаби омехта омадани сифату зарфҳое, ки маънии яке аз ҷузъҳои онҳо духӯра ба назар мерасад: **алапата** (Ҳч.)

парешон; **аламарта (**Сина, Дар. Н.) воқеан; **яккабилак** (Қ̄урғ.) беҳтарин ва ғ.

Дар лаҳҷаҳо бо калимаи **об** ташаккул ёфтани исмҳои мураккаби омехта бештар ба назар мерасад: **мърова (**Ёз.; Куг.) зане, ки ба сифати намоянда дар шаби тӯйи никоҳарӯсро то хонаи навдомод ҳамроҳӣ мекунад; **шалова (**К-рш, Мал-д) он ки байни дандонҳояш фосила бошад; **чарғоба (**Қ̄урғ.) обсабз. Дар калимаи **заґома** (Қ̄урғ.) ба маънии моҳихона тағйироти фонетикӣ ба амал омада, ба калимаи **об** рабт доштани ҷузъи дуюми онро маънии калима собит месозад: *Заґома-да об боша, моҳиҳойа дас гирифтан осон нес* (Қ̄урғ.) – Агар дар моҳихона об бошад, доштани моҳӣ кори душвор аст.

Дар таркиби луғати калимаҳои хоси шева аз калимаҳои мураккаби мустаъмал бо пасванди **-а** сохта шудани калимаҳои мураккаби омехтаро низ мушоҳида менамоем: **парбеха (**Ромит) навдаҳои бехи дарахт; **таҳпала (**Ял.) пушта, суфакӯҳ; **сартӯла (**Сина) фарзанди нахустин; **бодама (**Ғк., Кҳ.) барфтӯда, тарма; (Бдх.) бӯрони барфӣ, барфбод; тундбод ва ғ.

Калимаи **нилаала (**Қ.), ки аз исму сифат таркиб ёфтааст, ба маънии *алочашм* меояд. Ин калима дар шакли **милаала** ба ҳамин маънӣдар минтақаи Кӯлоб серистеъмол аст. Дар аксари лаҳҷаҳои гӯйиши ҷанубӣ калимаи **сарпанҷа** барои ифодаи қуббаи рубоб мустаъмал аст. Бояд қайд намуд, ки ин калимаи мураккаби омехта ба маънии ранҷиш низ корбаст дорад. Аз ҳиссаҳои дигари нутқ бо усули калимасозии мураккаби омехта сохта шудани зарф низ мушоҳида мегардад: **бадбора (**Дт.) охирин, охир ва ғ.

Дар лаҳҷаҳо бо пасванди **-ӣ** дар қолиби калимаҳои мураккаби омехта омадани лексикаи лаҳҷавӣ маъмул буда, вобаста ба шакл ва маънии ҷузъҳои маънодори калимаро созмондиҳанда вазифаи ин воситаи грамматикӣ якранг намебошад. Дар баъзе калимаҳои мураккаб мавқеи ин воситаи калимасоз устувор мебошад: **овғами´** (Дар. Н.) сероб,

пуроб; **мағулбози´ // мағълбози´** (Ғорон) тӯйи арӯсии бошукӯҳ; **мандоғú** (Шк.) таронае, ки ҳангоми кӯфтан ва даравидани ғалла месароянд ва ғ. Калимаи мураккаби **мандоғú** дар шакли **мандоғигу // мандоғгу (**Хов.) ба шахси нақароти таронаро иҷрокунанда далолат менамояд.

Дар низоми калимасозии лаҳҷаҳо вобаста ба табиати забони халқ ва раванди таърихии шаклгириҳои сарфиву наҳвӣ ба тағйироти зиёд дучор мегарданд, дар бисёре аз калимаҳои мураккаби омехта маънии яке аз ҷузъҳо хира гардида, ҳодисаи ихтисоршавии воҳидҳои забонӣ низ дар шаклгириҳо ба назар мерасад. Дар натиҷаи ин ҳодисаҳои забонӣ ва вобаста ба муҳити ҷуғрофиву омилҳои дигари забонӣ дар қолиби калимаҳои мураккаб рехташавии маъниҳо ба амал омада, яклухтии ин шаклҳои наҳвӣ нигоҳ дошта мешавад: **навқони´ (**Бдх.) ҷави тезпазак, ки ҳосили он барои рафъи айёми гуруснагии аввали тобистон истифода мешуд; беҳосилӣ; **навқуни´ (**Қ.) кишти барвақтӣ; **нъшкъръки´ (**Кан.) шубҳа; ҳазар, ҳисси нохушӣ; **катхъдойи´ // катхъдоги´ (**Вқ.) меҳмондӯстӣ, меҳмоннавозӣ; **ҳъмбози´ (**Нимич) як навъи бозии бачагон; **чаблули´** (Сх.) як навъи растанӣ; **лаблӯли´** (Қӯрғ.) хокпӯши гирдогирди бом; **рукоби´** (т.вах.) косаи хурди чӯбӣ ва ғ.

Дар калимаҳои зерин ҷузъҳои калимаи мураккаб дар гуфтори мардум мустаъмаланд ва пасвандӣ -ӣ хусусияти шаклсозӣ дорад: **посиракори´ (**Ғофилобод) кишти шарикӣ; **пъландари´** (Ғорон) остона; (тоҷиконИВахон) болодарӣ; **чагърди´ // чаҳгърди´** (тоҷикони Ишкошим) мағоки самти рости танӯр, ки дар он обҷӯшонанд.

Бисёре аз калимаҳои мураккаби рехтаро ба осонӣ метавон ба ибораи озоди синтаксисӣ баргардонд: **таҳпали´ (**Мискинобод) қисми поёнии саҳни хона, пойгоҳ; **таҳпойи´ (**Ёзғанд) палос, кӯрпача; **таҳпоқи´ (**Нӯш.) харак, он чӣ, ки барои андова ва таъмири девор истифода мебаранд; **таҳпочаги´ (**Навдонак) бехҷаст, навдаҳои наврӯйидаи бехи дарахт ва ғ.

Ҳангоми таҳқиқи хусусиятҳои сарфиву наҳвии унсурҳои шевагӣ профессор А.Ҳасанов нуктаи ҷолибе баён мекунад: «бархе аз ин унсурҳо дар раванди инкишофи худ аз шакли бунёдиашон то андозае дур рафтаанд, ки ошкор кардани гунаи ибтидоияшон таҳқиқи амиқи лингвистиро тақозо менамояд» [Ҳасанов, 2003, с.224].

Калимаи мураккаби лаҳҷавии **калладаққи´** (Қӯрғонча) дар шакли **даққисар** ба маъниҳои мӯйи ношуста ва паҳну парешон меояд, ки дар шакли ибораи изофӣ (каллаи даққӣ // сари даққӣ) корбасти он низ маъмул мебошад. Албатта, ҷанбаи луғавии шаклҳои сарфиро ташкилдиҳанда заминаи дар қолибҳои гуногун омадани онҳоро фароҳам меорад, ки «Калимабандӣ қолиби муайян дорад ва ҳар як қолиб миқдори муайяни тарҳбандиро ташкил менамоянд, ки ҷузъҳои он аз ҳиссаҳои ҷудогонаи нутқ иборат мебошанд. Ба ин тариқа, қолиб ва тарҳи калимабандӣ ҳамчун як воҳиди синтаксисӣ дар муносибати умумӣ ва конкретӣ меистанд. Калимабандие, ки чанд тарҳи гуногун дорад, дар як қолиб ғунҷоиш меёбад ва баръакс як қолиб чанд тарҳбандӣ дошта метавонад» [Ҳамроқулов, 1961, с.43].

Умуман, бо калимаҳои решагӣ сохта шудани калимаҳои хоси шева назаррас буда, аз таҳлили мавод бармеояд, ки дар қолабикалимаҳои мураккаб омадани калимаҳо бештар маъмул мебошад. Ба таври мисол, бо калимаи сар 30 мисол дар даст дорем, ки дар он калимаҳои сохта дар 3 маврид, калимаҳои мураккаб 6 маврид, калимаҳои мураккаби омехта 15 маврид, калимаҳои рехта 6 мавриди истифода доранд.

Ҷадвали № 1

Калимаҳои сохта	**Ихтисори номи гӯйишҳо**	**Маъно**
сарони´	Шил.	пиёзи тухмӣ.
Сара	Қӯрғ.	беҳтарин, хуб

Сарак	Бойс.	Хӯшаи гандум ё ҷав
Калимаҳои мураккаб	**Ихтисори номи гӯйишҳо**	**Маъно**
мур**сар**	Дб.	асбобе, ки бо ёрии он ба рӯйи нон гул меандозанд.
Ов**сар**	Дб., Ҳиҷ., Вд., Бд., Нд., Нз.	ҳалқаи оҳанине, ки ба ҳалқаи дигари нӯхта пайваст карда шудааст ва ба он арғам-чин баста мешавад.
сармир	Дм., Лш., Хум.	шахси масъуле, ки ҳангоми бузкашӣ роҳбарӣ мекунад; роҳбари бачагон дар акколбозӣ
саравзол	Лахш, Ог.	сару афзор, либос, пӯшок
сардохт	Б.	оворагард; ҷуволдӯз
Сарсинҷ	Бойс.	болор
Калимаҳои мураккаби омехта	**Ихтисори номи гӯйишҳо**	**Маъно**
Гир**сар**аки´	Ғеш	асбоби ороиши занон, ки ба пешонӣ мебанданд
тор**сар**аки´	Б.	номи ҷузъи гаҳвора
ған**сар**и´	Вқ.	болишти пар
ғър**сар**ак	Шгд.	навъи гандум
саридасти´	Ҷк.	тифли то дусола
Даққи**сар**	Қӯрғ.	парешонмӯй

капо**сар**	Ёз.	камақл
сарору	Вқ., Қ., Шк.	зуком
сартовала	Кпн., Хҷ.	болори кӯндаланги хона, ки дар паҳлӯи хонаи истиқоматӣ гузошта мешавад
саракпар // съръкпар	Ғор., т.- вах.	охирин нурҳои офтоби ғурубкардаистода; вақти ғуруб.
сарпара тор	Қ.	тор, ришта; ноқисулақл
сардака	Дб.	ба ифоқа омадан
сарипоса	Доғ.	чӯбҳои зиёдатии гӯшаи бом
сардаркафан	Бойс.	бадбахт, шахси гарданшах
Саркаллон	Қӯрғ.	маъракаи сартарошон
Калимаҳои рехта	**Ихтисори номи гӯйишҳо**	**Маъно**
сартӯла	Д. Нилу	пурра
ав**сар**и´, ай**сар**и´	Пор., Ан., Ёл, Сч., СҒ.	бомдод, саҳаргоҳон
сарагай // **съ**рагай	Кҳ.	пурра, то ба охир
саркале	т.-ишк.	бори аввал гирифтани мӯйи сари тифл
саркът	Луғ.	Саркӯб
сарнъхсин	Шк., Қ.	фарзанди нахуст

Дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ шаклгириҳои сарфӣ хусусиятҳои зиёди забониро доро буда, дар онҳо низоми мураккаби мансуб ба забони

зиндаи халқ амал менамояд, ки дар сурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи шеваҳои забони тоҷикӣ ва таълифу тадвини луғатҳои фарогири лексикаи лаҳҷавӣ метавон ин равандро ба шакли амалӣ ва илмӣ баррасӣ намоем.

2.2. Манбаъҳои пайдоиш ва ташаккули калимаҳои хоси шева

Лаҳҷаҳои тоҷикӣ таърихан ташаккул ёфта, доираи густариши онҳо васеъ мебошад. Дар ҷараёни ташаккули таърихӣ вобаста ба ҳамзистӣ бо халқҳои дигар, забткории ин минтақа аз ҷониби бегонагон, инчунин пешрафти ҷомеа ба таркиби луғати лаҳҷаҳо, аз ҷумла калимаҳои хоси шева, иқтибосот ворид гаштааст. Таърихи куҳани забони тоҷикӣ ва омилҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ барои гузариши калимаҳои иқтибоси ба таркиби луғавии забони адабӣ ва дар навбати худ ба қабати луғавии лаҳҷаҳо имконият фароҳам овардааст. Раванди таърихии иқтибосшавии калимаҳоро профессор Д. Саймиддинов чунин маънидод менамояд: «Робитаи байниҳамдигарии забонҳои эронӣ ва ҳамчунин забонҳои эронӣ бо забонҳои ғайриэронӣ ба чандин давраҳои таърихӣ мансуб буда, собиқа ва суннати куҳани хаттӣ дорад. Ин робита, бинобар осори хаттӣ, байни забонҳои форсии бостону мидӣ ва форсии бостон бо дигар забонҳои ғайриэронӣ (эламӣ, аккадӣ, оромӣ, юнонӣ) аз замони Ҳахоманишиён оғоз мегардад. Робитаи мазкур дар замони Сосониён тавсиа пайдо карда, соҳаи гуногуни луғоту истилоҳотро фаро мегирад. Бархе аз луғоту истилоҳот аз роҳи суннати гуфторӣ ва гурӯҳи дигар тавассути суннати навишторӣ иқтибос шудаанд» [Саймиддинов, 2001, с.251].

Худ ташаккули таърихии забони тоҷикӣ ва заминаи пайдоиши он моро водор месозад, ки ба калимаҳои эрониасли таркиби луғати лаҳҷаҳо низ эътибор диҳем. Аз таҳқиқи маводи лаҳҷаҳои тоҷикони воҳаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ бармеояд, ки дар ин қабати луғавӣ калимаҳои арабӣ ва туркӣ бештар ворид гардида, гузариши калимаҳои русӣ ҳоло вусъат пайдо накардааст. Калимаҳои иқтибосӣ дар лаҳҷаҳои мавриди назар бо шаклу маънӣ, дараҷаи корбаст ва ҳудуди

интишор дорои як қатор хусусиятҳои забонӣ мебошанд, ки дар алоҳидагӣ онҳоро аз назар мегузаронем.

2.2.1. Калимаҳои умумиторикӣ (эронинасл)

Калимаҳои хоси шеваи мансуб ба забонҳои хеш (суғдӣ, бохтарӣ, дарӣ, забонҳои помирӣ) дар таркиби луғавии лаҳҷаҳо ҳамоно мавқеи устувор доранд. Таърихи гузаштаи халқи тоҷик боиси дар таркиби луғати забони адабӣ ва лаҳҷаҳои он маҳфуз мондани унсурҳои забони худӣ ва бегона гардидааст [ниг.: Карамшоев, 1972, с.11]. Омезишу тағйироти куллии таркиби луғати лаҳҷаҳо, аз як тараф ба табиати забони зиндаи халқ бастагӣ дошта бошад, аз тарафи дигар, ин дигаргуниҳоро ба омилҳои таърихиву сиёсӣ ва фарҳангӣ низ метавон мансуб донист. Ба андешаи забоншинос Д.Ҳомидов «Дар ҳамин сарзаминҳо ва марзу бумҳо давлатҳои абарқудрат, чун Ҳахоманишиён, Юнону Бохтар, Сосониён, Ҳайтолиён, Суғдиён, Бохтариён, Сомониён, Тахориён ҳукмронӣ кардаанд, ки дар маҷмуъ беш аз 30 адад сулола ва сулолаи охирон манғитону болшевикон маҳсуб меёбанд ва халқи тоҷик дар ҳайати ҳамин давлату давлатчаҳо ба таври сарҷамъ ё ба таври парешон чун мардуми соҳибфарҳанг зиндагӣ намудааст» [Ҳомидов, 2018, с.54]. Дар манотиқи таърихии забонҳои гуногун маҳфуз мондани ин қабил калимаҳои асил дар лаҳҷаҳо тафсилоти зиёди илмӣ дошта, мо танҳо бо баррасии баъзе хусусиятҳои муҳимми онҳо кифоят менамоем. Бояд қайд намоем, ки дар минтақаҳои дурдасту кӯҳистон унсурҳои таърихӣ бештар маҳфуз мондаанд. Бо дарназардошти он ки дар зербоби «Унсурҳои таърихии забон дар лаҳҷаҳо» корбасти ин қабил калимаҳо дар осори давраи пешин ба таври васеъ баррасӣ мешавад, мухтасаран, ҷойгоҳи калимаҳои асили дар заминаи забонҳои худӣ пайдошударо арзёбӣ хоҳем кард.

Дар ин қабати луғавӣ калимаҳои эрониасл мавқеи устувор доранд. Ҳангоми баррасии ин қабил калимаҳо наметавон қотеона ба забони мушаххас тааллуқ доштани онҳоро тасдиқ намоем, ки андешаи муҳаққиқони ин соҳа гуфтаи моро тақвият мебахшад: «Комилан табиист, ки дар як тӯдаи забонҳое, ки Ҳиндукуши шарқиро иҳота намудаанд, унсурҳои зиёди лексикии муштарак барои ду ва ё зиёда забонҳо мавҷуданд. Аксар вақт пешакӣ дар бораи иқтибоси калимаҳо аз як забон ба забони дигар сухан рондан номумкин аст»[Зарубин, 927, 314].»

Бо шаклҳои гуногун омадани калимаҳои эрониаслро дар лаҳҷаҳо мушоҳида менамоем, ки вобаста ба маҳалли интишор маъниҳои он тағйир меёбад. Ба таври мисол, **ғозвол** (Қ̄рғ.) шахсе, ки дар маросими тӯй рӯю тани худро бо пӯстлохи арча печонидааст; **вазвол** (Вқ.) чӯбу навдаҳоро гирд банданд ва ба рӯяш пӯстлох кашанд; **возвол (**Қ.) шохаи нарме, ки онро гирд мекунанд ва рӯйи пӯсти дарахт мебанданд ва дар зимистон мавриди шикор зери кафш васл мекунанд, то дар барф фурӯ нараванд; **валч // волч (**Ғор.) васса; ҷӯй; қитъаи замин; **веб (**Вқ.) дарзаҳои нобаста; **вечик (**Ғор.) лона, ошён; **вурта (**Ҳак.) қисмат, тақдир, толеъ; **даргоб (**Ғор.), **даргов (**т. – вах., т. – ишк.) рӯди кӯҳӣ, дарёчаи кӯҳӣ; **йушох // ушох (**Қ.) ҳезум, хасу хошок, коҳ, дарзаҳои ғаллаи даравида, ки аз баландӣ ба поён фароварда мешавад; **лағък** (Қ̄ш.), **лағик (**Мс., Хум.) чормағзи аз пӯст ҷудошуда; (Ҷк.) тифли навзод; **мъхпар // мухпар**, **нъхпар // нухпар (**Вқ., Қ.) нонпар; **чағоф (**Вқ., Қ.) роғ; (Вқ.) сӯрохӣ; **параг // пъраг** (Вқ., Қ.) нимаи чормағз, аз як ду ҳиссаи чормағз; (Вқ.) пора; қалам; **параґа (**Шк.), **пъраґа (**Вқ., Қ,) параха, пешранда, тароша; **парағза // парґаза (**т. – вах.) дарзе, ки бар асари зарба дар чӯб ё устухон пайдо мешавад; **пеґар // пейґар (**т. – ишк.) ґуррӣ, ҷоґар; ҷиґилдон; сангдон (аз паранда); **сангӯла (**Сина), **сангґӯла** (Қ̄рғ.) гиёҳи туршмаза; **тарґел // тарґил (**Вқ., Шк.) мӯйи марґӯланоки ҷингила; (Ҷк.) тануманд, чорпаҳлу, фарбеҳ; **талґир** (Қ̄рғ.) ранги моил ба сиёҳ; **ҷиґел // ҷъґел // ҷеґел**ҷанда,

убада, латтакуҳна; либосҳои куҳна, чизҳои дарида (нодаркор), ҷулҳундӣ, ганда (Ҳак., Ҳд.) палос; (Кҳ., Қ.) либос, сару тан; (Лахш) пашми чиркин, пашми дар зимистон сабзидаи гӯсфанду буз; (Ғм., Ёвон) жӯлида; **ғав** (Вқ., Қ.,) // **ғов** (Вд.) ғав, тахта ё санги паҳно ва умуман ҳар чизе, ки барои бастани ҷараёни (маҷрои) об истифода мешавад; **ғадр (**Ғк., Шк.) // **ғадър (**Вқ., Қ.) қасд, нияти бад; (Қ.) зино; **зъғом (**Кан.) корд, кордча; **ғажд // ғаҷд**, **ғайж** // **ғайҷ (**Бдх., Вқ., Кҳ., Қ., Ҷк., Шк.) ифлос, чиркин; (Каҳ., Хум.) *маҷ.* бадахлоқ**ғайба (**Ҷк.) // **ғеба** (Қӯрғ.) нах; паға (аз пашм, пахта, пилла); **хонч (**Нил.) хандақчаи дарозрӯя**; виғна (**Дар.Н., Сина) // **биғна (**Қӯрғ.) як навъи растании сӯзанбарг; **ғадор (**Ҷк.) фаровон; // **ғаддор** (Қӯрғ.) // **ғаттод** (Дарб.) бадҷаҳл, бадхашм; **ғел (**Дд., Лб.) хӯша (ҳосили дубораи ангур) // **ғела** (См., Ёл) лӯндаяк (тухми рустанӣ аз қабили лӯбиё ва нахӯд) // **ғелак** (Қӯрғ.) тухмдони юнучқа ва ғ.

Бо дарназардошти он ки дар қисмати таснифоти мавзуии рисолаи илмӣ, инчунин ҳангоми омӯзиши хусусиятҳои таърихӣ ва сохти калимаҳои хоси шева ба таври васеъ калимаҳои эрониаслро баррасӣ намудем, ин ҷой мухтасаран баъзе хусусиятҳои онҳоро зикр менамоем. Дар ифодаи номҳои ашёву ҳодисаҳои табиат низ калимаҳои асил зиёд корбаст мешаванд: **валч // волч (**Ғор.) васса; ҷӯй; қитъаи замин; **варғ** (Вқ.) ҷойҳои обгузари (пасти) ҷӯй; **въноғ** (Мт., Хум., Каҳ., Вд., Бдх.) // **ваноғ** (Кд., Кан., Хов.) нахи пахта, пашм ё абрешим; (Шк.) сарҷӯяк, ҷойи гардиши ҷуфти гов ҳангоми (мавриди) шудгор; **върға (**Ҷк.) шарора; аланга; ахгари оташ; **ғарав (**Қӯрғ., Дар.Н.) навдаҳои ток; **ғаранг (**Қӯрғ., Сина) санги калон; **ғарфа (**Қ., Шк.) пора, бурда, луқма; **ғеба (**Қӯрғ.) кулӯлаи ришта, калоба; **ғирбод (**Қӯрғ.) бузург, калон; **ғов** (Хум.) ғав, дари таворaи химчагие, ки саҳни ҳавлиро аз ҷойи ҳайвонбандӣ ҷудо мекунад; **ғуба** // **ғъба (**Қ.) кафк; ҳубоб; **ғӯл** (Сина) маҳор; камар; **ғъланг (**Ҳо.) сангтӯда; **зуғом** (Шк.) асбоби дамтез; **зъғун (**Мт.) ҳамагуна асбоби рӯзғор; **йарг (**Ғор., т. – вах., т. – ишк.) сабзиши (пайдошавии ғуррӣ дар

шохи ғурм (вобаста ба синну сол); **лағна (**Бдх.) моли майда; (Вқ., Ҷк.) лоғар; **мағдур (**Қ̄рғ.) қувват, неру; **муғ̄ч (**Қ̄рғ.) мӯйи бофта; **сағал** (Вқ., Қ.) кундаи (чӯби) гурмдор (чашмдор); одами лӯндаи фарбеҳ (кулӯлаи пастак); (Б., Дб., Кан., Сх., Хм., Шм.) устухони гӯштдори калон; **чуғ (**Қ.) // **чӯғ** (Қ̄рғ.) қӯр, ахгари оташ; **чуғ̄л (**Сина) хабаркаш ва ғ.

Бояд қайд намоем, ки маҳалли интишори калимаҳои эрониасл боиси маъниҳои нави забониро касб намудани онҳо гаштааст: **ғанг** (Си., Зел., Ёл, Уч., Хҷ.) шола, ғарами ҳезум; (Вқ.) анбуҳ, зич; (Нав., Ҳал.) чиғ, таворaи бо қамишу шоху бута иҳота кардашуда; (Дараи Ниҳон) мағор, пӯпанак; **ғър** (Қ., Кҳ., Ҷк., Шк., Вқ.) қасд, қассос; хусумат; (Шк., Қ.); (Шк.) ғафс, тануманд, фарбеҳ; (Ог., Луғ.) *ба маъниии маҷозӣ* қавӣ, бақувват; (Бдх.) ҳайвони нар; **рағза** (Дб., Кан., Хов., Ҳак.) матои махсуси носуфтаву дуруште, ки аз риштаҳои нисбатан ғафси пашмӣ ё пахтагӣ тайёр карда мешавад; (Мс., Шх., Қал., Хум., Ғор., т. – вах., Хов.) либосе, ки аз матои мӯйинаи дастбофт дӯхта шудааст; (Хов.) гилеме, ки аз риштаҳои ғафси пашмӣ ва пахтагӣ тайёр карда мешавад; **рағза задан (**Қ.) боло барзадани қисмати пойини чакман; **ғърамб // ғърам (**Шк., Қ.) ғарам; шола; **ғърм (**Вқ.) гӯсфанди ваҳшӣ, меши ёбоӣ; **фалғор** (Вқ.) ҳавои нарму бебориш, аммо моил ба боридан; **вароқ (**Қ̄рғ.) ҳавои форам ва ғ.

Бо гузашти вақт дар шакли овозӣ ва ифодаи маъноии калимаҳо тағйирот ба амал меояд, ин омил боиси духӯрагиҳо дар таснифи қабатҳои луғавии луғати лаҳҷаҳо, бахусус, муайян намудани мансубияти калимаҳо дар доираи забонҳои эрониасл мегардад. Ба таври мисол, калимаи **калот (**Дҷ., Сд., Ток., Кч., Нр., Ёх., Кд.) ба маъниҳои баландие, ки танҳо як роҳи баромад дорад; (Кал., Ял.) вайрона, харобот, чордеворӣ меояд. Диққати муҳаққиқони зиёдро ташаккули маъноӣ ва мансубияти забонии калимаи мазкур ба худ ҷалб намудааст. Забоншинос Р.Х. Додихудоев ҳангоми таҳқиқи баъзе истилоҳоти соҳаи дин ва фарҳанги мардуми Бадахшон ба маънии «тӯдаи санг, пуштаи санг,

ғарами санги манорашакл» омадани калимаи **калот**ро дар шакли **қалот** дар забони шуғонӣ қайд менамояд [Додихудоев, 1985, с.110]. Забоншинос Ш.Исмоилов мансубияти забонии калимаи мазкурро чунин маънидод намудааст: «Дар он ҷойҳое, ки аз қадим боз тоҷикон ба сар мебаранд, (Кофарниҳон, Ҳисор) ва забони тоҷикӣ пайваста ҳукмфармост, низ ба шакли **қалот** омадани ин воҳиди луғавӣ истисно нест. Пас, метавон тахмин кард, ки овози қ дар аввали ин топоасос шояд муарраби **к** буда бошад, зеро, чунон ки маълум аст, ҷузъи эронии канд // кант аз таркиби топоними Самарқанд ва исми хандак (заминкан) бо таъсири забони арабӣ шакли қанд ва хандақ пайдо кардаанд» [Исмоилов, 2019, с.217].

Аз нишондоди муҳаққиқон калимаҳои ***олуғда, алағда, варғ*** ва ғ. [Хромов, 1962,74-75] баромади суғдӣ дошта, дар баъзе лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ба кор бурда шудаанд, ки дар хусуси онҳо дар зербобҳои дигар батафсил сухан меронем.

Истифодаи сифатҳои эрониасл дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ дар муқоиса ба муродифоти умумихалқӣ ва адабии худ устувор ба назар мерасанд: **ғаба (**Қ̄урғ.) серриш; **ғавдал** (Шк.) // **ғабдал (**Вқ., Қ.) маҷаҳ, пачаҳ; (Шк.) зич, анбуҳ; **ғайбар (**Қ̄урғ.) бузург; **ғапа (**Вқ., Ғк.) вайрон, вайрона, хароба; **ғижда (**Ҳак., Ҳд.) ниҳоят, беҳад; **ғирбод (**Қ̄урғ.) бузург, калон; **ғудали′ (**Хов.) хӯшаи дондори ҷуворимакка; **ғул** (Дар.Н.) камар; **ғумор (**Си.) ноуҳдабаро; **ҷаґал (**Қ.) душворбаро; **ҷаґат** (Шк.) қуллаи баландтарин ва касногузари кӯҳ; // **ҷаґад (**Роғ) ҷангара ва ғ.

Шакли такрори сифатҳо барои таъкиди маънӣ бештар корбаст шудаанд: **ғавдал-ғавдал (**Шк) майда-майда, пора-пора; **ғайба-ғайба (**Кҳ.) поға-поға.

Ифодаи амал ва зарф: ғевидан (Сина) лаґжидан; (Дар.Н.) ханҷол кардан; **ғубидан** (Дар.Н.) варамидан; **ғучидан** (Дар.Н.) фишурдан ва

дар шакли **ғуч** (Қ̄рғ.) меваи кирмхӯрда; **ғунидан** (Шк.) халидан, даромадан; **йоғара**: **йоғара шидан** (Пор.) чормағзи аз пӯст ҷудо кардашуда; **муғак: муғак кардан** (Ҷк.) ҳамла кардани издиҳом; **ғърт** (Шм.) тамоман, пурра; **ҷаґала** (Қ.) ноаён, номаълум ва ғ.

Исми амали **ғур (р)** (Қ̄рғ.) вобаста ба имконоти луғавии худ дар шакл ва маъниҳои гуногун омадааст: **ғурр** (Қ̄рғ.) ҷойи бардамидаи сар ва ғ.; **ғурридан** (Қ̄рғ.) варамидан; **ғурри´** (Дар.Н.) баландӣ; **ғурум** (Қ̄рғ.) санги калон, харсанг ва ғ.

Сифат ва феълу зарфҳои эрониасл дар қабати калимаҳои хоси шева мавқеи муҳим дошта, ҳангоми таснифоти мавзуии ин қабати лексикӣ онҳоро ба таври васеъ баррасӣ менамоем.

Доираи корбасти калимаҳои эрониасл дар доираи калимаҳои хоси шева мавқеи муҳимро касб намуда, ин навъи калимаҳо дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда бо шаклу маънӣ ба тағйирот дучор шудаанд, ки ин аз маҳалли корбаст ва дигар омилҳои муҳимми забонӣ вобастагӣ дорад.

2.2.2. Калимаҳои иқтибосӣ

Дар дунё забони орӣ аз таъсири забонҳои ғайр мавҷуд набуда, иқтибосшавии калимаҳо як роҳи инкишофи забон ба шумор меравад. Нисбат ба дигар бахшҳои забонӣ таъсири забонҳои дигарро дар бахши лексика бештар мушоҳида менамоем. Забони тоҷикӣ таърихи куҳан дошта, омилҳои таърихиву сиёсӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ боиси иқтибосшавии калимаҳои зиёд ба таркиби луғавии он гаштааст. Дар гӯйишҳои тоҷикӣ низ, чун дар забони адабӣ, мавқеи воҳидҳои иқтибосии арабӣ, туркӣ ва русӣ-байналхалқӣ назаррас буда, калимаҳо ҳиндӣ, чинӣ, юнонӣ дар таркиби луғати лаҳҷаҳо мавқеи устувор надоранд.

Табиати гӯйишҳо сабаб мегардад, ки калимаҳои иқтибосӣ ба тағйироти шакливу маъноӣ дучор гарданд. Ба андешаи забоншинос З. Мухторов «калимаи бегона пораест, ки шакли муайян надорад,

муайяншавии дурудароз ва ҳаматарафаро аз сар мегузаронад ва чун қоида аз рӯйи хусусиятҳои фонетикӣ, навишт, лексикӣ-маъноӣ, грамматикӣ, услубӣ мутобиқ шуда, дар зинаҳои гуногуни системаи забонӣ аз рӯйи меъёри муайян мавриди истеъмол қарор мегирад» [Мухторов, 2001, с.32-33].

Дар бахши лаҳҷашиносии тоҷик муҳаққиқон ба омӯзиши хусусиятҳои иқтибосоти арабӣ бештар таваҷҷуҳ кардаанд ва ин равияро дар даврони Шуравӣ дар баррасии калимаҳои русӣ бештар мушоҳида мекардем. Вобаста ба муҳити ҷуғрофӣ ва ҳамзистии мардумон дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда иқтибосоти калимаҳоро якранг намебинем. Дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё иқтибосоти туркӣ нисбатба гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ бештар мушоҳида мешавад, ки ин омил ба ҳамзистии бевоситаи онҳо бо мардуми ӯзбекзабон алоқамандӣ дорад.

Бояд қайд намоем, ки калимаҳои хоси шеваи иқтибосӣ бештар дар доираи исмҳо воқеъ мегарданд, ки ин ҳодисаи маъмулӣ буда, ин навъи калимаҳо бо гузашти садсолаҳо дар забони зиндаи халқ ҳазв мешаванд ва ба қабати устувори лексикаи лаҳҷаҳо – калимаҳои хоси шеваа осонӣ ворид мегарданд. Муҳаққиқ А. Раҷабов ҳангоми баррасии масоили иқтибосоти арабӣ дар гӯйишҳо ба ин нукта таваҷҷуҳ зоҳир менамояд: «Ба забони тоҷикӣ ва гӯйишҳои он аз дигар забонҳо аз ҳама пештар ва бештар исмҳо дохил шудаанд, ки инро дар мисоли иқтибоси воҳидҳои луғавии арабӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Исмҳои иқтибосӣ, катъи назар аз он ки дар забони арабӣ чӣ гуна шаклу таркиб доштаанд, калимаҳои сода ва содаи рехта ба шумор мераванд, чунки онҳо ба забони тоҷикӣбо ҳамон маънои таркибашон дохил шудаанд ва ба морфемаҳо тақсим намешаванд» [Раҷабов, 2021, с.113-114].

Масъалаи калимаҳои иқтибосӣ дар гӯйишҳои тоҷикӣ нав набошад ҳам, дар ин бахш нуктаҳои баҳсталаб зиёданд. Аксари муҳаққиқон аз

рӯйи таснифоти анъанавӣ калимаҳои иқтибосиро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Дар ин маврид ба назар гирифтани омилҳое чун муҳити ҷуғрофӣ, тарзи зисту урфу одати мардуми маҳал, инчунин баррасии зуҳуроти хусусиятҳои алоҳидаи лаҳҷаи тоҷикӣ муҳим ба ҳисоб меравад.

Дар иқтибосшавии калимаҳо муҳити ҷуғрофӣ яке аз омилҳои асосӣ ба ҳисоб меравад, ки дар маҳалҳои кӯҳистонрӯя таъсири забонҳои бегонаро камтар мушоҳида менамоем. Аслан, таснифи қабатҳои луғавии гӯйишҳо аз масъалаҳои мураккаб ва таҳқиқталаб ба шумор меравад. Ин нуктаро профессор Ғ.Ҷӯраев чунин баён кардааст: «Як ҳиссаи муайяни фонди луғати лаҳҳаҳои ҷанубиро калимаҳои иқтибосӣ ташкил медиҳанд. Воқеан, шевае ё забоне нест, ки аз таъсири лексикаи забони дигар ба тамом озод бошад. Аммо миқдори калимаҳои иқтибосӣ дар ҳамаи шеваҳо баробар нест. Агар аз ҳамин нуқтаи назар ҳам лаҳҷаҳои ҷанубиро бо шеваи шимолӣ андоза кунем, байни онҳо тафовути муайянеро мушоҳида менамоем. Бо вуҷуди ин, ҳаргиз гуфта наметавонем, ки теъдоди калимаҳои иқтибосӣ дар фонди луғати лаҳҷаҳои ҷанубӣ ночиз бошад. Маҳдудияти муайян як андоза дар боби калимаҳои иқтибосии туркӣ ба назар расад ҳам, дар фасли воҳидҳои луғавии иқтибосии арабию русӣ лаҳҷаҳои ҷанубӣ аз дигар шеваҳои забони тоҷикӣ ҳатто бартарӣ доранд» [Ҷӯраев, 2017, с. 94].

Дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ воҳидҳои луғавии иқтибосии арабию русӣ нисбат ба лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё мавқеи устувор дошта, маънои нави забониро касб намудани калимаҳои иқтибосӣ дар доираи калимаҳои хоси шева диққатҷалбкунанда мебошад. Дар ин зербоб калимаҳои иқтибосӣ дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда бештар аз нигоҳи дараҷаи корбаст, тағйироти шакливу маъноӣ баррасӣ мешаванд.

2.2.2.1. Калимаҳои иқтибосоти арабӣ

Иқтибосоти арабӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ нисбат ба калимаҳои туркиву русӣ бештар ба назар мерасанд. Забони тоҷикӣ аз ибтидои забткории арабҳо зери таъсири арабӣ қарор гирифта [Ҷӯраев, 103], дар таркиби луғати забони адабӣ ва лаҳҷаҳои тоҷикӣ низ калимаҳои арабӣ собиқаи дерин доранд [Расторгуева, 1964, 151]. Тӯли 13 асри сипаригардида табиист, ки калимаҳои арабӣ дар забони адабиву лаҳҷаҳо ҳазф гардида, шаклан ва аз ҷиҳати маънӣ ба тағйироти ҷиддӣ дучор гардидаанд. Нисбат ба калимаҳои умумихалқӣ корбасти иқтибосоти арабӣ дар таркиби калимаҳои хоси шева маҳдудтар ба назар расида, онҳоро дар доираи шаклгириҳои мураккаби фонетикӣ ва маъниҳои нави забониро касб намудани ин воҳидҳо омӯхтан мувофиқи матлаб мебошад.

Шаклҳои ба тағйироти фонетикӣ дучоргардида заминаи ба қатори калимаҳои хоси шева гузаштанро фароҳам меорад**:ашад (**Шк.) кордон, зирак. Калимаи **мифлок**и арабӣ, ки маъниҳои фалокатзада, бадбахт ва оҷизро дорад, дар шакли **мафлук (**Ҳиҷ., Яр.) ба маъниҳои фартут, барҷомонда, нотавон; калима **ноқил (**Сина) лоақал; **моҳоботчӯ** (Шк.) ба маънии муҳоботкунанда истифода шудаанд. Калимаи арабии **мафлук** бо калимаи гуфтугӯии **айҳамрафта** дар гӯйишҳои раштиву қаротегинӣ ҳамммаъно мебошад: *Пири **айҳамрафта**ги-ра **мафлук** меган* (Ҳиҷ.). Дар гӯйишҳои тоҷикон Сурхондарё калимаи **калкот** бо он муродиф мебошад: *Пири **калкот** шуд-айу ҳозирам намоз-ош-а вахта-аш-да намехона* (Қӯрғ.). Дар ифодаи мафҳуми пир калимаи арабии **дақ** дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ истифода мешавад: *Ура занъш айоли дақ-ай* (Ск.).

Дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё дар шакли сохтаи **даққӣ** ба маънои муйҳои паҳну парешон омадани ин калимаро мушоҳида менамоем, ки онҳо бо ҳам умумияти маъноӣ доранд: *Даққи-йа мӯҳо-ша шона накардӣ*? (Бойс.).

Калимаи мураккаби **валадуззино** ба маънии фарзанди беникоҳ бадунёомада дар лаҳҷаҳои гурӯҳи шимолии Кӯлоб дар шакли ихтисоршудаи **валазано** мустаъмал буда, дар лаҳҷаҳои ҷануб дар ифодаи ин мафҳум калимаи хоси шеваи **сънд (**Бдх.) истифода мешавад.

Дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ раванди рехташавии калимаҳо ниёз ба таҳқиқ дошта, аз як шакл ташаккул ёфтани унсурҳои зиёди ҳаммаъно маъмул аст. Барои ифодаи мафҳуми гулӯ калимаҳои зиёд ба кор бурда шуда, доираи маъноии чунин калимаҳо вобаста ба ҳудуди интишор васеъ мегардад. Аз ин шаклҳои рехта дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ гунаҳои **қоқуртак** (Ғк.) // **қоқъртък** (Шк.,Қ.) хекиртак; **қултуғ** (Кҳ.) оғӯш; **къртъ (**Вқ) лӯнда, кулӯла; варам, обила; (Яр., Ҳиҷ.) ҳақ, рост; қулт, ҷуръа; **къртú** (Вқ.) пайдо шудаанд. Шаклҳои махсуси арабӣ дар лаҳҷаҳо корбаст мешаванд, ки онҳо доираи маҳдуди истеъмол доранд: **макрийот** (Шк.) найранг, ҳила ва ғ.

Баъзе калимаҳо дар шакли арабӣ омада, аз ҷиҳати маъноӣ ба тағйироти ҷиддӣ дучор шудааст. Ба таври мисол, калимаи арабии **адиб** дар фарҳанг чунин шарҳ ёфтааст: 1. устод, тарбиятгар, мураббии бодонишу фарҳанг; 2. нависанда, адабиётшинос [ФЗТ, ҷ.1, с.39]. Ин калима дар Лахш ба маъниҳои мағзӣ, лаблӯлаи кӯрпа, ҷома ва монанди инҳо корбаст шудааст. Калимаи **аббос** дар забони арабӣ маъниҳои туршрӯй; шери дарранда; исми хоси мардонаро дошта, дар Ғорон **абоса (**Ях., Ғор.) ба маънии фарзанди абера меояд. Раванди ташаккули маъноии калимаҳои арабӣ дар лаҳҷаҳо вусъати тоза касб намуда истодааст. Калимаи **ала** (Вқ., Қ.) маъниҳои зиёдро ифода карда, ба вазифаи ҳиссачаи ***канӣ*** омадани он маъмул мебошад. Шакли мураккаби ба тағйироти фонетикӣ дучоршудаи **аламарта** ба маънии дарвоқеъ ва ҳиссачаи **магар** дар гуфтори мардуми Сина ва Дараи Ниҳон низ ба чашм мерасад.

Калимаи**лабад** дар фарҳанг ба маъниҳои намад ва либоси пашмина меояд. Барои шарҳи ин маънӣ аз осори Румӣ мисраъҳои шеърӣ мисол оварда мешавад:

В-ин иморат кардани гӯру лаҳад,
Не ба санг асту на чӯбу не ***<u>лабад</u>****.*
[ФЗТ, ҷ.1, с.587].

Калимаи мазкур дар гуфтори тоҷикони Вахон ба шаклҳои **лабад** // **лабат** ба маъниҳоидарбеҳ, ямоқ меояд, ки тобиши иловагии маъноӣ касб намудааст.

Тобишҳои нави маъноӣ касб кардани калимаҳои арабӣ, ки шаклан ба тағйирот дучор нагардидаанд, аз ҳодисаи маъмулӣ дар тамоми лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда ба ҳисоб меравад. Дар аксар маврид дар асоси маънии аслӣ ба вуҷуд омадани маънии нави калимаҳои арабиро дар лаҳҷаҳо мушоҳида менамоем. Калимаи **адл** ба инсофу дод далолат намуда, дар Шимоли Кӯлоб, Қаротегин ва тоҷикони Бадахшон ба маънии бехато, расо; байн, мобайн бештар нисбат ба амали шикорчӣ: *дақиқ ба нишон гирифтани сайд* корбаст мешавад. Барои ифодаи оби димоғ калимаи арабии **назла (**Лан., Ёл, Пор.) корбаст шудааст. Дар ин қатори калимаҳо гуногуншаклӣ низ ба мушоҳида мерасад: **арасот // ‘арасот**, **ҳарасот (**Вқ) бисёр,зиёд. Маънии иловагии калимаи **арасот** аз яке аз маъниҳои асосии он – қиёмат маншаъ мегирад.

Дар ифодаи маъноии калимаи **равоқ** тағйироти ҷиддӣ ба амал наомада бошад ҳам, дар маҳалҳои алоҳида он тобишҳои нави маъноиро соҳиб гаштааст**: равоқ (**Вқ., Кҳ., Қ) тоқча, раф (барои гузоштани зуруфот ва ғ); (Вқ., Қ., Шк.) пешайвоне, ки ба шакли меҳроб дар пешгаҳи хонаи истиқоматӣ созанд.

Дараҷаи корбасти калимаҳои арабиро, ки дар лаҳҷаҳо маънии навро касб намудаанд, якранг намебинем, ки ин омил ба таърихи зиёд доштани калимаҳои мазкур дар таркиби луғавии забони адабӣ ва дар ин

замина лаҳҷаҳои он рабт дорад. Ба андешаи профессор А. Ҳасанов «Иқтибосоти арабӣ, воридгардии онҳо танҳо ба ҳуҷуми араб иртибот надошта, дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ беш аз ҳазор сол инҷониб вуҷуд дошта, бархе аз онҳо ҳоло ба сифати фонди асосии луғавӣ истифода мегарданд.

Дастае аз ин гурӯҳи вожаҳо низ шояд чанд муддат дар таркиби луғавии забони адабӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд ё танҳо дар нутқи шифоҳӣ ба кор рафтаанд, вале баъдан хоси гӯйиши муайян гардида, дар бархе аз минтақаҳои Тоҷикистон ё маҳалҳои тоҷикнишини дигар ҷумҳуриҳо боқӣ мондаанд» [Ҳасанов, 2003, с.53]. Калимаи **алим** дар фарҳанг чунин шарҳ ёфтааст: дарднок; олим; яке аз сифатҳои Худо. Ин калима дар Вахиё ба маъниҳои азалӣ ва асосӣ меояд. Дар муқоиса ба ин маҳал дар гӯйишҳои ҷанубӣ ин калима маъноҳои дигарро низ ифода менамояд. Дар баъзе шаклҳои арабӣ хусусияти омонимӣ ва сермаъноӣ омехта шудааст: **қол**(Ғк., Ғор.) шағал, сангмайда; (Ҷк.) банди махсуси тасмашакл, ки мавриди (лаҳзаи) акколбозӣ истифода мебаранд; (Шк.) тангаи яксӯма ва нимсӯма; (Бдх.); доғ, лакка, хол; маводе, барои нарму ҳамвор кардани пӯст ба рӯй молида мешавад; (т. – вах.) чақ-чаққардан; (Қӯрғ.) дурӯғ гуфтан ва ғ. Калимаи арабии **мисмор** дар Дараи Ниҳон як навъи мехи филизиро фаҳмонида, дар лаҳҷаҳои дигар калимаи **гулмех** ҷойи онро мегирад. Калимаи арабии **насақ** ба маъниҳои тарз, равиш; ҳолат; ҷазо меояд. Калимаи мазкур дар минтақаи Қаротегин ба маъниҳои масхара кардан ва шӯхӣ кардан меояд, ки ба маъниҳои аслии худ рабте надорад. Дар забони тоҷикӣ калимаи **соил** ба маъниҳои суолкунанда; гадо ва равону ҷоришаванда меояд [ФЗТ, ҷ.2, с.257]. Ин калима дар лаҳҷаҳои ҷануб маънии нав касб намудааст: **сойил** (Дҷ., Ёз., Ёл, Лан., Мум., Сдт., Хов.) кӯр, нобино; (Ог., Ял., Ҷф.) бекас, бесоҳиб, бесаробон. Калимаи **ушра** дар забони арабӣ номи як ҷинс дарахти талх аст, вале дар гуфтори мардуми Дараи Ниҳон он ба маъниикиштзор

меояд. Аз маънии аслӣ дур рафтани калимаи **фатила**ро мушоҳида менамоем, ки дар забони адабӣ ин калимаи арабӣ ба маъниҳои ресмони ғафси аз пахта тофта, ки дар чароғи пилтасӯз ва шамъ гузошта мешавад; пахта ва латтае, ки лӯла карда барои баста нашудани даҳони ҷароҳат ба даруни он мегузоранд, меояд. Дар лаҳҷаҳо ин калима маънии нав гирифтааст: **фатела** // **фатила** (Ёх., Хов., Сх.) форифбол, бепарво; даҳаняла; фаҳул (дар либоспӯшӣ); (Ҷк.) жӯлидамӯй, гесуи парешон.

Калимаи арабии **ҳаёт** маънии умр ва зиндагиро дошта, ин калима дар лаҳҷаи Қӯрғонча ба маънии **боғ** меояд. Ин калима дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ бо калимаи **ҳота** ҳамвазифа мебошад. Калимаи **ҳаёт** дар забони арабӣ ба маънои боғчаи хурди назди ҳавлӣ низ меояд, ки ин маъно дар забони тоҷикӣ маъмул намебошад. Дар лаҳҷаҳои бойсунӣ ин маъно ҳамоно нигоҳ дошта шудааст.

Калимаи арабии **ҳилм** дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё истифода намешавад ва дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ низ аз унсурҳои камистеъмол ба шумор меравад. Ин калима дар баъзе гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ ба маънои қисмати серғизоизаминмеояд. Ҳангоми таҳлили маънои ин калима дар ҷумлаи овардаи забоншинос Р.Л Неменова: «*Диди, ана нофи зъмин, ана **hилми** зъмин»*[Неменова, 1956, с.40] муҳаққиқ А. Раҷабов дуруст хулосагирӣ менамояд: «Тавре ки мебинем, «**ҳилм**» -и арабӣ аз ин маъно хеле дур аст. Бо вуҷуди ин, аз рӯйи баъзе аломатҳо алоқамандиионҳоро пайдо кардан мумкин аст. Чунончи, ба андешаи мо, дар ҷумлаҳои боло калимаи **hилм** як навъ маънои маҷозӣ дошта, ба дарун мағз ва моҳияти предметро далолат мекунад. Тақрибан чунин тобиши маъноиро «**hилм**»-и арабӣ ҳам дар таркиби ибораҳои маҷозии (арабӣ - аз худ баромадан) ифода карда метавонад. Бо вуҷуди ин, «**hилм**»-и тоҷикӣ ва «**hилм**»-и арабӣ қариб ба андозаи унсурҳои лексикии мустақил ба назар мерасанд». [Раҷабов, 2021, с.32]

Калимаи арабии **ҳалил** маъниҳои ҳалол; маҷ. шавҳар; зан, завҷаро ифода намуда, ин калима дар гӯйишҳои ҷануб дар ифодаи маъноҳои ҳарир, нафис (оид ба матоъ) корбаст мешавад. Калимаи арабии **ҷабал** бар замми маънии асосӣ: кӯҳ; кӯҳсор дар Қаротегин ба маънии харобазор, вайрона низ мустаъмал аст. Теъдоди калимаҳое, ки дар лаҳҷаҳо маънии нави забониро касб намудаанд, зиёд мебошанд: **қатил** (Қ.; Ог.) гулдаст, моҳир; **латифа** (Кҳ) равғандони кундаи ҷувоз; **мақом** (Кҳ) гап; нав, тарз; хотир (Қ.) одами шинос; **манзил** – қабристон; ҳилм – намӣ ва ғ. Дар хусуси ин навъи калимаҳо андешаи профессор Ҷӯраев пояи илмӣ дорад: «Вобаста ба шароит, талаботи давр, дигаргуниҳои зисти мардуми мо воҳидҳои луғавии араб ҳам тадриҷан тағйири маънӣ мекунанд. Дар деҳаи Кӯли ноҳияи Ғарм (в-қ) ба чунин факти аҷиб вомехӯрем: калимаи муазин баръакси маънии собиқаш (ходими дин, азонгӯянда, шахсе, ки ба ибодат даъват менамояд) дар ифодаи мафҳуми «чойхоначӣ» истифода мегардад. Албатта, пешакӣ ҳукм кардан душвор аст, ки калимаи мазкур дар ин маънии нав пойдор мемонад ё не» [Ҷӯраев, 2017, 138].

Дар лаҳҷаҳо калимаҳоеро дучор меоем, ки дар қолиби калимасозии арабӣ омада, нишондоди нахустшакли онҳо баҳсталаб мебошад: **аммол (**Ғоф.) маҳр, харҷи тӯйи зангирӣ; **сағат (**Бойс., Дарб.) бесоҳиб; **табаге (**Ғор.) хӯрданиест, ки аз орду ширавор (нуқлу наво) тайёр кунанд ва ғ. Калимаи **сано** (Кд., Нр.) ба маънии як навъ гиёҳи баргаш ба барги бед монанд, ки ба калимаи арабии **сано** ягон рабти маъноӣ надорад. Ин калима дар Коҳдара ба маънии некӣ корбаст мешавад, ки он аз маънии ҳамду ситоиш маншаъ мегирад. Калимаи **хилм** дар забони тоҷикӣ хусусияти омонимӣ дошта, шакли тоҷикии он ба маънии ғазаб ва шакли арабиаш ба маънии рафиқ меояд. Ин калима дар лаҳҷаҳои ҷануб ва гуфтори тоҷикони Бойсун сермаъно аст: **хилм // хълм (**Вқ., Ғк., Кҳ., Ҷк.,Шк., Бдх.) хилм, хилми бинӣ; (Қӯрғ.) хуни аз шикам ҷоришаванда.

Калимаи **ҳаббат (а)** дар шакл ва маъниҳои гуногун ба назар мерасад: **ҳабата** // **ҳабата (**Шк.) // **абота // абата (**Бдх.) чиркин; бадахлоқ; (Ғк., Қ., Вк., Шк.) безеб, зиштрӯй; (Қ.) нообод, хароба. Калимаи арабии **ҳавас** дар шакли сохтаи **ҳаваса (**Вқ., Ғк., Шк., Ҷк.) // **аваса (**Хғ., Дл., Шӯр.) ба маънии **фарабера** – фарзанди абера истифода мешавад. Андешаи профессор С.Раҳмутуллозода дар ин хусус ҷолиб мебошад: «Дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ бо ин калима (фарзанд– Қ.С.) дар шакли ихтисории **фар** дар қолиби исму исм бо дигар воҳидҳои луғавии хешутаборӣ омада, калимаҳою ибора–истилоҳоти дигар сохтааст, ки хусусияти умумиистеъмолӣ доранд. Аз ҷумла, **фарҳаваса** (Ҷк) // **фирнъваса** // **фърнъваса** (Вқ.) сохта шудааст, ки ба маънии фарзанди абера аст»[Раҳматуллозода, 2020, 30].

Дар лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ дар шаклҳои гуногуни морфологӣ ва чун ҷузъи феълҳои таркибӣ омадани калимаҳои арабӣ фаровон ба назар расида, ин хусусияти онҳо дар бобҳои мазкур ба таври васеъ таҳқиқ шудаанд.

Ҳамин тариқ, калимаҳои арабӣ дар таркиби луғати лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда мавқеи муҳимро касб намуда, дар баробари калимаҳои асили тоҷикӣ дар ифодаи маъниҳои гуногун ба кор бурда мешаванд. Ин қабати луғавии иқтибосот садсолаҳо боз дар шакли хаттӣ ва шифоҳии забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор гирифта, вобаста ба табиати гӯйишҳои тоҷикӣ ба тағйироти савтӣ, сарфӣ ва маъноӣ дучор шудаанд, ки ин раванди мураккабро дар ташаккули калимаҳои хоси шева мушоҳида менамоем.

2.2.2.2. Калимаҳои иқтибосии туркӣ-муғулӣ

Мавқеи калимаҳои туркӣ-муғулӣ дар таркиби луғати лаҳҷаҳо назаррас буда, он маҳсули робитаи деринаи ин ду халқро таҷассум

менамояд. Ба андешаи таърихшинос Бобоҷон Ғафуров, «Махсусан, халқҳои тоҷику ӯзбек, ки дар заминаи умумияти этникӣ ташаккул ёфтаанд, байни худ алоқаи зич доранд. Дурдонаҳои мадании халқи тоҷик дастраси ӯзбекон буданд, ҳамчунон ки комёбиҳои мадании халқи ӯзбек аз тарафи тоҷикон ҳам ба таври васеъ аз худ карда мешуданд: характери маданияти моддӣ, урфу одат, санъати халқӣ – ҳамаи инҳо чунон наздиканд, ки фарқ кардан душвор аст. Таърихи қадимтарин, қадимӣ ва аз бисёр ҷиҳатҳо асримиёнагии ин халқҳо ниҳоят наздик ва аксар айниятдор буда, дар айни як территория инкишоф ёфтанд» [Ғаффуров, 1972, 3]. Ин равандро забоншиноси рус В.С. Расторгуева ба таври возеҳ шарҳ медиҳад: «Ҳамзистии чандинсола бо ӯзбекон ва ҳолати дузабонагии умумӣ барои шеваҳои тоҷик беасар намондааст. Онҳо ба дараҷаи зиёдтар зери таъсири забони ӯзбекӣ мондаанд» [Расторгуева, 1964, с.13].

Дар таркиби луғати лаҳҷаҳо иқтибосоти туркӣ-муғулӣ назаррас бошад ҳам [Мақсудов, 1970, с.57; Сулаймонов, 2005, 77; Ӯзбеков, 2007, с.90], ин равандро дар қисмати калимаҳои хоси шева ба таври дигар метавон маънидод кард. Калимаҳои туркӣ-муғулӣ бештар дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ шакли худро нигоҳ доштаанд, ки дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ин хусусият зиёдтар зоҳир гардида, вобаста ба муҳити интишор ва урфу одати мардуми маҳал онҳо маъниҳои нави забониро касб намудаанд. Таъсири забони туркиро ба қабатҳои луғавии лаҳҷаҳои ҷанубӣ профессор Ғ. Ҷӯраев чунин баҳогузорӣ намудаанд: «Лаҳҷаҳои ҷанубӣ аз бобати фаро гирифтани калимаҳои туркӣ (асосан ӯзбекӣ ва қирғизӣ) як хел нестанд. Агар лаҳҷаҳои мазкурро дар ин бобат ба дараҷаҳо тақсим кардан ҷоиз бошад, пас, ҷои аввалро ба гурӯҳи Қаротегин дода, лаҳҷаҳои кӯлобӣ-ҳисорӣ, вахиёю қаротегинӣ ва кӯлобиро паси ҳам баъди он гузоштан мумкин аст. Ин ба сабабҳои

таърихӣ, иқтисодӣ, ҳудуди ҷуғрофӣ ва ғ. низ алоқаманд мебошад» [Ҷӯраев, 2017, с.141].

Дар лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ калимаҳои туркиро дар таркиби калимаҳои хоси шева дар бобати тафовутҳои шаклӣ, ки дар асоси шаклгириҳои мураккаби морфологӣ ва тағйироти овозӣ ба амал омадаанд, инчунин ифодаҳои маъноӣ, яъне тобишҳои нави маъноӣ пайдо кардани онҳо, баррасӣ намудан ҷоиз мебошад.

Дар лаҳҷаҳо бо унсурҳои калимасоз дар шаклҳои ғайримаъмул омадани калимаҳои иқтибосии туркӣ-муғулӣ ҷараёни тоза касб менамояд: **къшоқчӯ** (Шм.) аспбон; **ишлик** (Бойс.) халтачаи ҷиҳоз; **туйчӯ** (Бдх.) иштирокчиёни ҷашни арӯсӣ; **олак (**Б., Дб., Мум., Дҷ., Хҷ., Ёх., Уч., Лан., Пч., Кан., Даҳ., Лан.,Сх., Сам., Хов., Шв., Бдх.) бад, ноҷоиз; бемаънӣ; суст, заиф, нопойдор, ночиз, номусоид; боқидан (қ; В-қ) бонӣ кардан; **бурмбаҷала (**Хо., Яр.) шахшӯл; ноҳамвор; **бушранг (**Пв.) ноуҳдабаро, фаҳӯл; **делама (**Шлп.) як навъи таом, ки аз кӯфтаи гандум ва шир тайёр мекунанд; (Кҳ.) *маҷ.* кунҷков; масхарабоз, ҳазлбоз; **кӯппи´** (Қӯрғ.) зарфе, ки дар он равғани ширро ҷудо карда мегиранд; **қопа (**Қ.) калон, бузург **қопагъл (**Сх.,Хов.) як навъ гули зарди калон-калон, ки аввали баҳор меруяд; **къҷидан (**Вқ., Қ.) дам (ҳӯрт) кашидан, то қонеъ кардани ҳисси ташнагӣ нӯшидан; фурӯ бурдан **пӯқак (**Мал-д., К-рш) обила; **суқи´** (Сина) мумсик; **тебса (**Вқ.) таҳдид, дӯғу пӯписа, сиёсат; **тӯпи´** (Дарб.) нони маҳаллӣ; **ҷуҷалма** (Қ.) ожанг, чин; парзадарӯй, чӯтур, он кӣ рӯяш пайи чечак дорад; **ҷурта (**Сина, Қӯрғ.) бардурӯғ; **ҷъртък (**Ҷк., Шк.) маҳмадоно; сабукфикр; (Хов., Б.) ҳавобаланд, мутакаббир, худписанд; мағрур; **бурсоқ (**Пд., Хов.) навъи таом; пораҳои хамири дар равған пухташуда; **овтупа (**Мум., Б.) як навъи угро; **озлоғу (**Дар.Н.) ҷузъи филизии лаҷом, дар даҳони асп бошад; **чиғилма (**Ҳал., Ял.) паҳну парешон; **ҷовла (**Ск., Қк., Лахш, Мт.) як навъи аспи маҳаллӣ, ки ҷо-ҷо холи сиёҳ дорад; **кутарма** (Бал.) сари баландӣ ва ғ. Ин тарзи

шаклгириҳои хоси морфологӣ дорои як қатор хусусиятҳои маъноӣ мебошанд, ки онро дар зербобҳои калимасозӣ ва таснифоти мавзуӣ ба таври васеъ баррасӣ намудаем.

Вобаста ба табиати лаҳҷаҳо ба тағйироти савтӣ дучор шудани калимаҳои туркӣ-муғулӣ:**ҷонбош**<ёнбош – каҷпаҳлӯ, дар Доғистон амали бузро ба дутараф кашидан ҳангоми бузкашӣ; **ъгър**<айғир – ромнашуда, дар лаҳҷаҳои ҷануб ба маънии аспи нар барои наслгирӣ; **къръғ**<қуруқ – хушк, асбоби махсусе, ки барои доштани аспони гала (Нз); **оғйоқ //** ағйоқ<оқёғ – равғани сафед, матлаб равғани пахта аст; **сал**<тал – амад, асбоби дарёгузарӣ аз пӯсти гов (ҷануби Кӯлоб); дар шакли **сал** ба маънии қарибҳам истифода мешавад (Қӯрғ.); **<u>қайиқ</u>** (Яр.) // **<u>қъйиқ</u>** (Ғеш) < кийик – оҳуи даштӣ; <u>ҳама</u> (Ҳич.) <қамоқ– ҳабс; **сикондан**<аз феъли *сиқиш* (Кӯлобии Ҳисор) – фишурдан ва ғ; **ойърма (**Лахш, Мт.) каҷу килеб, ноҳамвор ва ғ.

Дар сохтори феълҳои таркибӣ шаклҳои ба тағйироти савтӣ дучоргардида низ фаровон корбаст мешаванд: **алара // алдараш; алара // алдараш**< аралаш: кардан (Кҳ.) ба маънии чизеро омехта кардан; **<u>арқан</u>**< орқа – пушт: арқан кардан (Тег.) ба пушт гирифтан; **ол**: **ол кардан (**Вд., Каҳ., Нд., Нз.) мухлисӣ кардан; луқма додан; (Ҷк.) дарафтодани касони гурусна ба ғизоҳои рӯйи суфра ваҒ.

Маънии нави забониро дар маҳалҳои алоҳида касб намудани воҳидҳои луғавии ӯзбекӣ: **оқсақол** – шахси куҳансол. Дар лаҳҷаҳо ба шакли *овсақол* ба маънии «хостгор» (Вқ.); калимаи мазкур дар лаҳҷаҳои Бойсун ба маънии шахси кордон меояд; Калимаи **кеска** низ шахси куҳансолро ифода карда, дар асоси маънии аслӣ дар лаҳҷаҳо маънии иловагӣ (доно, ботаҷриба –Қ.С.) гирифтааст (Яр.).

Дар лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ калимаҳои туркӣ-муғулии ба тағйироти маъноӣ дучоргашта зиёданд: **аранг (**Қӯрғ., Хум.) базӯр, бо заҳмат; **дангал** (Б., Дҷ, Ғеш, Қӯрғ.) калтак, таёқ, чӯбдаст; (Ғк., Шк.)

акколдаста; **дулта (**Дб., Хов.) як навъи гурги калонҷусса, ки ба кафтор шабоҳат дорад; *маҷ.* (Мум.) калонҷусса, бузургҷусса; **йулма // йулъма (**Вқ., Қ.) гӯсфанди аз рӯй пок кардашуда, ки дар ҳолати бутун дар алангаи оташ пухта мешавад; **кътърма (**Дҷ., Хҷ.) моҳичӯби осиёб ва ғ.

То андозае мувофиқати шаклӣ ва маъноии калимаҳои зиёди туркӣ-муғулӣ дар таркиби луғати лаҳҷаҳо: **ачик (**Ҷк.) навъе гиёҳи саҳроӣ; **бузбала // бъзбала (**Ғеш, Вқ., Кҳ., Шк, Қ.) бӯзбала, болиғ, бакамолрасида (воя, балоғат); **илғар (**Ёх.) шитобон, босуръат; **йана (**Бдх., Вқ., Қ.) хоҳаршӯй, хоҳари шавҳар; (Шуг., Ҳал.) даҳеч, муносибати байни завҷаҳои ду додар (бародар); **кезик (**Ф.) зуком; **кутарма (**Лахш, Мт., Хт., Бойс.) деворе, ки аз чиму санг сохта мешавад; **қартиш (**Сина) чирк; **қир** (Қ., Шк.) аспи мушкин, аспи сиёҳ; (Ғк., Шк.) лойи омехтаи махсуси қуму рег ё шағал, ки пас аз хушк шудан сахту мустаҳкам гардад; қир, баландӣ, теппа, тал; несту нобуд, маҳв; **қум (**Дар.Н.) намадзин; аспнамад; **овсун // авсун (**Кҳ.) даҳеч; **орзъқ // озъқ** хамирлӯндаҳое, ки дар равған пухта, ҳамчун хӯрдании маросимӣ (ид, тӯй) истеъмол мекунанд; **сузма (**Қӯрғ.) чакаи сернамаки дар шикамбаи буз андохташуда; **сута** (Вқ., Ҷ., Шк.) пой; (Лахш, Пв., Хм., Шм., Ҳич.,Яр., Кд., Нр.) хӯшаи ҷуворимакка; **таққир (**Қӯрғ.) тундмазза; **таққира (**Киёв., Сина) талха; **тӯрт (**Қӯрғ.) сӯхтаи қаймоқ; **търмуч // търмъч (**Шк.) зич, ҷафс; маҳкам; **чайма (**Дҷ., Сч., Хҷ.) исҳол, касалии дарунавӣ; (Ҳал., Ял.) касалии асп, ки пас аз араққунӣ гирифтори он мешавад; **чалма (**Дҷ., Сч., Хҷ.) чирк, қарқи бадан; (Қ., Шк.) муҳосира, иҳота; (Вқ., Қ) матое, ки чӯпонон ба шакли салла ба сар мепечонанд; (Қӯрғ.) саргини бузу гӯфандон ва ғ.

Бисёр калимаҳо бо нишонаҳои савтии худ аломатҳои калимаҳои туркӣ-муғулӣдошта бошанд ҳам, наметавон иқтибос будани онҳоро ба таври қотеона тасдиқ намоем. Ба таври мисол: **анқор (**Қӯрғ., С-на) навъи гиёҳи хушбӯй; **ашъқ (**Пор.) гӯшти чорвои ниҳоят хароб; яшоғу (Қӯрғ.) моли хароб; **барға**<қабурға (Ғк., Кҳ.) қафаси сина; **йағир (**Қӯрғ.) чиркин,

нотоза, ҷароҳати пушти хар, асп ва ғ.; **қъмоч (**Лахш, Пд., Бдх.) қӯмоч (ноне, ки дар зери ахгар ё хокистари сӯзон пухта мешавад); **қорт (**Ғк., Шк.), **қот (**Вқ., Қ.) зиришк, зирк, анбарборис, зилол (бутта ва меваи он); **лоқ**сарулибос; (Лш.) яке аз қоидаҳои акколбозӣ; **одолиш (**Лахш) кӯтали хурд; фарозӣ, теппача; **очидан (**Ҷк.) ғелидан, аз баландӣ ба поён ғалтидан; **ошан (**Қӯрғ.) равон, оби ҷорӣ; **сира (**Хм., Шм.) латтахор, растании хордори худрӯй, ки гулҳояш сурху кабудча мешавад; (Қ., Қӯрғ.) маротиба; **чавки´ // чавку**, **чафқу (**Қӯрғ., Дарб., Ст., Тқ.) чавкӣ, базме, ки бо афрохтани гулхан (шаб) барпо мегардад; **қълоғ // қълоқ (**Қ.) камоб, лалмӣ,**қълоғ** (т. – вах.) ришханд, масхара; **қърч** (Қ.) ғуҷум-ғуҷум; **чала** (Вқ., Қ.) чала, нотамом; ангуштарин; (Дор., Хов., Шх.) ҳалқаи тасмаи лаҷом; хонаи махсус барои нигоҳ доштани ҳайвоноти навзод дар фасли зимистон; хелчала низ ба ҳамин маънӣ (Каҳ.); **қинғол // қънғол** (Шк., Қ.) духтар ва ҷавони ба ҳам номзадшуда; арӯс; (Шк., Қ.) завҷа ё шавҳар (наварӯс ва навдомод) дар ғайб ҳамдигарро бо ҳамин калима ном мебаранд; **чақир (**Сина) кабудчашм ва ғ .

Ҳамин тавр, аз таҳқиқи маводи гӯйишҳои баррасишаванда бармеояд, ки калимаҳои туркӣ-муғулӣ ба қабати устувори лаҳҷаҳо, яъне калимаҳои хоси шева низ ворид гардида, вобаста ба табиати зиндаи халқ ба тағйироти шакливу маъноӣ низ дучор гардидаанд. Дар гӯйишҳои тоҷикони ҳавзаи Сурхондарё мувофиқати шакливу маъноии ин навъи калимаҳо нисбат ба гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ бештар мушоҳида мешавад, ки ин омил ба ҳамзистии бевоситаи онҳо бо мардуми ӯзбекзабон алоқамандӣ дорад.

Доираи корбаст ва ифодаи маъноии калимаҳои туркӣ-муғулӣ вобаста ба хусусиятҳои забониашон дар зербобҳои дигари рисола ба таври мукаммал баён мешаванд.

2.2.2.3. Калимаҳои иқтибосии русӣ-аврупоӣ

Калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ дар қабати лексикаи умумихалқии лаҳҷаҳо ҷойгоҳи намоёнро ишғол менамояд [Сулаймонов, 2009, с.35]. Бо вуҷуди ин калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ дар қабати калимаҳои хоси шева мавқеи устувор надоранд, ки ин омил бесабаб нест, зеро «Таърихи калимаҳои русӣ ва русӣ-интернатсионалӣ баръакси воҳидҳои луғавии арабӣ ва туркӣ дар захираи луғати лаҳҷаҳои ҷанубии тоҷикӣ чандон дуру дароз нест» [Ҷӯраев, 2017, с. 150].

Баъзе калимаҳои русӣ дар лаҳҷаҳо бо гузашти вақт ба тағйироти ҷиддии савтӣ дучор гардидаанд, ки ин омил боиси ба қатори калимаҳои хоси шева гузаштани онҳо мегардад, яъне нахустшакли ин калимаҳо дар муқоиса ба шакли асосӣ чанд зинаи тағйироти савтиро аз сар гузаронидааст. Миқдори ин калимаҳо зиёд нест: **кълйак // кълийак<кляк; севодка <**сводка; **римо<**ремонт; **сапсем<**совсем; **даким<**документ; дешат **<**решат; **бошпърт // бошпът**<паспорт ва ғ.

Дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда шакли лаҳҷавии калимаҳои русӣ, ки дар зинаи аввали тағйироти савтӣ (хлеб – хлеф) қарор доранд, бештар корбаст мешаванд.

Аз таҳқиқи мансубияти забонии калимаҳои хоси шева бармеояд, ки мавқеи калимаҳои эрониасл, бахусус суғдӣ, дар ин қабати луғавӣ устувор буда, калимаҳои арабӣ нисбат ба иқтибосоти туркӣ-муғулӣва русӣ бештар истифода шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки аз маънии аслӣ дур рафтани калимаҳои иқтибосии арабӣ дар ин қабати луғавӣ маъмул мебошад. Иқтибосоти туркӣ-муғулӣаксаран муродифоти луғавии адабӣ ва ё умумихалқии худро доранд ва бештар дар ифодаи мафҳумҳои чорводорӣ ба кор бурда шудаанд. Калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ дар ин қабати луғавӣ маҳдудистеъмол буда, аксаран ба тағйироти савтӣ дучор шудани онҳоро дар ин самт мушоҳида менамоем.

2.3. Баррасии хусусиятҳои таърихии калимаҳои хоси шева

Забони тоҷикӣ таърихи куҳан дошта, доираи истифодаи он васеъ мебошад, ки дар ин замина омӯзиши раванди таърихии он бе дарназардошти ташаккул ва таҳаввулоти лаҳҷаҳо ғайриимкон ба назар мерасад. Калима ҳамчун воҳиди забонӣ бо гузашти замон тағйири шакл намуда, вобаста ба имконоти луғавӣ дар ифодаи маънӣ низ аз дигаргуниҳо бархӯрдор мегардад. Ба ин қатор калимаҳои таърихиро, ки бо гузашти вақт бештар дар шеваҳои тоҷикӣ мустаъмал мебошанд, метавон дохил намуд. Ин нуктаи муҳим дар гуфтаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо акс ёфта, аз ҳисоби лаҳҷаҳои тоҷикӣ бою ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забони адабии тоҷикиро борҳо таъкид намудаанд: «Шевашиносону хатшиносон чорачӯӣ намоянд, то ки дар асоси калимаву ибораҳои зебову шевои бостониамон нуқсу камбудиҳои забони имрӯзаамонро бартараф сохта, онро боз ҳам ғанӣ гардонем. Дар раванди таҳияи дастурҳои истилоҳсозӣ ба лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ, ки ганҷинаи пурфайзи забони модарӣ ба ҳисоб мераванд, бояд таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шавад. Дар таркиби шеваҳои мардуми мо ҳазорон калимаҳои асилу ноби тоҷикӣ мавҷуданд, ки бо сабабҳои гуногун аз доираи истеъмол берун мондаанд. Вазифаи аввалиндараҷаи забоншиносону фолклоршиносон ин аст, ки зимни таҳқиқоту ҷустуҷӯҳои илмӣ чунин калимаҳоро аз дохили шеваҳо дарёфт карда, онҳоро ба доираи муомилоти забони адабии тоҷикӣ ворид намоянд»[1].

Профессор Ҳ.Маҷидов ин гурӯҳи калимаҳоро чунин баҳогузорӣ менамояд: «Осори хаттии мардуми мо таърихи қадима дорад ва ба тавассути он калимаҳои зиёде, ки имрӯз аз истеъмол баромадаанд, нигаҳ

---

[1] Суханронӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 04.10.2019

дошта мешаванд. Бисёре аз чунин калимаҳо, ҳатто дар давраҳои мухталифи таърихӣ ба забонҳои дигар ворид шуда, ба воситаи онҳо мавҷудияти худро то ба имрӯз давом медиҳанд» [Маҷидов, 2007, с.143].

Ба муҳиммияти омӯзиши масъалаи мазкур профессор Ғ. Ҷӯраев дахл намуда, унсурҳои архаистиро яке аз хусусиятҳои хоси лаҳҷаҳо мешуморад. Забоншинос ҳангоми таҳқиқи низоми лексикии шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ оид ба ин навъи калимаҳо чунин хулосабарорӣ менамояд: «лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ ба туфайли то андозае хусусияти «архаистӣ» доштани худ калимаҳои қадимаро зиёдтар доранд, ки қисми фонди луғавии хоси онҳоро ташкил медиҳанд. Чунончи, ***чақал,бъна, въръск*** ва ғ. Ин гуна калимаҳо вобаста ба зинаҳои тараққиёти таърихи забон як хел нестанд. Дар байни онҳо унсурҳое, ки аз давраи адабиёти классикӣ мерос мондаанд, ҷои махсусро ишғол менамоянд»[Ҷӯраев, 2017, с.74]. Омӯзиши ин қабил калимаҳои китобии таърихӣ дар асоси осори гаронбаҳои шоирону нависандагони классикӣ ва муқоисаи он бо лаҳҷаҳои тоҷикӣ аҳаммияти илмӣ дошта [ниг.: Розенфелд, 1964, с. 25; Кличев Э., 1969, с.8], барои муайян намудани раванди инкишофи таърихии забон ва шеваҳои он замина фароҳам меорад.

Лаҳҷаҳо яке аз манбаъҳои муътамади инкишофи забони адабӣ ба шумор мераванд. Т.Зеҳнӣ, ки ба таҳқиқи алоқаи забони тоҷикӣ ва дарии классикӣ пардохтааст, дар асари худ «Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ» ин ҷанбаи муҳиммро чунин шарҳ додааст: «Дар забони мо, аз як тараф, дар баъзе лаҳҷаҳо унсурҳое вомехӯрданд, ки қисман хусусиятҳои қадимии забони дариро нишон медиҳанд. Хусусан, дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ бисёртар воҳидҳои лексикӣ ва грамматикӣ вомехӯранд, ки калимаҳои серистеъмолу унсурҳои муҳимми забони устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва муосирони онҳоро нишон медиҳад» [Зеҳнӣ, 1987, 31-32].

Дар лаҳҷаҳо асолати забон ҳазорсолаҳо маҳфуз мемонад ва дар навбати худ ба навгониҳо рӯ ба рӯ мегардад. Бо дарназардошти ин нуктаи муҳим калимаҳои асили тоҷикиро, ки ҳоло дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ аз истеъмол берун шудаанд, вобаста ба шаклу ифодаи маънои онҳо дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷануби забони тоҷикӣ ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор дода, дар асоси муқоисаи маводи лаҳҷаҳо, гурӯҳи лаҳҷаҳои ҳамнавъ ва забони адабиву лаҳҷаҳои дигар хусусиятҳои забонии онҳоро баррасӣ менамоем.

Ин қабил калимаҳоро аз рӯи мансубият ба ҳиссаҳои нутқ шартан ба чор гурӯҳ: исм, сифат, феъл ва зарф тақсимкардем.

2.3.1. Ифодаи калимаҳои адабии китобӣ бо исм

Дар лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ калимаҳои шевагии асил бештар дар қатори исмҳо маҳфуз мондаанд, ки ин ба имконоти луғавии исм алоқаманд мебошад. Барои баррасии ин унсурҳои архаистӣ мухтасаран ба осори саромадони адабиёти классикии тоҷик такя намуда, ифодаи маънои онҳоро дар асоси маводи лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда шарҳ медиҳем. Дар осори Рӯдакӣ бисёр калимаҳоро мебинем, ки имрӯз дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ мавриди истифода қарор доранд, вале дар забони адабии имрӯза камистеъмол, ё тамоман кор фармуда намешаванд ва дар ифодаи маънӣ низ тафовут доранд. Аз андешаи муҳаққиқон бармеояд, ки «Рӯдакӣ ***хошок, дош, хархаша*** ва ***фартут*** барин калимаҳои кӯчагии тоҷикиро ҳам ба кор бурдааст» [Айнӣ, 1963, с.48] ва умуман «Дар осори хаттии асрҳои IX-X як гурӯҳ калимаҳои забонҳои маҳаллӣ шевагӣ ва гуфтугӯйӣ вомехӯранд» [Қосимова, 2003, с.71].

Калимаи хамирмоя, ки аз калимаҳои қадимию маъмули забонамон ба шумор меравад, имрӯз бо калимаи хамиртурш иваз шудааст. Калимаи

мазкур дар лаҳҷаҳои ҷануб ба шаклҳои **хамирмо (**Вқ., Қ.), **хамермо (**Бдх.**)** корбаст мешавад: *Хунай ҳамсойа хамирмо-нда рафт-ай* (Хум.).

Дар хусуси пайдоиши калимаи мазкур профессор Ғ. Ҷӯраев ду ақидаро пешниҳод менамояд: «Ин шакли таърихӣ метавонад, натиҷаи унификатсияи ибораи исмии «хамирӣ мондагӣ» бошад. Воқеан, бо ин роҳ сурат ёфтани калимаҳои мураккаб барои шеваҳо истисно нест» ва онро «ҳамчун шакли андак тағйирёфтаи воҳиди луғавии забони адабии давраи классикии «хамирмоя» низ тахмин кардан мумкин аст» [Ҷӯраев, 2017, с.190].

Бояд қайд намоем, ки аз рӯи вазифа калимаи **хамирмоя** ба калимаи моя**ги´**, ки дар лаҳҷаҳои Бойсун ба маънии гузоштани тухм ба зери пойи мурғ барои тухм кардан алоқамандӣ дорад: *Тайи пош-да будаги´ мойаги-йа нагирифта боши´* (Қӯр.) Ин калима дар лаҳҷаҳои ҷануб муодилҳои гуногун дорад ва сермаъно аст: **мойни´ (**Шк., Ғк., Қ.), **мони´ // муни´ (**Вқ., Ҷк.) // **монък (**т. – ишк.) тухме, ки чун нишона дар ҷойи тухмкунии мурғмегузоранд; (Вқ., Шх., Ғк., Қ.) андак ҷурғоте, ки бо мақсади тайёр кардани ҷурғоти´ нав ба шири пухта меандозанд. Дар лаҳҷаи Қӯрғонча маънии дуюми он, яъне мавод барои омода сохтани ҷурғот, бо калимаи **турши´** ифода мешавад.

Калимаи **хамирмоя** дар осори Шавкат ба маънои бунёду асос омадааст:

Вуҷуди мо зи адам дорад устухонбандӣ,
Хамирмояиҳастист нестӣ моро.

[ФЗТ, с.460]

Калимаи хик ҳам имрӯз дар нутқи насли калонсол бо калимаи **машк** ба таври мувозӣ роиҷ аст.

Устод Рӯдакӣ онро ба маънии машк кор фармудааст:

Он хаҷши зи гардан-ш даровехта гӯӣ

Хикест пур аз бод даровехта аз бор…

[ОР, с.96]

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳам айнан ба ҳамин маънӣ омадааст [ниг.: ФМШФ, с.403]. Яке аз фарҳангҳои ба мо наздик – «Ғиёс-ул-луғот» низ хик-ро машк тавзеҳ додааст [ниг.: Муҳаммад Ғиёсиддин, с.320]. Имрӯз калимаи хик хоси забони адабӣ нест ва танҳо дар лаҳҷа маҳфуз мондааст. Ин калима дар Қаротегин ба маънии машки аз пӯсти буз сохташуда, ки дар вай равған ва амсоли онро меандозанд, корбаст мешавад.

Дар лаҳҷаҳои мавриди назар калимаҳои асили тоҷикӣ зиёд ба назар мерасанд. Муҳаққиқи ин соҳа профессор А. Ҳасанов ҳангоми баррасии хусусиятҳои архаистӣ ва маҳфуз мондани қолабҳои асили тоҷикӣ дар гӯйишҳо «ифшои сарчашмаи умумии шеваи гуфтори манотиқи гуногун ва дарёфти вожаҳои асили дарозумр»-ро муҳим мешуморад, ки воқеан ҳаҷ бар ҷониби ӯст [Ҳасанов, 1999, с. 6].

Дар айни як лаҳҷа калимаҳои таърихӣ баъзан дар ифодаи чандин маънӣ ба кор бурда мешаванд. Ба таври мисол, калимаи пӯпак дар лаҳҷаи Қӯрғонча ба ду маънӣ меояд: ороишоти занона; зулф: *Пӯпак-ош-а (*ҷамолакашро) *ман-да нишон доду ғеба риштан гирифт (*Ҷамолакҳои худро ба ман нишон доду ба ресидани риштаҳои кулӯлаи худ идома додан гирифт); *Рафта пӯпак-от-а ас сар шона карда бин (*Раву зулфони худро аз нав шона зан).

Забоншинос Қ.Мухторов дар лаҳҷаи Панҷакент низ ду маънӣ доштани онро зикр менамояд: ороишоти занона, ки арӯсон аз баробари шона (тахтапушт) ба мӯйҳояшон илова мекунанд; духтари зебо – бениҳоят соҳибҷамол» [Мухторов, 23]. Дар гӯйишҳои шимол дар ороишоти мӯй ва ҳамчунин худи мӯй калимаи **пӯпак**ро ба кор мебаранд. Дар лаҳҷаи Лахш ин калима ба шакли **попък** ба маънии асбоби ороиши мӯй, ки аз ресмон мебофанд, корбаст мешавад.

Пӯпак дар осори Рӯдакӣ ба маънии «ҳудҳуд» омадааст:

Пӯпак (е) *дидам ба ҳаволии Сарахс,*
Бонгак бурда ба абр –андаро.
Чодараке дидам рангин бар ӯ,
Ранг басе гуна бар он чодаро.

[ОР, с.38]

Дар лаҳҷаҳо маънии дигар гирифтани ин калима аз маънии аслиаш бармеояд, ки «пӯб бар вазни хуб; кокули мурғонро гӯянд» [Муҳаммадҳусайни Бурҳон, с.250]. Ин калима дар гузашта аз унсурҳои фаъол ба шумор мерафт, ки дар номгузории пешин ба чашм мерасад: Пӯпаки Некталаб ва ғ.

Айни замон дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ калимаҳои зиёди ба ҳукми архаизм даромада мавҷуданд, ки баъзе аз онҳо ҳуқуқи ба забони адабӣ гузаштанро доранд. Бояд қайд намоем, ки алоқамандии забони меъёрӣ ва лаҳҷаҳо ҷараёни мураккабро фаро гирифта, бо гузашти вақт аз ҷониби олимону нависандагон кӯшиши ба забони адабӣ ворид намудани калимаҳои асили тоҷикӣ аз лаҳҷаҳо ба амал омадааст. Садриддин Айнӣ ба хусусияти таърихии лаҳҷаҳои тоҷикӣ диққати махсус дода, дар заминаи луғоти асили лаҳҷаҳо даст кашидан аз баъзе иқтибосотро муфид ҳисобидааст [Айнӣ, 1964, с.378].

Профессор Ғ. Ҷӯраев яке аз сарчашмаҳои пайдоиши унсурҳои шевагиро (диалектизмҳоро) дар мавҷудияти чунин воҳидҳо дида навиштааст: «…сарчашмаи якуми захирашавии диалектизмҳои луғавӣ дар таркиби луғавии ин ё он шева ҳамин гуна унсурҳои архаистӣ ё худ реликтикӣ ба шумор мераванд» [Ҷӯраев, 1976, с.136].

Як хусусияти муҳимми калимаҳои хоси шева дар он мебошад, ки он хусусиятҳои таърихии забонро садсолаҳо маҳфуз нигаҳ медоранд. Бояд қайд намоем, ки дар таркиби луғати лаҳҷаҳо боқӣ мондани калимаҳои асилро ба таври гуногун метавон маънидод намуд. Маводи

лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда собит месозад, ки ин калимаҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳим ба мушоҳида мерасанд. Ин ҳодисаи забониро ҳангоми таҳқиқи топонимҳои водии Рашт профессор Ш.Исмоилов чунин шарҳ медиҳад: «Зуҳуроти калимаҳои архаистӣ дар ҷомеа ҳодисаи тасодуфӣ нест ва берун аз инҳисори қонунҳои дохилии забон сурат намегирад, балки архаизмҳо ҳамон гуна вожаҳое мебошанд, ки амалиёти фаъол ва ҳамешагии онҳо дар ҷомеа чандон зарурат надорад» [Исмоилов, 2019, с.210].

Калимаҳои асил дар лаҳҷаҳо ба шаклҳои гуногун корбаст шуда, доираи маъноии онҳо вобаста ба ҳудуди интишор тағйир меёбад. Ин хусусиятро дар ифодаи маъноии калимаҳои хоси шеваи мансуб ба соҳаи тиб зиёд мушоҳида намудем. Калима **калахч** дар таркиби луғати лаҳҷаҳо унсури фаъол набошад ҳам, корбасти онро дар маҳалҳо мушоҳида менамоем. Ин калима дар лаҳҷаҳои Дарбанд ба шакли **қалахш** ва Қӯрғонча **калахч** ба маънии рӯйбасти ҷароҳат истифода мешавад. Калимаи мазкур дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ, аз ҷумла Лайрон ба шакли **кълахч ба маънии** сиёҳие,ки дар танаи дарахт ҳосил мешавад, корбаст мешавад. Дар китоби «Луғати лаҳҷаҳои ҷанубӣ» дар шакли **кълахч** чунин эзоҳ ёфтааст: сиёҳие, ки дар танаи дарахт ҳосил мешавад [ЛЛҶ, с.202].

Шарҳи маънии калимаи «калахч»-ро аз «Луғати фурс» дарёфтем, ки дар ифодаи рӯйбасти ҷароҳат ба кор бурда шудааст [ЛФ, 57].

Ин калима ба ҳамин маънӣ дар осори Рӯдакӣ истифода шудааст:

Дасту каффу пои пирон <u>пуркалахч</u>,
Риши пирон зард аз бас дуди нахч

[ОР, 339].

Албатта, ин ба асолати лаҳҷаҳои тоҷикӣ далолат менамояд. Бо гузашти айём ин калимаҳои асили тоҷикиро дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ба кор намебаранд. Ҷойи бисёре аз онҳоро калимаҳои ба онҳо

ҳаммаънои бегоназабон гирифтааст. Дараҷаи истеъмол, доираи густариш ва тобишҳои маънои ин калимаҳо дар лаҳҷаҳо якранг нест. Омӯзиш ва эҳё намудану вориди забони адабӣ гардонидани онҳо тақозои давру замон мебошад.

Калимаи **яшк** (дандони пеши хук) дар лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ шаклҳои яшк (Қӯрғ.) ва ашк (Шк.)-ро дошта, тобишҳои маъноияш гуногун мебошад: *Худата **йашк**-от-а намебини´?* (Қӯрғ.) – Магар дондонҳои хукмонанди худро намебинӣ?; *Дандунойи **ашки** хук- а надид-ай ту* (Ғеш) – Ту то ҳол дандонҳои ашки хукро надидаӣ.

Дар ин шеъри Фирдавсӣ калимаи мазкур айнан бо ҳамин маънӣ омадааст:

Яке зиштрӯ буду болодароз,
Сару гардану яшк ҳамчун гуроз.

[ФЗТ, ҷ.2, с. 638]

Ин калима дар «Луғати фурс» ба шакли **«яшг»** чунин маънидод шудааст: «Дандони бузургтарин бувад дар пеши лаби морон ва дадон ва монанди ин аз ҷонварон» [ЛФ, 163].

Калимаи **хим** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин маънидод шудааст: «ифлосӣ, чирке, ки дар гӯшаи чашм пайдо мешавад» [ФЗТ, ҷ.с.478].

Дар лаҳҷаҳои ҷануб он бо шаклҳои **хилдак (**Дб.) // **хилдик** // **хилдиқ (**Кд., Нр., Дор., Хов.) // **хълдък (**Дм., Нӯш., Фат., Яр.) ба маънии чирки чашм меояд. Аз муқоисаи лаҳҷаҳои шимол бармеояд, ки дар ифодаи ин маънӣ калимаи «хилм» истифода мешавад. Калимаи **хим** дар лаҳҷаи Қӯрғонча дар шакли «хима» меояд: *Чушм-о-ш хима баст-ай, шир ҷӯш хим-еш чушм-о-ша тоза тоза шава* (Чашмонаш хим бастааст, шумо каме ба он шир чаконед, то боз шаванд).

Ин калима дар осори Мунҷик ба ин маънӣ истифода шудааст:

Ду ҷӯе равон дар даҳонаш зи хулм,

Ду хирман зада бар ду чашмаш зи хим.

[ФЗТ, ҷ.2, с.478].

Ба андешаи забоншинос А. Ҳасанов «хулм, хилм, хим на аз калимаҳои мухталифреша, балки гунаҳои гуногуни айни як вожаи сермаъно ба шумор мераванд» [Ҳасанов, 2003, с.165].

Иловатан дар бораи муродифҳои луғавии ин калимаи асил ҳаминро гуфтанием, ки **хилм** дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ дар шаклҳои **хилм // хълм (**Вқ., Ғк., Кҳ., Ҷк., Шк., Бдх.) маънии **чирки бини**ро дошта, дар лаҳҷаҳои Бойсун ҳангоми бемории исҳол гӯянд: *Ду рӯз-ай дарун-аш хилм мегузара (*Ду рӯз боз аз бемории дарунрав азоб мекашад). Ин калима дар гӯйишҳои шимол ба маънои чирки чашм низ ба кор бурда мешавад.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ калимаи «коза» истифода намегардад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаи «коза» чунин маънидод гаштааст: Коза – каппа, хонае, ки дар киштзор ва полиз аз чӯбу шоху хас месозанд; кулба [ФЗТ, ҷ.1, с.557].

Ин калима дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ду маъниро ифода менамояд: (Шк., Ғк.) чайла, каппа (Дҷ., Дб., Сч., Хҷ., Ош., Кан.) дом, домгоҳ (хоначаи махсуси хасин, ки дар ҷойи ҷамъшавии кабкҳо, мурғони даштӣ (атрофи чашма зери харсангҳо) сохта, сатҳи болоии он ба тӯр маҳкам карда мешавад; ҳамин ки парандагон аз ягон роҳи коза ба даруни он ҷамъ меоянд, тӯр кашида мешавад. Ин калима дар лаҳҷаи Қӯрғонча ба маънии сарпаноҳи муваққатӣ дар саҳро меояд, ки заминро кофта месозанд. Калимаи мазкур камистеъмол буда, аҳён-аҳён дар гуфтори пиронсолон истифода мегардад.

Ин калимаро дар осори классикон зиёд дучор мешавем. Фирдавсӣ онро бо ҳамин маънӣ ба кор бурдааст:

Сипаҳро зи бисёрӣ андоза нест,

Бар ин дашт як мардро коза нест.

[ФЗТ, ҷ.1, с.557].

Дар осори Рӯдакӣ ба маънии «кулба» омадааст:

Ҷой кард аз баҳри будан козае,
З-он ки карда будашон андозае

[Рӯдакӣ,1958, с.135].

Калимаи **кола** аз шумори калимаҳои асили тоҷикӣ ба ҳисоб рафта, дар «Ғиёс-ул-луғот» он чунин шарҳ ёфтааст: «матоъ, ки онро коло низ гӯянд; ва кадуи шароб; ва ба маънии харбузаи хом ва замине, ки барои зироат тайёр сохта бошанд (аз «Латоиф» ва «Мусталаҳот») [ниг.: Муҳаммад Ғиёсиддин, с. 159]. Дар китоби «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» омадааст: «кола бештар ба маънии сару либоси ба арӯс додашаванда, асосан дар ҷануби Кӯлоб ба назар расид (яъне дар шеваи ҷануб – С.Қ.) « [ШҶЗТ, с.151]. Дар лаҳҷаҳои кӯҳистони Сурхондарё ба маънии матоъ меояд: *Колаҳойи тоза овард- ай (*Қӯрғонча). Камоли Хуҷандӣ онро бо ҳамин маънӣ ба кор мебарад:

Дар дарун омад, хаёли рӯи ӯ шуд ақлу ҳуш,
Буд дузде бо чароғ, анвои коло бурду рафт.

[ФЗТ, ҷ.1, с.558[.

Дар лаҳҷаҳои ҷануб он сермаъно ба назар мерасад: **мол, чорво:** *Сайид гъфтаги´ алаф-а кола намехъра* (Мх.) – Он алаферо, ки Саид дар назар дорад, чорво тамоман намехӯрад**;** (Ҷк.) **ашё, чизу чора**; **либос**: *Ай бозор баройи гудако-м кола харидум (*Хҷ.) – Аз бозор барои кӯдаконамсарулибос харидам; (Вқ., Шк., Қ.) **қалин, маҳр:** *Кайе, ки мардаки дъхтардор рози´ шава, ҳаму руз мардаки зангир кола ройи´ мекъна* (Хов.) – Он вақте ки падари арӯс розӣ шуд, ҳамон вақт қалини духтарро равон мекунад; **либосворӣ, матоъ, сару либоси ба арӯсшаванда дода**

мешудагӣ: *Колаҳойи арус-а пора кардем-ъ духтем* (Ёл) – Матоъҳои арӯсро пора карда, ба ӯ либос дӯхтем.

Профессор Ғ. Ҷӯраев ҳангоми баррасии хусусиятҳои калимаҳои ифодакунандаи либос ва мафҳумҳои марбути он, аз ҷумла лоқ ва кола, чунин андешаронӣ менамояд: «Ин ду калима-термин (калимаҳои лоқ ва кола – Қ.С.) чи аз ҷиҳати интишори локалӣ ва чи аз ҷиҳати доираи маънӣаз ҳамдигар фарқ мекунанд: лоқ бо маънии нисбатан васеъ, умуман, дар ивази сару либос тақрибан дар ҳамаи лаҳҷаҳои Кӯлоб, Каротегин, вахиёӣ-каротегинӣ ва Кӯлоби ҳисорӣ дучор ояд, кола бештар ба маънии сару либоси ба арӯс додашаванда асосан дар ҷанубии Кӯлоб ба назар расид» [Ҷӯраев, 2017, с.209].

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ корбасти калимаи **метин** мушоҳида намегардад. Дар «Фарҳанги Қаввос» ҳамчун олоти сангтарошӣ корбасти он ишора шуда [Фахри Қаввос, 2003, с.184], ба андешаи забоншинос А. Ҳасанов «Вожаи метин аз ҷумлаи қадимтарин унсури луғавии эрониасл буда, дар осори манзуму мансури гузашта, бахусус давраи Оли Сомон басо фаровон ба кор рафтааст» [Ҳасанов, 2003, с.13]. Ин калима аз лексемаҳои фаъоли адабиёти классикӣ ба ҳисоб мерафт:

Гирифта паи кори девору дар,
Ба ин даст метин, ба он даст табар.

[ФЗТ, ҷ.1, с.682].

Дар «Девони Кабир»-и Румӣ маънии он боз мушаххастар аён мегардад:

Мо низ мардумонем, не кам зи сангу конем,
Бе захмҳои метин пайдо накарда зарро.

[Румӣ, 1992, ҷ.2, с.13]

Калимаи мазкур дар лаҳҷаҳои гуногун ба шаклҳои зиёд корбаст мешавад. Шаклҳои **метин (**Дм., Лш., Нӯш., Қлб., Ҳич., Ҳо., Яр.) // **метинг (**Пв., Хм., Шм.) ,**мети´ (**Мс., Пч., Сам., Хум., Шв.), **майтин** // **майти´** // **майтън** (Лахш, Мт., Пд., Хт., Кк., Қӯш.), **мъти´ (**Хов., Ёх., Сх.) ба маънии олоти нӯгтез барои санги осиёро тарошидан меояд, ки ба маънии асосии он «тешаи калони дунӯлаи сангтарошӣ, зоғнӯл» мувофиқат дорад,аммо калимаи мазкур дар баъзе лаҳҷаҳои деҳнавӣ ва Бойсун танҳо ба маънии асбоби заминковӣ корбаст мешавад. Бояд қайд намоем, ки дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи ин маънӣ зиёданд: **каноч** // **къноч (**Вқ., Қ., Ҷк.); зоғнӯл, метин, олоти дастии меҳнат (зоғнӯли дунӯла); **чънг** (Вқ., Қ., Ғк., Шк.) зоғнӯли яксара ё дунӯлае, ки бо он санги осиёро мечинанд ва ғ.

Калимаи суғдии **палаґда** дар лаҳҷаи Қӯрғонча ба маънии нони дар об таркардашуда истифода мегардад: *Чошгайӣ мурғо-да палаґда тетон.* Калимаи мазкур дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ дар шаклҳои **палаґда** // **пълаґда** ба маънии *ноаҳл, беандеша* меояд: *ойила-м палаґда, ҳавай-а гъфтем, мактав мунем, бача-мон-а, ки хона (*Сам.).

Ин калимаи ба маънии *тухми вайроншуда* дар Фарҳанги забони тоҷикӣ шарҳ дода шудааст [ФЗТ, ҷ.2, с.245]. Бояд қайд намоем, ки маъниҳои дар ҷануб ва лаҳҷаи Қӯрғонча ифодаёфта маҳз аз ҳамин маънӣманшаъ гирифта, вобаста ба муҳити ҷуғрофӣ ва урфу одати мардум тобишҳои навро касб намудааст. Дар баъзе лаҳҷаҳои ҷануб калимаҳои **лақата (**Оқ.) **луқ (**Ёх); **овҷах (**Ош.) дар шакли феълҳои таркибии **лақат; луқ; овҷах:** *шудан* маънии вайрон шудани тухмро доранд.

Имрӯз дар забони адабӣ ҷойи калимаи аслан тоҷикии «хорӣ»-ро калимаи арабии ҳақорат гирифтааст. Маҳфуз мондани хусусиятҳои таърихии забонро дар гӯйишҳои ҷанубии забони бештар мушоҳида менамоем, ки ин ҳодиса дар бахши лексикология мавқеи устуворро касб

менамояд [Нозимов, 2021, с.35]. Дар лаҳҷаҳои ҷануб муродифи он калимаи қадимаи дашном аст, ки ба қатори калимаҳои асили тоҷикӣ шомил мебошад. Дар лаҳҷаҳои Ҳакимӣ, Кӯлдара ва Қӯрғонча ин калима дар ифодаи ҳақорат истифода мешавад: Хори´ ба тъ вори´ мусъфед мезева-у? (Ҳак.) – Ҳақорат ба ту барин шахсони мӯйсафед оё мезебад?; *Мо-ра задан гуфта хори´ метан аврато* (Кд.) – Занон «моро заданд» гуфта, онҳоро ҳақорат карданд; *Уно қад ба қад шуда йакдиге-шон-а хӯрӣ кардан (*Қӯрғ.) – Онҳо даст ба гиребон шуда, якдигарро ҳақорат карданд.

Дар осори Анварӣ ин шаклро мебинем:

Ҳон, эй санам, хорӣ макун морову озоре макун,
Оё, биё, боре макун, то дарди сар дорам туро.

[ФЗТ, ҷ.2, с. 495]

Румӣ низ калимаи мазкурро ба ҳамин маънӣба кор бурдааст:

Ки маро пеши ҳашар хорӣ кунӣ,
Рӯзи равшан бар дилам торӣ кунӣ.

[Румӣ, 2001,с.401]

Муродифи он, калимаи ***дашном*** аз воҳидҳои серистеъмоли лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба ҳисоб меравад: *Дашном-уш кънен, ки қимат нафруша (*Дҷ.) – Ӯро ҳақорат кунед, то маҳсулоташро бо нархи гарон нафурӯшад.

Ин калимаи куҳантаърих дар осори шоирони классик фаровон истифода шудааст:

Ба душномизишту ба овози сахт,
Ба тундӣ бишӯрид бо шӯрбахт.

[ФЗТ, ҷ.1, с.408]

Калимаи **тафт** дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ба кор бурда намешавад. Ин калима ба шаклҳои **тафта, тафтидан, тафтадил** ва ғ. дар осори хаттии ниёгон серистеъмол буд.

Калимаи тафта дар осори Рӯдакӣ ба маънии «сӯхта» омадааст:

Бо коми хушку бо ҷигари тафта даргузар,
Эдун ки дар саросари ин сабз гулистон
Кофур ҳамчу гул чакад аз дӯши шохсор,
Зайбақ чу об барҷаҳад аз нофи обдон.

[Рӯдакӣ, 1974, с. 99].

Ин калима дар осори Фирдавсӣ тобишҳои дигари маъноӣ дорад. Дар мисраи зерин калимаи **тафта** ба маънии оташин шудан меояд:

Шавам, гуфт, бипсичам ин кор тафт,
Ба хешон бигӯям, ки бар мо чӣ рафт.

[ФЗТ, ҷ.2, с.341]

Саъдии Шерозӣ онро ба маънии сӯзон ба кор мебарад:

Ба даст оҳаки тафта кардан хамир
Беҳ аз дастбаста ба пеши амир.

[ФЗТ, ҷ.2,с.341]

Дар мавриди муайян ин калима маънии маҷозӣ касб намуда, дар ифодаи *шитоб карданниз* меояд. Фирдавсӣ онро ба ҳамин маъно истифода намудааст:

Дигар рӯз шабгир Судоба рафт,
Бари шоҳи Эрон хиромид тафт.

[ФЗТ, ҷ.2, с.341]

Дар гӯйишҳои ҷануб ва гуфтори мардуми Бойсун ин калима ба маънии гармӣ истифода мегардад: *Тафти тан-ъш паст-ай* (Мт.) – Баданаш ҳарорат надорад; *Тафти дег даст-а мессӯзона (*Қӯрғ.) – Гармии дег дастро месӯзонад.

Калимаи **нефа // нифа** ҳоло бештар хоси лаҳҷаҳои шимол буда, он дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънии ***банди шалвор*** шарҳ ёфтааст. Калимаи мазкур дар лаҳҷаҳои Бойсун ба шакли нифа ба маънии банди эзор ба назар мерасад: *Нифа-ҳо-ша соз дӯз-а, ки гӯдак соз иру урӯ гарда (*Қӯрғ.) – Банди шалворашро кушодтар дӯз, ки кӯдак баҳузур гашта тавонад. Забоншинос А.Ҳасанов хусусиятҳои забонии ин калимаро дар асоси маводи шеваи шимол баррасӣ намуда, зикр менамояд, ки «нефа ё нифа дар айни ҳол дар аксари лаҳҷаҳои шимолӣ ба гунаи нифа мустаъмал аст, вале дар лаҳҷаи Ворухи Исфара он ба гунаи лифа мустаъмал аст» [Ҳасанов, 2003, с.23]. Дар шакли **лифа** омадани калимаи мазкурро дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ низ мушоҳида менамоем: *Пъло-ра гирифтай, лифа*й *эзор-ъш-да кад-ай* – Пулҳоро дар нифаи шалвори худ пинҳон кардааст .

Калима **нифа** дар осори классикон корбасти фаровон дошт:

Дарае атлас сабук бар нифа зад,
Турки ғофил хуш мазоҳик мемазад.

[Румӣ, 2001, с.602]

Калимаи лифа дар осори Ҳоқонӣ ба маъниикисми дурушти абрешим, ки дар давот барои нашикастани нӯги найқалам мегузоштанд, корбаст мешавад:

Чун лифаи давот куҳан гашта,
Пӯсида гӯшт бар тани мурдораш.

[ФЗТ, ҷ.1,с.601]

Дар лаҳҷаҳо ба таври дақиқ калимаи лифа аз нифа маншаъ мегирад, ки ифодаи маъноии он далели ин гуфтаҳост.

Дар лаҳҷаҳои мазкур як қатор калимаҳоро дучор омадем, ки онҳо дар рӯзгори ҳаррӯзаи мардум чун воҳидҳои андозагирӣ ба кор рафта, дар лаҳҷаҳо маъниҳои навро низ касб менамоянд.

Калимаи мураккабсохти **<u>нимхӯрд</u>** дар осори Соиби Табрезӣ ба маънии *пасмондаи хӯрок*истифода шудааст:

Ҳамчу оби зиндагонӣ <u>нимхӯрд</u>и Хизр нест,
Сар ба муҳри шарм бошад ғунчаи хандони ту.

[ФЗТ, ҷ.1, с.855]

Дар лаҳҷаҳои ҷануб ин калима чун воҳиди вазн ба 2,5 кг баробар аст: *Дӣ-дъвозда санг руғани зиғер, йаг <u>нимхурд</u> биринҷ мегърифтан* (Дҷ.) – Ба андозаи даҳ-дувоздаҳ санг равғани заҒир ва як нимхӯрд биринҷ мегирифтанд. Дар лаҳҷаҳои Бойсун низ ба ҳамин маънӣба кор рафтани калимаи мазкурро дар шакли **нимхурт** забоншинос Ҳамроқулов Х. қайд намудааст [Ҳамроқулов, 1961, с. 243].

Дар гӯйишҳои ҷанубӣ-шарқии забони тоҷикӣ калимаи <u>хървич</u> дар ифодаи пасмонда ва ғизои поймолшудаи ҳайвонот дар оғил, зери пойи ҳайвоноти калони шохдор ба кор бурда мешавад.

Бояд қайд намоем, ки дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда пасмондаи хӯрок бо калимаҳои зиёди шевагӣ: **залла // зала (**Вқ.); **йунти´** (Кҳ., Шк.); **ишки´ (**Шк.) **//** **шъшки´ (**Вқ., Қ) **//** **шушки (**Қӯрғ.); **кънъск** (Вқ.); **луҳидан (**Дар.Н.) **пӯла (**Сина); **койида (**Ҷк.); **бӯза (**Бойс.); пучкари´ (Қӯрғ.); **баҷа;** (Ёз., Сам., Ғеш, Кҳ., Яр.); **ғарфа (**Ҷк.); **нимхоч (**Луғ., Пшб., Пшм., Ҳак.) ва ғ. ифода мешаванд, ки дар зербобҳои дигар вобаста ба хусусияти маъноӣ ва сохту таснифоти мавзуии онҳо баррасӣ менамоем.

Калимаи **<u>паймона</u>** дар лаҳҷаҳои ҷануб ба маънии **қадаҳ** истифода мешавад ва дар шаклҳои **пайвона** ва **пайвуна** ҳамчун воҳиди ченаки вазн корбаст шудааст: *Йа амлокдор замин-а **<u>паймон</u>**-а када медод* (Кан.) – Як амлокдор дар он замон заминро чен карда, ба мардум тақсим мекард; *Дарай Дейдун-да гандъм-ай, **<u>пайвуна</u>** мекънем, ҳамийоле ҳамуҷа рафтестам (*Ог.) – Дар дараи Дейдун гандум дорем, миқдори онро муайян мекунем ва ҳоло ман он ҷой рафта истодаам.

Калимаи **<u>санг</u>** чун шакли тахфифёфтаи калимаи **<u>фарсанг</u>** дар адабиёти классикӣ дар ифодаи масофа дучор мешавад:

Гарчанд бо ту наздикам, аз ҷумла мухлисон
*Дурам, вале зи лутфи ту сад **<u>санг</u>** марҳала.*
[ФЗТ, ҷ.2, с.188]

Ин калима дар лаҳҷаҳои ҷануб ҳамчун ченаки вазн, ки ба 8 кг баробар аст, ба кор бурда мешавад: *Ай йаг ман зъғер дъвоздаҳ **<u>санг</u>** руған мегиръфтан* (Кп.) – Аз як ман заґер ба андозаи дувоздаҳ санг (4 кг Қ.С.) равґан ҳосил менамуданд; *Дъ **<u>санг</u>** гандъм дошт-ай харидъм (*Хов.) – Ӯ ду санг (16 кг – Қ.С.) гандум доштааст, ман харидам .

Дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда калимаҳои зиёдеро дучор омадем, ки ҳоло дар забони адабӣ корбаст намешаванд. Ин калимаҳои асил дар гузашта сермаҳсул буда, ҳоло ба маъниҳои гуногун дар забони зиндаи халқ ба кор бурда мешаванд. Ба таври мисол, дар гузашта калимаи <u>ман</u> ба маъниҳои зиёд корбаст шудааст. Ба таври мисол, дар осори Восифӣ омадааст: «*Ҷиҳати силаи он қасида даҳ раъс гӯсфанд, бист <u>ман</u> орди майда ва маблаґи як сад хонӣ ва чаҳор дарахт ҷиҳати ҳезум карам фармуданд*» [ФЗТ, ҷ.1, 630-631]. Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ба маънии ҷонишини шахси якуми танҳо омадани он маъмул аст.

Забоншинос Р.Л. Неменова ба маъниҳои дар лаҳҷаҳо касбнамудаи ин қабил калимаҳо таваҷҷуҳ намуда, барои таҳвият мисол меорад: *агар <u>ман</u>* (воҳиди ченак) *нашава, пех-ъш мекънъм* [Неменова, 1956, с.87].

Дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» ба чор маънӣ омадани он зикр ёфтааст: ман[1] – ҷонишини шахси якуми танҳо; ман[2] – ченаки вазн, ки баробари 8 пуд (128кг) аст, инчунин воҳиди ченаки сатҳ (масоҳат), ки баробари як гектар аст; ман[3] – манъ кардан; интизор, мунтазир; ман[4] – зарфе, ки бо он шир чен мекунанд [ФГҶЗТ, с.435].

Ифодаи маъноии калимаи мазкур дар матн бештар аён мегардад: *Ай хирман-мон йак**<u>ман</u>** гърифт* (Дб.) – Аз хирмани имсола як ман

(тахминан128 кг – Қ.С.) гандум гирифт; *Вахти қадим- да чор пуд-а ним* ***ман*** *мегуфтан (*Чб) – Дар гузашта андозаи чор пудро ним ман (64 кг – Қ.С.) ҳисоб мекарданд.

Калимаи мазкур дар ифодаи масоҳат низ корбаст шудааст: *Ҳаф* ***ман****зъмин дорем, ҷъф кард-ес-тан* (Лш.) – Ҳафт ман (гектар – Қ.С.) замин дорем, ҳоло онро ҷуфт карда истодаанд. Дар баъзе гӯйишҳо доираи маъноии он васеъ гардида, он зарфи ширченкуниро низ ифода менамояд: *Йа хърма-ра мāн мекънан-ъ ба (баъд) шир мегиран* (Уч.) – Як хурмаро ба сифати андозагирӣ муайян намуда, баъдан бо он ширро чен карда мегиранд.

Ин калимаи таърихӣ ба шакли сохтаи манак дар гузашта мустаъмал будааст. Аз шарҳи устод Садриддин Айнӣ маънии онро ба тарзи зайл дарёфтем: «**Манак –** зарфи баркашӣ, ки бо вай монанди ғалладона чизҳои пошхӯрандаро ва монанди равған чизҳои обакиро бар мекашанд (чунончи, дар деҳот гандумро бо соғун ё ғалбер ва равғанро бо кадучаи сарбурида бар мекашанд, ки дар онҳо чӣ миқдор ғунҷидани аз ин чизҳо муайян карда шудааст» [Айнӣ С., 1975, с. 193].

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаи сер ин тавр шарҳ ёфтааст: «**Сер –** миқёси паймоиш, ки дар ҷойҳои гуногун вазнаш мухталиф буда ва дар Бухорои асрҳои охир панҷяки пудро ташкил мекард» [ФЗТ,ҷ.2, с.230].

Дар осори Саноӣ калимаи мазкур ба вазн далолат мекунад:

Аз барои ду сер равғани гов
Меъда чун осиё, гулӯ чун нов.

[ФЗТ, ҷ.2,с.230].

Дар китоби «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» истифодаи калимаи сер ба маънии меъёри вазн, ченаки вазни ғалладона сери´ (т. – ишк.) дар лаҳҷаҳои ҷануб ёдрас шудааст [ФГҶЗТ, с.617].

Калимаи кафсан дар гузашта ба маънии ҳаққи иловагӣ гирифтан аз хирман меомад. Ин калима ҳоло дар лаҳҷаҳо тобиши нави маъноӣ пайдо кардааст. Дар лаҳҷаҳои ҷануб ва лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ба шаклҳои **кавсан // кафсан** (Кҳ., Қ., Шк.); **кепсан** (Бойс.; Қӯрғ., Сина) омада, ба маънии миқдоре аз ғизои ба тозагӣ кӯфта ё меваву ҳосили полиз ва ғайра, ки касе ба хирмангоҳ, боғ, полизгоҳ ва ғ. ояд, ба унвони бахшиш дода мешавад.

Аксари муҳаққиқон аз таҳқиқи муқоисавии шеваҳои тоҷикӣ ба хулоса омадаанд, ки унсурҳои таърихии забон дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ бештар маҳфуз мондааст. Ба андешаи Ғ. Ҷӯраев «Шароити ташаккул ва роҳи инкишофи таърихии системаи лексикии лаҳҷаҳои тоҷикӣ якранг нест. Дар ин бобат лаҳҷаҳои ҷанубӣ боз ҳам ҷолибтаранд, чунки онҳо дорои хусусиятҳои архаистии зиёд мебошанд» [Ҷӯраев, 2017, с.305].

Воқеан, дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ унсурҳои таърихӣ дар бахши луғат фаровон ба назар мерасанд. Ба таври мисол, ҳоло калимаи чақал дар лаҳҷаҳои қаротегинӣ ва вахёӣ мустаъмал мебошад. Ба хусусияти таърихии ин калима М.С. Андреев дахл намуда [Андреев, 1958, с.27], ба маънии порчаи замини корам маънидод намудааст, ки ин гуфтаи ӯ ба андешаи А.З. Розенфелд (ин калимаро ба маънии қитъаи замин шарҳ додааст) то андозае мувофиқат дорад [Розенфелд, 1971, с.86].

Калимаи мазкур дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба шакли **чакал** ба маъниҳои замини корами наздиҳавлигӣ (Вқ., Қ.), инчунин маънии маҷозии харобу лоғаристифода мешавад**:** *чакали қоқ, ҳар саг-ът мехойа лоқ (*фолк.).

Калимаи ***дулмул*** дар адабиёти классикӣ ба маънии ғаллаи ҳанӯз батамом нопухта, нимпухта меояд. Ин калима дар лаҳҷаи ҷанубии забони тоҷикӣ дар ифодаи номи хӯрок корбаст шудааст: *Бийо, ба нахъут* ***дълмъл*** *мепазем (*Дҷ).

Ин калимаи аслан тоҷикӣ дар гузашта дар шакли ***дунбул*** мавриди истифода қарор гирифтааст, вале ҳоло дар забони адабӣ корбаст намегардад.Дар осори Шоҳин ин калима чун унсури фаъол ба маъноии ғаллаи норасида корбаст мешавад:

Эй лабат мул, оразат гул, турраат сунбул барин,
Ғабғабат дар чарбу нармӣ тухми ним дунбул барин.

[ФЗТ, ҷ.1, с.399]

Дар осори Ҳоҷӣ он маънои маҷозиро касб намудааст:

Пеши лаъли ту табарзад чу табархун гардад.
Нармии ғабғаби ту меваи дунбулворе.

[ФЗТ, ҷ.1, с.399]

Калимаи мазкур шаклу маъниҳои гуногуни корбастро дар лаҳҷаҳо доро мебошад. Калимаи мазкур ба шаклҳои **дулмул // дълмъл, дъмбъл (**Б., Кан., Кд., Нр., Сх., Чб.) омада, маънии ғалла ё меваи нимпаз меояд. Номи хӯроке, ки хӯшаи гандуми дулмулро дар оташ сӯзонда, баъд дар об меҷӯшонанд, **дулмулов // дъмбълов (**Б., Сх.) ном дорад.

Калимаҳои решагӣ дар таркиби луғати забони адабӣ мавқеи устувор доранд, ки ба ин қатор мафҳумҳои ифодакунандаи хешутабориро метавон ворид сохт. Аксарияти ин қабил калимаҳо дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ низ умумияти шаклӣ ва маъноӣ бо забони адабӣ доранд. Ин бесабаб нест, ки «бештарини калимаҳои умумиистеъмол низ вожаҳои қадимаи решагиро ташкил дода, дар ифодаи мафҳумҳои ҳаётан муҳимми зиёде ба кор бурда мешаванд. Онҳо дар байни гурӯҳҳои мухталифи луғавӣ бо сермаъноиву доираи васеи истеъмолро фаро гирифтани худ фарқ мекунанд. Чунин калимаҳо одатан бо маънии асосии луғавии худ умумиистеъмол буда, барои дарк кардани он овардани ин ё он матн, ё мисол зарур нест» [Маҷидов, 2007, с.138].

Ҳоло дар забони адабӣ калимаҳои ***модарандар*** ва ***падарандар*** мавқеи устувори истифода надоранд. Ин калимаҳо дар лаҳҷаҳои шимол дар шакли изофии модари ӯгай ва падари ӯгай серистеъмол мебошанд. Дар лаҳҷаҳои ҷануб калимаҳои зикрёфта дар шаклҳои ***моиндар*** // ***мояндар*** ва ***пияндар*** корбаст мешаванд.

Истифодаи ин шакл дар адабиёти классикӣ маъмул будааст:

Душман ар меҳр тамаъ дорад, аз-ӯ беҳудагист,
Ки ҷаҳон модари ӯ нест, ки мояндари ӯст.

[ФЗТ, ҷ.1, с.704]

Доираи калимаҳои асили тоҷикӣ дар қатори исмҳо фаровон буда, маҳалли истифодаи онҳо дар лаҳҷаҳои гуногун боиси пайдоиши тобишҳои нави маъноӣ мегардад. Ба таври мисол, калимаи таърихии ***шӯша*** (ба маъноии шабнам) дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ ба шаклҳои шак (Шк.) // шакнам (Кҳ.) ва дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё бо калимаи шӯшанак (Қӯрғ.) ифода меёбад: *И съҳари́ бъсийор шак рехт (*Хов.) – Нисбат ба рӯзҳои гузашта ин саҳар бештар шабнам рехт; *Шӯшанак боридана сар куна, зимистон наззик-ай мегӯн пешангиҳо* (Қӯрғ.) – Ҳамин ки саҳаргоҳон шабнам бештар гардад, зимистон барвақттар фаро мерасад.

Дар осори Восифӣ ба маънии оби яхбаста истифодаи ин калимаро мебинем:

Сарриштаи офтоби сӯзон шуд,
Шӯша*и ях ба нимае дар он.*

[ФЗТ, ҷ. 2, с. 611]

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик калимаи рада мустаъмал нест. Ба андешаи забоншинос Ҳасанов А. дар фарҳангҳои асримиёнагӣ гунаҳои дигари калимаи ража: раҷа ва рада ба қайд гирифта шудаанд [Ҳасанов, 2003, с.148]. Ҳофизи Ӯбаҳӣ байни ин калимаҳо тафовути маъноиро қайд

намудааст, яъне калимаи рада – саф ва ража – таноб [ТА, 1992, с.150]. Калимаи тоҷикии ***рада*** дар осори Фирдавсӣ ба маънии саф, қатор омадааст:

Рада баркашида сипоҳаш ду мил,
Ба дасти чапаш ҳафтсад жандапил.

[ФЗТ,ҷ.2, с.115]

Истифодаи ин калимаи таърихӣ дар баъзе лаҳҷаҳои таҳҚиқшаванда дар шаклҳои рат ва радба чашм мерасад: *Ду рати дигар даравиданӣ шут (*Қ̄рғ.) – Ду қатори дигар алаф даравиданӣ шуд; *Ради севи шъмо-ра-м пебол кънем (*Крз.) – Қатори себҳои шумор ҳам пойбел кунем**.**

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик калимаи **кумоч** истифода намешавад. Калимаи мазкур ба маънии нони дар чарогоҳ зери хокистар пухташуда дар як қатор лаҳҷаҳои таҳҚиқшаванда ба шаклҳои **къмоч** (Нӯш., Қлб., Ҳиҷ., Хов., Ёх., Ҳак., Яр.) // **къмоч** (Қ̄ш.); **кӯмоч** (Қ̄рғ.) истифода мешавад.Дар шакли мураккаби **кумочқазон (Оқ.) ба маънии** як навъ нон, ки хамири онро дар дег ё тоба андохта дар зери алов гӯр мекунанд, низ меояд. Дар лаҳҷаҳои Бойсун ин калима, аслан, ба маънии нони зери хокистар пухташуда барои саг корбаст мешавад. Дар лаҳҷаҳои ҷануб **гънди (**Хов., Ток., Шуг., Даҳ.,Сам.) то андозае ҳаммаънои он аст, ки он нони сабӯсини махсус барои саг, инчунин чорво мебошад.

Ин калима дар осори шоирони классик низ ба ин маънӣистифода шудааст:

Бигуфто коғазе, ку коғази рангини паргорӣ,
Ки пиндорам кумоҷи сурх аз хашхош афшонӣ.

[ФЗТ, ҷ.1, с.573]

Яке аз калимаҳои таърихиву асили тоҷикӣ, ки дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ мавқеи устувори корбаст дорад, ин калимаи **буна** (ба маъниҳои

хоҷагӣ, хонавода ва ҳавлӣ) мебошад. Ба андешаи профессор Ғ. Ҷӯраев «Воҳиди луғавии бъна / буна / дар Ёвон бана / ҳамчун унсури таърихӣ дар лексикаи лаҳҷаҳои ҷанубӣ истеъмоли васеъ дорад. Аз таҳқиқотҳо пайдост, ки калимаи мазкур дар забони форсии миёна ба намуди **бнак** истифода мешудааст. Шояд таърихи ин калима боз ҳам қадимтар буда, шакли ибтидоии он ба унсури луғавии paryāna, ки Л.Г.Герсенберг таҳти решаи pr ифодаи мафҳуми «двор» (ҳавлӣ) -ро барои забонҳои ҳиндуэронӣ овардааст [Герсенберг, 1972, с.211], вобаста бошад» [Ҷӯраев, 2017, с.96].

Ин калима дар осори классикон сервазифа буда, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маъниҳои асбобу анҷом, рахти хона, мол; муҳимоти аскарӣ; манзил, хона корбаст шудааст [ниг.: ФЗТ, ҷ.1, с.573]

Дар осори Фирдавсӣ калимаи буна чун дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба маънии хона омадааст:

Чу Симурғро бачча шуд гурсина,
Ба парвоз- бар шуд баланд аз буна.

Маънии ин калима дар шеъри Саъдӣ низ далолат ба макон дорад:

Ба ороми дил хуфта андар буна,
Чӣ донанд ҳоли шикамгурсина?!

[ФЗТ,ҷ.1, с.573]

Дар «Таърихи Бадахшон» ба маънии хонавода истифода шудани калимаи ***буна*** ба назар мерасад: «…*донист, ки буна, яъне хонавода ва аҳли аёл аз кӯтал гузашта, ба манзиле расиданд*» [ТБ, с.18].

Калимаи мазкур дар осори Румӣ ба маънии асос, поя, бунёд ба кор рафтааст:

Худ буна-в бунгоҳи ман дар нестист,
Яксавора нақши ман пеши сатист.

[Румӣ, 2001, с. 312]

Дар лаҳҷаҳои ҷануб калимаи **бъна // буна** ба маъниҳои хоҷагӣ, оила меояд: *Ватандори асли´ ҳамиҷа- дъ се бъна-ай* (Хов.) – Мардумони таҳҷоӣ дар деҳа ҳамин се хоҷагӣ мебошанд; *Сарҳисови бън-о-ша ай муйсафедо магар-ам пурсем* (Ғеш) – Миқдори чанд хонавода будани ин деҳаро аз мӯйсафедон бояд пурсем.

Дар гуфтори тоҷикони Вахон ба шакли **бънеча // бънича** калимаи мазкур маънии бумӣ, таҳҷоӣ, аслӣ дорад. Маъниҳои дигари калимаи мазкур дар лаҳҷаҳо дар ин шакл ифода наёфтаанд.

Ба хусусияти маъноии калимаи таърихии буна муҳаққиқон таваҷҷуҳ намудаанд. Забоншинос Кабиров Ш. дар осори хаттӣ ба маънии дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ мустаъмалаш омадани онро қайд менамояд: «... лашкариёни ӯ дар ҳини убури кӯчу буна аз кӯтал галаву рамаи мардуми Туркиёро.... бо худ худ бурданд [Кабиров, 1972, с.4].

Доираи маъноӣ ва хусусиятҳои забонии ин унсури таърихиро профессор Ғ. Ҷӯраев ба таври мукаммал шарҳ медиҳад: «Калимаи бъна // бунаи лаҳҷаҳои ҷанубӣ бо калимаи мустақили бун алоқаманд аст. Далели ин қиёс он аст, ки маънии калимаи бун, аслан, «бех, реша, асос» буда, бо маънии буна хеле пайвастагӣ дорад, зеро ҳар як хоҷагӣ ё хонавода ба реша, авлод (ба қавли намояндагони лаҳҷаҳои ҷануб) -и муайян асос меёбад. Агарчи имрӯз калимаи бун бевосита ба ивази «реша», «авлод», «бех» ва ғ. наояд ҳам, дар таркиби калимаҳои сохта, мураккаб ё ибораҳо аз қабили бунёд (дар шеваҳо буннот), баногӯш (буни гӯш, дар шеваҳо банагош // банагуш), буни гардан ва амсоли ин тақрибан ҳамон маъниро далолат менамояд. Вале маънии «буна»-ро ба бун тамоман айниятдор ҳисобидан мумкин нест. Балки мафҳуми буна нисбат ба бун васеътар буда, он ба ғайр аз асос ё решаи хоҷагӣ (аҳли оила) инчунин ашёи рӯзгорро дар бар мегирад» [Ҷӯраев, 2017, с.96-97].

Калимаи **варғ** дар баъзе лаҳҷаҳои шимоли тоҷикӣ, аз ҷумла лаҳҷаҳои Бойсун, ба маънии банди об ва ҷӯяк истеъмол мегардад: *Варғ-о-йа ниго кун, ки замин-о накӯчан боз* (Қӯрғ.) – Банди обравҳоро нигоҳ кун, ки заминро накӯчонад.

Муҳаққиқи рус А.Л. Хромов дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикони ноҳияи Мастчоҳ дар қатори як гурӯҳ калимаҳо варғро низ ба забони суғдӣ мансуб донистааст [Хромов 1962, с. 74-75].

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаи мазкур чунин шарҳ ёфтааст: «варғ банди оберо гӯянд, ки аз чӯбу шох, сангу хок сохта мешавад» ва барои намуна аз осори Рӯдакӣ намуна оварда шудааст:

Об ҳар чун бештар ниру кунад,
Банду варғи сустбуда барканад.

[ФЗТ, ҷ.1, с.226]

Дар осори классикон **гурз** олоти ҷангист. Дар осори Абушакури Балхӣ ва Фирдавсӣ ба ин маънӣ омадааст:

Парад руҳаш аз дидани бурзи ӯ,
Кафад мағзаш аз ҳайбати гурзи ӯ.

***

Инонпечу гурдафкану гурздор
Чу ман кас набинад ба гетӣ савор.

[ФЗТ, ҷ.1,с.296]

Вобаста ба пешрафти ҷомеа ин навъи силоҳ дар соҳаи ҳарбӣ дигар истифода намегардад.

Ин калима дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё маҳдудистеъмол буда, ин хусусиятро дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ низ мушоҳида менамоем. Барои ифодаи асбоби сангкафонӣ калимаи мазкур ба кор бурда мешавад: ***Гурзи*** *Исмоил хонешон-да-й-у намет*ʷ*йа* (Қӯрғ) – Асбоби сангкафонии Исмоил дар хонаи ӯст, вале онро

намедиҳад. Дар гӯйишҳоиҷанубии забони тоҷикӣ ба шакли амуд истифода шудани онро мушоҳида менамоем: *Ай зарби* ***амуд*** *ҳамита шид (*Ғеш) – Баъди ба пояш зарби амуд хӯрдан ба ҳамин аҳвол афтид.

Дар «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ калимаи **ғужб** (хӯшаи ангур) дар ду шакл ғужб ва ғужм [ЛФ, с.39; с.184] омадааст. Ин калимаро дар осори Абулалои Шаштурӣ ба ин маънӣ мебинем:

Биёвар он ки гувоҳӣ диҳад зи ҷом, ки ман
Чаҳор гавҳарам андар чаҳор ҷой мудом:
Зумуррад андар токам, ақиқам андар ғужб,
Суҳайлам андар хум, офтобам андар ҷом.

[ФЗТ, ҷ.1, с. 656].

Дар лаҳҷаи Бойсун дар шакли ғуҷум ин маъниро дорост: *Йак-ду ғуҷум партой-ед, пур шава.*

Бояд қайд намоем, ки дар осори хаттии пешин пӯсти донаи ангур ба шакли **ғужм** корбаст шудааст:

Он хӯша бин чунонки яке хики пурнабиз
Сарбаставу набурда бад-ӯ даст ҳеҷ кас,
Бар гунаи сиёҳии чашм аст ғужми ӯ,
Ҳам бар мисоли мардумаки чашм аз ӯ тагас.

[ФЗТ, ҷ.1, с. 656].

Ба андешаи мо, шакли **ғуҷум**, ки дар Бойсун корбаст мешавад, ба калимаи **ғужб** бештар робитаи маъной дошта, дар ин қолиб шакл гирифтани он шояд аз маънии дигар – **ғужум** маншаъ гирад. Дар лаҳҷаҳои ҷануб калимаи **ғавҷала** (Шк., Ғк., Ҷк.) ба ин маънӣ меояд.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик калимаи кашк дар ифодаи маъниҳои чаккаи хушккардашуда, қурут; навъе аз таом аз орди гандум ё ҷав, бо шири гӯсфанд (монанди ҳариса); ҷави резакардашуда истифода намешавад, ки барои осори хаттии пешин ин маъниҳо мустаъмал буданд.

Дар осори Фирдавсӣ он дар шакли ибораи изофии *нони кашкин* ба маънии нони ҷавин омадааст:

Ба чуппин дарафганд ногаҳ сараш,
Ҳамон нони кашкин ба беш-андараш.
[ФЗТ, ҷ.1, с.546]

Кашк дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ номи таомест, ки аз кӯфтаи (ярмаи) лӯбиё, нахӯд, гандум ва каллаву поча тайёр мекунанд: *Гандъм-а чъкида кашк медозем* (Лахш) – Гандумро хуб кӯфта, баъдан кашк омода месозем; *Гандъми нимколапази шахнашида-ай, дълмъл-а месузунъм-ъ кашки савз менем* (Каҳ.) – Гандуми нопухтаро бирён намуда, кашки сабзранг мепазем.

Калимаи мазкур дар лаҳҷаҳои Бойсун ба маънии таоме меояд, ки аз гандуму гӯшт ва равған тайёр мекунанд: *Дарткам кашк-а мехӯрам* (Дарб.) – То сер шудан кашкро мехӯрам; *Оч-еш кашкойи бобойи´ мепухт-ай* (Қӯрғ.) – Модараш бисёр кашки бомаза мепухтааст.

Ин калима муродифҳои луғавии зиёдро дар лаҳҷаҳо дорост. Ба таври мисол, С. Раҳматуллозода чун кашк истеъмол шудани калимаи танираро дар Дарвоз зикр менамояд: «**танира** – хӯрок, ки аз омехтаи гандуми кӯфта, чакка, қаламфур, мурч тайёр мешавад ва онро хушк мекунанд, дар зимистон онро тар карда мисоли кашк истеъмол мекунанд» [Раҳматуллозода, 2014, с.56].

Калимаи **ованг** дар гузашта ба маънии ресмон ё канаб, ки бар он меваҳоро меовехтанд, корбаст мешуд. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба

ин маънӣ корбаст шудани онро дар осори Рӯдакӣ ва Анварӣ мушоҳида менамоем:

Чун барги лола будаам ману акнун
Чун себи пажмурида бар <u>овангам</u>.

***

Духтари раз, ки ту бар торами токаш дидӣ,
Муддате шуд, ки бар <u>ованг</u> сараш дар канаб аст

[ФЗТ,ҷ.1, с.895]

Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ин калима тобиши нави маъноӣ пайдо кардааст. Он дар шакли **ованг (**Вқ.) ба маънии асбоб (ӯғурча, ҷувозак) барои кӯфтану ярма кардани гандуму нахӯд ва ғ. корбаст мешавад.

Калимаи **<u>овашк</u>**, ки аз ҷиҳати шакл ва ифодаи маънӣ ба **ованг** алоқамандӣ дорад, дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ бештар дар шаклҳои **йоваш // йовашк (**Вқ., Қ.) рӯйкаши нақшунигордори рави хона (бештар аз чӯби тут, зардолу, чормағз месозанд); гоҳо ғӯлачӯби кунгурадори оро додашудаи болои сутунро низ гӯянд; **овашк (**Лахш, Тд., Ҳич., Яр., Ст., Гх., Дк., Ёз., Лан.) чӯби зери болор, дастакҳое, ки аз болои онҳо болорҳоро мегузоранд, корбаст мешавад. Ба шаклҳои гуногуни ин калимаҳо ва ифодаи маъноии онҳо забоншиносон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, аз рӯзгори куҳан сарчашма гирифтани онҳоро дар зиндагии ин манотиқ қайд намудаанд [Андреев, 1958, с.449; ТКД, 1970, с.33]. Бояд қайд намоем, ки калимаи **овринг (**Мум., Хов., Сх., Дҷ.) ҳаммаъноии**ованг** буда, тори либос ва ангуровезӣ аст.

Калимаи **<u>капук</u>,** аслан, дар забони адабӣ корбаст нашудааст. Истифодаи ин калимаро забоншинос В.А. Капранов дар «Луғати фурс» қайд намудааст [Капранов, 1964, с.149-150]. Калимаи мазкур дар осори хаттӣ ба мушоҳида намерасад. Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ин калима дар шаклҳои **капук // капък (**Дҷ., Ог., Ҳак., Ан., Ёл, Пор., Мум., Хов.) //

капул (Қлб., Сам., Шв.) ба маънии парандаи осмонранг, инчунин паранда: куку меояд. Назар ба маълумоти забоншинос Х. Ҳамроқулов калимаи **капук** дар лаҳҷаи Дарбанд ҳам истифода мешавад, вале дар ин минтақа он тамоман маънии навро касб намудааст: капук – молҳои хароб (бузу гӯсфанд), ки барои парвариш кардан аз дашт ба ҳавлӣ меоранд [Ҳамроқулов, 1961, с.239].

Дар хусуси ин қабил калимаҳои таърихӣ андешаи забоншинос Ғ. Ҷӯраев ҷолиби диққат мебошад: «Чунон ки мебинем, аксари калимаҳое, ки барои забони давраи адабиёти классикӣ ва лаҳҷаҳои ҷанубӣ умумианд, ба ҷумлаи воҳидҳои луғавии тоҷикӣ-эронӣ, яъне моли худӣ тааллуқ доранд. Азбаски лаҳҷаҳои ҷанубӣ он калимаҳоро бевосита аз забони форсии нав мерос гирифтаанд, кофтукову ҷустуҷӯи шаклу маъниҳои қадимтари онҳо аз доираи тафсилот берун нест» [Ҷӯраев, 2017, с 109].

Калимаи **тутак** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» маънии найро дошта, дар ифодаи маъноии он аз ашъори Муҳсини Таъсир ин мисраъҳо оварда шудаанд:

Зи шадди тутакиӯ андак-андак
Хирад қолиб тиҳӣ созад чу тутак.

[ФЗТ,ҷ.2, с.380]

Ин калима дар гузашта ба шакли тӯтак низ корбаст шуда, аз қамиш сохта шудани он қайд гардидааст [Неменова, 1956, с.163].Ҳоло ин калима дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ истифода шуда, ифодаи маъноии он бо **тута** то андозае рабт дошта, «дар шароити ҳаёти имрӯзаи лаҳҷаҳои ҷанубӣ **тутак** дар ифодаи маънии анъанавӣ давом карда, тута хоси чандин предметҳои мушобеҳ шуда мондааст, яъне ҳудуди онҳо ҷудо аст» [Ҷӯраев, 2017, с.108].

Дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» шакли **тутак** чунин маънидод шудааст: тутак[1] (Қ.) анат. банди даст; тутак[2] (Бдх.) беморие, ки шахс ҳангоми кӯҳбароӣ бар асари баландии фишори атмосферӣ ё норасоии ҳаво ба он гирифтор мешавад; тутак[3] (Дб., Хов., Ҳич., Яр., Нд., Нз.) асбоби мусиқӣ [ФГҶЗТ, с.699].

Корбасти онро дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё мушоҳида нанамудем. Дар гӯйиши тоҷикони Сурхондарё шакли адабии най ба кор бурда мешавад.

Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ калимаи **палонҷ** истифода намешавад. Дар шакл ва ифодаи маъноӣ он бо калимаи адабии **банонҷ** мувофиқа дорад, яъне банонҷ **//** палонҷ, яке аз ду зани як шавҳар нисбат ба зани дигар мебошад. Дар осори Шаҳиди Балхӣ ин шакл ба кор бурда шудааст:

Ҳаменасозад бо доғи ошиқӣ сабрам,
Чунон куҷо бинасозад банонҷбози банонҷ.

[ФЗТ, ҷ.1, с.140]

Ин калима назар ба нишондоди муҳаққиқС. Иброҳимов дар «Ақоид-ус-нисо»-и Возеҳ ба ҳамин маънӣ корбаст шудааст [Иброҳимов, 1971, с.27]. Ҳангоми таҳқиқи корбасти диалектизмҳо ва баррасии онҳо дар осори Ҷалол Икромӣ забоншинос Ш. Раҳимова овардааст: «Палонҷ низ яке аз унсурҳои шевагии серистеъмоли асарҳои адиб мебошад. Аслан, он луғати суғдист ва ҳоло танҳо дар доираи баъзе лаҳҷаҳои шеваи шимолӣ, мисли Бухоро, як қисм лаҳҷаҳои тоҷикони водии Сурхондарёи Ӯзбекистон дар истеъмол аст» [Раҳимова, 2013, с.110].

Сохтори овозии он ба суғдӣ буданаш далолат мекунад, ки ба ақидаипрофессор В.А.Лившитс, «палонҷ» аз «Pnonz»-исуғдӣ /пнънч/ ба вуҷуд омадааст. Калимаи мазкурро дар лаҳҷаи Қӯрғонча ба шакли баланҷ ба маънии яке аз ду зани як шавҳар дучор омадем: *Ар рӯйи гапойи*

уно балнҷ-аш ду чушми вайа вахти касал-еш кофта гирифт-ай – Аз суханони онҳо бармеояд, ки дар вақти беморияш ду чашмони ӯро кундошҳояш кофта гирифтаанд.

Дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ба ҷойи калимаи банонҷ, асосан, калимаи **кундош** ба кор бурда мешавад. Бояд қайд намоем, ки дар лаҳҷаҳои ҷануби ин калима ба қайд гирифта нашуд ва барои ифодаи ин мафҳум калимаҳои шевагии **амбоғ** ва **бохчун** истифода шудаанд.

Исмҳои таърихии **ҳанг** ва **фара** дар ифодаи маънойқаробат дошта бошанд ҳам, гунҷоиши маъноии калимаи **ҳанг** васеъ ба назар мерасад. Ин калима дар луғот ба маъниҳои вазн; дониш; қудрат, қувват; осеб; ирода; сипоҳ; шикофи кӯҳ; як ҷуръа об омадааст [ФЗТ, ҷ.1, с.730].

Дар лаҳҷаҳо бо гузашти вақт маъниҳои зиёди ин калима аз байн рафта, ба маънии қуввату дармон омадани он маъмул аст. Дар лаҳҷаҳои ҷануб корбасти онҳо чунин шарҳ ёфтааст: «Калимаи мазкур дар лаҳҷаҳои дигар (махсусан, гурӯҳи Кӯлоб, Қаротегин,вахиёй-қаротегинӣ) бо воҳиди луғавии**фара** иваз мешавад, ки он ҳатто дар худи Файзобод ҳам истисно нест. Масалан, чунин ҳолат мушоҳида шуд, ки намояндаи шева ҳам «ҳанг надорум» ва ҳам «фара надорум» мегӯянд. Ё худ ҳолатҳои аз калимаҳои «ҳанг» ва «фара» ба воситаи префикси бе- баробар сохта шудани сифатҳо (ҳамчун беҳанг – бефара ба маънии «беқувват», «заиф») ба назар мерасад. Умуман, калимаи **ҳанг** ба зами маҳдуд будани территорияи интишораш дар айни як мавзеъ ба муродифи худ бархӯрда, аз бобати истеъмол ҳам мавқеи худро суст кардааст» [Ҷӯраев, 2017, с.101].

Бояд қайд намоем, ки дар лаҳҷаҳои Бойсун низ ба маънии қуввату дармон омадани онро мушоҳида намудем: *Хами Дароз-а ра-ш одам-а ҳанг-аш-а меканона (*Қӯрғ.) – Роҳи Хами Дароз ҳанги одамро меканад. Дар гӯйишҳоиҷанубӣ калимаи фара бештар дар ин маънӣ ба кор бурда мешавад: *Фарайи ай ҷо хестан надор-ум* (Дҷ.) – Қуввати аз ҷой хестан надорам.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаи асили тоҷикии **анбон** чунин шарҳ ёфтааст: «халтаи чармини сафарӣ; озуқахалта; саночак, анбона» [ФЗТ, ҷ.1, с.68].

Калимаи **анбон** дар осори Рӯдакӣ ба маънии халтаи чармин омадааст:

Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,
Асо биёр, ки вақти асову анбон шуд.

[ФЗТ, ҷ.1, с.68]

Ин калима дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё мушоҳида нагардида, дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ он ба шакли анбу дар ифодаи маънии халтачаи чармии сафарӣ корбасти фаъол дорад: *Пеш вах анбу мегъфтан, акъ занбила (*Ҷф.) – Ин халтаро пештар анбу мегуфтанд, ҳоло занбила*; Нуни анбу бамаза-ай (*Хт.) – Нони халтаи сафарӣ бомаза аст.

Калимаҳои **корсон** – зарфи калони табақмонанди чӯбӣ, ки дар он хамир кунанд; **тавора** –девори аз шохҳо кашида; **охол** – ҳар чизи афкандани ба мисли пӯчоқи мева, хасу хошок, хокрӯба; **кашкӯл // качкӯл** – косаи заврақшакл (бештар аз пӯсти норҷил – кокос), ки дарвешон ба китф овехта ё ба даст гирифта мегарданд; **бунлод** – бунёд,таҳкурсӣ ва ғ. дар осори хаттии пешин ба назар мерасанд. Гурӯҳе аз ин калимаҳоро дар осори шоирони классик мушоҳида менамоем:

Истифодаи *тавора* дар осори Шоҳин:

Ту худ зи хона наёй бурун, ман аз лаби бом
Назар ба сӯи ту чанд аз паси тавора кунам?

[ФЗТ, ҷ.2, с.301]

Калимаи *охол*дар осори Фаррухӣ:

Аз бас гули маҷҳул, ки дар боғ бихандид,

Наздикиҳама кас гули маъруф шуд охол.

[ФЗТ, ҷ.1, с.941]

Истифодаи калимаи *бунлод* дар осори Фароловӣ:

Лодро дар бинои муҳкам неҳ,

Ки нигаҳдори лод бунлод аст.

[ФЗТ, ҷ.1, с.941]

Калимаҳои мазкур ҳоло дар забони адабии ҳозираи тоҷик корбаст нашуда, дар лаҳҷаҳои ҷануб мустаъмаланд: **карсун** // **карсу** // **карсон** // **корсон** // **корсун** (Б., Ск., Каз., Кк., Шуг.) табақи калони чӯбӣ, ки бештар дар он хамир мекунанд: *Икарсуни хамир-ай* (См.) – Ин карсон барои хамир кардан аст**; тафора (**Ғор., т. – ишк.) чиғ, чапарак, девори бофта (аз навдаи дарахт); **охол (**Дм., Нӯш., Қлб., Яр.) партов; хокрӯба: *Да тайи охоло угам будана дърумааст (*Дм.) – Вақти дар даруни хокрӯба будан ӯ ба наздаш даромадааст.

Калимаи **бунлод** дар шаклҳои **бълуна (**Пор) // **бънлов** (Вқ.) // **бънлод** (Қ.) дар ҷануб ба маъниҳои таҳкурсӣ ва маросими хонасозӣ меояд: *Иҷа қишлоқ-ай, бълуна-ра мустаҳкам мекънем* (Дҷ.) – Ин ҷой деҳа аст, пойдевори хонаро мустаҳкам мекунем.

Калимаи **каҷкул** // **качкул** // **кашкул (**Хм.,Шм.) зарфи ба шакли кишти сохташуда, ки қаландарон бар синаи худ мебастанд ва чизҳои дар гадоӣ гирифтаи худро дар вай меандохтанд ва ғ.

Воқеан, дар ифодаи мафҳумҳои исмӣ калимаҳои асили тоҷикӣ корбасти зиёд дошта, бо гузашти вақт шаклу маънии онҳо тағйир меёбад ва набудани далелҳои муътамад моро водор месозад, ки дар хусуси гурӯҳе аз ин қабил калимаҳо ба таври умумӣ хулосабарорӣ намоем. Лаҳҷаҳо сарчашмаи муътамад дар нигаҳдошти асолати забони миллӣ ба ҳисоб рафта, ҳоло калимаҳои зиёдеро аз нигоҳи шаклу ифодаи маъноӣ метавон дар ин бахш ворид намуд.

Ба таври мисол, калимаҳои **зов (**Бойс., Қ̄урғ.) ҷарӣ; **чалма (**Дҷ., Сч., Хҷ.) чирк, қарқи бадан; (Қ., Шк.) муҳосира, иҳота; (Вқ., Қ) матое, ки чӯпонон ба шакли салла ба сар мепечонанд; (Қ̄урғ.) саргини бузу гӯфандон; **ваґри´** (Қ̄урғ.) омос, варам; **варди´** (Қ̄урғ.) ҷарӣ; **ґавза (**Қ̄урғ.) як дастаи алаф, қавза; **ґаранг (** Сина) санги калон; **чуґ (**Қ.) // **чӯґ** (Қ̄урғ.) қ̄ур, ахгари оташ; **заґома (**Қ̄урғ.) моҳихона; **таштак (**Вқ., Қ.) ташт, дастшӯй, лаган; тоси калони мисӣ ё сафолӣ; **девлох (**Вқ., Қ.) // **делвох** (Лахш,Мс., Хум., Хт.) айлоқ, чарогоҳи тобистона**;** (Мт., Хт.) хонаи сангин ё худ каппае (коґазе), ки дар чарогоҳи тобистона месозанд; **пътк // путк (Ёз.)** болґаи калон; **катхудо // катхъдо (**Вқ., Бдх., Қ.) меҳмондӯст, меҳмоннавоз; (Шк., Бдх., Қ.) зандор, оиладор; **пича // печа** (Вқ., Кҳ., Қ., Шк.,Ґк.) гесӯвони майдабофӣ; (Ёх., Хов.) чаккаи сар; (Вқ., Қ., Ґк.) гӯшаи (девораи) рӯйи оташдон; (Вқ.) девори ду тарафи дӯли осиё; **йалоґ // ялоқ** (Қ̄урғ., Ёх.) зарфе, ки дар он ба саг ва гурба хӯрок медиҳанд; **йарч (**Шк., Қ.), **арч (**Мум., Ґеш) // **арш (**Ҳиҷ., Яр.), **ач (**Ан., Ёл,Пор.) // **йаш (**Дор., Ток.) баландии фурӯрафта; **йафлоґун (**Қ̄урғ.) карсони хурд ва ғ. вобаста ба табиати забони зиндаи халқ дорои тобишҳои нави маънои гардида бошанд ҳам, ин калимаҳо далолат азтаърихи куҳани забони тоҷикӣмедиҳанд, ки бо гузашти вақт ба таґйиротҳои савтиву сарфӣ ва наҳвӣ дучор гардидаанд.

2.3.2. Ифодаи калимаҳои адабии китобӣ бо сифат

Дар доираи сифатҳо омадани калимаҳои хоси шева, ки онҳодар осори хаттии пешин мустаъмал буданд, вале бо сабабҳои гуногун ҳоло дар забони адабии ҳозираи тоҷик корбаст намешаванд, назаррас мебошад.

Калимаи таърихии ***хинг*** дар адабиёти классикӣ ба маънии аспи сафед ва ё хокистарранг истифода шудааст. Хингро аксари луғатҳои

қадима ранги сафед шарҳ додаанд. Аз ҷумла, дар «Ғиёс-ул-луғот» ба ҳамин маънӣ дар калимаи мураккаби хингбут (бути сафед) ба қайд гирифта шудааст [ҒЛ, 1987, с. 314].

Лаҳҷашинос М. Эшниёзов дар лаҳҷаҳо бо се маънӣомадани ин калимаро шарҳ додаст: 1. Замини аз кормонда ё хоки кабуд; 2 Пӯст ва ё машки равғани заҒир ва ё шиннӣ нигоҳ медоштагӣ; 3.Дар шакли таркибии хару хингила ба маъниҳои хару хутук, хару асп [Эшниёзов, 1967, с. 97].Дар китоби «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» омадааст: «калимаи хинг… навъе аз рангҳои омехтаро (мисли сурхчатоб, сафеди сиёҳтоб, сабзи кабудтоб ва ғ.) нишон медиҳад» [ШҶТ, 1979, с.216].

Дар лаҳҷаи Қӯрғонча калимаи хинг дар таркиби хару хингил ба маънии таъкиди бисёрии хар истифода мегардад: ***Хару хингил**-а гирифта буромадан* – Харҳои зиёдеро гирифта, равон шуданд.

Ин калима дар лаҳҷаи Даштиҷум маънии «беранг», «рангпарида»-ро касб кардааст*: Кърта*и ***хинг-*** *и безеб, дига напуш-ъш* –Ранги ин курта паридааст, онро дигар напӯш**.**

Ҳиссаи хинг дар исми хоси **Хингоб** (номи дарё) имрӯз маълум аст. Рӯдакӣ хингро бо калимаи бед тарзе меорад, ки маънии калимаи хинг пурра аён гаштааст:

*Тани **хингбед** арчи бошад сапед*
Ба тарриву нармӣ набошад чу бед
[Рӯдакӣ, 1974, с.148].

Дар осори Рӯдакӣ калимаи «хинг» ба маънии асп низ омадааст:

Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯи дӯст,
Хинги моро то миён ояд ҳаме
[ОР, 1958, с.125].

Забоншинос С. Атобуллоев ин калимаро чунин маънидод кардааст: «як навъи кабуд ё сафеди хиратоб, ки майл ба кабудӣ дорад» [Атобуллоев, 1970, с.65].

Низомӣ онро ба маънии аспи сафеду хокистарранг кор мефармояд:

Куҷо гом зад хинги бодроми ӯ,
Замӣ ёфт сарсабзӣ аз гоми ӯ

[ФЗТ, ҷ.2, с. 478].

Баъди таҳлил ва муқоисаи андешаи муҳаққиқон ва шарҳи луғот забоншинос А. Ҳасанов дар бораи калимаи **хинг** чунин хулосабарорӣ менамояд: «Аз муқосаву муқобалаи андешаронии пажуҳишгарон метавон ба хулоса омад, ки вожаи хинг дар ибтидо танҳо дар ифодаи ранги сафед омада, баъдан нисбат ба аспе истифода гардидааст, ки дорои чунин аломат аст» [Ҳасанов, 2003, с.17].

Бояд қайд намоем, ки калимаи мазкур ҳамчун аломат ва номи ашё дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ сермаъно ба назар мерасад. Ҳангоми таҳқиқӣ гурӯҳи вахёӣ-қаротегинӣ А.З.Розенфелд ба ду маънӣ доштани он ишора менамояд: лой, ифлос, хокистарранг; пӯсти гӯсфанд, ки бо ҳаво пур карда шудааст [Розенфелд, 1960,с. 85].

Таҳлилу муқоисаи маводи лаҳҷаҳои мазкур нишон медиҳад, ки доираи маъноии ин шакли таърихӣ вобаста ба маҳалли интишор ягона нест: *Ранг-ъш хинг шидаст, съсал-ай-чи´ (*Мт.) – Ранги рӯяш паридааст, шояд бемор бошад; *Хингов-а ов-ъш хинг-ай, чува ки қуми кабут дора* (Пд.) Оби дарёи Хингоб барои он кабуд аст, ки реги кабуд дорад; *Дараҳо-ра ов-ъш хинг-ай, ай руйе ки пойонов-ан* (Ял.) Оби дарёи дараҳо аз он сабаб кабуд мебошанд, ки дар поёноб ҷой гирифтаанд; *Алафо хинг* (хушк, қоқ – Қ.С.) *шидан ай беборони´-ра* (Мс.) – Аз сабаби наборидани борон алафҳо хушк гардиданд ва ғ.

Дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда калимаи хинг ба маъниҳои зиёд истифода мешавад: (Кҳ.) **хинг** як навъи аспи хокистарии паст

(нуқрафом); (Дб., Кан.) **хинг** як навъ асбоби маскаҷудокунӣ; **хинг** (Қ.) машкест, ки дарунашро пури бод карда, аз дарёҳои калон мегузаштанд, гупсар; **хинг** (Лахш) безеб, зиштрӯ.

Дар шаклҳои сарфӣ ифода ёфтани маъниҳои гуногун: **хингак** (Ст., Ҳак., Ҳд.) хокистарранг, хокистар; **хингак** як навъ хорбуттаест, ки дар кирмакпарварӣ (барои печидани пилла) истифода мебаранд; **хингак** (Куг., Лш., Қлб.) номи моҳ, ки аз нимаи дуюми март то нимаи аввали апрел рост меояд; **хингбед** (Қ.) навъи бед аст,ки пӯсташ хокистарӣ бошад. Ин калима дар шакли ибораи **пӯсти хинг** (Вд., Каҳ., Нд., Нз.) ба маънии пӯсти хом меояд. Профессор Ғ. Ҷӯраев дуруст қайд менамояд, ки «калимаи хинг аз ҷумлаи он сифатҳоест, ки шумораи аломатҳои фарққунандаи лексикаи лаҳҷаҳои ҷанубиро афзун гардонидаанд» [Ҷӯраев, 2017, с.24].

Калимаи ***яла*** ҳоло дар забони адабии ҳозираи тоҷик мавриди истифода қарор надорад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» он чунин шарҳ ёфтааст: кушода, сар додашуда озод, раҳо... [ФЗТ,ҷ.2, с. 633].

Ин калима дар лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ ба ин маънӣмушоҳида мешавад: *Дара яла карда рафт* (Қӯрғ.) – Дари хонаро боз гузошту рафт; *Райи ма-ра **ела** карда рафт-ай* (Лм.) – Роҳи маро пурра кушода сохтааст ва ғ.

Калимаи ***яла*** дар осори Румӣ:

Имрӯз бубинӣ, ки киёнро яла кардӣ,
Имрӯз бубинӣ, ки киёнро бигузидӣ.

[Румӣ: ДК, 1993, ҷ.2, с. 274]

Ин калима ба ҳамин маънӣдар осори Фирдавсӣ омадааст:

Биёвард чӯпон ба майдон гала,
*Намонд эч бар дашт аспи **яла***

[ФЗТ, ҷ.2,с. 633].

Калимаи мазкур дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба шаклҳои **эла // ила (**Бдх., Ҷк.) **ба маънии** озод, раҳо кардан; кушодан меояд.

Калимаи ***кавдан*** дар гузашта ба маъниҳои аспи боркаш, аспи пир ва одами кундфаҳм истифода гардидааст. Дар осори Урфӣ ин калимаи таърихӣ ба маънии кундфаҳм омадааст:

Дарнагирад суҳбати Урфӣ ба шайхи савмаа,
К-ӯ ба зирак душману Урфӣ ба ***кавдан*** *душман.*

[ФЗТ, ҷ.1, с. 524].

Ин сифат дар шакли **кавда** (Дҷ., Дл., Ёл, Пор., Хҷ.) ба маъниҳои пургӯй, ҳарзагӯй меояд: *Одам пири мафлук шид, кавда мешава* (Ёл) – Инсон чун пир шавад, камфаҳм мешавад ва ғ. Ба шакли **кавдон** (Ҷк.) ба маънии кундзеҳн, кундфаҳм омадани он низ ба қайд гирифта шуд.

Ба қатори сифатҳои маҳдудистеъмоли хоси лаҳҷаҳо, ки дар осори хаттӣ ба қайд гирифта шуда, ҳоло дар забони адабии ҳозираи тоҷик корбаст намешавад, калимаи чалпасро метавон дохил кард, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ноуҳдабаро шарҳ ёфта, аз осори Садри Зиё мисоле оварда шудааст: *Эй* ***чалпас****, чаро мусоҳала кардӣ? Акнун зуд бош, он ҷонварро ба даст ор!* [ФЗТ, ҷ.2,с.520].

Дар лаҳҷаҳои ҷануб ин калима ба шакли **чалфас** ба маъниҳоиифлос, чиркин; танбал; беодоб; лоғар ва ғ. меояд: *Ови дари хуна лойолу-въ дъхтари ҳамсойа чалфас* (Хов.) – Оби дари хона лойолуду духтари ҳамсоя нокора; *Хуб одами чалфас бъдай-да, охи тез ҷъмб* (Сч.) – Аҷаб одами танбал будаӣ, тезтар ҳаракат кун; *Ҳаму бачайе-ра, ки диди-ш, чалфас-ай, гулако-ра озор мета* – Ҳамон писареро, ки дар роҳ дидӣ, одами бадкор аст, кӯдаконро озор медиҳад; *Се гулак дора, ҳар се-ш-ам хъроваҳаки чалфас* (Каҳ.) – Ӯ се кӯдак дорад, ҳар сеяшон харобу лоғар ва ғ.

Калимаи суғдии чағбут дар лаҳҷаи Бухоро ба маънии пахтакуҳна омадааст [Маҳмудов, 1989с. 238). Дар «Бурҳони қотеъ» ба маъниҳои

«пашм ва панба, ки дар ниҳолӣ ва лиҳоф ва монанди он кунанд, ва кӯхналиҳофи пора-пора» омадааст[БҚ, 1993, с. 312]. Дар асарҳои С. Айнӣ чағбут ва чағбутҷаллобӣ корбаст шудааст [ЛОА, 1978, с. 196]. Профессор Ш. Исмоилов маънии дар замони Рӯдакӣ маъмулбудаи калимаи мазкурро дар лаҳҷаи Қаротегин қайд намудааст [Исмоилов, 1972, с.19-20].

Ин калима дар лаҳҷаи Қӯрғонча ба маънии «парешон– мӯйи шонанашуда» истифода мегардад: *Раву мӯйи **ҷағбут**-ат-а шона кун.* Ва ин маънӣдар осори Рӯдакӣ омадааст:

*Мӯи сар–**чағбуту** ҷома римнок,*
Аз бурун–сӯ боди сарду бимнок
[ОР, 1958, с.362]

Тайён низ ба ин маънӣ кор мефармояд:

Чун яке чағбут пистонбанди ӯй,
Шир дӯшӣ з-ӯ ба рӯзе ду сабӯй
[ФЗТ, ҷ.2, с.536]

Забоншинос Ш. Раҳимова ҳангоми таҳқиқи корбасти диалектизмҳо дар осори Ҷалол Икромӣ хусусиятҳои калимаи мазкурро чунин шарҳ медиҳад: «чағбут» дар адабиёти классикӣ ба ду маънӣ –мӯи парешон, чигил ва пахтаи куҳнаю корфармуда истифода шудааст. Ҳоло вай дар қисме аз лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, аз ҷумла дар лаҳҷаҳои Бухоро, ба як маънӣ – маънии дуюм боқӣ мондааст ва Ҷ.Икромӣ маҳз ҳамин маънии онро дар асарҳои худ истифода бурдааст. Ба таъсири забони адабиёти бадеӣ ин унсури луғавӣ ҳоло дар «Луғати русӣ-тоҷикӣ»-и нашри нав низ сабт шудааст. Мураттибон онро дар тарҷумаи калимаи «тряпье» додаанд, ки бо калимаҳои «латтакуҳна, куҳнакола» ҳаммаъно шудааст. Дар ин маврид муаллифони луғат ба лаҳҷаҳои Бухоро ва адабиёти бадеӣ пайравӣ кардаанд» [Раҳимова, 2013, с.99].

Калимаи лак дар аксари лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ба маънии **гӯлу гаранг** меояд. Дар афсонаҳои халқӣ қаҳрамоне, ки ин хусусиятро дорост, Лак гӯянд. Дар байти Рӯдакӣ ба маънии хасис, мумсик низ омадааст:

Эй лак, ар ноз хоҳию неъмат,
Гирди даргоҳи ӯ кунӣ лаку пак

[ОР, 1958, с.362]

Калимаи мазкур ба шакли **лак** (Қ.) ба маъниҳои бисёр, хеле зиёд дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ хусусияти архаистии худро нигоҳ доштааст.

Дар лаҳҷаҳои Бойсун онро дар шакли лакка ба маънии нодон мушоҳида менамоем: *Ин лакка-йа дуйу дуйумбора хон-ет-да набинам* (Қӯрғ.) – Ин нодони аблаҳро ман дигар дар хонаат набинам.

Дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ дар баробари калимаи **лак** барои ифодаи аломати содагӣ калимаи **лалун** низ серистеъмол мебошад.

Аз омӯзиши маводи лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда бармеояд, ки теъдоди калимаҳои асили ифодакунандаи аломат дар лаҳҷаҳо зиёд мебошанд. Ба таври мисол, калимаҳои **качал** – каҷпой ва коҷ – олус дар осори хаттӣ корбаст шудаанд:

Калимаи **качалидан** дар осори Савдо:

Дар мамлакати ҳусни ту ишқам началидо,
Пои хирадам дар раҳи шавқат качалидо.

[ФЗТ, ҷ.2, с.559]

Ин калима дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда дар шакли **качал** (Шк., Ҷк., Қӯрғ.) ба маънии каҷпо, шахсе, ки кафи пойҳояш ҳамвору роҳгаштанаш душвор аст; *Йа малими качал-да во-хърд шидем (*Пор.); *Эй качал, рав корота соз кун* (Қӯрғ.)

Калимаи **коҷ** дар осори Румӣ:

Ах-ахе бардоштӣ, эй гичӣ коҷ,
То ки колои бадат ёбад ривоҷ.

[ФЗТ, ҷ.2, с.570]

Калимаи **коҷ** (Ғк., Ғор., Шк.) ба маънии чашмкаҷ дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ вомехӯрад: *Коҷала-ра бъгу даф шава, руш-а набинум дига* (Нр) – Ин чашмкаҷро бигӯ, ки аз ин ҷой дафъ шавад, рӯйи ӯро дидан намехоҳам ва ғ.

Калимаҳои зиёде амсоли **барзанги´** (Қӯрғ.) азимҷусса, бузургҷусса, калон; **барзангил** (Кҳ.) духтари хоҳарарӯс; **ғайбар** (Қӯрғ.) бузург ва ғ. бо шаклу мазмуни худ аз шаклгириҳои таърихӣ гувоҳӣ дода, ин қабил калимаҳо дар таркиби луғати лаҳҷаҳо дар доираи васеи лингвистӣ ниёз ба омӯзиш доранд.

2.3.3. Ифодаи калимаҳои адабии китобӣ бо феъл

Дар лексикаи феълӣ низ калимаҳои асилу таърихӣ фаровон ба назар мерасанд. Феъли **гуволидан** дар лаҳҷаҳо маънии ***сабзидан, нашъунамо ёфтан***ро дорад: *Сараки гандум-а дидед амак, а* ***гуволидан-аш*** *зӯр-еш маълумбуд* (Қӯрғ). Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ин калима истифода намешавад. Онро дар осори Тайён ба маънии дар гузашта маъмулбудааш: *андӯхтан* дучор омадем:

Бузургон ганҷи симу зар гуволанд,
Ту аз озодагӣ мардум гуволӣ.

[ФЗТ, ҷ.1, с. 276]

Дар ин шакл корбасти ин калимаро дар лаҳҷаҳоиҷанубӣ мушоҳида нанамудем. Ба шакли **гуволак // гъволак** (Қлб.) он ба маънии лойи лӯндакардашудаи хушк, ки аз он хона месозанд, меояд.

Ҳоло феъли **ёзидан** (ба маънии дар гузашта маъмули худ – дароз шудан) дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ истифода намешавад. Дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё онро мушоҳида намудем: *Баҳад ҷойи дод-еш йозидани´ шу-ас* (Сина) – Баъд ӯ дар ҷойи падараш хостааст, баҳузур дароз кашида шинад; *Боло-ш-да ёзида* (дароз кашида – С.Қ.) *шиштем* – Дар болои кат дароз кашида нишастем ва ғ.

Дар осори Фирдавсӣ ин калима истифода гардидааст:

Биёзид бозуву бикшуд даст,
Дар ӯ қуфли симин ба ҳам даршикаст

[ФЗТ, ҷ.1, с.414]

Феъли **жакидан** гарчанде дар забони адабии ҳозираи тоҷик истифода намешавад, доираи корбасти он дар осори хаттии пешин ва лаҳҷаҳои тоҷикӣ васеъ мебошад. Ба андешаи профессор А. Ҳасанов «гунаи жакидан таҳти таъсири забонҳои шимолӣ-ғарбии эронӣ пайдо гардидааст. Дар фарҳангномаҳо ба ҷуз аз шакли жакидан инчунин гунаҳои закидан, ҷакидан ба қайд гирифта шудааст. Ҳар се гунаи вожаи мавриди таҳлил ҳанӯз дар осори манзуму мансури қарни X мустаъмал гардидааст» [Ҳасанов, 2003, с.159].

Ин калима дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ корбаст мешавад: *Гуфт-ум-ут нажак* (Ғеш) – Ба ту гуфтам, ки бисёр налаҷ.

Дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ба ду шакл омадани калимаи мазкурро мебинем:

Ҳама раҳ зи доно ҳаме лаб макид,
Фуруд омад аз аспу чанде жакид.

[Шоҳнома, ҷ.8, с.364]

Бигуфт ину теғ аз миён баркашид,
Зи хуни Сиёвуш фаровон закид.

[Шоҳнома, ҷ.1, с.431]

Дар осори Кисоӣ ин калима ба маъниҳои *ғур-ғур кардан, зери лаб аз рӯйи хашму ғазаб худ ба худ гап задан*ро мефаҳмонад:

Эй табъи созвор, чӣ кардам? Туро чӣ буд?
Бо ман ҳаменасозию доим ҳаме жакӣ.

[ФЗТ, ҷ.1, с. 419]

Феъли **кебидан** низ аз калимаҳои асили тоҷикӣ мебошад. Дар лаҳҷаҳои Бойсун (ба маънии озурдаву монда шудан) ва баъзе лаҳҷаҳои ҷанубӣ (ба маънии тарсидан, рамидан) ба кор бурда мешавад: *Ниго кун, баччеш **кебид**-ай ад дасти ин кампири зол-а* (Қ̄ урғ.) – Нигоҳ кун, писари ӯ аз дасти ин кампири зол озурда шудааст; *Нарав, ки мекеба* (Қ.) – Нарав, ки ӯ метарсад.

Забоншинос Х. Ҳамроқулов ба маънии «кӯчондан ва пинҳон намудани касе ё чизе» омадани ин калимаро дар лаҳҷаҳои Дарбанд ва Бойсун қайд менамояд [Ҳамроқулов, 1961,с.239]

Он дар фарҳанг ба маънии аз роҳи рост баромадан, бо роҳи каҷ рафтан, каҷ рафтан шарҳ ёфта, ба ин маъниҳо аз осори Фирдавсиву Шаҳиди Балхӣ мисол оварда шудааст:

Макебед *в-аз ростӣ магзаред,*
Чу додандатон панди хуш, бишнавед!

***

Ё раб, биёфаридӣ рӯе бад-ин мисол,
*Худ раҳм кун бар уммату аз роҳашон **макеб.***

[ФЗТ,ҷ.1, с. 549]

Феъли **пакидан** дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ бештар истифода гардида, ба маънии ҳарзагӯй, лаққидан меояд: *Съғерай ақлақ, иқа бъсйори бад напаки´* (Хов.) – Кӯдаки камақл, ин қадар ҳарзагӯй накун.

Ин калима дар фарҳанг ба шакли пак дар осори Хисравонӣ ба маънии қурбоққа, ғук омадааст, ки бо маънии дар лаҳҷаҳои ҷануб ифодаёфта робитаи маъноӣ дорад:

То кай ҳамедароиву гирдам ҳамедавӣ?
Ҳаққо ки камтариву фажогантарӣ зи ***пак****.*

[ФЗТ, ҷ.2, с. 20]

Феъли **ковидан** дар осори хаттии адабиёти тоҷик ба назар расида, дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ камистеъмол мебошад. Ин калима дар фарҳанг ба маънии тавалло ва зорӣ кардан меояд:

Эй ошиқи дилсӯз в-аз коми дили худ дур,
Менолу ***ҳамечов****, ки маъзурӣ маъзур.*

[ФЗТ, ҷ.2, с. 546]

Аз таҳқиқи лаҳҷаҳои ҷанубӣ бармеояд, ки феъли содаи ковидан ҳоло дар гуфтугӯй ба маъниҳои зиёд корбурд дорад: **шино кардан** (Ёз): *Ҳини съғераги´-да Хингов-ънда мечовидем, ай у ру-и ру мезгаштем (*Ёз.) – Дар ҷавонӣ дар дарёи Хингоб шиноварӣ мекардем, аз ин тараф ба он тарафи соҳил мегузаштем; **пош хӯрдан** (Лахш) *Ов занад-ам ҳар тараф-да ковидан мегира –* Об мавҷ занад ҳам, шиновариро идома медиҳад.

Феъли **ёрастан** маънии «тавонистан, қудрат ва тавоноӣ доштан, ҷуръат доштан»дорад [ФЗТ, ҷ.1, с. 415].

Дар лаҳҷаҳои Бойсун он ба маънии ҷуръат накардан дар шакли инкории «наёрист», «намеёра» истифода мегардад: *Гурз-а даст-еш шикаст, намейора бурда Хуррам-да т^{и}йайа* (Қ̄урғ.) – Дастаи амуд (асбоби сагкафонӣ – Қ.С.) шикастааст, ӯҷуръат надорад, ки онро ба Хуррам бурда диҳад.

Дар осори Рӯдакӣ ин калима ба ҳамин маънӣба кор бурда мешавад:

Наёрам бар касе ин роз бикшуд,

Маро аз ҳоли ҳиндуи ту бифнуд

[ОР, с.495].

Феъли **турунҷидан**ро устод Рӯдакӣ ба маънии кӯфта шудан, кашида шудан истифода кардааст:

Ҷон турунҷидаю шикаста дилам,

Гӯӣ аз ғам ҳаме фурӯгисилам.

[ОР, с.158].

Дар «Бурҳони қотеъ» дар шарҳи он овардаанд: «ба маънии сахт дарҳам кашида ва кӯфта шудан; ва чин ба ҳам расонидан ва дуруст гардонидан бошад» [ниг.: БҚ.,с. 280].

Ин феъл дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ имрӯз ба маънии *сахт кашида бастан, фишурдан* истифода мешавад: *Сев-а метърънҷан-ъ ов-ъш-а мегиран* – Себро афшурда, обашро мегирад*; Шарбати ангър-а йа дам-да търънҷид* – Шарбати ангурро да як лаҳза фишурда гирифт (Лахш).

Калимаи **полуд** дар ин байт ба маънии «тоза кардан» омадааст:

Зар (р) бар оташ куҷо хоҳӣ полуд,

Ҷӯшад, лекин зи ғам начӯшад чандон.

[ОР, с.24]

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ин шакли феълӣ истифода намегардад. Дар лаҳҷаи Қӯрғонча ба ин маънӣ омадааст: *Шир-а полону (*аз симэлак гузаронидани шир барои тоза гаштан аз хас ва мӯйи ҳайвон) *туршӣ зан, ки хоб намерава* – Ширро аз симэлак гузаронида, ҷурғот зан.

Ё ҳангоми биринҷро софӣ кардан гӯянд: *Биринҷ-а полон* (обашро ҷудо кун). Дар баъзе аз лаҳҷаҳои ҷанубӣ низ ин калима ба ҳамин маънӣ корбаст мегардад: *Полонем, руған-ъш ҷидо мешид-ъ дуғ-ъш ҷидо; Шир-а*

*бъполон, ма мийом (*Хов.) – Агар онро полонем, равғанаш ва дӯғаш ҷудо мешаванд; Ширро аз симэлак (дока) гузарон, ман ҳоло меоям.

Яке аз маъниҳои калимаи «лат» дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин омадааст: «Лат-пора; лат-лат, пора-пора, тикка-тикка, порча-порча» [ФЗТ, ҷ.1, с. 594], ки дар осори Рӯдакӣ ҳам ҳамин маъност:

Чуғд, ки бо бозу кулангон парад,
Бишканадаш парру бол, гардад лат-лат
[ОР, с.207].

Дар шеваи шимол дар феъли таркибӣ чун ҷузъи номӣ дар шакли «лат задан» ба маънии омехта кардан, дар шеваи ҷануб «лат кардан» ба маънии кӯфтан бо даст ва калтак меояд: *Чакка-йа гиру худат лат зан* (Қӯрғ.) – Чаккаро бигиру худат лат зан; *Чиба лат-уш накарден? (*Дҷ.) – Чаро ӯро лату кӯб накардед? ва ғ.

Ин маъниро дар осори Хусрави Деҳлавӣ дучор омадем:

Лат ҳамаро хам кунад аз саҷда пушт,
Саҷдаи ангушт нигар пеши мушт.

Феъли **сахтан** дар адабиёти классикӣ ба маънии **вазн кардан, баркашидан** истифодаи васеъ дорад. Дар ашъори устод Рӯдакӣ омада:

Ҳамехариду ҳамесахт бешумор дирам,
Ба шаҳр ҳар ки яке турки норпистон буд.
[Рӯдакӣ, 1974, с. 56]

Дар осори Фирдавсӣ омадааст:

Чу бозоргонро дирам сахта шуд,
Фиристода аз кор пардахта шуд.
[ФМШФ, 1992, с.323]

Муаллифони «Ғиёс-ул-луғот», «Фарҳанги забони тоҷикӣ» низ ин калимаро ба маънии вазн кардан шарҳ додаанд.

Ин феъл асоси замони гузаштаи **санҷидан** мебошад, ки имрӯз унсури камистеъмоли лаҳҷавист.

Феъли тосидан дар лаҳҷаҳои Бойсун ба маънии гандидан, вайрон шудани хӯрок меояд: *Вай-а нахӯр, ки тосид-ай, касал мешав**и´*** (Қӯрғ.) – Он хӯрокро нахӯр, ки гандидааст, бемор мешавӣ.

Дар «Маснавии маънавӣ» он дар шакли **тосонидан** ба маънии **фишурдани гулӯ** меояд:

Ки бигӯяд душмане аз душманӣ
Оташе фардо занад дар мо данӣ.
Ки битосонид ӯро золиме,
Бар баҳона (й) масҷид, ӯ буд солиме.

[ММ, 2001, с. 319]

Профессор А. Ҳасанов дар хусуси ин навъи вожаҳо, аз ҷумла тосидан, қайди ҷолиб дорад: «Дар осори садаҳои X–XIII чанде аз вожаҳое мавриди истифода қарор доранд, ки аз лиҳози вижагиҳои овоӣ мансуб ба забонҳои шимолӣ-ғарбии эронӣ (портӣ) ё шарқӣ-эронӣ (суғдӣ) ҳастанд. Мусаллам мегардад, ки чунин вожаҳо дар қарнҳои зикргардида дар тамоми қаламрави забони тоҷикӣ густариш доштанд ё ақаллан дар муҳовараи соҳибони сарчашмаҳо маъмул буданд... Чунин вожаҳо низ чун гурӯҳҳои дигар муддате дар осори хаттӣ истифода гардида, баъдан аз доираи он берун мондаанд, дар забони форсии муосир низ мустаъмал нестанд, вале дар гӯйишҳои забони тоҷикӣ то ҳол маҳфузанд».

Дар «Таърихи Байҳақӣ» омадааст: «Тосидан шояд аз калимаи тос бошад ба маънии беқарорӣ» [ТБ, 1371, с. 485].

Баррасии хусусиятҳои таърихии лексикаи феълӣ, доираи интишор ва ифодаҳои маъноиву гуногуншаклии онҳо дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба таври густурда (муқоисаи онҳо бо осори шоирону

нависандагон ва корбасташон дар гӯйишҳои форсиву дарӣ) аҳаммияти муҳим дошта, корбасти калимаҳои зиёде ба монанди **хелида** (Вқ.) дӯст, ҳамроз; **чамидан** (лангидан); **вел** (ба маънии андармон, банд): **чавел (**Ёз.) каҷпо, ки мурғобивор роҳ гардад; феълҳои таркибии **лош (**ғорат) *кардан;* **реж** (нақша, тартиб) *кашидан*дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда аз маҳфуз мондани асолати забони тоҷикӣ дар лаҳҷаҳо далолат медиҳад.

2.3.4. Ифодаи калимаҳои адабии китобӣ бо зарф

Корбасти калимаҳои асили таърихӣ дар доираи зарф ва ҳиссаҳои дигари нутқ дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷануби забони тоҷикӣ нисбат ба феъл ва сифат камтар ба назар мерасанд.

Калимаҳои ***чошт, чоштгайӣ*** дар лаҳҷаҳо таҳқиқшаванда, аз ҷумла дар шакли ибораи изофии ***чошти арӯс*** (баъди 3 рӯз ба арӯс хӯрок мебаранд) дар лаҳҷаи Даштиҷум [ниг.:Замонов, 2008, с.31] серистеъмол мебошад: *Чоштгайӣ нахӯрда будам* (Қӯрғ.) – Аз дами субҳ то ҳол чизе нахӯрда будам*; Чошти аруси-ра кай гуфтен?* (Дҷ) – Маросими чошти арӯсиро кай таъин кардед? ва ғ.

Дар осори Рӯдакӣ ин калима чун ифодакунандаи вақти муайян, «ҳиссаи якум аз чор ҳиссаи рӯз, ки дар он вақт офтоб паҳн мешавад» омадааст:

То саму сар бароварид аз дашт,
Гашт зангоргун ҳама лаби кашт.
Ҳар яке корде зи хон бардошт,
То пазад аз саму таомаки чошт.

[ОР, с.155]

Калимаҳои **анде** (ба маъниҳои танҳо, бигзор, каме, аммо, хеле, кошки, боз, агар) дар лаҳҷаҳои ҷануб истифодаи васеъ дорад: *Анде*

найо-йа, ма хъд-ша мебин-ум рузи туй-да (Ғеш) – Бигзор ӯ наояд, ман рӯзи тӯй ӯро мебинам.

Калимаи мазкур дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин маънидод шудааст: а) бувад ки, бошад ки; б) хоса ки, махсусан ки…; в) барои он ки, чаро ки, зеро ки (ниг.:ФЗТ, с.74).

Дар осори шоирони классикӣ ин калима ба ин маъниҳо ба назар мерасад:

Унсурӣ онро ба маънии «бувад ки» меорад:

Гар гулистон зи боди хазон зард шуд, равост,
Анде ки сурх бошад рӯйи худойгон.

Дар осори Асири Ахсикатӣ ба маънии «барои он ки» меояд:

Бо он ки ман аз ишқи ту расвои ҷаҳонам,
Ҳам розиям анде ки ту зебои ҷаҳонӣ.

Калимаи суғдии олуғда дар лаҳҷаҳои Бойсун ба маънии «ҳамроҳ» дар феъли таркибии «олуғда шудан» меояд: *Ҳама кор-да олуғда нашав*.

Дар ин байти Рӯдакӣ ба маънии «хашмгин» омадааст:

Шери олуғда, ки берун ҷаҳад аз хона ба сайд,
То ба чанг орад оҳуву оҳубараро.

[ОР, с.180]

Олуғда дар «Бурҳони қотеъ» ва «Туҳфат-ул-аҳбоб» ҳам ба маънии хашмолуд, қаҳролуд эзоҳ дода шудааст [БҚ, с.50; ТА, с.130]. Ба забони суғдӣ мансуб будани онро А.Л.Хромов дар мавриди таҳқиқи»Лаҳҷаҳои тоҷикони ноҳияи Мастчоҳ» қайд менамояд [Хромов 1962, с.74-75].

Яке аз чунин калимаҳои асил бегор мебошад, ки дар ашъори Рӯдакӣ ба маънии кори бемузд, ройгон, кори маҷбурии бемузд ба корбурда шудааст:

Чун фароз омад бад-ӯ оғози марг,

Диданаш бегор гардонду маҷарг.

[ОР, с.133]

Калимаи мазкур дар лаҳҷаҳои ҷануб дар шакли **бегор (**Кп.) ба маънии як навъи зарфи чӯбӣ меояд. Аз муқоисаи шеваҳои дигари забони тоҷикӣ бармеояд, ки ба маънии пешинаи худ ин калима дар лаҳҷаи Дарвоз мустаъмал аст: *Бача-м-а вегор-иш (*ба кори бемузд, яъне ҳашар) *бурдан.*

Дар лаҳҷаҳо маҳфуз мондани калимаҳои асили тоҷикӣ ба табиати забони зиндаи халқ вобаста буда, бо гузашти вақт ин қабил калимаҳо ба тағйироти шакливу маъноӣ дучор мешаванд, ки омӯзиши ин раванд аҳаммияти калони илмӣ дорад.

Хулосаи боби II

Дар боби дуюми диссертатсия роҳҳои ташаккули калимаҳои хоси шева баррасӣ шудааст, ки натиҷагирии илмиву амалиро ба таври зайл метавон овард:

1. Баръакси калимаҳои забони адабӣ ва лексикаи умумихалқӣ ташаккули калимаҳои хоси шева бо роҳи калимасозии морфологӣ дар доираимаҳдуд амалӣ гардида, калимасозии пасвандӣ ин гуфтаи моро бори дигар собит менамояд.

2. Дар калимасозии пасвандӣ унсурҳои морфологии ***-ак (-ок, -ик), -ӣ (-гӣ), -а*** аз воситаҳои калимасози сермаҳсул башумор рафта, дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда бо пасвандҳои***-ин (-ина), -ич, -ча*** низ ташкил ёфтани ин гурӯҳи луғавӣ маъмул мебошад.

3. Раванди рехташваии (лексиконидашавии) калимаҳои шевагии сохта вусъат пайдо карда истодааст, инчунин доираи корбасти унсурҳои калимасоз дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда ягона набуда, дар муқоиса ба гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ аз гунаҳои дигари пасванди -ак (**ак, -**

ок,-ик, ък, -ек ва–**ук)** танҳо шаклҳои **-ак**ва **-ук** дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё корбаст мешавад.

4. Навъҳои гуногуни калимаҳои мураккаб бештар дар доираи исм воқеъ гардида, чанд зинаи калимасозиротай кардани ин шаклҳои морфологӣ дар доираи калимаҳои хоси шева диққатҷалбкунанда мебошад: (ҷол // ҷувол – халтаи калон+дӯз=сӯзани калонҳаҷм; ҷолдӯз+ак= як навъи ҳашароти хурд; ҷолдӯзакчушм муодили ибораи изофии озоди ***шахси чашмонаш шабеҳи чашмони ҷолдӯзак***) ва ғ.

5. Дар гӯйишҳои тоҷикони ҳавзаи Сурхондарё мувофиқати шакливу маъноии иқтибосоти туркӣ нисбат дар доираи калимаҳои хоси шева ба гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ бештар мушоҳида мешавад, ки ин омил ба ҳамзистии бевоситаи онҳобо мардуми ӯзбекзабон алоқамандӣ дорад.

6. Мавқеи калимаҳои эрониасл, бахусус суғдӣ, дар ин қабати луғавӣ устувор буда, калимаҳои арабӣ нисбат ба иқтибосоти туркӣ-муғулӣ ва русӣ бештар истифода шудаанд.

7. Аз маънии аслӣ дур рафтани калимаҳои иқтибосии арабӣ бештар мушоҳида гашта, калимаҳои туркӣ-муғулӣдар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда муродифоти луғавии адабӣ ва ё умумихалқии худро доранд, калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ дар ин қабати луғавӣ маҳдудистеъмол мебошанд.

8. Калимаҳои адабии китобӣ дар гӯйишҳо вобаста ба муҳити ҷуғрофӣ ба тағйироти шакливу маъноӣ дучор гардидаанд, дар минтақаҳои дурдаст истифодаи ин қабил калимаҳо бештар ба назар расида, дар ифодаи маъноии онҳо низ тағйирот камтар ба амал омадааст.

9. Калимаҳои адабии китобӣ бештар дар доираи исм ифода гардида, бо сифат ва феъл низ ифода ёфтани онҳо маъмул аст, дар ифодаи калимаҳои адабии китобӣ зарфҳо дар муқоиса ба ҳиссаҳои номбаршуда камтар ба кор бурда мешаванд.

БОБИ III

ТАСНИФОТИ МАВЗУИИ КАЛИМАҲОИ ХОСИ ШЕВА

Дар лаҳҷашиносӣ таснифоти мавзуии қабатҳои луғавии гӯйишҳо муҳим мебошад. Дар лаҳҷашиносии тоҷик таснифоти мавзуии луғати гӯйишҳо бештар дар доираи калимаҳои умумихалқӣ сурат гирифтааст. Даҳсолаи охир муҳаққиқон ба омӯзиши калимаҳои хоси шева низ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, ки ин равия ҷанбаи амалӣ ва илмии таҳқиқоти онҳоро бештар мегардонад. Дар забоншиносии тоҷик таснифоти мавзуии қабати луғавии лаҳҷаҳо ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор дошт [Мақсудов, 1977; Набиева, 1980; Исмоилов, 1982; Бурҳонова, 1982; Қаҳҳоров, 1991; Кабиров, 1995; Мирзоев, 1998; Узбеков, 2007; Замонов, 2008; Гадоев, 2012; Убайдов, 2013; Сулаймонов 2019; Юсупова, 2019 ва диг.]. Дар ин самт таҳқиқоти мукаммали профессор С. Раҳматуллозода назаррас буда, он аз нигоҳи услуби таҳқиқ навгониҳои зиёди илмиро фаро гирифта, дар забоншиносии тоҷик аввалин корест, ки фарогири низоми мавзуии лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқии забони тоҷикӣ буда, ба гуфтаи муаллиф «гурӯҳҳои зерин дар ташаккули таркиби луғавии шеваҳо нақши муҳим доранд: воҳидҳои луғавии марбут ба хешутабор, истилоҳоти ифодакунандаи ҷашни арӯсӣ, истилоҳоти марбут ба ҳавлӣ, хона ва хонасозӣ, анвои хӯрок ва масолеҳи хӯрокворӣ, зуруфоти марбут ба хӯрокворӣ ва тарзи пухту паз, калимаву истилоҳоти марбут ба узвҳои бадан, калимаву истилоҳоти марбут ба ҳайвонот, марбут ба парандаҳо, марбут ба дарахтони мевадор ва бемева, номи анвои зироатҳои полезию ғалладона, анвои алафу гиёҳ ва буттаҳо, анвои ҳашарот ва хазанда ва ғайра» [Раҳматуллозода, 2014, с.5].

Бояд қайд намоем, ки вобаста ба тарзи зиндагиву урфу одат, вазъи иҷтимоиву маданӣ ва муҳити ҷуғрофӣ таркиби луғавии лаҳҷаҳо аз

ҳамдигар фарқ доранд. Барои муайян намудани хусусиятҳои мавзуии калимаҳои хоси шева дар асоси мазмуну мундариҷа дар ду гурӯҳ: ашёӣ ва ғайриашёӣ, тасниф намудани онҳо мувофиқи матлаб мебошад. Албатта, дараҷаи корбасти калимаҳои хоси шева нисбат ба калимаҳои умумихалқӣ маҳдудтар ба назар расида, дар таснифоти мавзуии ин қабати луғавӣ мо интихобан бо баррасии чанд гурӯҳи назаррас иктифо менамоем.

3.1. Таҳқиқи лексикаи ашёӣ

Вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ таснифоти мавзуии луғати гӯйишҳоро дар асарҳои соҳаи лаҳҷашиносӣ гуногун мебинем. Мо дар таснифоти мавзуии калимаҳои хоси шеваи гӯйишҳои таҳқиқшаванда бештар ба гурӯҳҳоиашёии ҳаётан муҳим диққат додем, ки онҳо фарогири тарзи зиндагии мардум, вазъи иҷтимоӣ, касбу кор, урфу одат, мафҳумҳои марбут ба олами растаниву ҳайвонот мебошанд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо лексикаи ашёиро шартан дар доираи чунин гурӯҳҳо баррасӣ менамоем: 1. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ; 2. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи мафҳумҳои марбут ба хона ва ҳавлӣ; 3. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи хӯрокворӣ ва мафҳумҳои марбут ба он; 4. Калимаҳои хоси шеваи марбут ба либос, асбобҳои зебу зиннати инсон ва ҳунари гулдӯзӣ; 5. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи номҳои ҳайвонот, паранда ва ҳашарот; 6. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи номҳои растаниву гиёҳ ва дарахту буттаҳо; 7. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи номи узвҳои бадан ва бемориҳо; 8. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи ҷашну маросим ва ҳунарҳои мардумӣ.

3.1.1. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ

Калимаҳои ифодакунандаи хешутаборӣ таърихи куҳан дошта, бо гузашти вақт ва таъсири забонҳои дигар (асосан, арабӣ ва туркӣ) дар ин гурӯҳи луғавӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал омадааст, ки муҳаққиқон дар асоси маводи лаҳҷаҳо онро ба таври васеъ баррасӣ намудаанд [Писарчик, 1953; Маҳмудов, 1964; Розенфелд, 1976; Ҷӯраев,1970; Зайниддинова, 1973, 1980; ШҶЗТ, 1981; Исмоилов, 1982; Гадоев, 2012;

Сангинова, 2012; Абдуллоева,2013; Раҳматуллозода, 2019; Сулаймонов, 2018 ва диг.].

Аз баррасии калимаҳои хешутаборӣ дар лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ бармеояд, ки муодили лаҳҷавии ин қабил калимаҳо дар ифодаи шаклу маънӣбо шаклҳои забони адабӣ ва лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ бештар мувофиқат дошта, бо дарназардошти ин нукта дар гурӯҳҳои калимаҳои хешутабории марбут ба ҷинси занона, мардона ва умумиҷинс мухтасаран таснифнамудани калимаҳои хоси шева дуруст аст:

а) Калимаҳои хешутабории ҷинси занона. Дар ин гурӯҳи луғавӣ калимаҳои хоси шева бинобар сабаби тағйироти савтиву овозӣ, шаклгириҳои мураккаби морфологӣ ва дигар хусусиятҳои забонӣ аз муодили адабии худ фарқият пайдо кардаанд. Вобаста ба талаботи нутқ воҳидҳои забонӣ ихтисор мешаванд. Ҳангоми ихтисор гардидани калима дарки маънӣхалал намеёбад, вале бо гузашти вақт ҳатто барои соҳибони забон муайян намудани нахустшакли онҳо душворӣ пеш меорад. Ба таври мисол, калимаи **казха**ро (Тагнов) меорем, ки он шакли ихтисорёфтаи калимаи **катхудозода** буда, ба маънии шахси олиҳиммат меояд. Бояд қайд намоем, ки дар водии Зарафшон мардони оиладор, сарвари хонаводаро **кадхудо** ва ё **кадхудомард** мегӯянд.

Бо ҷузъи таърихии кат ташаккули калимаҳо дар гӯйишҳо мавқеи муҳим дорад. Дар гӯйишҳоиҷанубии забони тоҷикӣ калимаи **катбону** нисбат ба зани кордону хонаобод ба кор бурда шуда, доираи инкишофи маъноии онро дар минтақаҳои алоҳида мушоҳида менамоем. Ин калима дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё нисбат ба занони пазандаву хушкор ба кор бурда мешавад. Дар лаҳҷаҳои ҷануб бештр шаклҳои **катбону // кайбону** маъмул буда, ба шакли **кайвону** дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё дар истифода аст. Ҳодисаи ихтисор дар калимаҳои **авú // вú // бú; хийар** (Сғ.), **ма, холазо (**Вқ.) ва ғ. ба назар мерасад. Забоншинос Н. Гадоев истифодаи калимаҳои хешутабории

қънғол, ахта // адъхта ба маънии духтар ва **авратина, бъна, кахоза, бапича**ро нисбат ба зан қайд намудааст» [Гадоев, 2012, 60].

Калимаҳои хоси шева дар ифодаи мафҳумҳои хешутабории ҷинси занона: **моҷон** (Бойс.) хоҳар; **амбоғ (**Бдх.) палонҷ, кундош; **бохчон // бохчун**, **боғчон // боғчун (**Кан.) палонҷ, кундош; **пезача // пизача (**Вқ., Қ.) // **пирзача (**Шк., Ҷк.) // **пасача (**Лахш, Пд.) доя, момодоя; **бӯйинса** (Дарб.) дугона; **дасуда (**Бойс.) духтари номзадшуда ва ғ.

Вобаста ба шаклу маънӣ баромади як қатор калимаҳоро метавон туркӣ ҳисобид: **барзангил < зангил < сингил (**Кҳ.) духтари хоҳарарӯс; **йана (**Бдх., Вқ., Қ.) // **ана** (Ҷк.) хоҳаршӯй, ҳамшираи калони шавҳар; хоҳари шавҳар (Шуг., Ҳал.).

Ба ақидаи профессор С. Раҳматуллозода «Дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ ибора-истилоҳи **лави лата** мавҷуд аст, ки маҷозан ба **зан** далолат мекунад. **Лави лата,** яъне «заиф ва нозук будан» аст, ки аз хусусиёти занон маҳсуб мешавад ва аз рӯйи ин аломаташон онҳоро бо «лави лата» низ ном мебаранд»[Раҳматуллозода, 2014, с.16].

Дар калимаҳои **ришҷувак** (Вқ., Қ.), **ришҷуйак** (Шк.) ба маънии духтари навзод, **тайчагӯ** (Пор.) фарзанди охир, **мъшта // мъштак** (Шк., Ғк.) // **мъштък; мисқолак** (Қ.) далолат ба хурдии кӯдакҳамин хусусияти сермаъноиро мушоҳида менамоем. Калимаи **пошикаста** дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ба маънии духтари қадрас омада, дар гӯйишҳои ҷануб мафҳуми **паршикаста** бо тобишҳои нозуки маъноӣ аз он фарқ дорад. [ШҶЗТ, 1980, 197-198].Калимаи хоси шеваи **ҷеґа** (Вқ.) маънии модарандарро дорад. Калимаи иқтибосии **айшене** аз таркибҳои ошно+она ба вуҷуд омада, маънии модари рафиқи падарро дорад. Ин калима дар шакли **айшата** ба маънии падарошно низ дар Ҷиргатол мавриди корбаст дорад.

Дар шаклҳои гуногун омадани калимаҳои хешутаборӣ: **хор // хӧр** (Ғк., Шк.) // **хорък** (Ҷк.**) // хорчак** (Хов.) // **хӧрък // хувар // хийар // хоҳар (**Қ., Вқ.); **ҳарамӯ** // **hарамӯ** (Вқ.,Шк.) // **арамӯ** (Ҷк.) ва ғ.

б) Калимаҳои хешутабории ҷинси мардона вобаста ба шакл ва ифодаи маъноӣ дар қабати калимаҳои хоси шева дорои хусусиятҳои хос низ мебошанд. Бо калимаҳои хоси шева ифода ёфтани мафҳумҳои хешутаборӣ: **чага** (Бойс.) бачаи хурд; **адо** (Ғор.) падар; **бийар (**Ҷк.) додар // **бийор (**Бдх., Вқ., Қ., Шк., Ҷк.) бародар; **кавир (**Зев.) писари болиғ; **балък** (Ан., Ёл, Пор.), балък (Сғ.,Роғ) додар бародари хурдӣ; **лолък** (т. – вах.) додарак, муроҷиати навозишкорона ба касе (бештар ба кӯдакон) ва ғ.

Тағйироти савтӣ ва ихтисори калимаҳои хешутабории ҷинси мардона: **маак** (Вқ., Шк.), **марак, бо, дад, во, аво; бийор // бийорзо // бийорзода (**Вқ., Қ., Ҷк.). Бояд қайд намоем, ки дар гурӯҳи калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣҳодисаи ихтисоршавӣ ва тағйирёбии овозҳо дар забонигуфтугӯӣ зиёд ба назар мерасад:

чача – шакли ихтисоршудаи *бачача*

адо – шакли ихтисоршудаи *дадо* // додо

бийар – шакли итисоршудаи *бийодар* (бародар)

кавир – шакли тағйирёфтаи *кабир*

лолък – шакли тағйирёфтаи *лолак* (ба маънои лолу гунг дар ифодаи кӯдак) ва ғ.

Дар ин гурӯҳи луғавӣ сермаъноӣҳодисаи маъмулӣ ба ҳисоб рафта, дар ин замина маъниҳои нав дар лаҳҷаҳои алоҳида ба миён меоянд:**борсанг** (Қлб.) номи ҷузъи ҷувоз дар сари меҳвари ҷувоз; (Қ.) номи ҷузъи асбоби бофандагӣ буда, дар шакли сохтаи **борсанги´ (**Дт.) писарандар, писари ӯгай; **ҷаҳманд** маъшуқи зан (Вқ., Қ., Шк.); **сагболиғ** – ҷавони бабалоғатрасида (Б.). Дар ин калимаҳои мураккаби хоси шева тобишҳои нави маъноӣ пайдо кардани калимаҳоро мушоҳида менамоем, ки ин хусусият низ фарқиятро миёни гӯйишҳои алоҳида ба миён меорад.

в) Калимаҳои хешутабории умумиҷинс: Дар гуфтори тоҷикони Бойсун калимаи туркӣ-муғулии **бӯла** ба маънии фарзанди амак, хола ва таго меояд. Ин калима дар шаклҳои **бълък** (Ҷк.) **балък** (Ҷк., Роғ) маънии додар, бародари хурдиро ифода менамояд; **босалқа** (Бойс.) дугоникҳо; **боғи´** (Бдх.) угай ва ғ.

Дар шаклҳои рехта омадани калимаҳои хешутаборӣ: **фърбача** (Шк.) фарзандони амаку таго; Дар гуфтори тоҷикони Бадахшон калимаи **сънд** маънии фарзанди ғайриқонунӣ бадунёомадаро дорад. Ин калимаи дар шакли ибораи изофии **занаки санд // сънд** дар Навдонак ба маънии зани безурриёт истифода шудааст; **билод (**Бдх.) бунёд, асос, поя, таҳкурсӣ; ибтидо, оғоз ва ғ.

Табиати овозии лаҳҷаҳо боиси тағйири шакл кардани калимаи сағирача< сағрачък: чаґерък (Ҷк.,), чъґерък (Роғ, Ҷк.) гардидааст. Ин калима дар Роғ, асосан, ба кӯдаки то 5-сола далолат менамояд.

Дар лаҳҷаи Ғорон калимаи **абоса** (Ғор.) маънии фарзанди абераро дорад. Калимаҳои хос дар ифодаи мафҳумҳои хешутаборӣ: **ачғол** (Лахш, Ск., Хт.) оила, аҳли хонавода; **вандо** (Ток.) ақрабо, муттако, пушту паноҳ, ҳомӣ; **сартӯла** (Сина) фарзанди нахустин; **тумса** (Сина) фарзанди аввал; **ҳаваса** (Вқ., Ғк., Шк., Ҷк.) // **аваса** (Хғ., Дл., Шӯр.) фарабера, фарзанди абера; Ба шакли ихтисоршудаи **чага** (Шд.) ба маънои навзод, тифл омадани калимаи туркӣ-муғулии **чақалоқ**ро мушоҳида менамоем.

Дар ифодаи мафҳумҳои хешутаборӣ калимаҳои хоси шева дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда бо шаклу ифодаи маънӣ фарқиятро ба миён оварда, дар ифодаи ин гурӯҳи мавзуӣ калимаҳои адабӣ низ ҷойгоҳи махсусро ишғол менамоянд. Ба тағйироти чандзинавии овозӣ дучор шудани калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ диққатҷалбкунанда буда, вобаста ба маҳал дар вариантҳои зиёд омадани онҳоро мушоҳида менамоем.

3.1.2. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи мафҳумҳои марбут ба хона ва ҳавлӣ

Калимаҳои хоси шева дар ифодаи мафҳумҳои мансуби хона, ҳавлӣ ва асбобҳои рӯзгор мавқеи устувор дошта, ин омил ба вазъи иҷтимоиву иқтисодии мардум дар маҳалли муайян ва тарзи зисту зиндагии онҳо вобаста буда, ифодаи онҳо дар лаҳҷаҳо як қатор хусусиятҳоро дорост. Ин гурӯҳи луғавии лаҳҷаҳои ҷанубӣ диққати муҳаққиқонро барвақт ба худ ҷалб намуда буд [Неменова, 1956; Розенфелд, 1971; Ҷӯраев 1980]. Таснифоти мавзуии мансуби хона, ҳавлӣ ва асбобҳои рӯзгор аз ҷониби забоншиносон Ғ.Ҷӯраев ва С.Раҳматуллозода ба таври васеътар сурат гирифта, мавқеи калимаҳои хоси шева дар таркиби ин гурӯҳи мавзуӣ дар китоби «Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ» [Ҷӯраев, 2017; Раҳматуллозода, 2014] муайян карда шудааст.

Калимаҳои хоси шеваро дар ифодаи ин гурӯҳи мавзуӣ шартан ба се гурӯҳ ҷудо менамоем:

а) Калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои хона. Макони зисти инсон тӯли ҳазорсолаҳо шакл гирифта, мафҳумҳои мансуби он дар забон ва лаҳҷаҳои он бо шакл ва мазмунҳои гуногун ифода ёфтаанд. Дар лаҳҷаҳои мавриди назар вобаста ба ҷузъиёти хона шаклгирӣ ва ифодаи маънои калимаҳои хоси шева аз лексикаи меъёрӣ ва умумихалқӣ тафовут дорад.

Калимаҳоиифодакунандаи зербинои хона: Калимаи **бълуна (**Пор) // бънлов (Вқ.) // бънлод (Қ.) дар ҷануб ба маъниҳои таҳкурсӣ ва маросими хонасозӣ меояд [Маҳмудов, Ҷӯраев, 1997, 74]; Ин калимаҳо шакли ба тағйироти савтӣ дучоршудаи бунлод (таҳкурсӣ) мебошанд.

Дар Хуфар калимаи **кандук** ба маънии зербинои хона корбаст шуда, ин калима дар Тӯда ба маънии канаб, канабдона низ меояд. Ин калимаи асили тоҷикӣ, ба феъли кандан алоқамандӣ дорад, дар номгузории маҳалҳои водии Зарафшон ба шакли Кановак ба мушоҳида мерасад.

Калимаҳои ифодакунандаи навъи девори хона ва **мафҳумҳои мансуби он** корбасти истилоҳоти махсуси лаҳҷавӣ назаррас аст: **қъръм // қъръмб (**Даҳ); **пахса (**Ҷ.к.); **чим; гуволак // гъволак (**Қ.; Қлб.) лойи лӯндакардашудаи хушк; **қъръмпохса (**Хов.) кулӯхдевор; **ғӯрагил (**Қӯрғ;) кулӯхчинӣ байни чӯбҳои девор, иморат. Дар Шурообод ба болои хонаи нав рехтани хоки намнок**; делбоғ** (Қӯш.) нақшу нигори девори похсагӣ; **карсин (**Ғор.) нимдеворе, ки суфаҳои хонаи бадахшониро аз суфаи оташдон ҷудо мекунад; **кутарма (**Лахш, Мт., Хт.) деворе, ки аз чиму санг аз ду паҳлуи нови осиёб сохта мешавад.

Дар Бойсун калимаи мазкур ба маънии девори сангин чун зербино меояд; **қъръмпохса (**Хов.) кулӯхдевор; **кърчов (**Вқ.) андоваи тунуки девори хона; рӯкаши гилин; **шамди´** (Дарб.) риштаи ғафс барои бастани ашёҳои гуногун; **тӯлунг** (Бойс.) намади даврашакли махсус барои пӯшонидани ҷиҳози хона; **прам (**т. – вах.) // **пран (**т. – ишк.) барҷастагии уфуқии девори дохили хона; **арақчи´ (**Сам.) сархори сари девор; **белбоғ (**Ҳиҷ.) нақшу нигор, ки дар байни ҳар похсаи девор карда мешавад; **сафил (**Хов.) девори атрофи ҳавлӣ.

Ин калима дар лаҳҷаи Қӯрғонча ва Дарбанд ба маънии як лаҳза меояд; **миндал // мъндал (**т. – вах., т. – ишк.) нимдеворе, ки суфаро аз дигар қисмҳои хонаи бадахшонӣ ҷудо мекунад; **мойра** (Қлб., Ҳиҷ., Яр., Лахш) нақши девори похсагӣ ва ғ.

Калимаҳои ифодакунандаи вассаи хона ва ҷузъиёти он: васадаргъл // васадаргил (Қ.) мустаҳкам намудани нӯги дастаку вассаҳо ба атрофи бом бо лой; **овашк (Қ.) –** чӯби зери болор; **параґаваса (**Вқ., Қ.) вассае, ки аз ҳар гуна чӯбу тахтаҳои дурушт сохта шуда бошад; **валч // волч (**Ғор.) васса. Ин калима дар ифодаи ҷӯйи об ва қитъаи замин низ корбаст мешавад; **таврич (**Ғор., т. – вах.) навдаҳои борики болои болор; **қумоқ** (Қ.) – холигии байни вассаҳо; **нишк (**Гх.) кунҷи чизе; бурҷ, гӯша, тараф ва ғ.

Калимаҳои ифодакунандаи боми хона ва мафҳумҳои мансуб ба он: бонг // бунг // бънг (Вқ., Шк.) боми хона; **лабпарида (**Қ̄урғ.) гирдогирди бом; лаблӯл**и´ (Қ̄урғ.)** лойи гирдогирди бом**; кемък** (Вқ.), **къмък** (Бдх.) бом (аз хона); **пошке (**Вб.) болои бом; **изорак (**Чб.) хошоке, ки бо он болои боми хона пӯшида мешавад; **кув (**Кд., Нр., Сх., Хов.) ғ̄улачӯби дастадоре, ки бо он хоки боми хонаи навпӯшро шибба (сахт) мекунанд ва ғ.

Маънӣ ва доираи корбасти калимаҳои **рӯзан, харӯзан ва харкиштан // харпуштаро** профессор Ғ. Ҷ̄ураев чунин шарҳ медиҳад: «рӯзан ҳамчун унсури мувофиқи материали умумихалқӣ барои ҳамаи лаҳҷаҳои ҷанубӣ хос бошад, харӯзан // харкиштан // харпуштак, мувофиқи маводи ҷамъовардаи мо ва маълумоти муаллифони китоби «Таджики Каратегина и Дарваза» [2, 1970,29-53] хоси гурӯҳи Қаротегин аст. Аз ҷумла, харпуштак дар қишлоқи Сесангаи Обигарм ва ҳарузан дар деҳаи Зокирободи Ғарм ва ғ. қайд шудаанд. Калимаҳои мазкур исми сарпӯшҳои махсусанд, ки барои ба даруни хона нарехтани барфу борон аз болои равзана ва дуконҳо мегузоранд. Ин предметҳо шаклан бо соботчаҳои махсус шабоҳат дошта, аз чӯбҳои хурду борик бештар ба тарзи конусшакл сохта мешаванд» [Ҷ̄ураев, 2017, с.233]. Калимаи **тафгир (**Бдх.) ба маънии ҷузъе аз мӯрии дудбаро, ки пас аз паст шудани оташ онро баста, гармиро дар хона нигаҳ доранд, ҳаммаънои рӯзан аст; **кос (**Вқ., Қ.) болои (баландии) чизе; шифт, сақф; **шарафа (**Сам.) тахтаи камбар ва суфтае, ки дар гирдогирди сақфи хона мехкӯб мекунанд ва ғ.

Калимаҳои ифодакунандаи болори хона ва ҷузъиёти он: овашк (Лахш, Тд., Ҳич., Яр., Ст., Гх., Дк., Ёз., Лан.) чӯби зери болор, дастакҳое, ки аз болои онҳо болорҳоро мегузоранд; **нигас** (к-ҳ) // **нигаса** // **нъгаса** (ш-к); **пориса // пореса, пореста (**Хм., Шм.), **полиса** (Нав, . Ним., Қал.,Ял.) нӯгӣ болорҳои сақфи хонаанд, ки ба андозаи 30-40см. аз девор ба берун баромада меистанд; **йагру** (Ёз.) хонаи болорнок.; **кавза (**Сам., Шв., Ҳак.)

кабзафурӯмон, кавзафурӯмон, чӯбе, ки дар вақти сохтани хона аз болои сарраф мегузоранд; болору сутунҳои кандакорӣ кардашуда; **сартовала (**Кпн., Хҷ.) болори кӯндаланги хона, ки дар паҳлӯи хонаи истиқоматӣ гузошта мешавад; **теппатӯшуки´** (Бойс.) мӯрии болои хона ва ғ.

Калимаҳои ифодакунандаи кунҷи хона: қийғач (Қ., Шк., Вқ.) кунҷ, бурҷ; гӯшаи хона аз дарун. Ин калима сермаъно буда, барои ифодаи тарқиш, роғ (Шх.); алӯс, кач (Пб.); уреб, якбара (Ян.); **сари худро бо чизе пӯшонидан** (Бдх.) меояд. Калимаи **бълинг бълинг // бълънг (**Шк., Ғк., Қ.) кунҷ, бурҷ, гӯшаи хона аз берун; **лунгорак** (Бойс.) кунҷи беруни чизе ва ғ.

Дар лаҳҷаҳо барои ифодаи **навъи хона** ва**макони истиқоматӣ** калимаҳои хоси шева корбасти фаъол доранд: **қушхона (**Бдх., Ғк., Кҳ., т. – вах.,Ҷк., Шк.), қушғона (Дл.) хонаи меҳмонон дар ҳавлии суннатӣ. Калимаи мазкур дар шакли **қӯшхона** дар лаҳҷаҳои Бойсун ба маънии хонаи меҳмонон дар рӯзи тӯй истифода мешавад; **пътахък (**Ҷк.) хонаи дуобдаваноки шифташ паст; **гъмбък** (Ҷк.) хонаи похсагии шифташ паст; **анҷурхона // ганҷурхуна** (Лахш, Ёх., Нӯш., Мум., Хов.) **// ганҷулхона** (Ф.) **–** анбор; **аботак (**Вқ) болохонаи тобистона; **сич** (Хов.) таҳхона, хонаи зеризаминӣ, дар Сина калимаи **сич** растании баргаш сирмонанд аст; **алочиғ (**Вқ., Қ.) каппа, чайла; **калп // калф** ковокӣ ва камари кӯҳ; фарохии калони зери харсанг ё бағали кӯҳ, ки барои чӯпонон ва рамаву дигар ҳайвонот ҳангоми барфу борон паноҳгоҳҳисоб меёбад; **алончък (**Кҳ.) чайла, коза; **крич // кърич (**Бдх.) кулбаи сангини чӯпонӣ дар айлоқ; **чеп (**Ғор., т. – вах.) дидбонгоҳ, қаравулхонаи низомӣ; (Қӯрғ.) гирдогирди замини корамро чун хандақ кофтан ва ғ.

Калимаи **чала** дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ сермаъно буда, шарҳи онро чунин дарёфтем: «Дар даромадгоҳи хонаҳои типи қадима барои нигоҳ доштани ҳайвоноти навзод дар фасли зимистон хонаҷоҳои махсус сохта мешудаанд, ки дар қисми болоии лаҳҷаҳои вахиёӣ –қаротегинӣ <u>чала</u> (қ. Сарикенҷаи Ҷиргато) ва дар Қаротегин <u>хелчала</u> (қишлоқҳои Қаҳдара,

Шӯлхоб, Яхч) меноманд. Баландии ин предмет гоҳ ба 1,8 м расида,болои онро барои нигоҳ доштани ҳар гуна чизҳои рӯзгор истифода мекунанд» [Ҷӯраев, 2017, с.176]. Дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё калимаи **чала** ба ду маъно истифода мешавад: нопурра, норасида; чӯби нимсӯхта.

Калимаи **ҳел // ел (**Ҷк., Қ., Бдх.) ба маъниҳои майдони хурд, ки атрофи вайро бо шоху навдаҳо иҳота намуда, фасли тобистон ҳайвоноти майда (гӯсфанд, бара ва бузу бузғола) -ро нигоҳ медоранд ва (Б., Сх.) хоначаи зимистонгузаронии ҳайвоноти майда (хурд) истифода шудааст. Дар лаҳҷаҳо дар ифодаи мафҳуми хона ва навъҳои он доираи корбасти калимаҳои хоси шева васеъ буда, дар зербобҳои дигари рисола вобаста ба шакл ва таърихи пайдоиш онҳоро баррасӣ намудем.

Калимаҳои ифодакунандаи дари хона ва ҷузъиёти он:паскели´ (Ш.к) қулфи қафои дар; **бъғма** (В.қ.) тунукае, ки ба турми дар мечаспонанд; **бурсоға (**Сина) остона; **вори□□ (**Вқ.) рафи болои дари хона; (Қ.) пайраҳаҳои кӯҳӣ, ки мардуми маҳаллӣ аз навда, шохаву сангҳо тайёр мекунанд; дар лаҳҷаи Қӯрғонча калимаи мазкур ба шакли **варди´** ба маънии поёни айвони хона меояд; **кулул (**Ғор.) ғалтак (аз ришта); **пърнич (**т. – вах., т. – ишк.) остонаи дар ва ғ.

Калимаҳои ифодакунандаи ороишоти макони зист: чалғич (Лахш) рахи тасмашакли гирдогирди хиргоҳ (хонаи намадӣ), ки аз дарун кашида мешавад; **ангърт** (Хум.) рахи кандакорӣ кардашудаи чӯб, толор ва сутуни иморат; (Нз.) дандонаи атрофи тоқӣ, парпари тоқӣ ва ғ.

б) калимаҳои мансуб ба ҳавлӣ ва ҷузъиёти он. Барои пӯшонидани гирдогирди ҳавлӣ калимаҳои хоси шева корбасти фаъол доранд, ки онҳо бо тобишҳои нозуки маъноӣ аз ҳамдигар фарқ доранд: **камали´** (Вқ., Шк., Қ.) чӯбҳое (ходаҳое), ки барои ба якдигар пайваст нигоҳдоштани шохаҳои таворaи атрофи ҳавлӣ ё оғили тобистона ба тарзи уфуқӣ мебанданд. Калимаи мазкур ба маъниҳои чӯбҳои борике, ки аз болои

дастак гузошта мешавад (Мум.); дастаи гаҳвора (Хм., Шм.) низ меояд. Ба ин маънӣ дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда калимаҳои зиёд ба кор бурда мешаванд, ки вобаста ба мавқеи истеъмол сервазифа низ мебошанд: **чапарак** (Дҷ.) тавора, чиғ, девори бофта аз химчаву навдаҳо ё қамиш (най); чапар (Қ̄рғ.) девори хору чӯбин барои пӯшонидани гирди боғ ва ҳавлӣ; **шиғ // шъғ** (Вқ., Қ.) чиғ, тавора,чиғдевор, ки аз навдаву шохаҳои дарахту бутта ва қамиш сохта мешавад; **парит (**Қ̄рғ.) девори хасу хорин; **заварвори´** (Бойс.) банди ҳезум; **чавра** (Ёз., Кб., Кп.) // **чабра (**Хов., Шӯр.) чиғ, найҳои бо канаб бофташуда, ки тавассути ин атрофи ҳавлӣ, замини зироат ва нишастгоҳро иҳота ё панаҳ мекунанд; **сафил** девори атрофи ҳавлӣ ва ғ.

Дар лаҳчаҳо барои ифодаи ашёҳои мавҷуда дар ҳавлӣ ва мафҳумҳои ба онҳо алоқаманд калимаҳои хоси шева истифодаи васеъ доранд: **саҳан (**Мс., Хум.) саҳни рӯйи ҳавлӣ; **ҳота** // **hота** ҳаёт, ҳаёта, қитъаи обчакории назди ҳавлӣ, боғча. Дар лаҳҷаҳои Бойсун калимаи **h**айот (Қ̄рғонча) ба ин маънӣ меояд. Калимаи **танӯр** дар лаҳҷаҳо муодили зиёд дорад: **дегдон // дегдун, дейдон** (Даҳ., Зир., Крз., Лаґ., Кх., Кч.) дегдон, оташдон; ҷойи хӯроку нонпазӣ; **чагдон // чагдун // чакдон (Вқ., Ґк., Қ., Шк.) // чакдун (Ҷк.) // чаҳдон (**Тқ.) оташдон, танӯри заминӣ ва ғ. Бояд қайд намоем, ки вобаста ба шакл ва мавқеи корбаст онҳо маъниҳои гуногунро ифода менамоянд. Профессор Ғ. Ҷӯраев ба шаклу маънии ин калимаҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудааст: «Чаҳлак дар ду шакл дучор меояд: а) ба шакли чуқурии мудаввар, ки қадаш ба андозаи 50-60 см ва ба андозаи 60-80 см мебошад; б) ба шакли чуқурии нисбатан хурд ё аловхонаи сандалӣ. Предмети номбурда сарфи назар аз баъзе тағйиротҳои ҷузъӣ, ки вобаста ба анъанаҳои зиндагӣ дар ин ё он маҳал мушоҳида мегардад, асосан, ҳар ҳудуди Қаротегин (аз Ҷиргатол то Обигарм ва аз он ҳам ғарбтар), Вахиё ва Кӯлоб дучор меояд. Лекин номи он, ки ба ду шакл (агду // чакдон) воқеъ аст, на дар ҳамаи маҳалҳо интишор ёфтааст. Чунончи, шакли

чакдон (бо вариантҳои чағдон // чағдун // чакдон), асосан, дар лаҳҷаҳои шимолӣ ва ҷанубии Кулоб паҳн гардида, ҳудуди охири интишори он тақрибан ба нуқтаи охирини лаҳҷаҳои кӯлобии Ҳисор мувофиқат менамояд» [Ҷӯраев, 2017, с.175].

Барои ифодаи ҷузъиёти танӯру оташдон калимаҳои **ҷукзан // ҷугзан** (Вқ.) токчаи сари оташдон; **дамаха (**Ғор.) чуқурчаи назди оташдон; **удек // кудик // къдък** (Ғор.) чуқурии ҷониби чапи оташдон барои нигоҳ доштани ҳезум; **пузики´** (Бдх.) раф, равоқ дар қисми болоии танӯр ва ғ.истифода мешаванд; **жирай // ҷерай (**Бдх.) гили махсусе, ки бо он дохили танӯрро андова кунанд. Калимаи **пича // печа** сервазифа буда, бар замми маъниҳои гесӯвони майдабофишудаи ду чаккаи духтарону занон (Вқ., Кҳ., Қ., Шк., Ғк.); чаккаи сар (Ёх., Хов.); ҷойе, ки пояҳои сандалӣ меистад (Ғк.); девори ду тарафи дӯли осиё (Вқ.); мӯе, ки рӯйи пешонӣ қарор дорад; (Қ.) дар ифодаи гӯшаи (деворaи) рӯйи оташдон (Вқ., Қ., Ғк.) ҳам корбаст мешавад.

г) калимаҳои ифодакунандаи асбобҳои мансуб ба хонаву ҳавлӣ: **анҷан (**Бдх.) олати арғамчиншакле, ки аз химчаҳои тобдода сохта шуда, дар охираш ҳалқа дорад, ки онро ба дастаи бел дароварда, ҳангоми тоза кардани ҷӯйбор ё корҳои дигар бо он белро мекашад; **ба□стик (**Бдх.) навъе қайчӣ барои тарошидани пашми гӯсфанду буз; **бут** (Пор., Бдх.) кадуи махсуси дастадори заршӯй; (Бдх.); **васкат (**Кд., Кан., Хов., Мум.) // **воскат (**Бдх.) // **васка (**Дар.Н.) камзӯлчаи беостини абраву астардор; **кептък** (Оф.) камзулча; **гайчи´ (**Ҷк.) хокрӯба; хасу хошок; ифлосӣ, ахлот; **ошке (**Вқ.) шоха, панҷшох, чоршох (барои ғаллаболдиҳӣ, гирифтани алафу хосу хашок ва каҳ); ресмон, ришта; **сиғ: сиғи андарғас (**Сам., Шв.) шамъи сиёҳ; **чахт (**Вқ., Қ., Шк.) каҷ, қат; (Вқ., Шк., Қ., Ҷк.) кашак, чангаки нӯги арғамчин (ё чӯби каҷи нӯги арғамчин) ё девору сутун, ки ягон чиз меовезанд; (Мум., Сх., Хов.) хам, хамида; (Кҳ.) ҳалқаи чӯбии нӯги арғамчин (барои васл намудани нӯги дигари он) ва ғ.

Воқеан, доираи корбаст, ифодаи маъноии калимаҳои хоси шеваи мансуб ба хона, ҳавлӣ дорои як қатор хусусиятҳои забонист, ки вобаста ба мазмуну мундариҷа онҳоро дар зербобҳои дигари рисолаи илмӣ ба таври васеъ баррасӣ намудаем.

3.1.3. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи хӯрокворӣ ва мафҳумҳои марбут ба он

Вобаста ба урфу одат ва тарзи зиндагии мардуми ҳар як маҳалли тоҷикнишин анвои хӯрок ва мафҳумҳои ба он алоқаманд бо вуҷуди умумият фарқият низ доранд, ки диққати муҳаққиқони русро ин масъалаи муҳим барвақттар ба худ ҷалб намуда буд [Семёнов, 1908, с.52, 64; Арандаренко, 1899, с.467-469; Таджики Каратегина и Дарваза, 2, 1970, с.225-257 ва ғ.].

Ҳангоми баррасии ин гурӯҳи мавзуӣ ба калимаҳои ифодакунандаи асбобҳои рӯзгор ва зарфҳое, ки дар омодасозӣ ва нигаҳдориву истифодаи анвои хӯрокворӣ онҳоро ба кор мебаранд, диққат додан зарур аст.

Калимаҳои ифодакунандаи хӯрок барои инсон: Барои ифодаи атола вобаста ба маҳсулоти он мафҳумҳои зиёд корбаст мегарданд, на ҳамаи онҳо ба қатори калимаҳои умумихалқӣ дохил мешаванд: **гарсуз** (Кан., Хов.) атола, ордоба, таоми сабук, ки аз орду шир тайёр карда мешавад; **умоч (**Вқ., Қ., Қӯрғ.) навъи ордоб; **ҳадир** (Шм.) атола; ордоба; **зириков** (Вқ., Қ.) як навъи атола, ки ордро дар равған зирбонда (тафт дода) бо шир мепазанд; бат (Бдх.) атолаи равғанӣ аз орди гандум; **зичбат** (т. – вах.) атолаи ордӣ ва ширӣ, ки дар маросими марбут ба ҷойгир шудан дар айлоқ пазанд; търъшбт (Зар.) як навъи атола, ки аз дӯғ ва ширинии тут тайёр карда мешавад; **кочи´** (Каҳ.) як хели атола, ки аз равғану шир тайёр кунанд ва ғафс мешавад; **тъхмбат** (Бдх.) атолае, ки бо тухм пухта мешавад; **ҳавлотилтак** (Б., Сх., Ёх., Хов.) як навъи атола, ки аз қанду орд

тайёр мекунанд; **делачай (**Сина) дамлама ва ғ. Дар Бойсун барои беморон атолаи махсус тайёр месозанд, ки онро **ҳалилоб** мегӯянд.

Анвои хӯрок ва нӯшокиҳо: гунгина (Бойс.) навъи хӯроки гандумӣ; **йалама (**Сам., Шм., Ҳал.) шавла**; йолма** (Ог.) гӯшти гӯсфанди дар оташдони махсус яклухт пухташуда; **далама (**Ғеш) шир ё таоми туршшуда; **далда**, **далида (**Ял.), **далйа (**Ёз.) далда, таоме, ки аз гандуми кӯфта бо омехтаи нахӯд, наск, лӯбиё ва ғайра тайёр мекунанд; **чимпера** (Кх., Кч.) барак, тушбера; **бурú** (Шк.) хӯроки дар дег часпида; **қирмоч** (Шк.) сӯхтаи таом дар таги дег; **боҷ** (Шк., Ҷк.) як навъи таомест, ки аз гандуми дар осиё ё ӯғурак дурушт кӯфта, бо каллаву поча ё гӯшт мепазанд, ҳариса; **бурсоқ (**Пд., Хов.) навъи таом; пораҳои хамири дар равған пухташуда; **гоч (**Сам.) таоми сернамак, шӯртаъм; **нугул** (Шк.) омехтаи кабудиҳо, обу намак, дӯғ ё чакка; **гутак (**Хов.) як навъи таом, ки аз орду равған тайёр мекунанд; **дуғбат (**Б., Сх., Мум., Ғеш.) як навъи таом, ки аз дӯғ, равғани маска ва сабзавоти резашуда тайёр мекунанд; (Ёз.) такшини маскаи об кардашуда; **ширбат (**Бдх., Вқ., Қ., Шк.) таомест, ки аз шир ва орди дар равғани зард тафт додашуда тайёр кунанд; **буза (**Оқ., Лахш. Қк., Яр.) як навъи нӯшокие, ки аз шираи ҷаву арзан тайёр мекунанд; **палоч (**Сина, Хуф-р, Нил.) афшурда, боқимондаи ангур, харбуза ва тарбуз баъд аз фишурда гирифтани шарбати онҳо; **пилова (**Қ.) пасмондаи равғани кундаи ҷувоз ва ғ. Яке аз хӯрокҳои маъмули минтақаи ҷануб **дангича (**Дҷ., Кб., Кп., Шӯр., Ёх., Хов., Мум.) мебошад: дангича, таомест, ки аз гандум, лӯбиё, нахӯду мушунг ва каллаву поча тайёр мекунанд. Дар Ховалинг калимаи ҳаммаънои он **боҷак** (Хов.) як навъи таом, ки аз гандуми кӯфташуда, каллапоча ва нахӯд тайёр мекунанд, истифода мешавад. Дар минтақаҳои дурдасту кӯҳистони Бойсун ин навъи хӯрок бо калимаи **кашк** то андозае мувофиқат дорад.

Дар ифодаи пасмондаи хӯрок ва вайрон шудани таркиби хӯроку хӯрданиҳо истифодаи калимаҳои хосса маъмул мебошад: **залла // зала**

(Вқ.) сарқут, пасмондаи хӯрок; **кънъск** (Вқ.) ифлосии равғанолуди даруни дег, ки дар натиҷаи нашустани рӯяш мағор баста, бӯйи ғализе медиҳад; **луҳидан** (Дар.Н.) гандидан, пӯсидан; **мулеҳ** (Нил.) гӯшти гандида; **овҷах** (Вқ.) палағда, луқ; **пӯла** (Сина) палағда, гандида. Дар ин қабати мавзуӣ калимаҳои туркӣ-муғулӣ низ мавқеъ доранд: **йунти´** (Кҳ., Шк.) юндӣ, пасмонда, обшустаи хӯрок, ки баъд аз шустани зуруфот боқӣ мемонад; **шишки´** (Шк.) // **шъшки´** (Вқ., Қ) // **шушки** (Қӯрғ.) юндӣ, обе, ки пас аз шустушӯи дегу табақ ҳосил мешавад. Калимаҳои **лақата** (Оқ.) палағда; **койида** (Ҷк.) гандида, пӯсида, тосида ва як қатор калимаҳои дигар бо шаклҳои гуногун дар адабиёти классикӣ истифода шудаанд, ки онҳоро дар бахши хусусиятҳои таърихии калимаҳои хоси шева мукаммал баррасӣ намудаем. Дар лаҳҷаҳои Бойсун калимаи **бӯза** дар шакли феълии **бӯзидан** ба маънии вайрон шудани хӯрок ва ҳаммаънои ин калима феъли **бангидан** истифода мешавад, ки робитаи маъноии шаклҳои гуногунро дар лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ мушоҳида менамоем.

Барои ифодаи хӯрокҳои мавсимӣ ва махсус калимаҳои хоси шева корбасти фаъол доранд: **говйуғи´** (Шк.) таоми мавсими киштукор; **лаков** (Шк.) таомест, ки аз гарди орд пухта, ба он райҳону ҷурғот ҳамроҳ мекунанд ва ба бемор медиҳанд; **обчинак** (Кҳ.) субҳонаи сабуки сари кишт (саҳро); (Кҳ.) обҷавак, обчинак.

Дар ифодаи маҳсулоти хӯрокӣ ва анвои хӯрданиҳо низ калимаҳои шева зиёд истифода мешаванд: **дърда** // **дърди´** (Лахш, Мт.) дурда, тифола, такшини маскаи обкардашуда. Дар Бойсун ба шакли **дурд** таҳшини равғану моеоти хӯрданӣ; **толто** (Ск.) дурдаи ҷурғот; **чърғънди´** (В.қ.) думбаи доругӣ; **тутпъс** // **тутпис** (Вқ., К., Шк., Ҷк.), **тутпиз** (Пв., Хм., Шм.), **тутпъз**; (Б., Кан.), **тутпъст** (Бдх.) тути кӯфта, талқони тут, талқони аз тутмавиз тайёр кардашуда; **манур** (Ёз., Лан., Нӯш., Яр.) як навъи ширавор, ки аз тут ва орди гандумбирён тайёр карда мешавад; **пуда** // **пъда** (Гк.) мавизе, ки аз ангури навъи паст тайёр шудааст; **къранг**

(Ҷк.) тутмавиз; **мойин** (Бдх.) // **муни´** // **монук** (т.вах.) // **мойни´** (Ғеш) // **мойаги´** (Қ̄рғ.) сафеда барои хобондани ҷурғот ё тухме, ки аз рӯи одат ба зери мурғ мегузоранд; **ахт**: **ахти нәмак** (Тӯда) намакоб; **кабач** (Лахш) талқоне, ки бо равғани маска омехта тайёр кунанд; **сузма** (Қ̄рғ.) чакаи сернамаки дар шикамбаи буз андохташуда; **кота** (Сина) мураббое, ки аз пӯчоқи тарбузу сабзӣ бо омехтаи ширинии ангур тайёр мекунанд; **кунаргу** (Бойс.) ҷуръаи ҷурғоте, ки барои ҳосил кардани мост ба шир андохта мешавад; **рындък** (Ҷк., Шк., Бдх.) қирмоч, таҳдегӣ (сӯхтаи таом дар таги дег); **тӯрт** (Қ̄рғ.) сӯхтаи қаймоқ ва ғ.

Ҳар як маҳалли тоҷикнишин дар пухтани нон бо вуҷуди умумиятҳои зиёд аз санъатҳои маҳаллии нонпазӣ истифода менамоянд, ки онро дар ифодаи навъҳоигуногуни нон бо калимаҳои хоси шева мушоҳида менамоем: **тарахтов // търахтоб** (т. – вах.) нони тунук, чаппотӣ; **сатрú // сатърú** (Вқ., Қ., Шк.) ноне, ки аз орди ҷуворимакка ва арзан тайёр карда, гоҳо равғану тухм ҳамроҳ мекунанд; **кълесък** (Мум., Ёх., Хов.) нони арзанӣ; **гавакú** // **ғавокú** // **ғовокú** (Хов.) шабеҳи хамирфатир; **қоқоқú** (Қ.) сумалаке, ки мисли нон дар танӯр мепазанд; **чапчап** (Қ.) як навъ нони тунук; **кӯртарит** (Бойс.) нони хамири ба чойи гарм ва ё об таркардашуда; **таҷа** (Хов.) тарит; фалла (нони дар шир, ширчой, таомҳои обакин резакардашуда, ки ниҳоят нарм шуда бошад); **тери´** (Хуф-р) чалпак; **тӯпи´** (Дарб.) нони маҳаллӣ; **айук** (Ғор.) мағор, пӯпанак (дар рӯйи нон); **палавгун** (Вқ., Қ.) як навъи қатламае, ки бо ширинӣ, ҳалво ва қаймоқ пухта мешавад. Дар лаҳҷаи Дарбанд ва Қ̄рғонча ба шакли **қатқат** омадани ин мафҳумро мушоҳида менамоем. Барои оташи танӯрро нигоҳ доштан калимаи **лъвú** (Қ.) // **лъфчък** (Дарв., Шк, Роғ) // **лукик** (Шк.) // **лъвик // левик** (Шк., Ҷк.) истифода мегардад. Ин калима дар гуфтори тоҷикони Деҳнав ва лаҳҷаи Қ̄рғонча бо калимаи **кӯсав** ифода мешавад. Калимаи туркӣ-муғулии **қ̄моч** шаклҳои зиёд истифода дорад: **кумоч** (Дб., Кан., Ст., Ош., Тқ.) // **къмоч** (Нӯш., Қлб., Ҳиҷ., Хов., Ёх., Ҳак., Яр.),

къмоч (Қӯш.); // **қӯмоч** (Қӯрғ.) ноне, ки дар чарогоҳ чӯпонон дар зери оташ мепазанд;

Дар ифодаи хӯроки ҳайвонот низ калимаҳои хоси шева серистеъмоланд: **батов** (Пд., Ғеш) ордоб барои ҳайвоноти калону лоғар ва он ҳайвонҳое, ки зоидаанд; **гъндӣ** (нони сабӯсин, барои ҳайвонот) ва ғ.

Бо калимаҳои хоси шева ифодаёбии мафҳумҳо зарфу асбобҳои рӯзгорҳангомиистифода ва нигаҳдории хӯрок: **кӯппи´** (Қӯрғ.) зарфе, ки дар он равғани ширро ҷудо карда мегиранд; **геҳна** // **гиҳна (**Ҳич., Пд.) навъи зарфи аз гили махсус сохташуда, ки аз рӯяш коҳгил мемоланд; **каллак** (Бойс.) халта; **зуканд (**Дар.Н.) косаи калони сафолӣ. Калимаи **чалак** дар лаҳҷаҳои ҷануб дар шаклҳои **чалак** (Вқ., Қ., Қӯрғ.) // **челак (**Ғк., Шк.) ба маъниҳои зарфи чӯбӣ, барои хобондани ҷурғот (мост) ва кашидани дӯғ; (Вқ., Бдх.) сатил; (Ҷк., Шк., Кҳ.) // **чалък** (Қ., Шк.) асбоби пашмресӣ; (Вд., Нд., Нз.) мухлис; (Вқ.) оташдони сандалӣ; (Ан., Ёл, Пор., Сч., Сғ., Хов., Яр.) истифода мешавад. Ин калима дар лаҳҷаҳои тоҷикони Сариосиё ва Бойсун низ ба маънии зарфи обгирӣ корбаст мешавад.

Барои нигаҳдории хӯрокворӣ ва масолеҳи он дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда зарф ва асбобҳои гуногуни рӯзгор ба кор бурда мешаванд: **чапарок (**Бдх.) асбоби мудаввари паҳн барои ниҳодани нон, ки аз қамиш ва химча бофта мешавад; **пушкак (**Қӯрғ.) асбобе, ки бо он аз шир равған ҳосил мекунанд; **мелок** // **милок (**Ан., Ёл, Пор., Дҷ., Сч., Хҷ., Кан., Хум., Сам., Шв., Мум., Сх.), **мавлек** // **мавлък (**Кд., Мс., Нр., Хов.) асбобе (кашаке), ки барои овехтани зарфҳои ширдор истифода мебаранд; **фақер // фақир (**Вқ., Қ.) фақир, сатил; **пижин (**т. – вах.) **пъжин (**т. – ишк.) говдӯша, хурмаи говдӯшӣ; **бух (**Роғ, Бадринг) чархдег; **шипък** (Вқ.,Шк.) зарфи хӯрокбардорӣ; **пахос (**Роғон) навъи кӯза; **жъник (**Вқ.) зарфи сафолии хурд, ки дар он равғанро барои молидан ба мӯйи сар нигоҳ медоранд; **калъак** (Хғ.) зарфи хӯрокгирӣ; **кулӣ** (Вқ.) зарфи хуммонанди

гилӣ барои нигоҳдории ғалладона, талқони тут ва баъзан равған; **мунди´** // **мъндиʹ (**Сх., Хов.) // **мунда (**Дег., Пч., Ҳак.) зарфи махсуси сафолине, ки дар он равған мегиранд; (Мс., Сам., Хов.,Шв., Дҷ., Қлб., Лахш, Нӯш., Пд., Яр., Дег., Пч., Ҳак.) кӯзаи даста ва лабшикаста; (Қӯрғ.) пояи зеризаминии дарахт; **алукак (**Қ.) асбобест, ки дар он табақи ширро мегузоранд (ресмонро ба шифти хона гузаронда, нӯгҳои поёнашро гиреҳ карда дар байни торҳои он табақро мегузоранд).

Бо калимаҳои хоси шева ифода шудани анвои сабадҳо назаррас аст: **чахдон (**Бдх.) сабади доирашакл; **чач** (Вқ., Қ., Шк.) олати аз навдаҳои дарахт ба таври чапарак сохташуда (барои шикори моҳӣ); (Шк.) сабади махсус барои доштани моҳӣ; **чиғил** (Шк.) // **чъғел (**Ғор., т. – ишк.) // **чиғел** (Сина) як навъ ғалбери сӯрохкалон; **качофс** // **качуфс (**Роғун, т. – вах.) сабади калон; **замбарак (**Хм., Шм.); **каҷова (**Бдх., Кҳ., Шк.) каҷова, як навъи сабади дарозрӯяи махрутшакл; **шъпък** (т. – ишк.) сабади пур аз писки гӯсфанд, ки дар коркарди пашм истифода барандва ғ.

Дар маҳалҳои гуногун асбобҳои рӯзгор барои истеъмоли хӯроку хӯрданиҳо хусусиятҳои маҳаллӣ касб менамоянд, ки ин ба таркиби луғати лаҳҷа низ бетаъсир намемонад. Мувофиқи нишондоди муҳаққиқи лаҳҷаҳои ҷануб С. Раҳматуллозода, «Калимаи **ғъдора** (Вқ., Қ.) ба назари мо, шакли вайроншудаи тағора аст, аз сафол сохта мешавад ва «мушоҳидаҳо илҷо менамоянд, ки бо маънии «косаи сафолӣ» ифода ёфтани **ғъдора** дар бештари маҳалҳо дучор меояд» [Раҳматуллозода, 2014, 110]. Дар мисоли «майдатар-ш-а калғъдора, лъмбтар-ша ғъдора меган» (Каҳ.) ба шакли **калғъдора** (хурд) омадани он мушоҳида гардидааст ва ба андешаи профессор Ғ.Ҷӯраев, «дар калимаи мураккаби **калғъдора** ҷузъи «**кал**» на ба хурдии предмет, балки ба бегӯша будани он ишора менамояд» [Ҷӯраев, 1980, 122]. Ин калима дар шакли мураккаби **табақғъдора** // **тавақғъдора (**Ҷк.) ба маънии тағораи сафолӣ низ мустаъмал аст. Калимаҳои хоси шева дар ифодаи зарфу асбобҳо зиёда ба

назар мерасанд:**рукоби´ (**т. – вах.) косаи хурди чӯбӣ; **алаби´ (**Бдх.) косаи филизӣ, тағорача; **лиф** (Вқ., Шк., Қ.) дегшӯ, дастмол, ки аз як навъ буттаи бешагӣ тайёр карда мешавад; **лифт (**Нав., Нд.) пӯстлоқи ток, ки барои шустушӯи дегу табақ истифода мебаранд ва ғ.

Аз таҳқиқи ифодаи хӯрок, анвои хӯрданиҳову зарф ва асбобҳои нигаҳдории хӯрокворӣ дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда бармеояд, ки корбасти калимаҳои хоси шева бари ифодаи ин мафҳумҳо назаррас буда, як навъи хӯрок, масалан атола, вобаста ба маҳалли интишор, урфу одати мардум ва масолеҳи дар он истифодашаванда даҳҳо номи хос пайдо мекунад. Табиати шеваҳо боиси дар шаклҳои гуногун омадани калимаҳои ҳаммаъноро фароҳам оварда, омӯзиши ин ҳодиса рӯшаниандози бисёр масъалаҳои мубрами забоншиносии муосир дар соҳаи лаҳҷашиносӣ хоҳад буд.

3.1.4. Калимаҳои хоси шеваи марбут ба либос, асбобҳои зебу зиннати инсон ва ҳунари гулдӯзӣ

Ифодаи мафҳумҳои либос бо калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ мавқеи муҳимро касб намуда, бо вуҷуди умумият бо забони адабӣ ва лаҳҷаҳои дигар тафовути шаклӣ ва маъноии зиёде дар ин бахш мушоҳида гардида, баррасии ин масъала дар асоси маводи шеваҳои тоҷикӣ ҳамоно таҳқиқталаб боқӣ мемонад [Таджики, 2, 1970, 116]. Вобаста ба моҳияти худ зарурати дар ин қатори мавзуӣ омӯзиши мафҳумҳои ифодакунандаи матоъ ва кӯрпаву болин низ пеш меояд, ки умумияти маъноии онҳоро маводи лаҳҷаҳо тасдиқ менамоянд.

Вобаста ба анвоъ ин гурӯҳи мавзуиро нисбатан ба се гурӯҳ метавон тасниф намуд: калимаву терминҳои ифодакунандаи либоси мардона, калимаву терминҳои ифодакунандаи либосҳои занона, калимаву терминҳои ифодакунандаи матоъ ва кӯрпаву болин.

Тарзи дӯхтани либосҳои мардона ва шаклу анвои он дар ҳар як маҳал вобаста ба урфу одат ва муҳити зисти онҳо хусусиятҳои хосро дорост, ки дар таркиби луғати лаҳҷа ин омил акси худро меёбад.

Калимаҳо дар шаклҳои гуногуни морфологӣ омада, вобаста ба табиати лаҳҷаҳо шакл ва маънии навкасб намудаанд: **китифак (Вқ.)** // **саркътифи** гиребони курта; **кува** (Вқ., Қ.), **куба (**Ёх., Сх., Хов.) мағзӣ (аз кӯрпаву кӯрпача ва ғ.); шерозаи гиребони куртаи мардона ва доману остини ҷома; Ин калима дар шакли **куба** (Дм., Нав., Нӯш., Мум., Қлб., Ҳиҷ., Яр.) ба маъниҳои гуногун меояд: асбоби кӯбакшакли чӯбиест, ки бо он ба зеҳи (риштаи) камони пашмтиткунӣ мезананд ва аз ларзидани он пашм ё пахта тит мешавад; олати оҳаниест, ки бо он ҷойҳои ноҳамвори чармро суфта мекунанд. Навъҳои либос вобаста ба масолеҳу вазифа ва мавқеи истифода аз ҳамдигар фарқ дорад:**ҷелак** ба шаклҳои *атак,йактак (*Ял.) // *йактайи́; йактаҷилак (*Вд., Нд., Нз.) ва ғ. **Саргирак (**Сх.) ҷелаки сафед, ки занон ба сар мегиранд. Ин калима дар лаҳҷаҳои бойсунӣ бо калимаи **пешво** ифода меёбад, вале ранги он гуногун буда метавонад.

Ифодаи либосҳои мардона бо калимаҳои хоси шева: **кепанак (**Дҷ., Ан., Ёл, Пор., Сғ.) пӯстин. Калимаи**калтача (**Қлб., Нд., Кӯл., Лахш,Дор., Дҷ.) ба маънии камзӯли абра-астардори баостину беостини пахтанок ҳаммаънои калимаи **кепанак** мебошад. Дар ифодаи мафҳуми либос калимаҳои туркии **қайдан (**Қ.) як навъи чакмани гиребондор; **қоғма // қоқма (**Вқ., Қ.) як навъи чакман; **куйнак** (Хум., Кк., Сам., Қлб.) куртаи мардона ва занона; **босма** (Ош.) либоси ғафси зимистона, ки ба чакман монанд аст ва **ғ.** корбаст шудаанд.

Барои ифодаи эзори мардона низ истилоҳоти махсус ба кор бурда мешавад: **шалвор** // **шалвар** (Вқ., Ғк., Шк.), **чолвар (**Қ.) **шалвор**; Дар аксари лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё калимаҳои **чалвар** ва **тик** ҳаммаънои калимаҳои мазкур мебошанд. Дар шакли калимаи **тамбун** (Лахш, Мт.) // **тамбон (**Бдх.) // **тунбон** ифодаи эзор, пойҷомаи занона

маъмул буда, доираи маъноии онҳо вобаста ба маҳалҳо фарқ дорад.Яке аз маъниҳои калимаи **мардак** (Дҷ., Сх., Хов.) ба ҷузъи *эзор* далолат менамояд.

Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ барои ифодаи калимаи **миёнбанд** шаклҳои **локи´** (Шм.); **лънги´ // лунги´ (**Вқ., Ҷк., Қ.); **лънгичаҳак (**Вқ., Қ., Ҷк.); **фута (**Даҳ., Лт., Дҷ., Сам., Хов.,Бдх.); **чорсу** (Ог.), **чорси´ (**Нӯш., Ог., Шлп.); **шалости´ (**Оқб.) ва ғ. истифода шуда, доираи маъноии онҳо васеъ мебошад. Масалан, калимаҳои **локи´ (**Лахш, Пд., Хт., Кан.,Дб.) ба маънии дока ва умуман матое, ки аз он рӯймол, миёнбанд ва ё сарбанд медӯзанд; (Кҳ.) салла, аммома; дастор; **чорси´** (Нӯш., Фат.) як навъи рӯймоли занона; **шалости´ (**Оқб.) миёнбанди шилшиладор; **тумбълбанд (**Шгд.) як тарзи бастани миёнбанд ба сар, ки як нӯгаш ба боло рост меистад ва ғ. меоянд. Аз рӯи мушоҳидаи мо, дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё бо калимаҳои туркӣ-муғулии *белқарс, белбоғ* ва ғ. мафҳумҳои миёнбанд бештар ифода мешаванд.

Дар ифодаи калимаи **тоқӣ** истилоҳоти хосса ба кор бурда шудаанд: **пуни´** (Дҷ.) тоқии абраву астардори пахтанок, ки куҳансолон мепӯшанд; **чуктоқин** (Бдх.) тоқии гулдӯзӣ, ки ҳошияи паҳну тори конусшакл дорад; **пакол** (Бдх.) тоқӣ, каллапӯш; **нойонак** (т. – вах.) канораи тоқӣ; **таркак** (Ош., Чб.) як навъи кулоҳ, каллапӯши чуқуре, ки пирамардон аз зери салла мепӯшанд; тоқии гулдӯзии кӯдакона.

Мафҳумҳои мансуб ба либос, ки хусусияти умумӣ доранд, яъне нисбат ба мардону занон корбаст мешаванд: **олчин** (Бойс.) шерози гирди ҷома; **гупчак** (Кҳ.) гуппича, камзӯли пахтадори беостин; **зъфнун** (Хов.) хушлибос; танноз, олуфта; **козур** (Лахш) тағораи либосшӯйӣ; **таҳру** (Мт.) либосворие, ки ба меҳмон инъом мешавад; **хъртънг:** хъртънг задан (Ог.) таҳ кардан; тал чиндан (оид ба сарулибос). Калимаҳои умумиистеъмолии **фасон (**Б., Дб., Ст., Тқ.) фасон, хушсарулибос ва **вешилкаги´** (Ёх., Сх., Хов.) куртаи гиребону остинҳояш гулдӯзӣ кардашуда бо вуҷуди

хусусияти умумихалқӣ доштан, тобишҳои нави маъноиро дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ касб намудаанд.

Барои ифодаи либосҳои занонаву ороишоти онҳо термину калимаҳои хос ба кор бурда шудаанд. **Чакани´ (**К.) куртаи занонаи гиребон, остин ва атрофи доманаш гулдӯзишудадар минтақаи ҷануб, бахусус Кӯлоб, аз либосҳои маъмулӣ ба ҳисоб рафта, **кърта́чакан (**Шк., Ғк.Ҷк.) ба шахси чаканпӯш далолат мекунад. **Кансул** (Бдх.) либоси рӯйи занон; **шойинак (**Ёз., Лан., Сдт., Пд.) навъи гиребони куртаи занона ва ғ.

Барои ифодаи **рӯймол** ва тарзи бастани он дар лаҳҷаҳо калимаҳои хос корбасти фаъол доранд; **қамарут** (Вқ., Қ.), **қамрут** (Шк.) рӯймоли пашмину пахтагии гулдор; **патък** (Ҷк.) рӯймолчаи сегӯшаи занона, гесубанд рӯймоли абрешимӣ; **албандак // олбандак (**Мис., Кн., Эл.) сарбандак, пешонибандак, рӯймолчаи хурде, ки занҳо сарашонро мебанданд; **гарди´** (Ош., Пд., Сх., Хов.) навъи рӯймоли пахтагии сурхчатоби сергули нафис; **доройи´** (Нз.) як навъи рӯймоли нафиси абрешимӣ; (Қ.) навъи матои абрешимӣ; **қуқандибанд** (Шк.) як тарзи рӯймолбандии занон; патък (Ҷк.) рӯймолчаи сегӯшаи занона, гесубанд; **тумчоқ** (Ёз., Лан., Сдт.) як навъ рӯймолчаи занона; **тъмбъл** (Хов.) як тарзи рӯймолбандии занон; **чира** (Сам., Луғ.) рӯймолча; **шаши´** (Дм.,Ёз.,Лан., Сдт.) як навъ рӯймоли нафиси занона; **мунисак (**Қӯрғ.) матое, ки занон ба сар гиранд ва ғ. Гурӯҳе аз калимаҳои мазкур дар ифодаи маъноҳои дигар низ ба кор бурда мешаванд.

Дар забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он калимаҳои ороишотӣқабати махсусро ташкил намуда, хусусиятҳои забонии онҳоро муҳаққиқ М.Бобомуродова ба таври васеъ баррасӣ намудааст [Бобомуродова 2009; 2014]. Дар лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ калимаҳои зиёдеро дучор омадем, ки мафҳумҳои ороишотиро ифода менамоянд: **шаба (**Қӯрғ.) шадда; **гана** (Даҳ.) ҷамъи асбобҳои ороиши (зебузиннат) занон // **гаҳна** (Даҳ., Зир.) дурру гавҳар, зару зевар; зебу зинати (ороиши) занон:; **гирсараки´** (Ғеш)

асбоби ороиши занон, ки ба пешонӣ мебанданд; **канҷак // канҷък** (Вқ.) як хел афзори ороиши занон; **котабанд** (Пор., Ёл) афзори ороише, ки занон ба пешонӣ мебанданд; **нат** (Ан., Ёл, Ог., Пор., Сғ., Ёх., Хҷ., Хов.) асбоби ороиш, ки занон ба як параи бинӣ меовезанд; (Сч., Хҷ.) сӯрохии махсуси сунъии параи бинӣ, ки холи сунъӣ мечаспонанд; **палто** (Ош.) воситаи ороиши нӯги гесу, пӯпаки мӯй; **ситорашава** (Вқ., Қ.) садаф ё тангаҳои нуқрагин, ки занон барои ороиш ба бари доман медӯзанд; **туф** (Қҳ.) воситаи ороиши кокулони (гесӯвони) духтарони болиғ ва наварӯсон; **ҷавзот** (Дб., Чб.) асбоби ороишии занон; **шабака** (Вқ.) навъи олоти ороиш, ки мисли зангӯлача буда, духтарону занон ба нӯги ҷамолакашон насб (васл) кунанд; **ша'н** (Лахш) зебу зинат, ороиш (нисбат ба ашё); **таҳманаҳи´ // таманаҳи´ // таманайи´** (Дор., Пд., Хм., Шм., Нӯш., Вд., Мк.) гарданбанд, зебу зинати гардани зан тинка (Сб., Ск.) пораҳои филизие, ки барои зебу зинат ба танаи зин кӯфта мешавад; тушама (Мт.) асбобест, ки занон барои парешон нашудани мӯй истифода мебаранд; **чорчола** (Шк.) як навъи гесӯбанд; **бофтък (**Ғор.) гесӯбанди занон ва ғ.

Дар лаҳҷаҳо калимаҳои зиёде ба монанди **пълкак** (Вк.) путки хурд; **понча (**Мум.) қолиби нақшандозии кулолгар; (Қӯрғ.) ороишоти заргарӣ, ки бар мӯй овезанд; **чишмок (**Ғор.) шаба, муҳра ва амсоли инҳо истифода мешаванд, ки онҳоро дар қисмати хусусиятҳои таърихии калимаҳои хоси шева ба таври васеъ баррасӣ намудаем.

Барои ифодаи мафҳумҳои мансуб ба кӯрпаву матоъҳо низ корбасти калимаҳои хоси шева назаррас мебошад:

а) калимаҳои ифодакунандаи мафҳуми кӯрпа: **тафи´** (Вқ., Ҷк.) кӯрпачаи махсус дӯхташуда, ки барои нигоҳ доштани гармӣ бо вай болои оташдони танӯрро мепӯшанд; (Нав., Ҳал., Ял.) кӯрпаи калоне, ки ба болои сандалӣ мепартоянд; (Кан.) латта ё матое, ки ҳангоми буғ кардани димоғ ё сиҳат ёфтан аз касалии зуком ба сар мепӯшанд; **ръғзи´** (Вқ.) матои носуфта; **купчък // кубчик (**Вқ., Шк., Ғк.) кӯрпачаи кампахтаи

махсуси болои зини асп // (Дҷ., Сб., Ск., Сх., Хов.) кӯрпачаи кампахта, ки ҳангоми хоб ба болои кӯдак (тифл) мепӯшанд; **қаламарезги´ (**Дҷ., Дор., Хов.) кашида, сӯзанӣ; кӯрпа, болишт ё сӯзание, ки аз пораҳои матоъҳои рангоранг дӯхта шудааст; **кадънък (**Сам., Луғ.) зеркӯрпаи гаҳвора, ки ба дарунаш коҳё пояи арзан ҷой мекунанд; латъпът (Сх., Хов.) кӯрпаву кӯрпача; чапқайиқ (Хов.) як тарзи дӯхти кӯрпа; **пандарз (**Ғк.) як тарзи дӯхти абраву астари кӯрпа, ба ҳам зич карда дӯхтани лаби абра ва астари кӯрпа; **фурҷин (**Дд., Лб.) сӯзанӣ, кашида, ҷойпӯш (барои девор ё болои тахти кӯрпаҳо) ва ғ.

б) калимаҳои ифодакунандаи мафҳуми матоъ ва анвои марбути он: **такмол (**Вқ.) номи як навъи чити заминаш сурху гулҳояш рангоранг; **авра (**Лахш, Мум., Пд., Хов., Ҳак.) матои берунӣ (аз кӯрпа, ҷома); **гола (**Бдх.) калоба; нах, ришта; **адиб (**Лш., Лахш) мағзӣ, лаблӯлаи кӯрпа, ҷома; **банот (**Даҳ.) як навъи матои сурхтоб, ки ба бахмал шабеҳ аст; (Сх.) сурхи баланд; **борпечак (**Ст.); **борпуша (**Хов., Қӯрғ.) сӯзанӣ, матои махсус гулдӯзишуда, ки бо он тахти кӯрпа пӯшонида мешавад; **борсек (**Ғор.) чархи ресмонресӣ; **буҷийак (**Нӯш.) як навъи шерозаи сергул; **гълек** // **гълак (**Бдх.) дастаи чархи ресандагӣ; **въноғ** (Мт., Хум., Каҳ., Вд., Бдх.) // **ваноғ** (Кд., Кан., Хов.) нахи пахта, пашм ё абрешим, ки ба ресидан тайёр мешавад (ё худ аз он ришта мебароранд); **газа** (Дҷ., Пор.) савачӯб, чӯбе, ки бо он пахтаву пашмро наддофӣ кунанд; **ораға (**Вқ.) як қабза пахтаи чигит кардашуда, дастаи пахтаи наддофишуда; **исқот (**Мт.) порчаҳои матоъ, ки рӯзи фавти ин ё он шахс ба ҷамъомадагон медиҳанд; **қарама** (Қ.) қуроқ, ҳар чики аз пораҳои матоъҳои рангоранг дӯхта шуда бошад (аз қабили дастархон, ойнахалта, кӯрпача,болишт); (Вқ., Қ.) ҷойпӯш, ки гулдӯзӣ карда шуда бошад; **полбиришим** (Дм., Қлб., Ҳиҷ., Яр.) як навъи матоъ, ки аз нахҳои абрешим ва пахта тайёр шудааст; **тилими´ (**Вқ.) парчае, ки аз пораи матоъҳои гуногун дӯхта шудааст; ҷъғдък1 (Ҷк.) порчаи матоъ; **ғансари´** (Вқ.) болишти пар; **шорағза** (Шк.), **шоръғза** (Вқ.,

Қ.) // **шоҳраґза** (Ҷк., Роґ) матои дуруштест, ки аз пашм бофта мешавад ва ґ.

Калимаҳои марбут ба гулдӯзӣ ва ороишоти хонаву либос дар забоншиносии тоҷик ба таври алоҳида таҳқиқ нашуда бошад ҳам, ин масъала дар як қатор асарҳои олимони тоҷик ва рус ба таври мухтасар, вобаста ба равияи таҳқиқоти онҳо, баррасӣ шудааст, ки баъзе нукоти муҳимми онро зикр менамоем.

Дар шаклҳои сарфиву наҳвии забони зиндаи халқ таъриху фарҳанг ва урфу одати мардуми маҳал акси худро ёфта, ин асолати таърихии лаҳҷаҳо арзишҳои маънавии мардуми куҳантаърихи тоҷикро аз як насл ба насли дигар мерос мегузорад. Омӯзиши мавзуии қабатҳои луғавӣ дар даҳсолаи охир раванди устувор пайдо карда, дар маҳалҳои гуногуни Тоҷикистон мардум бо сабку услуби гуногун ба ин соҳаи ҳаётан муҳим муносибат менамоянд. Ҳунарҳои миллӣ дар ороиши сару либос, ҷиҳози хона, муҳити зист ва ғайра мушоҳида мешавад ва барои омӯзиши таърихи либос асарҳои санъати тасвирӣ, меъморӣ, адабиёт, ҳуҷҷатҳои таърихӣ сарчашмаҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд. Шакл ва хусусияти сару либос дар ҳама давру замон фарҳанги маънавии халқ, урфу одат ва муносибати мардумро ба ин ё он падидаву ҳодиса нишон дода, тағйири шаклу намуди ҳамаи навъҳои либоси миллӣ ба хусусияти ин ё он минтақа вобаста аст.

Ҳанӯз дар солҳои 1883-1889 муҳаққиқи рус Г.А. Арандаренко дар асари худ «Дарваз и Каратегин» истилоҳоти хоҷагии қишлоқ, хонасозӣ, сарулибос, маросимҳои тӯй ва таваллудро ба таври мухтасар таҳқиқ намуда буд. Муаллиф дар рафти сафари худ ба ин манотиқи кӯҳистонрӯи Тоҷикистон ба урфу одат ва тарзи либоспӯшии мардум диққати хос додааст ва бо нақшу нигори хосса ороиш ёфтани либосҳои занонаро қайд намудааст [Арандаренко, 1989, с.303].

Дар забоншиносии тоҷик омӯзиши лексикаи касбу ҳунар, ки гулдӯзӣ низ аз шумори он аст, аз солҳои 60-уми садаи XX оғоз ёфтааст. Мусташриқи маъруфи рус Р.Л. Неменова ҳангоми таҳқиқи забони тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз ба ин масъала дахл намуда, баъзе калимаҳои марбут ба соҳаи гулдӯзӣ, сарулибос, матоъро овардааст [Неменова, 1956, с. 72-77]. Дар таҳқиқоти забоншинос В. Қосимов лексикаи касбу ҳунар дар шеваи тоҷикони Самарқанд баррасӣ шуда, он барои таснифоти мавзуии ин қабати луғавии лаҳҷаҳои тоҷикӣ замина фароҳам овард [Қосимов, с.48].

Таҳқиқоти забоншинос Ҳ.Талбаковаро метавон мукаммалтар ҳисобид. Муҳаққиқ истеъмоли калимаҳои ифодакунандаи касбу ҳунар (дӯзандагӣ) -ро дар «Маъвои дил»-и Раҳим Ҷалил дар мақолаи калони илмӣ дақиқбаррасӣ менамояд, ки дар он нозукиҳои ин соҳа ва тобишҳои маънои ҳар як калима саҳеҳ баён мегардад [Талбакова, 1973, с.52-73].

Баъдан муҳаққиқон С. Усмонова, Г.В. Набиева, Н. Шарофов ба омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ин мавзуъ асарҳои илмии худро бахшидаанд [Усмонова, 1971, с.52-73; Набиева, 1974; Шарофов, 1991].

Профессор Ғ. Ҷӯраев муҳиммияти омӯзиши хусусиятҳои луғавии лаҳҷаҳоро қайд намуда, зарурати омӯзиши ин қабати мавзуиро зикр намудааст «[Ҷӯраев, 2017, с.11].

Забоншинос С.Ҳалимова ба таври маҷмуӣ (комплексӣ) калимаю истилоҳоти пешаварӣ дар осори Сайидои Насафиро таҳқиқ намудааст, ки он рӯшаниандози бисёр масъалаҳои баҳсталаби забоншиносӣ буда, бозтоби онро дар осори маъруф дар асоси муқоиса бо маводи дигар дақиқ арзёбӣ кардааст [Ҳалимова, 2014].

Дар доираи калимаҳои хоси шева омӯзишиин гурӯҳи мавзуйаҳаммияти муҳимро дорост. Вобаста ба моҳият ва мавқеи корбаст ин калимаҳоро дар ин зергурӯҳҳо метавон тасниф кард:

А) **калимаҳои ифодакунандаи мафҳуми марбут ба ороиши хона.** Мусаллам аст, ки луғати забонро ба таркиби луғавӣ ва фонди асосӣ тақсим мекунанд. Дар фонди асосии луғати забон калимаҳои ҳаётан муҳим ва асили забон ҷой гирифта, ин қабил калимаҳо таърихан ташаккул ёфта, дар гуфтугӯи ҳаррӯзаи мардум корбаст мешаванд. Хона чун макони зист барои инсон арзиши моддиву маънавӣ дошта, барои ҷиҳозонидани он санъати хосса ба кор бурда мешавад, ки дар ин ҷода мавқеи муҳимро урфу одат ва хусусиятҳои миллии ҳар як халқ касб менамояд.

Мардуми тоҷик бо ҳунари волои худ маҳсули дастонашонро дар ороиши макони зист фаровон ба кор мебаранд: дар ороиши хона калимаи мураккаби **борпуша (**сӯзанӣ, матои махсус гулдӯзишуда, ки бо он тахти кӯрпа пӯшонида мешавад) дар гӯйишҳои ҷанубӣ мустаъмал аст. Ин калима дар гуфтори тоҷикони ҳавзаи Сурхондарё ба шакли **боропӯш** истифода мегардад.

Баъзе ашёҳо вобаста ба шакл сервазифа мешаванд, масалан, калимаи **гашничак** ба маъниҳои нақшу нигори миллӣ дар афзори ороиши занон ва кашидаву рӯйпӯшҳои гулдӯзишуда танҳо дар гӯйиши ҷанубӣ меояд. Калимаи **ислими´** (номи нақшест дар дӯзандагӣ, кандакорӣ, ки шакли занҷирро дорад) дар лаҳҷаҳои мазкур дар гуфтори шахсони куҳансол истифода мешавад, ки решаи он аз ҷиҳати сохтор рехта ба назар мерасад. Этимологияи калимаи **қарама**ро наметавон тоҷикӣ ҳисобид. Ин калима ба маъниҳои қуроқ, ҳар чи ки аз пораҳои матоъҳои рангоранг дӯхта шуда бошад (аз қабили дастархон, ойнахалта, кӯрпача,болишт); ҷойпӯш, ки гулдӯзӣ карда шуда бошад, меояд. Дар лаҳҷаҳои мазкур муродифи туркии ин калима **қъроқ // қъроғ** ба маъниҳои зерин меояд: 1. болише, ки аз порчаҳои матоъҳои гуногун дӯхта мешавад; 2. ғӯлачӯбе, ки дар зери забаррав гузошта мешавад; 3.

ғӯлачӯби зери чархи осиё. Дар Бойсун калимаи мазкур танҳо ба маънии болиши аз порчаҳои матоъҳои гуногун дӯхташуда меояд.

Дар лаҳҷаҳо рехташавии як ҷузъи калимаҳои мураккаби ифодакунандаи асбобу ашёи хона зиёд ба назар мерасад. Масалан, **пандарз** як тарзи дӯхти абраву астари кӯрпа, ба ҳам зич карда дӯхтани лаби абра ва астари кӯрпа.

Хусусияти омонимии калимаҳо дар ин қабати луғавӣ ниёз ба таҳқиқоти алоҳида дорад. Калимаи **рача** вобаста ба мавқеи гуфтор дар баробари ифодаи мафҳумҳои ороишотӣ дар лаҳҷаҳо ба ин маъниҳо омадааст: **рача** – маротиба**;** 2.мавқеъ: мақом; одат; қоида; 3. арғамчин, ресмон; 4. нақшу нигор.

Калимаҳои **тагчъргини´** ба маънии намадзин, арақчини зери полону зин; **тоқумтелък** шол ё гилемчаи гулдӯзӣ, ки шаби арӯсбиёрӣ ба болои асп мепӯшанд; **чилги´**арақчини гулдӯзӣ кардашуда дар гӯйиши ҷанубӣ камистеъмол мебошад.

Б) Калимаҳои ифодакунандаи мафҳумилибос. Калимаҳои марбут ба либос дар илми забоншиносӣ ва этнографияи тоҷик ниёз ба таҳқиқ дошта, дар лаҳҷашиносии тоҷик мафҳумҳои ифодакунандаи либос дар баъзе таҳқиқоту луғатномаҳо арзёбӣ шудааст. Дар гӯйиши ҷанубӣ калимаҳои <u>лоқ</u> ва <u>кола</u> серистеъмол буда, дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё танҳо шакли кола корбаст мешавад.

Бояд қайд намоем, ки барои ифодаи ороишоти либос ва мафҳумҳои марбут ба он калимаҳои зиёде дар лаҳҷаи мавриди назар ба кор бурда шудаанд, ки вобаста ба маҳалли гуфтор якмаъно нестанд: **бақат** мавзунқомат, қоматбаланд; (Луғ.) қисми ба панҷаҳои даст наздики курта, ки гулдӯзӣ карда шудаст; **лавдоман** (Сх., Хов.) порчаи гулдӯзӣ кардашудаи домани куртаи занона; **тоқумтелък** (Мт.) шол ё гилемчаи гулдӯзӣ, ки шаби арӯсорӣ ба болои асп мепӯшанд.

Бояд қайд намоем, ки дар ин соҳа истилоҳоти умумихалқии зиёде чун *тоҷи хурус, райҳон, булбул, аждаҳо, товус, ҳилол, оташ, нохуни паланг, гулбаст, моҳу ситора, бодом, гулгулак, офтобак, давригул, аштақ, аноргул, каҷак, себарга, барги бед, ислимӣ, лола, қаламфур,* гулдӯзӣ *гандумак* ва ғайра ба кор бурда мешаванд, ки вобаста ба ҳудуди интишор маъниҳои нави забониро дар гӯйишҳо соҳиб гардидаанд.

В) Калимаҳои ифодакунандаи мафҳуми асбобу афзор, воситаҳои меҳнати ҳунари гулдӯзӣ. Ба андешаи муҳаққиқони соҳа дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ таҳқиқи калимаҳои соҳавӣ номукаммал сурат гирифтааст [ниг.:Саидов, 2012, с.123] ва дар ин қабати луғавӣ дурдонаҳои гаронбаҳои мансуб ба арзишҳои миллӣ нуҳуфта мебошанд [Бобомуродова, 2009, с.152].

Дар ин қабати мавзуӣ калимаҳои хоси шева то андозае корбаст шудаанд: **ангъртак** ороишот дар дастаи дутор; калимаи **гаҳна** ба тағйироти савтӣ дучор шудааст. Ин калима ба маънии ҷамъи асбобҳои ороиши (зебу зиннат) занон корбаст мешавад. Аз таҳқиқи лаҳҷаҳо бармеояд, ки калимаи мазкур дар ифодаи *дурру гавҳар, зару зевар; зебу зинати (ороишӣ) -и занон* серистеъмол мебошад.

Калимаи **въноғ // ваноғ** ба маънии нахи пахта, пашм ё абрешим, ки ба ресидан тайёр мешавад (ё худ аз он ришта мебароранд); Калимаи **гъла** камистеъмол буда, ба маъниҳои олат аз риштаи дутобасохта, ки дар бофандагӣдар вақти кор торҳоро болою поин бурда, дар байни онҳо барои пуд роҳ мекушояд, меояд. Ин калима дар лаҳҷаҳои бойсунӣ ба шакли **тофта** дучор мешавад; **рубофтанък** лӯхтаке, ки аз риштаҳои рангоранг бофта бошанд; **тамуйӣ** қисми риштаҳои пашмӣ; **туф** воситаи ороиши кокулони духтарони болиғ ва наварӯсон, ки аз риштаи сиёҳбофта шуда ба он тугмаҳои садафӣ, тангаҳои нуқрагӣ, гарди хазина, силсила ва ғайра мечаспонанд, гесӯбанд; **хафабанд** афзори ороиши занон, ки ба гардан меовезанд, гарданбанд ва ғ.

Аз омӯзиши калимаҳои марбут ба либос ва мафҳумҳои ороишотиву навъи матоъҳо ва соҳаи гулдӯзӣ хулосагирӣ кард, ки пешрафти ҷомеа, аз ҷумла ҳунармандӣ ба таркиби луғавии забон ҳазорон калимаи нав ворид намуда, сохту таркиб, ифодаи маъноии онҳо, дар қолибҳои сарфиву наҳвӣ омадани ин навъи калимаҳо дар асоси меъёрҳои муайяни забонӣ сурат мегиранд.

Ин қабати мавзуӣ моҳиятан ба рӯзгори инсоният бастагии зич доранд, онҳо бо вуҷуди умумият дар лаҳҷаҳо аз фарқиятҳои назаррас бархӯрдор мебошанд, ки онро дар шаклу маънии калимаҳои хоси шева мушоҳида намудем. Бояд қайд намоем, ки доираи маъноии ин қабати луғавӣ васеъ буда, як шакл метавонад чандин маъниҳоро ифода намояд. Вобаста ба тарзи зисту урфу одати мардуми маҳал калимаҳои ин гурӯҳи мавзуӣ хусусиятҳои нави забониро соҳиб мегарданд, ки ин қоидаи маъмул ба ҳисоб рафта, омӯзиши ин шаклҳои забонӣ ва шарҳи маъноии онҳо муҳим мебошад.

3.1.5. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи номҳои ҳайвонот, паранда ва ҳашарот

Дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои ҳайвонот ва парандаву ҳашаротро чун қабати алоҳидаи мавзуӣ метавон тасниф намуд, ки ташаккули онҳо аз омилҳои гуногуни забониву таърихӣ ва фарҳангӣ сарчашма мегирад. Доираи истеъмол, ифодаи маъноӣ ва сохти морфологии ин қабати лексикӣ дар забоншиносии тоҷик ниёз ба омӯзиш дошта, таснифу баррасии васеи онро дар доираи маводи лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқии забони тоҷикӣ С. Раҳматуллозода анҷом додааст [Раҳматуллозода, 2014].

Дар баробари калимаҳои умумихалқӣ калимаҳои хоси шева низ таркиби луғавии лаҳҷаҳоро ғанӣ мегардонанд. Дар ин гурӯҳи мавзуӣ

мавқеи калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои ҳайвоноти хонагӣ мустаҳкам мебошад:

а) **Калимаҳои ифодакунандаи номҳои маҳаллии гӯсфанд**: **къгуш (**Ғор.) гӯсфанди гӯшҳояш хурд; **шилч (**Ғор., т. – вах.) ғуррии суми бузу гӯсфанд, бехҷасти зиёдатӣ дар суми бузу гӯсфанд; **қъшқормешак (**Шк.) наргӯсфанди шохдор; **верак** (т. – вах., т. – ишк.) барраи нар; **дагар** (Сх., Мум., Пв.) дагар,безурриёт, бенасл (оид ба ҳайвонот). Калимаи мазкур дар лаҳҷаи Қӯрғонча ва Дарбанд ба маънии гӯсфанди бузургҷуссаи нар меояд. Дар ифодаи ин маънӣ калимаи **варӯ́к (**т. – вах.) ба маънии қӯчқор, гӯсфанди нар истифода мешавад.

Мувофиқи нишондоди С. Раҳматуллозода, навъҳои гӯсфанд дар шаклҳои гуногуни калимасозӣ омада, доираи маъноии онҳо васеъ мегардад, ба таври мисол: **тухлӣ́ // туқлӣ́** (Вқ., Ғк., Қ.) модагӯсфанди нозоида; **гадик // гадък // гидик (**Вқ.,) гӯсфанди думдори маҳаллӣ; **танкарон** (Ғк., Шк., Вқ.) гӯсфанди маҳинпашм; **дусбойӣ́** (Шк) навъи гӯсфанди қароқӯлӣ; **чънгак** (Қ.) бузу гӯсфандоне, ки гӯшашон модарзод рост меистад; **волволак (**Вқ.) гӯсфанду бузе, ки дар зери ҳалқумаш (занахаш) мисли зангӯла гӯшти зиёдатӣ дорад ва ғ. Дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё истилоҳоти **чуррӣ** (Қӯрғ) бузу гӯсфанди гӯшаш рост; **дигил** (Бойсун, Деҳнав); **чупаланг** (Дарбанд, Хуфар, Қӯрғ.) гӯсфанди думдори маҳаллӣ; **манги´** (Бойсун) гӯсфанди аз ҳад зиёд фарбеҳва ғ. корбаст мешаванд.

б) **Калимаҳои ифодакунандаи номҳои маҳаллии асп ва мафҳумҳои марбут ба он**: **ҷабоғу // ҷабағу // ҷабаги´ (**Шк.) // **ҷабоғун (**Ғк.) тойчаи яксола; **къло (**Шк.) як навъи аспи саманди сиёҳчатоб; **йобу (**Даҳ., Зир., Кд., Хов., Шлп.) аспи боркаш; **ахсум** (Дм., Лш., Нӯш., Ҳиҷ., Яр.) аспи хӯсанда (тарсанда); **беланг (**Дор.) аспи хӯсанда, раманда **ҷовла (**Ск., Қк., Лахш, Мт.) як навъи аспи маҳаллӣ, ки ҷо-ҷо холи сиёҳ дорад; **дикдика** (Бойс.) ҷулли ороддодашудаи асп; **ашқар (**Шк.) қоматбаланд, қадбаланд;

(Бдх.) аспи афсонавӣ; **дънан (**Ҳақ.) нараспи то сесола; **чубқара** (Кд., Нр.) аспи даванд; **чубур (**Қ.) ҳайвоноти саворӣ (бидав); **қарчағу** // **қарчағун** (Ғк., Шк., Вқ.) // **қачоғу** // **қарчоғу** (Қ.) олати шонамонанд барои тоза кардани бадану ёли асп; **ҷалиқ** // **ҷалъқ, ҷаҳлиқ** // **ҷаҳлъқ (**Вқ., Қ.) // ҷайлъқ (Ғк.) // **ҷа'лиқ // ҷа'лъқ (**Кҳ., Шк.) арақчин; намадзин; **йапағу** // **йапоғу (**Қ.) тойи дусола; **верз (**Ғор.) модиён, байталва ғ.

в) **Калимаҳои ифодакунандаи номҳои маҳаллии гов ва мафҳумҳои марбут ба он:сара** (Ҳак.); **навас // навбаст (**Лахш) ҷувона; **арғън** // **арғун** // **йарғун (**Лахш, Ск., Қӯш.) навъи гов, ки бо ҷуссаи бузургу думи дарозу шохҳои калон аз дигар говҳои маҳаллӣ фарқ мекунад; **хафлал (**К., Вқ.) саргини хушкидаи гову гӯсола, ки дар чарогоҳ воқеъ мегардад; **чуғунак** (Қ.) гӯсолаи нар; **тӯрпӣ** (Бойсун) // **търпича (**Вқ.) гӯсолаи яксола ва ғ.

в) **Калимаҳои ифодакунандаи номҳои маҳаллии буз ва мафҳумҳои марбут ба он:чапуш** // **чапъш (**Вқ., Кҳ., Ғк., Қ., Шк.) модабуз; **шем (**Ток.) навъи такка; **чагак (**Қлб.) бузғолаи тирамоҳ зоидашуда; **бича (**Вқ., Қ.) бузича, бузғола; **бъчак (**т. – ишк., т. – вах.) нарбузи 1-2- сола; нарбузи ахта; **тувча** (Бойс.) бузи дусола; **чебиш** (Дарб.) бузе, ки соли якум мезояд; **чалма (**Қӯрғ.) саргини бузу гӯсфандон; **ғонг (**Ск.) саргини бузу гӯсфанд; **пуск (**Қӯрғ.) саргини буз; санглал (Вқ., Қ., Шк.) саргин, сӯзишворие, ки аз ахлоти ҳайвоноти хонагӣ тайёр мекунанд ва ғ.

Дар лаҳҷаҳо ифодаи мафҳумҳои ҳайвонот бо калимаҳои хос ҷараёни ташаккулро дорост: **ундук // wундук (**т. – вах., т. – ишк.) суғур; **буғрой (**Нӯш., Қӯш.) шутури нар, наршутур; **була (**Куг.) маҳор, чӯбе, ки дар бинии шутур баста мешавад; **къта (**Вқ., Шк., Қ.) нарсаги бузургҷуссаи чӯпонӣ; **беза** (Мум., Ғеш) кашша, кашшук, чизест, ки аз лух бофанд (мисли сетка) ва дар болои ҳайвоноти боркаш гузошта дар вай коҳ кашонанд; **давоб** (Дар.Н.) ҳайвоноти боркаш; **угур** // **угър (**Вқ., К., Шк.) // **ъгър (**Ҷк.) алоқаи ҷинсии ҳайвонот, ҷуфтӣ (муҷомаат); **гъшрави´ (**Фат., Ғеш) алоқаи ҷинсӣ пайдо кардани ҳайвонот; тақозои насл кардани он;

съвай (Кҳ.) безурриёт, қисир (зан ё ҳайвоноти бенасл); **йошов** нишхӯрд, пасмондаи хӯроки ҳайвонот; **тавела // тавила (**Ҷк., Шк.) // **тевала (**Вқ., Қ., Кҳ.) арғамчин, банд, ресмони дарозе, ки бо он ҳайвоноти хонагӣ дар чарогоҳ баста мешавад; **бойов (**Лахш, Ск.) нишхӯрд, пасмондаи хӯроки ҳайвонот; **кукана (**Нӯш., Пор., Пд., Ёл, Сам., Шв.) // **кӯкан (**Қӯрғ.) тарзи бастани ҳайвоноти майда; **шунг (**Бдх.) гӯшмоҳӣ; **капча (**Қӯрғ.) навъи моҳӣ; **богун (**Ғор.) сарҳалқаи шохи бузи кӯҳӣ, нахчир; **гъроз** (Зер., Кпн., Мис., Қлб.) нархуки ваҳшӣ; **ғърм (**Вқ.) гӯсфанди ваҳшӣ, меши ёбой; **дабоғат (**Мт., Хт.) даббоғӣ, ошдиҳӣ (ба пӯсти ҳайвонот); **кемъш (**Дб.) пӯсти хушкондаи хар, ки ба рӯйи сандуқмечаспониданд; **парнеу (**Ғор.) хӯса (пӯсти ягон ҳайвон ё паранда, ки ба дарунаш коҳ ҷой карда бошанд) ва ғ.

Барои ифодаи парандаву ҳашарот калимаҳои хоси шева истифодаи васеъ доранд, ки табиати бойи маҳалҳо ба он замина мегардад. Дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ шаклу маънии ин қабати луғавӣ як қатор хусусиятҳои забониро доро мебошад.

Калимаҳои ифодакунандаи номи паранда ва мафҳумҳои марбути онро вобаста ба ҷинси онҳо меорем: **варқо** (Д.Ниҳ.) кабӯтари ёбой; **алибоч // алибоҷ** калхот, парандаи морхӯр, чӯҷабар – Шк.); **баари´ // баҳара** (Пор.) лочин, парандаи соҳибчанголи шикорӣ **боврик (**Ст.) як навъи паранда аз ҷинси кабк; **улор, ҳулор (**Қӯрғ, Дарб., Вқ.) кабки дарӣ, кабки калонҷуссае, ки дар кӯҳу дараҳои душворгузар маскан дорад; **чарда (**Бдх.) мурғи ҳилол, як навъ парандаи кӯҳӣ аз ҷинси кабк; **бобури´** (Нил.) як навъи кабки хурдҷусса; **кавгҷър // кавҷър (**Вқ., Қ., Мс.**)**) як навъи паранда, ки зоҳиран ба кабк монанд аст, вале ҷисман хурдтар буда, ранги хол-хол дорад; **боварти´** (Бойс.) паранда аз ҷинси кабк; **воғ** (Лш., Қлб.) парандаи хокистарранг аз ҷинси уқоб; (Қ.); **ғълба (**Вқ., Қ.) акка, алошақшақа; **аловък (**Қлб.) парандаест аз ҷинси гунҷишк, ҳаҷман

хурду сурхчаранг, гарданаш сиёҳчатоб; **ғулак (**Сина) як навъ парандаи хокистарранг аз ҷинси гунҷишк; **залич (**Дор., Дҷ., Кан., Каҳ., Лш., Нӯш., Кпн., Сам.) паранда аз ҷинси гунҷишк; **лумай // лъмай** (Шк., Қ.) парандаест аз ҷинси гунҷишк; **аласпа (**Нз., Мс., Клб.) – як навъи гунҷишки алобулои болаш сурхчатоб; **чундук** (Кд., Нр.) як навъи паранда аз ҷинси гунҷишк; **аласпа (**Нз., Мс., Клб.) як навъи гунҷишки алобулои болаш сурхчатоб; **питак (**Сина) парандаи нӯлборик аз ҷинси гунҷишк; **бизгак (**Қлб.) як навъи парандаи хокистарранг, ки ба саъва монанд аст; **сичиғна** (Қлб., Ҳиҷ., Яр.) як навъи паранда аз ҷинси боша; **титивак // тътъвак (Шк.), тетъвак // тивтивак** (Вқ., Қ.) як навъи паранда аз ҷинси боша, ғабғабаш (занахаш) сиёҳтоб, парандагони хурдро шикор мекунад; **ҷидмар (Вд., Каҳ., Уш., Хум.)** парандаест шикорӣ аз ҷинси боша (ё лочин); **бурчин (**Мс.) як навъи парандаи ваҳшии хокистарии мурғобимонанд; **гълела (**Нз.) як навъи парандаи бедонамонанд, ки зери шикамаш сурхчатобу болҳояш хокистарранг аст (гунҷишку дигар парандаҳои хурдҷуссаро шикор мекунад); **гълела (**Нз.) парандаи бедонамонанд; **капук // капък (**Дҷ., Ог., Ҳак., Ан., Ёл, Пор., Мум., Хов.), **капул (**Қлб., Сам., Шв.) куку; **папук (**Ғор.) ҳудҳуд, шонасарак; **суна (Қ., Шк.)** парандаи сабзтоби ало; **шълмъш (**Ғк., Ҷк.) як навъи парандаи ба булбул шабеҳи сурхчатоб; **алапакар (**Вқ.) як навъи парандаи калони ало-було аз ҷинси мурғобӣ; **қуқътан** як навъи паранда аз ҷинси мурғобӣ; **мърғовисъндък (**Дҷ., Кпн.) як навъ мурғобии хурдҷуссаи ёбой; **қърназоғ** (Вқ.,Қ.) // **қърнизоғ** (Ҷк.) як навъ зоғи бузургҷусса, ки дар ғорҳо лона мегузорад; **қақапъшт (**Шк.) як навъи паранда, ки дар ботлоқзор маскан дорад; **гардатовък (**Лш., Нз.) парандаест хокистарранг аз ҷинси кабӯтари ёбой; **чилмандък // чилмъндък // чълмъндък (**Вқ., Шк., Ҷк.) // **чълмандък** (Нӯш., Дм.) як навъи парандаи хокистарранги болҳояш ба сиёҳӣ моили ҳурдҷусса; **чаликарг (**Б.) як навъи паранда; **нийас (**Мум., Пд.) дом, тӯри махсус, ки бо он бедона ва кабк шикор мекунанд.

Дар ифодаи мафҳумҳои марбути парандаҳо: **чихч (**К-рш) ҷиғилдони паранда; **бачгин // бадгин** (Ёл, Пор.) чӯҷаи ҳама гуна паранда; **палапан (**Вқ.) чӯҷаи пар набаровардаи парандагон;

Ифодаи номҳоиҳашарот ва мафҳумҳои марбути он низ бо калимаҳои хоси шева мавқеи назаррасро касб менамояд: **калар** (Пд.) калламуш; **карбас** (Нил.) калтакалоси хурдҷуссаи заҳрнок; **жанг (**т. – вах.) ришк, мағлесак; **табу** (Об.) як навъи занбӯр; **амбу** (Қлб.) як навъи занбӯре, ки дар танаи сангу харсангҳо аз регу лой лона месозад; **аша (**Вқ., Қ.) какана, халилихӯрак, як хел гамбускчаи болдори лӯндаест, ки рангаш сурх ва холҳои сиёҳ дорад; **ғаламиз (**Дар.Н.) ғалламус; гамбуски ҷавзо; **вос (**Ғор.) каллаи гӯсола; **иқра (**Кб.) кирми зери пӯсти гов, ки дар натиҷаи газиданиғӯрмагас пайдо мешавад; **шуг** (Қал., Ял.) як навъи кирм; **кучкучак (**Оқб.) ҳашароти майдаест, ки ранги хокистарӣ дошта, ба канача монандӣ дорад ва одатан, дар хоки хушк ва ё рег лона мегузорад; **кафа** (Нав.) куя, як навъ ҳашароти майдае, ки пашм мехӯрад; **къйа, кийа** (Вқ.); **куйа (**Қӯрғ.) ҳашароте, ки либоси пашминаро мехӯрад; **ҳалоҳулък // ҳалоҳълък** (Шк.) як навъи ҳашарот аз ҷинси шапалак; ше‘р (Нав., Ҳал.) як навъ ҳашаротест мисли гаҳвораҷунбон; **дъгърма (**Ҷк.) пиллае, ки дар дохилаш ду кирмак дошта бошад; **сама** (Зев., Мал-д.) як навъи ҳашарот, ки рӯ-рӯйи об парвоз кунад; **патоник // патуник (**Шк.) // **партонък (Ҷк.)** парвона; **бовадустак (**Нил.) халилихӯрак, какана (ҳашарот). Дар ин гурӯҳ доираи маъноии калимаҳо вобаста ба мавқеи истифода тағйир меёбад: **бубук // бувак (**Қаротегин) як навъи ҳашароти бадбӯй; (Нӯш., Яр.) як навъ занбӯри хокистарранг, ки дар тарқиши девору сутунҳо ва ғ. лона мемонад; (Шк.) хӯса, пӯсти коҳ ҷойкардашудаи гӯсолаи навзоди нобудшуда, ки бо мақсади ором намудани модагов назди вай мемонанд; (Қӯш.) як навъи растании хушбӯю хуштаъм; (Яр.) як навъ парандаи кӯҳӣ ба калонии бум; (Ёл) забонак, забонча.

Шаклгирӣ ва ифодаи маъноии калимаҳои хоси шева дар гурӯҳҳои мавзуии марбут ба номи ҳайвонот, паранда ва ҳашарот вобаста ба маҳалли интишори худ як қатор хусусиятҳои забониро дороанд, ки дар зербобҳои дигари рисолаи илмӣ онҳоро ба таври васеъ баррасӣ намудаем.

3.1.6. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи номҳои растаниву гиёҳ ва дарахту буттаҳо

Доираи густариши гӯйишҳои тоҷикӣ минтақаи васеъро фаро мегирад. Дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда барои ифодаи номҳои растаниву гиёҳ ва дарахту буттаҳо бештар калимаҳои умумихалқӣ истифода шаванд ҳам, дар ифодаи ин қабати мавзуӣ калимаҳои хоси шева низ мавқеи худро доранд. Омӯзиши калимаҳои ифодакунандаи номи дарахтон ва растаниву наботот дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст [Дадабоев, 1972; Убайдов, 2013; Юсупов, 2016; 2017; Каримова, 2017].

Дар таркиби луғати забони меъёрӣ ва лексикаи умумихалқӣ ин қабил калимаҳо серистеъмол бошанд ҳам, бо калимаҳои хоси шева ифода ёфтани ин гурӯҳи мавзуӣ маҳдудтар ба назар мерасад, ки ин омилро дар мувофиқати шакливу маъноии онҳо бо гунаҳои адабии худ метавон маънидод кард.

Калимаҳои ифодакунандаи растаниву гиёҳҳо ва мафҳумҳои марбути онҳо: риндак (Бойс.) навъи растании дар байни гандум рӯянда; **зулфитурун** (Бойс.) навъи алаф; **папс (**т. – вах.) як навъи растании худрӯй, ки дар лаби ҷӯ месабзад; **страхс** (т.вах.) зира; **асвош (**К.ҳ.) гиёҳ; **аҷик (**Ҷк.) гиёҳи саҳроӣ; **бориҷе (**К.ҳ.) гиёҳ аз ҷинси камол (ров); **мъжък (**Бдх.) як навъи нахӯд; **виғна (**Дар. Н., Сина) // **биғна (**Қӯрғ.) як навъи растании сӯзанбарг; **жоба (**Поращт) газна; **йаранно (**Дар. Н.) як навъи ҳино; **йорти´**

(Бдх.) қараҷоти кӯҳӣ; **калоф (**Хум., Шм.) як навъи растанӣ; **сечак // сечък** (Вқ., Қ.) // **севчък** (Шк.) як навъ гиёҳ, ки барги сирмонанд ва гули нилобӣ дорад; **шамак** (Ғк., Шк.) як нав растанӣ, ки донааш ба донаи курмак монанд аст; **бомъс** (Қ.) як навъ растанӣ; **қалоқ** (Ял., Ҳак., Ҷф., Лай., Ҳд.) як навъ растанӣ аз ҷинси аҷириқ; **ховак** (Вқ.) тухми гули як навъ растанӣ; **касруф (**К.ҳ.) навъи растании аввали баҳор; **кинг (**Вқ.) алафи баргҳояш караммонанд; **пинда** (Қӯрғ.) растании баргҳояш калон; **дамбус** (Мум., Ёх., Хов.) қамчинбутта (навъи алаф); **сънил (**Ҷк.) як навъи растанӣ; **кърош // куруш // къръш (**В.қ.) растании офтобпарастмонанд; **кек (**Хов.) най,килк, қамиш; **манглух (**Ҷк.) растанӣ аз ҷинси най (қамиш); **пъхник // пъхнък** (Вқ., Шк.) тухми растании лух; (Қ.); **так-так** (Кҳ., Шк., Қ.) як навъи растанӣ, ки ба ҷавдор монанд аст; **модраҳ** (Ғор., т.вах.) хома, эфедра; **мундос (**Ёх.) растании сершира; **патрум // патръм (**Қал., Ял.) растании паҳнбарг; **пуш (**Сина) растании буттагӣ; **пӯда (**Сина) мавизи навъи паст; **сано** (Кд. Нр.) як навъ гиёҳи баргаш ба барги бед монанд; **сатри´** (Сд, Лаҳ., Зир.) як навъи алаф; **сира (**Хум., Шм.) латтахор; **хъдъмч (**Ғор.) латтахор; **сури´** (Шк.) як навъи гули сафеди хушбӯйи сафед; **сънил (**Ҷк.) як навъи растанӣ; **чаблули´** (Мум., Сх., Хов.) як навъи растанӣ; **чахир (**Кҳ.) як навъи растанӣ; **палос** (Қ., Ғк.), **пълос (**Шк.) пӯчоқ, пасмондаи (бозмонда) шолӣ пас аз кӯфтан дар обҷувоз ё ӯғурак.

Калимаҳои ифодакунандаи гиёҳу растаниҳои кӯҳӣ: заҳ (Бдх.) растании хордори кӯҳӣ; **исфарза (**Дар. Н.); **калмоч (**Нил.); **кърахка** (т.вах.) растаниву гиёҳҳои кӯҳӣ; **лосвеш (**т.вах.) як навъи растании кӯҳӣ; **пърк (**Дб., Кан.) пиёзи кӯҳӣ; **чавроҳ (**Қал.) як навъи буттаи кӯҳӣ; **адас (**Вқ., Қ.) наск; **гаркунда (**Шк., Қ.) қаламфури кӯҳӣ, ки ба дарди миён даво аст; **момус // бомус (**Ог., Ҳак.) як навъ растанӣ аз ҷинси ҷавдор; **пайхал (**Б.) зиреба, хорва ғ.

Калимаҳои ифодакунандаи растаниву гиёҳҳои шифобахш ва хӯрданибоб: анқор (Қӯрғ., Сина) як навъи гиёҳи кӯҳии хушбӯй; **сирък**

(Шӯр.) як навъи растании шифобахш; **вагина (**Хуф.) растании талхмаза; **чоқла** // **чоқъла (**Ҷк., Шк.) // **чоқло (**Қ.) *бот.* як навъи растании туршомези қобили истеъмол, ки дар пушта, кӯҳдоман ва кӯҳҳо рӯяд**; кажур (**Дар. Н.) як навъ гиёҳи кӯҳии шифобахш; **нил** (Дб.) як навъ растанӣ аз ҷинси кӯкнор, ки аспи комшударо бо он табобат мекунанд; **ҷоҷи´ (**Лб., Дд., Ҷав., Фар.) *бот.* ҳолмон, навъи растании хӯрданӣ, ки гулаш мисли гули лола аст; **толон (**Дар.Н.) ревоҷ, чукрӣ; **какра (**Ӯш.) навъи растании талх; **мастакӯ** (Шк.) як навъи растании давоӣ, ки ғӯрааш хорнок мешавад; **маҳмил (**Дб., Кан.) // **маҳмел** (Ог.) як навъ растанӣ, ки барги он ба дарди шикам давост; **момокаҳак** (Дб., Кан., Чб.) як навъ растанӣ, ки бӯйи хушу таъми гуворо дорад, гулаш зард аст; **уғроқ // нъғроқ** (Дб., Кан., Ст., Чб., Ог.) як навъ растанӣ, ки бехмеваашро истеъмол мекунанд; **мъҷък** (Бдх.) нахӯд; **кучала** // **къчала (**Қ.) растании давоӣ; **пардам (**Қ.) як навъ гиёҳ, ки хӯрда мешавад; **мастакӯ** (Шк.) як навъи растании давоӣ, ки ғӯрааш хорнок мешавад; **хилтчӯ** (Вқ., Қ.) як навъ растании хушбӯй ва шифобахш; **модел // модил (**Кан.) як навъ гиёҳи баргаш ба сир монанд, ки истеъмол мекунанд; **пардам (**Қ.) як навъ гиёҳи истеъмолӣ; **пъчахч (**Бдх.) лӯбиёи норасида (нопухта); **тотала (**Хуф.) гиёҳи ревоҷмонанд; **турч (**Қ.) саморӯғ (як навъи занбӯруғ); **хинич (**Сина) растании хушбӯй аз ҷинси шибит; **ҷигор (**Ҷк.) як навъи занбурӯғ; **пъчахч (**Бдх.) лӯбиёи норасида (нопухта) **сарвишк (**Ромит) як навъи растании туршомези хӯрданӣ,торон, тахач ва ғ.

Ташаккули ин гурӯҳи мавзуӣ бо роҳҳои гуногуни морфологӣ назаррас буда [Раҳматуллозода, Юсупова, 2017], ба андешаи профессор Ғ. Ҷӯраев: «Ҳарчанд ки роҳу қолибҳои калимасозӣ дар лаҳҷаҳо тақрибан мисли забони адабист, лекин дар бобати маҳсулнокӣ ва ё истеъмоли ин ё он масолеҳи морфологӣ, қолибҳои анъанавӣ-таърихӣ ҷиҳати хоси ин ё он лаҳҷа (шева) ба назар ҳамоно ҷилвагар шуда меистад» [Ҷӯраев, 2017, 40]. Дар ифодаи номи растаниву дарахтон корбасти шаклҳои гуногуни

морфологиро мушоҳида менамоем; **ғубак** (Сина) буттаи кӯҳии бесамар; **испарак** (Дб.) гиёҳест худрӯй, ки аз он дар бофандагӣ ранги зард ҳосил мекунанд; **мошак** (Сина) боқило (навъи зироат); **рискак** (Сина) гиёҳи бехмевадори шабеҳи пиёз; **рухак** (К.ҳ.) як навъи зардолу; **испағул** (Вахё) растании зуфмонанд; **овка // овикаҳ** (Сх, Лахш, Яр.) як навъ алаф, ки дар ҷойҳои намнок меруяд; **ҷъзбанд** (Дҷ., Мум.) – як навъи бутта ва ғ.

Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи номи буттаву дарахтонро ба таври мухтасар чунин тасниф менамоем:

а) Калимаҳои ифодакунандаи номи буттаву дарахт.Дар ин гурӯҳи луғавӣ бо калимаҳои хоси шева ифода шудани номи буттаҳо, алалхусус, номи буттаҳои кӯҳӣ серистеъмол аст:**бушол (**Хов., Шил., Нӯш.) // **бъшол** // **пъшол (**Пор., Ёл, Хт., Дор., Дҷ., Пд., Лахш) як навъи буттаи кӯҳӣ, баргаш ба санҷид монанд аст; **тилли´** (Нил., Хуф.) дарахти кӯҳии хорнок, ки шабеҳи бодом аст; **андалғаз (**Қз) буттаи кӯҳӣ; **пата** (Б) як навъи бута; **сърай (**Шк.) як навъ буттаи гулаш арғувонӣ; **пъсъмч (**Дб., Кан.) // **пъсънч (**Тқ.) як навъ буттаи кӯҳӣ; **хума (**Сина) буттаи хушбӯйи кӯҳӣ; **ҷенҷик (**Шк.) як навъи буттаи кӯҳӣ; **лифток** // **лифтоқ (**Шк., Ғк.) // **лъфток** // **лъфтоқ (**Ҷк.) // **дефток** (Бойс., Қӯрғ.) буттаест чун токи ангур; **андалғаз (**Қз.) буттаи кӯҳӣ, ки навдаи онро чун чароғ дар даврахои пеш истифода мебурданд; **ҷъзбанд** (Дҷ., Мум.) як навъи бутта; **сива (**Карш, Хуф.) буттаи хорноки кӯҳӣ; **марз (**Вқ.) растании буттагӣ; **мъҳлаб (**Сх.) як навъ дарахти кӯҳӣ, ки меваи талх (тунд) дорад; **балар** (Ғеш) як навъ дарахти кӯҳӣ, ки мевааш ба қадри олуболу аст; **чатқал** (Хм., Шм., Ял., Ҷф.) як навъи дарахти кӯҳӣ**; қарағоч** // **қариғоч** (Кҳ., Ғк., Шк.) сада, гуҷум, нарвон (дарахти чӯбсахти бемева); **хъшхор** хорзор, хористон; як навъи дарахти хордор; **буруҷ (**Ғор.) тӯс, навъе дарахт; **урсук (**Ғор. арчаи калонҳаҷми сарсабз; **ғуш** (Шк.) як навъи дарахти кӯҳии сахтчӯб, ки аз он тир, найза, инчунин мизроб месохтанд; **дағаса** (Қӯш., Хт.) як навъ дарахти кӯҳии мевааш ба олуболу монанд; **кърт** (Ск.) як навъ буттаи

кӯҳӣ; **пуш (**Сина) растании буттагӣ ё печони сӯзанбарг, гулҳои хушбӯй дорад; **пӯда (**Сина) мавизи навъи паст; **пърава (**Шк.) навдаҳои хушки дарахт; **сива (**К-рш, Хуф-р) буттаи хорноки кӯҳӣ; **тълох // талох (**Вқ., Қ., Шк.) як навъи буттаи кӯҳии бемева, ки баргаш ба офтобпараст монанд аст; **фирра (**Дар.Н.) арчаи хушкида; **хахък (**т. – ишк.) навъи хорест дар баландкӯҳҳо рӯяд; **чавроғ (**Қал.) як навъи буттаи кӯҳӣ; **ваґнич (**К.ҳ., Ром.) навъе буттаи кӯҳӣ.

Бояд қайд намоем, ки калимаҳои туркии **умуртқа, арқа, қилтиқ, киндик** дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ корбаст дошта, дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё калимаи **қилтиқ** дар ифодаи ҷузъи алаф ба кор бурда мешавад;

б) Калимаҳои ифодакунандаи бутаву дарахтоне, ки меваашро одамон истеъмол мекунанд: кайвон // кайвун (Дҷ., Пшб., Пшм.) як навъи дарахти мевагӣ аз ҷинси нок**; хармахараки´** (Сина) як навъи амруди сиёҳи кӯҳӣ; **довучча (**Қӯрғ.) ғӯраи зардолу; **буқул** (Бойс.) зардолуи пухтарасида; **чабарғ // чаварғ (**Вахё) як навъ олучаи кӯҳӣ; **қорт (**Ғк., Шк.), **қот (**Вқ., Қ.) зиришк, зирк, анбарборис, зилол (бутта ва меваи он); **қорч (**Вқ.Қ.) // **хорч** (Қӯрғ) занбӯруғ, навъе аз занбӯруғҳои хӯрданӣ; чаґора; **нигат (**Дар.Н.) // **нагат (**Қӯрғ.) навъи нок; **кълок (**Гх.) ношпӯтӣ // ношпотӣ; **хулул (**К.ҳ., Шк.) // **ҳулӯл** (Бойсун) хуч, насрин, настаран; **турч (**Вқ.) саморӯғ (як навъи занбӯруғ);

в) Калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои марбути буттаву дарахт: пазғоқ (Бойс.) пӯсти дарахти арча; **ғъжда (**Нд.) ҷойи барҷастаи танаи дарахт; **кърк (**Кҳ.) ғӯраи хоми мева, давча (аз зардолу, олуча ва ғ.); **манҷук (**Ҷк.) меваи зиёдбаста дар шохи дарахт; **мозу (**Вқ., Қ., Бдх.) меваи дарахти ҷалғӯза, ки ба чормағзи финдуқи заминӣ монанд аст; **пархишта (**Сина) тарзи ниҳолгирӣ аз буттаи ток; **угун (**Ҷк.) // **огон (**Бдх.) қаламча, парвардаи карам, бодинҷон, бодиринг ва ғ.; **ғъжда (**Нав.) ҷойи барҷастаи танаи дарахт; **ғъҷа (**Сам.) ширеши дарахт; **пушқоқ (**Сина) мавизи навъи

паст; **бачара** (Лахш) фишурдаи чизе; **бийора** (Каҳ., Нав., Нз.) буттаи харбуза, тарбуз, бодиринг ва монанди инҳо; **колинг** (Сина) навдаи ғафси ток; **лифт** (Нав., Нд.) пӯстлоқи ток, ки барои шустушӯи дегу табақ истифода мебаранд; **пърава** (Шк.) навдаҳои хушки дарахт **мъноқ** (Хов., Шх.) ҳосили зиёд бастани буттаву дарахтони мевадор; **фарғон** (Вқ.) фарғуч, навдаи токро аз тана набурида барои реша гирифтан ба замин гӯр мекунанд, то реша гирад ва соли минбаъд вайро шинонанд.

Вобаста ба шаклгириҳои гуногуни морфологии ин қабати лексикӣ доираи маъноии онҳо васеъ мегардад, ки ин масъаларо дар зербоби ташаккули калимаҳои хоси шева бо роҳи калимасозӣ муфассал баррасӣ намудаем.

3.1.7. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи номи узвҳои бадан ва бемориҳо

Номи узвҳои бадан ва бемориҳо бо шаклу маънӣ ва баъзе хусусиятҳои дигар аз забони адабӣ фарқият пайдо мекунанд, ки худ ин қабил калимаҳо таърихи куҳани рӯзгори инсониятро доро буда, дар забоншиносии муосир ба таҳқиқи онҳо таваҷҷуҳ бештар шудааст [Патаева, 27] ва ҳатто баъзе аз муҳаққиқон дар шаклгирии калимаҳои соҳаи тиббӣ акс ёфтани хусусиятҳои забони миллиро зикр намудаанд[Пенюкова, 100].

Дар забоншиносии тоҷик таҳқиқи бевоситаи истилоҳоти ифодакунандаи узвҳои бадан ва мафҳумҳои тиббӣ дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикӣ низ сурат гирифтааст [Раҳматуллозода, 2014, с.332; Қурбонов, 2019].

Дар асоси баррасии маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи ҶӮ ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ин қабати мавзуиро вобаста ба ифодаи мафҳум дар ду зергурӯҳ метавон тасниф намуд:

а) **Калимаҳои ифодакунандаи номи узвҳои бадани инсон**: **умурқа** (Дд., Лб., Кан.) сутунмуҳра; **ҳарқа** (Ғк., Қ.) тахтапушт; **нила** (Вқ., Қ.) // **мила** (Б., Дҷ., Ст.,Сч., Сх., Хов., Хҷ.) чашм, дида; **ҷигод** (Вқ., Қ.) // **ҷигот** (Кҳ., Шк.) қавоқ, пилкҳои чашм; **шакарак**: шакараки гӯш (Гул.) буни гӯш, баногӯш; **алахша (**Қ., Ҷк.) // **алохша** (Дм.,Нӯш., Ҳич., Яр., Қлб., Бдх.) // **алъхша** (Пд., Лахш, Мт., Хт.) ҷоғ; **кълйак** (Вқ., Шк., Қ.**) // кълийак (**Ҷк.) ҷоғ, манаҳ, занах; **зилалхъша** (Хов.) ҷоғ; **лахшов** (Ғор.) ҷоғ; **йиғ // йъғ** (Дб., Кан., Сх., Хов., Пшб., Пшм., Ёх., Кд.) сари китф, кафал; **кърдък** (Ан., Ёл, Пор.) сари (қафаси) сина; **кърак** (Хон., Хов.) чуқурчаи зери хекиртак; (Дб.) устухони бинӣ; **кърчакча** (Вқ., Қ.) сари китф, шона; **қилток** (т. – ишк.) хекиртак; **ангълак** (Си.) забонак; **карок** (Дор.) мак, хекиртак; **самак** (Б.) хекиртак; **байоз (**К.) буни гардан; **мак**гардан; гулӯ; хекиртак, хирной; **шъл** (Ёх., Кд.,Нр.) раги гардан; **вира** (Сина, Қӯрғ.) милки дандон; **қоғък (**т. – ишк.), **қуғък** забонча; **алъхша** ҷоғ (Лахш); **лахшов (**Ғор.) ҷоғ; **анголак (**См. Қӯрғ., Сина) ҷоғ; **барға (**Ғк., Кҳ.) қафаси сина; **доли´** (Пд., Қӯш.) шона; **белак** (Вд., Пд.) шона, белаки китф; **бувак** (Ёл) забонак, забонча; **доли´** (Пд., Қӯш.) шона; **карок** (Дор.) хекиртак; **кърак (**Хон., Хов.) чуқурчаи зери хекиртак; (Дб.) устухони бинӣ; **лахшов (**Ғор.) ҷоғ; **дорак (**Дар.Н.); (Сина) нӯги пистон; **кумағзик // кумағзък** (Ҳич., Яр.) думғоза; **куркурак** (Қ.) тағояки бинӣ; **сътъмбак**: сътъмбаки бъни´ (Ял.,Ҷф.) тағояки байни ду сӯрохии бинӣ; **тумшуқ** (Ғқ., Кҳ., Шк.), тъмшъқ (Вқ., Қ.) фук;

Калимаҳои ифодакунандаи дасту пойи инсон ва мафҳумҳои ба он марбут: бӯйбар (Дарб.) аз ошуқи пой то зону; **булунг** (Бойс.) қисми мулоими пой; **хайпар** (Дб., Ст., Тқ.) банди по, аз зону то буҷулаки пой; **тефък** (Вқ.) банди даст ва китф (дар якҷоягӣ); **сута** (Вқ., Ҷ., Шк.) пой, поча; **савҷи´** (Ғор.) // **сувҷи´** (т. – вах., т. – ишк.) // **семчи´** (Ёз., Лан., Сдт., Тд.) сари рон; қисми болоии рон; **қумуч** // **къмъч** (Вқ.) сари рон, чорбанди кос; **мағзин** (Лахш) рон, сон; **тута**чӯб ё оҳани дарунхолӣ;

(Мум., Сх., Хов., Шӯр., Ғеш) банди по: устухони рон; **каҷак**: каҷаки дъст (Лахш, Мт.) оринҷи даст; **бъзак**: бъзаки по (Хон., Нз.) буҷулаки пой; **гъзгъзък** (Бдх.) каф, ҳавуч; **гърмък**: гърмъки дъст (Ёл) буғуми даст; **балдоқ** (Қӯш.) буҷулаки пой; **кофъри´** (Ёл, Пор.) ангушти сеюми даст; **қиф** (Дарб.) байни ангушти калон ва ишоратӣ; **тарк (**Ҷк.) кафи дасту по; **мангал (**Самсолиқ, Хов., Шв.) дасту пой; (Дар. Н.) шаклу шамоил; **дукак // дъкак** (Ёл) устухони по; **кълъмга** (Нӯш., Ҳиҷ.) чорбанди кос; устухони қисми пой аз рон то думғоза; **къмъч** (Шнг.) устухони чорбанд, кос; **нъхач** (Мум., Сх., Лаг., Ғеш) // **нъхаш (**Дҷ., Кх., Кч., Хов.) пай,нақши пойи касе ё чизева ғ.

Калимаҳои ифодакунандаи сар ва ҷузъҳои он: тарк (Пв., Сур., Хм., Шм.) косахонаи сар; (Қ.) раг; (Қӯрғ.) бар сари дардманд дору тайёр кунанд, ки тарк ном дорад; **чак** (Дм., Нӯш., Яр.) пай, нишона; доғи сафед; пешонӣ, ҷабин; **чӯқи´** (Бойс.) ду бари сар; **овлъпак** (Вд.) нармии сари кӯдак, ҷойи мулоими фарқи сари тифл; **малаҒда**: малаҒдайи сар (Шк.) нармии фарқи сари кӯдак (тифл); **капола** (Вқ.) косахонаи сар; **нъкла (**Ёз., Лан., Сдт., Ог.) сабӯсаки сар ва ғ.

Калимаҳои ифодакунандаи узвҳои дарунии инсон ва ҳайвонот: хъчик (Вқ.). шошадон,обгаҳи бадан; **чумбулуқ** (Б.) обгаҳ; мезақдон, шошадон; **тълох (**Вахё) испурч, сипурз, супурз; **дафък // дафак** (Ёх., Сх., Хов.) пардаи дил; қафаси сина; **зедун** (Лахш) ҷанин, бачадон; **хашшак (Кҳ.)** узви инсон ё ҳайвон, ки поёни ноф ҷойгир бошад, обгаҳ; **кабутлав** (Ан., Ёл, Пор., Сг.) супурз, испурч (узви дарунии инсону ҳайвонот); **суғун // съғун** (Вқ., Қ., Шк.) устухон; **даруна** (Нз.) чарбу, равғани дарунии ҳайвонот, ки дар атрофи шикамба баҳам мерасад; **дафък // дафак** (Ёх., Сх., Хов.) пардаи дил; сари (қафаси) сина ва ғ.

б) **Калимаҳои ифодакунандаи номи бемориҳо ва мафҳумҳои марбути он: белангу (**Бойс.) шахси бемор**; ойинг (**Бойс.) паҳншавии беморӣ; **тавур** (Дарб.) аз ҳарорат дигаргун шудани ранги рӯй; **баҒара // боҒара (**Ск.)

ғуррӣ, ҷоғар; **даба (**Ҳакимӣ) дабба, чурра, боди фатақ; **ғурр (**Қӯрғ.) ҷойи бардамидаи сар; **зов** ҷоғар, ғуррӣ, касалии ғадуди гулӯ; (Сам., Пҷ., Шв., Яхч) ғамбода, бемориест, ки ба сабаби бисёрии ғаму ғусса пайдо мешавад; **тарсвара** (Қаротегин) касалии руҳӣ; **аксавара // акъсвара** девонавазъ (Нӯшор); **фирса (**Мк., Дд., Лб., Сс.) ларза, табларза, раъша; **папар (**Ёл, Пор.) девонаавзоъ, девонавазъ, оне ки ба бемории руҳӣ гирифтор аст; **пеғар // пейғар (**т. – ишк.) ғуррӣ, ҷоғар; ҷиғилдон; **аласма (**Ҷавдор) саръ, масруъ (касалӣ); **лойак** (Карш, Маланд) сипурз; **хурусони´ (**Нилу) гулӯзиндонак; **бечърт (**т. – вах.) хиратабъ, парешонҳол; бемор, беҳол; **дамзах (**Кб., Сх.), **дамзих (**Кан., Ог.) бо мушкилӣ нафас гирифтани бемор; **жоғар // жъғар (**Бдх.) вараме, ки бар асари бемории ҷоғар дар гардан пайдо мешавад; **кънда́бод (**Кб., Кп.) варам кардани милки дандон; **маҷмаакасал (**Шк.) бемории (касалии) сил; **матона (**т. – ишк., т. – вах.) санги масона; **мома‘лай (**Мс., Хум.) саръ, масруъ (бемории асаб); **мубосил (**Кб., Кп.) бавосир, беморие, ки пой, зери баҳал ё баъзе узвҳои бадан доим арақкарда, бӯйи нохуш мебарорад; **хилдак (Дб.) // хилдик // хилдиқ (**Кд., Нр., Дор., Хов.) // **хълдък (**Дм., Нӯш., Фат., Яр.) **чирки чашм; раганик // рагани´ (**Кҳ.) лоғар, камгӯшт, чиллаашӯрӣ (бемории кӯдакон, ки шикамашон калон мешаваду дасту пойҳояшон борик); **ровшък** (Дм., Нӯш., Ҳиҷ., Яр.) чиллашӯр, касалии атфол, ки аз инкишофи нодурусти устухонҳо ба амал меояд; **саҷов** (Мс., Хум.) бемории роҳи нафаси асп; **сарғ (**Қ., Ҷк.), **сарқ (**Ғк.) саръ, масруъ (беморӣ); **халба (**Ёх.) як навъи беморӣ; **чънг** (Ҷк.) бемории фалаҷ (шал); **бъранг (**Кан.) // **буранг** (Қӯрғ.) маиб (нисбат ба одам ва ҳайвон); **тосак** (Лахш) гулӯзиндонак, хунноқ (бемории гузаранда); **ваґри (**Қӯрғ.) омос, варам; **воґар (**Кч., Пшб., Сд.) ғуррӣ, ҷоғар; (Шк., Ғк.) ғуррӣ (ягон ҷойи дамида баромадаи танаи дарахт); (Шк.) сағрии ҳайвон (бештар аз барзагов, қӯтос ва ғ.); **халба (**Ёх.) як навъи беморӣ; **фихин (**Сангдара) як навъ касалӣ; лоғар; бекора; **чънг** (Ҷанубии Кӯлоб) бемории фалаҷ (шал);

арқадор (Сина) оне, ки гирифтори бемории саръ аст; **къмъч (**Шунг) устухони чорбанд, кос; **качул** (Шк.) номи доруи халқӣ, ки аз решаи як навъ растании хушбӯй тайёр мекунанд; **кошуничаҳ** (Гх., Ёз., Лан., Сдт.) номи доруи халқӣ; **гандаври´ (**т. – вах.) сиқли меъда, оруғ задан бо бӯйи бад, ки бар асари зиёд хӯрдан рух медиҳад ва ғ.

Баъзе навъи бемориҳо аз сабаби зиёд паҳн шудан миёни мардум бо номҳои гуногун ифода меёбанд: **чайма (**Дҷ., Хир.) исҳол, касалии дарунавӣ; (Ял.) касалии асп, ки пас аз араққунӣ гирифтори он мешавад; **дилкоко (**Уч.) исҳол, дарунрав; **изҳордард (**Хон.) исҳоли хунин, касалии исҳол; **калчайма (**Хҷ.) як навъи касалии дарунравӣ; **конок (**Ҷк.) исҳол, дарунрав; **кунок** (Бдх.) бемории меъда; (т. – ишк.) хуноқ; шикамрав; **кълухтафи´ (**Туғ., Қӯш.) усули маҳаллии муолиҷаи дарди шикамва ғ.

Ифодаи номи бемориҳои мансуб ба ҳайвонот дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда бо калимаҳои хоси шева мавқеи хос доранд: **қарасон**, **қарасун (**Вқ., Қ.) сӯхтанӣ (бемории ҳайвоноти шохдор); **гъшгар**. (Вд., Дҷ., Қлб., Хум.,Мс.) навъе аз бемории гузарандаи ҳайвонот; хориш; ҷараб (шукуфа), ки мӯйро мерезонад, шукуфаи ҳайвонот; рихинак, гармича (дар рӯй барояд); **ғарм (**Дҷ.) як навъ касалии ҳайвонот; **тол (**Дарб.) як навъ касалии ҳайвоноти хонагӣ; **ҳасаб (**Кӯл., Нав.) бемории сирояткунандаи ҳайвонот; **нъҷ // нуҷ (**Лахш, Мум., Пд., Хов., Қал., Ял.) як навъ касалии пӯст (аз ҳайвонот), ҷараб; **ос** (масруъ, саръ; як навъ бемории марбут ба асаб ва руҳ; **ҳасаб (**Кд., Нр.) бемории сирояткунандаи ҳайвонот; **қаропка (**Дор., Хов.) дар натиҷаи шамолхӯрӣ варамидани шуши ҳайвонот; **уба (**Мт., Хт.). як навъ касалии асп, ки дар пойи он дар шакли озах (севол) пайдо мешавад; **ҷамола (**Дор., Ток.) дарди сил (оид ба асп); **нъҷ // нуҷ (**Лахш, Мум., Пд., Хов., Қал., Ял.) як навъ касалии пӯст (аз ҳайвонот), ҷараб ва ғ.

Дар ифодаи номи беморӣ ва доғҳои рӯй калимаҳои хоси шеваи зиёдро мушоҳида менамоем:**айратиру (**Ғеш) рихинак, гармичаи рӯй; **айру**

(Хуф-р) шукуфаи тар; **айрун** (Сина) шукуфа; **ҳаспа** (Кҳ) домана, ҳасба; навъи беморий пӯст, ки мисли сурхча (сурхакон) медамад; **қазамъқ** (Қ.) сурхакон (беморӣ); **қарамуқ** (Қб., Кп.) гул, гулафшон, беморий нағзак, ки дар бадани одам пайдо мешавад ва бисёр пурхавф аст; **тапча** (Хум.) доначаҳои сурх, ки дар бадан мебарояд ва ғ.

Дар ифодаи захму ҷароҳат низ калимаҳои хоси шева серистеъмоланд:**қърт** (Вқ) лӯнда, кулӯла; варам, обила; **пеғар** // **пейғар**ғуррӣ, ҷоғар; ҷиғилдон; сангдон (аз паранда); **пилла** (Сина) обила; **ғарак** (Ҷав., Лб.) ҷароҳати мижжа; **ғӯлобак** (Қӯрғ.) ҷароҳат; **бисмил** (Нилу) як навъи захм; **ғузик** (Қ.) ҳубоб, ҳубобча; навъи беморист, ки ҷоҷойи бадан варам (обила) мекунад; **ғукак** (Кҳ.) як навъи беморӣ; **банум** (Мс., Дор., Ғеш) як хел реши (захми) бадани асп; **пъхч** (Дҷ.) насибахӯрак, захми (обилаи) нӯги забон; **маак** (Мум., Ғеш) як навъи захм (ҷароҳат); **тофч** (т. – вах., т. – ишк.) доғ, доғи нағзак; асари захм (ҷароҳат); **ҷарма** (Хов.) ҷароҳате, ки аз газак варам кардааст, захми варамкарда ва ғ.

Дар ин қабати лексикӣ барои ифодаи як навъи беморӣ калимаҳои зиёд корбаст мешаванд: **зуком**– **бодбини´** (Ёл); *сурон* (Қӯрғ.); **гармохънък** (Вқ., Кҳ., Қ., Шк.); **кезик** (Ф.); **навойи´, нъвойи´ // нувойи´** (Вқ., Қ.) зуком вакасалии димоғ, ки дар натиҷаи сармохӯрӣ ва варами роҳҳои бинӣ пайдо мешавад; **тезък** (Кд., Нр.); **сарору**; **тумоғ** // **тъмоқ** // **тъмов** (Ғк., Қ.) ва ғ.; **ҷоғ***алъхша* (Лахш, Пд.); *анголак* (Қӯрғ., Сина); **девона** *тареле (*Қал.); *аксавара // акъсвара* (Қ.) ва ғ.

Дар ин қабати лексикӣ калимаҳои зиёди таърихии амсоли **калахч, яшк** // **ашк, хилм** // **хим** ва ғ. корбасти фаъол доранд, ки онҳоро дар зербоби хусусиятҳои таърихии калимаҳои хоси шева ба таври васеъ баррасӣ кардаем.

3.1.8. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи ҷашну маросим ва ҳунарҳои мардумӣ

Расму оини мардум ба таъриху фарҳанг ва забони онҳо вобастагии зич дорад. Давоми ҳазорсолаҳо расму оини мардум вобаста ба маҳалли зист ва урфу одаташон ташаккул меёбад. Урфу одати мардум дар забони халқ акси бевоситаи худро пайдо мекунад. Дар забоншиносии тоҷик ба ин ҷиҳати масъала муҳаққиқони зиёд диққат додаанд [Арандаренко, 1883; Зеҳниева, 1991; Зикриёев, 2004]. Таҳқиқи ҷашну маросимҳои маҳалҳои алоҳидаи тоҷикнишин дар забоншиносии тоҷик мавқеи устувор дорад [Қодиров, 1963; Шарифова, 2005; Ӯзбеков, 2007]. Забоншинос С.Раҳматуллозода дар кори илмии худ, ки ба таҳқиқи гурӯҳҳои луғавии таркиби луғати лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқӣ бахшида шудааст, дар боби ду таҳти унвони «Калимаву истилоҳоти ифодакунандаи тӯйи арӯсӣ» ба ин масъала дахл намудааст ва андешаҳои ӯ дар баёни хусусиятҳои ин қабати луғавӣ муҳим мебошанд: «Таҳқиқи истилоҳоти ҷашну маросимҳо яке аз масъалаҳои муҳим аст. Таърих гувоҳ аст, ки баъзе аз урфу одатҳои мардум дар тӯли солҳо аз байн мераванд. Бинобар ин луғати мавҷуда ва зиндаи дар байни мардум буда, ки кам нестанд ва ба анъаноти гуногуни мардуми мо вобастаанд, ҷамъоварӣ ва баррасии хосро тақозо доранд. Маросими ҷашни арӯсӣ, хатнатӯй, гаҳворабандон, иди Наврӯз, иди рамазону қурбон аз ҷашнҳое мебошанд, ки таърихи садсолаҳо доранд ва бо худ истилоҳоти зиёдеро ҳамроҳ овардаанд. Аксарияти истилоҳоти ин ҷашнҳо барои шеваҳои забони тоҷикӣ муштараканд. Дар баробари ин, тафовутҳои луғавию савтӣ дида мешавад» [Раҳматуллозода, 2014, с.31].

Доираи ин мавзуъ васеъ буда, мо дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ба таври мухтасар хусусиятҳои забонии калимаҳои мансуб ба ҷашну маросим ва

ҳунарро баррасӣ менамоем, ки дар зербобҳои дигари рисолаи илмӣ паҳлуҳои гуногуни ин мавзуъ ба таври умумӣ арзёбӣ шудааст.

Бояд қайд намоем, ки дар ин қабати луғати лаҳҷаҳо калимаҳои зиёде хусусияти умумихалқӣ дошта бошанд ҳам, вобаста ба ҳудуди интишор, шаклгириҳои махсус ва маъниҳои хосса аз марзи лексикаи умумихалқӣ берун мешаванд ва бо гузашти вақт ба қатори калимаҳои хоси шева хоҳанд гузашт. Вобаста ба урфу одат ташаккули калимаҳои хоси шеваро забоншинос Р.Шодиев хуб арзёбӣ менамояд: «Сарчашмаи муҳимми пайдоиши диалектизмҳо суннатҳои мардумист. Вожаҳое, ки ба урфу одат, анъана, расму оин ва тарзи зиндагии мардум алоқаманданд, дар лаҳҷаҳои Хатлон кам нестанд. Онҳо як ҳиссаи бузурги таркиби луғавии ин лаҳҷаҳоро ташкил медиҳанд. Чунончи: сарку (моле, ки аз намояндагони домод ситонда мешавад), чошти арӯс (баъди 3 рӯз ба арӯс хӯрок мебаранд), мъроваи ша (ҷӯра, ҳамроҳи домод), косалесун (зане, ки ба арӯс дар коса шир медиҳад), пирзача (момодоя), раҳматӣ (шодравон), сарҷилав (он касе, ки арусро ба хонаи домод мебарад), ҷъҳез (либосҳои арӯсро баъди тӯй дар хонаи домод овезон карда, ба занҳо нишон медиҳанд), хъсърсалом (баъди тӯй домод ба хонаи падару модари арус даъват карда мешавад) ва ҳоказо» [Шодиев, с.1671].

Дар ифодаи маросимҳои халқӣ ин қабил калимаҳоро дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда бештар дучор меоем: **элакбар (**Сдт.) як навъ маросими халқист, ки одамони ҷониби арӯсшаванда либосҳои нави домодро дар элак гузошта ба навдомод тақдим мекунанд. Хешовандону рафиқони домод барои эҳтиром дар элак пул ё чизе меандозанд. **Азобаророн** маросими қатъ шудани азодории занон пас аз як соли фавти пайвандон, ки дар он пӯшидани либоси мотамиро тарк мекунанд; **дослеса (**Хов., Ғеш); **досовезон** (Кҳ.) маросими (русуми) ба поёни расидани дарави ғалла ва гирдовари ҳосил, ки кишоварзон ба ин муносибат ба аҳли деҳа зиёфати дастҷамъона меоростанд; **косалесун** (Дҷ.) маросими шаби ақди

никоҳ; домод бо рафиқонаш ба хонаи арӯсшаванда меояд ва ба ивази таоме, ки ба онҳо меоранд, пул медиҳанд; **кучуна (**Лахш, Мт.) маросими кӯчидан ба девлох, ки ба ин муносибат зиёфате меороянд; **мāракашарик (т. – вах.)** иштирокчии ҷашнҳои оилавӣ (тӯйҳои арӯсӣ, хатнасур, зодрӯзи кӯдак; маросими майит); **пайвардорун (**Қ.) маросиме, ки ба муносибати роҳгард шудани тифл барпо мегардад; **парчапоракънон** (Ғк.) маросими омода кардани либоси арӯс барои дӯхтан; **пешғелон (**Сх., Хов., Шх., Бм.) маросими тӯйи арӯсӣ, ки аз рӯйи расму оин пиразани солхӯрда (рӯзгордида) мавриди даромадани арӯс ба хонаи домод дар остона мехобаду наварӯс аз болои вай мегузарад, то ӯ низ мисли вай набераву аберадор ва дарозумр шавад; **синабар (Ст.)** маросимест дар тӯйи никоҳ, ки аз рӯйи расму одат синаи говро пухта ба назди навдомод ва рафиқони ӯ мегузоранд ва баъд аз тановули он рафиқони навдомод аз рӯйи ҳиммат нақдина ё чизе ба табақ мепартоянд; **футабандон (**Кҳ.) маросими бастани миёнбанд ба камари домод ва зиёфати он; **чоштбардорон (**Ҳал., Ял.) навъи маросимест (зиёфатест), ки пас аз кӯфтани ғалла барпо мешавад; **чилкал (**Вқ.) як навъи урфу одати халқист, ки мувофиқи он номи чилкалро дар рӯйи коғаз навишта, рӯйи бом мепартофтаанд ва гӯё сари калҳо мехоридааст ва онҳо ба Худо илтиҷо мекардаанд, ки боришро хотима диҳад; **патфар (**т. – вах., т. – ишк.) оши худоӣ, ки ба ҳамдеҳагон ва дӯстону хешон аз ҷониби ақрабои маит дода мешавад.

Дар ин гурӯҳи луғавӣ дар ифодаи чанд маросим омадани калима низ мушоҳида мегардад: **асол (**Ёх., Сх., Хов.) // **осол** (Лахш, Мт., Хт.) дастовез; раҳовард; туҳфа; шодиёна; **дъсбъша // дъспеша // дъспъша** (Вд., Мум., Нӯш., Дҷ., Каҳ., Қлб.) // **дъстпуша (**Мс., Обл., Хум.) хӯрок, тӯшае, ки аз хонаи арӯсшаванда оварда шудааст; (Қ.) нон ва таоме, ки наварӯс рӯзҳои аввали оиладорӣ мепазад ва онро хешони ҳар ду тараф хӯрда ба наварӯсу навдомод дуои нек мекунанд; (Ҷк.) маросими ба дасти арӯс орд (рӯған) пошида (рехта), вориди рӯзгордории хонаи домод кардани арӯс,

ки се рӯзи пас аз тӯй баргузор шуда, ба ин муносибат барои хешу ақрабо (асосан, занон) зиёфате ороста мешавад, дастчарбкунон ва ғ.

Барои ифодаи мафҳумҳои марбут ба ҷашну маросим ва урфу одат калимаҳои хоси шева корбасти зиёд доранд: **тоқумтелък** (Мт.) шол ё гилемчаи гулдӯзӣ, ки шаби арӯсбиёрӣ ба болои асп мепӯшанд; **атга // адга (**Ғор.) бахшиш, инъом, ҳадя; **туҳфа хъчък (**т. – вах.) қуймоқ, чалпаки маросимӣ; **урчълик (**Вқ.) маросими кӯчбандӣ аз девлох (айлоқ); **нозипешона** (Бойс.) рӯймолчаи шоҳии наве, ки дар гирди сар мебанданд; **зичбат (т. – вах.)** атолаи ордӣ ва ширӣ, ки дар маросими марбут ба ҷойгир шудан дар айлоқ пазанд; **алабурди´ (**Ҷк.) як навъ бозии бачагон; **алойак (**Кб., Кп.) сангчабозӣ, истилоҳи як хел бозии бачагон,ки бо панҷ сангча бозӣ мекунанд; **анҷанък (**Ғор.) як навъ василаи химчагӣ барои яхмолакбозӣ; **асол (**Ёх., Сх., Хов.) дастовез; раҳовард; **балғози´ (**Вқ., Қ.) ҳадяе, ки каси либоси нав пӯшида мавриди «муборакбодӣ»-и шахси дигар диҳад; **ген (**Хум.) саққо, буҷуле, ки бо он ҳангоми бозӣ чормағзҳои чидашударо зада берун мекунанд; **ғозвол (**Қӯрғ.) одами либоси аз пӯсти арча ба бар, ки дар тӯйи хатнасур рақс мекунад; **долак** (Дм.) як навъи бозии бачагон, ки бо чормағз ва пӯчоқи он бозӣ мекунанд; **думғарақ (**Бойс.) бозии кӯдакона; **алалот (**Бдх.) ғавғо, моҷаро; доду фарёд, фиғон; **карсанг (**т. – ишк.) санги махсус барои ярма намудани гандум; **такфин (**Вқ., Қ.) кафан; **айнос (**Ст.) ашё, чизу чора; мерос; **кътънда (**Обл.) барзгар, хирманкӯб, шахсе, ки бо кӯфтани ғалла машғул аст; **сумунд // съмънд (**Ғор., т. – вах., т. – ишк.) хӯса, матарсак ва ғ.

Доираи ифодаёбии ид ва ҷашнҳои арӯсӣ бо калимаҳои хоси шева васеътар ба назар мерасад: **ағача (**Ях., Ғор.) унвони саҳначае, ки дар ҷашнҳои арӯсӣ иҷро мешавад; шахсе, ки дар ин саҳнача нақши арӯсро иҷро мекунад; **айд, ‘айд (**Ғор., т. – вах.) ид, ҷашн, тантана; **пъчъръм (**Ғор.) бори аввал даромадани мард пас аз рӯбучини хона дар ҷашни Наврӯз; **шогун (**Бдх.) Наврӯз, ҷашни эътидоли шабу рӯз, ки ба 18-21-уми март

рост меояд; **мағулбози´ // мағълбози´** (Ғор., т. – ишк.) // **мъғълбози´** (т. – вах.) тӯйи арӯсӣ ва ғ., ки дар он сурудхонӣ ва рақс бошукуҳ бошад, тӯй бо рақсу сурудхонӣ; **мърова (**Гх., Ёз., Куг., Каҳ., Мс., Обл., Сх.) зане, ки ба сифати намоянда дар шаби тӯйи никоҳарӯсро то хонаи навдомод ҳамроҳӣ мекунад**;** осорталби´ (Ҷк.) талабидани ҷиҳози арӯсӣ аз хешу ақрабо (пеш аз тӯй); **аммол (**Ғоф.) маҳр, харҷи тӯйи зангирӣ; **потахс // пойтахс (**Бдх.) инъоми соҳибхона ба меҳмон (дар тӯй ё меҳмондорӣ); **дӣнбеги´** (Дор.) саркор, сардор (дар тӯй ва маърака); **дорға (**Вқ., Қ.) қосиди тарафи домодшаванда ба хонаи арӯс, ки рӯзи тӯйро хабар медиҳад; **поҷъқък (**Шк., Ҷк.) шаби тӯйи арӯсӣ пойи ҳамдигарро зер кардани арӯсу домод; **дарона (**Мс., Хум.) туҳфае, ки домоду рафиқони ӯ ба шахсони назди дари арӯс истода медиҳанд; **олол (**Хов.) тӯёна, туҳфае, ки хешовандон ба шахси тӯйгар тақдим мекунанд; **тоба // това** (Бдх.) маросими оғози ҷашни арӯсӣ, ки дар хонаи домод барпо мешавад.

Бояд қайд намоем, ки вобаста ба урфу одати ҳар як маҳалли тоҷикнишин доираи маъноии калимаҳои хоси шева васеъ мегардад. Ба таври мисол, калимаи **борсанҷун (**Кпн.) ба маънии намояндагоне, ки тарафи арӯсшаванда ба хонаи домодшаванда барои дидани маҳри тӯй мефиристад, дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ маъмул мебошад. Ин калима дар лаҳҷаҳои ҳавзаи Сурхондарё бо калимаи **қалин** ифода шуда, калимаи **маҳр** дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ то андозае бо он ҳаммаъност, яъне «калимаи **маҳр** дар шеваи ҷануби шарқӣ ба маънии «қалин ва ё тъқъз» истифода намешавад, балки яке аз ҷузъи «қалин» аст. Дар ин шева танҳо маънии пуле, ки чун ҳаққи шир дода мешавад, **маҳр** аст. Вожаи **маҳр** маҳз ба маънии «инъоми пулӣ» ба арӯс барои ҳамаи форсизабонони дунё маълум аст. Аммо намояндагоне, ки аз ҷониби хонаводаи арӯс ба хонаи домод барои гирифтани маҳри тӯй мераванд, на бо вожаи «маҳргир ё қалингир», ки ба мазмуни вожаҳо мувофиқ аст, балки бо калимаи **борсанҷун** ифода мегардад: борсанҷун ройи мекардан, хунайи бачадор

(Кпн.). Ин вожа дар зинаи дуюми калимасозӣ аз калимаи мураккаби тобеъ ва пасванди –**ун** (**он**) ба вуҷуд омадааст ва чун аз рӯйи мантиқ бояд аввал **маҳр** санҷида, сипас гирифта шавад. Ин анъана ҳоло вуҷуд надорад, балки маҳрро намояндагони хонаи домод ба хонаводаи арӯс оварда, он ҷо месанҷанд» [Раҳматуллозода, 2014, с.39].

Санъат бахши ҷудонопазири рӯзгори инсоният буда, мафҳумҳои ин соҳа дар забон ва гӯйишҳои он ба таври маъмулӣ арзи ҳастӣ менамоянд. Соли 1954 муҳаққиқи рус З.А. Широкова ба ифодаи мафҳумҳои соҳаи санъат: асбобҳои мусиқӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда буд [Широкова З., 1954, 34]. Дар даҳсолаи охир таснифи гурӯҳҳои мавзуии таркиби луғати лаҳҷа ҷараёни тоза пайдо намуда, рисолаҳои илмии мукаммал дар ин самт ба миён омадаанд [С. Раҳматуллозода, 2014, 234]. Дар кори илмӣ мухтасаран оид ба корбасти калимаҳои соҳаи санъат дар гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ маълумот оварда шуда, хусусиятҳои забонии ин гурӯҳи луғавӣ баён мешавад.

Луғати лаҳҷаро ба ду гурӯҳ метавон ҷудо кард: калимаҳои умумихалқӣ ва хоси шева ё худ диалектизмҳои лексикӣ. Дар низоми савтиёт, шакл ва ифодаи маъноии калимаҳои умумихалқӣ ва забони меъёрӣ фарқияти куллӣ ба назар нарасида, ин қисмати луғати лаҳҷаҳо ба таври умумӣ омӯхта мешаванд. Дар забоншиносии муосир диққати муҳаққиқонро диалектизмҳои лексикӣ бештар ҷалб намудааст ва таълифи луғатномаҳои хоссаи шева барои дар сатҳи бунёдӣ таҳқиқ намудани ин бахши муҳим замина фароҳам меорад [ЛМКХШ, 2017, 5]. Таснифот ва баррасии калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои соҳаи санъатро низ дар ҳамин асос баррасӣ намудан мувофиқи матлаб мебошад.

Калимаҳои адабӣ бо гузашти вақт ба табиати лаҳҷаҳо мутобиқ гардида, дар ин замина маъниҳои нав касб менамоянд. Ин нуктаро профессор Ғ. Ҷӯраев саҳеҳ арзёбӣ намудааст: «ҳар як лаҳҷа метавонад

калимаро дар доираи қонун ва меъёрҳои худ истифода барад»[9, 38]. Дар забони адабӣ калимаи мураккаби **баландмақом** ба мартабаи баланд далолат менамояд. Вобаста ба маънии луғавии калимаи таркиби он – **мақом,** ки истилоҳоти соҳаи санъат низ мебошад, дар лаҳҷаҳо ба маънии нав далолат менамояд: **баландмақом** (Ғор.) асбоби мусиқии ҳафттора. Дар гуфтори тоҷикони Ишкошим ва Вахон калимаи **баландзиком** ҳамчун асбоби мусиқӣ барои хондани қасоид истифода шуда, корбурди калимаи **зиком**ро дар алоҳидагӣ мушоҳида нанамудем. Фарҳангу санъат ҷузъи ҷудонопазири рӯзгори инсоният буда, дар забони халқ мафҳумҳои соҳа аз ҷиҳати шакл ва мазмун ташаккул меёбанд, доираи корбасти онҳо маҳдуд ва ё васеъ мегардад. Дар гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ истилоҳоти серистеъмоли соҳаи мазкур чун **рубоб, дутор, чанг, танбӯр, доира, таблак, най** бо вуҷуди умумияти шакливу маъноӣ бо забони адабӣ ва лаҳҷаҳои дигари тоҷикӣ як қатор хусусиятҳои забониро касб намудаанд, ки таҳқиқионҳо муҳим аст.

Барои ифодаи ҷузъҳои асбоби мусиқии рубоб дар лаҳҷаҳои мавриди назар истилоҳоти зиёд ба кор мераванд. Калимаи хоси шеваи **гълбам** (Анд.) барои ифодаи тори махсуси рубоб (тори панҷум) истифода мешавад. Калимаи **зил** (Ғор.) дар маҷмуъ торҳои рубобро ифода менамояд. Дар аксари лаҳҷаҳои гӯйиши ҷанубӣ калимаи **сарпанҷа** барои ифодаи қуббаи рубоб мустаъмал аст. Бояд қайд намуд, ки ин калимаи мураккаби омехта ба маънии ранҷиш низ корбаст дорад. Калимаи умумиистеъмолии **гӯшак** дар шакли гӯшаки дутор барои аксари лаҳҷаҳои тоҷикӣ маъмул аст. Калимаи **рубоб** (Крз.) дар лаҳҷаҳои ҷануб ба маънии хурд, майда низ мустаъмал буда, дар ин маънӣ серистеъмол нест.

Калимаи арабии мизроб **ба маънии** асбоб барои навохтани танбӯр, рубоб дар осори классикон фаровон ба назар мерасад:

Заданд он мутрибони нағманайранг
Зи аввал гармтар ***<u>мизроб</u>*** *бар чанг.*

[ФЗТ, ҷ.1, с. 688]

Ин калима дар забони адабӣ камистеъмол ба ҳисоб рафта, дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ дар шакли сохтаи **мизробак (**вахёӣ-қаротегинӣ) ба ин маънӣ корбаст шудааст. Бо пасванди **-ак**, ки дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ серистеъмол ба ҳисоб меравад, дар шакли **захмък // зъхмък (**т.вах.) ба ҳамин маънӣмеояд.

Калимаи **захма** дар осори Рӯдакӣ ба назар мерасад:

Фохта бар сарв шоҳруд баровард,
<u>Захма</u> *фурӯҳишт зандвоф ба танбӯр.*

[ФЗТ, ҷ.1, с. 444]

Дар осори Шоҳин калимаи мазкур дар шакли мураккаби **тарзахм**а ба маънии мизроби нав меояд:

Сарат гардам, эй мутриби хушсуруд,
Бияфшор ***<u>тарзахма</u>*** *бар хушкруд.*

[ФЗТ, ҷ.1, с. 444]

Барои сохтани **мизроб** дар минтақаҳои ҷанубӣ аз дарахти сахтчӯбиғуш истифода менамуданд, ки дар шеърҳои халқӣ ба он далолат менамояд:

Дар боғ-ът даро-м аз баройи навдайи ***<u>ғуш</u>****,*
*Дъхтар дидъм, сурхӣ задай дар бари руш (*Нр.).

Барои ифодаи навъҳои асбоби мусиқӣ калимаҳои **чилтор (**Де.) як навъи асбоби тордори мусиқӣ; **шаштор (**Ғор.) асбоби мусиқии шаштора

ва ғ.истифода мешаванд. Калимаи сохтаи **ангъртак (**Ғеш) ба маънии садафҳои ороиши дастаи дутор меояд.

Дар гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ суруд ва рафти иҷрои он бо мафҳумҳои хос ифода мегардад: **бърор-бърорак (**Каҳ.) суруд ҳангоми аз хонаи волидайни арӯс; **вънгак (**Ҷк.) бо овози паст хондани суруд; **майдо // майда** суруди барзгарон; **мандоғигу** // **мандоғгу (**Хов.) нақароти таронаро иҷрокунанда; **ҳъмба (**Хов.) бо даҳони баста замзама кардани оҳанг ё суруде; **шарқи´ (**Даҳ.) суруд, фалак; **лақибайт (**Хов.) суруди ғайриодоб.

Калимаи мураккаби **мағулбози´ // мағълбози´** (Ғор.) ба тӯйи арӯсии бошукӯҳ далолат мекунад.

Калимаҳо дар лаҳҷаҳо хусусиятҳои зиёди омонимиро доро гашта [Абдуллоева, 2012, с. 96; Гадоев, 2007, с.29], баррасии маънии онҳо муҳим мебошад. Калимаи **тула** ба маъниҳои ҷарима (Яр.); таҳхона (Мис.); ғарами ҳезуму санг (т.вах.) ва ғ. омада, дар минтақаи Кӯлоб муродиф бо асбоби мусиқии най мебошад. Барои ифодаи калимаи най инчунин калимаи **тутак** дар аксари лаҳҷаҳои мавриди назар корбаст шуда, ин калима ба маъниҳои банди даст; номи беморӣ низ меояд. Барои ифодаи найи хурд шакли **дуду́ (**т. Ишк.) низ ба кор бурда мешавад.

Калимаи хоси лаҳҷаи **зулибом** барои бо чандин асбоби мусиқӣнавохтани як оҳанг корбаст мешавад. Дар аксари лаҳҷаҳои ҷанубӣ асбоби мусиқии **чанқовуз** –лабчанг ба кор бурда мешавад.

Як хусусияти муҳим ва барои илми забоншиносӣ арзишманди лаҳҷаҳо нигаҳдошти асолати забон дар онҳо мебошад. Хусусиятҳои таърихии забон ҳазорсолаҳо дар ин ё он маҳалли тоҷикнишин маҳфуз монда, бо сабабҳои гуногун ин қабил калимаҳо дар забони меъёрӣ корбаст намешаванд ва ё доираи истеъмолашон маҳдуд мегардад.

Калимаи тоҷикиасли **даф** дар адабиёти классикӣ ба маънии **доира** серистеъмол буда, аз осори Фонӣ ва Аҳмади Дониш бо он мисол меорем:

Эй басо нуқсон, ки дар зимнаш бувад як навъ суд,

*Чун**дафи** лӯлӣ дарид, аз баҳри маймун чанбар аст.*

***

Бонги ною **даф** *аз даҳлезҳо ба зӯр берун меомад.*

[ФЗТ, ҷ.1, с.352]

Ин калима дар гӯйиши ҷанубӣ ба ин маънӣкорбаст дошта, шакли **даф** бар замми маънии доира дар ифодаи мансабу вазифа, рондан, маротиба ва ғ. меояд. Калимаи сохтаи **дафъак** маъниҳои пардаи дил (Ёх., Сх.), қисми болоии рубоб (Бдх.) ва сурохии сӯзан (т. Вах.) низ дорад.

Дар осори Шамси Табрезӣ дар шакли мураккаби **дафзан** маънии дойразанро ифода мекунад:

*Зуҳраву маҳ **дафзану** шодони мост,*

Булбули ҷон масти гулистони мост.

[ФЗТ, ҷ.1, с. 352]

Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ барои ифодаи як тарзи доиразанӣ калимаи **қъмбоқ** (Дп.) истифода шуда,калимаи **ҷинҷилак (**Қаротегин) ҳалқаҳои атрофи дойраро гӯянд.

Барои ифодаи мафҳуму амалҳои мансуб ба соҳаи санъат дар лаҷаҳои ҷануб лексикаи хос ба назар мерасад [Ш. Исмоилов, 156; Қурбонов С., 333]. Умуман дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ифодаи амал роҳу воситаҳои хосса дошта, феъл ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ дар бунёди воҳидҳои забонӣ, аз ҷумла ибора ва ҷумла нақши муассир дорад. Лексикаи феъли лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба таври мукаммал мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ барои ифоди навохтан, нохун задан ба асбоби мусиқӣ бо мизроб феъли таркибии **черт кардан (**Шул., Хум.) корбаст мешавад.

Аз маънии аслӣ дур рафтани феълҳо дар лаҳҷаҳо ҳодисаи назаррас буда, «дар фонди луғати лаҳҷаҳои ҷанубӣ як гурӯҳи калони калимаҳои

умумихалқӣ мавҷуданд, ки маънии нав гирифтаанд. Азбаски чунин маъниҳои калимаҳои умумихалқӣ дар доираи маҳдуди шевагӣ ба кор бурда мешаванд, бинобар ин онҳоро ба таври худ диалектизми нопурра (маъноӣ) низ номидан мумкин аст» [Ҷӯраев, 50]. Калимаи **навохтан**, ки маъниҳои сурудан; навозиш карданро дорад, дар лаҳҷаҳои тоҷикони Бадахшон ба маънии ҳақорат додан низ корбаст мешавад.

Феъли умумиистеъмолии **чиндан** дар лаҳҷаҳои мавриди омӯзиш ба маънии навохтани асбоби мусиқӣ (Оқ.) низ меояд.

Феъли хоссаи **тарахта** дар шакли **тарахта кардан** (Бдх.) ба маънии кашидани дойра ва таранг шудани пӯсти дойра меояд. Калимаи **ҷийидан** дар лаҳҷаҳо бар замми маъниҳои ҷаҳидан, гурехтан (Хов.); хоридан (Лахш) боз дар ифодаи суст шудани пусти доира (Мт.) ба кор бурда мешавад.

Дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда барои ифодаи мафҳумҳои соҳаи санъат дар баробари лексикаи умумихалқӣ калимаҳои хосси шева мавқеи назаррас дошта, таҳқиқи доираи корбаст, шаклгириҳои сарфиву наҳвӣ, ифодаи маъноии онҳо, муқоисаи ин гурӯҳи луғавӣ дар доираи тамоми гӯйишҳои забони тоҷикӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Таҳқиқи муқоисавии қабатҳои мавзуии гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои тоҷикони ҳавзаи Сурхондарё аз он далолат медиҳад, ки таснифоти анҷомёфта фарогири ҳамаи қабатҳои мавзуӣ набуда, дар асоси таҳияи луғатномаҳои мукаммали фарогири калимаҳои хоси шеваҳои тоҷикӣ онро метавон ба таври дақиқ баррасӣ намуд. Вобаста ба муҳити ҷуғрофӣ ифодаи шаклӣ ва маъноии калимаҳои хоси шева ба тағйирот дучор гардида, таснифоти мавзуии онҳоро мураккаб менамояд. Дар навбати худ, вобаста ба доираи васеи баъзе гурӯҳҳои мавзуӣ (масалан, номҳои ифодакунандаи растаниву гиёҳ) онҳоро дар зергурӯҳҳои зиёд метавон баррасӣ намуд.

3.2. Таҳқиқи лексикаи ғайриашӣ

Дар таснифоти мавзуии луғати гӯйишҳо мавқеи асосиро гурӯҳҳои ашӣ ташкил медиҳанд ва дар баробари он омӯзиши гурӯҳҳои ғайриашӣ низ муҳим ба шумор меравад. Дар таснифоти мавзуии гӯйишҳои тоҷикӣ ҳангоми баррасии мафҳуми гурӯҳҳои ғайриашӣ калимаҳои мансуб ба феъл, сифат ва зарф дар назар дошта мешаванд. Дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда корбасти ин ҳиссаҳои нутқ дар доираи калимаҳои хоси шева дорои як қатор хусусиятҳои забонист, ки онро ба таври васеъ баррасӣ менамоем.

3.2.1. Калимаҳои шеваи ифодакунандаи мафҳуми амал

Аз таҳқиқу баррасии асарҳои соҳаи лаҳҷашиносӣ бармеояд, ки диққати муҳаққиқони зиёдро хусусиятҳои забонии феъл дар забони зиндаи халқ ба худ ҷалб намудааст [Қосимов, 1966; Саъдуллоев, 1970; Бердиев, 1980; Бузургзода, 2001; Носиров, 2012; Шарифова, 2018].

Таҳқиқи хусусиятҳои феъл дар лаҳҷаҳои Сурхондарё аз ҷониби як қатор муҳаққиқон сурат гирифтааст [Ҳамроқулов, 1961; Зайниддинов, 2007; Қурбонов, 2018]. Забоншинос М.Маҳмудов ба таври васеъ хусусиятҳои феълии лаҳҷаҳои шимол, аз ҷумла болооби Сурхондарёро, баррасӣ намудааст [Маҳмудов, 2000; 2001; 2002].

Омӯзиши масъалаи хусусиятҳои шаклгирии феълҳо ва ифодаи маънои онҳо дар асоси маводи шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ мавриди таваҷҷуҳи як қатор олимони ватанӣ [Саидов, 1973; Исмоилов, 1974; Гадоев, 2006] ва хориҷӣ [Розенфелд, 1966; Хромов, 1973; Неменова, Хромов, 1979] қарор гирифтааст.

Бояд зикр намоем, ки ҷараёни ба ҳам наздикшавӣ ё омезиши лаҳҷаҳои тоҷикӣ, инчунин таҳти таъсири забони адабӣ маҳдуд шудани доираи лаҳҷаҳо зарурати омӯзиши лаҳҷаҳои тоҷикӣ, аз ҷумла лексикаи

феълӣ, бештар мегардад. Дар асару мақолаҳои зикршуда бо вуҷуди ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтани феълҳои умумиистеъмолӣ маводи зиёди илмиро дар хусуси лексикаи хоссаи феълӣ метавон пайдо кард. Забоншинос А.Ҳасанов ҳангоми таҳқиқи унсурҳои луғавӣ ва сарфиву наҳвии осори садаҳои X–XIII дар гӯйиши шимолӣ ҷанбаҳои таърихии шаклгириҳои лексикаи феълиро низ ба таври васеъ баррасӣ намудааст [Ҳасанов, 2003]. Профессор Ғ.Ҷӯраев дар асари тозанашри худ «Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ» ба хусусиятҳои феълҳои сирф шевагӣ диққати махсус додааст [Ҷӯраев, 2017].

Ифодаи амал дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ роҳу воситаҳои хосса дошта, низоми ташаккули он ниёз ба омӯзиш дорад, зеро феъл ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ дар бунёди воҳидҳои дигари забонӣ нақши муассир дорад.

Аз ҷиҳати сохт феълҳои лаҳҷаҳои таҳқиқшавандаро дар ду гурӯҳ баррасӣ менамоем:

1. Бояд қайд намуд, ки феълҳои сода дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ қабати муҳимми лексикиро ташкил дода, ифодаи маъноӣ ва дараҷаи интишороти онҳо дорои як қатор хусусиятҳои забонист. Лексикаи феълии лаҳҷаҳои мазкур аз раванди таърихӣ ва навгониҳои забонии онҳо далолат намуда, муқоисаи онҳо бо шаклҳои адабӣ ва ифодаи лаҳҷавии шеваҳои дигар аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Ин қабати лексикӣ барои муайян намудани доираи густариши лаҳҷаҳо ва нишондоди фарқияти онҳо асос ба шумор меравад, ба таври мисол феълҳои **ғелмидан** (Дар.Н.) омехта шудан: *Ҳами ту ов пиреш, ғелмидан мегира*; **ғунидан (**Шк.) халидан, даромадан: Вахто ки сар-ш-а дъст кард, чилик-ъш дар сар-ъш ғунид (Зел.); **ғучидан (**Дар. Н.) // **ғичондан** (Қӯрғ.) фишурдан: *Ун* дуйошон *ғучидан* нашуд (Дар. Н.); Чан бор ғиччон об-ош рава (Қӯрғ.); **жовидан (**Сина) хоидан: *Пӯчоқи харбуза-йа намежован;* **мунҷондан** (Бойс.) худро нигоҳ доштан: *Ҳамин ҷа*

шиштан-ба ҳичӯолат-ам шуссем, бакавул ин гап-ба мунҷонд худа-ша-де; **жъвъқидан // жувуқидан (**Вқ.) поймол (пахш, зер) кардан: *И кудак-о-ра жъвъқидан-шун-а би* (Қ.); **кабидан // капидан (**Бдх.) бо забон хӯрдани чизи моеъ (дар бораи саг, гурба ва ҳайвоноти дигар); **каравҷидан (**Қ.) ба хониш омадан (нисбат ба кабк): *Кавго буҳор-да мекаравҷан* **(Лаг.); кънҷидан (**Вқ., Шк.) наддофӣ кардан, ғоз-ғоз кардани пашму пунба: *Занако пашм-а мекънҷан, тепшу менан* (Қлб.); *Пахта-ра камон кати мекънҷидан-у мепайидан (*Даҳ.); *Иқа пахта бъте-да бъкънҷъм (*Зир.); тагпурсӣ кардан: Хуб кънҷидан-ът-у малимо**? (**Хов.); **қавҷидан (**Қ.) хоидан, хоида сӯрох кардани чизе: *Ҳамита қавчид-уш ки ай та ов сар кард* (Зн.); **қаррондан (**Карш) суханчинӣ: *Саҳар қати дав-дав рафта райис-ба қаронд-ай-да*; **лавидан (**Карш, Маланд) андова кардан: *Ҳамакошон бурмада а йаг лав ловидан гирифтан*; **лохондан (**Сдт.) сӯрох намудан, шикоф намудани чизе: *Муш пус-так-а кънҷида лохонд-ас;* маҷозан ба маънии азоб додан: *Мийомадан, иқа мелохондан-ум, ғам-ум медодан (*Лб.); **тосидан (**Қӯрғ.) вайрон шудан, гандидан: Ча-да мондаги чиз-о-йа ниго накардед-он *тосид*-ай; **лутидан // лътидан (**Вқ.) ҷӯлидан, жӯлидан; ҷунбуҷӯл кардан; печутоб хӯрдан: *Бача-т хок-ънда лътид* (Ск.); **луҳидан (**Дар.Н.; Қӯрғ.) гандидан, пӯсидан: *Мо ду-сета себ луҳида буд-ай ҷидо карем; Ад дами чошт-ай чинсод-ем, начинем ин зардолу-ҳо луҳидан мегира*; **пакидан (**Вқ.) лаққидан, пургӯй (сафсатагӯй, ҳарзагӯй) кардан, манаҳ задан: *Бъсйори бад пакид-ем, мӗмоно шалпар шидан* (Кб.); *Хъштоман-ъш бедарак бъсйор мепака* (Сам.); **пълтундан (**Шк.) туф кардан: *Нафамида пълтунд-ай, ки да даҳан-уш нос бъд-ай (*Ғеш); **суронда**н // **сурундан (**Қаротегинӣ) ҳаво додан, партофтан: *Қари нос қати косайи қаймоқ-а сурундум* (Ог.); (Қӯрғ.) хурсандиву шодӣ: *Дад даври йоши-ҳо-ш давр-аш-а сурронд-ай*; **талопидан // тълопидан (**Тқ.) бӯсидан: *Ай ру-ш ҳиччи нагофта тълопид;* касалии асп, ки пас аз араққунӣ гирифтори он мешавад (Ялдамич); **човидан** (Ёз; Гх.) шино (шиноварӣ, ғаввосӣ) кардан: *Ҳини*

съғераги´-да Хингов-ънда мечовидем, ай у ру-и ру мезгаштем (Ёз.); (Лахш) пош хӯрдан, парешон шудан: *Ов занад-ам ҳар тараф-да човидан мегира*; (Мт., Қӯш.) ба ҳар ҷойи хӯрок даст задан:Охи´, бисйор *начов* афқот-а, убол-ай**; шелидан (**Ёл, Пор., Сч.) ҳарисона (саросемавор) хӯрдан,бо иштиҳои тамом хӯрдан: *Қърут-а мешелъм, шъмо-ра наметъм* (Сч.); Феъли **рушидан** ба маъниҳои *моҷаро* (маҳал) *бардоштан*, *ҷанҷол кардан*; *во* (кушода) *шудани ресмони матоъ* истифода шудааст; **войистан // бойистан (**Вқ.) лозим будан; маъқул шудан: *Қинғоли ту-ра пупуки зар мевойа* (Қк.); *Мевойист айлоқ мерафт* (Қӯш.); *Акаи хъд-ум мардина, ҷомайи шоҳи´ мевойа, дар тана-ш намепойа* (Қк.); *Кирмъко барҳам хърдан,мебоист туто-ра, пилоо-ра медоди´* (Ҳиҷ.); **ғевидан (**Сина) лаҳжидан; (Дар.Н.) ханҷол кардан: *Ита шишту ғевида рафт*; **очидан (**Ҷк.) ғелидан, аз баландӣ ба поён ғалтидан; **сапидан (**Ҳиҷ., Яр.) бо ҳам хуфтан (хобидан).

Дар лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ ба маъниҳои гуногун истифода шудани як воҳиди луғавӣ ба гунҷоиши маъноии калима ва табиати шеваҳо вобаста мебошад. Масалан, феъли **въреҷидан** дар лаҳҷаҳои Маҳзори Сир, Кӯлдара, Ҳакимӣ ба маъниҳои *таназзул кардан; пажмурда шудан; маҷ.: сахт гиристан;* маҷ.*азоб кашидан; аз таъсири офтоб пажмурда шудани чизе* корбаст мешавад: *Ръшқа-да йовар бъромад, мевъреча* (Ҳак.); *Пахтаҳо ай зарбати беови-ра въреҷидийан (Кан.); Алафо, пийоз-ъ тушка въреҷидан* (Мс.); *Гулак-ът въреҷид-ест-ай, бъгир-ъш*; *Йор мегум-у мевъреҷум, хъд-ш-а кар меандоза* (фолк.).

Феъли **коҳидан** дар лаҳҷаҳои Майдонтерак, Дараи Мазор, Данғараи Боло ва дар шакли **койидан** дар лаҳҷаҳои Ғеш ва Қӯрғонча ба маъниҳои *ғусса хӯрдан, ғамгин шудан; мазаммат кардан; умедвор шудан аз чизе* ба кор бурда мешавад, ки ин ҳадди охири маъниофринии ин вожа нест*: Чи иқа мекоҳи´, иншооллоҳ саҳат меши´ (*Мт.); *Чанд коҳидъм, ки чува мърғ-а накъшти-ш (*Дм.); *Акоо-ш син-ъш койидан, акъ хондан мерава (*Ғеш);

Гулак-а ай ҳаму севой даст-ът йа-та бъте, ки дид-ай, мекоҳа (Кан.); *Йа ҳафтаина касали-да хела коҳидас* (Доғ.); *Бобой Одинамат-а хела* коҳондан-*да, бачоо-м* (Пор.).

Ифодаи маъноии феълҳо аз мавзуи муҳим ва таҳқиқталаби лаҳҷашиносии муосир ба ҳисоб меравад. Забоншинос Ғ.Ҷӯраев ҳангоми таҳқиқи лексикаи феълии лаҳҷаҳои ҷануб чунин хулосагирӣ менамояд: «Умуман, аз бобати ифодаи маънӣкалимаҳои феълӣ дар шеваи ҷанубӣ ҳамранг нестанд. Якеро мебинем, ки ба ҷуз маънии аслӣ ва асосии худ боз чандин ҷилоҳои семантикии дигарро фаро мегирад. Дигареро мебинем, ки бо ифодаи айни як маънӣ маҳдуд мемонад. Ба назар чунин мерасад, ки феълҳои серистеъмол ва дар масоҳати васеъ паҳншуда зиёдтар ба маъниҳои гуногун соҳиб шудаанд» [Ҷӯраев, 2017, с.250]. Феъли **палосидан** дар лаҳҷаҳои Вахёӣ-Қаротегинӣ, гурӯҳи Шимоли Кӯлоб, Ғор. ба маъниҳои *кӯшиш (сайъ) кардан; гавак кашидан, хазидан* корбаст мешавад. Калимаи ифодакунандаи амали **потелък** дар шеваи ҷанубии забонии тоҷикӣ доираи васеи истифода дошта, ба маъниҳои *гиря, ҳасрат; бесаранҷом, ноором; дар хок ғел задан* (амали мансуб ба мурғ) омадааст: *Хъд-ъш поча-ш-а ҷъқидаст-у бо потелък дора, ки бародора (*Ҳиҷ.) – Пойи худашро зер кардааст, вале боз ҳаракат дорад, ки онро бардорад; *Руба бāде ки да чахтакпай зад, потелък мезана (*Қлб.) – Рӯбоҳ вақте ба дом афтид, хеле ноором мешавад; *Ай тарс-а ва‘аст мекъна-въ потелък мекъна (*Яр.) – Аз тарс он доду вой карда, дасту пой мезанад; *Замбъро потелък кайесодан, метарсум, ки нагърезан (*Яр.) – Занбӯрҳо беқарорӣ доранд, метарсам, ки қаҳр карда ба ҷойи дигар нараванд; *Ай шухигари-ш-а потелъки´ мекъна, қарор наместа* (Хҷ.) – Аз шӯху беқарории худ доимо дасту пой мезанад, дар як ҷой қарор намегирад ва ғ.; Феъли **пъркидан** маънои *нуқсдор* (иллатнок) *шудан*; *паридани раги рӯй* меояд: *Одамо-йа дъл-ъш мепърка, қарақот дору-ш мекъ-на (*Хов.) – Дили

одамон бемор гардад, онро дору мекунанд; *Мо-ра дид-ъ ранг-ъш <u>пъркид</u>* (Ҷав.) – Моро диду ранги рӯяш парид ва ғ.

Вобаста ба доираи интишор феъли **пъхидан** маънии *об пошидан (*бо даҳон); *пош хӯрдан, лабрез шудан*; *маҷ. шӯридан, таҳдид карда*нро дорад*: Устой нъмадрез ов <u>мепъха</u> руйи пашм-да (*Мум.) – Устои намадбоф ба рӯйи пашм об мепошад; *Ов ай радийатори мошин <u>мепъха</u>, дъсто-ш месуза (*Мт.) – Оби радиатори мошин меҷӯшад ва ба ҳар сӯй пош хӯрда дастони ӯро месузонад; *Ака-м чанде сари ма-да <u>пъхид</u>, дам-ъш назад-ъм (Хов.) –* Бародарам хеле дар сари ман дод зад, ман оромиро пеша кардам. Калимаи лаҳҷавии **хелидан** дар лаҳҷаи Ховалинг ба маънии *омехтан, махлут кардан*; дар лаҳҷаҳои Доробӣ ва Кангурт ба маъниии*сохтан, тайёр кардан*; дар лаҳҷаи Вахёӣ-Қаротегинӣ дар ифодаи *зер* (помол) *кардан*; *қитиқ кардан* ба кор бурда мешавад: *Хамир <u>мехелъм,</u>нун мекънъм (*Хов.) – Хамир карда нон мепазам; *Лой-а бори дига <u>мехелъм</u>-ъш-ъ пъга девол мезанем (*Ёл) – Лойро бори дигар омехта намуда, пагоҳ девор мезанем; *Хасфатир мени´-ву у-рада руған <u>мехели</u>-ш, меша шакаров (Каҳ.)* – Хамир карда, дар қабатҳояш равған мемолӣ, аз он мешавад шакароб*; Чан вор нъмад-а <u>бъхели´</u>, ранги мо наметуни´ (*Дор.) – Чандин бор намадро молӣҳам, мисли мо намадрез намешавӣ; *Ака, чанқа <u>мехели´</u>и гулак-а, мон-ъш бърава (*Дб.) – Ака, ин гудакро чаро ин қадар пурсуков мекунӣ, мон равад.

Албатта, имконоти луғавии калимаҳои ифодакунандаи амал барои сермаъноии онҳо замина фароҳам оварда, таҳқиқи ин масъала дар асоси забони адабӣ ва лаҳҷаҳои тоҷикӣ муҳим ба шумор меравад.

Дар шакли мустақил, бе воситаҳои калимасоз омадани феълҳои зикрёфта аксаран ғайриимкон буда, баъзан ин ҳолатро мушоҳида менамоем: *Бъра, ки гандъмо-ра гово <u>хелидан</u>* (Ҳич.) – Рав, ки гандумҳоро говҳо поймол карданд.

Дар шакли хел омадани ин феъл ҳамчун ифодакунандаи замони ҳозира: *Хамира хелу мон-уш беста (*Хов.) – Хамирро омехта намову мон каме истад.

Дар лаҳҷаҳои Бойсун низ ин шаклгириҳо хосанд: без // безидан ва ғ. Забоншинос М. Маҳмудов ҳангоми таҳқиқи хусусиятҳои феъл дар лаҳҷаҳои шимол ба чунин хулоса омадааст: «Як хусусияти ҷолиби шеваи шимолӣ (махсусан лаҳҷаҳои Шаҳрисабз, Китоб, Ургут, Порашт, Нурато, Дараи Ниҳон, Деҳнав, Заррабоғ, болооби Чирчиқ) он аст, ки як гурӯҳи феълҳое, ки дар забони адабӣ аз асоси замони гузашта сурат меёбад, дар ин лаҳҷаҳо аз асоси замони ҳозира тавассути пасванди **-ид** сохта мешаванд; партовидан (Китоб) = партофтан, рӯбидан (Ғелон) = рӯфтан, фуруҳидан (болооби Чирчиқ) = фурӯхтан, шуноҳидан (Бурчмулло) = шинохтан, хоҳидан // хойидан (Китоб, Шаҳрисабз) = хостан, равидан (Нанай) = рафтан, пазидан (ҳавзаи Қашқадарё ва Сурхондарё) = пухтан, безидан (Фароғати шарқӣ) = бехтан, бенидан // бендан // бинидан (Чуст] урҷмулло, Боғистон) = дидан, дуздидан (Ғелон) = дӯхтан, духидан (болооби Чирчиқ)) = дӯхтан, бофидан (болооби Чирчиқ) = бофтам, тозидан (Заррабоғ) = тохтан, шинохтан (Фарғонаи шарқӣ) = шинохтан, нависидан // нависитан // навишидан (Фарғонаи шимолӣ ва ҷанубӣ) = навистан оваридан - овардан ва ғайра» [Маҳмудов, 2015, с.109].

Таркиби луғавии забон бо роҳҳои гуногун ташаккул меёбад ва дар ин ҷода маънии луғавии калима имкони дар шаклу қолибҳои гуногун омадани калимаро фароҳам меорад. Дар лаҳҷаҳо муродифоти луғавии лексикаи феълӣ фаровон ба назар мерасад, ки таҳқиқи мавриди корбаст ва ифодаи нозуки маъноии онҳо аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Ба таври мисол, барои ифодаи феъли ***тарсидан*** ин воҳидҳои луғавии хоси лаҳҷаҳо ба кор бурда мешаванд: **зъръмбидан:** *Ай ота-ш қадди´ аҷал* ***мезъръмбидай*** (Мнг.); **кебидан (**Қ.); **пъркидан:** *Ай гърг* ***пъркид-ай****, меларза* (Лаг.); **рамидан:** *Ман хов бъдъм,* ***рамида*** *бедор шидъм* (Ёх.); **ҳурмидан:**

Бово-м ай милисоо ***ҳурмидай****-ъ ҷун-ш-а кач кад-ай* (Снб.); **шъғак (**Шк.) ва ғ. Феъли ***варамидан*** бо ин калимаҳои хоси лаҳҷа ифода ёфтааст: **алақароғ (**Шк.); **бъқи´** (Дн.); **вармосидан**: *Саглес бърума-ай, ру-ш* ***вармосид-ай*** (Обл.); **ва□штидан (**Вқ.); **гъридан**: *Ҳоли´ да къҳо гушти гусфанд-у ови хънък-а хърда* ***гъридагист*** (Кӯлдара); **ғурридан**: *Ба санги калон зад, сараш* ***ғуррид*** (Қӯрғ.); **ҷоғар** (Ёл): *Ай ҷақидан-а ҷоғър кади´-ку (Ёл).;* **ғубидан** (Дар. Н.): *Ита ниго кунем ғубида бурома-ай* ва ғ.

Аз муқоисаи маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ бармеояд, ки дар ин қабати лексикӣ (феълҳои сода) иқтибосот камтар ба назар мерасад: Феъли иқтибосии **боқидан** дар лаҳҷаи Пилдон ба маъниитарбия кардан; парвариш кардан омадааст: *Ҳамъ кавг-а йа моҳбъбоқи-ш фарбе шида мерава* (Пилдон);

Баъзан дар ин бобат шакли ба тағйироти фонетикӣ дучоршудаи калимаҳои бегоназабон мушоҳида мегардад: **къҷидан (**Вахёй-Қаротегинӣ) *дам (*ҳӯрт) *кашидан, то қонеъ кардани ҳисси ташнагӣ нӯшидан; фурӯ бурдан*.

2. Дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ феълҳои таркибӣ аз шаклҳои адабӣ то андозае фарқ дошта, дар мавридаш барои ифодаи амал аз шаклҳои махсус низ истифода мебаранд, ки ба таври муқоисавӣ омӯзиши онҳо аҳаммияти илмӣ дорад. Дар ташаккули ин навъи феълҳо ҷузъҳои номӣ мавқеи муҳим доранд. Бояд қайд намоем, ки ба ин тарзи ташаккули феълҳо ва хусусиятҳои забонии онҳо як қатор мутахассисон дахл намудаанд [Аҳмедова, 1959; Маҳмудов, 2001; Убайдов, 2012; Шарифова, 2017]. Аз таҳқиқи ин навъи феълҳо бармеояд, ки дар ташкили феълҳои таркибӣ мавқеи феълҳои ёвар басо устувор мебошад ва ифодаи амал дар шакли яклухти ин қолибҳои сарфӣ ифода меёбад. Ҳангоми таҳқиқи баъзе хусусиятҳои феълҳои таркибӣ дар шеваи шимол профессор А.Ҳасанов чунин қайд менамояд: «Бояд қайд кард, ки чанде аз феълҳои ёвар дар

даврони классикии инкишофи забони тоҷикӣ ҳам ба сифати феъли мустақил, ҳам чун унсури кӯмакӣ корбаст мегаштанд. Ҳоло дар гӯйиши шимолӣ ба яке аз маъниҳои собиқашон мустаъмаланд. Дар иртибот ба ин масъала метавон ёдовар шуд, ки ошкору равшан кардани дастае аз унсурҳои луғавӣ, ба вижа феълҳои ёвар дар ошкор гардидани бисёр муаммоҳои забони тоҷикӣ кумак карда, майли дурравиро аз забони адабиёти классикӣ, меъёрҳои он, ки метавонанд пояи маданияти сухани имрӯзаро нигоҳ доранд, пешгирӣ менамояд» [Ҳасанов, 2003, с.104].

Феълҳои ёридиҳандаи ***кардан, шудан, доштан, задан, истодан, додан, рафтан, ёфтан*** ва ғ. дар ташкили феълҳои таркибӣ фаъоланд:

Бо феъли ёвари **кардан: буш**: *буш кардан* (Пор.) ҳурт кашидан, дам кашидан: *Ҷурғот-а ба лав-ъш буш ку, сер мешай (*Пор.); **ғулва:** *ғулва кардан* (Сина): барангехтан: *Ғулва када баҳад чи шуд*?; **ғур***: ғур кардан* (Дараи Ниҳон) қасд кардан: *Хон-еш ғур карда даромат*; **дамғърып**: *дамғърып кардан* (Мӯминобод) нафасгир шудан: *Ай дами саҳар-ай ки ҳаво дамғърып кад-ай*; (Хов.) сукут кардан, хомӯш мондан: *Райис, ки омад ҳама йаке дамғърып кадан* (Хов.); **муғак:** *муғак кардан* (Ҷанубии Кӯлоб) ҳамла кардани издиҳом; **ойит**:*ойит кардан* (Хов.) ба ҳолате ё амале водор намудан:*Касалийи гулак оча-ш-а ба гирйа ойит мекъна* (Қул.).; **ташом кардан** (Бойс.) махфӣ нигоҳ доштан; **йоза кардан** (Дарб.) ноз кардан; **китмон кардан** (Бойс.) хиёнат кардан; **ол**: *ол кардан* (Каҳдара) мухлисӣ кардан: *Одамо да пайка местан-ъ ол менан* (Каҳ.); **ор** *кардан* (Зар.) гудохтани равған: *Гусан куштан, омада рӯған-а ор кунед*; **палпечун**: *палпечун кардан* (Қ.) ба қабза гирифта даравидани алаф ё ғалла; **парт:***парт кардан* (Кан.) аз пар тоза кардан, болу пар кандан: *И мърғ-а бъги́парт кън*; (Қӯрғ.) сӯзон: *Дег-а сӯзони парт кун, бадкаш айрон-а рез;* **йавра**: **йавра кардан** бехтан, аз ғалбер гузаронидани ғалла; **капаку**: **капаку кардан (**Қ.) беҳуда (саёқ-саёқ) гаштан, бекор гаштан; **кърех**: **кърех кардан (**Дл.) тарсондан, рамондан; **лохон**: **лохон кардан (**т. – вах.) хароб

(вайрон) кардан; **дабдира кардан** (Бойс.) калавидан; **сика, сика кардан** (Шк., Ғк.) маҒрурӣ (калонгарӣ) кардан; (Вқ.) таҳдид кардан; **пилелидан** (Дарб.) меҳрубонӣ кардан; **кут-кут кардан** (Оф.) меҳнат карданва ғ.

Ҳоло дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ таркиби **лангар кардан** истифодаи васеъ дошта, тибқи нишондоди профессор Ш. Исмоилов дар манотиқи Қаротегин ба шакли лангар партофтан, маҷозан ба маънии каҷпаҳлу нишастан, дам гирифтан ин таркиб корбаст мешавад. Калимаи **лангар** дар фарҳанг «оҳани махсус барои бастани киштӣ; истгоҳ, ҷойи исти мусофирон» шарҳ ёфтааст [ФЗТ, ҷ.1,с. 593].

Аз рӯи маълумоти муҳаққиқ Э.М. Мурзаев калимаи **лангар** дар Синзяни Хитой ба маъниҳои *истгоҳ, почта, меҳмонхона* меояд [Мурзаев, 1962, с.21].

Ҳоло дар шакли исмӣ омадани ин калима танҳо дар ифодаи номи маҳалҳо маъмул буда, аммо дар шакли таркибии феълӣ корбасти онро дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ мушоҳида менамоем. Дар лаҳҷаи Қӯрғонча лангар кардан ҳангоми дар хонаи махсус ба сим овехтани бастаҳои себи зимистона истифода мешавад: *Хонада дароварда себо-йа <u>лангар кун</u>, то зимистон-а меиста.*

Бо феъли ёвари **<u>задан</u>: вол**: *вол задан* (лаҳҷаи тоҷикии Вахон) синча кардан, дуру дароз ва бодиққат ба касе ё чизе нигаристан; **дақс:** *дақс задан* (лаҳҷаи тоҷикии Вахон) гаштан, гаштугузор кардан; **лат (**лаҳҷаҳои ҷанубӣ) заниш, шаллоқ; **~задан** (Қӯрғ.) об кардани чака: *Тез рав ки чакка-йа <u>лат назада</u> кӯпи-да анноз-ем*; **пах**: *пах задан (*т. Вах.) диккак нишастан; пинҳон шудан; **сандал**: *сандал задан* (Зар.) зӯр задан ва ғ.

Бо феъли ёвари **<u>шудан:</u>вор:** *вор шудан* (Бойсун) унс гирифтан: *Ун-ба гӯсале те гупт, ҳамун-дан акем-бо <u>вор шут</u>*; **ғулу:** *ғулу шидан* **//** *ғълъп шъдан* (лаҳҷаи тоҷикии Вахон) дар як ҷо ҷамъ шудан; (Сина) ғафс шудан: *Пеши мачит-да қатори уноҳон <u>ғулу мешат</u>*; *пълилък шъдан* (Бдахшон) аз дидори касе бисёр шод шудан; ба касе бисёр меҳрубонӣ

кардан; **йоғара**: *йоғара шидан* (Пор.) чормағзи аз пӯст ҷудо кардашуда; **даҳаҷак**: *даҳаҷак шидан* (Вд., Каҳ., Нд., Нз.) чормағзи пухтае, ки ҳанӯз аз шох чида нашудааст; **ангал:***ангал шидан* (Сб., Ск.) ошиқ шудан, дил додан; **заґал**: *заґал шъдан* (Қ.) фурӯ рафтан.

Дар гӯйишоҳо калимаҳо ба таґйироти савтӣ дучор мешаванд. Ин ҳодисаро дар ташаккули феълҳои таркибӣ мушоҳида менамоем: **интихорун**: *интихорун шудан* (Шк.) муҳтоҷ (эҳтиёҷманд) шудан ва ґ.Дар ин шакли таґйирёфтакалимаитоҷикиасли **хор** (хор шудан) маънои худро ҳамоно нигоҳ доштааст.

Бо дигар феълҳои ёвар: **висқ**: *висқдоштан* (Хум.) имконият (қудрат) доштан: *Кадум одаме, ки виск надора да ҳаму кумур мета (*Хум.); **ґуш**: **ґуш йофтан (**т. – вах.) фурсат пайдо кардан, вақт ёфтан; **лъхс**: *лъхс кандан* (Хӯҷахалил) харошида шудан; канда шудан: *Пуст-ъш лъхс канд-ай (*Хон.); **парра:** *парра гирифтан* (Нилу, Хуфар) ґелидан: *Ноо (*нигоҳ) *накарда ҳарра шуда, ду-се парра гирифт*; **ҷол йофтан** (Бойс.) раҳой ёфтан; **лук:** *лук рафтан* (Дар.Н.) ҷаҳидан; **сандав**: *сандав додан* (Кҳ.) пешпо (хӯрдан) ва ґ.

Дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда бо калимаҳои иқтибосӣ низ ташаккул ёфтани феълҳои таркибӣ мушоҳида гардида, доираи ин шаклҳои таркибӣ маҳдудистеъмол мебошад: **ґавр:** *ґавр рафтан (*Сина) сарфаҳм рафтан: *Бачкон-ба метийам, ґавр мерафта бошан*; **залла**: *залла кардан* (Кӯлобии Ҳисор) ґун (ҷамъ) кардан, гирд овардан; амн: *амн кардан* (Қуш.) ром кардан ва ґ. Профессор Ґ.Ҷӯраев ба шаклгирии ин навъи феълҳои таркибӣ таваҷҷуҳ намудааст: «Феълҳои таркибие, ки ҷузъи номиашон калимаҳои арабист, дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ мисли дигар воҳидҳои луґавӣ ноҳамвор ва нобаробар паҳн шудаанд. Ин, аз афташ, танҳо ба дараҷаи истеъмоли ҷузъи номӣ (калимаи арабӣ) сахт вобаста аст, чунки ёридиҳандаҳои тоҷикӣ дар ҳамаи маҳалҳо беистисноянд. Аз ин рӯ, таркиббандии калимаҳои ман (манъ), қарор, чар,

фър, сур ва амсоли онро бо феълҳои ёвари тоҷикӣ (ман кардан, қарор кадан, ҷар шудан, фър гаштан, сур кардан) дар ҳама ҷо дучор оем, дар истеъмоли касрат (дастрас шудан – афзудан, бисёр шудан) маҳдудияти территориявиро мушоҳида менамоем касрат шудан дар доираи Оби Гарм ба қайд даромадаанд» [Ҷӯраев, 2017, с.139].

Аз калимаҳои таҚлиди овозӣ ва калимаҳои такрор низ феълҳои таркибӣ сохта мешаванд: **вок-вок**:*вок-вок кардан* (Вахёӣ-Қаротегинӣ) бод додан; **жав-жав**: *жав-жав кардан* (Бадахшон) сафсата гуфтан; **ҳалҳала**: *ҳалҳала кардан* (Қ.) шӯрондан, иғво андохтан; **чириска**:*чириска* **ҳет-ҳет:** *ҳет-ҳет гаштан* (Кҳ.) калавида-калавида; саланг-саланг (беҳуда-беҳуда, бекор-бекор) гаштан ва ғ.

Ҳангоми таҳҚиҚи баъзе хусусиятҳои феълҳо, аз ҷумла феълҳои дубаҳра, забоншинос М.Маҳмудов дуруст қайд мекунад: «феълҳои типпи хобидан, андешидан дар забони умумихалҚӣ аз ҷумлаи феълҳои дубаҳра ба шумор мераванд, яъне замони гузаштаи онҳо ҳам дар шакли сода(хобид, андешид) ва ҳам дар шакли таркибӣ (хоб рафт // кард, андеша намуд // кард) кор фармуда мешаванд, аммо дар лаҳҷаҳои шеваи шимолӣ тарзи ифодаи шаклҳои мазкур якранг нестанд. Дар баъзе лаҳҷаҳои шимолӣ ҳар ду намуд (ҳам сода ва ҳам таркибӣ) баробар истеъмол шавадҳам, дар бархе аз онҳо шакли содаи феълҳои мазкур бештар кор фармуда мешавад» [Маҳмудов, 2015, с.110].

Дар шакли сода ва мураккаб истифода шудани лексикаи феълӣ низ раванди хосса дорад: **луча**: **луча кардан (**Шимоли Кӯлоб.) тар кардан, молидан; **лучидан (**Дараи Ниҳон) харошидан; ҷакидан // жак-жак кардан; пахидан // пах кардан ва ғ. Андешаи профессор Ғ. Ҷӯраев дар ин хусус муътамад мебошад: «Алҳол гуфтан душвор аст, ки кадоме аз ин шаклҳо дар системаи лексикаи шева пойдор мемонанд. Вале қувват гирифтани шакли аналитикӣ дар системаи феъли шеваҳои тоҷикӣ

умуман ба тариқи шаклҳои таркибӣ бештар имконият фароҳам меоварад» [Ҷӯраев, 2017, с. 207].

Бояд қайд намуд, ки дар натиҷаи ихтисоршавӣ қабати дар муқоиса ба дигар ҳиссаҳои нутқ нисбатан устувор – феълҳо низ ба духӯрагии маънӣдучор мешаванд. Дар лаҳҷаҳои Бойсун феъли таркибии **роҳ шудан** дар шакли **рошет** корбасти фаъол дорад: *Рошет йаг хони амми Малик-ем равем, уно аш шумо сахт дилмонда шуд-ен (*Қ̄рғ.) – Биёед, хонаи аммаи Малика равем, он кас аз шумо сахт ранҷидаанд ва ғ .

Лаҳҷаҳо дар нигаҳдошти асолати забон мавқеи муҳим доранд, ки шаклу қолибҳои таърихӣ ҳазорсолаҳо маҳфуз мемонад. Ин нуктаи муҳимро дар ифодаи лексикаи феълӣ (**гуволидан, ёзидан, жакидан, кебидан, пакидан, човидан, ёрастан, турунҷидан, полудан** ва ғ.) мушоҳида менамоем. Хусусиятҳои таърихии ин қабил феълҳо дар зербоби дигари рисолаи илмӣ баррасӣ шудаанд.

Дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикӣ ба таври густурда (муқоисаи онҳо бо осори шоирону нависандагон ва корбасташон дар гӯйишҳои форсиву дарӣ) таҳқиқ намудани лексикаи феълӣ аҳаммияти амалӣ ва назариявӣ дорад, ки маҳз дар ҳамин асос ташаккули таркиби луғавии забони халқӣ-гуфтугӯйӣ, тафовути ин ё он лаҳҷа аз лаҳҷаҳои дигар ва ё шеваҳои забони тоҷикӣ нишон дода мешавад.

Бояд қайд намоем, ки шаклҳои феълӣ низ дар таркиби луғати лаҳҷаҳо шаклу маъниҳои навро касб намуда, низоми ташаккули онҳо дар алоқамандӣ бо дигар қисматҳои забон бояд таҳқиқ гардад, ки раванди ташаккули забон дар заминаи баррасии омилҳои гуногун метавон арзёбӣ намуд. Аз таҳқиқи корбасти феълҳо дар доираи калимаҳои хоси шева метавон гуфт, ки раванди ташаккули феълҳои таркибӣ дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда ба назар расида, ифодаи маъноии калимаҳои ифодакунандаи амал бештар дар шакли таркибӣ аён мегардад.

3.2.2. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи мафҳуми аломат

Таркиби луғавии лаҳҷаҳои тоҷикӣ бо роҳҳои гуногун ташаккул ёфта, дар ин қабати забонӣ корбасти аломати предмет назаррас мебошад. Ифодаи аломат, бо вуҷуди умумият бо забони адабӣ, дар лаҳҷаҳо дорои як қатор хусусиятҳост, ки омӯзиши онҳо муҳим ба шумор меравад. Бояд зикр намуд, ки дар соҳаи лаҳҷашиносӣ лексикаи ифодакунандаи аломат ба таври алоҳида ва густурда мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор нагирифтааст. Муҳаққиқон баъзе хусусиятҳои сифатро дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикӣ мухтасаран таҳқиқ намудаанд [Мурувватов, 1967; Вазирова, 1970; Ӯзбеков, 2015].

Омӯзиши хусусиятҳои сифат дар таркиби луғати шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ дар муқоиса ба дигар шеваҳои тоҷикӣ мукаммалтар ба назар мерасад. Соли 1980 дар китоби «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» забоншиносон Р.Л. Неменова ва Ғ. Ҷӯраев ҳангоми таҳқиқи хусусиятҳои забонии баъзе лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба калимаҳои ифодакунандаи аломат низ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд [ШҶЗТ, 1980]. Баъдан, таҳқиқ ва таснифи сифат дар асоси маводи шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ аз ҷониби профессор Ғ. Ҷӯраев идома ёфта [Ҷӯраев, 2017], аз чоп баромадани «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» имкони баррасии ин гурӯҳи лексикиро бештар мегардонад.

Ифодаи аломат дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё мавриди таҳқиқоти мукаммал қарор нагирифтааст. Муҳаққиқи лаҳҷаҳои Бойсун Х.Ҳамроқулов мухтасаран баъзе хусусиятҳои сифатро арзёбӣ намуда, ба сифатҳои хоси лаҳҷаҳои мазкур ишорае ҳам накардааст, ки маводи мансуб ба ин минтақа корбасти устувор доштани калимаҳои хоси шеваро собит менамояд. [Ҳамроқулов, 1961, с.48-49]. Масъалаи мазкур дар чанд мақолаи илмӣ низ баррасӣ шудааст [Зайниддинов, 2005, с.356; Қурбонов, 2018, с.55].

Аз омӯзиши ин масъала бармеояд, ки таҳқиқи бевоситаи калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи аломат диққати муҳаққиқонро камтар ба худ ҷалб намуда, аксари забоншиносон аз рӯи усули анъанавӣ сифатҳоро дар доираи лексикаи умумихалқӣ баррасӣ кардаанд.

Хусусиятҳои хоси ифодаи аломат дар лаҳҷаҳои тоҷикони ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ моро водор месозад, ки ба шаклу ифодаи маънои ин қабати луғавӣ диққати махсус диҳем. Ба инобат гирифтани муносибати таърихии лаҳҷаҳои тоҷикӣ, ҳудуди интишори онҳо, инчунин табиати забони зиндаи халқ дар ташаккули ин гурӯҳи калимаҳо муҳим ба шумор меравад. Профессор Ғ. Ҷӯраев ифодаи аломатро дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ чунин эзоҳ медиҳад: «Мушоҳидаи маводи гирдомада ба он гувоҳӣ медиҳад, ки дар лексикаи лаҳҷаҳои ҷанубӣ дар қисмати калимаҳои сифатӣ унсурҳои умумитоҷикӣ чандон фаровон нестанд. Бештар сифатҳои аслии ифодакунандаи ранг (сърх, савз, съфет, сийо), таъм (ширин, шӯр), андоза (дъроз, борик, кутаҳ, ғафс, бълан) ва ғайра аз ҳисоби воҳидҳои умумихалқӣ таркиб ёфтаанд. Баъзе сифатҳои аслӣ ба ҷумлаи калимаҳои умумихалқӣ тааллуқ дошта бошанд ҳам, дар шеваи ҷанубӣ маънии иловагӣ пайдо кардаанд. Масалан, калимаи тез дар нисбати ду предмет: корд (табар, дос ва умуман чизҳои теғдор) ва қаламфур кор фамуда мешавад ва ҳол он ки дар забони адабӣ ва шеваҳои дигари тоҷикӣ дар ҳолати дуюм асосан воҳиди луғавии тунд истифода мегарданд. Калимаҳои сифатӣ хоси шеваи ҷанубӣ нисбатан зиёдтар ба назар мерасанд. Онҳо ба соҳаҳои гуногун дахл дошта, дар захираи луғавии хоси шева ҳиссаи намоёнро ташкил медиҳанд» [Ҷӯраев, 2017, с.229].

Калимаҳои ифодакунандаи аломати инсонро дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ вобаста ба маънӣ ба ду гурӯҳ– сифатҳои нек ва бади инсон ҷудо метавон кард:

1. Дар лаҳҷаҳои мазкур барои ифодаи аломату хусусият ва хислати неки инсон калимаҳои хоси шева зиёд истифода мегарданд: **зика (**Ток.) базеб, зебо, хушрӯй; **колавара (**Ас.) молдор, бадавлат; **кулинг (**Дор.) ҷавонмарди чорпаҳлу; **лавҳур (**Кан.); хушлафз, хушмуомила; **патимо (**Дл.) уҳдабаро, кордон; **рок (**Ф.) чолок, чаққон; моҳир; **ройҷгон (**Пб.) чобук, чолок, чақон; **чипак** (Ёх., Рӯ.) газгӯшт, камгӯшт, қоқина, лоғарандом; нозук (оид ба одам); **фаланг (**Пд.) ҳунарманд; чолок, чаққон; **фахма (**Дҷ.) боодоб, гапгир; **ширгин (**Қӯрғ.) меҳрубон; **хелида** (Гх.) ҳамроз; **бърҷинг // бурҷунг** (Бе.) хоксор; фурӯтан; **салт (**Ҷк.) муҷаррад; **дачам (**Бойс.) пурқувват ва ғ.

Тобишҳои маъноии сифатҳо дар ҷумлаҳо бештар аён мегардад: *Йак ҷувонмарди зика бърумада ош мехъра (*Ток.) – Як ҷавонмарди хушсурат ба хонаи онҳо баромада, ош мехӯрад; *Ай руйи гуфтайи одамо у колавара буд-ай (*Ғеш) – Назар ба гуфтаи одамон,ӯ шахси бадавлат будааст; *Ба мара бандъм бъте-ву йа шътър-у йа кулинг (*Дор.) – Баъд ба ман банд деҳу як шутур ва як ҷавони чорпаҳлу; *Лавҳур будан-ша шунида будуму худ-ша надид-ум (*Кан.) – Хушгуфтор будани ӯро шунида будаму худашро надида будам; *Ака-м да куҳбъройи´ рок-ай (*Ф) – бародари ман дар кӯҳнавардӣҳамто надорад; *Духтари калон-иш-а надод-уш, чува ки и бачара ак-аш ройҷгон-ай-у худ-ша ҳар чи меган (*Хум) – Духтари калонашро ба шавҳар надод, чунки ин писарро бародари калониаш чобук асту дар ҳаққи худаш ҳар чи мегӯянд; *Ай кудак-иш чипаки майдағелак буд (*Рӯ.) – Ӯ аз кӯдакияш чобуку чаққон буд; *Ҳар рӯз рафта худаш-а да уно ширгин нишон дода меб*йа (*Қӯрғ.) – Ҳар рӯз рафта худро ба онҳо меҳрубон нишон медиҳад; *И ду ҷура ай ҳаму давра-ҳо хеладаги´ дошт-ан (*Вқ.) – Ин ду рафиқон аз хурдӣ бо ҳамдигар ҳамроз буданд; *Фук-уш осмон-да-й, ура бърҷгиш-а фақат зан-уш дида бошайу халос (*Ҳ.) – Фуки ӯ аз мағрурӣ дар осмон аст, шояд хоксориашро танҳо ҳамсараш дида бошад; *Йа мардаки салт-а ниго намекунаву ира мега (*Ҷк.) – Як

марди муҷаррад ба ӯ нигоҳ мекунаду сухан мекунад; *Палвони даҷам буд Ҳамробой* (Бойс) – Ҳамробой паҳлавони пурқувват буд.

2. Маводи гирдовардаамон аз он далолат медиҳад, ки ифодаи аломатҳои манфии мансуби инсон дар лаҳҷаҳо мавқеи устувор доранд ва нисбат ба аломатҳои мусбии инсон онҳо зиёдтар корбаст мешаванд. Дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ муродифи адабии ин гурӯҳи луғавӣ камистеъмол мебошад. Барои намуна чанд мисол аз лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ меорем: **аламон** (Шк.) роҳзан; маҷозан, зирак**:** *дузди аламон* (Дт.) роҳзан; **босаҳма** (Ғеш) муболиғ, воҳимагар; **алас (**Хов.) саросемасаросема; **бахтак (**Хум.) айёр, маккор, шайтон; **бушранг (**Пв.) ноуҳдабаро; **тъмса** (Бал.) одами якрав; **чалов** (Зар.) одами маккор; **пълох (**Ҷк.) пиразани шаттоҳ (ҷангара); **галбарс (**Дар.Н.) кундфаҳм, кудзеҳн; **панг (**Лахш) кундзеҳн, камфаҳм; **бъранг (**Кан.) // **буранг** (Қ̄рғ.) маиб (нисбат ба одам ва ҳайвон); **салтанг** (Хов.) бепарво, бекор; **кърух** (Қ.) гӯши хурд ва ба сари одам часпида; **ситагал (**Кб., Кп.) ифлос, чиркин; **веҳстанг** // **вестанг (**Ёх.) ҳимматпаст; **гавр** (Шк.) габр, якрав; **гизала** // **газила** // **гизела (**Вқ., Шк.) бадҷаҳл, бадхашм; **гоҷала (**Ян.) гоҷ, пургӯй; **кавда (**Ёл, Пор.) пургӯй; **качак (**Мум.) сергап, пургӯй; **лақва (**Дар.Н.) пургӯй, сергап; **ғаттод** (Дарб.) бадҷаҳл, бадхашм; **ғумор (**Сина) ноуҳдабаро; **доғди´** (Сина) бекорхӯҷа; **ирбат (**Қ̄рғ.) безеб; **калпанг (**Ан.) ландаҳӯр; **лавда (**Бдх.) бекорхӯҷа, ёвагард; **канос (**Ғор.) хасис, мумсик, чашмгурусна; **кърът(**Бдх.) хасис, мумсик, чашмгурусн.; **чафтал (**Вқ., Шк.) // **шафтал (**Қ.) танбал, коргурез; ноуҳдабаро,фориғбол; хасис; **ормоли´** (Бойс.) ноумед; **лумса** (Бойс.) фарбеҳ; **лалуқ** (Бойс.) ноуҳдабаро; **мҷҳмал (**Бойсун) ноуҳдабаро; **шалтанг** (Дарб.) ноуҳдабаро; **фъшк (**Вқ., Қ., Ҷк., Бдх.) // **фъшък (**Шк.) пучуқ; бинипачақ; **есар** (Бойс.) фаромӯшхотир; **сайқу** (Бойс.) дайду, ҳарҷогард; **канак** (Бойс.) чашмгуруснагӣ; **саноч** (Қ̄рғ.) гурусначашм; **паторина (**Ёл, Пор.) хасис, мумсик, гурусначашм; **куланги´** (К-рш) ғӯладинг; зиштрӯй; **лавлави´** (Сина) фиребгар; каззоб; **лавлода**

(Сина) қаллоб, фиребгар; **лавло** (Хов.) танбал; **ҳапалак (**Гх.) муфтхӯр, коргурез; **ҳатул (**Қ.) марди тануманди коҳил; **ҳорум (**Сина) танбал, муфтхӯр; **фатфала (**Сх., Ёх., Хов., Ток.) безурёт; (Хов., Нр., Хх.) *маҷ.* гарангсимо; содалавҳ **лоҳаз** (Қӯрғ.) танбал; **шапаланг (**Қӯрғ.) ноуҳдабаро; **муҳмал (**Бойс.) ноуҳдабаро; **лакка** (Қӯрғ.) сода, гаранг; **лода (**Шк.) гаправ, суханрав; **маланг (**Фат.) бепарво, фориғбол; **папар (**Ёл, Порвор) девонаавзоъ; **лаалун (**Ан., Ёл, Пор., Сғ.) хаста, шалпар, монда; **пархата (**Вқ.) девона; **сри´** (Хғ.) девонаавзоъ; **фатела // фатила** (Ёх., Хов.) фориғбол, бепарво; даҳаняла; **фисмуқ (**Сина) мулоимхунук; **турмуч (**Кд., Нр.) бараҳна, луч; **фадул (**Ан., Ёл, Пор. Сғ.) // **фатул (**Ғк.) фарбеҳ; ландаҳур; фаҳӯл; танбал, коргурез; **фисфисак (**Сина) дамдузд, хапак; **ҳакари´** (Қӯрғ.) худхоҳ, худсито; **ҳамхър (**Яр.) бахил, ҳасуд, нотавонбин; **ҳарина (**Хов., Қӯрғ.) якрав; **чадък (**Сам.) зиштрӯй, бадафт, безеб; **чуғӯл (**Сина) хабаркаш; **ховач (**Лахш) жӯлида, пахмоқ; парешон; **ҷъртък (**Ҷк.; Шк.) маҳмадоно; сабукфикр.

Аз омӯзиши калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи аломат бармеояд, ки онҳо дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда дорои як қатор хусусиятҳо буда, дар алоҳидагӣ мавриди омӯзишқарордоданионҳо мувофиқи матлаб мебошад:

а) барои ифодаи синну сол, қадду қомат ва дигар хусусиятҳои инсон дар лаҳҷаҳои мазкур калимаҳои хосса корбаст мешаванд: **буғ (**Мт.) калонҷусса; калонсол; **буғдӣ** (Шк.) хурд, майда; **букри´** (Қӯрғ.) хамидақомат; кӯзапушт; калонсол; **алҳӯтти´ // калкӯтти´** (Қӯрғ.) пири пир, фартут; **толфох (**Ҷк.) тифли солими фарбеҳ, кӯдаки тануманд; **тарғел** (Анҷ.) одами фарбеҳ; **машлот** (Зар.) найрангбоз, **мазабур** (Хир.) танбал; **ҳатул (**Қ.) марди тануманди коҳил; **адарға // адалға (**Шх., Ғк.) қаддароз, қадбаланди лоғарандом; **ашқар (**Шк.) қоматбаланд, қадбаланд; **ҷабағук (**Ҷк.) шахси қадпасти фарбеҳ; **балмариш (**Сина) ғӯлариш, серриш; **барзанги´** (Қӯрғ.) азимҷусса, бузургҷуссакалон; **ғаба (**Қӯрғ.) серриш;

нарғъл (Ан.,Ёл) // **нарғул** (Кан.); **норғӯл** (Сина) калонҷусса; **салт** (Уч.) муҷаррад; **санаф** (Шб.) заиф, суст, камқувват **санд** // **сънд** (Қ.) безурриёт, бенасл; (Хҷ.) фарзанди ғайримашруъ (ғайриқонунӣ); **сойил** (Дҷ.) кӯр, нобино; **фух** (Тд.) суст, бемадор; **хилбич** (Бс.) дардманд; **чагана** (До.) бегона, ношинос; **четан** (Яр.) парзадарӯй; чӯтур, доғи нағзакдор **чипак** (Ёх.) газгӯшт, камгӯшт, қоқина, лоғарандом;

б) дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ дар таркиби луғати шевагӣ корбасти калимаҳои ифодакунандаи аломати ашёҳо фаровон ба назар мерасад: **бурмбаҷала** (Хов.) шахшӯл; ноҳамвор; **паласт** (Ғор.) муҷалло, сайқалӣ; дурахшон; **перва** (т. – вах.) тоза, пок; **гаҷум** (Қӯрғ.); бетартиб, бенизом; **аларахш** (Хум.) ало-було; **алғач** (Зел.) бетартиб, вайрон, омехта; **барафт** (Кд.) бофароғат; **буртан** (Шк.) хокистарранг, хокистарӣ; **буча** (Лағ.) гӯшбурида; **пънавч** (Б.) сахт, қаиш; **тъмухч** (Сам., Тег., Шв.) дим, шамолнорас; **вашабака** (Лб.) муҳранок, зангӯланок; **гоча-гоча** (Шк.) нофаҳмо; **гъндъл** (Лан.) кулӯла, лӯнда; **ғавҷала** (Ҳо.) ғиҷим (ғиҷимшуда); **ғажари´** (Нӯш.) нав, оҳарӣ, оҳардор (мисли болиш, кӯрпа, кӯрпача ва ғ.; **ғайбар** (Қӯрғ.) бузург; **ғалиҷ** (Вқ.) // **ғалич** (Ҳо.) рутубатнок; **ғапа** (Вқ.) вайрон; **ғиччи´** (Қӯрғ.) ниҳоят тар; **йағир** (Қӯрғ.) чиркин; **йала**, **ела** (Ан.) яла, кушода; **йаланг** (Сб) ҳамвор; **латак** (Қӯрғ.) сиёҳ; **лоп** (Нз.) васеъ; **малумак** (Бойс.) миёнабаҳо; **мутук** // **мутък** (Яр.) гӯшбурида (оид ба ҳайвонот); **мӯрийо** (Қӯрғ.) қадима; **носӯр** (Қӯрғ.) дардманд; **овғами´** (Дар. Н.) сероб, пуроб; **орам** (Ток.) калон, бузург; (Лахш) боқувват; **папък** (Қӯрғ.) сермӯй; **парач** (Қ.) канора; **парсък** (Қ.) ҳосилхез; **перва** (т. Вах.) тоза, пок; **пътидаранг** (Шв.) васеъ, кушод; **рағд** (Қ.) ҳамвор, суфта; **ремак** (Қӯрғ.) тунук; **ситагал** (Кб, Кп.) ифлос, чиркин; **фълх** (Қ., Шк.) он чӣ, ки пухта гузаштааст; афгор, ҷароҳатнок; суст, камқувват; куҳна; **халов** (Бдх.) обакӣ; **хинг** (Хум.) хокистарранг, ранги хокистарӣ; (Қ.) хиратоб; як навъи аспи хокистарии паст (нуқрафом); (Лахш) безеб, зиштрӯ**хърбич**

(Шк.) пачақ; **ҳатала** (Дш.) абтар, вайрону валангор; **ҳъмби´** (Бдх.) пурсанг, санглох; **чакала** (Лахш) хушк; камнам, нампарида; **чакана** (Яр.) майда, хурд; **чақир** (Сина) кабудчашм; **чағул** (Бадахшон) чуқур, амиқ; **чиғилма** (Ял.) паҳну парешон; **ҷағала** (Қ.) ноаён, номаълум; **ҷағбут** (Қӯрғ.) паҳну парешон;

в) дар лаҳҷаҳои мазкур калимаҳои ифодакунандаи аломати инсон фаъол ба назар мерасанд ва онҳо бо тобишҳои нозуки маъной, инчунин доираи васеи муродифотӣ аз муодили адабии худ фарқ мекунанд. Ба таври мисол, калимаи ***нодон*** муродифоти зиёди луғавӣ дорад: **абох** (Вд.); **авла** (Ққ.); **калпанг // карпанг** (Қ.); **мазабър** (Ёл); **пакар** (Шк.); **пук** (Хҷ.); **пълелък** (Пор.); **фаҳ** (Сина); **галдир** (Ф.; Қӯрғ.); **кавдон** (Ҷк.); **носипо** (Хов.); **фарт** (Ҷк.) ва ғ. Ин калимаҳо дар навбати худ вобаста ба маҳалли истифода ва мавқеи нутқ маъниҳои дигар низ доранд. Масалан, калимаи ***пакар*** дар лаҳҷаҳои Бойсун ба маънии **хаста шудан** низ корбаст мешавад; калимаи ***авла*** дар лаҳҷаи Лангари Шоҳ шакли ба тағйироти фонетикӣ дучоршудаи ***обила*** мебошад; калимаи ***пук*** дар қисмати ғарбии Кӯлоб ба маънии ***коҳмайда*** ва дар Кулумбаи Поён ба маънии ***пири фартут*** меояд. Ин ҳадди охири маъниофарини калимаҳои мазкур намебошад. Дар лаҳҷаҳо вобаста ба табиати гӯйишҳо ва омилҳои дигари забонӣ калима тобишҳои нави маъной пайдо мекунад.

Калимаи **хароб** (лоғар) муодили зиёди лаҳҷавӣ дорад: ***адашқа*** (Хов.) – ба маънии **одами хароби сиёҳи бадафт:** ***ирмонак; рикка***; ***тотаринг; муррук*** (Қӯрғ.); ***лок*** (Сх.); **чуркак** (Сина); ***чакал*** (Вқ.); ***чалфас*** (Нд.); **рък** (Даҳ., Зир., Лаг.) газгӯшт, лоғар.

Бар заммии ифодаи мафҳуми **хароб** (лоғар) калимаи ***чакал*** дар лаҳҷаҳои Қаротегинӣ ба маънии ***замини корами наздиҳавлигӣ***, калимаи ***чалфас*** дар аксари гӯйишҳои ҷанубӣ ба маъниҳои ноуҳдабаро, чиркин, беодоб ва ғ. истифода мешаванд.

Барои ифодаи калимаи **фарбеҳ** низ дар лаҳҷаҳо муродифоти зиёди лаҳҷавӣ корбаст шудаанд: **дабанг (**Бойс.); **дула (**Ф.) – нисбат ба шахси фарбеҳи лундаи қадпаст; **манг (**Қӯрғ.); **фъраҷов (**Ёл, Пор); **ғелаҳак (**Хм.) – кӯдаки тануманд (фарбеҳ); **ғърсумба (**Хов.); **қърма (**т.Вах.); **ламбака (**Ғор.); **търсъқ (**Ҷк.); **фадул (**Сғ.); **фатул (**Ғк.);

г) ифодаи ранг бо калимаҳои хоси шева назаррас аст: **латак** (Қӯрғ.) сиёҳ; **хинг** хиратоб; **сийала** (Ғор) алобуло; **талғир** (Қ., Қӯрғ.) ранги ҷигарии моил ба сиёҳӣ; **талон (**Даҳ.) ранги аспи хокистарранги холдор; **пуштигул** (Кҳ.) гулобӣ ва ғ. **бъҷилгун** хокистарранг аст; **зълайча // зулайча** минқор ва тори сараш сурхчатоб, болҳояш зардча аст; **чъкак** хокистарранги ба кабудӣ моил; **куръкқаҳваранги** ба зардӣ моил; **зарлем // зардлем // зардлим (**Вқ., Қ., Ванҷ) зардча, зардтоб: ай боша андак майдатар-у зарлем меша бодхърък (Каҳ.); дар Бойсун зардтағма; **бӯрта** (Бойс.) малла;

ғ) аломатҳои мансуб ба ҳайвоноту ҳашарот мавқеи хос доранд: **бурранг** (Нӯш.); **бъҷилгун (**Лш., Нӯш.) парандаи хокистарранги хурд; **мут** (Хов) рост, сих; **рахш (**Қ.) рахш, раҳ-раҳ, ранги сафеду сурхи ба ҳам омехта; **хаспарак // хаспарък** (Нз.) ранги моил ба зардӣ; **сара** (Дҷ., Хов.) хуб, нағз; (Ҳак.) ҷувона, наргови; ахтакарда, навас;

д) дар шаклҳои тафсилӣ калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи аломат мавқеи муҳим дошта, дар ин замина аломат барҷаста ифода мегардад: *Ай кудак-иш чипаки майдағелак буд (*Рӯ.) – Аз кӯдакияш харобу лоғар буд; *Ин сиёпатаки латак аҳ ҳамун давра ман-да кор дошт-ай* (Қӯрғ.) – Ин мазанги сиёҳ аз ҳамон давра маро назорат мекардааст; *Ира ман донаму Худо, ай пеша йа одами лаванди тълоп буд (*Ҳак.) – Инро ман донаму Худованд, ӯ аз кӯдакияш як одами танбалу бекорхӯҷа буд.

Дар ин қолибҳои иборавӣ омадани онҳо барои ҳамаи лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда маъмул буда, ин шаклҳо барҷастагии аломатро ифода менамоянд. Муайянкунандаҳои тавсифии бо калимаҳои хоси шева дар шакли такроромадаи ифодакунандаи дараҷаи зиёдии аломат дар аксари

лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ, аз ҷумла лаҳҷаҳои Бойсун, ба назар мерасад: *Даст-отон-а та(ҳ)нокӣ баред, моҳиҳойи* ***ғайбар-ғайбар*** *ҳас (Қ)* – Дастони худро ба дарунтари моҳихона андозед, моҳиҳои калон-калон дар он ҷой.

Ҳангоми изофа қабул намудан доираи истеъмоли чунин муайянкунандаҳо васеъ мегардад ва ифодаи аломат тобиши нави маъноиро касб менамояд. Ин хели муайянкунандаҳои тавсифӣ «дар лаҳҷаҳои Бухоро, Ғузор, Бойсун, Дарбанд, Шаҳртуз, Мастчоҳ, Кӯлоб, Қаротегин ба ҳисоб гирифта шудааст» [Эшниёзов, 1996, с.61] ва Ғаффоров Р. дуруст қайд мекунад, ки «Чунин хели ибораҳои исмӣ дар шеваи ҷанубӣ назар ба шеваи шимол зиёда серистеъмол мебошад» [Ғаффоров, 1979, с. 16]. Дар забони адабӣ ин тарзи ифодаи аломат маъмул набуда, баъзан дар адабиёти бадеӣ дучор мегардад [ниг.: Камолиддинов, 2003, с. 33]. Дар ин навъи ифодаҳои такрор таъкиди маъно ба мушоҳида мерасад;

е) вобаста ба сохти морфологии ин гурӯҳи калимаҳо ифодаҳои маъноӣ тағйир меёбанд. Сохти калимаҳои ифодакунандаи аломат дар лаҳҷаҳои мазкур асосан сода, сохта ва мураккаб мебошад. Аз мисолҳои мавҷуда бармеояд, ки навъи сохта ва мураккаби онҳо каммаҳсул ба назар намерасад: **бахт+ак** (Хумдон) айёр; **волвол+ак** (тоҷикони Вахон) ҳайратзада; **киш+ин** (Учқул) чиркин, ифлос; калон, бузург; ғафс; **пап+ък** (Лахш) пӯпак; (Қӯрғонча) сермӯй; **шир+гин** (Қӯрғон) меҳрубон; **ала+рахш** (Хумдон) ало-було б**ат (д) +рак** (Қӯрғонча) золим, бераҳм; **бур+тан** (Ғелот) хокистарранг, хокистарӣ; **буш+ранг** (Порғов) ноуҳдабаро; **мъх+лесък** (Хов.) хурдакак, майдаяк ва ғ. Ин тарзи ташаккули сифатҳо дар зербоби калимасозӣ ба таври васеъ баррасӣ шудааст.

ё) дар ин қабати лексикӣ калимаҳоеро низ дучор меоем, ки ба қатори сифат гузаштани онҳо имконпазир буда, вобаста ба мавқеи нутқ

аломатро низ ифода менамоянд: **балғът // балғът (**Ғк.) лойоба, лойқа; **барафт (**Кд.) бофароғат; **гал (**Ёх., Св., Хов., Қўрғ.) гӯл, фиреб, фанд; **фух (**Тд.) суст, бемадор; **хит** (Вқ., Шк., Қ.) такшини намакоб, об; тираоб; оби лойолуд, лойқа; (Лахш) суфта; суда **гаҷир // гаҷур (**Вқ., Қ., Ҷк.) асабӣ, бадҷаҳл; (Кб., Кп.) якрав, гарданшах; **доғди´** (Сина) бекорхӯҷа **доқи´** (Ҷк.) пашми шахшӯл (дағал, дурушт); **зукка (**Кҳ.) лазиз. болаззат, бомаза; хуштамъ; **зум (**т. – вах.) қавоқи гирифта; **иҷари´ (**Қлб.) раманда, хӯсанда; **каванг (**Ғеш) дарунхолӣ, ковок; **лаванд // лаван (**Шк., Қ., Ҷк.), **лавунд // лавънд (**Вқ.) муҷаррад, безан; танбал, коргурез; бекорхӯҷа; (Қ.) дарбадар, оворагард, дайду; (Сам., Шв.) дузд, ғоратгар; **чавал (**Вд., Нд., Хов.), **чавел (**Ёз.) каҷпо, ки мурғобивор роҳ гардад; **лелъҳ (**Мх., Ҳак., Ҳд.) ҳайрон, ҳаросон; **лоло (**Шк., Ҷк.), **лулу (**Шӯр., Хғ., Шб.) хуб, нағз; ширин, бомазза; **лут** (Қ.) луч, бараҳна, урён; (Дл., Хғ.) захм, яра; **мук (**Мс., Хум.) ланг, касе, ки як пояш кӯтоҳаст; **ҳатала (**Вқ., Қ.) абтар, вайрону валангор; **мът // мут** рост, сих; **шанд (**Қ.) // **шанг** (Шк.) замини партов; замине, ки барои кишт нобоб аст; (Оқ., Фат., Ян) ҳазлкаш, зиндадил, шӯх; ноз, ишва ва ғ. Дар матн маънии калима равшантар аён мегардад. Ба қатори исм гузаштани сифатҳо ва ё баръакси он, сифатшавии исмҳо, дар забонҳо, аз ҷумла забони тоҷикӣ, ҳодисаи маъмулист;

ж) ифодаи аломатҳои хоссаи мансуби ашёву хӯрок ва ғ. доираи васеи истеъмолӣ доранд: **лайс (**Қўрғ.; Сина) шаффоф; **фълх (**Вк., Қ., Ҷк., Шк.) нарм, мулоим; (Шк.) он чӣ, ки пухта гузаштааст; **марғоп** (Бойс.) сероб; **ротифа** (Бойс.) бепул; **илбира (**Бойс.) пора-пора (нисбат ба либос);

з) истифодаи калимаҳои таърихан куҳан ва асили тоҷикии ифодакунандаи аломат **йала // ела; кавдан, чалпас, хинг, колавара, чағбут** ва ғ. дар лаҳҷаҳои мавриди назар фаровон ба чашм мехӯранд, ки онҳоро дар зербоби хусусиятҳои таърихии калимаҳои хоси шева таҳқиқ намудем.

Таҳқиқу баррасии калимаҳои ифодакунандаи аломат дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикӣ барои ҳукми илмӣ баровардан дар ин самт замина фароҳам меорад, ки ин раванд дар лаҳҷашиносии тоҷик даҳсолаи охир ҷараёни тоза касб намуда истодааст.

Ифодаи маъноии калимаҳои ифодакунандаи аломат дар матн бештар зоҳир гардида, барои ифодаи эҳсоси худ одамон аз ин навъи калимаҳо истифода мебаранд. Силсилаи муродифотии калимаҳои ифодакунандаи аломат дар доираи калимаҳои хоси шеваҳо диққатҷалбкунанда мебошад.

3.2.3. Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи зарф

Зарфҳо дар муқоиса ба дигар ҳиссаҳои нутқ собиқаи дерин надошта, дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ низ раванди гузариши дигар ҳиссаҳои нутқ ба қатори зарфҳо вусъат ёфта истодааст. Таҳқиқи зарфҳо дар асоси маводи шеваҳои тоҷикӣ диққати муҳаққиқони зиёдро ба худ ҷалб намудааст [ниг.: Маҳмудов, 1971; Мурувватов, 1974; 1979 ва дигарон].

Баъзе хусусиятҳои лексикаи зарф дар шеваҳои Қаротегин аз ҷониби профессор Ш. Исмоилов таҳқиқ гардидааст [Исмоилов, 1978, 94]. Профессор Ш. Исмоилов зарурати омӯзиши зарфҳоро дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ муҳим арзёбӣ менамояд: «Дар лаҳҷашиносии тоҷик зарф ҳамчун мавзуи мустақил мавриди таҳқиқи махсус қарор нагирифтааст. Дар аксарияти асарҳои илмӣ, ки ба омӯзиши лаҳҷаҳои забонамон бахшида шудаанд, танҳо рӯйхати калимаҳои зарфиро пайдо мекунему бас. Ҳол он ки бо ҳама сарвати луғавӣ ва шаклу қолабҳои маъмули грамматикӣ зарф сазовори як таҳқиқоти махсус мебошад» [4, 157].

Даҳсолаи охир ин қисмати луғати лаҳҷаҳо мавриди омӯзиши забоншиносон қарор гирифта истодааст. Профессор Н. Гадоев корбасти зарфҳо ва хусусиятҳои забонии онҳоро дар лаҳҷаи Тагнов баррасӣ

намудааст [Гадоев, 2010, с. 20]. Дар кори илмии С.Муминова ифодаи зарф бо калимаҳои хоси шева дар шакли алоҳида таҳқиқ гаштааст [2020].

Муҳаққиқи лаҳҷаҳои Бойсун Х. Ҳамроқулов ба ҷиҳати хоссаи зарфҳои ин минтақа дар асоси муқоисаи онҳо бо забони адабӣ ва маводи лаҳҷаҳои дигари тоҷикӣ дахл намудааст [Ҳамроқулов, 1963]. Ҳангоми баррасии зарф ва хусусиятҳои он муҳаққиқи лаҳҷаҳои Бойсун нуктаи ҷолибе баён кардааст: «Дар забони тоҷикӣ зарф яке аз категорияи тараққинаёфтаи ҳиссаҳои нутқ буда, ҳоло аз ҳисоби ҳиссаҳои дигари нутқ тадриҷан инкишоф ёфта, мукаммал шуда истодааст. Аз ин ҷиҳат, хоҳ дар забони адабӣ бошад, хоҳ дар шеваҳои гуногуни он бештар зарфҳо бо ҳиссаҳои дигари нутқ ифода меёбанд» [Ҳамроқулов, 1961, с.105].

Барои ифодаи зарф дар лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ, бо вуҷуди умумият бо забони адабӣ, калимаҳои хос корбаст мешаванд:

а) зарфи замон: угам (Пор.) баъд; **муҷурб (**Бойс.) як лаҳза; **сафил (**Қӯрғ.) лаҳза; **гъраст (**Хов.) зуд, дарҳол; **даба-даба** (Кҳ.) гоҳ-гоҳ, баъзан; (Ҷк.) гаваккашон, бо дасту пой роҳ рафтан; **тафик**: **йаг тафик (**Ёз.) як лаҳза; **ҳамипила** (Бойс.) ҳоло, ҳозир; илачила (Бойс.) зуд; **чош // чошт (**Вқ., Қ., Шк.) хирвор, ғарами ғаллаи кӯфташуда; ҳолати боддиҳии ғаллаи кӯфташуда; (Қал., Ҳал., Ял.) тӯдаи (хирвори) меваҷот; (Ғк., Қ., Ҷк., Шк., Бдх.) чошт, чоштгоҳ; **гоного** (Бойс.) баъзан; **лаққе** (Дарб.) баногоҳ; **рока**й (Бойс.) кайҳо; **ғот** вақт, ҳин, маврид, лаҳза; **зъм (**Кан.) вақт, замон, асно: *Ай зъме бача-м рафтай, йа руз дами хъш назадам* – Аз вақте ки писарам рафтааст, рӯзи хуширо надидам; **мизон** (Қ.) вақт, замон, маврид: *Ҳар мизон бъгарди´, вахт-ът хъш меша* (Шм.) – Ҳар вақт баргардӣ, вақтат хуш мешавад; **угам:**вақт,замон, лаҳза: *Ай угаме, ки мън медонъм, ҳич ҷо рафтаги´ нест.* – Аз он замоне, ки ман медонам, ӯ ба ягон ҷой нарафтааст.

б) зарфи макон: таҳпала (Ял., Яр., Ҳиҷ.) пушта, суфакӯҳ; **таҳпали´ (**Бч.) қисми поёнии саҳни хона, пойгоҳ; **патали´ (**Луғ., Ҳак.) баландӣ, теппа, фарозӣ; (Ан., Пор., Сғ., Кпн., Хҷ.) содалавҳ, зудбовар; **пач (**Чк.) саҳро, дашт; **питов** (Ҷк., Шк.) ноҳамвор, пасту баланд; (Ҷк., Шк.) баландӣ, фарози кӯҳ; **торматор (**Сх., Хов.) пушта, паси пушта; Баъзан дар ҷумла хусусияти зарфро соҳиб гардидани ҳиссаҳои дигари нутқ низ ҳодисаи маъмулист, ки он бо калимаи хоси шева ифода меёбад: **шиғбаст** (Қ.) мавзеи (макони) нигаҳдории чорво, ки атрофаш бо навдаву шохаҳои дарахту буттаҳоиҳотабошад.

Вобаста ба матн имкони гузариши ҳиссаҳои нутқ ба қатори зарф бештар мебошад. Ба таври мисол, калимаи мураккаби хелчала дучор меояд, ки калимаи «ҳел» ба макони муайяни ҳайвонот ва ё парандагон далолат менамояд. Теъдоди ин навъи калимаҳо зиёд буда, бо мурури замон доираи маънои онҳо васеъ хоҳад гашт;

в) зарфи миқдору дараҷа: гиртак (Бойс.) камтарак; **банаҷе** (Бойс.) ниҳоят; **погазе // поке // позпке** (Бойс.) қариб, тамоман; **банаҷе** (Дарб.) бениҳоят; **лак (**Қ.) беҳад, бисёр, фаровон; **анде** (Гб., Чан.) фақат; (Чан.) андаке; (Нд., Лан.) *ҳис.* ниҳоят; (Ёх.) акнун; (Хон., Ток., Хов.) майлаш; (Ёх.) кошки; (Пп., Шв.) агар; боз; (Оқб.) беҳтараш; (Мс., Сд., Фар., Ша., Хум., Хов., Ҳо., Кг.) набошад; **бадбора (**Шк.) охирин, охир; **барҷо**(Бойс.) расо; пурра; **бейоргон (**Қӯрғ.) беҳисоб, фаровон; **бофир (**Дҷ., Мум., Хов., Хон., Шуг.) фаровон, бисёр, зиёд; **ғижда (**Ҳак., Ҳд.) ниҳоят, беҳад; **буйи´** (Қӯш., Бдх.) миқдори муайяни испанд, ки дуд медиҳанд; дайак (Лахш, Мт., Хт.) миқдори гандуме, ки дар замони пеш аз хирман ба кӯдакони ятим ё гадоён медоданд;

г) зарфи сабаб ва мақсад: асти´ (Ғк., Кҳ.) ҳаргиз, асло; **табина (**Мт., Ёх., Дб.) // **тавина (**Яхч) эҳтимол, шояд,мумкин; (Дб., Хов.) нохост, ногоҳ; **бехи´ (**Шл., Ғк.), **вехи´ (**Вқ., Қ.) ҳаргиз, аслан; **бехли (**Қӯрғ.) тамоман, пурра; **ғърт (**Шм.) тамоман, пурра; **маланг (**Фат., Қлб., Ҳиҷ.,

Ҳо., Яр.) бепарво, фориғбол, холабеғам; (Уч.); **нимги´** (Ҳиҷ., Яр.) ҳеҷ, ҳаргиз; **сағат** (Бойс., Дарб.) бесоҳиб; **тайтуп** тамоман, ҳаргиз, асло;

ғ) зарфи тарзи иҷрои амал: бергулик (Бойс.) намоён; **ҷағала** (Қ.) ноаён, номаълум; **рушод** ошкоро, рӯйрост; **алапата** (Ҳч.) хавотир, парешон; **алас** (Хов., Сам.) саросема, шитоб; **ҷаппа** (Бойс.) тамоман; **сурп** (Бойс.) тамоман, пурра; **алахон // алахун** (Хов.) парешон, бесаранҷом; ҳубдур (Қӯрғ.) тамоман; **сидирға** (Бойс.) оҳиста; **муйумкифо** (Бойс.) муваққатан; **побариш** (Бойс.) хобравии махсус, ки риши як кас ба пойи каси дигар рост меояд; **сикрени** (Дарб.) пинҳонӣ; **гоча-гоча** (Шк.) нофаҳмо; **даканг-даканг** (Кҳ.) зуд-зуд, шитобон; **илкис** (Бойс.) якбора; **қапулунг** (Дарб.) ногаҳон; **кҷлдарон** (Қӯрғ) уреб, нишеб; **майлатун** (Қӯрғ.) бемалол; озод; **парачи´** (Қ., Шк.) паноҳӣ, нонамоён; **пилитас** (Шк.) *к. тасв.* ногоҳ, нохост, якбора; **търмуч // търмъч** (Шк.) зич, ҷафс; маҳкам; **ҷағала** (Қ.) ноаён, номаълум; **ҷурта** (Сина, Қӯрғ.) бардурӯғ;

Дар лаҳҷаҳо корбасти калимаҳои хоси шеваи мансуб ба ҳиссаҳои дигари нутқ, ки ифодаи мафҳумҳои макону замонро доранд, маъмул мебошад: **адга** (Ғор.) марз, сарҳад; **азур** (Кан.) ғоиб, панаҳ; **айри** (т. – вах., т. – ишк., Ғор.) мадон, қазноқ, хоначаи хурде дар дохили хона барои нигаҳдории зарфҳо; **буғут** (Кҳ.) калф, камари кӯҳ; **бурмоҳ** (Вқ., Қ.) моҳи ҷавзо (яке аз моҳҳои шамсӣ, ки аз 21 май то 21 июн рост меояд); **гҷри´**(Дар.Н., Сина) дафъа, маротиба; **ғҷл** (Сина) камар; **ғъза** (Ёз., Гх.) мавзеъ; минтақа; **дāхури´** (Ҷк.) фосилаест пеш аз танидани кирмак; **дрижга** (Дар.Н.) тангно, дараи камбар; **калот** (Дҷ., Сд., Ток., Кч., Нр., Ёх., Кд.) баландие, ки танҳо як роҳи баромад дорад; (Кал., Ял.) вайрона, харобот, чордеворӣ; **калп // калф** ковокӣ ва камари кӯҳ; **къмб** (Хов.) баландӣ, теппа; **кър** (Б., Даҳ., Зир., Хд., Шӯр., Дор., Нр., Ток., Хов., Мум.) шах: харсангҳои бузурги теғадори кӯҳӣ, ки дастнорас аст; (Ог.) замине, ки дар зераш товасангҳои калону харсанги кабудчатоб дорад; (Бдх.) ғор, мағора; (Ог.) як ҳолати акколбозӣ; **лък** (Ғор., т. – вах.) пурра,

саросар; яклухт; комилан, ба куллӣ; пур, лаболаб, лабрез; (Бдх.) ғалақаи дар, қулфи қадимаи чӯбӣ; **мънкез // мункез (**Кҳ.) таваққуф, фосила; **мънҷър (**Лахш, Мт.) беҳаракат; начунбида; **нишра (**Сина) соярӯ, офтобнорас; **нъш** (Вқ., Ёз., Лан., Лахш, Ск.) соярӯ, соярав, ҷое, ки офтоб намерасад; (Мс., Хум.) барфтӯдае, ки дар натиҷаи шамоли сахт дар пастхамиҳо ба амал омадааст; нишебиҳои барфпӯши кӯҳ; **овон (**Мис.) водӣ, минтақа, мулк; **палла** (Лаг.) самт, ҷониб, тараф; (Кҳ.) нисф, пораи чизе; **парач (**Қ.) канора дур; **парачи´ (**Қ., Шк.) паноҳӣ, нонамоён; **пач (**Чк.) саҳро, дашт; **петов (**Бдх.) офтобӣ, офтобрӯя, офтобтеға; **пилитас (**Шк.) *к. тасв.* ногоҳ, нохост, якбора; **пътик (**Вқ., Қ.) паҳн; **сокида (**Сина) вақти кам; **сумурт (**Хм., Шм., Ял., Ҷф.) // **съмърт (**Лахш, Қӯш.) сахт; маҳкам; қоим; **чағул (**Бдх.) чуқур, амиқ**; илакък // илекък** (Бдх.) каме, андак, камтарак, камакак; **йагчък** (Шк.) беист, пайиҳам.

Аз таҳқиқи маводи лаҳҷаҳо бармеояд, ки бо калимаҳои хоси шева ифода ёфтани зарфҳо нисбат ба феълу аломат маҳдуд ба назар расида, ин омил ба хусусияти зарфҳо чун ҳиссаи мустақили дар ҷараёни ташаккул қарордошта алоқамандии зич дорад. Бо калимаҳои хоси шева ифода ёфтани зарфҳои замон, миқдору дараҷа ва тарзи иҷрои амал зиёдтар мушоҳида мегардад.

Хулосаи боби III

Таснифоти мавзуии калимаҳои хоси шева дар ду гурӯҳ: ашёӣ ва ғайриашёӣ сурат гирифта, аз баррасии ин боб чунин натиҷагириҳои илмиву амалиро метавон зикр намуд:

1. Дар муқоиса ба гурӯҳҳои ғайриашёӣ доираи истифодаи гурӯҳҳоиашёӣ васеъ буда, бар ин асос таснифоти мавзуии лаҳҷаҳо дар таҳия луғатномаи мавзуӣ замина фароҳам меорад, ки дар лаҳҷашиносии тоҷик ин омилро камтар мушоҳида менамоем.

2. Агарчанде ифодаи мафҳумҳои хешутаборӣ бо калимаҳои хоси шева дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда мавқеи намоён дошта бошад ҳам, дар ифодаи ин гурӯҳи мавзуӣ калимаҳои адабӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол менамоянд. Вобаста маҳал дар вариантҳои зиёд омадани онҳо диққатҷалбунанда мебошад.

3. Корбасти калимаҳои хоси шева барои ифодаи хӯрок, анвои хӯрданиҳову зарф ва асбобҳои нигаҳдории хӯрокворӣ назаррас буда, дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда як навъи хӯрок, масалан атола, вобаста ба маҳалли интишор, урфу одати мардум ва масолеҳи дар он истифодашаванда даҳҳо номи хос пайдо мекунад: **гарсуз** (Кан., Хов.); **умоч (**Вқ., Қ., Қӯрғ.); **ҳадир** (Шм.); **зириков** (Вқ., Қ.); **зичбат** (т. – вах.); **кочи´ (**Каҳ.); **тъхмбат** (Бдх.); **ҳавлотилтак** (Б., Сх., Ёх., Хов.); **делачай (**Сина); **ҳалилоб (**Бойс.).

4. Таҳқиқи муқоисавии қабатҳои мавзуии гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои тоҷикони ҳавзаи Сурхондарё аз он далолат медиҳад, ки таснифоти анҷомёфта фарогири ҳамаи қабатҳои мавзуӣ набуда, вобаста ба доираи васеи баъзе гурӯҳҳои мавзуӣ (масалан, номҳои ифодакунандаи растаниву гиёҳ) онҳоро дар зергурӯҳҳои зиёд метавон баррасӣ намуд.

5. Дар таснифоти мавзуии гӯйишҳои тоҷикӣ ҳангоми баррасии таҳти мафҳуми гурӯҳҳои ғайриашёӣ калимаҳои мансуб ба феъл, сифат ва зарф дар назар дошта мешаванд, ки бо калимаҳои хоси шева ифода шудани феъл ва сифат нисбат ба зарфҳо бештар ба мушоҳида мерасад.

6. Раванди дар шакли таркибӣ омадани феълҳоро бо калимаҳои хоси шева бештар мушоҳида менамоем. Ба таври мисол бо феъли ёвари **<u>кардан</u>: буш**: *буш кардан* (Пор.) ҳурт кашидан, дам кашидан; **ғулва:** *ғулва кардан* (Сина): барангехтан; **дабдира кардан** (Бойс.) калавидан; **сика, сика кардан** (Шк., Ғк.) мағрурӣ (калонгарӣ) кардан; (Вқ.) таҳдид кардан;

пилелидан (Дарб.) меҳрубонӣ кардан; **кут-кут кардан** (Оф.) меҳнат кардан .

7. Ифодаи маъноии калимаҳои ифодакунандаи аломат дар матн бештар зоҳир гардида, барои ифодаи эҳсоси худ одамон аз ин навъи калимаҳо истифода менамоянд. Силсилаи муродифоти калимаҳои ифодакунандаи аломат дар доираи калимаҳои хоси шеваҳо диққатҷалбкунанда ва қобили таҳқиқ мебошад.

ХУЛОСА

Аз таҳқиқи хусусиятҳои забонии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ чунин хулосагирӣ метавон кард:

1. Аз таҳқиқи мафҳуми калимаҳои хоси шева ва таснифоти он дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ бармеояд, ки муайян накардани мавқеи ин қабати луғавӣ дар таркиби луғати лаҳҷаҳо боиси гуногунандешии забоншиносон гардида, аксари муҳаққиқон оид ба ин навъи калимаҳо ба таври умумӣ ё зоҳирбинона муҳокимаронӣ намудаанд. Ин омил боис шудааст, ки хусусиятҳои забонии ин қабати луғавӣ ба таври зарурӣ баррасӣ нагаштааст [1-М; 12-М; 20-М; 22-М].

2. Ба қатори калимаҳои хоси шева он калимаҳое ворид мешаванд, ки ин ё он шеваро аз шеваҳои дигар ва забони адабӣ фарқ мекунонад. Дар ин маврид нуктаҳои эзоҳталаб зиёданд. Ҳангоми таҳқиқи ин ё он лаҳҷа муҳаққиқ доираи корбасти калимаҳоро ба таври умумӣ нишон медиҳанд. Хусусияти муҳимми калимаҳои хоси шева он аст, ки онҳо бо вуҷуди дар якчанд лаҳҷа корбаст шудан, метавонанд барои тафриқа гузоштани лаҳҷаҳои дигари тоҷикӣ замина фароҳам оранд. Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шеваи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ аз он далолат медиҳад, ки корбасти калимаҳои зиёде, ба таври мисол, ***ғазвол, качар, кунаргу, тосидан*** ва ғ. ҳатто дар доираи як гурӯҳ (масалан лаҳҷаҳои Бойсун: Бойсун, Дарбанд ва Қӯрғонча) фарқият ба вуҷуд меорад, вале ин ҳадди охири маҳалли корбасти ин калимаҳо нест. Бо вуҷуди танҳо дар як лаҳҷаи ҳавзаи Сурхондарё истифода шудани ин қабил калимаҳо, дар баъзе лаҳҷаҳои ҷануб бо шаклҳои гуногун корбасти онҳоро мушоҳида менамоем. Ин гурӯҳи калимаҳо дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ низ маҳдудистеъмол буда, боиси фарқият миёни лаҳҷаҳо мегарданд. Бар замми ин, калимаҳои мазкур дар ҳар як лаҳҷа ба тағйироти шакливу маъноӣ дучор шудаанд, ки бозгӯии

онҳо танҳо дар қабати луғавии калимаҳои хоси шева бояд баррасӣ гардад [2-М; 21-М; 24-М].

3. Поягузории илмии муҳаққиқони хориҷӣ М.Х. Партенадзе, А.В. Калинин, Н.М. Шанский ва дигарон дар бозгӯиимеъёрҳои забонии калимаҳои хоси шева таъсири назаррас гузоштааст. Дар ин самт саҳми олими рус Ф.П. Филин басо калон буда, таснифоти калимаҳои хоси шева ба ду гурӯҳ: лексикӣ ва семантикӣ тақсим шуда, дар корҳои илмии олимони соҳаи лаҳҷашиносии тоҷик такмил ёфт. Маҳз ҳамин навъи таснифоти ин гурӯҳи луғавӣ баъдан дар корҳои илмии профессор Ғ. Ҷӯраев, бо истилоҳи диалектизмҳои лексикии пурра ва нопурра иваз гардида, мафҳуми илмии ин истилоҳ мушаххас гардид. Ҳоло дар лаҳҷашиносии тоҷик аз рӯйи ҳамин равия таҳқиқотҳои зиёди илмӣ сурат гирифта, ин ҷараён ба масъалаҳои мубрами лаҳҷашиносии тоҷик равшанӣ хоҳад андохт [21-М; 22-М; 24-М].

4. Калимасозӣ низ дар гӯйишҳо дар баробари мувофиқат бо меъёрҳои забони адабӣ ҷараёни хоса доранд. Дар асоси шакл ва маъниҳои махсуси калимаҳои хоси шева қиёфаи овозиву доираи маъноии калима ба тағйироти куллӣ рӯ ба рӯ гардида, баррасии ин масъалаи муҳим дар забоншиносии муосир мубрам ба шумор меравад. Дар ташаккули усули морфологии калимаҳои хоси шева дараҷаи корбасти унсурҳои калимасоз нисбат ба забони меъёр ва лексикаи умумихалқӣ маҳдуд ба назар мерасад. Аз баррасии маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ бармеояд, ки пасвандҳои **-ак, -й, -а** дар ин қабати луғавӣ сермаҳсул вапасвандҳои **-ина, -ич, -вара** каммаҳсул мебошанд. Дар ин хусусиёти морфологӣ нақши исм назаррас мебошад. Дар муқоиса ба шаклҳои **-ак, -ък** вариантҳои **-ок, -ик, -ек** ва **-ук** дар таркиби калимаҳои хоси шева каммаҳсул мебошанд. Барои лаҳҷаҳои тоҷики ҳавзаи Сурхондарё, асосан, корбасти шакли **-ак** маъмул буда, дар

ин лаҳҷаҳо истифодаи вариантҳои **-ок** ва **-ик** дар таркиби калимаҳои хоси шева ба мушоҳида нарасид [16-М; 19-М].

5. Бо роҳи калимасозии навъи мураккаб ва омехта ташаккул ёфтани калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳо маъмул буда, дар ин маврид яке аз ҷузъҳои калимаро бештар унсурҳои шевагӣ ташкил медиҳанд: **дулғоп (**Кӯлобии Ҳисор) дӯлоб; **сартӯла (**Сина) фарзанди нахустин; **хафлал (**Қаротегин) саргин; **роватала (**Лахш) навъи хӯрок. Ҳангоми ҳар ду ҷузъи калимаҳои мураккабро ташкил додани унсурҳои сирф шевагӣ бозгӯии ифодаи маъноии ин шаклҳои морфологӣ душворӣ пеш меорад: **нолахка** (Ҷанубии Кӯлоб) чормағзи хом; **кърчов (**Вахёии Қаротегин) андоваи тунуки девори хона; **састирак (**Лахш) як навъи сафедор; **аларахш (**Хумдон) ало-було; **чабйуғ** (Вахёии Қаротегин) барзагове, ки вақти шудгор саркашӣ кунад, саркаш; **кашар (**Шимоли Кӯлоб) // **качар** (Қӯрғонча) ҷойи гову мол; **кунаргу** (Бойсун) ҷуръаи ҷурғоте, ки барои ҳосил кардани мост ба шир андохта мешавад. Дар муқоиса ба лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё калимасозии типпи мураккаби омехтаро дар такриби калимаҳои хоссаи шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ бештар мушоҳида менамоем. Дар ташкили калимаҳои усули омехта хусусияти инфиродӣ доштани калимаҳои хоси шеваро баъзан мушоҳида менамоем, яъне як қатор калимаҳо вобаста ба талаботи нутқ ва талаботи забони гуфтугӯйӣ ба таври ғайриихтиёрӣ арзи ҳастӣ намуда (**ҷолдӯзакчушм, хармахаракӣ** ва ғ.), омӯзиши нопурраи ин қабати луғавӣ дар асоси маводи тамоми лаҳҷаҳои тоҷикӣ имкони баровардани ҳукми илмиро маҳдуд месозад [22-М; 38-М].

6. Дар лаҳҷаҳо ҳангоми шаклгирии калимаҳои хоси шева рехташавии калимаҳо, ки он аз омилҳои гуногун баҳрабардорӣ менамояд, вусъати тоза пайдо карда истодааст: **барзангил (**Кҳ.) духтари хоҳарарӯс; **кӯлдарон (**Қӯрғонча) уреб, нишеб; **карсин (**Ғорон) нимдеворе, ки суфаҳои хонаи бадахшониро аз суфаи он ҷудо менамояд; **патимо**

(Ҷанубии Кӯлоб) уҳдабаро, кордон; **борондах (**Ғорон, тоҷикони Вахон) борони барфомехта; **захоб (**Қӯрғонча) безор шудан ва ғ. Ин равандро ба табиати шеваҳо мансуб донистан низ хато нест, зеро осонбаёниву ихтисор ва тарҳбандиҳои ғайримаъмулӣ ба онҳо хос мебошад. Дар лаҳҷаҳои мавриди назар раванди ба қатори калимаҳои рехта гузаштани калимаҳои хоси шеваи сохташон содаро (**лахча, понча, савча, типча**) мушоҳида менамоем [29-М; 39-М].

7. Яке аз сабабҳои асосии аз ҳудуди калимаҳои умумиистеъмолӣ берун гардидани калимаҳои хоси шева дар шакли мураккаб ташкил ёфтани онҳо мебошад, ки маънои ҷузъҳо аз асл дур мераванд ва ё дар сохтори ин шаклҳои морфологӣ як ҷузъи он шевагӣ дошта, маънову ҳудуди интишори он барои фарқияти шакливу маъноии он замина фароҳам меорад: **дум+ғарақ** (Бойсун) бозии кӯдакона; **пихник+бод (**Анҷироб, Ёл) гирдбод, барфи шамоломехта, тундбод; **санг+ълак** (Қаҳдара) нони арзанӣ ва ғ [6-М; 31-М; 34-М].

8. Дар забони зиндаи халқ асолати забон ҳазорсолаҳо маҳфуз мемонад. Омӯзиши ин қабил калимаҳои китобии таърихӣдар асоси осори гаронбаҳои шоирону нависандагони классикӣ ва муқоисаи он бо лаҳҷаҳои тоҷикӣ аҳаммияти илмӣ дошта, барои муайян намудани раванди инкишофи таърихии забон ва шеваҳои он замина фароҳам меорад. Лаҳҷаҳо яке аз сарчашмаҳои муътамади инкишофи забони адабӣ мебошанд. Дар даврони муосир аз таркиби луғати лаҳҷаҳо садҳо калимаи асил ба монанди *х(о) ӯрӣ, нугул, модраг* ҳуқуқи ба забони меъёрӣ ворид шуданро доранд [1-М; 5-М; 8-М; 17-М].

9. Ифодаи маъно ва ташаккули калимаҳои асили тоҷикӣ дар лаҳҷаҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки вобаста ба ҳудуди интишор ва муҳити ҷуғрофӣ доираи маъноии ин калимаҳо васеъ гардида, ин равандро ҳатто дар доираи гурӯҳи лаҳҷаҳои як зергурӯҳ ба таври назаррас метавон мушоҳида кард. Аз таҳқиқи ҳамаҷонибаи маводи лаҳҷаҳои

таҳқиқшаванда бармеояд, ки хусусиятҳои таърихии забон бештар дар минтақаҳои дурдасти кӯҳистон маҳфуз монда, ин ҷиҳатро нисбат ба лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ зиёдтар мушоҳида менамоем [9-М; 11-М; 21-М].

10. Калимаҳои мансуб ба забонҳои эронӣ дар лаҳҷаҳо мавқеи муҳим дошта, бо мурури замон онҳо ба унсурҳои луғавии лаҳҷаҳо табдил ёфтаанд. Дар муқоиса ба шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ дар таркиби луғати лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё калимаҳои суғдӣ бештар маҳфуз мондаанд, ки дар рисолаи илмӣ бо мисолҳои зиёд ин гуфта собит шудааст. Дар қабатҳои луғавии калимаҳои хоси шева мавқеи калимаҳои арабӣ бештар назаррас буда, калимаҳои туркӣ-муғулӣ низ нақши намоён доранд. Калимаҳои иқтибосии арабӣ ва туркӣ-муғулӣ аз сабаби ба тағйироти ҷиддии фонетикӣ ва морфологиву наҳвӣ дучор гардидан ва ё маъноҳои нави забониро касб намудан аз доираи лексикаи умумихалқӣ берун шуда, вобаста ба як қатор хусусиятҳои забонӣ дар қатори калимаҳои хоси шева омӯхтани онҳо асоси илмӣ дорад [24-М; 25-М; 41-М].

11. Калимаҳои иқтибосии русӣ гарчанде ки дар таркиби лексикаи умумихалқӣ мавқеи муҳимро касб менамуда бошанд ҳам, ба таркиби луғати хоссаи лаҳҷаҳо роҳ наёфтаанд, ки инро дар собиқаи таърихии он метавон маънидод кард. Тағйироти ҷиддии савтӣ дар таркиби калимаҳои русӣ омил боиси ба қатори калимаҳои хоси шева гузаштани онҳо мегардад, яъне нахустшакли ин калимаҳо дар муқоиса ба шакли асосӣ чанд зинаи тағйироти савтиро аз сар гузаронидааст: **кълйак // кълийак<кляк; севодка <**сводка; **римо<**ремонт; **сапсем<**совсем; **даким<**документ; дешат **<**решат; **бошпърт//бошпът**< паспорт ва ғ. [4-М]

12. Муҳити ҷуғрофӣ яке аз омилҳои маҳфуз мондани асолати забон дар лаҳҷаҳо ба ҳисоб рафта, дар минтақаҳои ҳамворзамин раванди гузариши калимаҳои иқтибосӣ ба қатори калимаҳои хоси шева вусъати

тоза пайдо карда истодааст. Маҳз муҳити ҷуғрофӣ боиси шаклгириҳои гуногуни калимаҳои хоси шева гардида, дар ин замина доираи маъноии калимаҳо васеъ мегардад. Дар забоншиносии тоҷик, бахусус бахши лаҳҷашиносӣ, таҳқиқи воҳидҳои забонӣ вобаста ба муҳити ҷуғрофӣ ҳамоно таҳқиқталаб боқӣ мемонад [20-М; 42-М].

13. Ҷараёни гузариши калимаҳои умумихалқӣ ба қатори калимаҳои хоси шева мураккаб буда, ташаккули сохторӣ ва ифодаи маъноии он низ муҳим арзёбӣ мегардад. Дар роҳи морфологии калимасозӣ ин нуктаро ба хубӣ мушоҳида менамоем (**тутвара** шахси тутдор; кола (материал, матоъ) + вара – шахси дорандаи матои бисёр, доранда ва ғ.), ки мансубияти воситаҳои забонии калимаро созмондиҳанда ба қабатҳои лексикии лаҳҷаҳо шарти асосии таснифоти таркиби луғавии онҳо ба ҳисоб меравад [16-М; 19-М].

14. Хусусияти фардии гуфтор низ боиси пайдоиши калимаҳои хоси шева мегардад, яъне табиати лаҳҷаҳо мураккаб буда, нутқи шифоҳӣ боиси дар қолиби ғайримаъмул омадани калимаҳо: **дақисарак, хармахаракӣ, ҷолдӯзакчушм** ва ғ. мегардад, ки омӯзиши ин шаклҳои забонӣ дар асоси лаҳҷаҳои тоҷикӣ ниёз ба таҳқиқоти мукаммал дорад [5-М; 22-М].

15. Як роҳи ба қатори калимаҳои хоси шева гузаштани калимаҳо ҳодисаи ихтисоршавӣ мебошад. Забони зиндаи халқ ҳамеша майл ба содабаёнӣ дорад ва дар ин асос воҳидҳои забони ба тағйироти шаклӣ дучор гардида, бо гузашти вақт ҳатто соҳибони забон барои муайян кардани шакли аслии калима душворӣ мекашанд. Факту далелҳои шаклгирии савтиву сарфии калимаҳо далолат медиҳанд, ки мавқеи калимаҳои хоси шева нисбат ба калимаҳои умумихалқӣ устувор буда, дар замони муайян ин қабил калимаҳо аз нигоҳи савтиёт ва унсурҳои калимасозӣҳазву суфта мешаванд (ма –модар; чум – чӣ медонам; ноқал – лоақал; казхо – кадхудо ва ғ.), ки шаклҳои бамиёномада танҳо барои

намояндагони маҳалли муайян фаҳмо буда метавонад. Дар ин замина метавон ҳукм кард, ки дар назар гирифтани ин омилҳои забонӣ ҷараёни нави омӯзиши ин қабати луғавиро ба миён хоҳад овард [2-М; 4-М; 11-М].

16. Дар лаҳҷаҳои таҳқиқшуда бо вуҷуди умумияти зиёд барои ифодаи мафҳумҳои хешутаборӣ калимаҳои хоси шева: (**казха; авú // вú // бú; хийар** (Сариғор), **ма, холазо (**Вахёии Қаротегин); **қънғол, ахта // адъхта; барзангил (**Кӯлобии Ҳисор); **пезача //пизача (**Вахёии Қаротегин, Қаротегин) // **пирзача (**Шимоли Кӯлоб, Ҷануби Кӯлоб) // **пасача (**Лахш, Пд.); **бӯйинса** (Дарбанд); **дасуда (**Бойсун); **тумса** (Сина); **чага** (Шоҳдара) ва ғ.корбасти фаъол дошта, ташаккули ин гурӯҳи мавзуӣ аз таърихи куҳани забони тоҷикӣ ва шеваҳои он шаҳодат медиҳад [20-М; 22-М].

17. Мафҳумҳои марбут ба хонаву дар, хӯрок ва анвои хӯрданиҳо дар лаҳҷаҳо мавқеи устувор доранд: навъҳои девор – **къръм // къръмб (**Даҳана); **пахса (**Ҷануби Кӯлоб); **чим; гуволак // гъволак (**Кулумбаи Поён); **шамди´** (Дарбанд) риштаи ғафс; **тӯлунг** (Бойсун) намади даврашакли махсус барои пӯшонидани ҷиҳози хона; **прам (**тоҷикони Вахон) // **пран (**тоҷикони Ишкошим) барҷастагии уфуқии девори дохили хона; **миндал//мъндал (**тоҷикони Вахону Ишкошим) нимдеворе; **навъи хона** ва**макони истиқоматӣ: гъмбък** (Ҷануби Кӯлоб) хонаи похсагии шифташ паст; **анҷурхона//ганҷурхуна** (Лахш, Ёхсу, Нӯшор, Муминобод, Ховалинг) // **ганҷулхона** (Файзобод) – анбор; **аботак (**Вахиёии Қаротегин) болохонаи тобистона; **сич** (Ховалинг) таҳхона, хонаи зеризаминӣ; **алочиғ (**Вахиёии Қаротегин, Қаротегин) каппа, чайла; **калп // калф** ковокӣ ва камари кӯҳ; фарохии калони зери харсанг ё бағали кӯҳ, ки барои чӯпонон ва рамаву дигар ҳайвонот ҳангоми барфу борон паноҳгоҳҳисоб меёбад; **алончък (**Кӯлобии Ҳисор) чайла, коза; **крич // кърич (**тоҷикони Бадахшон) кулбаи сангини чӯпонӣ дар айлоқ; **сич** (Ховалинг) таҳхона, хонаи зеризаминӣ; (Сина) растании баргаш

сирмонанд; **чеп (**Ғорон, тоҷикони Вахон) дидбонгоҳ, қаравулхонаи низомӣ; (Қӯрғонча) гирдогирди замини корамро чун хандақ кофтан ва ғ.

Бо калимаҳои хоси шева ифода шудани номи хӯрокҳо назаррас буда, **б**арои ифодаи **атола** вобаста ба маҳсулоти он мафҳумҳои зиёд корбаст мегарданд, на ҳамаи онҳо ба қатори калимаҳои умумихалқӣ дохил мешаванд: **гарсуз** (Кангурт, Ховалинг) атола, ордоба, таоми сабук, ки аз орду шир тайёр карда мешавад; **умоч (**Вахёии Қаротегинӣ, Қаротегин, Қӯрғонча) навъи ордоб; **ҳадир** (Шулмак) атола; ордоба; **зириков** (Вахёии Қаротегин) як навъи атола, ки ордро дар равған зирбонда (тафт дода) бо шир мепазанд; бат (тоҷикони Бадахшон) атолаи равғанӣ аз орди гандум; **зичбат** (тоҷикони Вахон) атолаи ордӣ ва ширӣ, ки дар маросими марбут ба ҷойгир шудан дар айлоқ пазанд; **кочи′** (Қаҳдара) як хели атола, ки аз равғану шир тайёр кунанд ва ғафс мешавад; **тъхмбат** (тоҷикони Бадахшон) атолае, ки бо тухм пухта мешавад; **ҳавлотилтак** (Балҷувон, Сарихосор, Ёхсу, Ховалинг) як навъи атола, ки аз қанду орд тайёр мекунанд; **делачай (**Сина) дамлама [20-М; 24-М; 41-М].

18. Дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда бо калимаҳои хоси шева ифода ёфтани мафҳумҳои ғайриашёидошта ниёз ба таҳқиқоти мукаммал дорад. Ифодаи амал бо калимаҳои шевагӣ дар шакли сода ва таркибӣ амалӣ гардида, нисбат ба муродифоти адабии худ ин навъи феълҳо дар маҳалҳои гуногун мақеи устувори корбаст доранд. Аз таҳқиқи ин навъи феълҳо бармеояд, ки дар ташкили феълҳои таркибӣ мавқеи феълҳои ёвар басо устувор мебошад ва ифодаи амал дар шакли яклухти ин қолибҳои сарфӣ ифода меёбад. [13-М; 14-М].

19. Дар ташаккули калимаҳои хоси шева мавқеи калимаҳои ифодакунандаи аломат низ устувор ба назар мерасад. Хусусиятҳои хоси ифодаи аломат дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ моро водор месозад, ки ба шаклу ифодаи

маъноии ин қабати луғавӣ диққати махсус диҳем. Ба назар гирифтани муносибати таърихии лаҳҷаҳои тоҷикӣ, ҳудуди интишори онҳо, инчунин, табиати забони зиндаи халқ дар ташаккули ин гурӯҳи калимаҳо муҳим ба шумор меравад. Калимаҳои ифодакунандаи аломати инсонро дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ вобаста ба маънӣ ба ду гурӯҳ – сифатҳои нек ва бади инсон метавон ҷудо баррасӣ намуд.

Барои ифодаи аломат қолибҳои наҳвӣ низ корбасти зиёд дошта, дар шакли муайянкунандаҳои тавсифӣ: ***мазанги сиёпатак; рикки ирмонак; лъмби барзангӣ*** омадани калимаҳои хоси шева дар шеваҳо вусъат пайдо кардааст, ки бо ин шаклгириҳо барҷастагии аломат бештар ифодаи худро пайдо мекунад [14-М].

20. Аз таҳқиқи зарфҳо бармеояд, ки дар қабати луғати лаҳҷаҳо унсурҳои сирф шевагӣ камтар ба назар расида, ин омил ба ҷараёни ташаккули зарфҳо чун ҳиссаи мустақили камқарина алоқамандии зич дорад. Зарфҳои замон, миқдору дараҷа ва тарзи амал бештар бо калимаҳои хоси шева ифода мегарданд [23-М; 43-М].

21. Дар қабатҳои луғавии лаҳҷаҳо баррасии масъалаи калимаҳои хоси шева нақши муҳим дорад. Алоқамандии забони адабӣ бо лаҳҷаҳо, инчунин, муайян намудани лексикаи умумихалқиву калимаҳои хоси шева, дар асоси таҳқиқи муқоисавии забони адабӣ ва гӯйишҳои тоҷиқи амалӣ мегардад. Калимаҳои хоси шева аз лексикаи умумихалқӣ бо хусусиятҳои зиёди забонӣ фарқ мекунад. Зинаи гузариши калимаҳои адабӣ ва умумихалқӣ ба қатори калимаҳои хоси шева ҷараёни мураккабро фаро гирифта, таснифоти ин қабати луғавӣ омилҳои забонӣва ғайризабонӣ (муҳити ҷуғрофӣ, урфу одат, касбу кор ва ғ.) вобастагӣ дорад. Дар илми забоншиносии муосир ҳангоми ба инобат нагирифтани ин омилҳои муҳим дар таснифоти қабатҳои лексикии луғати лаҳҷа ҳатман духӯрагӣ ба миён меояд [22-М; 22-М].

22. Таҳқиқи калимаҳои хоси шева дар гӯйишҳои ҳавзаи Сурхандарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ гувоҳи мавҷудияти калимаҳои зиёдест, ки онҳо дар як ҳавзаи паҳновари калоне баробар истифода мешуданд. Ин андеша гувоҳи он аст, ки гӯйишҳои мазкур аз замонҳои қадим решаҳои ягонаи забонӣ доранд [1-М; 2-М; 21-М].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ:

1. Дар забоншиносии тоҷик корҳои зиёди илмӣ дар таҳқиқи лексикаи лаҳҷаҳо анҷом ёфта бошанд ҳам, дар шинохти меъёрҳои забонии калимаҳои хоси шева ихтилофи назарро мушоҳида менамоем. Омӯзиши калимаҳои хоси шева дар доираи меъёрҳои муайяншуда барои таҳқиқоти минбаъдаи луғати гӯйишҳои забони тоҷикӣ замина фароҳам меорад.

2. Дар диссертасия луғати мухтасари калимаҳои хоси шева таҳия гардидааст, ки он дар омода кардани луғатномаҳои минбаъда замина ба вуҷуд меорад.

3. Дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ тағйиротҳои савтӣ, сарфиву наҳвии калимаҳо, ки дар чанд зина ба амал омада, ба дарки маъноии онҳо халал ворид менамояд, ниёз ба таҳқиқ дошта, маҳз дар ҳамин асос раванди таърихии забон ва шохаҳои онро метавон арзёбӣ намуд.

4. Аз баррасии маводи таҳқиқгашта бармеояд, ки баръакси калимаҳои забони адабӣ ва лексикаи умумихалқӣ ташаккули калимаҳои хоси шева бо роҳи калимасозии морфологӣ дар доираи маҳдуд амалӣ мегардад. Дар таҳқиқоти минбаъдаи самти лаҳҷашиносӣ омилҳои чунин шаклгириҳои сарфиро метавон ба назар гирифт.

5. Дар диссертатсия ба таври мукаммал рехташавии (лексиконидашавии) калимаҳои хоси шева баррасӣ шуд, ки натиҷаҳои онро дар корҳои минбаъдаи лаҳҷашиносӣ метавон истифода намуд.

6. Таҳқиқи муқоисавии гӯйишҳои тоҷикӣ рӯшаниандози бисёр масъалаҳои мубрам мебошад. Дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё мувофиқати шакливу маъноии иқтибосоти туркӣ нисбат дар доираи калимаҳои хоси шева ба гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ бештар мушоҳида мешавад, ки ин омил ба ҳамзистии бевоситаи онҳо бо

мардуми ӯзбекзабон алоқамандӣ дорад. Маводи мавҷуда далолат медиҳад, ки дар калимаҳои иқтибосии арабӣ аз маънои асли дур рафтани вожаҳо бештар мушоҳида гашта, калимаҳоитуркӣ-муғулӣ дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда муродифоти луғавии адабӣ ва ё умумихалқии худро доранд, калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ дар ин қабати луғавӣ маҳдудистеъмол мебошанд. Ин нуктаи муҳимро ҳангоми таҳқиқи хусусиятҳои луғавии забони адабӣ ва гӯйишҳо ба таври муфид метавон ба назар гирифт.

7. Баррасии масъалаи мавқеи устувори калимаҳои адабии китобӣ дар гӯйишҳо ва вобаста ба муҳити ҷуғрофӣ ба тағйироти шакливу маъноӣ дучор гардиданионҳо муҳим буда, ин омил пояи азнавэҳёшавии калимаҳои асили тоҷикиро ба миён меорад.

8. Дар диссертасия таснифоти мавзуии калимаҳои хоси шева дар ду гурӯҳ: ашёӣ ва ғайриашёӣ сурат гирифт. Дар муқоиса ба гурӯҳҳои ғайриашёӣ доираи истифодаи гурӯҳҳои ашёӣ васеъ мебошад. Омӯзиши равандиташаккули феълҳои таркибӣ, инчунин силсилаи муродифотии калимаҳои ифодакунандаи аломат дар доираи калимаҳои хоси шеваҳо аҳаммияти амалиро доро буда, дар ин замина таснифоти мавзуии лаҳҷаҳо барои таҳияи луғатномаи мавзуӣ замина фароҳам меорад.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Асару мақолаҳои илмӣ:

1. Абабурко, Н. В. Диалектная лексика в белорусской советской художественной прозе [Текст] / Н. В.Абабурко: дисс. канд. филол. наук. – Москва, 1971. – 224 с.
2. Абдуллоева, Г. З. Антонимы в Каратагском диалекте [Текст] / Г.З.Абдуллоева // Вестник Таджикского государственного института языков им. С. Улугзаде. – №4 (8). – Душанб, 2012. – С. 18-22.
3. Абросимова, О. Л. Диалектная лексика в структуре художественного произведения и индивидуальный стиль автора [Текст] / О. Л. Абросимова // Славянская культура. Традиции и современность. – Чита: Читинский пединститут, 2000. – С. 41-45.
4. Аванесов, А.И. Общенародный язык и местные диалекты на разных этапах развития общества [Текст] / А.И. Аванесов. – М.: Изд-во МГУ, 1954. – 24 с.
5. Аванесов, Р. И. Русская литературная и диалектная фонетика [Текст] / Р. И. Аванесов. – М.: Учпедгиз, 1974. – 287 с
6. Алиев, Б. П. Ягнобская этнографическая лексика [Текст] / Б.П. Алиев. Автореф. канд. дисс. – Душанб. – 1988. – 21с.
7. Айнӣ, С. Мактуби кушод ба рафиқ Толис [Матн] / Айнӣ С. Куллиёт. –Ҷ.II. Кит. 2. – Душанбе: Ирфон, 1964. – С. 377 - 384.
8. Анварӣ, С. Мухтасаре аз луғат ва истилоҳоти гӯйиши рустои Ҷавчӣ [Матн] / С. Анварӣ // Номаи пажуҳишгоҳ. – Душанб: Пайванд, 2010. – С. 31-38.
9. Андреев, М.С. О таджикском языке настоящего времени [Текст] / М.С. Андреев // Материалы по истории таджиков и Таджикистана. – Сталинабад, 1945. – Сб. 1. – С. 56-66.
10. Андреев, М.С. Таджики долины Хуф [Текст] / М.С. Андреев. Вып. 2., Изд-во АН Тадж. ССР. – Сталинабад, 1958. – 521 с.

11. Арандаренко, А.М. Дарваз и Каратегин [Текст] / А.М. Арандаренко. В кн.: «Досуги в Туркистане», СПБ, 1899. – 373 с.
12. Артеменко, Е. П. Принципы использования диалектной лексики в драме Л. Н. Толстого «Власть тьмы» [Текст] / Е. П. Артеменко // Вопросы истории и теории языка. Вып. 3. Тула: Тульский пединститут, 1970. – С.25-32.
13. Атобуллоев, С. Материалҳо аз луғати шеваи диёри Рӯдакӣ [Матн] / С. Атобуллоев // Масъалаҳои шевашиносии тоҷик. Ҷ. 1. – Душанбе, 1970.
14. Ахманова, О.С. Очерки по общей и русской лексикологии [Текст] / О.С. Ахманова. – М, 1957. – 295 с.
15. Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов [Текст] / О.С. Ахманова. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – С. 131;
16. Аҳмедова, Ӯ. Шаклҳои феълӣ бо ёридиҳандаи «истодан» дар шеваҳо [Матн] / Ӯ. Аҳмедова // Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ. – 1959. – №1 (19). – С. 15-33.
17. Балахонова, Л.И. Диалектные по происхождению слова в современном литературном языке [Текст] / Л.И. Балахонова // Слово в русских народных говорах. – Л.: Издательство Наука, Ленинградское отделение, 1968. – С.18-36.
18. Балахонова, Л.И. Диалектные слова в художественной литературе [Текст] / Л.И. Балахонова // Литературный язык и народная речь. Пермь: Пермский пединститут, 1986. – С. 88-97.
19. Баранникова, Л.И. К вопросу о диалектной синонимии [Текст] / Л.И. Баранникова // Вопросы стилистики. Вып. 1. – Саратов, 1962. – С.101-121
20. Баранникова, Л.И. О некаторых особенностях взаимодействия разносистемных диалектных лексических единиц в современных народных говорах [Текст] / Л.И. Баранникова // Ученые записки

Ленинградского пед. Ин-та им. А.И. Герцена. Т. 248. – Саратов, 1963. – С. 391-397.

21. Баранникова, Л.И. Русские народные говоры в советский период [Текст] / Л.И. Баранникова. – Саратов, 1967. – 206 с.
22. Белова, Л.И. Стилистическое освоение лексики диалектного происхождения современным русским литературным языком [Текст] / Л.И. Белова // Диалектная лексика, 1979. – Л.: Наука, 1982. – С. 170 - 173.
23. Бердиев, Б. Ромитские говоры таджикского языка. Автор. канд. дисс. [Текст] / Б. Бердиев. – Душанбе, 1979. – 28 с.
24. Бердиев, Б. Баъзе хусусиятҳои феъл дар лаҳҷаҳои Ромит [Матн] / Б. Бердиев // Забоншиносии тоҷик. – Душанбе: Дониш», 1980. – С. 157-169.
25. Бердиева, Т. Лингвистические и экстралингвистические причины арабских заимствований (по материалам прессы 20-х годов) [Текст] / Т. Бердиев. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 231 с.
26. Бердиқулов, Ҳ., Муродов, С. Луғати мухтасари лексикаи чорводории водии Зарафшон [Матн] / Ҳ. Бердиқулов, С. Муродов. – Самарқанд, 1992. – 135 с.
27. Блинова, О.И. Введение в современную региональную лексикологию / О.И. Блинова. – Томск, 1973. – 258 с.
28. Блинова, О.И. Проблемы диалектной лексикологии. Автор. докт. дисс. (Тезисы докладов) [Текст] / О.И. Блинова.– Саратов, 1975. – М., 1974. – С. 25-28.
29. Блохина, Е.Н. Диалектная лексика как средство отражения культуры региона: на материале среднебаварского диалекта Верхней Баварии. Автор. канд.дисс. [Текст] / Е.Н. Блохина. – М., 2017. – 228 с.
30. Богорад, Ю.И. Южнокулябские диалектизмы [Текст] / Ю.И. Богород // Масъалаҳои шевашиносии тоҷик. Ҷ. 1. – Душанб: Дониш, 1970. – С. 245-257.

31. Бобомуродова, М. Намунаи мавод барои таҳқиқи истилоҳоти ороишии занон дар лаҳҷаи Панҷакент [Матн] / М.Бобомуродова // Маҷмуаи илмию методӣ (Силсилаи маводи филологӣ доир ба назария ва таълими забони тоҷикӣ). – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. 2009. – С. 152-154.
32. Бобомуродова, М. Пажуҳиши (таҳқиқи) этнолингвистии вожагони ороиши занон [Матн] / М. Бобомуродова. – Душанб, 2014. – 167 с.
33. Бузургзода, Л. Шаклҳои феълии якчанд районҳои шимолӣ [Матн] / Л. Бузургзода // Дурахши як ахтари сӯзон. – Душанбе: Матбуот, 2001. – С. 150-188.
34. Букринская, И.А. Диалектное слово и народный менталитет в художественном тексте [Текст] / И.А. Букринская, О.Е. Кармакова // Жизнь языка: Сб. научн. ст. – М.: Языки славянской культуры, 2001. – С. 289-300.
35. Бурхонова, Х. Лексика гончарного производства в таджикском языке [Текст] / Х. Бурхонова: автор. канд.дисс. – Душанбе, 1982. – 21 с.
36. Бурҳонова, Ҳ. Оид ба лексикаи кулолӣ // Забоншиносии тоҷик [Матн] / Х.Бурҳонова. – Душанбе: Дониш, 1980. – С.69-77.
37. Вазирова, Х. Калимаҳои адабӣ дар таркиби лексикаи лаҳҷаи Ванҷ [Матн] / Х. Вазирова // Забоншиносии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1976. – С.155-162.
38. Вазирова, Х. Калимаҳои забони куҳнаи ванҷӣ // Материал: III юбил. конф. молодых ученых [Матн] / Х. Вазирова. Тадж. ССР, посвяш. 100-летию со дня рождения В.И. Ленина. – Душанбе: Дониш, 1970. – С.75-76.
39. Виноградов, В. В. Русский язык (Грамматическое учение о слове) [Текст] / В.В. Виноградов. – М. – Л., 1947. – 784 с.

40. Гадоев, Н. Баъзе хусусиятҳои лексикаи феъл дар лаҳҷаи Тагнов [Матн] / Н. Гадоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – № 6. – Душанбе, 2006. – С. 107-112.
далда, **далида (**Ял.), **далйа (**Ёз.) далда, таоме, ки аз гандуми кӯфта бо омехтаи нахӯд, наск, лӯбиё ва ғайра тайёр мекунанд;

(Даҳ., Зир., Крз.) *маҷ*. ҳамакора

далдақи´ (т. – вах.) оворагардӣ, ҳарҷогардӣ, кӯчагардӣ

дама (Лан.) сарпӯши зарф; (Лан.) сарбанд, дарғот; (Кан., Лахш, Тд.) гирдбод, бӯрон, барфбод, тундбод

дамаха (Ғор.) чуқурчаи назди оташдон барои ахгари оташ; (т. – вах., т. – ишк.) бодкаш, боддаро, шамолдаро

дамбус (Мум., Ёх., Хов.) *бот*. қамчинбутта (навъи алаф); (Мум., Зир.,Крз.) *маҷ*. одами ноуҳдабаро, фаҳӯл

дамғаса (Бойс.) ташвиш

дамғърып: **дамғърып кардан (**Мум., Хов., Сх.) нафасгир шудан; (Хов.) сукут кардан, хомӯш мондан

дамзи´ (Хов.) кӯдаки шикамкалони пойборик

дамқал (Сам., Шв.), **данқол (**Ҳал., Ял., Ҷф.) чойники тунукагӣ, ки ҳам ба сифати чойҷӯшонӣ ва ҳам ба сифати зарфи обрезӣ истифода мешавад.

дамма (Сина) тундбод, барфбод

дамтос (Шк.) диққи нафас, дамгир

данбал (Ҳич., Яр.) ҳодиса, воқеа

данбӯха (Қӯрғ.) ҷойи обгузар

данг шуҳрат, овоза

дангал (Б., Дҷ, Ғеш, Қӯрғ.) калтак, таёқ, чӯбдаст; (Ғк., Шк.) акколдаста

дангалчув (Дҷ., Ёл, Пор.) кӯба

дангича (Дҷ., Кб., Кп., Шӯр., Ёх., Хов., Мум.) дангича, таомест, ки аз гандум, лӯбиё, нахӯду мушунг ва каллаву поча тайёр мекунанд.

данголак (Ғеш) муфт; худ ба худ

данғар (Сина) занбоз, рухбоз

даргил // дъргил **(**Бдх.) мағзун, ғамгин, андуҳгин

даргоб (Ғор.), **даргов (**т. – вах., т. – ишк.) рӯди кӯҳӣ, дарёчаи кӯҳӣ

даррчил (Сина, Қӯрғ.) дардманд

дасуда (Бойс.) духтари номзадшуда

дафък // дафак (Ёх., Сх., Хов.) *анат.* пардаи дил; қафаси сина; (Бдх.) қисми болоии рубоб; (т. – вах.) сӯрохии сӯзан

дāхури´ (Ҷк.) фосилаест пеш аз танидани кирмак

даҳаҷак: **даҳаҷак шидан (**Вд., Каҳ., Нд., Нз.) чормағзи пухтае, ки ҳанӯз аз шох чида нашудааст.

даҷам (Дарб.) далер ва пурқувват

дегтока (Дар.Н.) лифток, дегшӯ

делама (Шлп.) як навъи таом, ки аз кӯфтаи гандум ва шир тайёр мекунанд; (Кҳ.) *маҷ.* кунҷков; масхарабоз, ҳазлбоз

делачай (Сина) дамлама (як навъи хӯрок)

делбоғ (Қӯш.) нақшу нигори девори похсагӣ

делвир (Қк.) намади рӯйи хиргоҳ

дигил // дигъл, **дъгъл (**Қӯрғ., Ҳак., Хов.) гӯсфанди маҳаллии думдор

дилғеҷак (Сина) гаваккашӣ

довучча (Қӯрғ.) ғӯраи зардолу

доғди´ (Сина) бекорхӯҷа

доғсар (Дар.Н.) *зоол.* зоғсар

долак (Дм.) як навъи бозии бачагон, ки бо чормағз ва пӯчоқи он бозӣ мекунанд.

доли´ (Пд., Қӯш.) *анат.* шона

долкам (Нав.) наздик, қариб (истилоҳи чормағзбозӣ)

доқи´ (Ҷк.) пашми шахшӯл (дағал, дурушт).

дорак (Дар.Н.); (Сина) *анат.* нӯги пистон

дрижга (Дар.Н.) тангно, дараи камбар

дуғбат (Б., Сх., Мум., Ғеш.) як навъи таом, ки аз дӯғ, равғани маска ва сабзавоти резашуда тайёр мекунанд; (Ёз.) такшини маскаи об кардашуда

дудун (Қ.) қаравулак, нишонгираки милтиқ, мушак

дукакҳолати аз хӯша баромадани ғалла (дар вақти саркашӣ); (Ёл) *анат.* устухони по

дубулға (Бойс.) табарзин

дула (Ф.) ғафс, фарбеҳи лундаи қадпаст, пакана

дулғоп (Кҳ.) дӯлоб, бенизом, бесару нӯг (бун)

дулмул // дълмъл, **дъмбъл (**Б., Кан., Кд., Нр., Сх., Чб.) дулмул, дунбул:ғалла ё меваи нимпаз

дулта (Дб., Хов.) *зоол.* як навъи гурги калонҷусса, ки ба кафтор шабоҳат дорад; *маҷ.* (Мум.) калонҷусса, бузургҷусса

думғарақ (Бойс.) бозии кӯдакона

дӯл (Қӯрғ.) чоҳи сунъӣ барои моҳигирӣ дар дарё

дъбар (Кҳ., Шк.) ҳамл, ҳомила, дуҷон; тануманд

дъкорд (Доб., Кан., Мум., Хов., Ҳак., Ҳд., Қ.) қайчӣ; миқрози калони пашмтарошӣ; (Хов., Хон.) олоти нохунгирӣ

дълду (Дҷ.) таҳшини равған дар равғандони ҷувоз

дърда // дърди´ (Лахш, Мт.) дурда, тифола, такшини маскаи обкардашуда

Ж

жав-жав: **жав-жав кардан (**Вқ., Бдх.) сафсата гуфтан

жанг (т. – вах.) *зоол.* ришк, мағлесак

жиғаридан фурӯ рехтан, афтидан (девор, кӯҳ)

жирай // ҷерай (Бдх.) гили махсусе, ки бо он дохили танӯрро андова кунанд.

жов (т. – вах., т. – ишк.) оби даҳон, луоб

жоба (Порашт) *бот.* газна

жовидан (Сина) хоидан

жовин (т. – вах., т. – ишк.) касе, оби даҳонаш ҳамеша мерезад.

жъвъқидан // жувуқидан (Вқ.) поймол (пахш, зер) кардан

жъник (Вқ.) зарфи сафолии хурд,ки дар он равғанро барои молидан ба мӯйи сар нигоҳ медоранд**.**

З

заг (Бдх.) *бот.* як навъи растании хордори кӯҳӣ, латтахор

заґал: **заґал шъдан (**Қ.) фурӯ рафтан

заґома (Қӯрғ.) моҳихона

залич (Дор., Дҷ., Кан., Каҳ., Лш., Нӯш., Кпн., Сам.) *зоол.* зардак, зарғилдоқ, як навъи паранда аз ҷинси гунҷишк, қаноташ хокистаррангу сиёҳчатобу зери шикамаш зардчатоб, дар навдаҳои дарахту буттаҳо лона мегузорад.

залла // зала (Вқ.) сарқут, пасмондаи хӯрок

залла: **залла кардан (**Кҳ.) ғун (ҷамъ) кардан, гирд овардан

замбила (Вқ, Қ., Шк.) занбил, халтаи чармини сафарӣ; озуқахалта; саночак, анбон; (Вқ, Қ., Шк.) занбил, сабади аз химча ё навдаи тар бофташуда; (Даҳ., Лаґ., Ск., Зир.) воситаи дарёгузарӣ

захоб (Қӯрғ.) безор шудан

зиґалък (Хов.) ходаи саркафида, ки барои кандани хӯшаи

ангур истифода мебаранд; (Хов.) чӯби нӯгаш чангакмонанд

зика (Сх., Ток.) базеб, зебо, хушрӯй; олуфта, танноз, хушрафтор, сатанг

зов *тиб.* ҷоғар, ғуррӣ, касалии ғадуди гулӯ; (Сам., Пҷ., Шв., Яхч) *тиб.*ғамбода, бемориест, ки ба сабаби бисёрии ғаму ғусса пайдо мешавад; (Бойс., Қӯрғ.) ҷарӣ

зуґол:зуґол // зъґол маґор, пӯпанак.

зуґом (Шк.) асбоби дамтез

зуканд (Дар.Н.) косаи калони сафолӣ

зукка (Кҳ.) лазиз. болаззат, бомаза; хуштамъ

зум (т. – вах.) қавоқи гирифта

зъғолък (Кҳ.) дом, қапқон

зъғом (Кан.) корд, кордча

зъғун (Мт.) ҳамагуна асбоби рӯзғор (аз қабили каланд, бел, зоғнӯл ва ғ.).

И

илғар (Ёх.) шитобон, босуръат

иқра (Кб.) *зоол.* кирми зери пӯсти гов, ки дар натиҷаи газидани ғурмагас пайдо мешавад.

интихорун: **интихорун шудан (**Шк.) муҳтоҷ (эҳтиёҷманд) шудан

инҷу (Нил.) марворид

ирбат (Қӯрғ.) безеб

ирмонак (Қӯрғ.) харобу лоғар

испарак (Кан., Дб.) *бот.* гиёҳест худрӯй, ки аз он дар бофандагӣ ранги зард ҳосил мекунанд.

испағул (Вқ., Қ.) *бот.* навъи растанӣ, ки ба зуф монанд аст.

исфарза (Дар.Н.) *бот.* навъи гиёҳи кӯҳӣ

иҷари´ (Қлб.) раманда, хӯсанда

Й

йава (Ғор.) ёва, беҳудагард

йавра: **йавра кардан** бехтан, аз ғалбер гузаронидани ғалла

йағир (Қӯрғ.) чиркин, нотоза, ҷароҳати пушти хар, асп ва ғ.

йала, **ела (**Ан., Ёл, Пор., Лаг.,Мум., Кх., Кч.) яла, кушода, во, боз; мавзеи кушоду хушҳаво (васеъ)

йалама (Сам., Шм., Ҳал.) шавла

йаланг (Сб.) ҳамвор, текис, ҷойи кушод; *маҷ.* бекина, дилкушод

йана (Бдх., Вқ., Қ.) хоҳаршӯй, хоҳари шавҳар; (Шуг., Ҳал.) даҳеч,муносибати байни завҷаҳои ду додар (бародар)

йалоғ // ялоқ (Қӯрғ., Ёх.) зарфе, ки дар он ба саг ва гурба хӯрок медиҳанд.

йалоғу // **йовлоғу**, **йалғу (**Хғ.), **елоғу (**Ог.), зарфи дастадори обгирӣ,равғандоғкунӣ, ё худ хӯрокпазӣ (мисли тухм, шир ва ғ.).

йапағу // **йапоғу (**Қ.) тойи дусола

йаранно (Дар.Н.) *бот.* як навъи ҳино

йарг (Ғор., т. – вах., т. – ишк.) сабзиши (пайдошавии ғуррӣ дар шохи ғурм (вобаста ба синну сол)

йарғу *арх.* (Вқ., Қ.) ярғу, ҷарима

йарч (Шк., Қ.), **арч (**Мум., Ғеш) // **арш (**Ҳиҷ., Яр.), **ач (**Ан., Ёл,

Пор.) // **йаш (**Дор., Ток.) баландии фурӯрафта

йафлоғун (Қӯрғ.) карсони хурд

йашк (Қӯрғ.) дандони хук

йобиз (Қӯрғ.) замини корам

йобу (Даҳ., Зир., Кд., Хов., Шлп.) аспи боркаш

йова (Бдх.) овора, дайду

йоғара: **йоғара шидан (**Пор.) чормағзи аз пӯст ҷудо кардашуда

йом (Чил.) ём, чархдег, зарфест дар шакли хурмаи калон, ки дар он аз ҷурғот равған ҳосил мекунанд.

йорти´ (Бдх.) *бот.* қарақоти кӯҳӣ

йоҳу *зоол.* як навъ парандаи шабеҳ ба мурғобӣ, ёҳу

йошов нишхӯрд, пасмондаи хӯроки ҳайвонот, пасмондаи

коҳу хаси охури мол; (Кан.) дурушт, ярма

йулма // **йулъма (**Вқ., Қ.) гӯсфанди аз рӯй пок кардашуда, ки дар ҳолати бутун дар алангаи оташ пухта мешавад.

йунти´ (Кҳ., Шк.) юндӣ, пасмонда, обшустаи хӯрок, ки баъд аз шустани зуруфот боқӣ мемонад.

йушох // ушох (Қ.) ҳезум, хасу хошок, коҳ, дарзаҳои ғаллаи даравида, ки аз баландӣ ба поён фароварда мешавад.

К

кабидан // капидан (Бдх.) бо забон хӯрдани чизи моеъ (дар бораи саг, гурба ва ҳайвоноти дигар)

кабач (Лахш) талқоне, ки бо равғани маска омехта тайёр кунанд.

каванг (Ғеш) дарунхолӣ, ковок

кавда (Дҷ., Дл., Ёл, Пор., Хҷ.) пургӯй, ҳарзагӯй, лаққӣ

кавза (Сам., Шв., Ҳак.) кабзафурӯмон, кавзафурӯмон, чӯбе, ки дар вақти сохтани хона аз болои сарраф мегузоранд.

кавир (Зев.) писари болиғ

каврак *бот.*як навъ растании қадбаландест, ки танааш мисли офтобпараст ковок мешавад.

кавсан (Кҳ., Қ., Шк., Бойс.) кафсан, миқдоре аз ғизои ба тозагӣ кӯфта ё меваву ҳосили полиз ва ғ., ки касе ба хирмангоҳ, боғ, полизгоҳ ва ғ. ояд, ба унвони бахшиш дода мешавад.

кажур (Дар.Н.) *бот.*як навъ гиёҳи кӯҳии шифобахш

какра (Ӯшор) *бот.* талха (навъи растании беҳад талх)

калар (Пд.) *зоол.* калламуш

калахч (Қӯрғ.) рӯйбанди ҷароҳат

калмоч (Нил.) *бот.* як навъ гиёҳи кӯҳӣ

калот (Дҷ., Сд., Ток., Кч., Нр., Ёх., Кд.) баландие, ки танҳо як роҳи баромад дорад; (Кал., Ял.) вайрона, харобот, чордеворӣ

калоф (Хм., Шм.) *бот.* як навъи растанӣ

калп // калф ковокӣ ва камари кӯҳ

калпанг (Ан., Ёл, Пор., Сғ., Дҷ., Сч., Хҷ., Кан.) *маҷ.* одами парешонхотир ё ландаҳӯр; гаранг

калтус (Ток., Хов.) патрон, тир

камла (Ғеш) чормағзи хом

кандина (т. – вах.) зарфе, ки аз саргини гӯсолаи навзод сохта мешавад.

кандук (Кҳ., Тӯда) *бот.* канаб, канабдона; (Хуф-р) зербинои хона

канос (Ғор.) хасис, мумсик, чашмгурусна

каноч // **къноч** (Вқ., Қ., Ҷк.) зоғнӯл, метин, олоти дастии меҳнат (зоғнӯли дунӯла)

капаку: **капаку кардан** (Қ.) беҳуда (саёқ-саёқ) гаштан, бекор гаштан

капук // **капък** (Дҷ., Ог., Ҳак., Ан., Ёл, Пор., Мум., Хов.), **капул** (Қлб.,Сам., Шв.) *зоол.* куку

капча (Қӯрғ.) навъи моҳӣ

кара // **карра** чирк, карк

каравҷидан (Қ.) ба хониш омадан (нисбат ба кабк)

карбас (Нил.) *зоол.*калтакалоси хурдҷуссаи заҳрнок

карваш (К-рш) калтакалос

карк (Қлб., Хов.) *зоол.* карг, каркадан, ҳайвони калон, ки дар

пешонаи худ як шох дорад; (Сул.) қабат; ифлос, чиркин; (Қӯрғ.) пӯсти чормағз

каркара (т. – вах.) хори маҒелон

каркарикароғ (Кҳ.) *зоол.* карок,куркурикаррок

карксанг (Бдх.) ӯғурдастаи сангини дарозрӯя барои кӯфтани дона дар ҷувози дастӣ

кармак (Нил., Мал-д.) пӯстлохи решаи бодому зардолу, ки барои чармгарӣ аз он ранг тайёр мекунанд.

карок (Дор.) *анат.* мак, хекиртак

карпанг (Қ.) кундзеҳн, кундфаҳм; нодон; содалавҳ

карсанг (т. – ишк.) санги махсус барои ярма намудани гандум

карсин (Ғор.) нимдеворе, ки суфаҳои хонаи бадахшониро аз суфаи оташдон ҷудо мекунад.

касруф (Кҳ.) *бот.* як навъи растании аввали баҳор, ки нардашро истеъмол кунанд.

катак (Дм., Нӯш., Мум., Шӯр.,Ҳиҷ., Яр., Қлб., Қӯрғ.) хоначаи парандаҳои хонагӣ, катак; (т. – ишк., т. – вах., Ғор.) алвонҷак (барои тифл)

катхъдойи´ // катхъдоги´ (Вқ., Қ.) меҳмондӯстӣ, меҳмоннавозӣ, олиҳиммати, саховатмандӣ

кафок (Лш.) нӯги тарошидашудаи аккол (чиллак)

качак (Дл., Хов., Мум., Лаг.) лаққӣ, сергап, пургӯй

качал (Шк., Ҷк., Қӯрғ.) каҷпо, шахсе, ки кафи пойҳояш ҳамвору роҳ гаштанаш душвор аст; (Кҳ.) номи қавме аз қабилаи барлосҳо (аз мардуми туркнажод)

качофс // качуфс (Роғун, т. – вах.) сабади калон

качул (Шк.) номи доруи халқӣ, ки аз решаи як навъ растании хушбӯй тайёр мекунанд; (Шк.) ноз, ишва, ғамза

кашктаомест, ки аз кӯфтаи (ярмаи) лӯбиё, нахӯд, гандум ва каллаву поча тайёр мекунанд .

кашар (Шк.) // **качар** (Қӯрғ.) ҷойи гову мол

кашта (Қӯрғ.) гулдӯзӣ, сӯзанидӯзӣ

каштал гиребон

кебидан (Қ.) кебидан, тарсидан; (Қӯрғ.) мондаву озурда шудан

кезик (Ф.) *тиб.* зуком

кек (Хов.) *бот.* килк, қамиш, найи миёнхолии сахт

кемъш (Дб.) пӯсти хушкондаи хар, ки ба рӯйи сандуқ мечаспониданд.

килк // кълк (Ёз., Лан., Сдт., Дҷ., Хҷ., Хов.) // **кулк (**Даҳ., Зир., ЛаҒ.,Шӯр., Дҷ., Б., Мум.) *бот.* қамиш, най, килк; (Ғоф., Ог., Кд.) // **кълк (**Лан., Шӯр.) нард, танаи пиёзи тухмӣ

килки´ (Шк.) пиёзи тухмӣ (Шк.)

кимкак (Нил.) хасис, мумсик

кинг (Вқ., Қ.) *бот.* алафест, ки баргҳояш ба барги карам монанд буда,решаи онро истеъмол мекунанд.

кишин (Уч.) чиркин, ифлос; (Сч., Уч.) калон, бузург; ғафс

кишта (Қӯрғ.) себқоқ

коза (Шк., Ғк.) коза, чайла, каппа; (Дҷ., Дб., Сч., Хҷ., Ош., Кан.) дом, домгоҳ; хоначаи махсуси хасин, ки дар ҷойи ҷамъшавии кабкҳо, мурғони даштӣ (атрофи чашма зери харсангҳо) сохта, сатҳи болоии он ба тӯр маҳкам карда мешавад; (Қӯрғ.) хонаи муваққатӣ, ки зери замин месозанд.

койида (Ҷк.) гандида, пӯсида, тосида

кола (Мх., Хм., Б., Дҷ., Қӯрғ.) либосворӣ, матоъ; мол, чорво, ашё; (Вқ., Шк., Қ.) қалин, маҳр; (Ёл.) сару либоси ба арӯсшаванда дода мешудагӣ.

колавара (Вқ.) молдор, бадавлат

колак (Шк.) ҷои буридашудаи тахтапушт, як навъи табобат **колинг (**Сина) навдаи ғафси ток

кора // кура (Лахш, Ск., Кк.) дӯлча, қадаҳи дастадор (зарф)

кос (Вқ., Қ.) болои (баландии) чизе; шифт, сақф

кота (Сина) мураббое, ки аз пӯчоқи тарбузу сабзӣ бо омехтаи ширинии ангур тайёр мекунанд.

коси´ (Кб., Кп.) тухме, ки аз поёнакаш каме сӯрох карда, сафедаашро мегиранд ва замч андохта муддате нигоҳмедоранд ва баъд бо он тухмҷанг мекунанд.

котабанд (Пор., Ёл) афзори ороише, ки занон ба пешонӣ мебанданд.

коҳидан (Мт., Дм., Дб., Кан.) // **койидан (**Ғеш, Мум., Қӯрғ.) ғусса хӯрдан, ғамгин шудан; мазаммат (коҳиш) кардан; умедвор шудан аз чизе

кочала (Ҳак., Сам., Обл., Нӯш., Нав., Каҳ., Қлб., Ҷав.) қисми боқимондаи навдаи дарахт пас аз буридан

кочи´ як хели атола, ки аз равғану шир тайёр кунанд ва ғафс мешавад.

кочор (Дҷ., Ёл, Пор., Сғ.) асбоби махсусе, ки тиллокорон дар болои он аз рег тилло ҷудо мекарданд.

крич // кърич (Бдх.) кулбаи сангини чӯпонӣ дар айлоқ

куб // куп (Бдх., Вқ.) зарфи хурди хурмамонанд барои нигоҳ доштани равғани мӯйи занон

кув (Кд., Нр., Сх., Хов.) ғӯлачӯби дастадоре, ки бо он хоки боми хонаи навпӯшро шибба (сахт) мекунанд.

кува (Вқ., Қ.), **куба (**Ёх., Сх., Хов.) мағзӣ (аз кӯрпаву кӯрпача ва ғ.); шерозаи гиребони куртаи мардона ва доману остини ҷома; (Дм., Нав., Нӯш., Мум., Қлб., Ҳиҷ., Яр.) асбоби кӯбакшакли чӯбиест, ки бо он ба зеҳи (риштаи) камони пашмтиткунӣ мезананд ва аз ларзидани он пашм ё пахта тит мешавад; олати оҳаниест, ки бо он ҷойҳои ноҳамвори чармро суфта мекунанд.

куланги´ (К-рш) ғӯладинг; зиштрӯй

кулинг (Дор., Хов., Ғеш, Мум.) ҷавонмарди паҳлавон, чорпаҳлу

кулоб (Тқ.) моҷаро, ҷангу ҷидол

кулоби´ (Ғор.) табақи на он қадар

калони чӯбӣ; (Қӯрғ.) номи хӯроки баҳорӣ

култук (Лахш) кӯлух, зерлаттаи тифл

кулул (Ғор.) ғалтак (аз ришта)

кумок (Қ.) холигии байни вассаҳо

кумоч (Дб., Кан., Ст., Ош., Тқ.) // **къмоч** (Нӯш., Қлб., Ҳиҷ., Хов., Ёх.,Ҳак., Яр.), **къмоч** (Қӯш.); // **қумоч** (Қӯрғ.) ноне, ки дар чарогоҳчӯпонон дар зери оташ мепазанд.

кунаргу (Бойс.) ҷуръаи ҷурғоте, ки барои ҳосил кардани мост ба шир андохта мешавад.

курсанг (Сина) харсанг

кунгъра // **кънгъра** (Вд., Каҳ., Мс., Нз., Сам., Шв.) дандонаҳое, ки бар канори ҳар чиз мебароранд; (Бдх.) хати тасмашакли борик дар байни шероза ва болои тоқӣ.

курдум (Вқ.) мушдораки лоини маҳаллӣ; як навъ доми бедонадорӣ

кусик // **кусък** (Вқ., Қ., Ҷк.) донаи пилла; ҳубоби рӯйи об; кафки собун; обилаи пӯст; варами милки дандон

курғанак (Вд., Нд., Каҳ., Нз., Мс., Обл., Хум., Кан., Дб.) // **кърғанък** (Лахш, Мт., Пд.) // **кӯрғанак** (Қӯрғ.) тарзи сарбасар (сарак бо сарак) чида ғарам кардани дарзаҳои ғалла

кутарма (Лахш, Мт., Хт., Бойс.) деворе, ки аз чиму санг аз ду паҳлуи нови осиёб сохта мешавад.

кучала // **къчала** (Қ.) *бот.* як навъ растании давоӣ, ки ниҳоят талх аст.

кучкучак (Оқб.) *зоол.* ҳашароти майдаест, ки ранги хокистарӣ дошта ба канача монандӣ дорад ва одатан дар хоки хушк ва ё рег лона мегузорад (лонааш чуқурчаи аҳромшакл аст).

кушак // **къшак** (Шк.) ҷӯяк, хатак

кӯлдарон (Қӯрғ) уреб, нишеб

кӯртарит (Бойс.) нони хамири ба чои гарм ва ё об таркардашуда

кӯппи´ (Қӯрғ.) зарфе, ки дар он равғани ширро ҷудо карда мегиранд.

кълахч (Лай., Ҳак., Хд.) сиёҳие, ки дар танаи дарахт ҳосил мешавад;

калахч (Қӯрғ) рӯйпӯши ҷароҳат

кълок (Гх.) *бот.* ношпӯтӣ

кълйак (Вқ., Шк., Қ.) // **кълийак (**Ҷк.) *анат.* ҷоғ, манаҳ, занах; (Дб.,Кан., Дм., Нӯш., Сам.) шикофие, ки нӯги тири ҷувоз дар он банд(насб) мешавад.

къмб (Хов.) баландӣ, теппа

къмъч (Шнг.) *анат.* устухони чорбанд, кос

кънгър (Вқ.) *маҷ.* боигарӣ, сарват, молу мулк

кънъск (Вқ.) ифлосии равғанолуди даруни дег, ки дар натиҷаи нашустани рӯяш мағорбаста, бӯи ғализе медиҳад

кънҷидан (Вқ., Қ., Шк.) наддофӣ кардан, ғоз-ғоз кардани пашму пунба; тагпурсӣ кардан.

кър (Б., Даҳ., Зир., Хд., Шӯр., Дор., Нр., Ток., Хов., Мум.) шах: харсангҳои бузурги теғадори кӯҳӣ, ки дастнорас аст; (Ог.) замине, ки дар зераш товасангҳои калону харсанги кабудчатоб дорад; (Бдх.) ғор, мағора; (Ог.) як ҳолати акколбозӣ

кърак (Хон., Хов.) *анат.* чуқурчаи зери хекиртак; (Дб.) устухони бинӣ

кърахкā (т. – вах.) *бот.* як навъи растании кӯҳӣ

кърбич (Ғор.) *зоол.* қурбоққа; ғук

кървъш (Бдх., Вқ.) *зоол.* як навъи калтакалос

къгуш (Ғор.) гӯсфанди гӯшҳояш хурд

кърех: **кърех кардан (**Дл.) тарсондан, рамондан

кърк (Кҳ.) ғӯраи хоми мева, давча (аз зардолу, олуча ва ғ.).

кърт (Ск.) *бот.* як навъ буттаи кӯҳӣ; (Хов., Бч., Ёх., Нӯш., Ҳиҷ., Яр.)асил, ҳақиқӣ; рост; (Ёх., Сх., Хов.) ошкоро, рӯйрос; (Ғеш, Мум.)зуд, якуякбора; (Шб.) қитъаи хурди замини зироат; (Ёх.) ба охир расидан, поён ёфтан; (Ҷк.) огард, ҷӯяк, хатаки кишт

кърош // куруш // къръш (Вқ., Қ.) *бот.* як навъ растанӣ, ки мисли офтобпараст баланду баргҳои калон-калон дошта, бӯйи бад дорад.

кърък // кърк (Шк., Ғк., Ҷк.) хом, нопухта, норасида

кърът (Бдх.) хасис, мумсик, чашмгурусна

кърч (Вқ.) каҷова

кърчак, **курчак** (Кд., Нр., Роғ, Сч., Дҷ., Хов., Хҷ., Чб., Даҳ., Лаг.) бели чӯбин, ки бо он барфи бом ва ахлоти оғилро тоза мекунанд.

кърчов (Вқ.) андоваи тунуки девори хона; рӯкаши гилини девор

къта (Вқ., Шк., Қ.) *зоол.* Нарсаги бузургҷуссаи (калонҷусса) чӯпонӣ

кътърма (Дҷ., Хҷ.) моҳичӯби осиёб.

кътънда (Обл.) барзгар, хирманкӯб, шахсе, ки бо кӯфтани ғалла машғул аст.

къчира (Сб., Ск.) заҳрест, ки аз решаи сиёҳкаҳ ном алаф ҳосил карда мешавад.

қавҷидан (Қ.) хоидан, хоида сӯрох кардани чизе

қалахч // **қълахч** (Қ.) карахш, чирки шахшудаи захму ҷароҳат

қалоди´ (Лш., Дм., Куг.) *зоол.* як навъи паранда аз ҷинси гунҷишк

қаррондан (К-рш) суханчинӣ

қартиш (Сина) чирк

қашаға (Лахш) барфтӯдае, ки дар натиҷаи тундбод ҳосил мешавад.

қашот (Мт., Хт., Лахш) охири хоксел, ки дар натиҷаи заминҷунбӣ бавуҷуд меояд.

қиқ (Сина) писк, пасмондаи бузу гӯсфанд

қинғол // **қънғол** (Шк., Қ.) духтар ва ҷавони ба ҳам номзадшуда; арӯс; (Шк., Қ.) завҷа ё шавҳар (наварӯс ва навдомод) дар ғайб ҳамдигарро бо ҳамин калима ном мебаранд.

қир (Қ., Шк.) *зоол.* аспи мушкин, аспи сиёҳ; (Ғк., Шк.) лойи омехтаи махсуси қуму рег ё шағал, ки пас аз хушк шудан сахту мустаҳкам гардад; қир, баландӣ, теппа, тал; несту нобуд, маҳв

қоғък (т. – ишк.), **қуғък** *анат.* забонча

қол (Ғк., Ғор.) шағал, сангмайда; (Ҷк.) банди махсуси тасмашакл, ки мавриди (лаҳзаи) акколбозӣ истифода мебаранд; (Шк.) тангаи яксӯма ва

нимсӯма; (Бдх.); доғ, лакка, хол; маводе, барои нарму ҳамвор кардани пӯст ба рӯй молида мешавад; (т. – вах.) чақ-чаққардан; (Қӯрғ.) дурӯғ

қопа (Қ.) калон, бузург

қопагъл (Сх., Хов.) *бот.* як навъ гули зарди калон-калон, ки аввали баҳор меру́яд.

қорт (Ғк., Шк.), **қот (**Вқ., Қ.) *бот.* зиришк, зирк, анбарборис, зилол (бутта ва меваи он)

қорч (Вқ.Қ.) // хорч (Қӯрғ) *бот.* занбӯруғ, навъе аз занбӯруғҳои хӯрданӣ; чағора

қоҷ (Вқ., Шк.), **қиҷ (**Қ.) алӯс, чашмкаҷ

қоҷидан (Қ.) бо ҳайрат чашм дӯхтан (ба хӯрокхӯрии касе)

қум (Дар.Н.) намадзин; аспнамад

қъло (Шк.) як навъи аспи саманди сиёҳчатоб

қълоғ // қълоқ (Қ.) камоб, лалмӣ

қълоғ (т. – вах.) ришханд, масхара

қъмоч (Лахш, Пд., Бдх.) қӯмоч (ноне, ки дар зери ахгар ё хокистари сӯзон пухта мешавад).

қърт (Вқ) лӯнда, кулӯла; варам, обила; (Яр., Ҳиҷ.) ҳақ, рост; қулт, ҷуръа;

қърч ғуҷум-ғуҷум

қъҷидан (Вқ., Қ.) дам (ҳӯрт) кашидан, то қонеъ кардани ҳисси ташнагӣ нӯшидан; фурӯ бурдан

Л

лаалун (Ан., Ёл, Пор., Сғ.) хаста, шалпар, монда

лабад // лабат (т. – ишк., т. – вах.) дарбеҳ, пина, поргӣ,ямоқ

лабпарида (Қӯрғ.) гирдогирди бомпӯш

лав (Вқ., Қ.) бисёр, зиёд

лавак (Кб., Кп.) хурмаи калони якгӯшаи дастадор; (Ғк., Қ.) *маҷ.* гурусначашм, зихна; (Бдх.) ловидан, андудан, андова кардан (бом, фарши хона, девор)

лаванд // лаван (Шк., Қ., Ҷк.), **лавунд // лавънд (**Вқ.) муҷаррад, безан; танбал, коргурез; бекорхӯҷа; (Қ.) дарбадар, оворагард, дайду; (Сам., Шв.) дузд, ғоратгар

лавбанд (Вд., Каҳ., Мс., Нд., Нз., Хум.) ресмоне, ки ҳангоми кӯфтани ғалла ба даҳони гов мебанданд.

лавда (Бдх.) бекорхӯҷа, ёвагард

лавидан (К-рш, Мал-д.) андова кардан

лавлави´ (Сина) фиребгар; каззоб

лавло (Б., Сх., Хов.) сода, содалавҳ, гӯл; коргурез, танбал; (Кҳ.) фориғбол, бепарво

лавлода (Сина) қаллоб, фиребгар

лавша (Ҷк.) *тиб.* лабша, бемориест, ки дар буни забони одам аз тарафи зер пайдо мешавад.

лавҳур (Кан.) хушлафз, хушмуомила

лағна (Бдх.) моли майда, бузу гӯсфанд; моли лоғар; (Вқ., Ҷк.) лоғар, хароб; газгӯшт, камгӯшт

лағък (Қӯш.), **лағик (**Мс., Хум.) чормағзи аз пӯст ҷудошуда; (Ҷк.) тифли навзод

лажат (Дар.Н.) қувват, неру

лайс (Қӯрғ.; Сина) шаффоф; **лайс додан:** соиш додан

лайок (Ғор.) замини камҳосил

лак (Қ.) *арх.* беҳад, бисёр, фаровон

лака (Пор., Дҷ., Роғ) гове, ки шохаш ҷунбонак аст

лакка (Қӯрғ.) сода, гаранг

лақата (Оқ.) палаҳда

лақва (Дар.Н.) пургӯй, сергап

лал (Вқ., Қ.), **лар (**Шк., Бдх., Ғк., Ҷк.) таппӣ, сӯзишворие, ки аз ахлоти ҳайвоноти шохдор тайёр мекунанд

лалвори´ (Сина) як навъи ангури сурхчатоби ширин

ламаш (Лахш, Мт., Хм., Шв.,Шм., Сам.) *ниг.* **лаванд**

лат (Дм., Ҳиҷ., Дҷ., Сч., Хҷ., Яр., Роғ, Хов., Бдх.) заниш, шаллоқ; **~задан** (Қӯрғ.) об кардани чака

латак (Қӯрғ.) сиёҳ

лафка (Хов., Мум., Сч., Хҷ., Нав., Кан., Дб., Дҷ.) бурида, пора

лахча (Ғеш, Мум., Шх., Хов., Дҷ., Роғ., Лахш) ахгар, лахча, оташпора, манқали сӯхта; (Ҳиҷ., Шх., Қлб.) манқали сиёҳшудаи ангишти маҳаллӣ; (Қ.) *мач.* лаққӣ, серҷоғ, пургӯй

лахшов (Ғор.) *анат.* ҷоғ

лашук (Роғон) *бот.* ҷавдор (зироат)

лелъҳ (Мх., Ҳак., Ҳд.) ҳайрон, ҳаросон

ли´ (Вқ., Ҷк.) курак, бели чӯбӣ; (Ҷк., Бдх.) ғарам, коҳтӯда, чош

лиф (Вқ., Шк., Қ.) дегшӯ, дастмол, ки аз як навъ буттаи

бешагӣ тайёр карда мешавад; (Хх., Хон.) мулоим, нарм

лифт (Нав., Нд.) пӯстлоқи ток, ки барои шустушӯи дегу табақ истифода мебаранд

лифток // лифтоқ (Шк., Ғк.) **// лъфток // лъфтоқ (**Ҷк.) **// дефток** (Бойс., Қӯрғ.) *бот.* буттаест, ба ранги токи ангур, баргҳои калон-калон дорад.

лода (Шк.) гаправ, суханрав

лозър (Вқ.), **лозърк (**Шк.) пирях

лойак (К-рш, Мал-д.) *анат.* сипурз

лок (Зр., Сх.) хароб, лоғарандом; (Бдх.) хароб, лоғарандом

локи´ миёнбанд, рӯймоли мардона, қарс; (Лахш, Пд., Хт., Кан., Дб.) дока; умуман матое, ки аз он рӯймол, миёнбанд ва ё сарбанд медӯзанд; (Нав., Ҳал., Ял.) дар ҳолати андовакунӣ пардоз додани девор; (Кҳ.) салла, аммома; дастор

лоқсарулибос; (Лш.) яке аз қоидаҳои акколбозӣ

лол (Зел., Ёх.) сурх

лоло (Шк., Ҷк.), **лулу (**Шӯр., Хғ., Шб.) хуб, нағз; ширин, бомазза; тоза, хушрӯй (бо забони кӯдакон)

лоп (Вд., Каҳ., Нд., Нз.) васеъ

лос (Ог.) қилтиқи (суки) сараки (хӯша) гандум, ҷав ва ғ.; (Кҳ., Бдх.) пахол, танаи гандуму канаб; (Шк., Ғк., Қ.) лоша, ҷасади (гӯшти)ҳайвони ҳароммурда

лосвеш (т. – вах.) *бот.* як навъи растании кӯҳӣ

лохон: **лохон кардан (**т. – вах.) хароб (вайрон) кардан

лохондан (Сдт.) сӯрох намудан шикоф намудани чизе; (Пп., Лб.) *маҷ.*коҳондан, азоб додан

лоҳаз (Қӯрғ.) танбал

лочак // лочък (Вқ., Шк., Ғк., Қ.) пургӯй, ҳарзагӯй, лаққӣ, сергап; (Сх., Хов.) матое, ки бо он мӯи мурда баста мешавад; (Кҳ.) ғайбатгӯй; суханчин; хабаркаш

лош (Дб., Дҷ., Кан., Сх., Вд., Нд., Нз., Хв.) хазонак, пасмондаи ҳосили полез ва дарахтони мевагӣ, ки баъди ғундоштани ҳосил боқӣ мемонад; (Вд., Нд.) фош кардан; (Хх., Хон.) бахшиш, инъом; (Қӯрғ.) тақсим кардани ҳосил бо роҳи зӯрӣ

лук: лук рафтан (Дар.Н.) ҷаҳидан

лумай // лъмай (Шк., Қ.) *зоол.* парандаест, аз ҷинси гунҷишк, ки дар шохаҳои дарахт мисли қафас (аз пашм) лона мегузорад; (Сх.,Хов., Вд., Мс., Мум., Нд., Нз., Хум., Оқб.) *зоол.* хазандаест аз ҷинси калтакалос, ки Синаи гов ва бузу гӯсфандонро мемакад.

лумбаз // лъмбаз (Вқ.) сархорӣ; лӯндаҳои лойи коҳомехта

лут (Қ.) луч, бараҳна, урён; (Дл., Хғ.) захм, яра

лутидан // лътидан (Вқ., Шк.) ҷӯлидан, жӯлидан; ҷунбуҷӯл кардан; (Хм.,Шм.) печутоб хӯрдан

лутък (Ҷк.) тифле, ки чорғовак роҳ меравад.

луҳидан (Дар.Н.) гандидан, пусидан

луча: **луча кардан (**Шк.) тар кардан, молидан; (Шк.) олондан, олуда кардан.

лучидан (Дар.Н.) харошидан

лушък (Ҷк.) пистони гов

лӯла (Сина) тифл

лък (Ғор., т. – вах.) пурра, саросар; яклухт; комилан, ба куллӣ; пур, лаболаб, лабрез; (Бдх.) ғалақаи дар, қулфи қадимаи чӯбӣ

лъмб (Вқ., Қ.) калон, бузург (Яр., Ҳо., Қлб., Ҳич.) *маҷ.* роҳбар, сардор (Қк., Ск.) баланд; (Ёх., Дҷ., Сч., Хҷ.) *маҷ.* шаллоқ, шатта

лънги´ // лунги´ (Вқ., Ҷк., Қ.) рӯймоли сари занон; *ниг.* **локи´;** (Ҳал., Ял.) дастурхон, чодар

лъхс: **лъхс кандан (**Хх., Хон.) харошида шудан; канда шудан, хастан

лъшбидан (Кд., Нр.) задан, кӯфтан

М

ма (Ан., Дл., Ёл, Пор., Роғ, Сч., Сғ., Уч., Хғ.) модар

маак (Мум., Ғеш) *тиб.* як навъи захм (ҷароҳат)

маак (Вқ., Қ.) мард

мабраз (Даҳ., Зир., Лаг.) халоҷо, ҳоҷатхона

маг-маг // мак-мак (Б., Сх., Хов., Қӯрғ.) мак-мак (навъи бозии духтарчаҳо, ки чашмонашонро пӯшонда аз хоначаҳои дар замин кашидашуда мегузаранд).

мағаки´ (Сам., Шв.) чӯбе, ки бо он мушхонаҳои заминро маҳкам мекунанд, то ҷараёни об боздошта шавад.

мағдур (Қӯрғ.) қувват, неру

мағек (Ан., Ёл, Пор.) тарбия (парасторӣ)

мағлесък // махлесък (Бдх., Қӯрғ.) *зоол.*ҳайвонаки дарандаи шабеҳи муш, ки гӯё аз ақиби чорвои калон ба шиками он даромада, аъзои дохилии ӯро мехӯрдааст.

мазабър (Дҷ., Ёл, Пор., Хҷ.) содалавҳ, нодон; аҳмақ

мазанг (Бойс., Қӯрғ.) мазанг, зангӣ, одами сиёҳандом; (Дҷ.) лӯлӣ, ҷӯгӣ

мазд // маст (Хов.) мост, мувофиқ (истилоҳи қартабозон)

майқун (Лахш) хирвори ғаллаи бод кардашуда

майлатун (Қӯрғ.) бемалол; озод

малағда: **малағдайи сар (**Шк.) *анат.* нармии фарқи сари кӯдак

малай (Лахш, Мт., Ҳиҷ., Яр.) малай, хизматгори бемузд

маланг (Фат., Қлб., Ҳиҷ., Ҳо., Яр.) бепарво, фориғбол, холабеғам; (Уч.) шахси чақчақӣ; (Уч.) муҷаррад; (Ғор., т. – вах.) шайх, роҳиби оворагард; дарвеши сайёр; қаландар

маланга (Шк., Бдх.) туғён (аз дарё, баҳр); (Ғор.) аланга

малаҳа (Ош.) // малла (Қӯрғ.) ҷигарӣ (навъи ранг)

малумак (Бойсун) миёнабаҳо

манг (Шк.) ғарами ҳезум; (Қӯрғ.) барзагови фарбеҳ

мангал (Сам., Хов., Шв.) *анат.* дасту пой; (Дар.Н.) шаклу шамоил

манги´ (Ан., Ёл, Пор., Сч., Сғ., Хғ.) хуми калони гирда, ки дар вай равған нигоҳмедоранд; (Кҳ.) кӯза; хурма; (Лахш) гӯсфанди аз панҷсола боло; (Бойс.) барои ғусфанди нари калонҷусса

мангириф (Вқ., Қ.) ҳаял, таъхир; (Вд., Каҳ., Нд., Нз.) соҳибӣ (аз они худ) кардан.

манглух (Ҷк.) *бот.* як навъи растанӣ аз ҷинси най (қамиш)

манйор (Ғор.) туман, меғ; ғубор, хокбориш

манур (Ёз., Лан., Нӯш., Яр.) як навъи ширавор, ки аз тут ва орди гандумбирён тайёр карда мешавад.

манҷа // манҷал (Бдх., Шк.) кат, кате, ки дар тобистон чун ҷойи нишаст истифода мебаранд.

манҷала (Ёх.) марҳам

манҷалабод (Кҳ.) пора-пора, реза-реза

манҷила (Ҷк.) ҳалқаҳои чӯбӣ ё филизии чархчӯби дуғкашӣ

манҷук (Ҷк.) меваи зиёдбаста дар шохи дарахт

манҷуқ (т. – вах.) шилшила

марвон (Ғк., Кҳ.) маккор, фиребгар, шайтон; (Кб., Кп.) маҳмадоно

марз (Вқ., Қ.) *бот.* як навъ растании буттагӣ, ки гулаш сурхчатоб аст.

матал (Шк.) афсона, ҳикоя; (Мт.) мақол

мафлук (Ҳич., Яр.) фартут, барҷомонда, нотавон

машак (Қлб., Ҳич., Яр.) муҳраи калоне, ки дар миёнаи шаба мегузаронанд.

машлот (Ғор., т. – вах., т. – ишк., Ҷк.) ширинкор, масхарабоз; ҳазлбоз, шӯх

мелок // милок (Ан., Ёл, Пор., Дҷ., Сч., Хҷ., Кан., Хум., Сам., Шв., Мум., Сх.), **мавлек // мавлък (**Кд., Мс., Нр., Хов.) асбобе (кашаке), ки барои овехтани зарфҳои ширдор истифода мебаранд.

метин (Дм., Лш., Нӯш., Қлб., Ҳич., Ҳо., Яр., Бойс., Қӯрғ.), **метинг (**Пв., Хм., Шм.), **мети´ (**Мс., Пч., Сам., Хум., Шв.), **майтин // майти´ // майтън (**Лахш, Мт., Пд., Хт., Кк., Қӯш.), **мъти´ (**Хов., Ёх., Сх.) метин, чакуш, олоти нӯгтезе, ки бо он санги осиёро мечинанд.

мехлос (Кҳ.) олатест дастадор, ки ба дарафш шабеҳ бошад ва мисгарон кор фармоянд.

мисмор (Дар.Н.) мехи филизӣ

мисрон (Кҳ., Қ.) пошанг, оҳанест дарози паҳннӯг, ки бо вай деворҳои хиштину похсангиро сӯрох кунанд, заминҳои сахтро бо вай кованд, тирҳои иморатҳои чӯбкориро бо вай бардоранд ва м. инҳо

модел // **модил** *бот.* як навъ гиёҳи баргаш ба сир монанд, ки истеъмол мекунанд.

модраг (Ғор., т. – вах.) *бот.* хома, эфедра

мозу (Вқ., Қ., Бдх.) меваи дарахти ҷалғӯза, ки ба чормағзи финдуқи заминӣ монанд аст.

мойра (Лахш, Нӯш., Қлб., Ҳиҷ., Яр.) вот, рош, марза; (Қлб., Ҳиҷ., Яр.,Лахш) нақши девори похсагӣ **момодустак** (Сина) *зоол.*халилихӯрак (ҳашароти болдор)

момус // **бомус** (Ог., Ҳак.) *бот.* як навъ растанӣ аз ҷинси ҷавдор

мошак (Сина) *бот.*боқило (навъи зироат)

муғак: муғак кардан (Ҷк.) ҳамла кардани издиҳом **муғӯч** (Қӯрғ.) мӯйи бофта

мук (Мс., Хум.) ланг, касе, ки як пояш кӯтоҳаст.

мулеҳ (Нил.) гӯшти гандида

мунди´ // **мънди´** (Сх., Хов.) // **мунда** (Дег., Пч., Ҳак.) зарфи махсуси сафолине, ки дар он равған мегиранд; (Мс., Сам., Хов., Шв., Дҷ., Қлб., Лахш, Нӯш., Пд., Яр., Дег., Пч., Ҳак.) кӯзаи даста ва лабшикаста; (Қӯрғ.) пояи зеризаминии дарахт

мундос (Ёх.) *бот.* як навъ растании сершира, ки чорво истеъмол мекунад

мунисак (Қӯрғ.) матое, ки занон ба сар гиранд.

муррук (Қӯрғ.) лоғар

мутук // **мутък** (Қлб., Ҳиҷ., Яр.) гӯшбурида (оид ба ҳайвонот); (Дор., Ток., Хов.) шохбурида (оид ба дарахт).

мӯрийо (Қӯрғ.) давраи қадим (куҳан)

муҳмал (Бойсун) ноуҳдабаро

мъжък (Бдх.) *бот.* як навъи нахӯд

мъжъкак (т. – вах.) жола, ҷола

мълма (Дҷ.) коҳмайда, коҳреза

мънгак (Дм., Кб., Кп., Нӯш., Хм., Шм., Ҳиҷ., Яр.) *бот.* як навъ растанӣ аз ҷинси зироатҳои лӯбиёӣ

мънгъл (Пв., Хм., Шм., Шу.) хамидақомат, миёнхамида

мънкез // мункез (Кҳ.) таваққуф, фосила

мъноқ (Дҷ., Мум., Сч.) кӯдак, тифл; (Ан., Б., Дҷ., Ёл, Пор., Кпн., Сч., Хҷ., Мум., Лахш, Оқ., Хов., Мс., Хум.) мушт; (Сч., Хҷ.) оғӯш, бағал; (Хов., Шх.) ҳосили зиёд бастани буттаву дарахтони мевадор

мънҷър (Лахш, Мт.) беҳаракат; наҷунбида

мърова (Гх., Ёз., Куг., Каҳ., Мс., Обл., Сх.) зане, ки ба сифати намоянда дар шаби тӯйи никоҳарӯсро то хонаи навдодмод ҳамроҳӣ мекунад.

мът // мут рост, сих

мъхак (Ст., Тқ.), **мъхък (**Қлб., Ҳиҷ., Яр.) *зоол.* як навъ парандаи ниҳоят хурди хокистарранг

мъхлесък (Хов.) хурдакак, майдаяк

мъхпар // мухпар, **нъхпар // нухпар (**Вқ., Қ.) нонпар

мъҷък (Ҳак., Ҳд.) дилгир, зиқ (нисбат ба ҷой); (Дҷ., Сч., Хҷ.) пургӯй, сергап, лаққӣ

Н

навбаст (Лахш) *зоол.* навбаст, ҷавона, гӯсолаи нари аз яксола зиёд.

нawқони´ (Бдх.) ҷави тезпазак, ки ҳосили он барои рафъи айёми гуруснагии аввали тобистон истифода мешуд; беҳосилӣ; гуруснагӣ, қаҳтӣ, хушксолӣ, қаҳтсолӣ

навқуни´ (Қ.) кишти барвақтӣ

назла (Лан., Ёл, Пор.) *тиб.* назла, оби бинӣ, обе, ки аз димоғ меояд.

нарғъл (Ан., Ёл, Дл., Ог., Хғ., Хҷ.) // **нарғул (**Дб., Гх., Ёз., Кб., Кп., Ёх., Кан.) нарғӯл, ғӯли нар; (Кб., Кан., Дб., Кп., Қм.) *маҷ.* азимҷусса, бузургҷусса, калонҷусса

насақ (Вқ.) масхара, мазоҳ; ҳазл; шӯхӣ

на‘лоҷи´ (Дм., Лахш, Нӯш., Ҳиҷ., Яр.) фиребгарӣ, ноҳаққорӣ

нашойиста // **нъшойиста** таоме, ки аз шираи хушкондаи гандум ва шир пухта мешавад.

нигат (Дар.Н.) // **нагат** (Қӯрғ.) *бот.* навъи нок

нийас (Мум., Пд.) дом, тӯри махсус, ки бо он бедона ва кабк шикор мекунанд.

нилранги кабуди баланди сиёҳтоб (лоҷувардӣ); (Дб.) *бот.* як навъ растанӣ аз ҷинси кӯкнор, ки аспи комшударо бо он табобат мекунанд.

нила (Вқ., Қ.) // **мила** (Б., Дҷ., Ст., Сч., Сх., Хов., Хҷ.) *анат.*чашм, дида

нилаала (Вқ., Қ.) // **милаала** (Шк., Ҷк.) алочашм, чашмало **нимбош** (Б.) *бот.* як навъ бутта, ки кирмакпарварон бо мақсади танидани кирмак ба сари хавоза мегузоранд.

нимги´ (Ҳиҷ., Яр.) ҳеҷ, ҳаргиз

нимғанак (Қ.) ғарами ғаллаи хӯшаҳояш ба дарун тал чинда, ки аз 5–10 дарза иборат аст.

нишк (Гх.) кунҷи чизе; бурҷ, гӯша, тараф

нишра (Сина) соярӯ, офтобнорас

норғӯл (Сина) калонҷусса

носӯр (Қӯрғ.) дардманд, бемор

ноқил (Сина) лоақал

нугул (Шк.) омехтаи кабудиҳо, обу намак, дӯғ ё чакка

нулки´ (Ёл, Пор.) зарфи сафолини ҷумакдор, ки дар ҷувозхона истифода бурда мешавад.

нулпайик (Вд., Каҳ., Нд., Нз.) патак, порчаи намад ё матои ғафс, ки ба даруни пойафзол меандозанд.

нулпатак (Пч., Сам., Шв.) *зоол.* як навъи парандаи минқордароз аз ҷинси мурғобӣ, ки дар ботлоқу кӯлҳо зиндагӣ мекунад.

нушқурт (Ст., Тқ.) // нишхар (Қӯрғ.) пасмондаи хӯроки ҳайвонот

нъкла (Ёз., Лан., Сдт., Ог.) сабӯсаки сар

нъхач (Мум., Сх., Лағ., Ғеш) // **нъхаш (**Дҷ., Кх., Кч., Хов.) пай, нақши пойи касе ё чизе; (Ог.) навъи нақлиёти чанамонанд.

нъхра (Тқ.) сояи дарахт

нъҷ // **нуҷ (**Лахш, Мум., Пд., Хов., Қал., Ял.) *тиб*. як навъ касалии пӯст (аз ҳайвонот), ҷараб

нъш (Вқ., Ёз., Лан., Лахш, Ск.) соярӯ, соярав, ҷое, ки офтоб намерасад; (Мс., Хум.) барфтӯдае, ки дар натиҷаи шамоли сахт дар пастхамиҳо ба амал омадааст; нишебиҳои барфпӯши кӯҳ.

нъшкъръки´ (Кан.) шубҳа; ҳазар, ҳисси нохушӣ

О

обчинак (Кҳ.) субҳона, таҳтӯли сабуки сари кишт (саҳро); (Кҳ.) обҷавак, обчинак

овахати рӯйи корд (шамшер, ханҷар, табар ва ғ.); (Шк., Бдх.) номи ҷузъи шероза, ки ба хати рост монанд аст.

ованг (Вқ.) ӯғурак (барои кӯфтану ярма кардани гандум, нахӯд ва ғ.)

овғами´ (Дар.Н.) сероб, пуроб

овка // **овикаҳ (**Сх., Лахш, Хт., Яр.) як навъ алаф, ки дар ҷойҳои намнок меруяд; (Хов.) *тиб*. як навъ касалии ҳайвонот

овлечак // **авлечак** // **овлича** // **олъчак/** / **олучак (**Ғор., Сч., Хҷ., Кан., Хов., Сғ.) // **авлочак** // **овлочак (**Дл., Уч., Шб.) // **овлича** // **авлича (**Ёх., Сд., Сф.) // **улчак (**Бдх.) танобе, ки нӯгашро ба ду ҷо баста, дар байнаш барои хобондан ё шинондани кӯдак ҷой тайёр мекунанд.

овлъпак (Вд.) *анат*. нармии сари кӯдак, ҷойи мулоими фарқи сари тифл

овон (Мис.) водӣ, минтақа, мулк

овринг (Мум., Хов., Сх., Дҷ.) ованг, тори либос ва ангуровезӣ

овсар (Дб., Ҳиҷ., Вд., Бд., Нд., Нз.) ҳалқаи оҳанине, ки ба ҳалқаи дигари нӯхта пайваст карда шудааст ва ба он арғамчин баста мешавад.

овсун // авсун (Кҳ.) даҒеч

овтупа (Мум., Б.) як навъи угро

овҷах (Вқ.) палаҒда, луқ

owa (Ҷк.) теғ, дами ҳар навъ олоти буранда (мисли корд, шамшер, табар ва ғ.).

одолиш (Лахш) кӯтали хурд; фарозӣ, теппача

озлоґу (Дар.Н.) ҷузъи филизии лаҷом, дар даҳони асп бошад.

ойит: **ойит кардан (**Шк., Хов.) ба ҳолате ё амале водор намудан

ойърма (Лахш, Мт.) каҷу килеб, ноҳамвор

ол: **ол кардан (**Вд., Каҳ., Нд., Нз.) мухлисӣ кардан; луқма додан; (Ҷк.) дарафтодани касони гурусна ба ғизоҳои рӯйи суфра

ола // ҳола (Дл., Сч., Уч., Хҷ.) осуда, ором

олак (Б., Дб., Мум., Дҷ., Хҷ., Ёх., Уч., Лан., Пч., Кан., Даҳ., Лан., Сх., Сам., Хов., Шв., Бдх.) бад, ноҷоиз; бемаънӣ; суст, заиф, нопойдор, ночиз, номусоид.

олол (Хов.) тӯёна, туҳфае, ки хешовандон ба шахси тӯйгар тақдиммекунанд.

ораґа (Вқ.) як қабза пахтаи чигит кардашуда, дастаи пахтаи надофишуда

орам (ток.) калон, бузург; (Лахш, Хт.) боқувват, зӯр; вазнин; (Вқ., Қ., Роґ) фашанги махсусе, ки бо ёрии он санги осиё бардошта мешавад.

ордак

орзъқ // озъқ хамирлӯндаҳое, ки дар равґан пухта, ҳамчун хӯрдании маросимӣ (ид, тӯй) истеъмол мекунанд.

ор кардан (Заррабоґ) гудохтани равґан

ос (Дб.) тири чархи ароба; (Мс.) *тиб*. масруъ, саръ; як навъ беморий марбут ба асаб ва рӯҳ; (Қ., Вқ.) *бот*. як хел растании буттагии ҳамеша сабзи гулҳояш хушбӯй

отанг отанг, банд ё химчаи тофташуда, ки бо ёрии он тири сипор ба юғ пайваст карда мешавад.

охол (Дм., Нӯш., Қлб., Яр.) ахлот, ифлосӣ

очидан (Ҷк.) ғелидан, аз баландӣ ба поён ғалтидан

ошан (Қӯрғ.) равон, оби ҷорӣ

ошке (Вқ.) шоха, панҷшох, чоршох (барои ғаллаборддиҳӣ, гирифтани алафу хосу хашок ва каҳ); ресмон, ришта.

ошъф (Пч., Шв.) зарар, зарб, лат

П

пазала (Вқ., Қ.) калон; (Қ., Шк.) бор, дарзаи алафу хасу хошоку ҳезуми басташударо ба ду тарафи аспу хар ҳамоил кардан

пайидан (Вқ., Қ.) // **паҳидан (**Шк., Ғк.) ғоз-ғоз (воғ-воғ) кардан, наддофӣ намудан (нарм кардани пахта ва пашм); (Шк., Ҷк) афшондан; (Куг., Лш.) задан, кӯфтан

пайик (Лахш, Пд.) *ниг*. **патък;** *маҷ*. лаганбардор, хушомадагӯ

пайкон (Бойс.) поймол кардан

пайкол (Вқ., Кҳ., Қ., Шк.) палчаи зироат

паймона (Вқ.) // **пайвона** // **пайвуна (**Қ., Шк.) воҳиди ченаки вазн; паймона, қадаҳ; табақ

пайрам (Вқ.) дарғот, сарбанд; (Вқ., Қ.) пиёдагард ва гузаргоҳҳое, ки дар соҳилҳои дарё ё ҷойҳои душворгузари кӯҳ аз чӯбу санг сохта шудааст.

пайхал (Б.) зиреба, хор

пайхум (Вқ., Кҳ., Қ.) // **пайхун (**Ғк., Шк.) пайхол, дарзаҳои ғаллаи дар хирман тит кардашуда, барои кӯфтан паҳн намуда парофтани гандуму ҷав ва шолӣ; (Чб.) поймол кардан, зери по кардан

пакар (Вқ., Қ., Шк.) мушавваш, парешон; (Вқ., Шк., Қ̄рғ.) хаста (беҳол, бемадор) шудан; нодон

пакидан (Вқ., Қ., Кҳ.) лаққидан, пургӯй (сафсатагӯй, ҳарзагӯй) кардан, манаҳ задан

пакол (Бдх.) тоқӣ, каллапӯш

палаґда // пълаґда (Қ.) *маҷ.* ноаҳл; беандеша, шаттоҳ; (Қ̄рғ.) нонрезаи дар об таркардашуда

палавгун (Вқ., Қ.) як навъи қатламае, ки бо ширинӣ, ҳалво ва қаймоқ пухта мешавад.

паламмо // паланмо (Сх., Мӯм,,Қ., Хов.) зина, зинапоя, норбон**палапан (**Вқ.) чӯҷаи пар набаровардаи парандагон

паласт (Ғор.) муҷалло, сайқалӣ; дурахшон

палла (Лаґ.) самт, ҷониб, тараф; (Кҳ.) нисф, пораи чизе

палос (Қ., Ғк.), **пълос (**Шк.) пӯчоқ, пасмондаи (бозмонда) шолӣ пас аз кӯфтан дар обҷувоз ё ӯғурак

палосидан (Вқ., Қ., Шк.) кӯшиш (сайъ) кардан; (Вқ.) гавак кашидан, хазидан

палоч (Сина, Хуф-р, Нил.) афшурда, боқимондаи ангур, харбуза ва тарбуз баъд аз фишурда гирифтани шарбати онҳо

палпечун: **палпечун кардан (**Қ.) ба қабза гирифта даравидани алаф ё ғалла; (Қ.) сахт ба чангол гирифтани ҳариф (мавриди гӯштингирӣ, қувваозмоӣ)

палпи´ // парпи´ (Вқ., Қ.) *бот.* парпӣ (як хел растании хӯрданӣ).

палпуқсарак (Кҳ.) парешонмӯй

панг (Лахш) кундзеҳн, камфаҳм; (Сх, Хов.) бемаънӣ

пандарз (Ғк.) як тарзи дӯхти абраву астари кӯрпа, ба ҳам зич карда дӯхтани лаби абра ва астари кӯрпа

папар (Ёл, Пор.) девонаавзоъ

папук (Ғор.) *зоол.* ҳудҳуд, шонасарак

папс (т. – вах.) *бот.* як навъи растании худрӯй, ки дар лаби ҷӯ месабзад.

папък (Лахш, Пд.) пӯпак; (Қӯрғ.) сермӯй; зулф

пара (Вқ., Шк.) тараф; самт, сӯй, ҷониб; (Вқ., Шк., Қ.) бар, канор; (Мс.,

Нӯш., Обл., Хов, Ҳиҷ.) парраи чархи осиё; (Дҷ.Хов.) *бот.* як навъ растанӣ, ки баргҳояш паҳну сафед аст.

параҒ // пъраҒ (Вқ., Қ.) нимаи чормаҒз, аз як ду ҳиссаи чормаҒз; (Вқ.) пора; қалам

параґа (Шк.), **пъраґа** (Вқ., Қ,) параха, пешранда, тароша

параґза // **парґаза** (т. – вах.) дарзе, ки бар асари зарба дар чӯб ё устухон пайдо мешавад

параґаваса (Вқ., Қ.) вассае, ки аз ҳар гуна чӯбу тахтаҳои дурушт сохта шуда бошад.

парадас (Кҳ.) дар як лаҳза, дар як муддати кӯтоҳ

парак (Ҳиҷ.) узв, ҷузъ; (Оқ., Мт., Хт.) паҳлуи тухм

парахчиґ: **парахчиґ кардан** (Қ.) ҷудо кардани маґзи чормаґз аз пӯчоқ

парачъкри´ (Даҳ.) *бот.* як навъ ревоҷ (чукурӣ)

парач (Қ.) канора дур

парачи´ (Қ., Шк.) паноҳӣ, нонамоён

парбеха (Ромит) бехҷаст, навдаҳое, ки аз бехи дарахт сабзад (барояд).

парвар (Кҳ.) паранда ва ҳайвоноти дастомӯз, ром кардашуда (мисли оҳу, кабк, бедона, боз ва ғ.)

парварда (Шх., Хов.) ниҳоли помидор, қаламфур, карам, бодинҷон ва ғ; пайванд, навдае, ки барои пайванд интихоб мешавад; (Сина) фарғон, фарғуч.

парачи´ (Қ., Шк.) паноҳӣ, нонамоён

парбеха (Ромит) бехҷаст, навдаҳое, ки аз бехи дарахт сабзад (барояд).

парвар (Кҳ.) паранда ва ҳайвоноти дастомӯз, ром кардашуда (мисли оҳу, кабк, бедона, боз ва ғ.)

парварда (Шх., Хов.) ниҳоли помидор, қаламфур, карам, бодинҷон ва ғ; пайванд, навдае, ки барои пайванд интихоб мешавад.

пардам (Қ.) *бот.* як навъ гиёҳ, ки хӯрда мешавад.

паривара (Қ., Вқ., Шк.) *тиб.* саръ, масруъ, як навъ бемории руҳӣ

парит (Қӯрғ.) девори хасу хорин

парнеу (Ғор.) хӯса (пӯсти ягон ҳайвон ё паранда, ки ба дарунаш коҳ ҷой карда бошанд.

парохча (Қӯрғ.) лахчаи хурди оташ

парра: парра гирифтан (Нил., Хуф-р) ғелидан

паррачинак (Нил., Хуф-р) асбоб барои чиндани санги осиё

парък (Бдх., Роғ, Ҷк.) чархчӯб, гуппӣ

парсък (Қ.) ҳосилхез

парт (Хов.) *ниг.* **патаки гуш; парт кардан (**Дб., Кан.) аз пар тоза кардан, болу пар кандан; (Хов.) зуд, якбора; (Қӯрғ.) сӯзон

пархата (Вқ.) девонавазъ

пархишта (Сина) тарзи ниҳолгирӣ аз буттаи ток

парч (Шк.) нидоест мавриди ҷуфтронӣ

патмӯйи маҳин, нарм; **пати бъни´** (Вқ., Кҳ., Шк.) *анат.* нармии чапу рости ду канораи бинӣ

пата (Б) *бот.* як навъи бута; (Лахш, Мт.) ҷоиза (барои ғолиби мусобиқаи бузкашӣ)

патали´ (Луғ., Ҳак.) баландӣ, тепа, фарозӣ; (Ан., Пор., Сғ., Кпн., Хҷ.) содалавҳ, зудбовар

патимо (Ҷк.) уҳдабаро, кордон

паторина (Ел, Пор.) хасис, мумсик, гурусначашм

патос пӯсти (пӯчоқи) шолӣ пас аз кӯфтан ва тоза намудан; (Қӯрғ.) сип-сиёҳ

пат-пат (Вқ., Қ., Шк.) пургӯй, ҳарзагӯй

патрум // патръм (Қал., Ҳал., Ял.) *бот.* як навъ растании паҳнбарг

патунък (Ҷк.) ноуҳдабаро, ноқобил; танбал (дар бораи занон)

патък (Бдх.) *бот.* як навъи нахӯд; (Хов., Хҷ.) пора, порча; (Ҷк., Шк.) *маҷ.* рӯймоли хурди занона; (Вқ.) нармии гӯш ва бинӣ; (Ҷк.) рӯймолчаи сегӯшаи занона, гесубанд.

патфар (т. – вах., т. – ишк.) оши худой, ки ба ҳамдеҳагон ва дӯстону хешон аз ҷониби ақрабои маит дода мешавад.

пах: **пах задан (**т. – вах.) диккак нишастан; пинҳон шудан

пахмък (Ғор.) // **пъхмък (**т. – вах.) равғани ғоз; (Қӯрғ.) пӯпанак, мағорак

пахос (Роғ.) навъи кӯза

пахса (Вқ., Қ., Ҷк.) // **похса** (Бойс.) лӯндаҳои лой, ки аз онҳо деворме бардоранд.

пахук (Ғор.) *зоол.* як навъи ҳашарот

паҷ (Чк.) саҳро, дашт

певана // **певона (**Вқ., Қ.) // **певна (**Шк.) воҳиди ченак, зарфи махсусиандозакунӣ

певоз // **пивоз** // **пейвоз // пийвоз (**Вқ., Қ.), **пийовоч (**Кҳ.), **пейвоч** // **пийвоч(**Кан.) ширнавбат, ширкати мавсимии чанд оила,ки бо навбат ба якдигар шир дода, шир мегиранд.

пеғар // **пейғар (**т. – ишк.) *тиб.* ғуррӣ, ҷоғар; ҷиғилдон; сангдон (аз паранда)

пезача // **пизача (**Вқ., Қ.) // **пирзача (**Шк., Ҷк.) // **пасача (**Лахш, Пд.) доя, момодоя

пелоз (Кҳ., Қ.) полиз

пемок (Ҷк., Шк.) чархдег

пемокча // пемочка (Ҷк., Шк.) навъи зарфи сафолӣ, ки дар вай меваҳои хушконидашуда, тутмавизу ғалла нигоҳ медоранд.

перва (т. – вах.) тоза, пок

песка (Кҳ., Қ., Ҷк.) теғи дастгоҳи риштарошӣ

петов (Бдх.) офтобӣ, офтобрӯя, офтобтеға

пех (Қ., Ғк.) пех, ҷойи бурида ё қаломи ё пояи дарахту бутта ва рустаниҳо; (Шк., Қ., Ғк.) пих, нарангушти пойи хурӯс, ки ниҳоят нӯгтез аст; (Шк., Ҷк.) чӯби махсуси ширченкунӣ

печ (Шк.) *нум.* дафъа, маротиба; (Вқ.) *маҷ.* нозу ишва

печак (Кҳ., Шк., К.) // **печък (**Ҳич., Яр.) *бот.* печак (растанӣ); (Ғк., Кҳ.) *бот.* дастанбӯй, ҳандалаки хурди хушбӯй; (Бойс., Қӯрғ.) як навъи қанд, ки аз орду қиёми шакар тайёр мекунанд; барои намакидани бузғола пистони бузро бастан

пижин (т. – вах.) **пъжин (**т. – ишк.) говдӯша, хурмаи говдӯшӣ

пика (Кҳ., Ғк.), **пука (**Вқ., Қ.) // **пъка (**Ҷк.) пургуй, сергап; пук, гаранг, даҳаняла; каллаварам; якрав, гарданшах; **пӯкка (**Бойс.; Қӯрғ.) себ ё меваи зарбдида

пила (Вқ.) пила, обила, варам; (Кҳ.) лаҳза, маврид

пилаги´ (Пв., Хм., Шм.) як навъ матои абрешим

пилак (Бдх.) дом, тӯзоқ, тала, чина (як навъи шикори бедона, ки чуқурчае омода мекунанд ва болои онро бо санги суфта пӯшонда дон пошанд); (Сина) пилтаи чароғ.

пилаҷо (Кҳ.) марра, марраи пойгаҳ ё бузкашӣ

пилви´ (Вқ.) нӯкча, нӯгча (чӯбчаи нӯгаш пахтапечондаи равганолуд)

пилефта (Шк., Ғк., Ҷк., Кҳ.) // **пълефта (**Вқ., Қ.) пургӯй, сергап

пилиск (Дар.Н., Нил.) ваҷаб

пилиска (Нил., Сина, Дар.Н.) ресмончае дар пойафзолдӯзӣ

пилитас (Шк.) *к. тасв.* ногоҳ, нохост, якбора

пилла (Сина) обила

пилова (Қ.) пасмондаи равғани кундаи ҷувоз

пилта (Вқ.) пилтаи чароғ; пилтаи туфанг; (Вқ., Шк., Кҳ.) порчаи пахтае, ки барои ресидан тайёр карда мешавад; (Бдх.) фатилае, ки дар шаби ид ба хотири мурдагон даргиронанд; (Хов.) // **палта (**Чб.) коғазҳои борик буридашудае, ки ба воситаи сими махсус ба қабати тоқӣ мегузоранд.

пина (Ҷк., Шк.) дарбеҳ

пинадуз (Ан., Ёл, Пор., Сғ.) пинадӯз, куҳнадӯз, дарбеҳгар

пинник (Зев., К-рш, Мал-д.) муғча, шукуфа

питак (Сина) *зоол.*парандаи нӯлборик аз ҷинси гунҷишк

питов (Ҷк., Шк.) ноҳамвор, пасту баланд; (Ҷк., Шк.) баландӣ, фарози кӯҳ

пих пих, чангол (аз паранда); хорест нӯгаш тез бошад.

пихникак: **пихникаки ток (**Сам., Тег., Шв.) решамайдаи ток

пихникбод (Ан., Ёл, Пор.) гирдбод, барфи шамоломехта, тундбод

пиҳил // пъҳил (Ғк., Қ., Шк.) биҳил, бахшидани ҳамаи гунаҳҳои хешутабор (аз ҷониби шахси фавтанда)

пича // печа (Вқ., Кҳ., Қ., Шк., Ғк.) пичча, гесӯвони майдабофӣ шудаи ду чаккаи духтарону занон; (Ёх., Хов.) чаккаи сар; (Вқ., Қ., Ғк.) гӯшаи (девораи) рӯйи оташдон; (Ғк.) ҷойе, ки пояҳои сандалӣ меистад; (Вқ.) девори ду тарафи дӯли осиё; (Қ.) мӯе, ки рӯйи пешонӣ қарор дорад.

покел (т. – вах.) зина, камари оташдон

полидан (Ог., Хов., Бдх., Қӯрғ.) софкорӣ шудан, (кардан) покиза сохтан

понча (Мум.) қолиби нақшандозии кулолгар; (Қӯрғ.) ороишоти заргарӣ, ки бар мӯй овезанд.

порги´ дарбеҳ, пина, руфуъ

пориса // пореса, пореста (Хм., Шм.) // **полиса (**Нав, . Ним., Қал., Ял.) пардаи муҳофизаи девори иморат, бом аз барфу борон // **порса (**Шд.)

болори сақфи (шифти) хона **посира (**Ан., Ёл, Пор.) ҳиссае аз ҳосили зироати ба тариқи шарикӣ кишт кардашуда; (Қ., Шк.) пайкол, қитъаи замини берун аз ҳавлӣ, ки он ҷо зироат, сабзавоти гуногун кишт карда мешавад.

посиракори´ (Фар., Пз., Ғоф.) кишти шарикӣ

потанг (Ғк., Кҳ., Шк., Қ.) занҷир ё банде, ки бо он пояро бо мола ё зонунаварди ғаллакӯбӣ васл мекунанд.

потахс // пойтахс (Бдх.) инъоми соҳибхона ба меҳмон (дар тӯй ё меҳмондорӣ).

потелък гиря, ҳасрат; (Вқ.) бесаранҷом, ноором; (Ғор.) дар хок ғел задан (дар бораи мурғ)

потехък (т. – ишк., т. – вах.) канорагирӣ кардан (аз коре), кашол додан (кореро)

похсакмунан (Қ.) кӯзапушт, хамидақомат

похък (Ғор.) *зоол.* кана

поҳанг (Вқ., Қ.) бузургҷусса, азимҷусса

поч (Вқ., Шк,) нашъунамо ёфтан; (Нб.) бандинае, ки аз навдаи дарахт тофта мешавад; (Ст., Тқ.) *бот.* як навъ гиёҳи кӯҳӣ

похък (Ғор.) *зоол.*кана

поҳанг (Вқ., Қ.) бузургҷусса, азимҷусса; чорпаҳлу, тануманд

поҷо (Шд.) зина, зинапоя

пошвор (Қ.) як ҷузъи дастгоҳи бофандагӣ

пошикаста // пошъкаста (Бдх., Ғк., Кҳ. Шк., Бойс., Қӯрғ.) *маҷ.* зан, аёл; духтари қадрас

пошке (Вб.) болои бом

прам (т. – вах.) **пран (**т. – ишк.) барҷастагии уфуқии девори дохили хона

пуғанак (Кҳ.) *бот.* бӯйи модарон (растании давоӣ)

пуда // пъда мавизе, ки аз ангури навъи паст тайёр шудааст.

пузики´ (Бдх.) раф, равоқ дар қисми болоии танӯр;

пук (Шк., Ҷк., Дҷ., Сч., Кпн., Хҷ.) бефаҳм, нодон; (Дк., Ёз., Лан., Сдт.) пука, тарафи ҳамвори буҷул; (Ғк., Қ., Шк.) коҳмайдаи зироатҳои лӯбиёӣ (нахӯд, мош, наск ва ғ.); (Кб., Кп.) *маҷ.* пири фартут (барҷомонда)

пундук (Сина) муғча; пунба

пупалак (Дҷ.). *зоол.* як навъи шапалак

пупак: пупаки гаждумак (Вқ.) гесӯбанде, ки бо нуқраву садаф ва муҳраҳои калону резаи рангоранг оро дода шудааст.

пупанак (Шк., Кҳ.,) // **пӯпанак (**Қӯрғ.) мағорак

пупишак (Хм., Шм.) *зоол.* ҳудҳуд, шонасарак

пупуник (Қ.), **попаник (**Кҳ.) поймонак (зинапоя) дар баландӣ, суфакӯҳ ва ғ.

пурх: пурх кардан (Бдх.) об пошидан

пуса (Қ., Шк.) барфтӯдае, ки аз таъсири шамоли (тундбоди) сахт ба вуҷуд омадааст; (Ғор., Шк.) қасқон, чанбараки элак, ғалбер

пуск (Қӯрғ.) саргини буз

пут (Ғор., т. – ишк., т. – вах.) тӯб, тӯби латтагӣ

пуфдама (Сина) барфе, ки бо шамол омехта борад.

пуфчак (Сина) шошадон

пуш (Сина) *бот.*растании буттагӣ ё печони сӯзанбарг, гулҳои хушбӯй дорад.

пушкак (Қӯрғ.) асбобе, ки бо он аз шир равған ҳосил мекунанд.

пушқоқ (Сина) *бот.* мавизи навъи паст

пӯда (Сина) *бот.* мавизи навъи паст

пӯкагап (Сина) даҒалмуомила

пӯқак (Мал-д., К-рш) обила

пӯла (Сина) палаҒда, гандида

пъдъст // пъдъс (Вқ., Қ., Ғк., Шк.) зимма; амонат, уҳда

пъландари´ (Ғор., т. – ишк.) остона; (т. – вах.) болодарӣ

пъланък (Ғор.) маҒор, пупанак

планҷак // плинҷак (т. – вах.) сангчабозӣ

пълвик (Ғор.) чуқуриест дар самти чапи оташдон, ки он ҷо ҳезум гузоранд.

пълева (Хов.) чӯби дарвозаи қадима, ки барои қоим кардан истифода мебурданд.

пълелък (Ан., Ёл, Пор., Сғ.) сода, содалавҳ, гӯл

пълилък: пълилък шъдан (Бдх.) аз дидори касе бисёр шод шудан; ба касе бисёр меҳрубонӣ кардан

пълкак (Вк.) путки хурд; (Лахш, Пд) пӯпаке, ки ба тоқиҳои навъи маҳалли мечаспонанд, шилшилаи тоқиҳои занон.

пълох (Ҷк.) пиразани шаттоҳ (ҷангара)

пълтундан (Шк.) туф кардан

пълушк // пълъшк (Қ., Шк.) // **пълишк (**Кҳ., Ғк.) // **пълуш (**Вқ.) пилишк, сӯрохии сӯзан ва ғ.

пълъх // пълех (т. – ишк.) кӯрдуди тапак

пънавч (Б.) сахт, қаиш

пърава (Шк.) навдаҳои хушки дарахт

пъраҒ (Вқ., Қ., Шк.) пора, реза

пъраҒа (Лахш, Мт., Ёх.) параха; васса

пърк (Дб., Кан., Дҷ., Кпн.) *бот.* пиёзи кӯҳӣ

пъркидан (Шк) нуқсдор (иллатнок) шудан; (Шк.) тарсидан; (Қ.) тира шудан, паридани ранги рӯй

пърнич (т. – вах., т. – ишк.) остонаи дар

пъсъмч (Дб., Кан.) // **пъсънч (**Тқ.) *бот.* як навъ буттаи кӯҳӣ

пътахък (Ҷк.) хонаи дуобдаваноки шифташ паст

пътидаранг (Сам., Шв.) васеъ, кушод

пътик (Вқ., Қ.) паҳн

пътилав (Хов.), **пъчилав (**Ёх.) мӯйлаб

пътк // путк путк, болғаи калон

пътъхма (Вқ., Қ.) // **пътхъма (**Яхч) чангу ғубор, хокборон, хокбориш

пъхидан (Вк., Қ., Шк.) об пошидан (бо даҳон); (Вқ., Қ.) пош хӯрдан, лабрез шудан; (Сх., Хов.) *маҷ*. шӯридан, таҳдид кардан

пъхч (Дҷ.) *тиб*. насибахӯрак, захми (обилаи) нӯги забон

пъчахч (Бдх.) *бот*. лӯбиёи норасида (нопухта)

пъчъръм (Ғор.) бори аввал даромадани мард пас аз рӯбучини хона дар ҷашни Наврӯз

пъша // бъша (Вқ.) хамири дар дасту корсон часпида

пъшкдон (т. – вах.) санги андаке чуқур, ки дар вай пискро гузошта нарм мекунанд.

пъшовча (Ҷк.) нишхӯрд, пасмондаи хӯроки чорво

Р

рав (Нав., Қал., Ҳал., Ял.) як лаҳзаи чиллакбозӣ, акколбозӣ; (Ёх., Хов.) кӯч, кӯчиш

равак (Ст.) хода, чӯби хавозаи ток; (Мис., Қн.,Қд.) поймонаки сандалӣ; (Кҳ.) чорпоя, чӯбҳои тарошидаи чигина, ки дарзаҳоро аз афтидан нигоҳ медорад.

равоқ (Вқ., Кҳ., Қ) тоқча, раф (барои гузоштани зуруфот ва ғ); (Вқ., Қ., Шк.) пешайвоне, ки ба шакли меҳроб дар пешгаҳи хонаи истиқоматӣ созанд.

раганик // рагани´ (Кҳ.) лоғар, камгӯшт, чиллаашӯрӣ (беморие кӯдакон, ки шикамашон калон мешаваду дасту пойҳояшон борик).

рағд (Вқ., Қ.) ҳамвор, суфта**рағза** (Дб., Кан., Хов., Ҳак.) матои махсуси носуфтаву дуруште, ки аз риштаҳои нисбатан ғафси пашмӣ ё пахтагӣ тайёр карда мешавад; (Мс., Шх., Қал., Хум., Ғор., т. – вах., Хов.) либосе, ки аз матои мӯинаи дастбофт дӯхта шудааст; (Хов.) гилеме, ки аз

риштаҳои ғафси пашмӣ ва пахтагӣ тайёр карда мешавад; **рағза задан (**Қ.) боло барзадани қисмати пойини чакман

рад (Крз., Қӯрғ.) қатор; пайи ҳам

рара // раравук (т. – вах.) суфачаи атрофи оташдон

расан (Ғор., т. – вах.) ресмон, арғамчин

рахштут (Қ.) як навъи тути донадори ниҳоят ширин ва рангоранг

раша (Вқ., Қ.) // **роша (**Кҳ.) марза, вот

реб (Қ., Шк.) уреб, каҷ, каҷу килеб

резчи´ (Сина) биринҷмайда

рем // рим (Қ.) *бот.* як навъ дарахти бесамар аз ҷинси сафедор, аммо баръакси он баланд намешавад; (Қӯрғ.) чирки захм; **реми камол (**Ҷк.) зифти (қатрони) растании камол, ки чун даво истеъмол кунанд.

ремак (Қӯрғ.) тунук

рикка (Қӯрғ.) хароб

рискак (Сина) *бот.*як навъи гиёҳи бехмевадор, ки шабеҳи пиёз мебошад.

рискидан (Дарб.,Бойс., Сина) да стгир кардан

рихин *тиб.* дарунрав, шикамдард, касе ё ҳайвоне, ки бемории исҳол дорад.

ришкак (Сина) решамайдаи ток

рова (Ғк., Қ., Шк.) *бот.* як навъ растанӣ аз ҷинси ров

роватала (Лахш) угрое, ки ба дарунаш гиёҳи ровро кӯфта меандозанд.

ройҷгон (Пб., Пв., Пп., Хм.) чобук, чолок, чақон

рок (Ф.) чолок, чаққон; моҳир

рона (Қӯрғ.) қаторкӯҳ

рукоби´ (т. – вах.) косаи хурди чӯбӣ

рупук // рупък (Вқ., Қ.) **ръпък (**Ҷк., Шк.) // **рупак (**Кҳ.) мижазанӣ

рухак (Кҳ) *бот.* як нави зардолу

ручалък (Роғ) сарпӯши сафолин барои даҳанаи оташдон (чаҳлак)

рушидан (Қ.) моҷаро (маҳал) бардоштан, ҷанҷол кардан; во (кушода) шудани ресмони матоъ

рушод ошкоро, рӯйрост

ръж (Пв., Хм.) гарм, тафсон

ръжд ҳамвор, суфта; (Хов.) *маҷ.* зебо, тоза; (Ҳиҷ. Яр.) *маҷ.* ҳалим, хушмуомила; (Ёз., Лан., Нав., Ял.) *маҷ.* пурра, саросар; (Тд.) *маҷ.* зуд, дарҳол

ръждбарф (Хов) пурбарф

рък (Даҳ., Зир., Лаҳ.) газгӯшт, лоҳар; (Ёх., Обл., Хов.) *маҷ.* замини барои зироат; нобоб, беқувват, камҳосил

ръндък (Ҷк., Шк., Бдх.) қирмоч, таҳдегӣ (сӯхтаи таом дар таги дег)

ръп (Пд.) пинак рафтан, каме хобида хестан

рът (Оқ.) замине, ки сабзаи баланд дорад.

ръх (Бдх.) тана (аз дарахт); мили силоҳ; *анат.* Риштагоҳи асаб

ръхс (Шк.) ҳуш, идрок, шуур; **ръхси чашм (**Лахш, Ог., Пд.) нури чашм

С

савча (Ғк., Вқ., Қ., Кҳ., Шк.) *бот.* сабча, найчаи харбуза; // **сабча (**Қӯрғ.) ғӯра

саҳал (Вқ., Қ.) кундаи (чӯби) гурмдор (чашмдор); одами лӯндаи фарбеҳ (кулӯлаи пастак); (Б., Дб., Кан., Сх., Хм., Шм.) устухони гӯштдори калон

саҳат (Бойс., Дарб.) бесоҳиб

саҳоч (Бдх.) тахтасанг

сакал // сақал (Ан., Ёл, Пор., Ғор.) пойафзоли куҳна ва дарида

салт (Ҷк.) муҷаррад

салтанг (Хов.) бепарво, бекор

сама (Зев., Мал-д.) *зоол.*як навъи ҳашарот, ки рӯ-рӯйи об парвозкунад.

самаруғ (Қ., Шк.) // **саморуғ** (Вқ.) бот. саморӯғ (навъи занбӯруғ); (Вқ., Қ.) *бот.* як навъ гули нилобӣ (осмонранг), ки дар полез меру́яд.

санаф (Ҷк.) заиф, суст, камқувват

санд // **сънд** (Вқ., Қ.) безурриёт, бенасл; (Ҷк.) фарзанди ғайримашруъ(ғайриқонунӣ)

сандав: **сандав додан** (Кҳ.) пешпо (хӯрдан)

сангӯла (Қӯрғ., Сина) гиёҳи туршмаза

сано (Кд., Нр.) *бот.* як навъ гиёҳест, ки баргаш ба барги бед монанд буда, ғӯрааш мисли мурч тунд аст

сано (Кҳ.) некӣ

саноч (Қӯрғ.) гурусначашм

саночак (Вқ., Қ.) анбон, борхалта

сапидан (Ҳиҷ., Яр.) бо ҳам хуфтан (хобидан)

сара (Дҷ., Хов.) хуб, нағз; (Ҳак.) *зоол.* ҷувона, наргови ахтакарда, навас

сарвишк (Ромит) *бот.* як навъи растании туршомези хӯрданӣ, торон

сарғ (Қ., Ҷк.), **сарқ** (Ғк.) *тиб.* саръ, масруъ (беморӣ)

сарғанък (В.) як навъи ғарами ғалла (аз қабили гандуму ҷав ва ғ.)

сарору (Вқ.) зуком

сартӯла (Сина) фарзанди нахустин

састирак (Лахш) *бот.* як навъи сафедор

сатри´ // **сатъри´** (Вқ., Қ., Шк.) ноне, ки аз орди ҷуворимакка ва арзан тайёр карда, гоҳо равғану тухм ҳамроҳ мекунанд.

сатри´ (Кч., Лаг., Зир., Даҳ.) *бот.* як навъи алаф

сафара. (Ғор., т. – вах.) пӯчоқи офтобпараст, лӯбиё, нахӯд ва ғ.

сафил (Қӯрғ.) лаҳза

сахра (Ғор., т. – вах.) якрав, гарданшах, саркаш, инодкор; (Ҷк.) изғирин, сармои қаҳратун

сахраги´ (Ғор., т. – вах.) якравӣ,гарданшахӣ, қайсарӣ

сегак (Кб., Кп., Шм., Хм.) як навъи сангчабозӣ; (Кҳ.) як тарзи бофтани гесу

сери´ (т. – ишк.) меъёри вазн, ченаки вазни ғалладона

сива (К-рш, Хуф-р) *бот.*буттаи хорноки кӯҳӣ

сиғ: сиғи андарғас (Сам., Шв.) шамъи сиёҳ

сика, сика кардан (Шк., Ғк.) мағрурӣ (калонгарӣ) кардан; (Вқ.) таҳдид кардан; (Дҷ., Ҳҷ.) одами хира

сикак (Қлб., Ҳиҷ., Яр.) *зоол.* як навъи парандаи хокистарранг, ки ба саъва шабеҳ аст.

симок (Ғор., Сч., Ҳч.) оташков

симох (Дл., Ёл, Пор., Сч., Сғ., Уч., Хҷ.), **съмох** (Ғор., т. – ишк.) сӯрох,шикоф

сира (Хм., Шм.) *бот.* латтахор, растании хордори худрӯй, ки гулҳояш сурху кабудча мешавад.

сирък (Шӯр.) *бот.* як навъи растании шифобахш

ситагал (Кб., Кп.) ифлос, чиркин

сихала (Вқ., Қ.) хала, нихта

сич (Хов.) таҳхона, хонаи зеризаминӣ; (Сина) *бот.*растании баргаш сирмонанд

сича (Ҷк.) аз таъсири сармо ях бастани барф

сичиғна (Қлб., Ҳиҷ., Яр.) *зоол.* як навъи паранда аз ҷинси боша

соба (Қӯрғ.) чӯби пахтазанӣ

соботак (Ёх.) ҷойи нишасти тобистонаи суфамонанд, ки дар зераш оташдон дорад.

сойил (Дҷ., Ёз., Ёл, Лан., Мум., Сдт., Хов.) кӯр, нобино; (Ог., Ял., Ҷф.) бекас, бесоҳиб, бесаробон

сокида (Сина) вақти кам

сонат (Ҳиҷ., Яр.) навъ,хел,зайл

ставр (т. – вах., т. – ишк.) ғализ, ғавс

субинак (Қ., Шк.) *бот.* як навъи пудинаи хӯрдании кӯҳӣ, ки ниҳоят хушбӯй аст, ҳулбӯйи кӯҳӣ.

сузма (Қӯрғ.) чакаи сернамаки дар шикамбаи буз андохташуда

съвай (Шк.), **сибай (**Луғ., Лай., Ҳак., Ҳд.) ҳайвони ҳанӯз нозоида; қисир

сук қилтиқ, сӯк, хори сӯзан; (Лахш, Мум., Сам., Ҷф.) сӯк, устухони хурди гӯшти моҳӣ; (Вқ., Қ.) арзани муқашшар; **суки челек (**Қ.) зарфи сатилмонанди аз чӯб тарошидашуда.

суқи´ (Сина) мумсик

сумунд // съмънд (Ғор., т. – вах., т. – ишк.) хӯса, матарсак

сумурт (Хм., Шм., Ял., Ҷф.) // **съмърт (**Лахш, Қӯш.) сахт; маҳкам; қоим

супък (Ҳиҷ., Яр.) // **съпчък (**Пв., Хм., Шм.) афзори шошакунии кӯдак (дар гаҳвора), сумак

сурак (Яхч) *зоол.* нонхӯрак (ҳашарот)

сури´ (Б., Лахш, Кд., Нр., Хов.) сӯрӣ, хавоза

сури´. (т. – ишк.) *бот.* як навъи гули сафеди хушбӯйи сафед

сурон (Қӯрғ.) *тиб.* зуком

сурондан // сурундан (Қ.) ҳаво додан, партофтан; (Қӯрғ.) хурсандиву шодӣ

сута (Вқ., Ҷ., Шк.) *анат.* пой; (Лахш, Пв., Хм., Шм., Ҳиҷ., Яр., Кд., Нр.) хӯшаи ҷуворимакка

сӯрчак (Қӯрғ.) мазоҳ

съвай (Кҳ.) безурриёт, қисир (зан ё ҳайвоноти бенасл).

съғърт (Мс., Хум., Ҳак., Ҳд.) замини сахти серсанг

сънд (Бдх.) ҳаромзода, тифли ғайриникоҳӣ

съндък (Ан., Ёл, Пор., Сх., Сч., Сғ., Хҷ.) кӯдак, тифл; (т. – вах.) як навъи зардолу

съндъл (Ан., Ёл, Пор., Сғ.) як навъи матои ҳарир

съндър (Ан., Ёл, Пор., Роғ, Сғ.) ятим

сънил (Ҷк.) *бот.* як навъи растанӣ

сънов (Гх., Ёз., Лан., Сдт.) паҳноб; (Гх.) *маҷ.* ғори бетаг; (Лахш) шиноварӣ

сънҳор // сунҳор // сънор (Вқ., Қ., Шк., Бдх.) **синор // сънор (**Ғор., т. – вах.) // **шунҳор (**Кб., Кп.) келин, арӯс, завҷаи фарзанд нисбат ба тамоми хешу табори домод

сърай (Шк.) *бот.* як навъ буттаи гулаш арғувонӣ, ки баргаш ба печак монанд аст; (Қ.) фарзанднок, соҳиби фарзанд

сри´ (Ан., Ёл, Пор., Сғ.) мардикор

сри´ (Дҷ., Хҷ.) девонаавзоъ

съридан (Б., Дб.) партофтан; (Б.) *маҷ.* бадар кардан

сътрахбуй (т. – ишк.) моддаи хушбӯй, ки мавриди мароси тамиз иҷро карда мешавад.

страхс. (Ғор., т. – вах.) ордоба (атола) -и маросимӣ аз ширу орду равған

страхс. (т. – вах., Шд.) *бот.* зира, кавриё

съх (Бдх.) бахт, толеъ

съҷинг (Вқ., Қ., Ҷк.) шошанда;

Т

табаге (Ғор.) хӯрданиест, ки аз орду ширавор (нуқлу наво) тайёр кунанд.

табина (Мт., Ёх., Дб.) // **тавина (**Яхч) *к. мод*. эҳтимол, шояд, мумкин; (Дб., Хов.) нохост, ногоҳ

табу (Об.) *зоол*. як навъи занбӯр

таврич (Ғор., т. – вах.) васса, навдаҳои борик, ки аз болои болор гузошта мешаванд.

тайтуп тамоман, ҳаргиз, асло

тайчаги´ (Пд., Пв.) фарзанди охирин дар оила, кенҷа

тактака // **тактъка (**Ғк., Қ., Шк.) чӯби ба тарзи корд тарошидашуда, ки ба дӯл насб карда шудааст ва он мавриди даврзании болосанги осиё ба вай бармехӯрад ва донкосаи зери дӯли осиёро ба ҳаракат медарораду ғалла (гандум) ба сӯрохии санг мерезад.

такфин (Вқ., Қ.) кафан

такмол (Вқ.) номи як навъи чити заминаш сурху гулҳояш рангоранг

таққир (Қӯрғ.) тундмазза; **таққира (**Киёв., Сина) *бот.*талха

тал (Мт., Яр.) ботлоқе, ки аз рӯйи он гузаштан имконнопазир аст; (Қал., Дҷ., Пор., Сч., Хҷ.) тал, теппа; (Қ., Шк., Ғк., Бдх.) ғарам, ҳар чизи бо тартиб (низом) болои ҳам гузошташуда; (Ҷк.) заврақ **тали´** (Қ.) бӯхча; (Вқ.) халтачаи чармини носгирӣ, носхалта

талича (Сам., Сдт., Хов., Пд., Мт., Бдх.) бӯғча

таличабан (Қ.) бӯхчабанд.

таллапеч (Қӯрғ.) буғчаи либосҳо

талол (Кҳ.) беҳол, беҳуш

талон (Даҳ., Дор.), **тайлон (**Мк., Лб., Дд.) навъи аспи хокистарранг, ки холҳои сафед дорад.

талоп (Тқ.) бӯса

талопидан // **тълопидан (**Тқ.) бӯсидан

тама (Бдх.) хӯрок, ғизо, таом; (Ғор., т. – вах.) тамаъ

тапча (Хм., Шм., Шу.) *тиб*. доначаҳои сурх, ки дар бадан мебарояд

тара (Пв., Хм., Хов.) *бот*. як навъи сабзавот, ки истеъмол мекунанд.

тарғел // тарғил (Вқ., Шк.) мӯйи марғӯланоки ҷингила; (Ҷк.) тануманд, чорпаҳлу, фарбеҳ

тареле (Қал.) ноқисулақл, девона

тарк (Вқ., Ғк., Шк., Қ.) тарк, фона; (Дб., Чб.) ҷойи барҷаста, қирра; (Пв., Сур., Хм., Шм.) *анат*. косахонаи сар; (Қ.) раг; (Қӯрғ.) бар сари дардманд дору тайёр кунанд, ки тарк ном дорад.

тарка (Қӯрғ., Сина) пӯчоқи чормағз; чор тақсим кардани себ

тарсвара (Вқ., Қ.) *тиб*. масруъ, касалии руҳӣ, ки аз ғалаёни хун сар мезанад ва ҳангоми авҷ гирифтани он кас аз ҳуш рафта аз даҳонаш кафк (луоб) бармеояд.

тарфов (Қ., Шк.) навъи таом, ки аз дӯғоб, равғани маска ва ях тайёр мекунанд; (Дм., Лш., Яр.) *зоол*. як навъи парандаи ало аз ҷинси сӯфитурғай

таф (Вқ., Қ., Кҳ., Шк., Ҷк.) *анат*. бол, қанот; (Вқ., Бдх.) тасф, ҳарорат; (Кҳ.) гиребон; (Шк.) паллаи тарозу; (Лахш) помонаки бел, ки аз чӯб сохта шудааст; (Қӯрғ., Дарб.) бӯйи нохуш

тафа (Вқ.) қулоч; навъи муолиҷаи беморӣ

тафи´ (Вқ., Ҷк.) кӯрпачаи махсус дӯхташуда, ки барои нигоҳ доштани гармӣ бо вай болои оташдони танӯрро мепӯшанд; (Нав., Ҳал., Ял.) кӯрпаи калоне, ки ба болои сандалӣ мепартоянд; (Кан.) латта ё матое, ки ҳангоми буғ кардани димоғ ё сиҳат ёфтан аз касалии зуком ба сар мепӯшанд.

тафик: **йаг тафик (**Ёз.) як лаҳза

тафт (Лахш, Мт., Дб.) ҳарорат, гармӣ, тафт

таҳпала (Ял., Яр., Ҳиҷ.) пушта, суфакӯҳ

таҳпали´ (Бч.) қисми поёнии саҳни хона, пойгоҳ

таҳпойи´ (Ёз., Лан.) палос, кӯрпача

таҳпоқи´ (Дм., Нӯш., Хов., Ҳиҷ., Яр.) харак, он чӣ, ки барои андова ва таъмири девор истифода мебаранд.

таҳпочаги´ (Вд., Нд., Нз.) бехҷаст, навдаҳои наврӯйидаи бехи дарахт

таҳпуш // тапуш (Мт., Пд.) либоси таг

таҳшир // ташир1 (Ан., Ёл, Пор.) равғани таҳшиншудаи ҷувоз; равғани софкорӣ кардашудаи (навъи аъло) ҷувоз

таҳширсол (Ст., Тқ.), **таhширсол (**Чил.) қаҳтӣ, гуруснагӣ

таҷа (Хов.) тарит; фалла (нони дар шир, ширчой, таомҳои шуррут реза кардашуда, ки ниҳоят нарм шуда бошад).

тебса (Вқ.) таҳдид, дӯғу пӯписа, сиёсат

тезором (Дар.Н.) мисрон

тери´ (Хуф-р) чалпак

теф-теф (Шк.) пора-пора, қалам- қалам

тефък (Вқ.) *анат*. соид, банди даст ва китф (дар якҷоягӣ)

тиз (Мт.) шоша, балв: *маҷ*. рақс

тилли´ (Нил., Хуф-р) *бот.* дарахти кӯҳии хорнок, ки шабеҳи бодом аст.

тилт // тълт (Вқ., Қ., Шк.) 1. парешон, пахмоқ; (Бдх.) дарида, пора-порашуда; латтакуҳна

тингони´ // тингуни´ (Мт., Пв., Ҳиҷ., Яр.) мутакаббир, мағрур

тинка (Сб., Ск.) пораҳои филизие, ки барои зебу зинат ба танаи зин кӯфта мешавад.

типча (Оқб.) навъи асбоби шикори бедона

тирак (Сина) ҷӯяк, хатак

тоба // това (Лан., Лахш, Хов., Шм.) пал, ҷӯяк; қитъаи замин; (Бдх.) маросими оғози ҷашни арӯсӣ, ки дар хонаи домод барпо мешавад.

тол (Дарб.) *тиб*. як навъ касалии ҳайвоноти хонагӣ.

толон (Дар.Н.) ревоҷ, чукрӣ

толфох (Ҷк.) тифли солими фарбеҳ, кӯдаки тануманд

томъси´ (Бдх.) замини дам додашуда

ториматор (Кд., Нр.) матои торҳояш саросар аз абрешим

торматор (Сх., Хов.) пушта, паси пушта

тосак (Лахш) *тиб*. гулӯзиндонак, хунноқ (бемории гузаранда) (Даҳ., Зир., Лаґ., Мум.) як навъи зуруфот

тотала (Хуф-р) *бот.* гиёҳи ревоҷмонанд

тотаринг (Қӯрғ.) лоғар, хароб

тофч (т. – вах., т. – ишк.) доғ, доғи нағзак; асари захм (ҷароҳат)

туз (Вқ.) қавл, паймон

тумса (Сина) фарзанди аввал

турмуч (Кд., Нр.) бараҳна, луч

турч (Вқ.) *бот*. саморӯғ (як навъи занбӯруғ)

туф (Қҳ.) воситаи ороиши кокулони (гесӯвони) духтарони болиғ ва наварӯсон, ки аз риштаи сиёҳ бофта шуда ба он тугмаҳои садафӣ, тангаҳои нуқрагӣ, гардихазина, силсила ва ғайра мечаспонанд, гесӯбанд.

туршак (Қӯрғ.) зардолуи хушккардашуда

тӯпи´ (Дарб.) нони маҳаллӣ

тӯрт (Қӯрғ.) сӯхтаи қаймоқ

тълох (Вқ., Қ.) *анат*. испурч, сипурз, супурз

тълох // талох (Вқ., Қ., Шк.) *бот*. як навъи буттаи кӯҳии бемева, ки баргаш ба офтобпараст монанд аст.

тъмухч (Сам., Тег., Шв.) дим, шамолнорас

търб (Вқ., Қ.) номи ҷузъи осиё, ки дар нӯги меҳвар меистад.

търбак (Вқ., Қ., Шк.) ошиқ-маъшуқ, часпак (дарҳои пешина)

тургич (Ҷк.) шахсе, ки дандонҳои пешаш аз даҳон баромада бошад.

турғ (Бдх.) паногоҳи кӯҳӣ

търмуч // търмъч (Шк.) зич, ҷафс; маҳкам

търанҷидан (Бдх.) таранг кардан, сахт кашида бастан (банд, арғамчин ва ғ.); (Ҳо., Мт., Пв.) истинтоқ намудан.

У

угам (Ҳиҷ., Нӯш., Гх.) баъд, сипас; (Лахш) вақт,замон, лаҳза; (Лахш, Қлб.) *к. мод*, магар

угун (Ҷк.) кӯчат, парварда, ниҳоли сабзавот (мисли помидор, райҳон, қаланфур, бодинҷон ва м. инҳо).

угур // угър (Вқ., К., Шк.) // **ъгър** (Ҷк.) алоқаи ҷинсии ҳайвонот, ҷуфтӣ (муҷомаат)

угун (Ҷк.) // **огон** (Бдх.) қаламча, парвардаи карам, бодинҷон, бодиринг ва ғ.

улор, ҳулор (Қӯрғ, Дарб., Вқ.) *зоол.* кабки дарӣ, кабки калонҷуссае, ки дар кӯҳу дараҳои душворгузар маскан дорад.

улус // улъс (Б., Ёх., Хов., Шх.) насл, авлод, қавм; қабила, тоифа

ундо // унду (Ғор.) хасис, мумсик, чашмгурусна

ундук // wундук (т. – вах., т. – ишк.) *зоол.* суғур

урсук (Ғор.) *бот.* арчаи калонҳаҷми сарсабз

уткал (Хов.) *нум.* дафъа, маротиба, карат

учпо (Ҷк.) бемори ба тозагӣ шифоёфта

уҷума (Сина) бемории кӯррӯда; майдони кишти ҳосилаш ҷамъшуда

ушра (Дар.Н.) киштзор

ъмби´ (Бдх.) сангтӯда

Ф

фадул (Ан., Ёл, Пор. Сғ.) // **фатул** (Ғк.) фарбеҳ; ландаҳур; фаҳӯл; танбал, коргурез

фай (Вқ.) хоҳиш, орзу; табъ; шавқ, майл

фақер // фақир (Вқ., Қ.) фақир, сатил

фаланг (Шгд.) ҳунарманд; чолок, чаққон

фалғор (Вқ.) ҳавои нарму беборишу аммо моил ба боридан

фара (Хов.) қувва, мадор, дармон

фараймон // фараймун // фъраймон // фъраймун (Вқ., Қ., Шк.) // **фураймон (**Ғк., Кҳ.) фаровон, афзун; саршор, сероб

фарғон (Вқ.) фарғуч, навдаи токро аз тана набурида барои реша гирифтан ба замин гӯр мекунанд, то реша гирад ва соли минбаъд вайро шинонанд.

фатела // фатила1. (Ёх., Хов., Сх.) форифбол, бепарво; даҳаняла; фаҳул (дар либоспӯшӣ); (Ҷк.) жӯлидамӯй, гесуи парешон

фатфала (Сх., Ёх., Хов., Ток.) безурриёт; (Хов., Нр., Хх.) *маҷ.* гарангсимо; содалавҳ

фахма (Дҷ., Вд., Шв., Шм., Ҳак.) боодоб, гапгир

фаҳ (Сина) содалавҳ

фаҳмарак (Вқ.) мағор, пӯпанак

фирра (Дар.Н.) арчаи хушкида

фирса (Мк., Дд., Лб., Сс.) ларза, табларза, раъша

фисинак (Сина) *зоол.* тӯқумшулук

фисмуқ (Сина) мулоимхунук

фис-фисак (Сина) дамдузд, хапак

фихин (Кч.) *тиб.* як навъ касалии димоғ (бинӣ); назла; 2. *маҷ.* лоғар; бекора

фожа (Бдх.) хамёза, хамёзакашӣ

фурҷин (Дд., Лб.) сӯзанӣ, кашида, ҷойпӯш (барои девор ё болои тахти кӯрпаҳо)

фурша (Бдх.) *к.тақл.* шақар-шақар, гумбуррос (садо рехтани санг аз баландӣ)

фух (Тд.) суст, бемадор

фуч (Ёз., Гх., Лан.) ниҳол, навбех; бехҷаст; қаламча

фъз (Ёх., Хов.) хам шуда нӯшидани об (аз ҷӯй, дарё, чашма ва ғ.); (Мум., Хов.) ҳуҷум кардан, дарафтодан

фълам // фъламб 1. (Ҷк., Шк.) нарм, мулоим; (Шк.) *маҷ.* ҳалим, фурӯтан

фълх (Вк., Қ., Ҷк., Шк.) нарм, мулоим; (Шк.) он чӣ, ки пухта гузаштааст; (Сам., Шв., Ҳак., Ҳд.) *маҷ.* афгор, ҷароҳатнок; (Дҷ., Хҷ.) *маҷ.*суст, камқувват; (Сч., Уч., Хҷ.) куҳна

фъчидан // фучидан макидан; ҷаббидан

фъшк (Вқ., Қ., Ҷк., Бдх.) // **фъшък** (Шк.) пучуқ; бинипачақ

Х

хав (Вқ., Қ., Бдх.) ғарам, шолаи алаф, хасбеда ва ғ.

хавча // хафча (Вқ., Қ.) ғарами хурди алаф, дарзаҳои ғалла, ҳезум)

хадра (Шк.) навда, худрӯй

халба (Ёх.) *тиб.* як навъи беморӣ

халов (Бдх.) шуррут, суюқ, обакӣ

хамуч (Ғор., т. – вах.) ахгари оташ, хокистари сӯзон

хармахараки (Сина) *бот.*як навъи амрӯди сиёҳи кӯҳӣ

хасич (Ромит) гарди атрофи санги осиё ва дӯлу деворахои он

хафлал (К., Вқ.) саргини хушкидаи гову гӯсола, ки дар чарогоҳ воқеъ мегардад.

хафхър (Мс., Хум.) *зоол.*як навъи парандаи кабудчатоб баробари кабӯтар

хахък (т. – ишк.) *бот.* навъи хорест дар баландкӯҳҳо рӯяд

хелида (Вқ.) дӯст, ҳамроз

хелидан (Хов.) омехтан, махлут кардан; (Дор., Кан.) сохтан, тайёр кардан; (Вқ., Қ.) зер (помол) кардан; (Вқ., Ғк., Кҳ.) қитиқ кардан

хийак (Ғк., Кҳ., Шк.) пора-пора

хилбич (Кҳ.) дардманд

хилдак (Дб.) // **хилдик** // **хилдиқ (**Кд., Нр., Дор., Хов.) // **хълдък (**Дм., Нӯш., Фат., Яр.) чирки чашм

хилм // хълм (Вқ., Ғк., Кҳ., Ҷк.,Шк., Бдх.) хилм, хилми бинӣ; (Қӯрғ.) хуни аз шикам ҷоришаванда

хинг (Пд., Қ., Хум.) хокистарранг, ранги хокистарӣ; (Қ.) хиратоб; лойолуд; (Кҳ.) як навъи аспи хокистарии паст (нуқрафом); (Дб., Кан.) як навъ асбоби маскаҷудокунӣ; (Қ.) машкест, ки дарунашро пури бод карда аз дарёҳои калон мегузаштанд, гупсар; (Лахш) безеб, зиштрӯ

хинич (Сина) *бот.*растании хушбӯй аз ҷинси шибит

хирвич // хървич (Вқ., Қ., Шк.) // **хълбич (**Қх.) ахлоти бо хок ё шоша омехтаи ҳайвонот, ки мисли лой аст; (Ог.) *маҷ.* афгор (маҷруҳ) будан

хит (Вқ., Шк., Қ.) такшини намакоб, об; тираоб; оби лойолуд, лойқа; (Лахш) суфта; суда

ховач (Лахш) жӯлида, пахмоқ; парешон

хонч (Нил.) хандақчаи дарозрӯя; эҳтимол, гӯё ки

хулул (Кҳ., Шк.) // **ҳулӯл** (Қӯрғ.) *бот.* хуч, насрин, настаран

хугак (Вд., Нд., Нз.) чӯбчаи нӯктез, ки барои намакидани модараш дар фуки гӯсола мебанданд; (Вд., Нд., Нз.) номи ҷузъи амоч (сипор)

хума (Сина) *бот.*буттаи хушбӯйи кӯҳӣ

хурусони´ (Нил.) *тиб.* гулӯзиндонак

хуч (Вқ., Қ., Шк., Ғк.) *бот.* настаран, насрин; зиришк

хӯри (Қӯрғ.) ҳақорат, дашном

хъдъмч (Ғор.) *бот.* латтахор

хънич (Лахш) бунафш, нофармон

хърбич (Шк.) пачаҚ

Ҳ

ҳабата // ҳабата (Шк.) // **абота (**Бдх.) чиркин; бадахлоқ; (Ғк., Қ., Вк., Шк.) безеб, зиштрӯй; (Қ.) нообод, хароба

ҳаваса (Вқ., Ғк., Шк., Ҷк.) // **аваса (**Хғ., Дл., Шӯр.) фарабера, фарзанди абера

ҳавойиҷ (Вқ., Қ) эҳтиёҷ, зарурат; эҳтиёҷманд

ҳадир (Шм.) атола; ордоба

ҳайот (Вқ., Қӯрғ.) боғча

ҳакари (Қӯрғ.) худхоҳ, худсито

ҳалил (Шк.) ҳарир, нафис (оид ба матоъ)

ҳалилов // ҳайлов // ҳайлоw (Ғк., Кҳ.) // **ҳалидоб** (Бойс., Қӯрғ.) ҳарироба, навъи таоме, ки аз гарди орд, кӯфтаи сабзавот, андаке равған ва ҷурғот (чакка) барои бемор тайёр кунанд.

ҳалҳала:**ҳалҳала кардан (**Қ.) шӯрондан, иғво андохтан

ҳамғул // ҳамғъл // амғул // амғъл (Шқ., Қлб., Хғ.) ҳамсол, ҳамсин

ҳамел // ҳамил (Ғк., Кҳ., Шк.) // **hамел // hъмел** (Вқ., Қ.) **// ҳимел** (Дарб., Бойс., Қӯрғ.) // **амел (**Бдх.) шаддаи ҳар чиз, ки дар як ришта қатор гузаронида шудааст; (Вқ.) *маҷ.* маъюб, дардманд

ҳамхър (Ҳиҷ., Яр.) бахил, ҳасуд, нотавонбин

ҳанг // **hанг // анг (**Ҷк., Бойс., Қӯрғ., Дарб.) қувват; (Шк., Қ.) // **анг (**Бдх.) ҳангос, бонг; наъра

ҳандалабӯ (Б., Дб., Мум.) *бот.* гиёҳе аст, ки дар замини харбуза, тарбуз, бодиринг ва каду барояд ва ҳосилро хароб мекунад.

ҳапалак (Гх., Лан., Ёз., Дк.) муфтхӯр, коргурез

ҳарра: *шудан; кардан (*Қӯрғ, Киёв.) ғелидан, афтидан

ҳарина (Хов., Қӯрғ.) крав, гарданшах, саркаш; (Кҳ.) худнамо, мағрур, калонгир

ҳасаб (Кд., Нр.) *тиб.* бемории сирояткунандаи ҳайвонот

ҳаспа (Кҳ.) *тиб*. домана, ҳасба; *тиб*. навъи бемории пӯст, ки мисли сурхча (сурхакон) медамад.

ҳатала (Вқ., Қ.) абтар, вайрону валангор

ҳатул (Қ.) марди тануманди коҳил

ҳева (Каҳ., Дм., Вд., Нд., Нз.) *ҳис*. хоҳиш; майл, орзу, ҳавас

ҳевар, **евар (**Ҷк., Бдх) // **ҳеварзан** (Қӯрғ.) додаршӯй, бародаршӯй

ҳел // ел (Ҷк., Қ., Бдх.) ҳел, оғил майдони хурд, ки атрофи вайро бо шоху навдаҳо иҳота намуда, фасли тобистон ҳайвоноти майда (гӯсфанд, бара ва бузу бузғола) нигоҳ медоранд; (Б., Сх.) хоначаи зимистонгузаронии ҳайвоноти майда (хурд)

ҳет-ҳет (Кҳ.) калавида-калавида; саланг-саланг (беҳуда-беҳуда, бекор- бекор) гаштан

ҳеча (Ғк., Кҳ., Қ., Шк.), **эча (**Бдх., Вқ., Ҷк.) лона, ошён.

ҳечък (Қ., Шк.) мурғхона, катак

ҳин // hин ҳин, вақт, лаҳза, асно

ҳой (Вқ., Қ.) // **ҳуй (**Шк.) алвонҷ, арғунчак; (Вқ., Қ.) ҳаво додан, партофтан; (Дҷ., Хҷ., Кпн.) фарсанг, фарсах (масофаест, ки тахминан ба 8-9 км баробар бошад).

ҳора (Нав., Ял.) сарзаниш

ҳорум (Сина) танбал, муфтхӯр

ҳота // hота ҳаёт, ҳаёта, қитъаи обчакории назди ҳавлӣ, боғча

ҳува (Дар.Н.) санбӯсаи испаноқӣ

ҳулул (Кҳ.) // **ҳулӯл** (Қӯрғ.) *бот*. хуч, настаран, насрин

ҳуч // ҳъч // уч боло; *ҳуч кардан* боло бардоштан

ҳучпо (Вқ., Қ.) холӣ, бекор, форӣ

ҳуч-ҳуч (Б., Сх., Яхч) бекор, беҳуда

ҳъмбидан (Даҳ., Зир., Лаг.) // **ҳумидан (**Кҳ.) ғун (ҷамъ, тӯб) шудан

ҳъмби´ (Бдх.) пурсанг, санглох; ғарами сангҳо

ҳъмбози´ (Ним.) як навъи бозии бачагон

Ч

чабарғ // чаварғ (Вқ., Қ.) *бот.* як навъ олучаи кӯҳӣ

чабйуғ (Вқ.) барзагове, ки вақти шудгор саркашӣ кунад, саркаш

чаблик (Ҷк.) ченаки (андозаи) шир, ки баробари як ангушти ишоратӣ бошад, воҳиди андозаи маводи обӣ (шуррут)

чаблули´ (Мум., Сх., Хов.) *бот.* як навъи растанӣ

чавал (Вд., Нд., Хов.), **чавел (**Ёз.) каҷпо, ки мурғобивор роҳ гардад

чавк (Дар.Н.) гулхан

чавки´ // чавку, **чафқу (**Қӯрғ., Дарб., Ст., Тқ.) чавкӣ, базме, ки бо афрохтани гулхан (шаб) барпо мегардад.

чавра (Ёз., Кб., Кп.), **чабра** (Хов., Шӯр.) чиғ, чапарак, найҳои бо канаб бофташуда, ки тавассути ин атрофи ҳавлӣ, замини зироат ва нишастгоҳро иҳота ё панаҳ мекунанд; девори найӣ, шохдевор; (Вқ., Қ.) навъи чигина, ки атрофаш бо чапар, чиғ иҳота шуда, барои кашонидани коҳ истифода мешавад.

чавроғ (Қал.) *бот.* як навъи буттаи кӯҳӣ

чавуш (Ғор.) нимдеворе, ки остонаи хонаро аз ҳуҷраи хобу нишаст ҷудо мекунад.

чага (Шд.) навзод, тифл

чагак (Қлб.) бузғолаи тирамоҳ зоидашуда

чагалдак (Ғк., Кҳ., Шк.) **чъғалдак (**Вқ.) **чекалдак (**Қ.) хамири майда-майда, лӯнда-лӯнда буридашудаи бо резаи пиёзу кашнич, қаланфуру райҳон ва ғ. омехта, ки дар равған мепазанд.

чаган (Вқ., Ғк., Шк.) чоҳ

чагана (Шк.) бегона, ношинос; (Шк., Қ.) шахсӣ, хусусӣ, ғайриҷамъиятӣ

чагона (Сина) рамаи хусусӣ

чагърди´ // чаҳгърди´ (Бдх.) маҳоки самти (паҳлуи) рости танӯр (оташдон), ки мавриди зарурат дар он оташ афрӯхта чой (об) ҷӯшонанд.

чаґат (Қ.) чакалакзор, буттазор, он ҷо, ки дарахту буттаҳо анбуҳ (зич) бошад.

чаґерък (Ҷк.) // **чъґерък (**Роґ) бача, кӯдак, тифл (то 5-сола)

чаґора (Вқ., Қ.) // **чъґор (**Шк.) *бот.* навъи занбурӯґ; (Вқ., Қ.) // **чъґора** (Шк.) чоҳе (чуқурӣ ё хандақе), ки дар зимистон ґалла ва ґайра нигоҳ медоранд.

чаґоф (Вқ., Қ.) роґ; (Вқ.) сӯрохӣ

чадък (Сам., Шв.) зиштрӯй, бадафт, безеб

чайлак (Вд., Нд., Нз.) пӯстлоҳи танаи дарахт

чайлидан (Ог.) // **чаймидан (**Кҳ.) суҳбат (чақ-чақ) кардан

чайма (Дҷ., Сч., Хҷ.) *тиб.* исҳол, касалии дарунавӣ; (Ҳал., Ял.) *тиб.* касалии асп, ки пас аз араққунӣ гирифтори он мешавад.

чак (Дм., Нӯш., Яр.) пай, нишона; доґи сафед; *анат.* пешонӣ, ҷабин; (Лахш) ҳисса, бахш, ҳақ; (Ҷк.) *анат.* кафи дасту по

чакал // **чакал (**Вқ., Қ.) замини корами наздиҳавлигӣ; (Сдт.) *маҷ.* хароб,лоґар; газгӯшт

чакала (Лахш) хушк; камнам, намнарида

чакан (Шк.) гулдӯзӣ, сӯзанидӯзӣ кардашуда (доир ба пероҳан, тоқӣ, пойҷома ва ґайра).

чакана (Яр., Ҳиҷ.) майда, хурд; (Ним., Ял.) қарта, китъаҳои хурд-хурди замини корам

чақир (Сина) кабудчашм

чала (Вқ., Қ.) чала, нотамом; ангуштарин; (Дор., Хов., Шх.) ҳалқаи тасмаи лаҷом

чалак (Вқ., Қ., Қӯрґ.) // **челак (**Ґк., Шк.) зарфи чӯбӣ, барои хобондани ҷурґот (мост) ва кашидани дӯґ; (Вқ., Бдх.) сатил; (Ҷк., Шк.,

Кҳ.) // **чальк** (Қ., Шк.) асбоби пашмресӣ; (Вд., Нд., Нз.) мухлис; (Вқ.) оташдони сандалӣ

чалаласт (Қ.) *к.тасв*. баос, маос

чалма (Дҷ., Сч., Хҷ.) чирк, қарқи бадан; (Қ., Шк.) муҳосира, иҳота; (Вқ., Қ) матое, ки чӯпонон ба шакли салла ба сар мепечонанд; (Қӯрғ.) саргини бузу гӯфандон

чалочипа (Оқб.) барфу борони шамоломехта, бӯрон; тундбод

чалфас (Ғк., Кҳ., Ҷк., Шк., Бдх.) ифлос, чиркин; *маҷ*. танбал, нокор, суст; беҳунар; *маҷ*. бетамиз, беодоб; (Вд., Нд., Каҳ.); лоғар, хароб

чапан (Гх., Кд., Нр., Хов.) беодоб; бешарму ҳаё

чапар шохмола, олоте, ки дар кӯфтани ғалладона истифода мешавад (мавриди галаговкунӣ); (Ан., Ёл, Пор., Сч., Сғ., Хов., Яр.) олоте, ки дар ҳамвор намудани замини шудгоршуда истифода мебаранд; (Қ.) хавозае, ки дар болои он кирмак нигоҳ медоранд; (Вқ.) лижаи (ба тарзи чаплӣ) аз навдаҳо бофта, ки фасли зимистон таги пойафзол насб (устувор) кунанд ва дар кӯҳистон истифода баранд; (Қӯрғ.) хасу хор гирифтани гирдогирди замини корам.

чапарок (Бдх.) асбоби мудаввари паҳн барои ниҳодани нон, ки аз қамиш ва химча бофта мешавад.

чарғоба (Қӯрғ.) обсабз

чарда (Бдх.) *зоол.* мурғи ҳилол, як навъ парандаи кӯҳӣ аз ҷинси кабк.

чарчин (Пб., Пп., Хм., Шм.) шӯх, беқарор

чафтал (Вқ., Шк.) // **шафтал (**Қ.) танбал, коргурез; ноуҳдабаро, фориғбол; хасис

чахдон (Бдх.) сабади доирашакл

чахир (Кҳ.) *бот.*як навъи растанӣ

чахмоқак // чашмоқак (Қӯрғ.,Нил.) раъду барқ

чахс. (Дм., Нӯш.) масолеҳ; мавод

чахс // чаҳс (Бдх.) ширполо (барои полудани шир), асбобест, ки барои софкорӣ кардани шир истифода мебаранд.

чаҳул (Бдх.) чуқур, амиқ

чахт (Вқ., Қ., Шк.) каҷ, қат; (Вқ., Шк., Қ., Ҷк.) кашак, чангаки нӯги арғамчин (ё чӯби каҷи нӯги арғамичин) ё девору сутун, ки ягон чиз меовезанд; (Мум., Сх., Хов.) хам, хамида; (Кҳ.) ҳалқаи чӯбии нӯги арғамчин (барои васл намудани нӯги дигари он)

чахтак (Вқ., Қ.) **чахтък (**Бдх., Оқ.) кашакест, ки бар ду сари вай ду сатилро овехта об кашанд.

чахтакпай // чахтапай 1.дом барои гирифтор кардани ҳайвонҳои ваҳшӣ; (Вқ., Қ.) мушдорак, мушгирак

чач (Вқ., Қ., Шк.) олати аз навдаҳои дарахт ба таври чапарак сохташуда (барои шикори моҳӣ); (Шк.) сабади махсус барои доштани моҳӣ

чача (Дш.) кӯтоҳ, калта; (Вқ., Шк.) дасту панҷаи тифл

чеп (Ғор., т. – вах.) дидбонгоҳ, қаравулхонаи низомӣ; (Қӯрғ.) гирдогирди замини корамро чун хандақ кофтан

четан (Қлб., Ҳиҷ., Яр.) парзадарӯй; чӯтур, доғи нағзакдор

чигина // чъгина чигина, чана (барои кашондани алафу дарзаҳои ғалла); (Ғк., Шк.) чорчӯбаи махсуси ҷувоз, ки санг ва кундаи вазнинро дар рӯйи вай мегузоранд, то ки вазнинӣ ба тир (меҳвар) афтида, заҳиру чигит майда шавад.

чиғил (Шк.) // **чъғел (**Ғор., т. – ишк.) // **чиғел** (Сина) як навъ ғалбери сӯрохкалон; (Ст.) сангмайда, сангреза

чиғилма (Ҳал., Ял.) паҳну парешон

чим (Ҷк., Қӯрғ.) // **чем (**Қ.) чим, чимтол, буридаҳои замини аҷириқдор, ки барои бастани оби ҷӯй истифода мебаранд.

чипак (Ёх., Рӯ.) газгӯшт, камгӯшт, қоқина, лоғарандом; нозук (оид ба одам); (Дм., Лш., Нӯш., Яр.) *зоол.* як навъи парандаи хокистарранг аз

ҷинси боша, ки бештар гунҷишк шикор мекунад; (Дм., Лш., Яр.) тезпар, зудпар

чира (Сам., Луғ.) рӯймолча; **чира** (Қ.) андаке, каме

чирак (Дб., Чб.) оби кам, ҷилдиробае, ки аз тарнов ё ҷӯй ҷорӣ мешавад.

чириска: **чириска задан (**Хм., Шм., Шу., Яшм) // **чириски** (Қӯрғ.) чаракса (пош) хӯрдани зарраҳои об

чихч (К-рш) ҷиғилдони паранда

чича (Сина) хӯшаи ангур

чишмок (Ғор.) шаба, муҳра

човидан (Гх., Ёз., Лан., Тд.) шино (шиноварӣ, ғаввосӣ) кардан; (Лахш) пош хӯрдан, парешон шудан

чоқла // **чоқъла (**Ҷк., Шк.) // **чоқло (**Қ.) *бот.* як навъи растании туршомези қобили истеъмол, ки дар пушта, кӯҳдоман ва кӯҳҳо рӯяд.

чорғов гаваккашӣ (тарзи ҳаракат бо дастону пойҳо); (Қ.) пойҳоро васеътар гузошта истодан

чош // **чошт (**Вқ., Қ., Шк.) хирвор, ғарами ғаллаи кӯфташуда; ҳолати боддиҳии ғаллаи кӯфташуда; (Қал., Ҳал., Ял.) тӯдаи (хирвори)меваҷот; (Ғк., Қ., Ҷк., Шк., Бдх.) чошт, чоштгоҳ

чубур (Қ.) *зоол.*ҳайвоноти саворӣ (боркаш)

чуғ (Қ.) // **чӯғ** (Қӯрғ.) қӯр, ахгари оташ

чуғӯл (Сина) хабаркаш

чундук (Кд., Нр.) *зоол.* як навъи паранда аз ҷинси гунҷишк; (Кд., Нр.) // **чъндък (**Дҷ., Хҷ.) бадқаҳр, асабӣ

чуркак (Сина) лоғар

чурт (Сина) ҳаргиз

чънг. (Қ.) рост; қисми болоии чӯби нӯгтез; (Кд., Нр., Ош., Шил.) теғадор; (Вқ., Қ., Ғк., Шк.) зоғнӯли яксара ё дунӯлае, ки бо он санги осиёро мечинанд.

чънг (Ҷк.) *тиб*. бемории фалаҷ (шал)

Ҷ

ҷабағук (Ҷк.) шахси қадпасти фарбеҳ

ҷабал (Қ.) кӯҳ; кӯҳсор; хароба, харобазор, вайрона

ҷабал (Вқ.) фатиламӯй, ҷингиламӯй; пахмоқ; мӯйи пахмоқу парешон

ҷавчи´ (Сина) // **ҷовуччи´ (**Бойс., Қӯрғ.) хостгор

ҷағал (Қ.) душворбаро

ҷағала (Қ.) ноаён, номаълум

ҷағат (Шк.) қуллаи баландтарин ва касногузари кӯҳ; // **ҷағад (**Роғ) ҷангара

ҷағбут (Қӯрғ.) паҳну парешон

ҷакидан // **ҷақидан** ав-ав (ак-ак) кардан, аккос задан; *маҷ*. жакидан, лаққидан, пургӯй кардан

ҷалабак (Мал-д.) офтоба

ҷафидан фишурдан, фушурдан; зер ва пахш кардан; (Лахш, Мт., Сам.) *маҷ*. тазъиқ (фишор) овардан, истинтоқ кардан; танг кардан, ба дод овардан

ҷел беморие меваҷот, ки аз таъсири номусоидии обу ҳаво пайдо мешавад (масалан, ангур дар ток маҒор намуда пажмурда мешавад ё мепусад)

ҷенҷик (Шк.) *бот*. як навъи буттаи кӯҳӣ, ки баргаш дарозрӯя буда, гули зардчатоб дорад.

ҷиги´ (Вқ., Бойс., Дарб., Қӯрғ.) илтиҷо, зорӣ

ҷигор (Ҷк.) *бот*. як навъи занбурӯғ

ҷиҒел // **ҷъҒел**1 ҷанда, убада, латтакуҳна; либосҳои куҳна, чизҳои дарида (нодаркор), ҷулҳундӣ; (Ҳак., Ҳд.) палос; (Кҳ., Қ.) либос, сару тан; (Лахш) пашми чиркин, пашми дар зимистон сабзидаи гӯсфанду буз; (Ғм., Ёвон) жӯлида **ҷиҒел** // **ҷеҒел**бад, ганда; вайрон, расво

ҷидмар (Вд., Каҳ., Уш., Хум.) *зоол.* парандаест шикорӣ аз ҷинси боша (ё лочин)

ҷинқарча (Сина) *зоол.*паранда аз ҷинси гунҷишк

ҷинҷир (Ҳиҷ., Яр.) *маҷ.* чолок, абҷир, чаққон

ҷовидан (Шк.) хоидан, ҷовидан; дуру дароз хоидане чизе

ҷовла (Ск., Қк., Лахш, Мт.) як навъи аспи маҳаллӣ, ки ҷо-ҷо холи сиёҳ дорад.

ҷода (Даҳ., Зир., ЛаҒ.) роҳ; қадам; равшан; манзил; пайравӣ; (Шк.) аҷдод, қавм; ҳамҷинс

ҷона (Қӯрғ.) барзагов

ҷоҷи´ (Лб., Дд., Ҷав., Фар.) *бот.* ҳолмон, навъи растании хӯрданӣ, ки гулаш мисли гули лола аст

ҷулик (Шк., Ғк.), **ҷулък** (Вқ., Қ., Ҷк.) ҷумак; нӯли кӯза, чойник, самовор ва ғ.; *зоол.* сӯфитурғай

ҷуҷала (Вқ.) // **ҷуҷали´** (Шк.) даҒал; ноҳамвор, даҒар-буҒур

ҷуҷалма (Қ.) ожанг, чин; парзадарӯй, чӯтур, он кӣ рӯяш пайи чечак дорад.

ҷӯлак (Сина) *зоол.*сӯфитӯрғай

ҷӯлин (Бойс.) рагу пай

ҷурта (Сина, Қӯрғ.) бардурӯғ

ҷъзбанд (Дҷ., Мум.) *бот.* як навъи бутта

ҷързък (Ҷк.) *зоол.* як навъ ҳашароти хурд

ҷъртък (Ҷк., Шк.) маҳмадоно; сабукфикр; (Хов., Б.) ҳавобаланд, мутакаббир, худписанд; маҒрур

Ш

шаба (Қӯрғ.) шадда

шак (Шк.) // **шаг** (Қ.) шабнам

шалапа (Қ., Шк.) // **шълапа (**Вқ.) *к. тасв.* шалаппас, шалпас; *бот.* як навъи растании обӣ

шалеле (Мс., Хум.) борони бошиддат, борони сел (сахт)

шалидагиʹхӯрдашуда, судашуда; фарсудашуда (оид ба тахтапушти аспу хар); (Ғор., т. – вах.) захмдор, яғир

шалова (К-рш, Мал-д.) он ки байни дандонҳояш фосила бошад.

шанд (Қ.) // **шанг** (Шк.) замини партов; замине, ки барои кишт нобоб аст; (Оқ., Фат., Ян) *маҷ.* ҳазлкаш, зиндадил, шӯх; ноз, ишва

шапа, **шопа (**Ан., Ёл, Пор., Ҳов., Хон.) навда, химча; (Шуг., Мум., Зел.) савачӯб

шапак (Вқ.) *зоол.* як навъ парандаи болҳояш сиёҳрангу зери шикамаш сурхчатоб, ки дар сӯрохиҳои девор лона мегузорад.

шапаланг (Қӯрғ.) ноуҳдабаро

шапара (Дар.Н.) бодбарак

шаҷора (Бдх.) баҳс, муноқиша; пургӯй (ҳарзагӯй)

шаша (Дб., Сх., Хов., Ёх., Б.) *анат.* ангушти зиёдатии дасту пой; (Сх.) шахсе, ки пой ё дасташ шаш ангушт дорад.

шашвол (Дор., Хов., Дҷ., Шв.) ангушти зиёдатии дасту пой

шел (Мс., Обл., Хум.) оҳаки бадсифат

шелидан (Ан., Ёл, Пор.) ҳарисона (саросемавор) хӯрдан, бо иштиҳои тамом хӯрдан

шем (Ток.) *зоол.* навъи такка

шибал (Нав., Ҳал.) хоки бо об омехташуда (ошурдашуда)

шилмуш (Вқ.) парандаест монанди булбул

шилч (Ғор., т. – вах.) ғуррии суми бузу гӯсфанд, бехҷасти зиёдатӣ дар суми бузу гӯсфанд

ширбат (Бдх., Вқ., Қ., Шк.) таомест, ки аз шир ва орди дар равғани зард тафт додашуда тайёр кунанд

ширгин (Қӯрғ.) меҳрубон

ширинка (Б.) *бот.* як навъ растанӣ, ки шираи гулу бехмевааш ширин бошад.

шишки´ (Шк.) // **шъшки´ (**Вқ., Қ) // **шушки (**Қӯрғ.) юндӣ, обе, ки пас аз шустушӯи дегу табақ ҳосил мешавад.

шопаланг (Дб., Чб., Хҷ.) *маҷ.* чорпаҳлу, китфвасеъ; паҳлавонҷусса

шуг (Қал., Ял., Ҷф.) сангреза; рег

шуг (Қал., Ял.) *зоол.* як навъи кирм

шулаш (Дҷ., Хов., Б.) *бот.* арғувон, як навъ дарахте, ки гулаш сурхи баланд (арғувонӣ, қирмизӣ) аст

шулаш (Ҷк.) каппа, хоначаи аз шоху бутта сохташуда

шулаши´ (Ток., Хов.) химчаи буттаи шулаш

шунг (Бдх.) 1. *зоол.* гӯшмоҳӣ, садаф; дастшӯяк

шӯтанӯл (К-рш, Сина) шаттоҳ, ҷанҷолӣ

ИХТИСОРАҲОИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАВӢ ВА ДИАЛЕКТОЛОГӢ

Истилоҳот

анат. – анатомӣ

арх. – архаистӣ

ас.зам. гузашта – асоси замони гузашта

ас. зам. ҳозира – асоси замони ҳозира

бот. – ботаникӣ

зоол. – зоологӣ

к. тасв. – калимаи тасвирӣ

маҷ. – маҷозан

ниг. – нигаред

р. – русӣ

таър. – таърихӣ

тиб. – тиббӣ

турк. – туркӣ

ӯзб. – ӯзбекӣ

Номҳои маҳалҳои интишори лаҳҷаҳои ҷанубӣ

а) гурӯҳи вахиёй-раштӣ

Вқ. – вахиёй-қаротегинӣ (раштӣ)
Ас. – Аскалон
Бул. – Булқос
Гх. – Гурдхам
Дк. – Деҳи Калон
Дм. – ДараиМазор
Дш. – ДаҳаниШол
Ёз. – Ёзғанд
Зн. – Зарангак
Кап. – Капалӣ
Кб. – Кулумбаи Боло
Кз. – Кичикзӣ
Кк. – КӯлиКалон
Кп. – Кулумбаи Поён
Куг. – Куглик
Кӯл – Кӯл
Қк. – Қаракенҷа
Қӯш. – Қӯшағба
Лан. – Лангар
Лахш – Лахш
Лш. – ЛангариШоҳ
Мт. –Майдонтерак
Нӯш. – Нӯшор
Ор. – Ортод
Оқ. – Оқсой
Паш. – Пашор
Пд. – Пилдон
Сдт. – Саридашт
Сб. – Сарибулоқ
Ск. – Саракенҷа
Суг. – Сугат
Тд. – Тавилдара
Ту. – Туто
Фат. – Фатҳобод
Хт. – Хӯҷаи Тоф
Хиҷ. – Хиҷборак
Ҳо. – Ҳоит
Чд. – Чилдара
Чч.– Чилучорчашма
Шил. – Шилбич
Шор. – Шорак
Шул – Шул
Яр. – Ярхаб
Ях. – Яхакюст

б) гурӯҳи раштӣ

Қ. – (Қаротегинӣ) Раштӣ
Бе. – Бедихо
ВаҒ. – ВаҒлел
Вд. – Войдара
Ғоф. – Ғофилобод
Дд. – Дараи Дегдон
Дег. – Дегаӣ
До. – Деҳи Охун
Каб. – Кабудиён
Кав. – Каврак
Кн. – Калназар
Қаҳ. –Қаҳдара
Қаз. – Қазноқ
Қал. – Қалъанак
Қан. – Қандак
Қн. – Қалъаи Нав
Қр. – Қашқараҳа
Лай. –Лайрон
Лб. – Лояки Боло
Лп. – ЛоякиПоён
Луғ. – Луғур
Мис. – Мискинобод
Мк. – МайдониКалон
Мм. – МайдониМайда
Мс. – Марғзори Сир
Мх. – Муҷихарф
Нав. – Навдеҳ
Нд. – Навдонак
Нз. – Ниёзбегиён
Ним. – Нимич
Нос. – Носиробод
Об. – Обиборик
Обл. – Оби лурд
Ог. – Обигарм

Пб. – Поҷеи Боло
Пв. – Порвоғ
Пз. – Печакзор
По. – Пору
Пп. – ПоҷеиПоён
Пч. – Пунбачӣ
Ран. – Рангон
Ро. – Роғон
Са. – Саидон
Сам. – Самсолиқ
Сар. – Сарой
См. – Санги Маликӣ
Сс. – Сесанга
Тег. – Тегирмӣ
Тс. – Тути Сиёҳак
Туғ. – Туғак
Ул. – Улфатобод
Уш. – Уштурғел
Фар. – Фаррух
Хм. – Хилмонӣ
Хум. – Хумдон
Хуф. – Хуфак
Ҳак. – Ҳакимӣ
Ҳд. – Ҳасандара
Ҳч. – Ҳазорчашма
Ҳш. – Ҳати шоҳ
Чан. – Чанор
Чн. – Чашмаи Нигор
Чк. – ЧашмаиКуло
Чс. – Чорсада
Чух. – Чухкак
Ҷф. – Ҷафр
Шв. – Шашволон
Шу. – Шуле
Шлн. – Шулунак
Шм. – Шулмак
Эл. – Элок
Эш. – Эшонон
Ял. – Ялдамич
Ян. – Яғоғлик
Яп. –Яхакпаст
Яхч – Яхч
Яшм – Яшм

Гурӯҳи шимолии Кӯлоб

Шк. – шимолиКӯлоб
Бм. – Боймиш
Ғел. – Ғелот
Ғеш – Ғеш
Даҳ. – Даҳана
Дор. – Доробӣ
Дт. – Дараи Турбат
До. – Дуоба
Дҷ. – Даштиҷум
Ёх. – Ёхсу
Зел. – Зелолак
Зир. – Зиракӣ
Зр. – Зувайр
Кд. – Кӯлдара
Кпн. – Кишти поён
Крз. – Коррез
Қул. – Қулаҳмадӣ
Ққ. – Қулқулӣ
Лаг. – Лаҳмон
Мом. – Момандиён
Мум. – Мӯминобод
Нр. – Наврӯҳо
Сд. – Сангдара
Сф. – Сиёфарк
Сх. – Сарихосор
Ток. – Токак
Хов. – Ховалинг
Хон. – Хонақо
Хх. – Хӯҷахалил
Шар. – Шарҳо
Шуг. – Шугнов
Шх. – Шехмизон

Гурӯҳи ҷанубии Кӯлоб

Ҷк. – ҷанубии Кӯлоб
Ан. – Анҷироб
Дл. – Давлатобод
Доғ. – Доғистон
Ёл – Ёл
Пор. –Порвор
Сғ. – Сариғор
Уч. – Учқул
Хҷ. – Хирманҷо

Шб. – Шаҳри Барбар

Шӯр. – Шӯробод

Гурӯҳи ғарбии Кӯлоб

Ғк. – ғарбииКӯлоб

Б. – Балҷувон

Ғиҷ. – Ғиҷовак

Дб. – Данғараи Боло

Кан. – Кангурт

Қг. – Қазонгузар

Қм. –Қизилмазор

Ош. – ОбиШирин

Оқб. – Оқбулоқ

Сул. – Султоналӣ

Чб. – Чавроғи Боло

Шлп. – Шулупту

Гурӯҳи лаҳҷаҳои Роғ

Роғ – Роғ

Анҷ. – Анҷиркон

Бал. – Балуч

Бр. – Бадринг

Дп. – Денамакпой

Зар. – Зарчаҳо

Оф. – Офтобзамин

Хғ. – Хӯҷағалтон

Чл. – Чалишток

Гурӯҳи кӯлобии Ҳисор

Боғ. – Боғак

Бл. – Булоқсайдон

Бс. – Бесимас

Бсх. – Бобосурхон

Гб. – Гумбулоқ

Дҳн. – Даҳанакиик

Ғм. – Ғозималик

Кнб. – Куҳнабой

Кнч. – Кончӣ

Қх. – Қарахонӣ

Қш. – Қизилқишлоқ

Лтб. – Латтабанд

Мис. – Мискинобод

Мнг. – Мингичар

Нб. – Наврӯзбулоқ

Оқб. – Оқбӯрӣ

Сар. – Сарой

Снб. – Сунбула

Тӯда – Тӯда

Ф. – Файзобод

Фар. – Фаррух

Чнг. –Чангоб

Ҷб. – Ҷарбулоқ

Ҷл. – Ҷалҷит

Ҷмб. – Ҷомбулоқ

Ҷс. – Ҷорубсой

Шрх. – Шерхонӣ

Шӯр. – Шӯриён

Эл. –Элокӣ

Гурӯҳи бадахшонӣ

Бдх. – Бадахшон

а) Лаҳҷаи Ғорон

Анд. – Андароб

БаҒ. – БаҒуш

Гч. – Гармчашма

Ғор. – Ғорон

Қз. – Қозидеҳ

Кл. – Кӯҳилаъл

Сист – Сист

Шб. – Шанбедеҳ

б) Лаҳҷаи тоҷикии Вахон

т. вах. – лаҳҷаи тоҷикии Вахон

Др. – Даршай

Нж. – Нижгар

Уд. – Удит

Чт. – Чилтоқ

Ям. – Ямг

в) Лаҳҷаи тоҷикии Ишкошим

т. ишк. – лаҳҷаи тоҷикии Ишкошим

Млв. – Мулвоҷ

Н. – Нуд

Ях. – Яхшивол

г) Лаҳҷаи тоҷикӣ-мунҷонӣ

Ант. – Андарстез

Тс. –Тсорҷ

Гурӯҳи Бойсун

а) Бойс. –Бойсун

б) Дарб. –Дарбанд

в) Қӯрғ. –Қӯрғонча

г) Заррабоғ

Гурӯҳи деҳнавӣ ва Сариосиё

а) Дар. Н. – Дараи Ниҳон

б) Зев. – Зевар

в) К-рш– Карш

г) Киёв. – Киёвсу

ғ) Мал-д. – Маланд.

д) Нил. – Нилу

е) Сина– Сина

ё) Хуф-р – Хуфа